ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2021. №2

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2021. №2

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2021. No.2

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сирочиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2021. – №2. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2021

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Гулназарова Джило — *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Сироджиддини Эмомали — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустзода Хамрохон Джума — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2021. – №2. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2021

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	*Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Gulnazarova Jilo	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Sirojiddini Imomali	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharzoda Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2021. – №2. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2021

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

УДК: 491.550

ТАҲЛИЛИ ЗАБОНШИНОСИИ СОХТОРИ ИСТИЛОҲОТИ "БЕГОНА" ДАР"КИТОБ-УЛ-ҲАЙВОН"-И ИБНИ СИНО

Сулаймонов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пеш аз оғози таҳлили забоншиносии истилоҳоти "бегона"-и "Китоб-ул-ҳайвон" ("Ҷонварнома") дар ин мақола ишорат менамоем, ки мо роҷеъ ба сохтор, мазмуну мундариҷа ва аҳаммияти илмии асари мазкур дар мақолаи худ зери унвони "Мазмуну мундариҷа ва истилоҳоти илмӣ дар"Китоб-ул-ҳайвон"-и Ибни Сино" [11, с.157-163] таҳқиқ анҷом додаем, бинобар ин, мақсади ин мақола пажӯҳиш ва баррасӣ перомуни истилоҳоти илмии "бегона"-и асар аст, ки як бахши муҳим ва асосии онро ташкил медиҳанд. Мақола дар асоси маводи забонии "Китоб-ул-ҳайвон", ки онро ба забонҳои русӣ [2] ва тоҷикӣ [8] тарҷума кардаам ва хурсандона онҳо ба чоп расидаанд, навишта шудааст. Манзури мо дар ин ҷо дар маънои истилоҳоти "бегона" калимаҳои ба ҳайси истилоҳ истифодагардида аз забони юнонӣ ва форсӣ (тоҷикӣ) дар "Китоб-ул-ҳайвон" мебошад, ки Шайхурраис дар транслитератсия (овонависӣ)-и арабӣ дар асари мазкур ба тарзи фаровон истифода бурдааст.

Дар илм ин нуқта пазируфта шудааст, ки яке аз сарчашмаҳои боэтимоди пайдоиш, тараққию такомул ва ташаккули истилоҳоти илмии ҳар забон, ғанӣ сохтани фонди луғавӣ ва тақвият бахшидани қудрати истилоҳофаринии вай барои баёни матолиби илмӣ сарчашмаҳои хаттии мухталифи илмҳои гуногун ба шумор мераванд, зеро захираи луғавии забон маҳз дар чунин сарчашмаҳо сурати собит ва устувор касб менамояд. Бо назардошти ҳамин ақида дар таърихи тибби қадими тоҷику форс се шахсияти бузурги илмӣ: Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (875-925), Абӯалӣ ибни Сино (980 -1037) ва Зайнуддин Абулфазоил Исмоил ибни Ҳусайни Ҷурҷонӣ (1045-1137) бо осори гаронбаҳои тиббӣ ва истилоҳоти фаровони ин соҳа ба забонҳои арабӣ ва форсӣ (тоҷикӣ) хизматҳои шоён карда, дар онҳо пояҳои истилоҳоти тиббии илмиро бунёдгузорӣ намудаанд. Ин аст, ки тибби қадими тоҷикону эрониён ва арабизабонро бидуни ин шахсиятҳои бузург ва осори мондагори онҳо тасаввур кардан имконнопазир аст.

Мавриди ба ёдоварист, ки дар доираҳои илмии ҷаҳон, ховаршиносӣ ва марказҳои илмии Тоҷикистон дар бораи фалсафа ва тибби Шайхурраис таҳқиқоти мухталиф, монография ва мақолаҳо навишта шуда, мавқеъ ва манзалати шоистаи ин нобиғаи камтакрори инсоният дар шаклҳои мухталиф арзёбӣ ва мавриди баҳсу мунозираҳо қарор гирифтааст, ки муҳаққиқи гиромиро ба баррасӣ ва пажӯҳиши онҳо машғул насохта, диққати ӯро зимни ин мақола ба хизматҳои ӯ дар пешбурди илмҳои табиатшиносӣ, ки имрӯз дар ҷомеаи илмии Тоҷикистон ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса ҷудо гардида, чораҳои мушаххас андешида шуда истодаанд, равона месозем.

Ибни Сино дар қатори донишмандони бузурги соҳаи тиб ва байторӣ, ба маънои томи калима, Муаллими ин соҳаҳо ба шумор меравад, зеро ӯ асарҳои худро на барои доираи танги олимону мутахассисон, балки барои анҷумани васеи илмандӯзону илмдӯстон, табибони ҷавоне, ки дар ин ҷода қадамҳои аввалин мегузоранд, омода карда буд. Шайхурраис дар даврони зарин ва пешрафти фавқулодаи фарҳанги исломӣ ва даврони пуршукӯҳи давлатдории Сомониён зиндагӣ ва умр ба сар бурда буд, ки забони арабӣ дар он даврон дар манотиқи густариши ислом ба ҳайси забони "лингво франка" хизмат мекард. Ибни Сино ҳамон забони арабиеро мавриди истифода қарор додааст, ки дар замони ӯ ба шарофати ғановати шахсии худ, "созгории замона бо ӯ", пурқувват гардидани ҷиҳози истилоҳоти он аз роҳи тарҷумаҳо аз юнонӣ, форсӣ, сурёнӣ, ҳиндӣ ва таъсири бевоситаи фарҳангҳои дигар ба яке аз забонҳои илмӣ, фарҳангӣ ва пурқудрати асрҳои миёна табдил ёфта, бешубҳа, дар интишори фарҳанги на танҳо исломӣ, балки юнонӣ дар Аврупо нақшеро бозидааст, ки ҳеҷ забони дигаре дар маҳдудаи асрҳои VIII-XII набозидааст. Ховаршиноси барҷастаи фаронсавӣ Густав Лебон дар ин бора мегӯяд: "Нишонаи асосии тамаддуни арабҳо дар Испания, дар ин давра, дар он зоҳир мегардид, ки

онҳо бо як шавқу завқ ва рағбати хастанопазир барои пешрафти санъат, адабиёт ва илм роҳ кушоданд. Дар ҳама гӯшаю канори мамлакат мактабҳо, китобхонаҳо, озмоишгоҳҳо боз гардида, асарҳои бузургони Юнон ба арабӣ тарҷума шуда, илмҳои риёзиёт, физика, химия, ахтаршиносӣ ва тиб ҳамаҷониба дастгирӣ ва тараққӣ пайдо намуданд. Маркази аморат ва пасон хилофат – Кордова - ба маркази илм, санъат, ҳунарҳо ва савдо табдил ёфта, онро танҳо бо пойтахтҳои кишварҳои бузурги ҳозиразамони аврупоӣ муқоиса кардан мумкин аст [10, с.271, 272].

Барҷастагии шахсияти илмӣ ва фарҳангии Ибни Сино дар таърихи халқи тоҷик дар ин аст, ки ӯ бо вуҷуди ин ки забони арабӣ забони модарии ӯ набуд, нозукиҳои онро ба дараҷае аз худ карда буд, ки баъзе истилоҳоти офарида ва истифоданамудаи ӯро дар "Китоб-ул-ҳайвон" дар комилтарин фарҳангҳои асримиёнагӣ ва муосири араб пайдо кардан душвор гардид. Ин падидаи забониро ба ин маънӣ тафсир кардан мумкин аст, ки Ибни Сино дар донистани забони арабии китобӣ ё худ илмӣ ба пояе расида буд, ки нозуктарин истилоҳоти илмии он замонро бо калимаҳои мувофиқ ва мушаххас баён карда метавонист, ин ҳолат дар таърихи илм як падидаи шигифтангези илмӣ аст. Аз ҷониби дигар, бузургии Ибни Сино ва мероси арабизабони ӯ дар ин зоҳир мегардад, ки барои забони модарии худ, ки онро дар муқаддимаи аввалин асари мукаммали фалсафӣ ба забони тоҷикӣ "Донишнома" - и Алоӣ "забони порсии дарӣ" ном мебарад [1, с.171], заминаи созгор барои пайдоиши асари бузурги тиббии Исмоили Ҷурҷонӣ "Захираи Хоразмшоҳӣ" роҳро фарох сохт.

Аз пажӯҳиш ва баррасии таърихи илмҳои қадим чунин андеша берун мегардад, ки "хосияти асосии тафаккури асримиёнагӣ дар ин зоҳир мегардид, ки вай бештар ба дониши куллӣ, кӯшиши пурра фарогирии донишҳои ин ҷаҳон ва дарк кардани он чун навъе аз ваҳдати ягонаи куллӣ гароиш дошт" [12, с.42]. Воқеан, ин тезис ба шахсият ва мероси мондагори Ибни Сино низ рост меояд, зеро дар замони муаллиф кам соҳае буд, ки Ибни Сино онро фаро нагирифта, дар бисёр бахшҳои он чун тиб ва фалсафа ба дараҷаи камолот расида буд, ки намунаи равшани яке аз онҳо "Китоб-ул-ҳайвон" мебошад.

"Китоб-ул-ҳайвон", ки мо онро дар пайравӣ ба худи Шайхурраис дар навиштани осори форсӣ (тоҷикӣ) чун "Донишнома", "Зафарнома", "Меъроҷнома" ва ғайра ба забони тоҷикӣ "Ҷонварнома" тарҷума кардаем, фанни ҳаштум ва охирини бахши табииёти "Китоб-уш-шифо"-ро ташкил дода, аз "Китоби илоҳиёт"-и асари мазкур аз ҷиҳати ҳаҷм калонтар аст. Ин асар маҳсули даврони камолоти Ибни Сино ва хулосаи роҳи дурударози таърихии тайкардаи осори арабизабони тиббӣ ва табиатшиносии тоҷик дар мобайнҳои асри XII мебошад. Бешубҳа, аз дастовардҳои бузурги илмии Ибни Синодар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ навиштан ва эҷод кардани "ал-Қонун фи-т-тиб" ва "Китоб-ул-ҳайвон" буд, ки ӯ истилоҳоти соҳаи тиб ва байториро бунёдгузорӣ намуд. Ибни Сино дар "Китоб-ул-ҳайвон" масъалаҳои марбут ба анатомия, физиология ва эмбриологияро мавриди таҳқиқ қарор дода, танҳо ба маълумоти бадастомада аз китобу сарчашмаҳо маҳдуд нашуда, мушоҳидаҳои аҷиби шахсии олимонаро нисбат ба инсон ва олами ҳайвонот пешкаш намудааст. Шайхурраис ҳангоми пажӯҳиш ва истифодаи осори гузаштагон дар бораи алафҳо ва ҳайвоноте, ки барои доруворӣ истифода гардидаанд, бо назари танқидӣ нигоҳ карда, чи дар "ал-Қонун" ва чи дар "Китоб-ун-набот" ва "Китоб-ул-ҳайвон" роҷеъ ба доруҳо ва хусусиятҳои хосси онҳо маълумоти аҷиб пешкаш кардааст,ки мутахассисони соҳа сухани худро дар ин боб бояд баён созанд. Беҳуда нест, ки "ал-Қонун" ва дигар осори тиббии ӯ ҳаводорон, шореҳон, мунаққидон ва тарафдорони зиёде пайдо карда, дар асрҳои миёна на танҳо ба осори фалсафии ӯ,балки ба мероси тиббиаш дар Ғарбу Шарқи асримиёнагӣ шарҳу тафсирҳои зиёд ба вуҷуд омад, ки зикри онҳо дар ин ҷо аз имкон берун аст.

Аз таҳлили забоншиносии ин асари Ибни Сино чунин натиҷа берун меояд, ки"Китоб-ул-ҳайвон" аз назари сохтор ба нуздаҳ мақола ва ҳар як мақола ба фаслҳо ва фаслҳо ба чанд фасл тақсим гардида, ба сурати умум, ин асар аз назари мазмун ва мундариҷа ба ду қисми асосӣ тақсим мешавад: 1) таҳқиқ дар бораи ҳайвонот; 2) пажӯҳиш дар бораи инсон ва анатомияи бадани ӯ. Тибқи таҳқиқи анҷомёфтаи мо дар "Китоб-ул-ҳайвон" зиёда аз 150 номи юнониасли парандагон, ҳайвонот ва моҳиҳо дар транслитератсияи арабии онҳо, яъне дар шакли овонависи забони арабӣ ва дар шакли таҳрифшуда оварда шудаанд. Аз назари забоншиносӣ ё худ мансубияти забонӣ

истилоҳоти "Китоб-ул-ҳайвон"-ро умуман, ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: 1) истилоҳоти арабӣ; 2) истилоҳоти юнонӣ; 3) ва истилоҳоти форсӣ (тоҷикӣ). Дар ин мақола танҳо дар бораи истилоҳоти "бегона", яъне истилоҳоти юнониасл сухан меравад, зеро истилоҳоти арабии асар сазовори таҳқиқи мустақили густурдаи забоншиносӣ мебошанд. Ҳангоми ҷамъоварӣ, тарҷума ва таҳқиқи номҳои юнониасл дар ин китоб ба забони тоҷикӣ ва русӣ ба як қатор душвориҳое рӯбарӯ гардидем, ки он ба шумораи зиёди истилоҳоти "бегона" ва дар шакли таҳрифшудаи хатти арабӣ оварда шудани онҳо вобаста буда, на танҳо номи растаниҳо, ҳайвонот ва моҳиҳо, балки номҳои ҷуғрофӣ ва ҳатто номҳои шахсиро низ дар бар мегирад. Ҳамаи номҳои ҳайвонот, парандагон ва моҳиҳо дар транслитератсияи арабӣ оварда шуда, ба сабаби фарқияти ҷиддии низоми овозии забони юнонӣ - аз оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ бо низоми овозии забони арабӣ - аз оилаи забонҳои семӣ ба дараҷае таҳриф гардидаанд, ки барқарор кардани муодил ва шакли дурусти онҳо кори басо мушкил ва пурзаҳмат аст.

Дар ховаршиносӣ чунин ҳодиса дар тарҷумаи бисёре аз осори арабизабоне, ки дар онҳо истилоҳоти юнониасл ворид гардида буданд, мушоҳида карда мешавад. Дар ин бобат яке аз тарҷумонҳо ва ба чоп омодакунандагони "ас-Сайдана"- и Абурайҳони Берунӣ У.Каримов чунин мегӯяд: "Душвориии асосие, ки мо ҳангоми тарҷумаи "ас-Сайдана" рӯбарӯ шудем, барқарорсозии шакли дурусти истилоҳоти юнонӣ, сурёнӣ, ҳиндӣ ва ғайра буд. Бидуни муболиға ишора карда метавонем, ки дар "ас-Сайдана" фасле вуҷуд надорад, ки аз калимаҳои бегонаи таҳрифшуда дар хатти арабӣ холӣ бошад, дар баъзе фаслҳо қариб ҳамаи калимаҳои бегона таҳриф шудаанд. Гузашта аз ин, бархе аз онҳо то дараҷаи ношинохтанӣ таҳриф гардида, чунин ба назар мерасад, ки баъзе ҷойҳои китоб маҷмӯи калимаҳои бемаънӣ аст. Кори тарҷума дар чунин ҳолат, шикоят карда буд мураттиби фарҳанги растанишиносии арабӣ Аҳмад Исобоев, ба тафсир ва баёни муаммоҳо ва кушодани навиштаҷоти асрорангез мубаддал мешавад" [6, с.117].

Ин истилоҳоти "бегона"-и юнониасли "Китоб-ул-ҳайвон" – ро мо ба панҷ гурӯҳ тақсим кардаем: 1) номи ҳайвонот: *арқус*-орикс, *қуқӣ*-гурбаи баҳрӣ, *хомолун* –хамелион, *тоъурнус* –паланг, *ухтумур – хамелион, муслон*- бузҷӯш, *асфунофис*-номи асп, *надс*-бизон,*ъишг* -зубр *устус*-хармагас ва ғайра; 2) номи моҳиҳо: *асидос*-эмпида, *моволиқӣ*-нармтан, *салосӣ*- номи гурӯҳе аз моҳиҳо, *анклис*- мормоҳӣ, *ақсиқёс*-шамшермоҳӣ, *стино*-сепия, *трибодос*-калмар, *фанҷуво*-креветка, *форобво* - харчанги баҳрӣ (лангуст), *делфин*-делфин, *қуструс*-суфмоҳӣ (окун), *саро*-салп, *ҳрумис*-хромида, *қубозо*-ҳалазун (багрянка), *биломудос*-пеламида (сарда), *брибидос*-тиннида, *ъақурин* - навъе аз харчанг (каркин), *нориқӣ* - кӯсанаҳанг (небрия), *қоза* –аждармоҳӣ (гнюс), *қунатис* -зағорамоҳӣ (карп), *ҳалқис*-халкида, *фирфир*-фоксин, *мубартирис*- лақамоҳӣ (сом), *анклос* - окун, *сиқол* - кефал, *қуструбус* - кастрей, *ъафус*- креветка, *сорқус*-моҳитутӣ (скар), *хилус*- ҳаштпо, *астоқу* – харчанги калони баҳрӣ (омар), *ъарун* –моҳихӯрак (зимородок) ва ғайра; 3) номҳои парандагони ваҳшӣ ва хонагӣ аз қабили *айдун*-булбул, *фусуқусис*- дурроҷ, *молоаъридос* - мурғи шохдор, *канҷариш* - бутимор (фламинго), *сисолунифус*- шутурмурғ, *баръаргус*-пигарк, *финӣ*- уқоби дарёӣ (орлан), *аъулидус*- чуғз (сипуха), *қуҳакис* - куку, *увлонус* - гиполаида, *астоҳир* - тутӣ, *ъулуфис*- зоғи шабонгоҳӣ, *футулис*- зоғча, *фурудис* - чаковак (жаворонок), *болоқус бофос*-мурғи сақо (пеликан), *фронидис* –птинкс, *фасо*-акка, *айзун* – элей, *моқақ*- мурғи тӯфон (буревестник), *фусус*– нарзанбур ва ғайра; 4) номи узвҳои бадан ва бемориҳо: *мосориқа*- чини даруни шикамба, *диофрогмо*-диафрагма, *уртӣ*-аорта, *бонқрос*- панкреос ва ғайра; 5) номҳои ҷуғрофӣ ва шахсӣ: *Ҷолинюс*-Гален, *Буқрот* - Гиппократ, *Антсос*-Ктесия, *Сиёсус Қубрусӣ*- Сиёнеси Кубрусӣ, *Диноҷонус* –Диоген, *Булинюс*- Полиб, *Ародутос*- Ҳеродот, *Энбоклис* - Эмпидокл, *Умирус*-Ҳомер, *Ақустонис* - Ктесия; *Арахотус* - Арахотия, *Новино* - Пеония, *Тарва*-Торон, *Тосис* - Фазис, *Фарва*- Пира, *Бантус*-Понт, *Лубия*-Либия, *Сақалиюн*- славянҳо, *Асфуноқис* - номи асп, *Марминун* - Парменид ва ғайра. Чи тавре намунаи мисолҳои зикршуда нишон медиҳанд, ҳамаи номҳо дар шакли транслитератсияи таҳрифшудаи арабӣ оварда шуда, на ҳама вақт онҳо дар шакли дуруст зикр гардидаанд. Ба ақидаи мо, то асрҳои XIV то давраи навишта шудани китоби забоншинос, муаррих, муфассир ва адиби машҳур Ҷалолиддини Суютӣ "ал-Музҳир" [15, с.268-294] ному истилоҳоте, ки аз забонҳои бегона чун юнонӣ, форсӣ ва ғайра ба арабӣ ворид мегардид, дорои як қоидаи муайян набуданд ва як овози бегона дар арабӣ ба чанд ҳарфи арабӣ ишора мегардид ва ин анъана чунонки аз таҳқиқ ва баррасии асари ӯ

"Китоб-ул-ҳайвон"маълум мегардад, дар замони Ибни Сино низ вуҷуд дошта, ӯ онҳоро шояд аз сарчашмаҳои истифодакардааш дар ҳамин шакл гирифта бошад. Ин падидаи забоншиносӣ ба дараҷае аз ҷониби Ҷалолиддини Суютӣ ҳаллу фасл гардида, дар таърихи забоншиносии арабӣ як силсилаи бузурги калимоте аз замонҳои қадим ва то замони мо ворид гардид, ки онҳоро дар забоншиносии араб бо номи "ал-муарработ" *(калимаҳои арабишуда)* ном мебаранд ва бахши асосии онҳоро калимаҳои аз забони форсӣ (тоҷикӣ) воридгардида ташкил медиҳанд.

Хурсандона, дар мавриди таҳқиқоти мо бояд ин воқеиятро ишора намоем, ки се асари ба олами ҳайвонот бахшидаи Арасту: "Таърихи ҳайвон" [3], "Пайдоиши ҳайвон" [4] ва "Узвҳои ҳайвон" [5] аз ҷониби олими барҷастаи рус донандаи хуби забони юнонӣ Карпов, ки худ мутахассис дар соҳаи эмбриология буд, ба забони русӣ тарҷума гардида, ба онҳо ӯ ва олими дигари рус Старостин шарҳу тафсир навиштаанд, ки мо ҳангоми тарҷумаи "Китоб-ул-ҳайвон" дар пайдо кардан ва барқарор кардани номҳои таҳрифшудаи юнонӣ дар арабӣ ва ба вижа дар "Китоб-ул-ҳайвон" истифода карда, то ҳадди имкон тарзи навишт ва тарҷумаи онҳоро барқарор сохтем, зеро мавҷуд набудани фарҳангномаҳои тахассусӣ ва кам мавриди таҳқиқ қарор гирифтани истилоҳоти ин соҳаи илм тарҷума ва таҳқиқи чунин асарҳоро хело ҳам душвор гардонида, "кори тарҷума дар чунин ҳолат, ба тафсир ва баёни муаммоҳо ва кушодани навиштаҷоти асрорангез мубаддал мешавад" [14].

Аз таҳқиқи асарҳои Ибни Сино "Китоб-ун-набот" ва "Китоб -ул-ҳайвон" равшан мегардад, ки ӯ ҳангоми таҳқиқ ва пажӯҳиш номи донишмандони юнонӣ Демокрит, Эмпедокл, Анаксагор, Полиб, Брисон, Диоген, Ҷолинюс, Букротро зикр карда, танҳо осори тарҷумашудаи Арастуро бо номи умумии "Таълими Аввал" ишорат карда, дар ин ҷода бештар аз ҳама ӯро бо номи Муаллими Аввал ва пасон Ҷолинюс ва Букротро бо эҳтироми хосса ёдоварӣ менамояд. Чунин муносибати Ибни Сино ба ин сабаб аст, ки ӯ аз осори ин донишмандон ба истиснои Арасту кам истифода кардааст. Маводи таҳқиқшуда собит менамояд, Ибни Сино сарчашмаҳои сурёнӣ, форсии бостон ва форсии миёна ва ҳиндиро низ ишорат накардааст. Ба ақидаи мо чунин муносибати Ибни Сино аз он ҷо сарчашма мегирад, ки, аллакай, дар замони ӯ тарҷумаҳои арабии осори юнонӣ, форсӣ ва ҳиндӣ то замони Ибни Сино ба итмом расида, барои ӯ дастрас буданд.

Дар "Китоб-ул-ҳайвон" на танҳо номҷойҳои ҷуғрофи (топонимия)-и кишварҳое, ки Ибни Сино он мавзеъҳоро шахсан дида буд, балки номҳои бисёри нимҷазираи Балкан, ки Ибни Сино дар бораи ҳайвоноти он ҷо аз осори Арасту ва дигарон маълумот овардааст, огоҳӣ пайдо кардан мумкин аст. Ибни Сино ҳангоми дидани мавзеъҳо, шаҳрҳо ва рустоҳо на танҳо номи ҳайвоноти он ҷойҳоро зикр кардааст, балки хусусиятҳои хосси онҳо, фоида ва зарари онҳоро ёдоварӣ карда, масалан мегӯяд, шери хуросонӣ аз шери ироқӣ ҷасуртар аст, ё заҳри каждум дар фалон мавзеъ позаҳр надорад.

Ҷойи тазаккур аст, ки дар бой гардонидани фонди луғавии забони арабӣ забони форсии миёна нақши чашмрас дошта, дар забони муосири арабӣ як даста калимаҳои форсӣ (тоҷикӣ) – е вуҷуд доранд, ки ба сурати васеъ истеъмол гардида, бисёре аз онҳо камубеш аз маънои аслии худ дур рафтаанд: *устоз*-устод, *барномаҷ*-барнома, *бустон*-бог, бӯстон, *дарвиш*-дарвеш, *дивон*-девони шеър, *дастур*-дастур (конститутсия), *тироз*-тарз, шакл, *аскар*-лашкар, армия, *намузаҷ*-намуна, *феҳрис* - феҳрист, номгӯй, *маҳраҷон*-анҷуман, маҳфил, ҷашн, *майдон*-майдон, *вазир*-вазир, *бахшиш* - бахшиш ва ғ. [7, с.99-100]. Ин даста калимаҳо яке аз манбаъҳои асосии истилоҳсозии забони арабӣ дар соҳаи растанишиносӣ дар асрҳои миёна ба шумор мерафт. Тибқи таҳқиқи анҷомёфта дар "Китоб-ул-ҳайвон" чунин калимаҳои форсӣ (тоҷикӣ) мушоҳида гардид: *ҳиндом*-андом, *шоҳин*-парандаи шоҳин, *осмонҷунӣ*-ранги осмонгунӣ, *мормоҳи*-мормоҳӣ, *қабҷа*-кабк, *фохта*-фохта, *ҳумой*-мурғи ҳумо ва ғайра, ки дар забони муосири арабӣ мавриди истифода қарор доранд.

Дар хулоса ишора кардан мехоҳем, ки забони арабӣ дар тӯли таърихи ҳазорсолаи худ фонди луғавии худро аз ҳисоби унсурҳои бегона, ки онҳоро дар забоншиносии муосир иқтибосот аз забонҳои бегона мегӯянд, ғанӣ гардонидааст. "Дар забони арабӣ тибқи анъанаи меросгирии он - мегӯяд академик И.Ю. Крачковский – шумораи зиёди калимаҳои аз ҷиҳати баромад бегона вуҷуд дошта, воқеан, дар миёни забонҳои сомӣ дар забони арабӣ аз ҳама бештар унсурҳои бегона вуҷуд доранд" [9, с.350]

Чунончи аз таҳқиқи маводи"Китоб-ул-ҳайвон" маълум гардид, аз назари забоншиносӣ дар он на танҳо истилоҳоти сирф арабӣ дар соҳаи тиб ва байторӣ зикр

гардидааст, балки дар ин асар адади зиёди истилоҳоти бегона гирдоварӣ шуда, аз назари таърихӣ, лексикологияи таърихӣ ва таърихи фарҳанг манбаи бебаҳои истилоҳоти "бегона"-е мебошад, ки дар забони арабӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо ворид гардида, бархе аз он то имрӯз боқӣ монда, дар забони илм истифода мегарданд ва аз назари фарҳангӣ гувоҳи муносибатҳои забонӣ, фарҳангӣ ва илмии Шарқу Ғарб будаанд. Гузашта аз ин, маводи бебаҳои асари мазкур барои омӯзиши таърихи фармакогнезия, ботаника, зоология, минерология, география ва ҳамчунин, истилоҳшиносӣ, фарҳангнигорӣ ва матншиносӣ дорои аҳаммияти хосса мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯалӣ ибни Сино. Осор.Ҷилди якум / Абӯалӣ ибни Сино. - Душанбе: Дониш, 2005. - 852 с.
2. Абу Али ибн Сина (Авиценна). Книга о растениях. Книга о животных (Из энциклопедии "Книга исцеления"). Вводная статья, комментарии и перевод с арабского С. Сулаймонова. - Душанбе, 2021. – 701 с.
3. Аристотел. Таърихи ҳайвон; тарҷума аз юнонӣ. Мақолаи муқаддимавӣ ва тавзеҳоти Б.А. Старостин. Матбааи марказии РГГУ. – М., 1996. – 525 с.
4. Аристотел. Пайдоиши ҳайвон; тарҷума аз юнонӣ. Мақолаи муқаддимавӣ ва тавзеҳоти В.П. Карпов. Матбааи АН СССР. - М.-Л., 1940. - 250 с.
5. Аристотел. Узвҳои ҳайвонот; тарҷума аз юнонӣ. Мақолаи муқаддимавӣ ва тавзеҳоти В.П. Карпов. Матбааи давлатии биологӣ ва тиббӣ. - М., 1937. - 219 с.
6. Бируни. Избранные произведения: в 6 т. - Ташкент: Фан, Сайдана, 1974. - Т.4. - 1120 с.
7. Белкин В.М. Арабская лексикология. Изд-ство московского университета / В.М. Белкин. - М., 1975. - 200 с.
8. "Гиёҳнома" ва "Ҷонварнома". Мақолаи муқаддимавӣ, шарҳу тафсир ва аз арабӣ тарҷумаи Сулаймонов С. - Душанбе, 2021. - 703 с.
9. Крачковский И.Ю. Избранные сочинения / И.Ю. Крачковский. - М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1965. - Т.1. - С.350.
10. Лебон Г. История арабской цивилизации / Г.Лебон. - Минск, 2009. - 697 с.
11. Сулаймонов С. Мазмуну мундариҷа ва истилоҳоти илмӣ дар «Китоб-ул-ҳайвон»-и Ибни Сино / С.Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2018. - № 4. - С.157-163.
12. Философия и история науки. Изд-во Московского университета. - 2005. - 432 с.
13. ابن سينا. الشفاء، الطبيعيات، 8-الحيوان راجعه و قدم له الدكتور إبراهيم مدكور. القاهرة 1390هـ. – 1970م
14. أحْمد عُثْمان. المنجز العربي الإسلامي في الترجمة و حوار الثقافات من بغداد إلى طليطلة. القاهرة،2013. – 570 ص.
15. السيوطي: جلال الدين عبدالرحمن بن أبي بكر: المزهر في علوم اللغة وأنواعها, شرحه وضبطه محمد أحمد جاد المولى وآخران, دار الفكر, ج-1. بيروت. بدون سنة الطبع.- 1188 ص.

ТАҲЛИЛИ ЗАБОНШИНОСИИ СОХТОРИ ИСТИЛОҲОТИ "БЕГОНА" ДАР "КИТОБ-УЛ-ҲАЙВОН"-И ИБНИ СИНО

Дар мақола роҷеъ ба истилоҳоти "бегона"-и яке аз асарҳои машҳури Ибни Сино "Китоб-ул-ҳайвон", ки бахши асосии табииёти "Китоб-уш-шифо"-ро дар бар мегирад, сухан меравад. Аз ҷумла қайд гардидааст, ки вожаҳои бегонаи "Китоб-ул-ҳайвон" аз забони юнонӣ ва форсӣ (тоҷикӣ) гирифта шуда, асосан номи ҳайвонот, парандагон, моҳиҳо, номҳои шаҳрҳо, ҷойномҳои ҷуғрофӣ ва номи донишмандонро дар бар гирифта, дар шакли таҳрифшудаи транслитертсияи арабӣ оварда шудаанд. Дар ин ҷо хусусиятҳои хос ва қонуниятҳои гузариши овозҳои бегона ба низоми овозии забони арабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, аз назари грамматикӣ ва маъноӣ ба гурӯҳҳои мушаххас ҷудо карда шуда, мавриди таҳқиқи забоншиносӣ қарор гирифтаанд. Дар мақола истилоҳоти юнониасл баъди ба гурӯҳҳои мушаххас ҷудо кардани тарҷумаи онҳо оварда шудааст, ки аз ҷанбаҳои пурзаҳмати тарҷумаи асар дониста шудааст. Ҳамчунин, дар мақола дар мавзӯи сохтори асари Ибни Сино "Китоб-ул-ҳайвон" ва муносибати Ибни Сино ба истилоҳот, тарзи истилоҳофаринии ӯ дар ин асар маълумот дода шудааст. Дар мақола роҷеъ ба аҳаммияти истилоҳоти юнониасле, ки Ибни Сино доир ба ҳайвонот, парандаҳо ва моҳиҳо ишора намудааст, сухан рафта, "Китоб-ул-ҳайвон" ганҷинаи пурбаҳои номи олами ҳайвонот ба забони юнонӣ ва форсӣ (тоҷикӣ) мебошад. Инчунин, дар мақола роҷеъ ба аҳаммияти асар барои омӯзиши таърихи лексикографияи таърихӣ, фармакогнезия, ботаника, зоология, минерология, география, ҳамчунин, истилоҳшиносӣ, фарҳангнигорӣ ва матншиносӣ пажӯҳиш ба амал омадааст.

Калидвожаҳо: тарҷума, узвҳои бадан, сайдана, табииёт, байторӣ, ташреҳ, зоология, андомшиносӣ, ҷаниншиносӣ, ташреҳ, бегона, иқтибос, панкреос, аорта, никрис, парандагон, ҳайвонот, моҳиҳо, истилоҳ.

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ "ЧУЖОЙ" ТЕРМИНОЛОГИИ "КНИГИ О ЖИВОТНЫХ" ИБН СИНЫ

В данной статье речь идёт о так называемой "чужой" научной терминологии одного из известных произведений Ибн Сины (Авиценна) под названием "Книга о животных"("Китаб-ул-хайван"), составляющей часть его философской энциклопедии "Книга исцеления" и являющейся первой теоретической книгой о мире животных мусульманского средневековья. Под "чужой" терминологией здесь подразумеваются греческие и персидские (таджикские) слова, использованные Ибн Синой как часть терминологии "Книги о животных",

приведённые в арабской искажённой транслитерации. Эти имена суть: названия животных, птиц, рыб и географические и личные имена. В статье делается попытка объяснения закономерностей перехода иноязычной лексики на арабский язык и выясняется причина возникновения такого феномена в языкознании.Здесь приводится классификация собранного материала с точки зрения языков, используемых в этом памятнике. В статье автор останавливается на роли Ибн Сины в создании терминологии по медицине и ветеринарии и отмечает, что Ибн Сина фактически стал основоположником научной медицинской терминологии и терминологии по ветеринарии в мусульманском средневековье. Далее говорится о влиянии Аристотеля и других греческих мыслителей на творчествео Ибн Сины. Здесь же приводятся основные вопросы, исследуемые в данной работе Ибн Сины, значимость этого памятника как надёжного источника для изучения истории фармакогнозии, ботаники, зоологии, минерологии, географии, а также научной терминологии, лексикографии и источниковедения.

Ключевие слова: перевод, ветеринария, анатомия, зоология, физиология, заимствование слова, терминология, терминоведение, траслитерация, искажённая лексика, греческая и арабская лексика.

CONTENT AND SCIENTIFIC TERMINOLOGY THE BOOK OF ANIMALSOF IBN SINA

The article is about the structure, translation, main content and scientific terminology of one of the famous works of Ibn Sina (Avicenna) entitled "The Book of Animals" ("Kitab al-hayvan"), which forms part of his encyclical book "The Book of Healing" and which is the first theoretical book on the world of animals of the Muslim Middle Ages. The studies on the impact of this book on European science and culture, as well as translations and studies of this book in Western European languages, including Latin, are given. Also about the influence of Aristotle and his book on the history of animals on the scientific work of Avicenna were showen in this article. The main issues studied in the work of Ibn Sina are mentioned too, Avitsenna focuses on four main questions in his book: comparative science of animals, anatomy, physiology and embryology. The terminological system of Ibn Sina is considered in the "Book of Animals" and it is noted that the book of Avicenna in the subsequent stages of the Muslim science and culture became the main theoretical source to create scientific terminology on the world of animals. The article deals with the terms of the terminology, which were borrowed from Greek in Arabic without translating them in transliteration form. The article proves the necessity of translation and research of this monument in the modern stage in Tajik Arabistics.

Key words*:* translation, European medicine, organs, nerves, dietary pharmaceutics, nature studies, veterinary, anatomy, zoology, physiology, embryology, human skeleton, digestive apparatus, organs of sense, veins and mies, tissue, nature, juice, duodenum, diaphragm, esophagus, pancreas, small intestine, gallbladder, liver, mental forces, placenta, navel, sperm, menstruation, postpartum cleansing, pneumonia.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сулаймонов Саидраҳмон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 907-98-54-43**

Сведения об авторе: ***Сулаймонов Саидрахмон*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры арабской филологии факультета языки Азии и Европы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 907-98-54-43**

Information about the author: ***Sulaimonov Saidrakhmon*** - Tajik National University, doctor of philological sciences, professor of the department of Arabic philology, faculty of Asia and Europe languages. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 907-98-54-43**

УДК: 491.550-3

ҶОЙГОҲИ МУРОДИФҲОИ ҶУФТИ УСТУВОР ВА НОУСТУВОР ДАР “ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ”

Баротзода С.Ҳ., Халиков М.Ғ.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АМИТ

Муродифҳои ҷуфт аз ду вожаи муродифӣ (ҳаммаъно) иборат буда, тавассути пайвандаки пайвасткунандаи **-у** пайваст мешаванд. Забоншиноси шинохта, профессор Камолиддинов Б. дар мавриди ба ҳам алоқаманд шудани вожагони муродифҳои ҷуфт чунин изҳори назар кардааст: “*Калимаҳои муносибати наздики маънодошта ҳамеша бо пайвандаки* ***-у*** *ва вариантҳои он алоқаманд мешаванд ва дар натиҷаи зиёд истеъмол шудан хусусияти рехтагӣ пайдо мекунанд*” [11, с.38].

Муродифҳои ҷуфт метавонанд ба худ вожаи муродифии сеюм гиранд. Дар ин сурат ду вожаи муродифие, ки пурра ба талаботи муродифҳои ҷуфт ҷавобгӯ мебошанд, бо пайвандаки пайвасткунандаи **-у** ва вожаи муродифии сеюм бо пайвандаки пайвасткунандаи **ва** пайваст мешавад.

Бинобар сабаби аз нигоҳи сохтор шабеҳи ҳам будани ҷуфтвожаҳову такрорвожаҳо ба муродифҳои ҷуфт баъзан муҳаққиқон иштибоҳан онҳоро муродифҳои ҷуфт ба қалам медиҳанд [6, с.142-150; 7, с.30-41]. Масалан, такрорвожаҳои *ҳолу аҳвол, молу амвол, расму русум* ва ба ин монанд вожагон, ки баъзан ҳамчун муродифҳои ҷуфт ба қалам дода мешаванд, айни ҳамон як вожа дар шумораи танҳо ва ҷамъ мебошанд, ки паси ҳам такрор меоянд: ҳол – ҳолҳо (аҳвол), мол – молҳо (амвол), расм – расмҳо (русум). Баъзе забоншиносони дигар бошанд, вожагони ба таҳаввулот дучоргардидаро, ки вожаҳои ҳамгун номида мешаванд, ба гурӯҳи муродифҳо дохил мекунанд: бин – ибн, фазояд – афзояд, шубон – чӯпон, аҳвол – ҳолҳо, аҳком – ҳукмҳо [5, с.80].

Ҳарчанд дар забоншиносии тоҷик дар мавриди муродифҳои ҷуфт таҳқиқоти монографии мукаммале сурат нагирифта бошад ҳам, аммо то андозае аз ҷониби забоншиносону муҳаққиқони тоҷик, монанди Маъсумӣ Н. [14, с.32-33], Сиёев Б. [17], Муҳаммадиев М. [16], Камолиддинов Б. [10, с.46-49], Ғаффоров Р. [4], Давронов А. [5, с.79], Аминов С. [2], Абдуқодиров А. [1, с.90-94], Ҳикматуллоев Н. [25] ва дигарон, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар баробари ганҷинаи бебаҳои вожагони асили форсӣ-тоҷикӣ будани “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” [24, с.159] ва зиёда аз 13 фоизи вожагони асарро вожагони муродифӣ ташкил кардан [23, с.144-145] дар он аз муродифҳои ҷуфт низ фаровон истифода гаштааст. Ҳангоми баррасии асар ҳудудан **460** адад муродифи ҷуфт пайдо кардем, ки ин аз мавқеи хосса доштани муродифҳои ҷуфт дар ин асар хабар медиҳад.

Муродифҳои ҷуфти китоби “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” аз нигоҳи муносибати байниҳамдигарии вожагони муродифияшон тафовут дошта, ба муродифҳои ҷуфти устувор ва ноустувор ҷудо мешаванд.

Муродифҳои ҷуфти устувор. Дар баъзе аз муродифҳои ҷуфт то андозае вожагони муродифии онҳо устуворанд, ки ба ибораҳои рехта ё фразеологӣ шабоҳат доранд. Ташаккул ёфтану рехта гаштани онҳо ба таври табиӣ бо гузашти садҳо сол миёни мардум сурат гирифтааст, ки вожагони дохилии онҳоро ҷой иваз кардан ё тағйир додан номумкин гаштааст. Ин монандии муродифҳои ҷуфт бо ибораҳои рехта боис мегардад, ки баъзан муҳаққиқон ба иштибоҳ роҳ дода, муродифҳои ҷуфтро ба гурӯҳи ибораҳои рехта дохил кунанд [8, с.17; 12, с.76].

Агар дар ибора ва таркибҳои рехта як ҷузъи он тобеи ҷузъи дигар бошад, дар муродифҳои ҷуфт вожагони он мустақил ва баробармаъно ба шумор рафта, вожаи баъдӣ вожаи якумро пурра ва аз ҷиҳате шарҳ медиҳад. “*Муродифҳои ҷуфт аз ҷиҳати сохт ва ҷойи ҷузъҳо ба ибораҳои фразеологӣ шабоҳат доранд, аммо иборотии фразеологӣ шинохта намешаванд, зеро ибораҳои фразеологӣ ба маънои маҷозӣ меоянд, муродифҳои ҷуфт бошанд, ба маънии луғавии худ омада, ҷузъи ин муродифҳо дар алоҳидагӣ ҳам истеъмол мешаванд*” [26, с.122]. Нишонаи асосии ба ибораҳои рехта монанд будани муродифҳои ҷуфт дар “*иборат будан аз ду калима ва аксар ба маънои луғавии худ омадани онҳо*” мебошад [15, с.45]. Ё ин вожаҳои муродифӣ асосан ба воситаи пайвандаки **-у** пайваст мешаванд. Ҳамин

ки ба ҷойи **-у** пайвандаки **ва** гузошта шуд, онҳо хусусияти фразеологӣ ва то як андоза устувории худро гум карда, ба ҳиссаҳои чидаи муқаррарӣ мубаддал мешаванд [14, с.32].

Аммо аз назари мо, хусусияти рехтагӣ пайдо кардани баъзе аз муродифҳои ҷуфт, аз як тараф, агар дар танҳоӣ истифода нагаштани яке аз вожагони муродифӣ ё аз истифода хориҷ гаштани он бошад, аз тарафи дигар, дар муддати дароз бетағйир такрор ёфтани онҳо ва устувор гаштани таносуби дохилиашон гаштааст, ки вожагони муродифии он дар танҳоӣ фасоҳату равонии худро намедиҳанд ё бемаъно мегарданд.

Дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" муродифҳои ҷуфте ба назар мерасанд, ки вожагони таркибии онҳо устувор буда, аз рӯйи сохторашон ба ибораҳои рехта (фразеологӣ) шабоҳат доранд, монанди *ҷону равон* [19, с. 613], *долу дарахт* [19, с.355, 356], *каму кост* [18, с.505], *илму дониш* [19, с.92, 146, 167, 461], *лутфу навозиш* [19, с.414] ва ғайра. Ин навъ муродифҳои ҷуфтро метавон муродифҳои ҷуфти устувор номид.

Ба ибораҳои рехта шабоҳат доштани чунин муродифҳои ҷуфт дар чанд хусусияти хосси онҳо зоҳир мегардад:

– вожагони дохилии онҳо тағйир намеёбанд ё ҷойиваз карда намешаванд, яъне тартиб ва ҳамнишинии вожаҳои муродифӣ нақши муҳим дорад [9, с.32; 13, с.23]. Монанди долу дарахтро дарахту дор гуфтан ва ё илму донишро донишу илм гуфтан: … ва *долу дарахтон* ҷумла бихушконид ... [19, с.355]; …дода буданд эшонро *илму дониш*… [19, с.146].

– яке аз вожагон ё ҳар ду вожаи он дар танҳоӣ мавриди истифода қарор намегирад ё аз истифода хориҷ шудааст. Монанди вожаи равон ва дол, ки дар асар дар танҳоӣ мавриди истифода қарор нагирифта, танҳо бо туфайли вожагони ҳамнишини хеш ҷон ва дарахт арзи ҳастӣ кардаанд ё коҳину мушаъбид, ки ҳар ду вожаи муродифии он дар асар дар танҳоӣ истифода намешаванд: …аз *ҷону равони* худ ӯро азизтар ва дӯсттар дорем [19, с.613]; ...*долу дарахт*ашон хушк гашт… [19, с.355]; ...*коҳину мушаъбид* буд ва чашми мардумон бибастӣ [19, с.466];

– дар бештарин ҳолатҳо вожагони дохилиашон аз вожагони содаи якҳиҷоию духиҷоӣ иборатанд: *каму кост* [18, с.505], *қадду боло* [18, с.640];

– чун қоида вожаи сода ва дорои ҳиҷои кам якум омада, вожаи мураккаб ва дорои ҳиҷои бештар дар ҷойи дувум меистад, монанди *долу дарахт* [19, с.355], *лутфу навозиш* [19, с.414];

– бо пайвандаки пайиҳами **-у** васл мегарданд, яъне ҳеҷ гоҳ байни онҳо пайвандаки пайиҳами **ва** гузошта намешавад. Зеро фасоҳату равонии хешро аз даст медиҳанд, монанди *ҷону равон* [19, с.613]-ро *ҷон ва равон* хондан ё *долу дарахт* [19, с.355]-ро *дол ва дарахт* хондан;

– вожаи якуми муродифии онҳо артикли номуайянӣ намегирад: *каму кост* [18, с.505], *қадду боло* [18, с.640];

– вожаи якуми муродифии онҳо ҷамъ баста намешавад: *кишту варз* [18, с.419];

– байни вожагони муродифӣ воситаи дигаре, монанди вожа ё бандак, намеояд: …яке аст, ки ӯро *ёр нест ва анбоз нест*… [18, с.284]; …муқир оӣ ба *базаҳи ман ва гуноҳи ту*… [18, с. 345];

– хусусияти рехтагиашонро то ҳол гум накардаанд. Масалан, ҳарчанд дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" муродифҳои ҷуфти *ҷону равон* [19, с. 613], *қадду боло* [18, с.640], *кишту варз* [18, с.419], *долу дарахт* [19, с.355], *каму кост* [18, с.505], *илму дониш* [19, с. 146] мавҷуд бошанд ҳам, ин муродифҳои ҷуфт бо гузашти ҳазор сол ҳоло ҳам бо баъзе тағйироти ночиз хусусиятҳои устувориашонро, монанди *рӯҳу равон* [21, с.161], *қадду қомат, қадду боло* [21, с.664; 14, с.653], *кишоварз(ӣ)* [22, с.615], *долу дарахт* [22, с.460], *каму кост* [22, с.653] ва *илму дониш* [22, с.464], гум накардаанд ва "*…аксарияти онҳо ба ибораҳои яклухт табдил ёфтаанд. Бинобар ин,* "*қил*" *бе* "*қол*", "*дом*" *бе* "*дарак*", "*килеб*" *бе* "*каҷ*" *ҳеҷ маънӣ надорад*" [10, с.48].

Аз назари мо ибораҳои рехтаи мавриди назар маҳз дар натиҷаи ташаккули муродифҳои ҷуфти устувор ба майдон омадаанд.

Муродифҳои ҷуфти устувори "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ"-ро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1) Муродифҳои ҷуфти устуворе, ки яке аз вожагони онҳо дар алоҳидагӣ дар асар истифода нагаштааст. Дар асар муродифҳои ҷуфти устувор ба нудрат истифода гардида, теъдодашон **9** адад беш нест ва муродифҳои ҷуфти *ҷону равон*, *дору дарахт*, *каму кост*,

қадду боло, *кишту варз*, *хаймаву хиргоҳ*, *коҳину мушаъбид*, *бараҳнаву урён* ва *шакку шубҳат* аз зумраи чунин муродифҳоянд, ки дар зер метавон ба таври муфассал онҳоро шарҳ дод:

Ҷону равон. Вожаи **равон** дар асар танҳо як маротиба бо вожаи **ҷон** ҳамчун муродифи ҷуфт омадааст: …аз *ҷону равони* худ ӯро азизтар ва дӯсттар дорем [19, с.613].

Долу дарахт. Муродифи ҷуфти дигаре, ки дар асар истифода гардидааст, *долу дарахт* мебошад. Муродифи ҷуфти мазкур дар асар ҳамагӣ панҷ маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст: …наботҳо баромад ва *долу дарахтон* борвар гаштанд [19, с.356].

Каму кост. Муродифи ҷуфти *каму кост* дар асар танҳо як маротиба дар тарҷумаи ояти 4 сураи "Тавба" истифода гардидааст: Пас, *каму кост* накарданд шуморо з-он аҳду паймону сулҳ чизе ба ҷафо кардан… [18, с.505].

Қадду боло. Муродифи ҷуфти қадду боло дар асар танҳо як маротиба истифода гардидааст: ... эшон даҳ бародар буданд бо *қадду боло* неку... [18, с.640].

Кишту варз. Муродифи ҷуфти кишту варз дар асар ҳамагӣ як маротиба истифода гаштааст: Ва иморат мекард ва *кишту варз* мекард [18, с.419].

Хаймаву хиргоҳ. Муродифи ҷуфти хаймаву хиргоҳ дар асар танҳо як маротиба истифода гаштааст: Ва *хаймаву хиргоҳи* бисёр он ҷо раҳо карданд [19, с.267].

Коҳину мушаъбид. Муродифи ҷуфти **коҳину мушаъбид** дар асар танҳо дар як маврид ба кор рафтааст. Вожагони муродифи мазкур, ки арабианд, дар асар дар танҳоӣ ба кор нарафтаанд: Ва ин (Асвад аз Банӣ Мазҳаҷ буд) ва *коҳину мушаъбид* буд ва чашми мардумон бибастӣ [19, с.466].

Бараҳнаву урён. Муродифи ҷуфти бараҳнаву урён дар асар танҳо дар як маврид ба кор рафтааст: …ҳар ду *бараҳнаву урён* бимонданд ва авратҳошон пайдо буд... [18, с.48].

Вожаи арабии **урён** дар асар танҳо як маротиба дар муродифи ҷуфти мазкур ба кор рафта, вожаи форсии бараҳна бошад, дар танҳоӣ 26 маротиба корбурд гардидааст.

Шакку шубҳат. Муродифи ҷуфти шакку шубҳат дар асар танҳо як маротиба истифода гаштааст: …бад-ин андар ҳеч *шакку шубҳат* нест [19, с.455].

Аз баррасии ин гуна муродифҳои ҷуфти устувор маълум мешавад, ки корбурди ҳар ду вожаи онҳо дар якҷоягӣ сурат гирифта, дар бештарин маврид як вожаи он дар алоҳидагӣ ба таври назаррас ва вожаи дигар ба гунаи маҳдуд истифода мешавад.

2) Муродифҳои ҷуфти устуворе, ки ҳар ду вожаи он дар алоҳидагӣ маъно дошта, дар асар низ корбурди густарда доранд. Ба ин гурӯҳ муродифҳои ҷуфте дохил шуда метавонанд, ки ҳар ду вожаи онҳо дар танҳоӣ дар асар истифода шуда, маънои луғавӣ низ доранд. Теъдоди чунин муродифҳо дар асар ниҳоят кам буда, доираи истеъмоли аксарияти онҳо низ маҳдуд аст.

Хусусияти хосси чунин муродифҳои ҷуфт дар инҳо зоҳир мегардад:

– маънои луғавӣ доштан ва дар асар мавриди истифода қарор гирифтани ҳар ду вожаи муродифии онҳо. Монанди муродифҳои ҷуфти илму дониш ва лутфу навозиш;

– дар ҷойиваз нашудани вожагони муродифии онҳо;

– дар иваз нашудани яке аз вожагони муродифии онҳо бо муродифҳояш;

– дар иваз нашудани яке аз вожагони муродифии онҳо бо варианти вожагиашон;

– дар қарор нагирифтани восита байни онҳо, монанди пасвандҳо, артикл, бандакҳои феълию хабарӣ ва дигар воситаҳо.

Илму дониш. Муродифи ҷуфти илму дониш танҳо дар тарҷумаи "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ", дар шаш маврид, дар тарҷумаи вожаи арабии илм (**العِلْمَ**), дар тарҷумаи оятҳо (Муҳаммад, 16; Намл, 15; Қасас, 80; Анкабут, 49; Муҷодала, 11; Аҳзоб, 63) ба кор рафтааст: ...гӯянд он касҳоро, ки бидодандашон *илму дониш*… [19, с.461] (Муҳаммад, 16).

Лутфу навозиш. Муродифи ҷуфти мазкур дар асар танҳо як маротиба ба кор рафтааст. Аз нигоҳи истеъмол вожаи якуми он – **лутф**, дар асар **7** маротиба ва вожаи **навозиш** бошад, **3** маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст: Ва малик мар Иброҳимро бисёре *лутфу навозиш* кард... [19, с.414].

Ҳасрату пушаймонӣ. Истифодаи вожагони муродифи ҷуфти мазкур дар асар якранг набуда, вожаи арабии *ҳасрат* **2** маротиба ва вожаи форсии *пушаймонӣ* **9** маротиба истифода гардидааст. Муродифи ҷуфти *ҳасрату пушаймонӣ* бошад, танҳо як маротиба истеъмол гаштааст: Пас, он рӯҳҳои эшон бар *ҳасрату пушаймонӣ* ба дӯзах андар бурданд [19, с.324].

Ҷодаву тариқ. Муродифи ҷуфти мазкур дар асар танҳо як маротиба истифода гашта, дар танҳоӣ вожаи *ҷода* як маротиба ва вожаи *тариқ* ду маротиба ба кор рафтааст: …дар он замона бар *ҷодаву тариқи* мусалмонӣ равand… [18, с.11].

Баргу соз. Муродифи *баргу соз* дар асар як маротиба ба кор рафтааст: ...агар тавонистеме ва *баргу соз* доштеме,* ҳаққан, ки берун омадеме… [18, с.515]. Вожаи барг дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" дар маънои якум мафҳуми "*зоди роҳ, захираи роҳ, тӯшаи сафар*" ва дар маънои дуюм мафҳуми "*соз, сомон, асбоб; лавозим*"-ро додааст [20, с.144]. Дар фарҳанги мазкур вожагони барг ва соз ҳамчун муродифи ҷуфти ***созу барг*** оварда шуда, мафҳуми "*асбобу анҷом, хӯрданӣ ва дигар чизҳои зарури зиндагӣ*"-ро ифода намудааст [21, с.256]. Дар асар вожаи *соз* ду маротиба ва вожаи *барг* як маротиба дар танҳоӣ истифода гаштааст: Ва агар мехостандӣ берун омадан бо ту, ҳаққо, ки бисохтандӣ он сафарро барге… [18, с.516].

Муродифҳои ҷуфти ноустувор. Чи тавре ишора шуд, дар баробари муродифҳои ҷуфти устувор муродифҳои ҷуфти ноустуворе қарор доранд, ки сохтори онҳо устувор набуда, бо роҳҳое тағйир меёбад. Ба ин гурӯҳ муродифҳои ҷуфт дохил мешаванд:

1) **Муродифҳои ҷуфте, ки байни вожаҳои онҳо вожа – пасванду бандакҳо, қарор мегирад**. "*Гоҳо байни таркибҳои синонимӣ воситаи дигаре – калима ё бандаке омада, онро ҷудо мекунад, лекин алоқаи маънавии ҷузъҳо ҳис карда мешавад*" [5, с.79].

Ҳолати мазкур дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" зиёд ба мушоҳида мерасад. Чунин муродифҳо метавонанд дар ду шакл мавҷуд бошанд. Яъне, як муродифи ҷуфт метавонад байни вожагони хеш ҳам восита гирад ва ҳам нагирад: …маккиён дар он Тоиф *богу бӯстони* бисёр доштанд [19, с.646], ... обу замин ва *богҳову бӯстонҳо* – ҳама бихарид [18, с. 637].

Миёни вожаҳои муродифҳои ҷуфти ноустувор қарор мегиранд:

– **бандакҳои феълию хабарӣ**: Чун қоида бандакҳои феълию хабарӣ баъди вожаи якум меоянд: Эшонанд, ки бидиҳанд эшонро музди эшон дубора бад-он чи *сабр карданду шикебоӣ*… [19, с.143]; … ҳар ки ангури сиёҳ ба хоб бинад, ӯро *гам расаду андуҳ* [18, с.602]; …ва ин нома сахт *муҷаз астту мухтасар* [19, с.128].

Агар бандакҳои феълию хабарӣ ҳамзамон пас аз вожаи якум ва дуюм оянд, дар чунин ҳолат муродифҳои мазкур ба муродифҳои пайиҳам табдил ёфта, воситаи алоқаи байни онҳо пайвандаки пайвасткунандаи **ва** қарор мегирад: Мардуми *даштӣ бошанд ва ваҳшӣ бошанд* ва сурати эшон ҳамчун сурати мардум бувад... [18, с.29]; …ӯро *ёр нест ва анбоз нест* ва ин ҳама фармонбардори ӯянд [18, с.284].

Дар асар муродифоти пайиҳами аз се вожаи муродифӣ иборат низ ба назар мерасад, ки ҳар се вожа бандаки хабарӣ гирифтаанд: Ва мар ин ҷуфтҳоро, ки ёд кардем, яке *амир аст ва меҳтар аст ва фармондеҳ аст*, ки ин ҳама, ки ёд кардем – ҷумла фармонбардори ӯанд ва эшон бе амри ӯ ҳеч кор натавонанд кардан [18, с.284].

– **пасвандҳо**: Навмед шавад аз раҳмати Худои хеш, магар *гумшудагону бераҳон* [18, с.686]; Пас, Бани Исроил аз он пирони хеш ҳафтод мард, ки *оқилтару донотар* буданд, аз миёни қавми хеш баргузиданд... [18, с.61].

– **артикли номуайянӣ**: …халқеанд аз *навъеву ҷинсе* дигар [18, с.172].

– **пасоянд**: *Нофармононрову гарданкашонро* ҷойгоҳ [19, с.667].

– **сифат**: ... *саҳме бузургу ҳавле* ба дили халқ ва ба дили Мӯсо андар афтод [18, с.818].

– **ишораҷонишинҳо**: …то *он сипоҳу он лашкар* – ҷумла ҳалок шуд... ... *он сипоҳу он лашкарро* диданд-ҳама мурда он ҷойгоҳ афтода… [19, с.709].

Ҳатто дар асар муродифҳои ҷуфте низ ба назар мерасанд, ки байни вожагони онҳо на танҳо як вожа, балки чанд вожа меояд: ... ту мехоҳӣ, ки *ҷабборе бошӣ андар замину ситамкоре* ва намехоҳӣ, ки аз некон бошӣ [19, с.399].

2) **Номутобиқатии ҳиҷоӣ дар вожаҳои муродифҳои ҷуфт**. Ҷойгиршавии вожагони муродифҳои ҷуфт ба оҳангнокӣ ва ҳатто вазну қофияи он бастагӣ дорад, то форамию суҳулати талаффузи онҳоро фароҳам орад. Аз ин рӯ, чун қоида вожагони муродифӣ содаву баробарҳиҷо ё вожаи якум нисбат ба вожаи дувумӣ содатару камҳиҷотар мешавад.

* «*Ва баргу соз доштеме*» дар матни арабии оят набуда, дар шарҳи ҷумлаи қаблӣ омадааст.

Аммо дар асари мавриди таҳқиқ муродифҳои ҷуфте ба назар мерасанд, ки аз қоидаи боло сарфи назар шудаанд.

Номутобиқатии вожагони чунин муродифҳои ҷуфт дар асар дар ниҳояти камӣ буда, доираи истеъмолашон низ маҳдуд аст. Теъдоди ин гуна муродифҳои ҷуфт дар асар ҳудудан ба **86** адад расида, ҳар кадоми онҳо як маротибагӣ истифода гардидаанд (*нигаред ба ҷадвали зер*).

Номутобиқатии муродифҳои ҷуфт аз рӯйи ҳиҷо

Муродифҳои ҷуфте, ки вожаи якумашон бисёрҳиҷост			
	Теъдоди ҳиҷоҳо	**Теъдоди муродифҳо**	**Намуна**
	2 ҳиҷо + 1 ҳиҷо	**29**	*таҳдиду бим*
	3 ҳиҷо + 2 ҳиҷо	**36**	*тааббуду тоат*
	4 ҳиҷо + 1 ҳиҷо	**2**	*сипосдорию шукр*
	4 ҳиҷо + 2 ҳиҷо	**6**	*дурахшандаву тобон*
	4 ҳиҷо + 3 ҳиҷо	**8**	*баробарию ҳамтоӣ*
	5 ҳиҷо + 2 ҳиҷо	**3**	*гарданниҳандаву муқир*
Ҳамагӣ		**86**	

Муродифҳои ҷуфти нобаробарҳиҷо дар натиҷаи ҷойивазкунии вожаҳои муродифҳои ҷуфт низ сохта шудаанд: **солеҳу нек ⇐ неку солеҳ**: Ва бошед аз паси ӯ гурӯҳе *солеҳону некон* [18, с.603]; **шодмонаву хуррам ⇐ хурраму шодмона**: ... сахт *шодмонаву хуррам* гашт… [18, с.194].

3) **Муродифҳои ҷуфте,** ки вожаҳои онҳо бидуни тағйир ёфтан, яъне мухаффаф гардидану илова гаштани ҳарф, ванд ва вожае, ҷойҳояшонро иваз мекунанд: **адлу дод ⇔ доду адл**: ... ҷаҳон пур аз *адлу дод* кард. Ва ба *доду адли* ӯ ҳеч мулук набуданд [19, с.61]; **азобу ранҷ ⇔ ранҷу азоб**: … аз дасти он кофирони Макка ба *азобу ранҷ* бисёр расиданд… [19, с.16] = ... ба Мадина андар аз дасти ӯ дар *ранҷу азоб* буд [18, с.296]; **боғу бӯстон ⇔ бӯстону боғ:** …маккиён дар он Тоиф *боғу бӯстони* бисёр доштанд [19, с.646] = …шуморо мадад фиристод бад-он *бӯстонҳову боғҳо* ... [19, с.77].

4) **Муродифҳои ҷуфте,** ки яке аз вожаҳояшон бо муродифи дигараш иваз карда мешавад: **амиру сарвар ⇒ амиру меҳтар ⇒ амиру пешво:** Ва пас Абусуфёнро *амиру сарвар* карданд... [18, с.232]; …то ин дини ту бар он *амирону меҳтарони* мо арза кунанд... [19, с.562]; Ва ин Омир *амиру пешвои* эшон буд... [19, с.562]; **қаҳту тангӣ ⇔ тангию қаҳт ⇒ гуруснагию қаҳт:** Ҳафт сол шуморо неъмат бошад, фарохию некуӣ ва пас аз он *қаҳт* бошаду *тангӣ*... [18, с.635]; Пас, ояд аз паси он ҳафт сол *тангии* сахту *қаҳт* ... [18, с.608]; Пас, эшон бад-он *гуруснагию қаҳт* андар монданд ва ин хабар ба наздики эшон уфтод, ки ба Миср андар малике аст аз фарзандони Иброҳим, ки халқ(ро) таом ҳамефурӯшад [18, с.639]; **қуввату зӯр ⇔ зӯру қувват ⇒ қуввату мардонагӣ ⇔ мардонагию қувват ⇒ қувва(т)у неру:** … Ҳақ таоло ҳар пайғомбареро *қуввату зӯри* чиҳил мард бидода бошад… [19, с.401]; …он-к ӯ сахттаранд аз ӯ ба *зӯру қувват*… [19, с.145]; ... мо мардеро дидем бад-ин *қуввату мардонагӣ*, ки бад-он сари чоҳ омад… [19, с.149] = Пас, бирасед ба *мардонагию қувват* шумо… [18, с.47].

5) **Муродифҳои ҷуфте**, ки яке аз вожаҳои онҳо ба гунаи дигараш иваз карда мешавад: **қудрату тавоноӣ ⇒ қудрату тавонистӣ:** ... *қудрату тавоноии* хеш пайдо кардам [19, с.8]; ...мар эшонро *қудрату тавонистӣ* дод... [18, с.774]; **хоставу мол ⇒ хосту мол:** …мехоҳед *хоставу моли* инҷаҳонӣ хештанро ба вофурӯхтани асирон Рӯзи Бадр… [18, с.500]; **мутеъу фармонбурдор ⇒ мутеъу фармондор:** …аз баҳри он ки то банда *мутеъу фармонбурдори* Ҳақ таборак ва таоло бошад… [19, с.308]; …халқон ҳама то растхез *мутеъу фармондори* ӯ бошанд... [19, с.531]; **доду адл ⇒ доду адолат: ...**он кас, ки фармояд *доду адл*... [18, с.707], ...*доду адолати* подшоҳ фарохтар аст аз замин [18, с.34].

6) Баъзан **яке аз вожагони муродифҳои ҷуфт**, махсусан вожаи якум, бо пешванд меояд, ки пешванди мазкур ба вожаи дуюм низ тааллуқ мегирад [15, с.43]. Падидаи мазкурро Бобомуродов Ш. “калимаҳои сохта ва мураккаби ҳамкомпонент” меномад [3, с.104-106]. Ин ҳолат дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” низ ба мушоҳида мерасад: …нагардад таъму маззаи он ва ҷӯйҳо аз май *ботаъму мазза* ошомандагонро… [19, с.461]; ...яке фариштаро дид нишаста азим *босаҳму сиёсат* [18, с. 168]; …яъне Маккаро ҷойи *бебиму ҳарос*… [18, с. 672].

Ҳолатҳое низ ҳастанд, ки ҳар ду вожаи муродифӣ пешванд қабул мекунанд: Худои ман *бечуну бечигуна* аст... [18, с.27]; ...чун аз он қадре бимехӯрданд, *беақлу беҳуш* ва бехирад мегаштанд [18, с.255].

Хулоса, муродифҳои ҷуфти ноустувор ҳарчанд ба гурӯҳи муродифҳои ҷуфт дохил шаванд ҳам, аммо ҳолати рехтагияшон дар пояи муродифҳои ҷуфти устувор набуда, метавонад сохтори дохилии онҳо тағйир ёбад. Аз сабаби устувор набудан ва тағйир ёфтани сохтори дохилии онҳо теъдодашон дар асар зиёд аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. – Душанбе: Дониш, 1988. – 125 с.
2. Аминов, С. Баъзе хусусиятҳои услуби ҷуфтҳои синонимӣ / С. Аминов // Мактаби советӣ. – 1981. – №3. – С.35-39.
3. Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2015. – 350 с.
4. Ғаффоров, Р. Калимаҳои синонимӣ ва хусусияти услубии онҳо / Р. Ғаффоров // Мактаби Советӣ. – 1971. – №8. – С.38-43.
5. Давронов, А. Муродифҳо дар «Қобуснома»-и Кайковус» / А. Давронов // Ахбороти фанҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – 1974. – № 2 (76). – С.78-80.
6. Даминова, М.З. Сопоставительный анализ парных синонимов русского и таджикского языков: дис. канд.фил.наук: 10.02.20 / М.З. Даминова. – Душанбе, 2015. – 150 с.
7. Дырхеева, Г.А. Парные слова и парное словообразование в бурятском языке / Г.А. Дырхеева, Д.Ш. Харанутова, Е.А. Бардамова. – Улан-Удэ: Изд-во БНЦ СО РАН, 2014. – 208 с.
8. Иззатмуродова, И. Ифодаи мубтадо бо ибораҳои фразеологӣ ва синонимӣ / И. Иззатмуродова // Мактаби Советӣ. – 1970. – №5. – С.16-18.
9. Кабир, Ш. Роҷеъ ба масоили ҳамнишинии вожаҳо / Ш.Кабир // Ахбороти Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология. – 1991. – №4(24). – С.30-33.
10. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 185 с.
11. Камолиддинов, Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
12. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик: луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. Ҷ.1. – Душанбе, 2007. – 243 с.
13. Маҷидов, Ҳ. Ҳамнишинии калимаҳо дар забони адабии тоҷик / Ҳ.Маҷидов // Маърифат. – 2001. – №7-8. – С.20-23.
14. Маъсумӣ, Н. Ибораҳои халқӣ дар забони «Марги судхӯр» / Н.Маъсумӣ // Мактаби Советӣ. – 1954. – №10. – С. 26-44.
15. Муҳаммадиев, М. Лексикаи забони адабии тоҷик. Маводи таълимӣ / М.Муҳаммадиев, Х.Талбакова, Ю.Нурмуҳаммадов. – Душанбе, 1997. – 189 с.
16. Муҳаммадиев, М. Омӯхтани синонимҳои ҷуфтистеъмол дар процесси таълим ва аҳаммияти он / М. Муҳаммадиев // Мактаби Советӣ. – 1969. – №9. – С. 29-33.
17. Сиёев, Б. Таърихи воҳидҳои ҷуфт дар забони адабии тоҷик / Б. Сиёев // Мактаби Советӣ. – 1968. – №9. – С. 28-32.
18. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ / Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. К.1. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – 884 с.
19. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ / Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. К.2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – 744 с.
20. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ); тартибдиҳандагон: Т.Н. Зеҳнӣ, В.А. Капранов ва дигарон. Иборат аз ду ҷилд. Ҷ.1. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
21. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ); тартибдиҳандагон: Т.Н. Зеҳнӣ, В.А. Капранов ва дигарон. Иборат аз ду ҷилд. Ҷ.2. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.
22. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ; тартибдиҳандагон: С.Назарзода, А.Сангинов, Р.Ҳошим, Ҳ.Рауфзода. Иборат аз ду ҷилд. Ҷ.1. – Душанбе, 2008. – 949 с.
23. Халиков, М. "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" ва ҷойгоҳи муродифот дар он / М.Халиков // Анвори дониш. Маҷмӯаи илмӣ (№2). – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2021. – С.139-145.
24. Ҳасанов, А. Таҳаввули таърихии вожаҳои тоҷикӣ / А.Ҳасанов. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 276 с.
25. Ҳикматуллоев, Н. Хусусиятҳои маъноию услубии муродифоти луғавӣ (дар асоси маводи романи сегонаи Ҷалол Икромӣ «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро») / Н.Ҳикматуллоев. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 148 с.
26. Юсупова, М.Д. Муродифоти ҷуфт дар асарҳои Баҳманёр / М.Д. Юсупова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – №5. – С.122-129.

ҶОЙГОҲИ МУРОДИФҲОИ ҶУФТИ УСТУВОР ВА НОУСТУВОР ДАР "ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ"

Дар мақола муродифҳои ҷуфт ва сохтори дохилии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз баррасии мавзӯъ бармеояд, ки дар китоби "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" ҳудудан 460 муродифи ҷуфт ба кор рафтааст, ки, дар навбати худ, онҳо ба муродифҳои ҷуфти устувор ва ноустувор ҷудо карда шудаанд. Бо мисолҳо исбот карда шудааст, ки муродифҳои ҷуфти устувор тағйирнаёбанда буда, ба ибораҳои рехта шабоҳат доранд. Дар навбати худ, муродифҳои ҷуфти устувор ба ду қисмат ҷудо карда шудаанд: муродифҳои ҷуфти устуворе, ки яке аз вожаҳои онҳо берун аз ҷуфт буданашон дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" мавриди истифода қарор намегиранд ва муродифҳои ҷуфте, ки вожаҳои муродифиашон дар танҳоӣ

берун аз ҷуфт буданашон дар асар ба кор бурда мешаванд. Таҳқиқи муродифҳои ҷуфти ноустувор ба он ишора дорад, ки сохтори дохилӣ ё вожаҳои муродифии онҳо метавонад тағйир ёбад, вожаҳои муродифӣ ҷойиваз кунанд, номутобиқатии ҳиҷоӣ дошта бошанд ва байнашон вожа (бандакҳо, вандҳо, пасоянд ва ғайра) гиранд. Натиҷаи баррасии мақола нишон медиҳад, ки теъдоди муродифҳои ҷуфти устувор дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" дар ниҳояти камӣ буда, муродифҳои ҷуфти ноустувор сермаҳсуланд.

Калидвожаҳо: "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ", муродифҳои ҷуфт, вожаҳои муродифӣ, муродифҳои ҷуфти устувор, муродифҳои ҷуфти ноустувор, ибораҳои рехта, номутобиқатии вожаҳои муродифӣ.

МЕСТО УСТОЙЧИВЫХ И НЕУСТОЙЧИВЫХ ПАРНЫХ СИНОНИМОВ В "ПЕРЕВОДЕ ТАФСИРИ ТАБАРИ"

В статье расмотрены парные синонимы и их внутреняя структура на примере "Перевода Тафсири Табари". Как показало исследование, в "Переводе Тафсири Табари" использовано около 460 парных синонимов, которые, в свою очередь, являются как устойчивыми, так и неустойчивыми. Исследование показало, что устойчивые парные синонимы по своей структуре неизменны, т.е. аналогично фразеологизмам имеют устойчивую форму. Также выделены два вида парных устойчивых синонимов: устойчивые парные синонимы, слова, которые не использованы в "Переводе Тафсири Табари" отдельно друг от друга, и парные синонимы, слова, которые использованы в изучаемом труде отдельно, как самостоятельная лексическая единица. Проведенное исследование показало, что внутренняя структура многих парных синонимов неустойчива, более того, слова, образующие парные синонимы могут изменяться, что выражается в смене местами синономических слов, встречается несоответствие слогов в парных синонимах, а также местами частицы, аффиксы, послелоги служат связующими парных синонимов. Исследование показало, что в "Переводе Тафсири Табари" использовано незначительное количество устойчивых парных синнонимов, тогда как широкое применение имеют неустойчивые парные синонимы.

Ключевые слова: "Перевод Тафсири Табари", парные синонимы, синономические слова, устойчивые парные синонимы, неустойчивые парные синонимы, фразеологизмы, несоответствие синономических слов.

PLACE OF STABLE AND UNSTABLE PAIRED SYNONYMS IN THE "TRANSLATION TAFSIRI TABARI"

The article examines paired synonyms and their internal structure on the example of "Translation Tafsiri Tabari". As the research has shown in "Translation of Tafsiri Tabari" about 460 paired synonyms are used, which, in turn, are both stable and unstable. The study showed that stable paired synonyms are unchanged in their structure, i.e. similarly to phraseological units, they have a stable form. Also, two types of paired stable synonyms are distinguished: stable paired synonyms, the words of which are not used in the "Translation of Tafsiri Tabari" separately from each other, and paired synonyms, the words of which are used in the studied work separately, as an independent lexical unit. The study showed that the internal structure of many paired synonyms is unstable, moreover, the words forming paired synonyms can change, which is expressed in the change of places of synonymous words, there are inconsistencies in syllables in paired synonyms, as well as in places particles, affixes, postpositions serve as connecting paired synonyms. The research showed that in the "Translation of Tafsiri Tabari" a small number of stable paired synonyms are used, while unstable paired synonyms are widely used.

Key words: "Translation of Tafsiri Tabari", paired synonyms, synonymous words, stable paired synonyms, unstable paired synonyms, phraseological units, inconsistency of synonymous words.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Султон Ҳасан Баротзода*** –узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 33. E-mail: **msultonov@nbt.tj.** Тел.: **(+992) 935-26-98-05**

Халиков Масъудҷон Ғафурович – Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, аспирант. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: **masudjon.gafuri@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-23-02-57**

Сведения об авторах: ***Султон Хасан Баротзода*** – член-корреспондент НАНТ, доктор филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. E-mail: **msultonov@nbt.tj.** Тел.: **(+992) 935-26-98-05**

Халиков Масъудджон Гафурович – аспирант Института языка и литературы имени А. Рудаки НАНТ. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **masudjon.gafuri@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-23-02-57**

Information about the authors: ***Sulton Hasan Barotzoda*** – Corresponding Member of NAST. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. E-mail: **msultonov@nbt.tj.** Tel.: **(+992) 935-26-98-05**

Khalikov Masudjon Gafurovich – post-graduate student of Institute of language and literature named after named A. Rudaki NAST. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 21. E-mail: **masudjon.gafuri@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-23-02-57**

УДК: 491. 550-1

СИНОНИМИЯИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (ДАР АСОСИ «ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ»

Исмонов К.Б, Ёраҳмадова З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ҳамчун асари тарҷумавӣ-таълифӣ ганҷинаи асосии забони тоҷикӣ ба шумор меравад, зеро мутарҷимон/муаллифони ин асар, пеш аз ҳама, талош кардаанд, то аз тавоноии забони модарии худ, ки дар баҳамовариву ваҳдатофарӣ нақши муассир дорад [12, с.15] истифода намоянд. Маҳз ҳамин нукта боиси калимасозиҳову таъбирофариниҳо ва муодилёбиҳо дар забони тоҷикӣ гашта, онро дар баробари забони илми давр – забони арабӣ, қарор додааст. Аз ҷумла дар ин асар, чи дар бахши тарҷумавӣ ва чи дар бахши таълифии он, воҳидҳои фразеологӣ ба таври васеъ истифода шудаанд, ки муҳимтарин ва бузургтарин далеле бар камолот ва тавоноии забони тоҷикии он давр ба шумор мераванд. Шеваи гуфтор ва таквини иборату шумул ба андозаи онҳо бар маонии мавриди назар худ нишон медиҳад, ки дар он ду-се қарни сукут забоне, ки дарӣ ном гирифаву дар Хуросон ривоҷ ёфта буд, ончунон ки гоҳе тасаввур меравад, хом набуд ва бегумон дар шеъру наср таҷрибаҳои мутааддиде андӯхта буд [13, с.14; 14, с.18-19].

«Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар муқоиса бо китобҳои насриву назмие, ки дар асрҳои IX-X бо забони форсии тоҷикӣ бевосита таълиф шудаанд, бинобар асари тарҷумавӣ-таълифӣ будан фарогири вижагиҳои зиёди калимасозиву таъбирофаринӣ аст [2, с.12] аз тарафи донишмандони гузаштаву имрӯз ҳамчун нахустин тарҷума ва тафсири расмии Қуръони карим эътироф гашта, аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор аст, ба гунае ки онро ҳамсанг бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хондаанд. “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” аз боризтарин асарҳои насрии давраест, ки дар таърихи забони тоҷикӣ ҳамчун ба майдоноии забони адабии тоҷик ва коркарди фонди асосии луғавии он ба шумор меравад [5, с.149].

Ҳангоми таҳлилу баррасии ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба муносибати синонимии онҳо рӯбарӯ мешавем. Ҳамон гуна ки ВФ ба ҳайси муодил/эквиваленти калима баромад мекунад, боз метавонад ҳамсангу ҳаммаънои ВФ дигар бошад [11, с.57-58]. Ҳамин аст, ки ҳангоми тарҷумаи ин ё он ВФ дар баробари муродифи синонимии он аз муродифи фразеологияш низ истифода менамоянд [7, с.35].

Ба фарқ аз сермаъноии ВФ фразеологияшиносон дар мавриди синонимияи фразеологӣ иттифоқи назар доранд, танҳо ихтилофи назарҳо дар мавриди якдигарро пурра ва ё нисбатан иваз намудани якдигарии синонимҳои ВФ ба назар мерасад. Масалан, В.Жуков зери мафҳуми синонимияи фразеологизмҳо ВФ-еро дар назар дорад, ки аз рӯйи сохтор ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, аз рӯйи ифодаи маъно фарогири як маънои луғавию фразеологӣ бошанд, вале дар айни замон аз ҷиҳати тобиши маъноӣ ва хусусиятҳои услубӣ байни онҳо тафовут вуҷуд дошта бошад [Жуков 1986, с.94]. Ҳарчанд синонимҳо аз манбаъҳои асосии ғанӣ гардонидани забон, ба вижа таркиб ё фонди луғавии он буда, беҳтарин воситаи баёни тобишҳои маъноии мафҳум ва ҳолату рӯҳияи шахс ба шумор рафта, барои роҳ надодан ба такрори бемавқеи вожаву таъбирҳо, саҳеҳию равшании фикр ва тафсиру тафҳими вожагону таъбирҳо ба нависандаву гӯянда мусоидат намоянд ҳам[Воҳидов, 1980, с.87], вале на ҳамеша дар матн якдигарро иваз карда метавонанд [6, с.25]. «Ҷиҳати муҳимми воҳидҳои фразеологии синонимӣ ифодаи маъноҳои умумии ба ҳам наздики онҳост. Чунин ақидае, ки гӯё ду ва зиёда ифодаҳои синонимӣ як мафҳумро ифода карда, дар матн якдигарро пурра иваз карда метавонанд, ба ҳақиқат дуруст намеояд. Дар ҳар як фразеологизми синонимӣ чунин тобиши маъноии махсусро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар синоними дигар ё тамоман вуҷуд надорад, ё ки бо тариқи дигар ифода ёфтааст» [4, с.55-56].

Воқеан, синонимияи ВФ дар забони тоҷикӣ, хусусан дар байни ВФ феълӣ назаррас буда, бо муродиф шудан ду ва зиёда ВФ силсилаҳои ВФ ташкил меёбанд, ки аз нигоҳи мавқеи истеъмол, системаи образнокӣ ва таркиби лексикӣ аз якдигар тафовут доранд, вале

маҳз маънои ба ҳам наздикашон онҳоро ба як силсила муттаҳид кардааст. «Одатан, воҳидҳои фразеологии муродифӣ як силсиларо ташкил менамоянд ва ба он фразеологизмҳои гуногун, ки аз ҷиҳати обуранги бадеӣ ва мавқеи истеъмол аз якдигар тафовут доранд, дохил мешаванд» [6, с.24].

Дар матни асар барои ифодаи маънои мурдан воҳидҳои фразеологии зиёде истифода шудаанд, аз қабили: аз дунё рафтан [9, с.55], аз дунё реҳлат кардан [9, с.286], аз дунё берун шудан [9, с. 36], марг ҳозир омадан [9, с.251], марг чашидан [9, с.358], марг касеро гирифтан [9,с.59], марг расидан [9, с.274], аз марг нараҳидан [9, с.286], рӯҳ таслим кардан [9, с. 531], зиндагонӣ сипарӣ шудан [10, с.135], ҷон аз тан баромадан [10, с. 90], ба ҳаёти абадӣ пайваста шудан [10, с.723], фармон ёфтан [10, с.136], қазо кардан [10, с. 139], ба раҳмати Худо расидан [10, с.225].

Дар ин силсилаи синонимии ВФ 15 ВФ гирд оварда шудааст, ки ба як маънои луғавӣ-мурдан ишора месозанд, дар ҳоле ки аз нигоҳи корбурду таркиби лексикӣ ва обуранги бадеӣ байни онҳо тафовут ба назар мерасад. Масалан, ВФ аз дунё реҳлат кардан [9, с.286] ва аз марг нараҳидан [9, с.286] дар як ҷумла: “Пас, чун аз дунё реҳлат кард, аз баҳри он ки марг қазост бар ҳама халқ ва ҳеҷ кас аз марг нараҳад” [9, с.286] истифода шудаанд, вале бо тобишҳои услубии худ наметавонанд ҷойи якдигарро иваз намоянд, чаро ки ВФ аз дунё реҳлат кардан тобиши эҳтиромӣ дошта, доираи корбурди хоси худро дорад. Яъне, дар ин ВФ як навъ тобиши адабу эҳтиром дида мешавад ва нисбат ба нафароне гуфта мешавад, ки аз обрӯву эҳтироме дар назди мардум бархӯрдоранд. Вале ВФ аз марг нараҳидан аз ин гуна тобиш бархӯрдор нест ва ҳамнишинии калимаҳои марг ва нараҳидан дар ин ВФ оҳанги ҳушдордиҳанда дорад.

Мавриди зикр аст, ки дар асар ВФ ифодагари миронидану куштан низ силсилаи синонимиро ташкил додаанд: қабзи рӯҳ кардан: “ӯ ба фармони Ҳақ таоло қабзи рӯҳи эшон бикунад”[10, с.535], ҷони касеро бардоштан: Худои азза ва ҷалла ҷони ӯ бардошт [10, с.622], ҷон аз касе ҷудо кардан: “ва эшон ҷон аз ӯ ҷудо кунанд” [1, с.162] ҷони касеро ситонидан: “фариштагони азоб бираванд ва ҷони ӯ бистонанд [9, с.162], аз пушти замин бардоштан: “Асваду-л-каззобро аз пушти замин бардоштанд” [10, с.490].

Дар ин ҷо метавон боз аз ВФ гардан задан: “шамшер бикашид, ки гардани вай бизанад» [10, с.23] ва таъна задан/ханҷар задан: “Пас, чун Умарро он таъна заданд ва ҳол бар ӯ бигардид” [9, с.352] ёд кард, ки ифодагари миронидану куштан мебошанд.

ВФ бо касе як шудан: “халқе биёмаданд ва бо Мӯсо, алайҳи-с-салом, ва бо Бани Исроил яке шуданд» [9, с.793], бо касе даст як кардан: “то биравад ва бо Исмоил даст яке кунад» [9, с.658], бо касе дил яке доштан: “Ва дигар Марсад ва ӯ низ бо Ҳуд дил яке дошт” [10, с.436], ба якдигар рост шуданд: “ҳама ба якдигар рост шуданд ва пеши ин меҳтар шуданд, ки писар оварда буд» [10, с.92] низ як силсилаи синонимиро ташкил додаанд, ки тобишҳои хоси худро доранд. Чунончи дар ин силсилаи синонимӣ бо касе дил яке доштан аз ВФ дигари ин силсила тафовути назаррас дорад, чаро ки агар ВФ дигари ин силсила ифодагари ба таври амалӣ иттифоқ намудани ду ё зиёда нафар бошад, пас, ВФ бо касе дил як доштан ҳамақидаву ҳамфикр будани нафар(он)-еро ба нафаре нишон медиҳад, ки метавонад дар сатҳи майлу рағбат бе огоҳнамоии тарафи дигар сурат гирад.

Дар баробари ин ВФ, боз метавон ВФ даст ба дасти касе задан: ва даст бар дасти амирулмуъминин Умар, разийа-л-Лоҳу анҳу, ҳамезаданд ва бозмегаштанд” [10, с.617] ва даст ба дасти касе додан: “Акнун бояд ки даст ба ман диҳӣ ва аҳде бо ман бикунӣ” [9, с.312]-ро, ки то ҷойе варианти ҳамдигарианд, метавон ба силсилаи синонимии бо касе иттифоқ гаштан илова намуд.

Дар асар ду ВФ ба маънои зодан/таваллуд шудан корбурд шудааст, ки яке дар вуҷуд омадан: “ҳанӯз дар вуҷуд наёмада буд” [9, с.297] ва дигаре касеро фарзанд омадан: “Пас, марде буд аз меҳтарони эшон ва ӯро писаре омад бар ин сифат” [10, с.92] мебошад. Тобиши услубие, ки барои таъйин тафовути корбурдии ин ду ВФ мусоидат мекунад, ин муносибат ба шахсияти таваллудшаванда аст. Чунончи ВФ дар вуҷуд омадан дар мавриди шахсиятҳо истифода шудааст, дар ҳоле ки ВФ касеро фарзанд омадан на ба шахсияти таваллудшаванда, балки ба шахсият ва ҷойгоҳи падар/модари таваллудшаванда нигаронида шудааст. Дар ин силсилаи синонимӣ метавон ВФ аз модар ҷудо шуданро низ

ворид намуд: “чун аз модар ҷудо шуд, ҳамон гоҳ ба сухан омад” [9, с.758], ки ин ҳам ифодагари таваллуд гаштан мебошад. Истифодаи ВФ дар вуҷуд омадан ва ё ибораи таваллуд шудан дар ин ҷумла маънои ВФ аз модар ҷудо шуданро дода наметавонад, чаро ки қисмати дувуми ҷумла: “ҳамон гоҳ ба сухан омад” ба ин имкон намедиҳад.

ВФ бор гирифтан: “в-аз он говбон бор гирифта буд ва кӯдаке биёвард” [9, с.608], бор доштан: “Ҳавво дигарбора бор дошт” [9, с.471] ва шикам баровардан: “чун шикам баровард, гуфт: «Ман ин шикам аз Ҷирҷири обид баровардам»[9, с.191], ки ҳамагӣ ифодагари обистан шудан/ҳомиладор шудан аст, як силсилаи синонимии ВФ ташкил медиҳанд. Ҳарчанд ВФ ин силсила метавонанд дар ҷумла якдигарро ивазнамоянд, вале боз ВФ мазкур ҳамчун баёнгари марҳилаҳои гуногуни обистанӣ тобишҳои маъноии хоси худро доранд, ки истифодаи онҳо ба ҷойи якдигар метавонад дар сухан ноҷуриро ба бор орад.

Илова бар ин, дар асар силсилаи синонимии ВФ ба ҷаҳон андар шудан: «бо пироҳане ва шарворе бираванд ва ба ҷаҳон андар бишаванд» [9, с.522] ва ба ҷаҳон даррафтан: «моро дастуре деҳ, то ба ҷаҳон дарбиравем [10, с.26] ба маънои дар ҷаҳон паҳн гаштану интишор ёфтан; силсилаи синонимии андар чизе фурӯ мондан: Намруд андар ин фурӯ монд [9, с.393] ва ба кори касе андан мондан: «Пас, он кофирон ба кори ӯ андар монданд [9, с.692] ба маънои оҷизу нотавон ва ҳайратзада дар коре гаштан; силсилаи синонимии ба дил сард гардонидан ва ба чашм зишт кардан: «ва хостанд Билқисро бар дили Сулаймон, алайҳи-с-салом, сард гардонанд ва бар чашми вай зишт кунанд» [10, с.138] ба маънои касеро дар назди касе бад кардан ва муносибати онҳоро барҳам задан; силсилаи синонимии кор ба сар омадан ва кор сипарӣ шудан: «кори Парвиз андар ин рӯзгор ба сар ояд ва сипарӣ шавад» [10, с.195] ба маънои мурдан; силсилаи синонимии даст хомӯш доштан ва бо даст ҳадис накардан: «даст хомӯш дор ва ба даст ҳадис макун» [10 с.504] ба маънои дастро ҳаракат надодан. Мавриди зикр аст, ки ВФ даст хомӯш доштан ва ба даст ҳадис кардан дар асл на синоним, балки антоними якдигарӣ мебошанд, вале аз он ҷо ки ВФ ба даст ҳадис кардан дар шакли инкорӣ-наҳӣ оварда шудааст, аз нигоҳи ифодаи маъно бо ВФ даст хомӯш доштан муродиф шуда омадааст.

Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» силсилаи синонимии фразеологӣ ба маънои малику подшоҳ ва сарвари қавм шудан оварда шудааст, ки аз 6 ВФ иборат аст: кор ба касе рост шудан: «Язид биншаст, кор бар ӯ рост шуд» [10, с.530], кор бар касе қарор гирифтан: «кор бар Шис ибни Одам қарор гирифт» [9, с.338], кор ба касе афтодан: «кор ба Шис афтод» [9, с.338], кори ҷаҳон ба касе расидан: «кори ҷаҳон ба Муовия расид» [9, с.535], мулк ба дасти касе афтодан: «мулк ба дасти хеше (аз они) Намруд афтод [9, с.409], мулк аз касе шудан: «Пас, он рӯз, ки Худои таоло хост, ки он мулкат аз вай бишавад» [10, с.128]. Ба андешаи инҷониб, ВФ ин силсила, ки дар зимни бештари онҳо вожаи кор вуҷуд дорад, ба гунае баргирифта аз забони арабӣ ва дар қолаби таъбирҳои арабӣ эҷод шудаанд, чаро ки арабҳо дар ин ин гуна таркибҳо вожаи амр (أمر) истифода мебаранд, ки муодили пурраву бебаҳси он ҳамин вожаи кори тоҷикӣ мебошад.

Соҳибони асар барои пурратар ифода кардани мафҳум ва, ҳамзамон, дар як ҷумла ба такрор роҳ надодани ВФ дар як ҷумла чанд синоними ВФ-ро овардаанд: “Ва сабаби берун шудани Иброҳим, алайҳи-с-салом, аз ин ҷаҳон он буд, ки Худой, азза ва ҷалла, Азроилро, алайҳи-с-салом, гуфта буд, ки чун қабзи *рӯҳ*и Иброҳим кунӣ, ҷони ӯ ба фармони ӯ бардор, то ӯ нафармояд ва дастуре надиҳад, ҷони ӯ бармадор [9, с.144]. Дар ин ҷо ду ВФ қабзи рӯҳи касе кардан ва ҷони касе бардоштан синоним шуда омадаанд, ки ба гумони ғолиб ба хотири ба такрор роҳ надодан аст, чаро ки ВФ ҷони касе бардоштан дар ҷумлаи мазкур ду бор корбурд шудааст ва истифодаи сеюмбораи он дар равонию оҳангнокии ҷумла халал ворид менамояд.

Вале аз назари инҷониб пайиҳам овардани ду ВФ синонимӣ: фармон ёфтан ва рӯҳ таслим кардан дар ҷумлаи “Пас, бидонистанд, ки Сулаймон, алайҳи-с-салом, муддати як сол гузаштааст, то фармон ёфта ва рӯҳ таслим карда” [10, с.142] на ба хотири гурез аз такрор, балки барои шарҳу тафсир додани ВФ аввалӣ (фармон ёфтан) бо ВФ дувумӣ (рӯҳ таслим кардан) мебошад. Ҳарчанд дар китобҳои таърихии гузашта ВФ фармон ёфтан ба маънои мурдан истифода шуда бошад ҳам [15, с.17101], дар зеҳн маънои дигари он ба даст

овардани дастур ва ё ба коре амр шудан мерасад, ки шояд ин нукта боиси дар тафсири он овардани ВФ дигар (рӯҳ таслим кардан) гаштааст.

Айни ҳамин нуктаро дар ҷумлаи “Пас, ҳар кӣ ин сухан бигуфт, мусалмон шуд ва аз куфр берун омад ва хуни ӯ баста шуд ва шамшер аз гардани ӯ биуфтод ва моли ӯ бар ёрон ва умматони Муҳаммад ҳаром гашт» [9, с.102] мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин ҷумла чор ВФ: аз куфр берун омад, хуни касе баста шудан, шамшер аз гардани касе афтодан ва моли ӯ бар мусулмонон ҳаром гаштан, як силсилаи муродифиро ташкил дода, ифодагари мусулмон шудан мебошанд. Аз назари инҷониб ин силсилаи муродифии ВФ-ро овардани муаллифони асар ба хотири шарҳи мафҳуми мусулмон шудан аст. Мавриди зикр аст, ки ВФ ин силисила дар баробари тобиши маъноие, ки дар ин ҷумла сабаби синонимияи онҳо гаштааст, маонии мустақили дигаре доранд. “Ифодаи мундариҷаи умумии ба ҳам наздик ва сохту таркиби мутобиққунандаи ду ва зиёда ибораҳои фразеологии феълӣ онҳоро ба ибораҳои синонимӣ табдил медиҳанд. Хусусияти махсуси маъноии ибораҳои фразеологии феълӣ дар ташаккули силсилаи синонимии он роли калон мебозанд. Робитаи синонимии ибораҳои фразеологии феълӣ беохир ва печ дар печ мешаванд” [3, с.177].

Дар ҷумлаи “Ман дар рӯйи падару модар нигоҳ ҳамекардам, рӯйҳои эшон зард гашта буд ва ларза бар андомашон афтода» [9, с.46] ВФ рӯй зард гаштан ва ларза бар андом афтодан як силсилаи синонимиро ташкил медиҳанд, чаро ки дар ин ҷо ҳар дуро маънои тарсидан муттаҳид менамояд, дар ҳоле ки дар ғайри ин маврид метавонад ҳар яке аз ВФ ифодагари маънои хоси худ бошад. Чунончи рӯйи касе зард гаштан метавонад ба бемории шахс ишора карда, ларза ба андом афтодан ифодагари ҳолати асабоният бошад.

Ҷойи дигар муаллифон се ВФ синонимӣ: дил ором гирифтан, дил ба ҷой бозомадан ва дил мутмаин шуданро дар як ҷумла ҷамъ овардаанд: Эзид, таоло ва тақаддаса, хост, ки вайро машғул кунад, то дили вай ором гирад ва ба ҷой бозояд, то чун рисолат диҳад вайро, дилаш мутмаин бошад»[9, с.786], ки ҳар яке такмилдиҳандаи дигар аст.

Дар як матн ва ё як ҷумла истифода кардани силсилаи синонимии ВФ ин андешаро боз таъкид менамояд, ки “дар ҳар як ибораи фразеологии синонимӣ чунин тобиши маъноӣ ва ё обуранги бадеиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ибораи дигари силсилаи синонимӣ он ё тамоман вуҷуд надорад ва ё ба тариқи дигар ифода ёфтааст. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат дар матн ду ва зиёда ибораҳои синонимӣ барои пурратар ва ҳаматарафа кушода додани моҳияти мафҳум дар якҷоягӣ ба кор бурда мешаванд” [3, с.175-176].

Тақдири ба кор бурда шудани ВФ синонимӣ дар забон ба тақдири бакорбарии калимаҳои синонимӣ ҳамгун мебошад. Ба ин маъно, ки ба кор бурда шудани калимаҳои синонимӣ ва хусусияти синонимии калимаҳо ҳодисаи доимӣ набуда, бо гузашти замон маонии синонимии онҳо ё ташаккул меёбад ва ё рафта-рафта маҳдуд мегардад. “Калимае, ки дар як марҳилаи икишофи ҷамъият роли муҳим бозидааст, дар марҳилаи дигари ҳаёти ҷамъиятӣ, мумкин аст, мақоми на он қадар муҳимме ишғол нанамояд ва ё аз истеъмол баромада монад. Аз тарафи дигар, ҳар як калимаи дар марҳилаи муайяни тараққиёт роли муҳимме набозидагӣ, мумкин аст, дар марҳалаи дигар аҳамияти муҳим пайдо кунад. Ба ин маънӣ, яке аз аъзоҳои силсилаи калимаҳои синонимӣ оҳиста-оҳиста аз ҷиҳати маъно ва андозаи истеъмол бартарӣ пайдо карда ба маънои ҳамаи аъзоҳо боқӣ мемонад, дигар аъзоҳо бо яке аз роҳҳои зикршуда ҷараён хоҳанд намуд” [7, с.48].

Чи тавре дар боло ишора шуд, ВФ дар баробари бо ВФ дигар синоним шудан, инчунин метавонад бо воҳиди луғавӣ, яъне калима синоним шуда ояд, вале “бо вуҷуди умумияти маъноӣ доштани воҳиди фразеологӣ бо воҳиди луғавӣ онҳоро муродифи баробармаъно ё комил (пурра) гуфта наметавонем, зеро воҳиди луғавӣ дар ҳамаи мавридҳо воҳиди фразеологиро иваз мекунад, вале воҳиди фразеологӣ дар навбати худ на дар ҳамаи ҳолатҳо метавонад ҷойи воҳиди луғавиро гирад. Бинобар ин, муродифоти воҳиди фразеологиро бо воҳиди луғавӣ муродифи нисбӣ метавон гуфт” [8, с.60]. Аммо набояд фаромӯш кард, ки воҳиди луғавии муродифи ВФ ҳеҷ гоҳ наметавонад дар расонидани маъно он оҳанг ва таъсири воҳиди фразеологиро

Баррасии воҳидҳои фразеологии синонимӣ дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” нишон дод, ки дар ин асар дар 12 силсилаи синонимӣ зиёда аз 60 ВФ гирд оварда шудааст, ки ин тақрибан 10 дарсади ВФ дар асар бакоррафтаро ташкил медиҳад. Бакорбарии силсилаи

синонимии ВФ дар асар нишон медиҳад, ки муаллифони он аз ин падидаи забонӣ, пеш аз ҳама, ба хотири беҳтар расонидани маъно, аз такрор худдорӣ кардан ва шарҳу тафсири ҳамдигарии ВФ истифода бурдаанд. Таҳлилҳо нишон дод, ки воҳидҳои фразеологии синонимӣ, сарфи назар ба як маънои умумӣ далолат карданашон, боз тобишҳои хоси маъноӣ-услубии худро доранд, ки дар матн якдигарро иваз карда наметавонанд ва корбурди яке ба ҷойи дигар метавонад ба балоғати сухан халал ворид намояд.

Муқарриз: ***Солеҳов Н.*** **–** н.и.ф, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Жуков В.П. Русская фразеология / В.П. Жуков. – М.: Высш. шк. 1986. – 310 с.
2. Исмонов К.Б. Тафсирҳои қуръонӣ нахустин сарчашмаи андешаҳои забоншиносии арабу аҷам / К.Б.Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №1. - С.11-15.
3. Маҷидов Ҳ. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологии феълии забони ҳозираи тоҷик: диссертатсияи номзадӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1968. - 249 с.
4. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
5. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат / Н.Маъсумӣ. – Душанбе: Адиб, 2005. – 296 с.
6. Мирзоева М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С.Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ / М.М.Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
7. Муҳаммадиев, М. Синонимҳо дар забони адабии тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1962. – 160 с.
8. Назарова З.А. Муродифоти луғавӣ ва грамматикии феъл дар “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ / З.А. Назарова. – Душанбе, 2015. – 156 с.
9. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. К.1. / Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – 884 с.
10. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. К.2. / Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – 744 с.
11. Шанский Н.М. Фразеология современного русского языка: Учеб. пособие для вузов по спец. «Русский язык и литература» / Н.М. Шанский -4-е., изд., испр., и доп. - СПб.: - Специальная Литература, 1996. – 192 с.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат / Эмомалӣ Раҳмон. К.1. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 516 с.
13. آذرنوش آذرتاش. تاریخ ترجمه از عربی به فارسی (از آغاز تا عصر صفوی)\ج.1. ترجمه های قرآنی. – تهران سروش (انتشارات صدا و سیما)، 1375. – 134 ص.
14. جلال متینی. تفسیر قرآن مجید: نسخه محفوظ در کتاب خانه دانشگاه کیمرج. – 1349. ج.1. – 695 ص.
15. علی اکبر دهخدا. لغتنامه دهخدا. – طهران، 1998. ج.11. – ص. 16135 – 17792.

СИНОНИМИЯИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (ДАР АСОСИ «ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ»

Мақола ба хусусиятҳои синонимии воҳидҳои фразеологӣ ва чигунагии корбурди онҳо дар яке аз нахустин асарҳои насрии адабиёти тоҷик “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” бахшида шудааст. Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар асар нишон дод, ки мутарҷимон/муаллифони он аз ин падидаи забонӣ, пеш аз ҳама, ба хотири беҳтар расонидани маъно, аз такрор худдорӣ кардан ва барои шарҳу тафсири ҳамдигарии воҳидҳои фразеологӣ истифода бурдаанд. Аз таҳлилу баррасии синонимияи воҳидҳои фарзеологӣ дар асар маълум гардид, ки дар ин асар дар 12 силсилаи синонимӣ зиёда аз 60 воҳиди фразеологӣ гирд оварда шудааст, ки ин тақрибан 10 дарсади воҳидҳои фразеологии дар асар бакоррафтаро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон дод, ки воҳидҳои фразеологии синонимӣ, сарфи назар ба як маънои умумӣ далолат карданашон, боз тобишҳои хоси маъноӣ-услубии худро доранд, ки дар матн якдигарро иваз карда наметавонанд ва корбурди яке ба ҷойи дигар метавонад ба балоғати сухан халал ворид намояд. Таҳқиқи мақола, пеш аз ҳама, ба корбурди воҳидҳои фразеологии синонимӣ дар бахши тафсирии асар нигаронида шудааст.

Калидвожаҳо: синонимия, воҳиди фразеологӣ, тарҷума, тафсир, калима, забони тоҷикӣ, мафҳум

СИНОНИМИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ (НА ПРИМЕРЕ «ПЕРЕВОДА «ТАФСИРИ ТАБАРИ»)

Статья посвящена синонимическим особенностям фразеологических единиц и их применению в таджикской литературе, на примере первого произведения в таджикской прозе – в «Переводе «Тафсири Табари». Применение фразеологических единиц в исследуемом произведении показывает, что переводчики/авторы прибегали к этому языковому явлению, прежде всего, с целью придания более точного смысла изложению и во избежание повторения, а также объяснения и толкования самих фразеологизмов. Изучение синонимии фразеологических единиц «Перевода «Тафсири Табари» показал, что в 12 синонимических цепях этого классического произведения использовано более 60 фразеологизмов, которые составляют около 10 процентов использованных в произведении фразеологических единиц. Анализ текста показал, что синонимические фразеологические единицы, несмотря на то, что имеют общее смысловое значение, все же не обделены семантическими и стилистическими особенностями, и в тексте не могут быть

взаимозаменяемы, и использование одного синонимического слова вместо другого может нарушить красноречиеизложения. Статья посвящена, прежде всего, использованию синонимичных фразеологических единиц в части толкования «Тафсири Табари».

Ключевые слова: синонимия, фразеологические единицы, перевод, толкование, слово, таджикский язык, смысловое значение.

SYNONYY OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE TAJIK LANGUAGE (ON THE EXAMPLE OF "TRANSLATION" TAFSIRI TABARI ")

The article is devoted to the synonymous features of phraseological units and their application in Tajik literature, using the example of the first work in Tajik prose - in the “Translation of“ Tafsiri Tabari ”. The use of phraseological units in the work under study shows that translators / authors resorted to this linguistic phenomenon, first of all, with the aim of giving a more precise meaning to the presentation and in order to avoid repetition, as well as explaining and interpreting the phraseological units themselves. The study of the synonymy of phraseological units of "Translation" Tafsiri Tabari "showed that in 12 synonymous chains of this classic work, more than 60 phraseological units are used, which make up about 10 percent of the phraseological units used in the work. Analysis of the text showed that synonymous phraseological units, despite the fact that they have a common semantic meaning, are still not deprived of semantic and stylistic features, and cannot be interchangeable in the text, and the use of one synonymous word instead of another may violate eloquence. The article is devoted, first of all, to the use of synonymous phraseological units in the interpretation of "Tafsiri Tabari".

Key words: synonymy, phraseological units, translation, interpretation, word, Tajik language, semantic meaning.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Исмонов Кароматулло Бадридинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға**: 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**
Ёраҳмадова Зарина - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспирант. **Суроға**: 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторах: ***Исмонов Кароматулло Бадридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**
Ёрахмадова Зарина – Таджикский национальный университет, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about authors: ***Ismonov Karomatullo Badridinovich*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Tel.: **(+992) 917-44-40-40**
Yorahmadova Zarina - Tajik National University, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 811.21/.22+811.441

ИМКОНОТИ КАЛИМАСОЗИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ БО ПЕШВАНДҲОИ ТОҶИКӢ ДАР АСАРҲОИ НАСРИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ
(дар мисоли «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»)

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо пешвандҳо сохта шудани калимаҳо яке аз усулҳои маъмултарини калимасозии забони тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, барои ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон аҳаммияти калон дорад. Моҳирона истифода бурдан аз имконоти калимасозии пешвандҳо на танҳо барои рангину дилчасп баён кардани фикр мусоидат менамояд, балки эҷодкори бомаҳорат бо истифода аз чунин имконоти калимасозӣ вожаҳои нав офарида, ба ин восита ҳам ҳадафи услубии хешро моҳирона баён менамояду ҳам дар бой гардидани сарвати маънавии забон ҳисса мегузорад. Дар калимасозии ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ мақоми пешвандҳои калимасози забони тоҷикӣ яксон нест. Агар дар калимасозии исм танҳо пешванди **-ҳам** ба кор бурда шавад, дар калимасозии сифат, зарф ва феъл пешвандҳои зиёд истифода мешаванд [ниг.: 10, с.123; 4, с.86; 7, с.152-191]. Дараҷаи корбурди пешвандҳо дар калимасозӣ низ мухталиф буда, баъзеяшон сермаҳсул, баъзеяшон каммаҳсул ва баъзеи дигарашон бемаҳсул мешаванд [ниг.: 9, с.77].

Ҳарчанд дар забони тоҷикӣ миқдори пешвандҳои калимасоз чандон зиёд нест, аммо нақши ин унсурҳои морфологӣ дар сохтани калимаҳои нав ва ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон калон мебошад. Дар ин мақола оид ба калимасозии иқтибосоти арабӣ бо пешвандҳои тоҷикӣ дар асарҳои насрии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ул-унс» маълумот дода шудааст. Бояд гуфт, ки дар асарҳои номбурдаи нависанда дар муқоиса бо пасвандҳо калимасозии иқтибосоти арабӣ бо пешвандҳои тоҷикӣ он қадар мавқеи назаррас надорад. Бо вуҷуди ин, баррасии ин масъала дар асарҳои мавриди таҳқиқ барои муайян намудани баъзе паҳлуҳои хосси эҷодиёти нависанда аҳаммиятнок мебошад.

Пешванди ба-. Бо ин пешванд аз исмҳои маънии иқтибосии арабӣ сифатҳои аслӣ сохта шудаанд, ки ба ягон аломат ё хосияте доро будани предметро мефаҳмонанд [ниг.: 4, с.140; 7, с.190]: ***бакамол, баадаб, баолат(тар), баботин(тар), башукӯҳ, батакаллуф***:

Номи вай Муҳаммад аст, аз уқалои маҷонин будааст ва сахт бузургвор, соҳибҳолати ***бакамол*** [19, с.397]; *Меҳмон, ки* ***баадаб*** *бувад, мунтазир бувад, на мутақозӣ* [19, с.65]; *Ҳусрӣ ва Абдуллоҳи Хафиф ҳамтои якдигар будаанд. Ибни Хафиф* ***баолаттар*** *буд ва Ҳусрӣ* ***баботинтар*** [19, с.309]; *Рӯзе ба дари сарои Абӯбакри Ҷавзақӣ расидем, ӯ пире* ***башукӯҳ*** *буд* [19, с.266]; *Он кас бирафт ва дасторро бифурӯхт ва суфраи* ***батакаллуф*** *рост кард* [19, с.647].

Аз байни сифатҳои аслии бо пешванди **ба-** сохташуда вожаи ***баадаб*** бо феъли ёвари ***шудан*** омада ба феъли таркибии номӣ маъно бахшидааст:

Аз он вақт боз танҳо таом мехӯрам, то ***баадаб шавам*** [19, с.361].

Ҳамчунин бо ин пасванд аз исмҳои маънӣ зарфи миқдору дараҷа сохта шудааст:

Дар ин мақом... ***батамом*** *аз худ холӣ гашта ва ба муроди Ҳақ, субҳонаҳу, истода* [19, с.509]; *Ва вайро хоҳаре буда* ***бағоят*** *солиҳа* [19, с.414].

Пешванди бо-. Ин пешванд муродифи пешванди **ба-** мебошад. Калимаҳое, ки бо пешванди **ба-** сохта мешаванд, бештар хосси забони зиндаи гуфтугӯйӣ буда, вожаҳои бо пешванди **бо-** сохташуда хусусияти адабии китобӣ доранд [ниг.: 8, с.13]. Аз муқоисаи мисолҳое, ки дар асарҳои мавриди тадқиқи мо бо ин ду пешванд аз калимаҳои иқтибосии арабӣ сохта шудаанд, аён аст, ки нависанда, дар истеъмоли пешванди **бо-** майли бештар доранд. Бо пешванди **бо-** дар асарҳои Мавлоно Ҷомӣ:

а) Аз исмҳои маънӣ сифати аслӣ сохта шудааст: ***боҷамол, бовараъ, бороҳат****(тар)****, бошукӯҳ, боҳайбат, боолат****(тар)****, босалобат, бохабар, боманфиат****(тар)*:

Чун истиқбол карданд, маликулумароро писаре буд басе ***боҷамол*** [19, с.742]; *Аз ақрони Шиблӣ буда. Олим буда ва* ***бовараъ*** [19, с.251]; *...бандаи некбахтро ҳаргиз рӯзӣ наёяд некутар ва* ***бороҳаттар*** *ва хуштар аз он рӯзӣ...* [19, с.254]; *Бону Олия зане буда* ***бошукӯҳ*** *ба Пушанг* [19, с.423]; *...аз паси он парда шахси* ***боҳайбат*** *берун омад ва маро баргирифт ва дар канори*

Ахии Алӣ ниҳод… [19, с.555]; *Ва бародари вай, **боолаттар** буд дар зоҳир...* [19, с.431]; *Марде содиқ буд ва **босалобат*** [19, с.433]; *Вақте зане аз шаҳри Гулпойгон ба Шероз омада буд ва вақтҳо ба хонаи мо меомад ва зане **бохабар** буд* [19, с.779]; *Ва ҳам вай гуфта, ки нест аз ибодат чизе **боманфиаттар** аз ислоҳи хавотири дилҳо* [19, с.81].

Чунон ки аз мисолҳо дида мешавад, баъзеи чунин сифатҳои аслӣ дар асарҳои нависанда ҳам бо пешванди **ба-** ва ҳам бо пешванди **бо-** истеъмол шудаанд: ***баадаб // боадаб, баолат(тар) // боолат(тар), башукӯҳ // бошукӯҳ.***

Нависанда баъзан ҷуфти чунин сифатҳои аслии сохтаро истеъмол менамояд ва ба хотири гурез аз такрори ноҷо ва гӯшнавоз гардидани калом пешванди **бо-** танҳо дар вожаи якум истеъмол мешавад: **бофазлу шукӯҳ, боҳайбату виқор, боадаб ва сиёнат:**

*Ман ҷавон будам ба Астаробод ва ба наздики Абулҳусайни Мусиннӣ даромадам ва ӯ пире **бофазлу шукӯҳ** буд...* [19, с.408]; *Ногоҳ пире некудидор **боҳайбату виқор** маро пеш омаду гуфт: «Ассалом алайк, ё Усмон!»* [19, с.635]; *Ва асҳоби вай **боадаб ва сиёнат** буданд* [19, с.359].

Ҳаминро гуфтан лозим аст, ки дар сурати бо ҳар ду ҷузъи ин гуна сифатҳо омадани пешванди **бо-** онҳо то андозае ба гӯш нофорам мерасанд. Муқоиса: *...пире **бофазлу шукӯҳ** буд... // ...пире **бофазлу бошукӯҳ** буд...; пире... **боҳайбату виқор** маро пеш омад... // ...пире... **боҳайбату бовиқор** маро пеш омад...*

Чунин сифатҳои аслӣ бо феълҳои ёвари ***шудан*** ва ***гардидан*** низ истеъмол шуда, ҳамчун ҷузъи номӣ ба ин феълҳои таркибӣ маъно бахшидаанд:

*...маро шабе дар хотир омад, ки аз илми ботин **бохабар шудӣ** ва илми зоҳирии ту аз илми Шайх зиёда шуд* [19, с.522]; *Бобо гуфт: «Вай низ **бонасиб гардад**, аммо мо ба ҳаволаи Шайх ба хидмати вай омадаем»* [19, с.536].

б) Аз исми маънӣ зарфи тарзи амал сохта шудааст:

*Гуфт: «Бо Худо дар ошкору ниҳон **боодоб** муомила кардан аст»* [19, с.198].

Пешвандҳои **ба-**, **бо-** дар сифатсозӣ бо пасвандҳои **-манд, -нок** ҳаммаъною ҳамвазифа шаванд ҳам, на ҳамеша ҳамдигарро иваз карда метавонанд [ниг.: 5, с.115]. Муқоиса: ***боадаб // баадаб // адабнок (адабманд – ?), боҷамол (баҷамол, ҷамолманд, ҷамолнок – ?), бовараъ (баварaъ, вараъманд, вараънок – ?), бороҳат // бароҳат // роҳатнок (роҳатманд – ?), бошукӯҳ // башукӯҳ // шукӯҳманд (шукӯҳнок – ?), боҳайбат // баҳайбат, ҳайбатнок (ҳайбатманд – ?), боолат // баолат // олатнок (олатманд – ?), босалобат // басалобат // салобатнок // салобатманд, бохабар (бахабар, хабарнок, хабарманд – ?), боманфиат // баманфиат // манфиатнок (манфиатманд –?), бокамол // бакамол (камолнок, камолманд – ?), баботин (боботин, ботиннок, ботинманд – ?), ботакаллуф // батакаллуф (такаллуфнок, такаллуфманд).***

Баъзан ин пешвандҳо бо калимаи исми ***соҳиб*** ва асоси замони ҳозираи феъли ***доштан – дор*** низ қобилияти синонимӣ пайдо мекунанд. Муқоиса: ***бовараъ // соҳибвараъ, бошукӯҳ // башукӯҳ // шукӯҳманд // соҳибшукӯҳ, боҳайбат // ҳайбатнок соҳибҳайбат // ҳайбатдор, боолат // баолат // соҳиболат, босалобат // басалобат // салобатнок // соҳибсалобат, баботин // ботиндор, ботакаллуф // батакаллуф // такаллуфдор // соҳибтакаллуф.*** Аммо дар асарҳои нависанда дар баробари ***бовараъ*** ва ***боҷамол***, ки дар боло дида гузаштем, бо исми ***соҳиб*** ҳамчун муродифи пешвандҳои **ба-, бо-** танҳо сифатҳои ***соҳибвараъ*** ва ***соҳибҷамол*** ба назар расиду халос:

*Аммо он ки муттақӣ бувад ва **соҳибвараъ**..., вайро фароғат мулке бувад бебаҳо...* [19, с.155]; *Пире, ки коми ҷавонӣ ронда буд ва аз қуввати комронӣ монда, канизаке **соҳибҷамол** харид* [18, с.428];

Ҳамчунин сифатҳои мураккаби ***соҳибдавлат*** ва ***соҳибгараз*** ба назар мерасанд, вале муродифҳои пешвандҳо сохтаи онҳо – ***бағараз*** ва ***бадавлат*** ба назар намерасанд, зеро дар ин маврид фикри нависандаро сифатҳои мураккаби ***соҳибгараз*** ва ***соҳибдавлат*** ба таври табиӣ ифода кардаанд:

*Ва **соҳибдавлат**е, ки замони мо ба вуҷуди шарифи ӯ мушарраф аст* [18, с.467]. *Чун **соҳибгараз** буд, хост, ки Мавлоноро биранҷонад ва беҳурмат кунад* [19, с.568].

Пешванди бар-. Ин пешванд дар забони форсии миёна бар шакли **abar** ба назар расида, навишти паҳлавиаш **apar** будааст, дар забони авастоӣ шакли **upairi,** дар забони форсии қадим шакли **upariy** ва дар забони эронии бостон шакли **upairi** доштааст [ниг.: 11, с.190-191; 13, с.132; 20, с.86]. Дар луғатномаҳои куҳан бо ин пешванд калимаҳо ба назар

мерасанд [ниг.: 3, с.161-174; 6, с.122-130]. Дар асари В.С. Расторгуева – «Краткий очерк грамматика таджикского языка» дар бораи ин пешванд *«бештар исм ва аҳёнан сифат»* месозад гуфта шудааст ва калимаҳои *«барпо, барзиёд, баркамол»* ҳамчун мисол оварда шудааст [ниг.: 12, с.544]. Дар сарчашмаҳои илмию тадқиқотӣ ва таълимӣ ҳамчун пешванди сифатсоз, зарфсоз ва феълсоз зикр гардида [ниг.: 4, с.144-180; 7, с.190-368; 10. с.125-130], дар бораи исмсоз будани он сухан намеравад. Аммо аз байни мисолҳои овардаи В.С. Расторгуева вожаи ***барпо*** исм мебошад. Ин исм бештар ҳамчун ҷузъи маънодори феълҳои таркибии номии ***барпо кардан (намудан), барпо шудан (гардидан)*** истеъмол мешавад. Ба ғайр аз ин, бо пешванди **бар-** дар забони тоҷикӣ исми ***баргузор*** сохта мешавад. ***Баргузор*** ҳарчанд асоси замони ҳозираи феъли сохтаи ***баргузоштан*** мебошад, вале он субстантиватсия шуда, ҳамчун исм ба кор меравад. Феъли сохтаи ***баргузоштан*** дар луғат ба маънои *«анҷом додан, баргузоридан»* омадааст [15, с.136]. Ин феъл дар забони имрӯза ниҳоят камистеъмол аст, асоси замони ҳозираи ин феъл бошад, ҳамчун исм ба вазифаи ҷузъи маънодори феълҳои таркибии номии ***баргузор кардан (намудан), баргузор шудан (гардидан)*** серистеъмол мебошад. Пас, месазад, ки пешванди **бар-** дар баробари сифатсозу зарфсоз ва феълсоз буданаш, пешванди исмсоз низ номида шавад. Исмсозии ин пешванд бемаҳсул мебошад.

Пешванди **бар-** ҳамчун унсури морфологии сифатсоз пешванди каммаҳсул буда, аз исм, сифат ва зарф сифати аслӣ месозад [ниг.: 4, с.144; 7, с.190; 10, с.126]. Дар асарҳои мавриди тадқиқи мо бо воситаи морфологӣ аз исмҳои маънии ***ҳазар*** ва ***давом*** сифатҳои аслии ***барҳазар*** ва ***бардавом*** сохта шудааст, ки дар ин сифатҳо пешванди **бар-** барои тақвият додани аломати номбаршуда (тақвият додани ҳазармандӣ ва давомнокӣ) ба кор бурда шудааст [ниг.: 4, с.144; 10, с.126]. Ин сифатҳо ҳамчун хабари номӣ бо шакли аористи феъли ёвари ***будан – бувад*** истеъмол шудаанд:

*...осӣ аз зуҳури маъсият **барҳазар** бувад...* [19, с.26]; *Соате дигар сар бароварду гуфт: «Эй устод! Ин ҳадис **бардавом** бувад…»* [19, с.395].

Сифати ***бардавом*** ҳамчунин аломати предметро ифода намудааст:

*Миёни Муовияву Уқайл ибни Абӯтолиб дӯстии тамом буду мусоҳабати **бардавом*** [18, с.365].

Пешванди бе- зидмаъно ё антоними пешвандҳои **ба-, бо-** ва пасвандҳои **-манд, -нок** мебошад. Муҳаққиқ А. Байзоев ин пешвандро идомадиҳандаи қолаби калимасозии форсии миёна бо префикси пешояндии **«пад» («pad»)** бо қолаби калимасозии **«ба+исм»** меҳисобад [1, с.117]. Ҳанӯз дар яке аз аввалин китобҳои дарсии забони тоҷикӣ, ки ба қалами Фитрат тааллуқ дошта, соли 1930 ба табъ расидааст, дар бораи ин пешванд таъкид карда мешавад, ки *«дар аввали калима омада сифати нодорӣ месозад»* [16, с.125]. Дар ин китоби дарсӣ вожаҳои ***«бехуд, бешарм, бекор, беилм, беақл, беқалам, беқоғаз»*** ҳамчун мисол оварда шудаанд [ниг.: 16, с.125], яъне 7 калимае, ки бо пешванди **бе-** калимаи нав сохтаанд, 3-тоаш – ***илм, ақл, қалам*** иқтибосии арабианд. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар мавриди пешванди **бе-** зикр карда мешавад, ки *«дар аввали исмҳо омада, ба онҳо шаклу маънии сифатӣ ва инкорӣ медиҳад»* [14, с.166]. Дар сарчашмаҳои дастурии забони тоҷикӣ сермаҳсул будан, бо исм омада сифат сохтани ин унсури калимасози морфологӣ ва *«ба аломати дар асос номбаршуда молик набудан»*-и ин сифатҳо [ниг.: 4, с.144], ҳамчунин аз исм, сифат ва асоси феъл зарфҳои тарзи амал, миқдору дараҷа ва сабабу мақсад сохтани он баён гардидааст [ниг.: 4, с.279; 7, с.367].

Дар асарҳои мавриди тадқиқи мо низ пешванди **бе-** аз калимаҳои иқтибосии арабӣ сифату зарф сохтааст ва калимаҳои аз иқтибосоти арабӣ бо ин пешванд сохташударо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

а) Аз исмҳои абстракт сифатҳои аслӣ сохтааст, ки ин сифатҳо аломати предметро ифода кардаанд:

*Эй ёрони азизу дӯстони соҳибтамиз, ин муҷодалаи **беҳосил**ро бигузореду аз ин муқовалаи билотаъйил даст бидоред* [18, с.483]; *...пас маърифати **беилм** муҳол бошад ва илми **бемаърифат** вубол* [19, с.25]; *Таснифот ва таълифоти муътабар ва расоили **беназир** дорад* [19, с.468]; *...ҷомаҳои пашмин мепӯшид ва таомҳои **бетакаллуф** мехӯрд...* [19, с.582].

Чунин сифатҳои аслӣ субстантиватсия шуда ба исм гузаштаанд:

*Қавме **беадаб**он ва **беҳурмат**он омадаанд ва шаҳодат бар дӯсте аз дӯстони ӯ арза мекунанд* [19, с.186];

Ҳамчун исми шахс ба вазифаи мухотаб кор фармуда шудаанд:

*Эй, **беинсоф**, ман солҳо аврати туро бараҳна дидаму ҳаргиз нахандидам ва таъни ту написандидам* [18, с.481]; *Рувaймро гуфт: «Эй **беадаб**!» Вай гуфт: «Ман беадаб бошам ва ним рӯз бо Ҷунайд суҳбат доштаам?»* [19, с.118].

Бо бандакҳои хабарӣ ва шаклҳои шахси сеюми замони гузаштаи наздики феъли ёвари ***будан – буд*** ва шакли шакхси якуми аористи ин феъл – ***бошам*** омада, ба вазифаи хабари номӣ истеъмол гардидаанд:

*Сафоле бардошту бар он ҷо навишт, ки шикояткунандагон аз ту **беҳисобанд**у шукргузорандагон ноёб* [18, с.370]; *Авлиёуллоҳ мухталифанд: баъзе **бесифатанд** ва бенишон...* [19, с.169]; *Шайхулислом гуфт: «Агар сӯфии, ...ақволи хешро муттаҳам кун, ки **бемаънӣ** аст»* [19, с.439]; *Гуфт: Ёронам гуруснаанд ва **бенафақа*** [19, с.212]; *Номи вай Алӣ аст. Дар вақти худ **беназир** буд ва дар замони худ **бебадил*** [19, с.396]; *...асари он тавaҷҷуҳи зуҳур **бесифат**е маҳз будӣ* [19, с.169]; *Вай гуфт: «Ман **беадаб** бошам ва ним рӯз бо Ҷунайд суҳбат доштаам?»* [19, с.118].

Аҳёнан чунин сифатҳо бидуни бандакҳои хабарӣ ва феъли ёвари ***будан*** низ ба вазифаи хабари номӣ истеъмол шудаанд:

*Абӯбакри Ушониро дар гӯр карданд ва Шайх Абӯабдуллоҳ **бехабар*** [19, с.269].

Ҳамчун ҷузъи номӣ бо феълҳои ёридиҳандаи ***кардан*** ва ***шудан*** истеъмол гардида, ба феълҳои таркибии номӣ маъно бахшидаанд:

*Чун соҳибгараз буд, хост, ки Мавлоноро биранҷонад ва **беҳурмат** кунад* [19, с.568]; *...ҳар гоҳ он наргисро фаро бинии ту доштӣ, ту даршӯридӣ ва **бетоқаттар** шудӣ дар самоъ* [19, с.434]; *Вайро он ҷо дар ботин мусибате азим афтод, чунонки **бетоқат** шуд…* [19, с.269].

б) Аз зарфи миқдору дараҷа сифати аслӣ сохтааст:

*Лашкаргоҳе азим дидам, хаймаҳои **бениҳоят** зада ва дар он миён хаймае дидам азим* [19, с.399];

в) Аз исмҳои маънӣ зарфҳои тарзи амал сохтааст:

*Яке аз ҳозирон пораи санг бардошт ва, чунон ки нон пеши саг андозанд, пеши вай андохт. Онро бӯй карду **бетаваққуф** бозгашт* [18, с.432]; *…ва ҳеч касро аз вай бепайвандтар ва **беалоқатар** ва покизатар намебинам* [19, с.384]; *Аммо вай ҳамчунон **бетакаллуф** дар бозорҳо гардидӣ ва гирди ҳангомаҳо тавоф кардӣ* [19, с.741]; *Чун Шайхро назар бар вай афтод, **беихтиёр** сар дар қадами вай ниҳод* [19, с.742];

Нависанда аз имконо ти антонимии пешвандҳои **бе-** ва **ба-** фоида бурда, бо ин воситаҳои морфологӣ антонимҳои ҳамреша сохтааст:

*Авлиёуллоҳ мухталифанд: баъзе **бесифатанд** ва бенишон ва баъзе **басифатанд** ва баъзе аз сифот нишонманд гаштаанд* [19, с.169].

Пешванди дар-. Ин унсури морфологӣ ҳанӯз дар забони форсии миёна дар шаклҳои **andar- // antar-** ба назар расида, ба андешаи муҳаққиқон *«ҳанӯз дар забони форсии миёна аз зарфи макон ба пешоянд»* табдил ёфтааст [ниг.: 20, с.79]. Донишманди Эрон Муҳаммадтақӣ Баҳор бар он ақида аст, ки истеъмоли пешванди **дар-** ҳамчун шакли кӯтоҳшудаи **андар-** дар сарчашмаҳои хаттӣ асосан пас аз замони давлатдории сулолаи Сомониён роиҷ гардид. Ӯ дар ин бора мегӯяд: *«Дар замони Сомониён ба ҳеҷ вaҷҳ калимаи **«дар»** дар наср нест ва ба ашъори мансуб ба он давра ҳам эътимоди комил наметавон кард, вале дар кутуби насри қадимӣ, метавон бад-онҳо эътимод кард, ҳар қадар ҷустуҷӯ шуд, ҳама ҷо **«андар»** истеъмол шудааст ва лафзи **«дар»**, ки мухаффафи **«андар»** аст, дар аҳди газнавиён пайдо омада ва яке аз далоили куҳнагии наср, дар сурате, ки таърихи навиштани он муайян набошад, ҳамин матлаб аст...»* [2, с.186].

Пешванди **дар-** унсури морфологии феълсоз ва зарфсоз мебошад [ниг.: 7, с.305-368; 4, с.228-280]. Дар асарҳои мавриди пажӯҳиши мо бо ин пешванд аз исмҳои абстракти арабии ***ҳол, соат, вақт*** зарфи замон сохта шудааст, ки ин зарфҳо хусусияти муродифӣ доранд:

*Ногоҳ тире хато шуду бар вай омад. Биафтоду **дарҳол** ҷон бидод* [18, с.449]; ***Дарсоат** занро таб гирифт ва рӯзи сеюмро бирафт* [19, с.291]; *Ҳар чизе, ки аз он ҷаҳон ошкоро шавад, он касро **дарвақт** бибарад...* [19, с.257].

Пешванди но- муштараквазифа буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифат ва аз исму асосҳои феъл зарф месозад. Дар исмсозӣ сермаҳсул ва дар сифатсозӣ каммаҳсул мебошад [ниг.: 7, с.191-368; 4, с.144-279; 10, с.141]. Дар асарҳои насрии Ҷомӣ бо ин пешванд аз исмҳои мафъули арабии ***мафҳум, маслук,*** ва аз исми фоили арабии ***мутаноҳӣ муътақид***, ки

дар забони тоҷикӣ ба вазифаи сифати аслӣ меоянд, сифати аслӣ сохта шудааст, ки акси маънои асос ва ба маънои асоси сифат соҳиб набудани муайяншавандаро ифода менамоянд:

Шайхулислом гуфт, ки: Бар Ҳаллоҷ бисёр суханҳои дурӯг гӯянд ва калимоти ***номафҳум****у норост банданд* [19, с.213]; *Ногоҳ ду туркмон аз миёни он корвон берун шуданд ва роҳи* ***номаслук****ро дар пеш гирифтанд* [19, с.399]; *Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ман ӯро мунбилам, яъне* ***номуътақидам****»* [19, с.412]; *...мақсуд аз он шарҳи ахлоқ ва афъол ва баёни мақомот ва аҳволи гармравоне буд, ки ба қадами сидқ роҳи бодияи талабро сипардаанд ва... мавриди ахлоқи улоҳӣ шудаанд ва мазҳари асмои* ***номутаноҳӣ*** *гашта...* [19, с.799].

Калимаҳои ***номафҳум*** ва ***номуътақид*** хусусияти адабии китобӣ дошта, дар забони хаттии имрӯза истеъмол мешаванд. Аммо калимаҳои ***номаслук*** ва ***номутаноҳӣ*** имрӯз дар истеъмол нестанд. ***Номаслук*** ба маънои *«номаълум, номаъмул»* [ниг.: 14, с.648] ва ***номутаноҳӣ*** ба маънои *«беохир, бепоён, беинтиҳо»* [ниг.: 14, с.769] истеъмол гардидааст.

Ҳаминро ҳам қайд кардан ҷоиз аст, ки пешвандҳои **бе-** ва **но-** ҳамчун воситаи морфологии сифатсоз хусусияти синонимӣ дошта бошанд ҳам, на ҳамеша ҳамдигарро иваз карда метавонанд. Тобишҳои маъноии калимаҳое, ки бо ин ду пешванд меоянд, на ҳамеша имкон медиҳад, ки ин воситаҳои морфологӣ бо як калима омада сифат созанд. Аз байни калимаҳое, ки бо пешвандҳои **бе-** ва **но-** сохта шуда, мавриди баррасии мо қарор доштанд, танҳо калимаҳои ***инсоф*** ва ***ҳурмат, муътақид, маслук, мутаноҳӣ*** имкони бо ҳар ду унсури морфологӣ омадан дорад: ***беинсоф // ноинсоф, беҳурмат // ноҳурмат, номаслук // бемаслук, номуътақид // бемуътақид, номутаноҳӣ // бемутаноҳӣ***. Вожаи ***мафҳум*** бо ҳар ду пешванд истеъмол гардида, тобишҳои мухталифи маъноӣ зоҳир менамояд: ***номафҳум*** *(ҳар чизи нофаҳмо)* ***// бемафҳум*** *(чизи аз мафҳум маҳрум)*. Вожаҳои дигар танҳо бо яке аз ин пешвандҳо омада сифат месозанд. Муқоиса: ***беилм // ноилм (– ?), беҳисоб // ноҳисоб (– ?), беҳосил // ноҳосил (– ?)***.

Пешванди ҳам-. Дар сарчашмаҳои дастурӣ ягона пешванди исмсоз ном бурда шудааст. Ин пешванд аз исм исм месозад. Забоншинос Х. Ҳусейнов хусусияти пешванди **ҳам-**ро дар он мебинад, ки *«ба маънои аслии калимаҳо ифодаи ҳамроҳӣ, якҷоягӣ»* дода, *«ду ва зиёда исмро аз ҷиҳати хусусияти дохилӣ ва хориҷӣ ба якдигар баробар мегузорад»* [17, с.84]. Дар маъхазҳои грамматикӣ *«ҳамроҳӣ, шарокат, муносибати дутарафаи шахс ва предметҳо»* -ро ифода кардани исмҳои бо пешванди **ҳам-** сохташуда таъкид шудааст [ниг.: 4, с.119; 7, с.152-153].

Дар асарҳои насрии Мавлоно Ҷомӣ бо пешванди **ҳам-** аз иқтибосоти арабӣ танҳо се калима сохта шудааст, ки онҳоро чунин тасниф кардан мумкин аст:

а) Аз исми моддии ***инон***, ки ба маънои *«лаҷом, ҷилав, афсор»* меояд [14, с.481], исми модди ифодакунандаи шахси ***ҳаминон*** сохта шудааст. Ин вожа маъмулан ба маънои *«1. ҳамроҳӣ дар сафаре, ки бо ҳайвони саворӣ сурат мегирад; 2. шахсе, ки дар сафари бо ҳайвони саворӣ суратгиранда шахси дигарро ҳамроҳӣ мекунад»* корбаст мешавад. Нависанда онро ба маънои якум ба кор бурдааст. Вожаи ***ҳаминон*** на ба вазифаи исм, балки ба вазифаи зарфи тарзи амал омадааст:

Бомдоде мубади мубадон бо Қубод ***ҳаминон*** *мерафт* [18, с.362].

б) Аз исмҳои маънии ***суҳбат*** ва ***сабақ*** исмҳои моддии шахси ***ҳамсуҳбат*** ва ***ҳамсабақ*** сохтааст, ки дар забони имрӯза низ дар истеъмоланд. Исмҳои ***ҳамсуҳбат*** ва ***ҳамсабақ***ро нависанда ҳамчун хабари номӣ бо феъли ёвари ***будан*** ба кор бурдааст:

Хидмати Хоҷа Убайдуллоҳ фармуданд, ки хидмати Мавлоно Яъқуб бо Шайх Зайниддини Хавофӣ, раҳимаҳумуллоҳу таоло, пеши Мавлоно Шаҳобуддин Сайрофӣ ***ҳамсабақ*** *буданд* [19, с.497]; *Вайро мегуфтам: «Биё, то як рӯз* ***ҳамсуҳбат*** *бошем». Иҷобат намекард* [19, с.497].

Хулоса, аз иқтибосоти арабӣ сохта шудани калимаҳо бо пешвандҳои тоҷикӣ гувоҳи он мебошад, ки чунин вожаҳои иқтибосӣ ҳанӯз дар замони зиндагии нависанда дар забони тоҷикӣ ҳазм гардида будаанд.

Муқарриз: ***Мирзоева М.М.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Байзоев, А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар «Донишнома»-и Абӯалӣ ибни Сино / А. Байзоев. – Душанбе: Андалеб Р, 2016. – 196 с.

2. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ / М. Баҳор. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
3. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Таҳият матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. – Душанбе: Адиб, 1993. – Ҷ. 1. – 416 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология / Муҳаррирони масъул: Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1985. – Ҷ. 1. – 356 с.
5. Ғаффоров, Р. Услубшиносӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11 / Р. Ғаффоров, С. Ҳошимов, Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1995. – 192 с.
6. Ғиёсиддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров / Муҳаммад Ғиёсиддин. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ. 1. – 480 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ / муҳаррири махсус Ш. Рустамов – Душанбе: Маориф, 1982. – Қ. 1. – 464 с.
8. Камолиддинов, Б. Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
9. Низомова, С. Калимасозии сарфӣ дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ. Монография / С. Низомова. – Душанбе, 2010. – 178 с.
10. Низомова, С.Ф. Калимасозӣ дар насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология / С. Ф. Низомова. – Душанбе – 2019. – 328 с.
11. Пейсиков, Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка / Л.С. Пейсиков. – М., 1973. – 199 с.
12. Расторгуева, В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка / В.С. Расторгуева // Таджикско-русский словарь: под редакцией М.В. Рахими и Л.В. Успенская. – М.: Государственное издательство иностранных и национальных словарей, 1954. – С.529-570.
13. Расторгуева, В. С. Среднеперсидский язык / В.С. Расторгуева, Е.К. Молчанова // Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. – М., 1981. – С.6-146.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.
16. Фитрат. Қоидаҳои забони тоҷикӣ / Фитрат // Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ; Фитрат. Қоидаҳои забони тоҷик; Бектош. Дар атрофи забони адабии тоҷик: мураттибон ва муаллифони сарсухан Д. Хоҷаев, П. Гулмуродзода, Р. Шодиев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – С. 93-160.
17. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 254 с.
18. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ. 7. - 544 с.
19. Ҷомӣ, Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс / Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе, 2013. – 866 с.
20. Шодиев, Р. Феъл дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (маъно ва сохтор) / Р. Шодиев. – Душанбе, 2012. – 152 с.

ИМКОНОТИ КАЛИМАСОЗИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ БО ПЕШВАНДҲОИ ТОҶИКӢ ДАР АСАРҲОИ НАСРИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

(дар мисоли «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»)

Дар мақола роҷеъ ба имконоти калимасозии иқтибосоти арабӣ бо пешвандҳои тоҷикӣ дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» сухан меравад. Таъкид карда мешавад, ки бо пешвандҳо сохтани калимаҳо низ яке аз усулҳои маъмултарини калимасозии забони тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, барои ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон аҳаммияти калон дорад. Моҳирона истифода бурдан аз имконоти калимасозии пешвандҳо на танҳо барои рангину дилчасп баён кардани фикр мусоидат менамояд, балки эҷодкори бомаҳорат бо истифода аз чунин имконоти калимасозӣ вожаҳои нав офарида, ба ин восита ҳам ҳадафи услубии хешро моҳирона баён менамояду ҳам дар бой гардидани сарвати маънавии забон ҳисса мегузорад. Ҳарчанд дар асарҳои зикршудаи нависанда калимасозии иқтибосоти арабӣ бо пешвандҳои тоҷикӣ он қадар мавқеи назаррас надорад, баррасии ин масъала барои муайян намудани баъзе паҳлуҳои хосси эҷодиёти нависанда аҳаммиятнок мебошад. Аз иқтибосоти арабӣ бо пешвандҳои **ба-, бо-, бар-, бе-, дар-, но-, ҳам-** сохта шудани калимаҳо нишон дода шуда, дар мавридҳои зарурӣ бо пасвандҳо ҳаммаъною ҳамвазифа шудани баъзе аз ин пешвандҳо зикр мегардад. Дар охир муаллиф ба хулоса меояд, ки аз иқтибосоти арабӣ сохта шудани калимаҳо бо пешвандҳои тоҷикӣ гувоҳи он мебошад, ки чунин вожаҳои иқтибосӣ ҳанӯз дар замони зиндагии нависанда дар забони тоҷикӣ ҳазм гардида будаанд.

Калидвожаҳо: забон, калима, калимасозӣ, пешванд, пасванд, таркиби луғавӣ, иқтибосоти арабӣ, нависанда, исм, сифат, зарф, муродиф, унсури морфологӣ.

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ АРАБСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ С ТАДЖИКСКИМИ ПРЕФИКСАМИ В ПРОЗЕ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

(на примере «Нафаҳот-ул-унс» и «Баҳористон»)

В статье речь идёт о словообразовательных возможностях арабских заимствований с таджикскими префиксами в прозе Абдурахмана Джами – «Нафаҳот-ул-унс» и «Баҳористон». Подчеркивается, что образование слов при помощи префиксов является одним из традиционных способов словообразования таджикского языка, которое способствует обогащению словарного запаса. Мастерское использование деривационных возможностей префиксов способствует не только своеобразному и эффектному выражению мысли, но и появлению новых слов, выражающих стилистические цели писателя, и обогащению духовных ценностей языка. Хотя в указанных произведениях писателя словообразование арабских заимствований с таджикскими префиксами не занимает особого места, рассмотрение данного вопроса имеет значение для определения некоторых сторон творчества писателя. В статье продемонстрировано словообразование

арабизмов при помощи префиксов **ба-, бо-, бар-, бе-, дар-, но-, ҳам-,** и отмечено их синонимичные отношения с суффиксами. В завершении автор приходит к выводу, что словообразование арабских заимствований с таджикскими префиксами свидетельствует о том, что данные лексемы ещё при жизни писателя широко употреблялись в таджикском языке.

Ключевые слова: язык, слово, деривация, префикс, суффикс, словарный состав, арабские заимствования, писатель, существительное, прилагательное, наречие, синонимы, морфологические элементы.

EDUCATIONAL OPPORTUNITIES OF ARABIC BORROWINGS WITH TAJIK PREFIXES IN PROSE ABDURAHMAN JOMI (on the example of "Nafahot-ul-one" and "Bahoriston")

The article deals with the word-building opportunities of Arabic borrowings with Tajik prefixes in the prose of Abdurahman Jami - “Nafaqot-ul-oops” and “Bahoriston”. It is emphasized that the formation of words using prefixes is one of the traditional methods of word formation of the Tajik language, which contributes to the enrichment of the vocabulary. The masterful use of derivational possibilities of prefixes contributes not only to a peculiar and effective expression of thought, but also to the emergence of new words expressing the stylistic goals of the writer and enriching the spiritual values of the language. Although the word-formation of Arabic borrowings with Tajik prefixes does not occupy a special place in these writer's works, the consideration of this issue is important to determine some aspects of the writer's work. The article demonstrates the formation of Arabicisms using the prefixes **ba-, ba-, bar-, ba-, dar-, no-, ham-** and their synonymous relations with suffixes are noted. In conclusion, the author concludes that the word formation of Arabic borrowings with Tajik prefixes indicates that these tokens were widely used in the Tajik language even during the writer's life.

Key words: language, word, derivation, prefix, suffix, vocabulary, Arabic borrowings, writer, noun, adjective, adverb, synonyms, morphological elements.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷумъаев Меҳроб Одинаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи таърихи забон ва типология. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-589 64-08**

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры история языка и типологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-589 64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** – Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-589 64-08**

УДК: 491.550-2

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ МАФҲУМҲОИ ҲУНАРМАНДӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Диалектизмҳои лексикӣ дар қатори калимаҳои умумитоҷикӣ як қабати махсуси луғати лаҳҷаҳои маҳаллиро ташкил медиҳанд. Онҳо одатан дар доираи интишори ин ё он гурӯҳи лаҳҷаҳо ё шеваҳои алоҳида ба кор мераванд ва тамоми ҳудуди истеъмоли забони умумимилллиро фаро гирифта наметавонанд. Ин навъи воҳидҳои нутқ дар лаҳҷашиносӣ зери мафҳуми “калимаҳои хосси лаҳҷа” ё худ ба истилоҳ “диалектизмҳои лексикӣ” шинохтаву тадқиқ карда мешаванд.

Диалектизмҳои лексикӣ, аз як тараф, дар бобати ҷудо намудани як лаҳҷа аз дигар лаҳҷаҳои забон меъёр ҳисоб ёбанд, аз дигар тараф, онҳо барои фарқ намудани ин ё он лаҳҷа аз забони адабӣ хизмат мекунанд. Оид ба моҳияту мазмуни диалектизмҳои лексикӣ дар забоншиносии рус олимон кайҳо арзи ақида карда буданд. Дар луғати сеҷилдаи энсиклопедӣ, ки соли 1953 ба табъ расидааст, истилоҳи “диалектизм” ба таври зерин маънидод шудааст: “Калима ё ифодаҳое, ки ба ин ё он мавзеъ, ё ягон лаҳҷа дахл дошта, дар забони адабии умумихалқӣ дучор намеоянд” [21, с.547]. Ҳамин гуна як кӯшиш дар ин бобат аз ҷониби мураттибон дар луғати калимаҳои хоричӣ низ ба назар мерасад: “Диалектизм калима ё маҳфуме мебошад, ки ба ягон лаҳҷа мансуб буда, дар забони адабӣ ба кор намеравад”.

Натиҷагирӣ аз мазмуну муҳтавои истилоҳи “калимаи хосси лаҳҷа” ба баъд ҳам идома ёфт. Академик Филин Ф.П. соли 1961 собит намуд, ки калимаҳои хосси лаҳҷа ҳавзаи муайяни истеъмол доранд ва онҳоро аз таркиби луғавии забони адабӣ ёфтан мумкин нест. Ӯ мегӯяд: “Агар калима изоглосс (доираи истеъмол)-и муайяни худро надошта бошад, қатъи назар аз муносибати он ба ин ё он қисмати лексика, диалектизми лексикӣ буда наметавонад” [18, с.22]. Яъне, диалектизмо доираи муайяни истеъмоли худро доранд ва ҳатто агар жарфтар амиқтар назар афканем дар баъзе мавридҳо маъною мафҳуми як вожа барои намояндаи лаҳҷаи дигар бегона буда метавонад. Масалан, таркиби луғавии *салту сувайт* (писари муҷаррад) хосси лаҳҷаи Қаратоғ буда, барои намояндагони шеваи ҷанубӣ бегона аст.

Профессор Калинин А.В. менависад, ки “Ин (диалектизм - Г.А.) калима, ибора, таркиби овозӣ ё аломати махсуси грамматикист, ки мансуб ба лаҳҷа буда, ҳамчун унсури забони адабӣ қабул кардани он мумкин нест” [8, с.124]. Дар ин бобат олим бамаврид қайд намудааст, зеро, дар ҳақиқат, дар забони тоҷикӣ низ ин падидаро мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, гарчанде маънои вожаи “*лачак*” дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” дарҷ нагашта бошад ҳам, аммо дар дигар фарҳангҳо, ки асосан, мураттабкунандагони онҳо рӯ ба лаҳҷаву шеваҳои тоҷик ниҳодаанд, маънои ин калима хеле дақиқ дода шудааст: *“Лачак*" парчае буд, ки занон дар мӯй ва зери гулӯ мебастанд.

Луғатшиноси маъруф Шанский Н.М. оид ба ин истилоҳ арзи ақида карда, андешаи худро ба таври зерин ҷамъбаст менамояд: “Диалектизмҳои лексикӣ калимаҳое мебошанд, ки дар забони адабӣ роиҷ нестанд” [20, с.118]. Дар китоби дарсии “Русская диалектология” зимни маънидоди истилоҳи «диалектизми лексикӣ» назари муаллифон ин тавр аст: “Калимаҳои маҳаллӣ, ки решаи онҳо дар забони адабӣ вуҷуд надорад, ё худ шаклҳое, ки аз решаҳои адабӣ сохта мешаванд ва дар лаҳҷа маънои махсус пайдо мекунанд, диалектизми лексикӣ мебошанд” [12, с.258]. Аксарияти калимаҳо, ки дар забони адабӣ дорои маънои муайян мебошанд, дар лаҳҷаву шеваҳо ба маънои дигар низ омада метавонанд. Ба ин мисол шуда метавонанд калимаҳои *сарак* (хасҳои хурд ва сангчаҳою шолӣ дар биринҷ), *сархорӣ* (рӯйпӯшӣ девор), *чашмак* (нигина) ва ғ.

Мураттибони луғати истилоҳоти забоншиносӣ Розенталь Д.Э. ва Теленькова М.А. дар хусуси истилоҳи мазкур чунин ақида доранд: “Номи маҳаллии ашёву ҳодисотест, ки дар забони адабӣ муодили дигар дорад» [11, с.96]. Масалан, муодилҳои истилоҳи тиббии “исҳол” дар лаҳҷаву шеваҳои *тоҷик дилрав, шикамрав, дилпечак, шикамдард, дарунрав, рудапечак* шуда метавонад.

Бояд гуфт, ки дар бобати ҷудо намудани диалектизмҳои лексикӣ аз дигар воҳидҳои луғавии забон ба ҳисоб гирифтани таносуби оҳангу маънии калимаҳо ба ашёву рӯйдодҳои олами воқеӣ ва муносибати этимологии онҳо нисбат ба ҳодисоти табиат дар доираи интишори шеваву лаҳҷаҳо аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад. Блинова О.И. дуруст қайд мекунад, ки: “Ҳамоҳангӣ миёни воқеаҳо яке аз воситаҳои асосии муносибати ҳамдигарии онҳо дар системаи лексикии ҳар як лаҳҷа ба шумор меравад” [2, с.63].

Аз ин тафсилоти мухтасар бармеояд, ки диалектизми лексикӣ чунин воҳиди луғавиест, ки дар доираи густариши ин ё он лаҳҷа ё гурӯҳи лаҳҷаҳои як шева истеъмол меёбад ва хатти интишори он то забони адабӣ ва шеваҳои дигар тӯл намекашад.

Дар лаҳҷашиносии тоҷик умуман истилоҳи “диалектизм” аз нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX мавриди истифода қарор гирифт. Дар доираи солҳои 60-уми қарни XX Хромов А.Л. низ аз ин истилоҳ истифода намуд, вале оид ба нишонаҳои фарққунанда, манбаъҳои пайдоиш ва умуман хусусиятҳои диалектизми лексикӣ аз асарҳои онҳо чизе ба назар намерасад» [17, с.83]. Бештар диалектизмҳои лексикӣ дар доираи лаҳҷаву шеваҳо таҳқиқу таҳлил карда мешаванд. Пас аз он ки шевашиносони тоҷик ба мураттаб сохтани луғатҳои лаҳҷавӣ машғул шудаанд ва лексикаи лаҳҷаҳои алоҳида мавриди тадқиқ қарор ёфт, доир ба ин мавзӯъ фикрҳои ҷолиб ба майдон омадаанд [10, с.17]. Зеро маҳз дар ҳамин давра забоншиносон тасмим гирифтанд, ки ба таҳқиқу таҳлили диалектизмҳои лексикӣ ва ҷанбаҳои ҳаматарафаи ин гурӯҳи калимаҳо амиқтару жарфтар шуғл варзанд. Бахшида ба мавзӯи мазкур, аломатҳои асосӣ, хел ва омилҳои зуҳуроти диалектизмҳои лексикӣ дар мақолаи профессор Ғ. Ҷӯраев муфассал сухан ба миён оварда шудааст [19, с.33].

Дар ҳақиқат, дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои маҳаллӣ диалектизмҳои лексикӣ хеле зиёданд ва онҳо яке аз нишонаҳои махсуси лексикаи ҳар як лаҳҷа ҳисоб меёбанд. Зеро тавассути онҳо лаҳҷа, аз як тараф, аз забони адабӣ ва, аз ҷониби дигар, аз лаҳҷаҳои дигар ҷудо шуда меистад. Бинобар он, дар бобати шинохтани диалектизмҳои лексикӣ бояд ду меъёр ҳатман ба инобат гирифта шавад:

1. Иртиботи луғати лаҳҷа бо забони адабии муосир;
2. Иртиботи луғати лаҳҷа бо шеваю лаҳҷаҳои дигар.

Агар аз ҳамин дидгоҳ ба таркиби луғавии лаҳҷаҳои водии Ҳисор назар андозем, метавонем ба воҳидҳои зиёди луғавӣ рӯ ба рӯ оем, ки воқеан, ҳудуди васеи истеъмол надоранд ва изоглосси онҳо аз доираи лаҳҷаи мазкур берун рафта наметавонад. Аммо, баръакси ин, дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор боз калимаҳоеро низ пайдо кардан мумкин аст, ки доираи истеъмоли онҳо як андоза васеътар аст ва онҳо аз ҳудуди лаҳҷаи мазкур баромада, то лаҳҷаҳои ба он наздик рафта мерасанд. Инҳо дар маҷмӯъ диалектизмҳои лексикӣ мебошанд, ки ба лаҳҷаҳои водии Ҳисор дахл доранд.

То нимаи дуюми солҳои ҳафтоди асри XX дар лаҳҷашиносии тоҷик зимни пайравӣ бо олимони рус диалектизмҳоро ба навъҳои зиёд тасниф мекарданд: диалектизмҳои семантикӣ, диалектизмҳои этнографӣ, диалектизмҳои хосса (диференсиалӣ), диалектизмҳои фонетикӣ ва амсоли инҳо [10, с.36]. Аммо баъдтар Ғ. Ҷӯраев ва Ш. Исмоилов дар ифодаи навъҳои гуногуни диалектизмҳои лексикӣ танҳо аз ду истилоҳ – «диалектизмҳои лексикии нопурра» ва «диалектизмҳои лексикии пурра» истифода намудаанду бас [19, с.131], [5, с.7], ки ин ду истилоҳ, ба назари мо, комилан сазовори қабуланд, зеро таҳти маҳфуми онҳо метавон тамоми навъҳои диалектизмҳоро, ки муҳаққиқони қаблӣ дар рисолаҳои худ гурӯҳбандӣ кардаанд, муттаҳид сохт. Аз ин ҷиҳат муҳаққиқони баъдӣ низ ин истилоҳотро пазируфтаанд ва диалектизмҳои лексикии лаҳҷаҳои мавриди тадқиқи худро дар асоси ҳамин ду гурӯҳ ба тадқиқ гирифтаанд [7, с.9]; [3, с.6]; [4, с.7]; [13, с.8].

Диалектизмҳои лексикии нопурра дар ифодаи мафҳумҳои соҳаи ҳунармандӣ

Таҳти маҳфуми истилоҳи «диалектизмҳои лексикии нопурра» чунин унсурҳои нутқ дар назар дошта мешаванд, ки онҳо вобаста ба таркиби овозии худ бо забони адабӣ якхела бошанд ҳам, аз лиҳози маънӣ фарқ мекунанд. Яъне, маъниҳое, ки онҳо мефаҳмонанд, ба лаҳҷа дахл дошта, дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба кор намераванд ва, агар ба кор раванд ҳам, аз доираи лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ берун баромада наметавонанд. Ин навъи диалектизмҳо метавонанд, ки аз ҳисоби ҳам калимаҳои аслии тоҷикӣ ва ҳам калимаҳои иқтибосӣ ба вуҷуд биёянд. Як бахши луғати лаҳҷаҳои водии Ҳисор маҳз аз ҳамин гуна унсурҳои нутқ иборат мебошад. Масалан, калимаҳои, *аспак, зира, қаср,*

қошуқча, тур, лос ҳамин гуна хусусият доранд. Чунки инҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, махсусан дар Қаратоғ ба ғайр аз маънии умумиҳоҷикии худ (аспи хурдакак, тухми гиёҳи хушбӯй, кох, қошуқи хурд, матои бофташуда, барои моҳидорӣ, навъи оҳу), боз дар мафҳуми« як қисми асбоби бофандагӣ», «зиреҳи гардан», «асбоби чӯбине барои нишасти арӯсу домод», «пушти тоқипӯшак», «дохили хумдон», «абрешими сифаташ паст» кор фармуда мешаванд:

Аспаки Аминҷона ем дода, баъд ба бузкашак баред; *Аспаки* дӯкон шикаста рафтас (Қ)**.** *Зираи* аз бозор овардагетон тамоман бӯй надорад, тухми савзӣ аралаш кардагӣ; *Зир(а***)** и харидагем–а аку рӯзаки тӯякат–ба да(р) гарданакат мекунӣ (Б). Қасрҳои боҳашамата сохту ду рӯз ҳам зиндагонӣ накарда мурда рафт, Олимҷони ман. Зewи келину дӯмод ҳами *қаср-да (*Д). Як ҷошуқча авқоти мехӯрдагем заҳраки танем, то кай ин кӯдакои ман аз ман зиндаҷудо мегашта бошанд; Ҳаму *қошуқчи* тоқипӯшаки мана очи Қудратҷон а(з) латаҳаки ғавсакак дӯз, ки пуштаки саракам -ба хунукӣ нарасад (Ш); Ин *тӯри* келин гуфтагия аз ягон ҷой наёфтам, пага чӣ хел келинбинон мерафтошад; *Тӯра* нағзакак тоза кунем, мешад (И.А). Ин бовақонат ҳамиқа касали шуден, ки рошетон равем хавар гирем, ки *лос* шуда хов мегӯн; Ресмони гӯсола канда рафтас*, лоскати* барои гӯсола ресмон бофам (Ш).

Ба инҳо монанд, мегирем вожаҳои *фатела, жижак ва кокулдорак***,** *хомак,* ки дар забони адабӣ якумӣ дар маънии “ресмони ғафси пахтагӣ дар чароғи пилтасӯз”, дуюмӣ дар маҳфуми “асбоби мусиқӣ”, сеюмӣ ба маънии “духтари гесудор” ва чорумӣ ба маънои чизи нопухта ба кор мераванд. Аммо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор калимаи *фатела дар* маънии **“**ғалтаки махсусе, ки дар он зардӯзон зар мепечонанд”, *жижак* дар ифодаи маҳфуми “кафше, ки чармгарон барои арӯсон омода месозанд” ва воҳиди луғавии *кокулдорак* моҳиятан дар маънои “наъи қанде, ки қанодон омода месозанд” ва хомак ба маънои “навъи чоруқ” мавриди истифода қарор мегиранд: Фателаҳои чироғоя(ро) алиш куенетон, ки светмурӣ сар мешад; *Фатела-йа, ага*(р) а(з) чӯwи бесифат тайёр кунан(д), зар да(р) вай намечаспад (И.А). Аҳмадҷон бо ҳаму *гижаки* зормондеша гифта, гуму гӯр гумшуда рафтас; Арӯс ҳамон кафшҳои *гижакашро* пӯшад имрӯз да(р) пеши дӯсту душман (Қ) ; Ин паризоди *кокулдорака а(з)* куҷо келинкара оварошан, да (р) ин гирду гузаро ин хели духтар набуд; Отеш, ду- се килло қанди *кокулдорак* биёред**,** меҳмон мебиёд (Қ).

Ба ин гурӯҳ боз калимаҳои *қавза ва мурғакро* низ дохил намудан мумкин аст, ки маънии луғавии онҳо дар забони адабӣ “чизе, ки дар мушт ҷо шавад” ва “чӯча, мурғаки майда” мебошад. Вале дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба ғайр аз маънои аслии хеш онҳо табдили маънӣ намуда, *қабза* маҳфуми “андоваи даҳони дудбарои хона” ва *мурғак м*аънии умуман “дудбаро”-и печкаи кулолиро ифода мекунанд: А(з) ҳаму бозор омадеду я (к) қавзаҳак гашнич новаред; Акнун *қабзая(*ро) аз нав кунем мешад, дадеш(Қ). *Мурғаки* ҷола - ҷолая(ро) кушта, да кампири Марзия мурғшӯрбо кунетон; *Мурғака* (ро) тоза накунем намешад, дуда лағат кара рафтас(т)(Қ); *Қавзая*(ро) аз нав каран лозим (Қ).

Мисли ин вожаҳои *қулфак, печак, чок, пари паша***,** ки маънии луғавии онҳо дар забони адабӣ ба ҳама маълум аст, вале дар лаҳҷаҳои мазкур ба ғайр аз маъноҳои аввалаашон табдили маънӣ кардаанд: вожаи якум ба маънии “матои чоркунҷаи хурде, ки барои танг наомадани остини курта васл карда мешавад”, калимаи дуюм ба маънии “як навъи қанд”, воҳиди луғавии сеюм дар ифодаи маҳфуми “дарз, либоси дӯхтанӣ”, ибораи чорум ба маънии “як навъи алочаи гаронбаҳое, ки бофандагони маҳаллӣ истеҳсол менамоянд” ба кор мераванд: *Қулфака*(ро) гум, ки кардӣ то бегонӣ сарсону саргардон мегардӣ; *Бе қулфак* курта(а)м танг омадаст (Ш)**;** *Печакҳои* ҳаёчая тоза кунем баъд мерем; *Печак-а* а(з) магазин харидам (Д); Куртеша *чок* кара, базӯр аз сари Манзура буроварам; Да(р) хона *чок* дӯхта шиштас (И.А). Ҳамиқа хонаҳо беодами мондан, ки *паша пар* намезанад; Алоч(а) и *пари паши* хеле қимат будас (Қ).

Бояд қайд кард, ки доираи густариши иддае аз диалектизмҳои навъи боло як андоза васеъ аст ва онҳо ғайр аз лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар баъзе лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ низ дучор меоянд. Ба ин гурӯҳ воҳидҳои луғавии *печак, қулфак ва чок* -ро нисбат додан мумкин аст.

Диалектизмҳои лексикии пурра. Диалектизмҳои лексикии пурра чунин гурӯҳи вожаҳое мебошанд, ки аз рӯйи шакли фонетикиву маънии луғавии худ ба ин ё он лаҳҷа дахл дошта, маънои онҳо дар забони адабӣ ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ кор фармуда намешавад, агар кор фармуда шавад ҳам, доираи интишори онҳо чандон васеъ нест ва аз

ҳудуди лаҳчаҳои ҳамгурӯҳ берун баромада наметавонанд. Ин навъи вожаҳо як қисмати асосии луғати ҳунармандии лаҳчаҳои водии Ҳисорро ташкил дода, дар забони адабӣ мафҳумҳое, ки онҳо ифода мекунанд, муодили дигар доранд.

Диалектизмҳои лексикии пурра дар тамоми соҳаҳои зиндагии мардуми водии Ҳисор ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, мо онҳоро ба таври зерин метавонем гурӯҳбандӣ намоем:

1. Калимаҳое, ки мафҳуми предметӣ доранд. Ин навъи калимаҳо тамоми тарафҳои рӯзгори мардуми Ҳисорро дар бар мегиранд:

1.1. Калимаҳое, ки ба ҳунари пазандагӣ марбутанд: *ӯгурчагӣ* (пиёзу гашничи кӯфташуда), *тиғма* (чакаи дар халта кабутию занҷабил кардашуда), б*уламоқ* (як навъи атола), *гунгина* (гандумҷӯшак), *салача* (хамири тасма–тасма буридашудаи дар равған бирёнкарда), *қайиштуппа* (туппаи дар қабурғаи гов пухташуда), *шира* (шираи хамири бо райҳону пудина пухташуда), *биринҷowa* (шӯла), *сақичак* (часпидагии суманак дар таги дег), *қасмоқ* (оши дар таги дег часпидагӣ), *тарғарфа* (шакароб бо нони тунук) ва ғ.

1.2. Номи либосҳо, асбобҳои ороиш ва зебу зинат*: пашакишкиш, дастнарасон, барача, owи равон, пари паша* (номи матоъҳо), *қасаба*, *тоқипӯшак* (навъи тоқӣ), *гӯлабанд* (гарданбанди бофташуда аз муҳраи гарди хазина*), сарпоча* (шерозпоча), *пешонибандак* (рӯймолча), *дасмолак* (дастрӯймол), *сарсӯзанак* (сӯзанаке, ки рӯймоли тунукро дар болои тоқӣ нигоҳ медорад) ва ғ.

1.3. Номи асбобҳои рӯзгоре, ки кулолон ва оҳангарон тайёр менамоянд: *чучамуш* (шӯрбокашак), *қандow* (шоҳкоса), *гуловӣ* (табақи чуқури оҳанӣ), *лайлогу / йадаста* (зарфи оҳании дастадори обрезӣ), *чаламчин* (косаи дастшӯй*), сархурма* (хурмаи калони сафолин), *қулқулак* (кӯзаи сафолине, ки гардани дарозу борик дошта, барои хунук нигоҳ доштани об истифода мебаранд), *кӯгичаҳушток* (ҳушпулаки сафолине, ки дар шакли кӯзачаи хурд омода карда шудааст).

2. Калимаҳое, ки маҳфуми ғайрипредметӣ доранд. Ба ин гурӯҳ силсилаи вожаҳое дохил мешаванд, ки сифат, аломат, хислату хусусият, амалиёти одамону ҳайвонот ва маҳфумҳои абстрактро ифода менамоянд:

2.1. Калимаҳое, ки сифати ашёҳои гуногуни ҳунарманд истеҳсолкардаро ифода менамоянд: *аҷала-бачала* (нақши качу килеб), *йалақ-йулуқ* (алочаи пурҷило), *сим-сим* (рӯймоли аз наххои сунъӣ бофташуда).

2.2. Калимаҳое, ки маҳфуми амалу ҳаракатро дар бар мегиранд. Инҳо аслан феълҳое мебошанд, ки ду шакл доранд: шакли сода ва таркибӣ:

2.2.1. Феълҳои сода: *гулowидан* (баҳра гирифтан аз ашёи тайёркардашуда), *қирондан* (тоза кардани пашм), *таровондан* (рангро аз алоча дур кардан).

2.2.2. Феълҳои таркибӣ. Инҳо асосан феълҳои таркибии номианд, ки ҷузъи номии онҳо хусусияти лаҳҷавӣ дорад: *ранг задан* (баромадани ранги алоча), *шахшӯл шудан кар(д)ан* (дурушт баромадани матои алоча), *ковок шудан* (нарм шудани пахта ҳангоми сафедкунӣ), *даста мондан* (мондани шохчаҳо дар таги кирмак барои танидани абрешим), *пӯпак рехтан* (тайёр намудани пӯпак барои тоҷӣ), *бод гирифтан* (амале, ки ҳангоми шерозгирии ҷома ба сомон расонида мешавад), *даҳани фаранг кар(д)ан* (барои рангро хуб қабул кардани матои алоча, аввал онро дар модае, ки «даҳани фаранг» ном дорад тар мекунанд), *зӯгута* кар(д)ан (печонидани риштаҳо дар асбоби бофандандагӣ), *лос задан* (бо лосчӯб суфта кардани риштаи абрешимӣ), *авр мондан* (нақш мондан дар матои алоча), *найча кар(д)ан* (дар ғалтак печонидани риштаҳо), *ҳалоҷӣ кар(д)ан* (аз пундона тоза кардани пахта), *кучукак бастан* (аз шона накардан часпидани пашми гӯспанде, ки аз пашми он риштаи пашми мересанд), *торс -торс ҷагидан* (кафидани табақи чӯбин).

Дар феълҳои таркибии номӣ феъли ёридиҳандаи кардан ҳамеша дар шакли лаҳҷавии каран ба кор меравад.

Дар ин маврид феъли «*бод гирифтан*» каме тафсир мехоҳад. Ин таркиби луғавиро дар ҳолати шероз гирифтани ҷома вирди забон меоранд. Ин амалиёт аз ҳама кори мушкил ҳангоми дӯхтани ҷома ба ҳисоб рафта, камаш як рӯз идома меёбад. Барои ба сомон расонидани ин кор ба ғайр аз шахси ҷомадӯз боз як нафари дигар ширкат меварзад. Шахси ёридиҳанда риштаҳои абрешимиро дар байни ангуштонаш моҳирона ҷой карда, аз ҷомадӯз се метр дуртар дар рӯ ба рӯ менишинад ва тавассути ангуштонаш ҷойи риштаҳоро иваз кардан мегирад. Ҷойивазкунии риштаҳоро тавассути ангуштон *бодгирӣ* меноманд. Ҳангоми бодгирӣ, яъне ҷойивазкунии риштаҳо, ҷомадӯз онро ба ҷома медӯзад.

Дар ҳақиқат, шерози дастӣ зеби ҷомаи мардон буда, аз рӯйи гирифтани шероз, ҳатто дар ин мавзеъ синну соли соҳиби ҷома муайян карда мешавад. Масалан, агар барои шахси муҷаррад ҷома дӯхта шавад, ҳатман шерози ҷомаи ӯ аз риштаи гулобӣ гирифта мешавад. Барои мардони чиҳилсола аз риштаи нофармон шерози ҷомаашонро омода менамоянд. Мардони аз чиҳил боло риштаи ниловиро барои ҷомаи худ қобили қабул медонанд. Барои мӯйсафедон бошад, шерозгириро бо риштаи сабз ба сомон мерасонанд.

2.3. Калимаҳое, ки ба ченак, андоза ва вазн мансубанд: *йа мисқол* (4, 68 гр), *этимак* (2 кг, 90 гр), *мискинак* (46 гр), *йа қулоч* (як метр), *йа арасот, йа галла* (бисёр), *як учқун* (камтарак), *иқарак* (камтарак), *йа пут* (як пуд), *йа этак* (як халта), *йа чодир, йа ҷувол, йа қанор* (ниҳоят бисёр), *тӯна* (тонна), *сенер* (сентнер), *гектор* (гектар).

Диалектизмҳои лексикии пурра вобаста ба хатти интишори худ аз якдигар фарқ мекунанд. Ин фарқият дар он зоҳир мегардад, ки як қисми онҳо танҳо дар маҳдудаи лаҳҷаҳои ин мавзеъ ба кор мераванд, аммо қисми дигар аз доираи ин лаҳҷа баромада, дар баъзе аз лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ истеъмол меёбанд.

Дар воқеъ, ин ҳодиса хеле маъмул аст ва дар ҳама шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, дар тадқиқоти баъзе олимон онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда шуда, таҳти номи «диалектизмҳои лексикии мухолиф» ва «диалектизмҳои лексикии ғайримухолиф» мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд [5, с.7]. Дар мақолаи мо низ диалектизмҳои лексикии пурра дар иртибот ба ҳамин ду гурӯҳ тадқиқ карда мешаванд.

Ба гурӯҳи якум диалектизмҳое дохил мешаванд, ки доираи истеъмолашон васеъ буда, дар як қисми лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ ҳам кор фармуда мешаванд. Масалан, вожаҳои *пиёва, лакоw, бухча, чавкандӣ, дедонкалон, қадоқгар, куртаи иҷowӣ, таноwи берашумӣ, ташноwи сафолӣ, мелок, алочаи бирешумӣ, чахдеги сафолӣ, лозимии шоҳӣ, мошкичирӣ, ширбат*, *загерӣ* ба ғайр аз лаҳҷаҳои Ҳисор дар лаҳҷаҳои Конибодом, Рашт, Кӯлоб низ ба кор мераванд [15, с.7]; [5, с.6]; [3, с.8]; [13, с.23].

Ба гурӯҳи дуюм диалектизмҳое мансубанд, ки доираи интишорашон маҳдуд аст ва аз мавзеъҳои паҳншудаи лаҳҷаҳои водии Ҳисор берун рафта наметавонанд*: пари паша* (навъе аз алоча), з*оғак, аспак, нӯлак* (қисми дӯкони бофандагӣ), *нақши аҷал-баҷал* (кашу килеб), *кӯракӣ* (навъи фатир), *мулоймак* (шавла), *гунгина* (навъе аз хӯроки ба кӯча шабоҳатдошта), *шира* (навъе аз хӯрок). Дар лаҳҷаи Тагнов вожаи гунгинаро диалектизмҳои *дангича* ва *далда,* дар баъзе лаҳҷаҳо бошад, воҳиди луғавии *кашк б*адал месозанд [3, с.53].

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар бештари ҳолатҳо диалектизмҳои ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор калимаҳои иқтибосӣ низ мебошанд:

1. Унсурҳои арабӣ: *ҳавлои маъракагӣ* (ҳалвое, ки дар маросимҳо омода месозанд), *ҳавлои лавз* (ҳалвои аз чормағз тайёркардашуда), *касби авлодӣ* (пешае, ки аз гузаштагон мондааст), *марҷон* (навъе аз муҳра), *муҳра* (ороиши занон) *китобпӯшонак* (ҷилди китоб), *қаламмонак* (қаламдон), *қасаба* (тоқӣ) ва ғ.

2. Унсурҳои турки-ӯзбекӣ: буламоқ (навъи отала), қайиш туппа (туппаи дар оби гӯшт пухташуда), *қотурма* (навъе аз чалпак), *қалама* (нони варақии дар равған бирёншуда) *қӯрмоқ*, (омехтаи қаймоқ ва чурғот), *қайла қайиштупа* (як навъи хӯроки хамирӣ*), ялогуи мисин* (обрезак) *, чапон* (ҷома) *тӯпӣ (*тоқӣ), *бойхотун* (навъе аз матоъ), *тӯкма тукул* (навъе аз матоъ) ва ғ.

3. Унсурҳои русӣ-байналмилалӣ: *безрукофка* (безрукава), *дуваратника* (варатник), *какеткача* (какета), *тӯр* (тюл), *гирбишин* (крепдешин), *истанок* (станок), *малмало*т (мармелад), *шакалот* (шоколад), *хиворост* (хворост), *пичинак* (печенье), *артил* (ателье), *шулкавой* (шёлк), *шарфак* (шарф), *тортак* (торт), *касинка* (косинка) ва ғ.

Ин унсурҳои иқтибосӣ бар асари тағйироти овозӣ ва қисман ба ҷиҳати пайдоиши маъноҳои лаҳҷавӣ дар онҳо имрӯз ҳамчун диалектизми лексикӣ шинохта мешаванд.

Қонунҳои дохилии инкишофи лексикаи худии лаҳҷаҳои мазкур. Тараққӣ кардани соҳаҳои ҳунармандӣ боиси пайдо шудани вожаҳое гардиданд, ки фақат хосси ин лаҳҷаанд. Инҳо чунин гурӯҳҳоро дар бар мегиранд:

1 Соҳаи бофандагӣ: *зугӯтакунӣ* (печонидани ришта), *маштут* (танидани риштаҳои бофандагӣ), *алчимбар* (матои сербар), *нахбанд* (нахҳои кандашударо мебандад), *косгул* (гули калон), *зоғак* (як қисми дӯкон), *парипаша* (як навъи алоча), *рӯзи тайёр* (номи нақш), *калоwакор* (шахсе, ки ришта калоба мекунад ва риштаҳои ресидаро шуставу хушк карда,

барои дӯхтан ё бофтан омода месозад), *қоқмабофӣ* (бофтани як навъ гилеми шахшӯл), *сарпочабофӣ* (шерозпочабофӣ) ва ғ.

2. Соҳаи дӯзандагӣ: *дилак* (нусхаи пешаи курта), *гирwочи дандонакдор* (як навъи гиребони курта), *торичимилиқӣ* (гулдӯзии тори чодари арӯс), *ойнахалта* (халтача барои нигоҳдории оина), *қулwоқча* (халтача барои нигоҳдории китоб), *чойхалта* (халтача барои нигоҳ доштани чой), *оча-бача* (ҷойнамози дар шакли даврa гулдӯзӣ кардашуда), *қошуқча* (пушти тоқипӯшак), *лаҷакдӯз* (шахси рӯймолдӯз), *даравшакӣ* (сӯзанӣ), *даврӣ* (ҷойнамоз) ва ғ.

3. Соҳаи чармгарӣ: *кемухт* (як навъи чарм*), гижас* (кавши арӯсон), *шипак* (кафши пошнапаст), *тӯқумдӯз* (куҳнадӯз), *тулумдӯз* (шахсе, ки ба тулумдӯзӣ машғул аст).

4. Соҳаи қаннодӣ: *парварда* (набот), *чилчӯw* (чӯби спиралшакле, ки барои расонидани бех истифода мешавад), *пӯпакдорак* (як намуди қанде, ки қоғазашро ба мисли пӯпак мебуранд), *хурӯсак* (қанде, ки шакли хурӯсро дорад), *каллақанд* (қанди калон). Оид ба вожаи "*пӯпакдорак"* ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки ин калима бо таркиби ибораҳои "тоқии *пӯпакдорак*", "шерозпочаи *пӯпакдорак*", "ҷамолаки пӯпакдорак", "тӯфи *пӯпакдорак*" низ меояд, ки дар ин мавзеъ ин калимаҳо хеле серистеъмол мебошанд.

5. Соҳаи оҳангарӣ: *пилтачирог* (чароғи пилтагӣ), *осмончирог* (чароғе, ки дар тори хона меовезанд), *шайтончирог* (як навъи чароғ), *сиёҳчирог* (чароғи сиёҳ), *дастчироғ* (фонус), *пайтеша* (тешае, ки тавассути он пай гузошта мешавад), *лосчӯw* (сихи оҳание, ки тавассути он риштаро маҳин мекунанд), *каҷкорд* (корде, ки маснуоти кулолиро тарошида рост мекунанд).

6.Соҳаи кулолӣ: *кӯгичаҳуштоқ* (як навъи бозичаи кӯдакона), *тawоқи қаймоқмонӣ* (табақ барои гирифтани қаймоқ), *қулқулак* (кӯзаи гарданборики дароз), *аспакчӯб* (як қисми дӯкон), *кулолхона* (ҷойи кулолгарӣ).

Бояд қайд кард, ки вобаста ба қонунҳои дохилии лаҳҷаҳои водии Ҳисор барои ифода намудани як маҳфум якчанд калима ба кор меравад, ки бо ин роҳ бандҳои синонимӣ пайдо мешаванд: *гирвончадор, яқадор*, (гирвончадор); *таноw, арғамчин, респон, канав* (банд); *корсон, тағора, лаганд* (зарфи калон); *лозимӣ, шалвор, эзор* (поҷома); *бетонак, кастурул, каталак* (зарфи хӯрокбарӣ); *сепушка, кале, зира* (гарданбанд), *беостинак, васкак, камзӯлча, безруковка* ва ғ.

Қонуну қоидаҳои лаҳҷавӣ чунон устуворанд, ки баъзан вожаҳои меъёриро ба худ мутобиқ месозанд. Дар ин маврид унсурҳои забони адабӣ ё ба тағйироти фонетикӣ гирифтор мегарданд, ё маънии лаҳҷавӣ пайдо мекунанд:

а) Ба тағйироти фонетикӣ дучор мешванд**:** *ҷума* (ҷома), *осмончирог* (осмончароғ), *owи pawон* (оби равон - навъе аз матоъ), *нӯмол* (рӯймол), *берашум* (абрешим), гулоw (ранги гулоб), *дасмол* (дастмол) ва ғайра.

б) Маънои лаҳҷавӣ пайдо менамоянд: *очабача* (ҷойпӯши калон ва хурд), *зиҳак* (шерози поҷома), *кӯча* (як навъи хӯрок), *қандоw* (шоҳкоса), *дастак* (остинча), *қарс* (рӯймол) *кунгура* (нақши сӯзанӣ) ва ғ.

Оид ба вожаи кунгура забоншинос Ҳалимиён С. чунин ибрози ақида намудааст: "Кунгур ё кунгура гуфта қисми болоии девори қалъа ва қасрҳоро меномиданд, ки он ба таври дандона сохта мешуд" [16, с.108].

Инкишофи забоншиносии тоҷик дар айни замон тақозо менамояд, ки луғати лаҳҷаҳои маҳаллӣ ҳар чӣ қадар ба таври васеъ мавриди тадқиқ қарор гирад ва аз захираи он ҳамин гуна калимаҳо бисёртар гирд оварда шаванд, зеро маҳз чунин калимаҳо метавонанд бобати тараққӣ намудани лексикаи забони адабии муосири тоҷик муттако бошанд. Устод Садриддин Айнӣ ин рӯйдоди воқеиро ба инобат гирифта, дар вақташ нигошта буд, ки «Хазинаи забони халқ ҳанӯз дарбаста ва дастнорасида истодааст. Аввалин вазифаи ташкилотҳое, ки дар ин соҳа кор мекунанд, ин хазинаро кушодан ва луғатҳои зиндаро аз байни халқ ғун карда бо як тадқиқи илмӣ онҳоро чоп намудан ва ба ин восита забонро, чунон ки тараққиёти имрӯза талаб мекунад, васеъ намудан аст» [1, с.20].

Ба ин тариқ, чунонки дида шуд, диалектизмҳои ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор қабати калони луғати ин мавзеъро ташкил намуда, аз як тараф, бо забони адабии тоҷик умумият дошта бошанд, аз тарафи дигар, ба дараҷае аз он

тафовут дошта, сарчашмаҳои пайдоиши худро доро мебошанд. Ва таҳлилҳо исбот намуданд, ки баъзе аз ин вожаҳо ба даврaҳои аввали рушди забонамон рафта, мерасанд.

Муқарриз: ***Назарзода С.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Забони тоҷикӣ // Ахгари иқилоб / С. Айнӣ. - Душнбе, 1974. - С.105-114.
2. Блинова О.И. Язык художественной произведений как источник диалектной лексикографии / О.И. Блинова. - Тюмень, 1985. - 100 с.
3. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н. Гадоев. - Душанбе, 2012. - 208 с.
4. Замонов З.И. Лексика Даштиджумского говора таджикского языка // АКД / З.И. Замонов. - Душанбе, 2009. - 19 с.
5. Исмоилов Ш. Лексика Каратегинского говора: дис. на соиск. уч. степ. канд. фил. наук / Ш. Исмоилов. - Душанбе, 1982. - 203 с.
6. Исмоилов Ш. Баъзе масъалаҳои таълими забони тоҷикӣ дар мактаб / Ш.Исмоилов. - Душанбе, 1994. - 96 с.
7. Кабиров М. Лексика говоров таджиков Чирчика Ташкентской области республики Узбекистан / М. Кабиров // АКД. - Душанбе, 1995. - 18 с.
8. Калинин А.В. Лексика русского языка / А.В. Калинин. – М., 1966. - 329 с.
9. Луғати шеваи ҷанубӣ (макети ҳарфи «д») / Мураттибон: Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ. - Душанбе, 1971. – 75 с.
10. 10.Мақсудов Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара / Т. Мақсудов. - Душанбе, 1977. - 160 с.
11. Розенталь Д.Э., Словарь-справочник лингвистических терминов / Д.Э. Розенталь, М.Теленкова. - М., 1976. - 196 с.
12. Русская диалектология. - М., 1972. - 207 с.
13. Сангинова Р. Лексикаи лаҳҷаи тоҷикони Конибодом / Р. Сангинова. - Душанбе, 2017. - 198 с.
14. Словарь иностранных слов. - М., 1954. - 701 с.
15. Успенская Л.В. Каратагский говор таджикского языка / Л.В. Успенская. - Сталинабад, 1956. - 126 с.
16. Ҳалимиён С. Лексикаи касбу ҳунар дар осори Сайидоӣ Насафӣ / С. Ҳалимиён. - Душанбе, 2014. – 152 с.
17. Хромов А.Л. Говоры таджиков Матчинского района. ТР-и Ан тадж. ССР, т. 7. / А.Л. Хромов. - Душанбе, 1962. – 215 с.
18. Филин Ф.П. Проект словаря русских народных говоров / Ф.П. Филин. - М.-Л., 1961. - 230 с.
19. Ҷӯраев Ғ. Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон / Ғ. Ҷӯраев. - Душанбе, 1975. - 227 с.
20. Шанский И.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. - М., 1972. - 186 с.
21. Энциклопедический словарь в 3-х томах. Т.1. - ГИС, 1953. - 547 с.

Ихтисораҳо: Қ. - Қаратоғ, н. Турсунзода; И.А.- Имоми Аъзам, н. Турсунзода; Ш.-Шунук, н. Турсунзода; Д.-Даҳбед, н. Турсунзода; Б. – Батош, н. Турсунзода.

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ МАФҲУМҲОИ ҲУНАРМАНДӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Дар мақолаи мазкур оварда шудааст, ки диалектизмҳо ин калимаҳое мебошанд, ки ба як муҳити ҷуғрофӣ ва лаҳҷаю шеваи муайян марбутанд**.** Муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоме ки сухан оид ба диалектизмҳои луғавӣ меравад, зарур аст, мо ду меъёрро ба ҳисоб гирем. Инчунин гуфта шудааст, ки дар раванди таҳқиқоти диалектизмҳои ифодакунандаи маҳфумҳои ҳунармандӣ мо муайян сохтем, ки онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) диалектизмҳои лексикии нопурра; 2) диалектизмҳои лексикии пурра. Зери истилоҳи «диалектизмҳои лексикии нопурра» калимаҳоеро фаҳмида мешаванд, ки аз ҷиҳати талаффуз бо забони адабӣ як буда, аз ҷиҳати маъно тафовут доранд. Аз рӯйи қоида ба ин намуди калимаҳо калимаҳое, ки хосси як лаҳҷаи муайян ва гурӯҳи лаҳҷаҳои ҳудуди интишорашон маҳдуданд, дохил мешаванд. Масалан, калимаҳои қошуқча (қошуқи хурд), зоғак (зоғи хурд), зира (маводи хушбӯй барои хӯрок) дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор маъноҳои умумиҳалқӣ надошта ба маъноҳои «қисми пушти тоқие, ки калонсолон мепӯшанд», «қисми дӯкон», «занҷир» истифода мешаванд. Муаллиф бо таҳлилҳо исбот менамояд, ки ба диалектизмҳои лексикии пурра, асосан калимаҳое дохил мешаванд, ки ба соҳаи ҳунармандӣ марбутанд: очабача (сӯзане), қасоба (тоқӣ), мулоймак (навъи хӯрок). Диалектизмҳои луғавии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор сарчашмаҳои баромади гуногун доранд.

Калидвожаҳо: лаҳҷа, шева, диалектизм, ҳунармандӣ, водии Ҳисор, забони адабӣ, калимаҳои умумиҳалқӣ, калимаҳои иқтибосӣ.

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ДИАЛЕКТИЗМОВ, ОБОЗНАЧАЮЩИХ РЕМЕСЛЕННЫЕ ПОНЯТИЯ В ГОВОРАХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

В данной статье говорится, что диалектизмами называют лексические единицы, характерные для территориального или социального диалекта. Автор отмечает, что когда речь идёт о лексических диалектизмах, необходимо учитывать два критерия: а)связь исследуемого говора с литературным языком; связь исследуемого говора с другими диалектами. А также в процессе исследования диалектизмов, обозначающих ремесленную отрасль выяснилось, что лексические диалектизмы бывают двух видов: 1) неполные лексические диалектизмы; 2) полные лексические диалектизмы. Под термином «неполные лексические диалектизмы» подразумеваются слова, идентичные по звуковому составу словам литературного

языка, но отличающиеся от них по семантическим признакам. Как правило, такие слова принадлежат к какому-либо определенному говору или группе говоров, то есть их локальное распростронение ограничено. Например, слова кошукча (чайная ложка), зогак (ворона), зира (приправа) в говорах Гиссарской долины имеют не общетаджикское значение, а означают «заднюю часть тюбетейки, которую носят только пожилые», «часть станка», «цепочка». Автор доказывает, что к полным лексическим диалектизмам в основном принадлежат слова, относящиеся к ремесленной отрасли: очабача (сузане), қасоба (тюбетейка), мулоймак (вид блюда). Лексические диалектизмы, обозначающие ремесленную отрасль в говорах Гиссарской долины, имеют разные источники происхождения**.**

Ключевые слова: говор, диалект, диалектизм, ремесло, Гиссарская долина, литературный язык, общетаджикские слова, заимствованное слова.

ETHNO-LINGUISTIC ASPECTS OF THE DIALECT MEANING OF CRAFT TERMS IN THE DIALECTS OF HISSAR VALLEY

This article States that dialectics are lexical units that are characteristic of a territorial or social dialect. The author notes that when it comes to lexical dialects, two criteria must be taken into account: a) the connection of the studied dialect with the literary language; and the connection of the studied dialect with other dialects. And also to make a reservation that in the course of the study of dialectisms denoting the craft industry on the basis of these criteria, it was found that lexical dialectisms are of two types: 1) non-field lexical dialectisms; 2) full lexical dialectisms. The term "incomplete lexical dialectics" means words that are identical in sound composition with words of a literary language, but differ from them in semantic features. As a rule, such words belong to a particular dialect or group of dialects, that is, their local distribution is limited. For example, the word coluccia (teaspoon), zohak (crow), cumin (seasoning) in the dialects of Hissar valley have not oblacinska value, and means "back one part of skullcap, which are only pozhela", "part of machine", "chain". Author analizami proves that to full lexical dialectisms are mostly words referring to craft otrasly: acabada (the suzano), Asaba (tyubiteyka), Alimak (type of dish). Lexical dialectisms denoting the craft sector in the dialects of the Hissar valley have different sources of pronunciation.

Key words: dialect, dialect, dialect, craft, Hissar valley, literary language, General Tajik words, loan words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Сведения об авторах: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры *таджикского языка*. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Information about the authors: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** - Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulugzade, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of *Tajik language*. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev 17/6. Tel.: **(+992) 917-11-64-26**

УДК: 491. 550

МАВҚЕИ КОРБУРДИ ПУРКУНАНДА ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

(дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир)

Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пуркунанда предметеро нишон медиҳад, ки амали ҷумла ба он мегузарад. Пуркунандаҳо мазмуни хабари аз феъли гузаранда сохташудаи ҷумларо пурра намуда, бо исму ҷонишинҳои шахсӣ ва дигар ҳиссаҳои нутқ, ки мафҳуми исмӣ пайдо кардаанд, ифода меёбанд [13, с.385].

Доир ба таснифоти пуркунанда дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” [1986] чунин омадааст: *Меъёри асосии таснифоти пуркунанда муносибати амалу объект ба шумор меравад. Ба пуркунандаи суратёфта [бо пасоянди-ро] ва суратнаёфта ҷудо кардани пуркунандаи бевосита ба маънои умумӣ ва ё конкретии предмет ва мавқеи он асос ёфтааст. Чунончи, Ҳошим об нӯшид ва Ҳошим обро нӯшид гуфтан мумкин, вале Обро Ҳошим нӯшид гуфтан мумкин бошад ҳам, Об Ҳошим нӯшид гуфтан мумкин нест. Пуркунандаҳои бевоситаи суратёфта ва суратнаёфта аз ҷиҳати ифода ҳам фарқ мекунанд. Пуркунандаи бевоситаи суратёфта бо ҳамаи навъҳои исм, ҷонишин ва масдар ифода мешавад, вале пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта танҳо бо исми ҷинс ва ҷонишини саволии чӣ ифода мегардад ва ҳамеша дар шафати феъл меояд. Исм, ҷонишин ва масдар бо ёрии пешояндҳо ба вазифаи пуркунандаи бавосита омада метавонанд. Таснифи дохилии пуркунанда аз рӯйи муносибати амалу предмет воқеъ мегардад, пешояндҳо барои возеҳ ифода ёфтани он муносибат ёрӣ мерасонанд* [13, с.11].

Пуркунандаҳо низ мисли муайянкунанда роҳу воситаҳои махсуси алоқаро дороянд. Онҳо асосан бо ду роҳ алоқаманд мешаванд:

1. Бо ёрии калимаҳои ёридиҳанда: *Зоҳиран вай ба ҷуз касбу кори хеш – таълиму тарбия ба неку бади касе кордор набуд [18, с.28]. Он шаб аз нури чароғи суҳбати амаки Абдукарим хонаи Насим равшании дигар гирифт [18, с.46]. Вай аз кору пайкори муҳоҷирон, хӯ гирифтанашон ба обу ҳавои таҳдашт, аз кишоварзиву богу токпарвариашон бо самимият ҳарф мезад [18, с.48].*

2. Бо алоқаи ҳамроҳӣ: *Барои истиқомат аз мадрасаҳои Бухоро ҳуҷра меҷустам [2, с.78]. Ӯ аз асбобҳои мусиқӣ танбӯр менавохт [1, с.28].*

Пуркунандаҳо аз рӯйи тобиши маъно, муносибаташон бо амал ва истеъмоли воситаҳои грамматикӣ бевосита ва бавосита мешаванд.

А) Пуркунандаи бевосита

Пуркунандаи бевосита предметеро нишон медиҳад, ки таъсиру ҳаракати феъли гузарандаи ҷумла ба он бевосита гузаштааст. Мазмуни пуркунандаи бевосита хабари феълии ҷумларо пурра менамояд. Пуркунандаҳои бевосита аз ҷиҳати моҳият ва воситаи ифода суратёфта ва суратнаёфта мешаванд.

Пуркунандаи бевоситаи суратёфта бо калимаҳои дорои мафҳуми конкрет ифода шуда, бо ёрии пасоянди **–ро** сурат меёбад. Ин навъи пуркунанда ба саволи **киро, чиро** ҷавоб шуда, дар ҷумла назар ба пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта ҷойи нисбатан озодро ишғол мекунад: *Нону намак, **муҳаббату ихлоси** тоҷикиро дар ягон ҷо намеёбед [18, с.42]. Такаббуру ҷоҳталабӣ бо як шиори «муъмин бародари муъмин» дар марҳилаҳои гуногуни дарозои таърих **сарзамини** паҳновари Хуросонро аз сад лашкари сафшикану хуношом бештар фатҳу мутеъ гардонд [18, с.43].*

Исмҳои шахс, ҷонишинҳои шахсӣ, ҷонишини нафсии худ, инчунин калимаҳои бандакҷонишинҳои соҳибидошта ба вазифаи пуркунандаи бевосита оянд, ҳамеша бо пасоянди -ро сурат меёбанд, чунки ин калимаҳо аз ҷиҳати мафҳум предметҳои конкретро ифода менамоянд. Чунончи: *Душанбе – пойтахти Тоҷикистони азиз ва донишгоҳи меҳрубон **онҳоро** ба оғӯши гармаш гирифт [18, с.44]. Ташрифи духтарон **Насимро** дар ҳолати нобоб гузошт [18, с.44].*

Пуркунандаи бевоситаи суратёфта на фақат бо як калима, балки бо ибораҳои гуногуни номӣ низ ифода мегардад: *Бобои Занбӯр табассумаке дар лаб, **бо нӯги ангуштон** риши кулутаи мошубиринҷашро хор-хорон бо ҳавас аз онҳо чашм наканда мегуфт [18, с.44]. Мирзоакрамбой **барои назари илтифоти** Абдулаҳадхонро **ба ху**д ҷалб карда, дубора соҳиби*

мансаб шудан, ба ҳар коре лозим бошад тайёр буд [20, с.8]. Ин хабар дар сари савдоии Мирзои Қорӣ ***як фикри галатиро*** *тавлид кард [20, с.9]. Тӯра ба Масков рафта валиаҳд шуда омадан боз ҷаноби олӣ* ***илтимосҳои тӯраро*** *ба инобат мегирифтагӣ шуда монданд [20, с.15].*

Пуркунандаи бевоситаи суратёфта

Пуркунандаи бевоситаи суратёфта бо ҳиссаҳои зерини нутқ ифода мешавад:

А) Ифодаи пуркунанда бо исм

Пуркунанда бо тамоми навъҳои исм ифода мегардад, ки дар пажӯҳиши мо дар ин вазифа исмҳои ҷинс ва серистеъмолтаранд. Дар мисолҳои зерин пуркунандаҳои бевоситаи суратёфта бо пасоянди –ро истифода гардидаанд: – *Як шоири бекормонда мазмуни дар як ҷо воқеъ шудани кушишхонаи одам ва* ***бозори*** *ресмонро ба кор бурда* ***шеъри зеринро*** *гуфтааст [2, с.389]. Харро пеш андохта,* ***рамаро*** *аз думболи он ронда,* ***раҳи*** *хонаро пеш гирифт [20, с.12]. Тезтар* ***очаю додотро*** *розӣ кун. Дар як ҳафта тӯйро мегузаронем... [4, с.308]. Суханони дона-дона, бо зарби махсус* ***гуфтаи Ситораро*** *шунида ҳангоми каланд кардани замин сангҳои аз хок баромадагиро ба сари вот гурронда тӯда карданаш беихтиёр ба хотири Ислом расиду як оҳи чуқур кашид... [4, с.313]. Вай* ***чуволи гандумро*** *аз дарвозаи Ситора ба дарун партофту зуд ба қафо гашт [4, с.313].*

Б) Ифодаи пуркунанда бо ҷонишин. Ба вазифаи пуркунанда асосан ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ - таъкидӣ, ишоратӣ ва муштарак бештар истифода гардидаанд: *Одамони аз фоҷиа воқифу мотамдор, даҳон пури хун, дар суроғи азизон* ***ба ин мазорҳои*** *нав меоянд ва аз одамони атроф нишони гумкардаҳои худро меҷӯянд [18, с.51]. – Ҳолат* ***аз ин*** *бад! – гур-гуркунон ӯро сазо медод занаш [18, с.51]. – Лаъличаро чаппа гузошта* ***маро*** *ба пеши вай шинонда химчаҳоро ба дастонам дод... [2, с.22]. Ин хабар* ***маро*** *аз он гумони бад бароварда [2, с.22].* ***Инро*** *ҳам аз барои ҳамин талаб мекунам [2, с.60]. Дар ин ҷо* ***ҳаминро*** *нақл карданам даркор аст, ки дар болои мунозира якдигарро сахт дашном медоданд ва бо алфози кӯчагии авомона ҳақорат мекарданд [2, с.192].* ***Ӯро*** *шӯяш ҳурмат менамуд ва маслиҳати рӯзгори худро ҳамеша бо ӯ мекард [20, с.9].*

В) Ифодаи пуркунанда бо масдар: *Ман ба аҳли ҳарамам аз равзан* ***нигоҳ карданро*** *кайҳо манъ кардаам [20, с.252]. Восеъ онҳоро дар шинаки болои дӯнгӣ нишонда, дар вақти ба дара дохил шудани сарбозон ба болои онҳо* ***тирандозӣ карданро*** *фармуда буд [20, с.252]. Бо маслиҳати Пирак барои қадре сабук шудан беруни шаҳр* ***баромаданро*** *салоҳ дидем. Пирак ба майдони берунишаҳрии машқи сарбоз* ***рафтанро*** *муносиб дид [2, с.404]. Лекин бо ҳамаи ин* ***шавқи хонданро*** *ҳеҷ аз ёд набаровардам [2, 16].*

Г) Ифодаи пуркунанда бо шумора: *Дар Самарқанд шамшодро рост арра карда ҳар кадоми онҳоро ба шакли нова кофта боз* ***дуяшро*** *бо ҳам бо элим ҷафс карда сохта буданд [2, с.82]. Ман барои фиреб додани шумо* ***чор нимча (ду килограмм)-ро*** *се қабза бурронда оварда будам [2, с.82]. Имоми деҳаи мо дар як рӯзи бозори Ғиждувон аз ҳамин гуна чилимҳо* ***сетаашро*** *шикастааст [2, с.176]. Қушбегӣ бо одати муқаррарии ҷазодиҳӣ номҳои* ***он се нафарро*** *ягон-ягон ба забон гирифта ва дар ҳақиқат, соҳиби ҳамон номҳо ҳамон одамҳо буданро аз ҳозиристодагон пурсида ва тасдиқ кунонда ҳукми кушро ба дасти миршаб дод [2, с.398].*

Ғ) Ифодаи пуркунанда бо сифати феълӣ*: Аммо падарам баъд аз сари онҳо ҳам* ***истиқомати дуҷоягиро*** *тарк накардааст– тобистон дар Соктаре ба деҳқонӣ ва* ***бофандагӣ*** *машғулӣ намудааст [2, с.17].*

Пуркунандаҳои бевоситаи суратнаёфта

Пуркунандаҳои бевоситаи суратнаёфта бо предмети дорои мафҳуми умумӣ ифода мегардад, вай бевосита бо хабари ҷумла ҳампаҳлу омада, ба он тобеъ мешавад ва асосан ба саволи чӣ ҷавоб мешавад: – *Ҳамин чанд пул? – гуфта* ***нарх*** *пурсидам [1, с.29]. –Дар як рӯз ду бор* ***оши палав*** *хӯрда метавонед? [1, с.48]. Ана ҳамон замони сангин ҳамин Котиби Абдуҷаббор дар ҳавои барфбод аз бозори Ховалинг барои роҳравон* ***ду-се нон ё туту зардолуи хуш****к мегирифт [18, с.71].*

Пуркунандаҳои бевоситаи суратнаёфта асосан бо предметҳои мафҳуми умумидошта ифода мешаванд. Пуркунандаҳои бевоситаи суратнаёфта бо ҳиссаҳои зерини нутқ ифода мешавад:

А) **исмҳои ҷинси умумимафҳум**: *Модарам ба ман* ***як коса*** *ширбиринҷ дод [2, с.63]. Ман дубора* ***ба Хайбар*** *нон додам [2, с.75].*

Б) **исмҳои маънӣ**: *Ӯ ҳар ҳафта як бор ба пеши Устоамак омада супориш дода, рӯзи дигар омада* ***нақшаҳои тайёршударо*** *гирифта мебурд [2, с.174].*

Пуркунандаи бавосита

Пуркунандаи бавосита предметеро нишон медиҳад, ки таъсиру амалиёти хабари ҷумла ба он мегузарад. Ҳиссаҳои нутқ ба вазифаи пуркунандаи бавосита бо ёрии пешоянду пасоянд меоянд. Пуркунандаи бавосита бо исм, ҷонишин, масдар ва ҳиссаҳои дигари нутқ, ки мафҳуми исмӣ пайдо карда, дар ҷумла ҳамчун предмет тасаввур карда мешаванд, ифода мегардад.

Пуркунандаҳои бавосита ба саволҳое ҷавоб мешаванд, ки аз пешояндҳои гуногуну пурсишҷонишинҳои кӣ ва чӣ сохта мешаванд. Яке аз фарқҳои асосии пуркунандаи бавосита аз пуркунандаи бевосита ин аст, ки пуркунандаҳои бавосита дар назди феълҳои ҳам гузаранда ва ҳам монда омада метавонанд: *Гурезаҳо **ба сарбозон** чашм медавонданд [18, с.95]. Мӯйсафед Пирон дар гӯшаи суфа рӯйи ҷойнамоз ҷониби қибла кайҳо намози бомдод хонда, акнун кафи дуо кушода**, бо ниёиш** аз даргоҳи Худованд, **аз рӯҳи пайғомбарону пирон**, бо гиряву зорӣ, ларзиши пайкару овоз атои тинҷиву оромӣ дар мулк, инсофу меҳру шафқат дар дили одамон ва раҳидан **аз балоҳои** охирзамонро таманно мекард [18, с.97]. Водии зарнисори Вахш **аз оташи кинаҳо** сӯхту хокистар шуд [18, с.43]. Мардуми **аз ҷабру ҷафои** ҳамдигар даҳшатзада ночор аз баҳри хонумон гузашта, ҷон дар кафи даст, ба чор тараф гурезонанд [18, с.43]. Насим манзараҳои мудҳиши фирори мардуми нагунбахтро ба Афғонистон **аз телевизион** дида, об дар чашм, ангушти ҳайрат газиду бугз гулӯяшро фишурд [18, с.43].*

Дар ифодаи муносибати маъноӣ ва грамматикии пуркунандаҳои бавосита бо хабар пешояндҳои аслии аз, ба, бо, бе, барои, дар ва пешояндҳои таркибии дар бораи, дар бобати, роҷеъ ба, оид ба, доир ба, дар хусуси, дар ҳаққи, назар ба, нисбат ба ва ғайра истифода мешаванд:

Ифодаи пуркунандаи бавосита бо ҳиссаҳои нутқ

Пуркунандаҳои бавосита бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода мегардад. Ба вазифаи пуркунандаҳои бевосита ҳамаи исмҳо омада метавонанд:

А) Исмҳои хос: *Баъди берун рафтани Паул ман **ба Иброҳимҷон** ҳазломез хандида, гуфтам [5, с.110]. Дар ин миён Улоқнӯён **ба Ҷӯҷӣ** хабар фиристода аз вай мадад ва барои ба даст овардани Хуҷанд маслиҳат пурсид. Ҷӯҷӣ **аз аскар ва асир ба Улоқнӯён** мадади нав фиристода ба ӯ маслиҳат ва таълимот дод [3, с.47].*

Б) Исмҳои ҷинси шахс: *Гурезаҳо **бо мадади ҳамдигар** ба тележка нишаста, бо фотиҳаи бобои Пирон аз роҳҳои бехатар ҷониби маркази ноҳияи Вахш равон шуданд [18, с.98]. Зотан, тинати мард дар муомалаи вай **бо зан** равшан зуҳур мекунад [5, с.16]. Қарахитоиён **ба самарқандиён** кинаи сахт доштанд [3, с.30]. Дур аз ёру диёр таронаҳои ватан **ба кас** дигаргуна таъсир мекунанд [5, с.111]. Баъд аз он Султоншоҳ **аз Қарахитоиён** мадад ҷуст ва ба Такеш муқобил баромад [3, с.13]. Султон **бо шунидани** ин калимаҳои мунофиқонаи аблаҳфиребона аз Маҳмуди Ялавоҷ хурсанд шуд [3, с.22].*

В) Исмҳои маънӣ: *Ба ҳар ҳол, дар он нома баъди суханони миннатдорӣ аз хусуси дилбастагиам **ба асарҳои** Шумо хабар дода, чӣ гуна ҳар як китобатонро интизорӣ кашиданамро бо суханони пурҳаяҷон баён карда будам [5, с.7]. Падару модар **аз ҳусну малоҳат**, сидқу дилҷӯӣ, хулқу атвор ва хизматгузорӣ барин сифатҳои ман мамнун буданд [5, с.11]. "О Худо», – нолид Насим ва **ба вусъати** галлазорони поймолу тороҷшудаи кайҳо интизори дарав, ҷое сӯхтаву хокистар ва пахтазорони **аз беобӣ** хушкидаву алафи бегона пахшкарда нигарист [18, с.98]. Ман ҳиссаи ҳаёти худро ба шумо **аз айёми** ошноиам бо Шумо то ба "имрӯз" мухтасар навишта, бо Шумои азиз, бо ширинтарин айёми зиндагӣ, бо муҳаббатам, бо орзую армонҳои ҷавонӣ падруд мекунам [5, с.6]. Аҳолӣ дар зери фармондиҳии ӯ якдилу якзабон шуда **ба мудофиаи** ватан кӯшиданд [3, с.31].*

Г) Исмҳои мушаххас: *Равоқҳои дарунии чор самти масҷиди ҷомеи Бухоро пур аз китобсандуқҳои **бо китобҳо**и камёбу пурқимат моломол буданд [3, с.9]. Туқтаган ном хонзодаи такрит бо баъзе навкарони худ **аз дасти** Чингизхон гурехта ба канорҳои қисми охири рӯди Сир, ба наздикиҳои кӯли Арал омад [3, с.25]. Қисми асосии тири ин камонро **аз чӯби дук ё заранг ва ё аз чӯби хаданг** месохтанд [3, с.25]. Аҳолии Ҳирот аз дарвозаҳо **бо найзаҳо** ва шамшерҳо берун омада, осори рӯзгори қиёматро зоҳир месохтанд [3, с.32]. Адиб Собир аз ин сир хабардор шуда он ду фидоиро ёфта дида, расми онҳоро **ба қоғазе** кашида, **бо мактубе** дар соқи мӯзаи зане гузошта ба Марв - ба Санҷар фиристод [3, с.13].*

Ғ) Ҷонишинҳо: *Шумо гайриихтиёр ба ниҳонгоҳи қалби ман, **ба ҳаёти** ман ворид гашта будед, ба Шумо рози дил мегуфтам, аз Шумо маслиҳат мехостам ва китобҳоятонро гаштаю баргашта мехондам [5, с.7]. Ӯ аз ин аҳвол хабар ёфта, гурехта **ба қароргоҳи***

лашкари Чингиз рафт [3, с.28]. Агар султон дар ин ҷо истоданро нахоҳад, лашкарро ***ба ман*** *супорад [3, с.26]. Ҳатто вай як бор дар лаби рӯди Синд* ***бо худи*** *Чингиз ҷангида буд [3, с.28].*

Д) Масдар: *Темурмалик баъд* ***аз тамом намудани*** *сохтмони қалъа он ҷойро бо озуқа ва аслиҳа пур кард [3, с.36]. Мақсади Темурмалик* ***аз сохтани*** *қалъаи обӣ ва пур кардани вай бо озуқа он набуд [3, с.36]. Ман барои хондан ишқу ҳаваси бисёр доштам, хонадор шуда* ***аз хондан*** *бозмондан намехостам [2, с.15].– Акнун ман чӣ навъ ба Бухоро* ***барои хондан*** *меравам? [2, с.29]. Одам* ***аз гуфтан ва шунидани*** *он гуна кор шарм медорад [2, с.304].*

Е] Шумора: *– Ин ҳамаро кӣ гуфт* ***ба ту****? – Моту мабҳут аз ду дасти ман бо ду даст гирифтеду рост ба чашмонам чашм дӯхтед ва мунтазири ҷавоб тағйири авзои маро менигаристед [5, с.14]. Писари Чингиз–Тӯлихон* ***бо ҳаштод*** *ҳазор савор Ҳиротро муҳосира кард [3, с.13]. Темурмалик ба яке* ***аз он заврақҳо*** *савор шуда ба ҷазирае гузашт [3, с.80]. Темурмалик чандин сол пеш аз ин он ҷойро* ***бо як олам*** *андуҳу алам тарк карда буд [3, с.80].*

Пуркунандаи бавосита бо ёрии ҳиссаҳои гуногуни нутқ - тамоми навъҳои исм, ҷонишин, шумора, масдар ифода мегардад ва ҳамчун воситаи грамматикӣ пешояндҳои аслӣ серистеъмоланд. Дар ифодаи пуркунандаи бавосита ҳам пешояндҳои аслӣ [аз, ба, бо, дар], пешояндҳои таркибии дар бораи, дар атрофи, аз болои, аз ғайр ва ғайра серистеъмол буда, тобишҳои маъноии пуркунандаҳои бавоситаро мефаҳмонанд: *Дар он миён дар бораи* ***ба хизмати*** *ӯ супурдани Қурбонниёз тағоиям сухан рафт [2, с.107]. Падарам* ***дар бораи тайёр намудани*** *асбоби хатнависии ман гуфт [2, с.138]. Хавфи асосӣ дар ин хонадон* ***барои мургон*** *ва он ҳам аз тарафи шаголон аст [2, с.73]. Амлокдор якбора ин қадар пули роҷеъулнақдро* ***ба даст*** *дароварда, магар дилаш нарм шуда буд, ки дар бобати бақияи қарзи Восеъ сахтгирӣ накард [20, с.49]. Ӯ бехудона* ***ба савор*** *дарафтод ва ӯро аз болои зин кашида ғалтонда ба тағаш зер карда задан гирифт [20, с.28].*

Аз баррасии маводи таҳқиқ маълум гардид, ки пуркунанда бо исм, ҷонишин, масдар, шумора ифода мешавад. Дар ин вазифа исму ҷонишин серистеъмоланд. Пуркунандаҳо бо ёрии пасоянди –ро, пешояндҳои аслии ба, бо, аз ва ғайра алоқаманд мегарданд.

Муқарриз: ***Мирзоева М.Ҷ.*** - доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С.Айнӣ. – Душанбе, 1985. – 160 с.
2. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – Қ. 1-4. – 852 с.
3. Айнӣ, С. Очеркҳои таърихии Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ва Исёни Муқаннаъ / С. Айнӣ. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. - 250 с.
4. Баҳром Фирӯз. Ғафлатзадагон / Фирӯз, Баҳром. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 448 с.
5. Баҳром, Фирӯз. Пеш аз шаби арӯсӣ / Фирӯз, Баҳром. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. - 484 с.
6. Белошапкова, А.В. Современный русский язык. Синтаксис / А.В. Белошапкова.-М.: Выс. шк., 1977. -248 с.
7. Бозидов, Н. Пуркунандаи бавосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Н. Бозидов. -Душанбе, 2000.-178 с.
8. Бузургзода, Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ. Барои хонандагони омӯзишгоҳҳои ғоибона / Л. Бузургзода. - Сталинобод, 1942. - С.36-55.
9. Валгина, Н.С. Синтаксис современного русского языка / Н.С. Валгина. - М.: Высшая школа, 1973. - 423 с.
10. Виноградов, В.В. Некоторые задачи изучения синтаксиса простого предложения / В.В. Виноградов // Вопросы языкознания. – 1964. - №1. - С.24.
11. Власенко, М.В. Однородные и обособленные члены предложения в русском языке / М.В. Васенко // Ученые записки Иркутского пединститута. Вып. 39. - Иркутск, 1969. - С.125-144.
12. Гвоздев, А.Н. Современный русский литературный язык. Ч. II. Синтакис / А.Н. Гвоздев.-М., 1973. -310 с.
13. Горкина, Н.С. О структуре предложения с однородными членами [на материале английского языка] / Н.С. Горкина // Научно-техническая информация. - М., 1966. - № 2. - С.34-37.
14. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. - Душанбе: Дониш, 1986. - Ҷ.2. – 368 с.
15. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 171 с.
16. Исматуллоев, М. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / М. Исматуллоев. - Душанбе, 1963. – 234 с.
17. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. - Душанбе, 2010. – 231 с.
18. Самадов А. Гардиши девбод (китоби 2). (Роман ва қисса) / А.Самадов. – Душанбе: Адиб, 2016. - 400 с.
19. Тоҷиев, Д. Тарзҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д. Тоҷиев. - Душанбе, 2015.
20. Улуғзода Сотим. Восеъ / С.Улуғзода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. - 484 с.
21. Халилов, А. Вазифаҳои грамматикии бандаки изофӣ (-и) дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А. Халилов. - Душанбе: Дониш, 1969. - 119 с.
22. Шахматов, А.А. Синтаксис русского языка / А.А. Шахматов. – Ленинград, 1941. – 362 с.

МАВҚЕИ КОРБУРДИ ПУРКУНАНДА ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

(дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир)

Дар маркази таҳқиқи мазкур мавқеи пуркунанда ҳамчун аъзои ҷумла қарор дорад. Таҳқиқи муаллиф дар асоси радду бадали андешаҳои олимони соҳа бо овардани мисолҳои фаровон аз насри бадеии муосир асоснок карда мешавад. Ҳамчунин дараҷаи омӯзиши масъала, таърихи он дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтаанд. Назар ва мавқеи муаллиф тавассути овардани мисолҳои муътамад, радду бадали андешаи олимон тақвият дода мешаванд. Дар мақола паҳлуҳои гуногуни пуркунанда ҳамчун аъзои ҷумла таҳқиқ карда мешавад, аз ҷумла, аз рӯйи тобиши маъно, муносибаташон бо амал ва истеъмоли воситаҳои грамматикӣ ва монанди ин. Муаллиф дар ин маврид бештар ба пуркунандаҳои бевосита ва бавосита таваҷҷуҳ менамояд, махсусияти пуркунандаҳои бевосита ва бавоситаро дар таҳқиқоти олимон баррасӣ намуда, хусусияти фарқкунандаи онҳоро бо мисолҳо аз адабиёти бадеӣ нишон медиҳад. Ба андешаи муаллиф мазмуни пуркунандаи бевосита хабари феълии ҷумларо пурра менамояд. Пуркунандаҳои бевосита аз ҷиҳати моҳият ва воситаи ифода суратёфта ва суратнаёфта мешаванд. Дар мақола, инчунин, роҳу воситаҳои алоқаи пуркунандаҳои бевосита ва бавосита шарҳ дода мешаванд, ба таври муқоиса аз насри бадеӣ мисолҳои фаровон таҳлил мегарданд. Дар мақола аз усулҳои назарӣ, муқоисавии таҳқиқ, таҳлили мундариҷавӣ, аналогия истифода гардида, назари муҳаққиқ бо иқтибосҳо аз сарчашмаҳои илмӣ тақвият дода мешаванд.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои сода, аъзои ҷумла, пуркунанда, муайянкунанда, пуркунандаи бевосита, пуркунандаи бавосита, мубтадо, хабар, алоқаи ҳамроҳӣ, алоқаи тобеъ.

МЕСТО ДОПОЛНЕНИЯ В ПРЕДЛОЖЕНИИ И СПОСОБЫ ЕГО ВЫРАЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ [на материале современной прозы литературы]

В центре этого исследования находится позиция наполнителя как члена предложения. Авторские исследования основаны на опровержении взглядов ученых в данной области с приведением многочисленных примеров из современной художественной литературы. В центре внимания автора также уровень изученности вопроса, его история. Точка зрения и позиция автора подкрепляются достоверными примерами, опровержениями ученых. В статье исследуются различные аспекты наполнителя как части предложения, включая нюансы значения, их отношение к действию и использованию грамматических приемов и тому подобное. В связи с этим автор акцентирует внимание на прямых и косвенных наполнителях, обсуждает специфику прямых и непрямых наполнителей в исследованиях ученых и показывает их отличительную природу на примерах из литературы. По мнению автора, содержание прямого наполнителя дополняет сам смысл предложения. Прямые наполнители имеют как образную, так и нефигуративную природу и средства выражения, в статье также объясняются способы и средства прямых и косвенных наполнителей и сравнивается множество примеров из художественной литературы. В статье используются теоретические методы, сравнительное исследование, контент-анализ, аналогии, а точка зрения исследователя подкрепляется цитатами из научных источников.

Ключевые слова: простые предложения, предложения, заполнитель, определитель, прямой заполнитель, косвенный заполнитель, тема, сообщение, сопроводительная ссылка, подчиненная ссылка.

THE POSITION OF THE FILLER AND THE WAYS OF ITS EXPRESSION IN THE TAJIK LANGUAGE

[based on the material of the prose of modern literature]

At the center of this research is the position of filler as a member of a sentence. The author's research is based on the refutation of the views of scholars in the field, citing numerous examples from modern fiction. Also the level of study of the issue, its history is in the center of the author's attention. The author's point of view and position is strengthened by giving reliable examples, refutations of scholars. The article examines the various aspects of the filler as part of a sentence, including the nuances of meaning, their relationship to the action and use of grammatical devices, and the like. In this regard, the author focuses on direct and indirect fillers, discusses the specifics of direct and indirect fillers in the research of scientists and shows their distinctive nature with examples from the literature. In the author's opinion, the content of the direct filler complements the actual message of the sentence. Direct fillers are both figurative and non-figurative in nature and means of expression, the article also explains the ways and means of direct and indirect fillers, and compares many examples from fiction. The article uses theoretical methods, comparative research, content analysis, analogy, and strengthens the researcher's point of view with quotations from scientific sources.

Key words: simple sentences, clauses, filler, determiner, direct filler, indirect filler, subject, message, accompanying link, subordinate link.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК: 491.550-56:42-56

НАҚШИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲОИ ИФОДАГАРИ НОМИ УЗВҲОИ БАДАН ДАР ТАШАККУЛИ ИДИОМАҲО ДАР ЗАБОНҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муродов Ф.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба шумор рафта, яке аз забонҳои ғановатманди ҷаҳон ба ҳисоб мераванд. Онҳо аз бобати сохтор, системаи маъноӣ ва категорияҳои грамматикӣ бо ҳам шабоҳати зиёд доранд. Аз ин рӯ, ин забонҳо низ чун аксари дигар забонҳои дунё аз чор қисмати бунёдӣ ё фундаменталӣ: фонетика, лексикология, морфология ва синтаксис таркиб ёфта, ҳар яке аз ин қисматҳои таркибӣ мавзӯи баҳси худро дошта, яке аз паҳлуҳои муҳимми ин забонро дар алоҳидагӣ меомӯзад. Чунончи, фонетика системаи овозӣ, лексикология системаи воҳидҳои мустақилмаъно ё луғавӣ, морфология системаи ҳиссаинутқӣ ва синтаксис сохтори грамматикии забонро ҳаматарафа таҳқиқ намуда, ҳар яки онҳо боз аз бахшу зербахшҳои гуногун таркиб ёфтаанд. Яке аз ин қисматҳои забоншиносӣ, ки бахшу зербахшҳои гуногунро дар бар мегирад, бахши лексикология ба шумор меравад, ки баъзе аз қисматҳои таркибии он то ба ҳадди бахши мустақили илм рафта расидаанд. Яке аз ин бахшҳои мустақилгаштаи лексикология фразеология ба шумор рафта, он маҷмӯи таркибу ибора ва ҷумлаҳои рехтаю устувори забонро меомӯзад [12, с.18-26]. Ин воҳидҳои рехтаю устувор дар забони тоҷикӣ бо истилоҳоти **«фразелогизмҳо», «таъбири фразеологӣ», «воҳидҳои фразеологӣ»** ва дар забони англисӣ бо истилоҳоти **«phraseology», «phraseological units», «idiom»** ва амсоли онҳо ном бурда мешаванд [8, с.12-14]. Истилоҳи нисбатан маъмул барои ифодаи ин гурӯҳ воҳидҳои рехтаю устувор дар забонҳои мазкур истилоҳи **воҳиди фразеологӣ** – **phraseological unity** ба шумор меравад. Воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун маҷмӯи воҳидҳои рехтаву устувор аз беҳтарин воситаи ифодаи нутқи муассиру образнок дар забон ба ҳисоб рафта, бо обуранги махсус ва бо табиати нотакрори худ таровату нишонрасии нутқро ифода намуда, ҳамчун масолеҳи тайёр мавриди истифода қарор мегиранд. Воҳидҳои фразеологӣ аз ду ва зиёда калимаҳо иборат буда, сохту таркиби устувор ва семантикаи ягона доранд ва ҷузъҳои таркибии онҳо аз якдигар ҷудонопазир мебошанд. Инро аз мундариҷаи яклухти фразеологизмҳои **гул-гул шукуфтан**, **ҷавоби пухта**, **байни обу оташ мондан** ва мавқеи корбасти онҳо дар ҷумлаҳои зайл ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст:

Ҷавон аз шодии дидани ин гулистон **гул-гул мешукуфт** ва ба дили худ мегуфт … [1, с.106]. Агар нотарсӣ, далерӣ карда, **ҷавобҳои пухта** диҳед, ҳеҷ кор карда наметавонанд [5, с.100]. Вай ин ниятро мефаҳмид ва бо андешаҳои мухталифаш **байни обу оташ монда** буд [9, с.263].

Ҳамин гуна ифоданокию ҷаззобиятро дар фразеологизмҳои забони англисӣ **to open old wounds** (айн: захмҳои куҳнаро кушодан) «коҳи куҳнаро бод додан», **to speak ill of sth** (бадии чизеро гуфтан) «бад гуфтан», **God knows** (айн: Худо медонад) «Худо медонад, номаълум», **to take heed of** (айн: диққатро гирифтан) «диққат додан», **to let bygones be bygones** (айн: бигузор гузашта гузашта бошад) «ба гузашта салавот» ва мавқеи истифодаи онҳо дар ҷумлаҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

I think she said that so I'd offer to send her money for the flight or something, but I wasn't about to do that. It would just **open old wounds** [23, с.132]. *Ба фикрам, вай гуфт, ки ман бояд барои парвоз ё чизи дигаре ба ӯ пул фиристоданро пешниҳод мекардам, аммо қасди ин корро накардам. Ин фақат коҳи куҳнаро бод кардан мешуд.* One shouldn't **speak ill of** the dead, I know, but what that man did to your grandmother [22, с.35]. *Аммо он мард он чи ки ба модаркалони ту кард, медонам, ки набояд шахс ба раҳматӣ суханҳои бад гӯяд.* **God knows** I am not one to speak about other people's business or to break a confidence [22, с.42]. *Худо шоҳид, ман он нафаре нестам, ки оид ба корҳои дигарон гап занам ё эътимодро вайрон кунам.* We should **take heed of** his example [19, с.12]. *Мо бояд ба мисоли ӯ диққат диҳем.* Give an opportunity to make peace, **to let bygones be bygones**, you sir….. [22, с.137]. *Барои оштӣ додан имконият диҳед, ба гузашта салавот,ҷаноб.*

Чуноне ки аз мушоҳидаи таркиби лексикии мисолҳои дар боло овардашуда низ маълум аст, таркиби лексикии воҳидҳои фразеологӣ ниҳоят гуногун буда, дар шаклгирии онҳо гурӯҳҳои гуногуни воҳидҳои лексикӣ иштирок менамоянд. Мушоҳидаҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки дар баробари дигар гурӯҳи калимаҳо калимаҳои ифодакунандаи

номи узвҳои бадани инсон дар созмони воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фаъол буда, зиёд ба мушоҳида мерасанд. Чунончи, аз мавқеи калимаҳои **дил, даст, даҳон, пой** дар ташаккули фразеологизмҳои забони тоҷикӣ ва англисии **nose, neck, eye** ва нақши онҳо дар ҷумлаҳои зайл маълум аст:

Оқибат худи модарам ба пеши вай рафта, ба воситаи модаркалонам **хафагиро базӯр аз дилаш бароварда**, оштӣ кард [17, с.38]. Шитоб мекардам, **аз шодӣ дасту по гум мекардам** [17, с.205]. Доим **аз даҳонат шакар борад**, писари барноям! [17, с.40]. But you have **to stick your nose into** everything that's going on in school? I don't like it [22, с.164]. *Аммо ҳар чизе ки дар мактаб шуда истодааст ту бояд бинӣ халонӣ? Ба ман ин писанд нест.* Concerned by his behaviour, detectives found he **was up to his neck in** debt and uncovered evidence of three fraudulent mortgage applications totaling more than 1million [19, с.29]. *Аз рӯйи ташвиши рафтораш, муфаттишон ошкор намуданд, ки ӯ ба қарз гӯтидааст ва далели се тақозои қаллобии гаравпулии ба андозаи як миллион долларо ошкор намуданд.* While Inca was taking me on a walk, a robin darted low across the path into a hedge. As robins often do, he turned his back while **keeping an eye on me** [19, с.14]. *Ҳангоме ки Инка маро ба сайру гашт мебурд, норуе пайраҳаро убур намуда, ба тавора (шиг) шитофт. Одатан норуҳо ҳамин хел мекунанд, ҳангоме ки ба ман чашм медӯхт, ӯ пушташро гардонд.*

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз гурӯҳи калимаҳои ифодагари номи узвҳои бадан калимаҳое, ки аз ҳама бештар дар созмони фразеологизмҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ нақши фаъол доранд, калимаҳои **чашм**, **сар**, **гӯш**, **даҳон**, **забон**, **дандон**, **рӯй**, **даст**, **пой**, **дил**, **хун**, монанди инҳо ба шумор рафта, бештар ба назар мерасанд. Яке аз он калимаҳое, ки ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ бо сабаби серистеъмол ва сермаъно буданаш дар ташаккули фразеологизмҳо нақши фаъол дорад, калимаи **даст** – **hand** мебошад. Мисол: **дасти** *касе* **боло шудан**, **даст ба гиребон шудан**, **дасти** *касеро* **ҳалол кардан**, **дасту по гум кардан; fall into sb' hand** (айн. Ба дасти *касе* афтодан) «ба дасти касе афтодан», **hand in glove with** (айн. даст дар дастпӯшак бо) «робитаи наздик доштан», **to go hand in hand** (айн. даст бо даст рафтан) «омехта будан».

Агар вай ин дафъа ҳам маншур ва хилъати амирро «кӯрнамакона» мегардонд, бешубҳа, **дасти душманонаш боло мешуд**! [2, с.178]. Вай як умр **бо тақдири** худ **даст ба гиребон шудан** мехоҳад [2, с.233]. Ана ҳамон **дасти писари ҷияни қудои худро ҳалол карда** истодааст [18, с.125]. Чанд рӯзи охир, ҳар гоҳ ки духтарак бо куртаи чити сурхи гулдораш дар гандумпая пайдо мегардад, ҷавон **дасту по гум мекунад**… [16, с.47]. He claimed that the bank's in-house advisory team was pressured by the defendants to drum up "some brilliant solution that made it easy and straightforward" to pay the Qataris a higher commission so the bank could avoid **falling into the hands of** the Government [20, с.39]. *Ӯ иддао намуд, ки гурӯҳи машваратии дохилаи бонкро айбдоршавандагон барои ёфтани ягон қарори олӣ фишор оварданд, ки ин барои пардохт намудан ба Қатариҳо бо камиссияи баланд ба таври осон ва сода имконият дод ва бонк метавонист ба дасти ҳукумат наафтад.* John is really **hand in glove with** Sally [21, с.279]. *Воқеан Ҷон бо Силли робитаи наздик дорад.* Cookies and milk seem to **go hand in hand** [21, с.279]. *Кулчақандҳо ва шир омехта ба назар менамоянд.*

Калимаи дигаре, ки дар сохтани воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикию англисӣ зиёд ба мушоҳида мерасад, калимаи **дил – heart** мебошад. Ин калима аксаран фразеологизмҳоеро ба вуҷуд меорад, ки дар баробари ифодаи маънои яклухт ва ҷаззобу ифоданок ин гурӯҳ фразеологизмҳо муносибатҳои ҳиссию экспрессивии одамонро низ дар шаклҳои гуногун ифода менамоянд. Мисол: **дили** *касе* **сӯхт**, **дили** *касеро* **ба даст гирифтан**, **дили** *касе* **об шуд**, **дили** *касеро* **ёфтан**; **to break one's heart** (айн. дили касеро шикастан) «дили касеро шикастан», **not have the heart to do smth** (айн. барои иҷрои чизе дил надоштан) «ҷуръат накардан, дил надоштан», **heart and soul** (айн. дил ва рӯҳ) «моҳият, замир», **to win one's heart** (айн. дили касеро ноил шудан) «касеро ошиқи худ кардан», **to wear one's heart on one's sleeve** (айн. дили худро дар остини худ пӯшондан) «кушодадил будан, покдил будан», **in one's heart** (айн. дар дили касе) «дар замири дили касе».

Вай худашро медонаду халос, на ба бибиаш **дилаш месӯзад**, на ба дадош [17, с.40]. Ба ман ҳамин тавр менамуд, ки **дили вай ба падарам ҳеҷ намесӯзад** [17, с.115]. Бо ҳеҷ роҳ **дили вайро ба даст гирифта** натавонист [13, с.146]. Чаро «Воғарибо» гӯён нола мекардед, ки **дили ман об шуд**? [5, с.122]. **Дили духтарро ёфтан** кори мушкил аст [15, с.50]. It **broke my heart** to see Zahida so humiliated [22, с.35]. *Ҳангоме ки Заҳидаро хору зор дидам дилам шикаст.* She **didn't have the heart** to go into detail about it, …… [23, с.23]. *Ӯ ҷуръат накард, ки оиди ин муфассал баён кунад.* Now we are getting to the **heart and soul** of the matter [21, с.279].

Акнун мо ба моҳияти масъала бармегардем. I hope to **win her heart** and make her my bride [21, с.758]. *Умедворам ман духтарро ба худ ошиқ намуда, арӯси худ мекунам.* He... is not suffering from compassion fatigue, yet neither does he **wear his heart on his sleeve** [24, с.140]. *Ӯ аз хастагии ғамхорӣ ранҷ намебарад аммо ӯ одами кушодадил нест.* **In my heart** I know that Emiliano is a fighter and I know he is still alive [25, с.12]. *Ман дар замири дил медонам, ки Эмилиано ҷанговар аст ва ҳанӯз зинда аст.*

Калимаи рӯй, ки худ хусусияти серистеъмолӣ ва сермаънӣ дорад яке аз унсурҳои фаъоли лексикии таркиби лексикии фразеологизмҳоро ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забонҳои дигар, аз ҷумла забони англисӣ ташкил намуда, бо мавқеи нотакрор ва иштироки фаъоли худ аз дигар гурӯҳ калимаҳои ҳаммаънои худ фарқ менамояд. Мисол: **ба рӯйи** *касе* **давидан**, **ба** *касе* **рӯй овардан**, **ҳақиқатро ба рӯйи об баровардан**, **бахт ба рӯйи** *касе* **хандид**; **face-to-face** (айн. рӯ ба рӯ) «рӯ ба рӯ», **to feed one's face** (айн. рӯйи худро ғизо додан) «хӯроки зиёд хӯрдан», **to have an egg on one's face** (айн. дар рӯйи худ тухм доштан) «шарманда шудан, хиҷил шудан», **to tell one to one's face** (айн. касеро дар рӯяш гуфтан) «чизеро ба касе рӯйрост гуфтан».

Ҳатто Аҳмадҷони машкоб қариб даъвогар шуда, **ба рӯйи ман давид** [4, с.165]. Баъзеҳо ҳатто **ба рӯйи Махсум давиданд**… [6, с.152]. Шавҳари зан, ки то ин дам хомӯш буд, **ба падарам рӯй оварда**, суханро якта-якта чида гуфт [17, с.118]. Албатта, **ҳақиқатро ба рӯйи об мебарорад** [7, с.32]. Ин дафъа ҳам **бахт ба рӯйи ӯ хандид** [18, с.86]. Plans are afoot for a follow-up meeting to the leaders' first **face-to-face** talks in Singapore last June, [20, с.13]. *Дар моҳи июни соли гузашта аз рӯйи натиҷаи аввалин гуфтушуниди рӯ ба рӯйи роҳбарон дар Сингапур нақшаҳо барои гузаронидани вохӯрии минбаъда омода аст.* You're always **feeding your face**. You're going to get fat [21, с.205]. *Ту ҳамеша хӯроки зиёд мехӯрӣ. Фарбеҳтар шудани ҳастӣ.* I was completely wrong, and now I **have egg on my face** [21, с.288]. *Ман комилан ноҳақ будам ва акнун шармандаам.* I won't tell Tom that you're mad at him. You should **tell him to his face** [21, с.686]. *Ман ба Том намегӯям, ки ту барои ӯ ба газаб омадаӣ. Ту бояд дар рӯяш рӯйрост гӯӣ.*

Маълум аст, ки воҳидҳои фразеологӣ маҳсули фикрии одамон ва забони зиндаи халқ буда, дар асоси таҷрибаю мушоҳидаҳо ва урфу одати одамон дар забони зиндаи халқ ба вуҷуд меоянд. Таркиби лексикии онҳоро аксаран он гурӯҳ калимаҳое ташкил менамоянд, ки дар забони зиндаи халқ хусусияти серистеъмолӣ дошта, мунтазам ба кор бурда мешаванд. Ин аст, ки калимаҳои ифодагари номи узвҳои бадан ҳамчун гурӯҳи калимаҳои фаъоли забони зиндаи халқ дар созмони воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фаъол ба назар мерасанд. Дар баробари фразеологизмҳои гуногунсохту гуногунмаъно як гурӯҳ воҳидҳои фразеологии ба воситаи калимаҳои ифодагари номи узвҳои бадан сохташудаеро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки сохтор ва таркиби лексикии ба ҳам монанд ё наздик дошта, ба як маъно далолат менамоянд. Мисол: **ба даст афтода** – **to fall into sb's hand**, **рӯ ба рӯ** – **face to face**, **дил бой додан** – to **lose one's heart**, **дар пеши чашми касе** – **before sb's eye**, **дили касеро шикастан** – **to break sb's heart**, **дили касеро дуздидан** – **to steal sb's heart**, **дар нӯги забон** (дар гӯшаи хотира) – **on the tip of sb's tongue**.

Чуноне ки таҳлилу муоинаи мисолҳои дар боло овардашуда низ шаҳодат медиҳанд, фразеологизмҳои дорои сохту маънои якхела дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ зиёд бошанд ҳам, дар мисоли фразеологизмҳои калимаҳои ифодагари номи узвҳои бадан, аксари онҳоро он гурӯҳ воҳидҳои фразеологие ташкил медиҳанд, ки дар созмони онҳо калимаи дил иштирок менамояд. Дар баробари фразелогизмҳои таркиби лексикии якхела ва маънои ягонадошта дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як гурӯҳ воҳидҳои фразеологиеро дар ин забонҳо мушоҳида кардан мумкин аст, ки таркиби лексикии ба ҳам наздик дошта, бо яке аз ҷузъҳояшон аз якдигар фарқ менамоянд ва аксаран маънои якхела доранд. Масалан, фразеологизми тоҷикии **хуни** *касе* **ба гардани** *касе* **будан**, дар забони англисӣ дар шакли **to have** *sb's* **blood on** *your* **hand**, (айн. *хуни касеро дар даст доштан*) ба маънои «*дар ҷони касе ҷавобгар будан*» истифода шуда, танҳо калимаи гардан дар таркиби фразеологизми англисӣ ба калимаи даст иваз шудааст ё дар фразеологизми **хуни** *касеро* **ба ҷӯш овардан** дар забони англисӣ дар шакли **to make** *sb's* **blood boil**, (айн. *хуни касеро барои ҷӯш омадан маҷбур кардан*) ба маънои «*касеро ба газаб овардан*» истифода шуда, дар варианти англисии фразеология феъли маҷбур кардан ба мушоҳида мерасад. Ин гуна фарқиятҳои ҷузъиро дар таркиби лексикии воҳидҳои фразеологии **майнаи худро об кардан** – **to beat**

your brain out (айн. *магзи сари худро зада баровардан*) «*сахт фикр кардан*» мушоҳида кардан мумкин аст.

Бобоҷон **хуни маро ба гарданатон нагиред**! [9, с.286]. **Хуни Султон ҷӯшида** гуфт… [11, с.73]. … ва шумо инсони саодатманд ҳар рӯзи худо маҷбур намешудаед, ки **дилатонро хун ва майнаатонро об карда** нишинед [14, с.8]. Хуб **майна об карда**, ҷойи мувофиқ наёфтам [3, с.207]. The teenager's **blood was on the policeman's hands** [21, с.292]. *Ба ҷони наврас полис ҷавобгар буд.* The king's **blood was on the hands of the murderer** who killed him [21, с.292]. *Қотиле, ки шоҳро кушт, ба ҷони ӯ ҷавобгар буд.* It just **makes my blood boil** to think of the amount of food that gets wasted around here [21, с.428]. *Ман одатан дар бораи фикр кардани миқдори хӯрокҳое, ки дар ин ҷо сарф мешавад, оташин мешавам.* Whenever I think of that dishonest mess, it **makes my blood boil** [21, с.428]. *Ҳар гоҳ ки ман оиди он бенизомии бешарафона фикр мекунам, оташин мешавам.* I **beat my brains out** all day to clean this house, and you come in and get dirt on the carpet! [21, с.38]. *Ман тамоми рӯз барои тоза кардани ин хони майна об мекунам ва ту меоӣ ва қолинро ифлос мекунӣ.* Don't **beat your brains out**. Just give it a good try [21, с.38]. *Майнаатро об накун. Танҳо як кӯшиши хуб кун.*

Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун воҳидҳои рехтаю устувор ва ҷаззобу яклухтмаъно дар ҳама забонҳои дунё воҳидҳои забонии таърихан ташаккулёфта ба шумор рафта, заминаи пайдоиши ягона доранд ва ба хусусиятҳои якхела соҳибанд. Таркиби лексикии онҳо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ гуногун буда, аксари калимаҳои забон дар шаклгирии онҳо имкони иштирок кардан доранд. Яке аз он гурӯҳ калимаҳое, ки дар созмони воҳидҳои фразеологӣ иштироки фаъол доранд ин калимаҳои ифодагари номи узвҳои бадан маҳсуб шуда, хеле фаъол ба назар мерасанд. Ин гурӯҳ калимаҳо дар доираи ин забонҳо дар баробари сохтани фразеологизмҳои аз ҷиҳати лексикӣ гуногунтаркибу гуногунмаъно боз фразеологизмҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки дорои таркиби лексикии бо ҳам монанд ё наздик буда, ба як маъно далолат мекунанд.

Муқарриз: ***Исмоилзода Э.С.*** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Дохунда / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
2. Акобиров Ю. Дунё ба умед / Ю. Акобиров. – Душанбе: Ирфон, 1983. - 334 с.
3. Акобир, Ҷ. Пазмонӣ / Ҷ. Акобир. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.
4. Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 528 с.
5. Икромӣ, Ҷ. Сафар-Махсум дар Бухоро / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон», 1982. – 224 с.
6. Икромӣ, Ҷ. Тахти вожгун / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 340 с.
7. Икромӣ, Ҷ. Хатлон / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 272 с.
8. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка / А.В.Кунин. – Москва: Феникс, 1996. – 381 с.
9. Кӯҳзод, У. роҳи паси ағба / У. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 62 с.
10. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
11. Мамадов К. Кофтукови ҷинояткор / К. Мамадов – Душанбе: Ирфон, 1994. – 192 с.
12. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
13. Ҷ К. Нишони зиндагӣ / К. Ҷ. – Душанбе: Адиб, 1993.– 496 с.
14. Муҳаммадиев Ф. Одамони куҳна / Ф Муҳаммадиев. – 1963.
15. Наимӣ, Қ. Фоҷиа дар чашмасор / Қ. Наимӣ – Душанбе: Адиб, 1994. – 256 с.
16. Улуғзода, С. Восеъ / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 630 с.
17. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо / С. Улуғзода. – Сталинобод: Таджикгосиздат, 1956. – 362 с
18. Ҳошимов У. Нур ва соя / У. Ҳошимов. – Душанбе: Маориф, 1982. – 160 с.
19. Daily Express. Friday 25 January. – 64 p.
20. Daily Telegraph. Friday 25 January. – 60 p.
21. Dictionary of American Idioms. – The United States of America: The McGraw-Hill Companies, 2005. – 1080 p.
22. Nafisa Haji. The writing on my forehead / Haji Nafisa. – New York, USA: Arrow Books, 2010. – 308 p.
23. Nicholas Spark. The guardian / Spark Nicholas. - London: Sphere, 2003. – 434 p.
24. Oxford Dictionary of Idioms. The United States. - New York: Oxford University Press, 2004. – 340 p.
25. The Guardian. Friday 25 January. – 68 p.

НАҚШИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲОИ ИФОДАГАРИ НОМИ УЗВҲОИ БАДАН ДАР ТАШАККУЛИ ИДИОМАҲО ДАР ЗАБОНҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола нақши баъзе калимаҳои ифодагари номи узвҳои бадан дар ташаккули идиомаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ карор дода шудааст. Воҳидҳои фразеологӣ (ВФ) ҳамчун воҳидҳои рехтаву устувор ва ҷаззобу яклухтмаъно муҳимтарин воситаи ба вуҷуд овардани нутқи муассиру образнок дар ҳама забонҳои дунё ба ҳисоб рафта, ҳамчун масолеҳи тайёри забон ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегиранд. ВФ аз ду ва зиёда калимаҳо иборат буда, сохту таркиби устувор ва семантикаи

ягона доранд. Ҷузъҳои таркибии онҳо аз якдигар ҷудонопазир мебошанд. Таркиби лексикии ВФ гуногун буда, дар шаклгирии онҳо гурӯҳҳои гуноногуни воҳидҳои лексикӣ иштирок менамоянд. Дар баробари дигар гурӯҳи воҳидҳои лексикӣ калимаҳои ифодакунандаи номи узвҳои бадани инсон дар созмони воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нақши фаъол доранд. Ба гурӯҳи калимаҳое, ки дар забони зиндаи халқ хусусияти серистеъмолӣ ва сермаъноӣ дошта, дар созмони ВФ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ фаъолона иштирок менамоянд, ин калимаҳои **даст – hand, дил – heart, рӯй – face, хун – blood** ва амсоли инҳо мебошанд. Дар доираи ин ду забон як гурӯҳ ВФ-ҳои ба воситаи калимаҳои ифодагари номи узвҳои бадан сохташудаеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҷиҳати сохт ва таркиби лексикӣ ба ҳам монанд буда, дар ҳар ду забон як маъноро ифода менамоянд. Гурӯҳи дигари фразеологизмҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фразеологизмҳое ташкил менамоянд, ки таркиби лексикии ба ҳам наздик дошта, бо яке аз ҷузъҳояшон аз якдигар фарқ менамоянд ва аксаран маънои якхела доранд. Ин хусусиятҳои ВФ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми тарҷумаи матн муодилҳои ВФ забони англисӣ дар забони тоҷикӣ ва муодилҳои ВФ забони тоҷикӣ дар забони англисӣ ба осонӣ ва бе ғалат пайдо карда шаванд.

Калидвожаҳо: идиома, воҳидҳои фразеологӣ, забон, сохту таркиб, таркиби лексикӣ.

РОЛЬ НЕКОТОРЫХ СЛОВ, ВЫРАЖАЮЩИХ НАЗВАНИЯ ОРГАНОВ, В ФОРМИРОВАНИИ ИДИОМ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматривается роль некоторых слов, выражающих название органов, в формировании идиом в современном таджикском и английском языках. Фразеологическая единица (ФЕ) является ресурсным и особо важным средством создания эффективной и образцовой речи на всех языках мира и широко используется в качестве готового материала в языке. ФЕ состоит из двух и более слов, которые устойчивы структурно и объединены семантически, а их составные части неотделимы друг от друга. Лексический компонент фразеологизмов очень разнообразен, и в их образовании активно участвуют различные лексические единицы. Наряду с другими лексическими единицами, слова, выражающие названия органов человеческого тела, играют активную роль в образовании фразеологизмов в таджикском и английском языках. К словам группы, имеющей употребительный и полисемантический характер в английском и таджикском языках, также относятся такие слова, как **даст – hand, дил – heart, рӯй – face, хун – blood,** и.т.д. В рамках этих двух языков можно наблюдать группу ФЕ, посредством слов, выражающих названия частей тела, которые похожи по конструктивному и лексическому строению. Таким образом, они выражают одно значение в обоих языках, но другая группа фразеологизмов может быть различной лексически и часто сходной семантически. Эти особенности фразеологизмов могут дать возможность легко и безошибочно перевести фразеологические эквиваленты на таджикский язык или наоборот.

Ключевые слова: идиома, фразеологическая единица, язык, лексический компонент, в качестве готового материала языка.

THE ROLE OF SOME WORDS EXPRESSING THE NAME OF ORGANS IN THE FORMATION OF IDIOMS IN MODERN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article deals with the role of some words expressing the name of organs in the formation of idioms in modern Tajik and English languages. Phraseological units being as a fixed, stable, attractive and integral part of any language in the world are considered as an important way to create an effective and figurative speech and they are widely used as a ready-made unit. Phraseological units consist of two or more words that they are stable structurally and united semantically and their components are inseparable from each other. The lexical component of the phraseological units is very diverse and various lexical units take part actively in their formation. Along with other lexical units, the words expressing the name of organs of the human body play an active role in the formation of the phraseological units in Tajik and English languages. To the group of words possessing productive and polysemous character take part actively in the formation of phraseological units in Tajik and English languages and these words can be **даст – hand, дил – heart, рӯй – face, хун – blood,** etc. One of the groups of the phraseological units through the words expressing the name of organs can be seen within these two languages and they are similar structurally and lexically and express the same meaning in both languages. But another group of phraseological units can be different lexically and often similar semantically. These peculiarities of the phraseological units may give a chance to translate the phraseological equivalents easily and unerringly into Tajik or vice versa.

Key words: idiom, phraseological units, a ready-made unit, language, lexical components.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муродов Файзалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи мутолиоти аврупоии факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-00-91-95**

Сведения об авторе: ***Муродов Файзали*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры европейских исследований факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-00-91-95**

Information about the author: ***Murodov Fayzali*** – Tajik National University, senior teacher of the European studies of the faculty of International relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-00-91-95**

УДК: 4+42

ТАҲЛИЛИ МАХСУСИЯТҲОИ СОХТОРИЮ ГРАММАТИКИИ ҶОНИШИНҲОИ САВОЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Гиёев Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиш ва пажӯҳиши ҷонишинҳо аз масъалаи мубрами забоншиносӣ маҳсуб мешавад, ки дар атрофи бисёре аз масоили марбут ба ин ҳиссаи нутқ баҳсҳои илмӣ даҳсолаҳо инҷониб давом мекунад.

Таъкиди хусусиятҳои сохторию грамматикии гуногун доштани ҷонишинҳои саволӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ моро ба он водор кард, ки ҷонишинҳои саволии ин ду забонро аз назари сохторию грамматикии онҳо мавриди таҳқиқи муқоисавӣ ва типологӣ қарор диҳем. Яъне мақсади асосии ин мақола муайян кардани умумият ва вижагиҳои сохторию грамматикии ҷонишинҳои саволӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад.

Қайд намудан лозим аст, ки ҷонишинҳои саволӣ баробари пурсишро ифода кардан ин ё он вижагиҳои сохторию грамматикиро доро аст.

Чуноне ки муҳаққиқ Т. Камянова иброз мекунад, ҷонишинҳои саволӣ маънои мутаносиби категориявии саволро бо нисбати исмҳо, ҷонишинҳои шахсӣ ва соҳибӣ ифода менамоянд. Онҳо дар ҷумлаҳои саволӣ истифода бурда мешаванд ва метавонанд саволро дар муносибат бо шахс, ашё, мафҳум, инчунин аломатҳои онҳо ифода намоянд. [3, с.193].

Дар забони тоҷикӣ бошад ҷонишинҳо аз ҷиҳати сохт **содда, сохта, мураккаб** ва **таркибӣ** мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ ба воситаи ҷонишинҳои саволӣ предметҳо ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Бо ёрии онҳо ду гурӯҳи предметҳо - шахс ва ғайришахсро муқобил гузоштан мумкин аст. Нишонаи асосии онҳо ҷонишинҳои **кӣ, киҳо** мебошад.

Ҷонишинҳои **кӣ, киҳо** шахсро ва ҷонишинҳои **чӣ, чиҳо** предметҳои ғайришахсро ифода мекунанд [5, с.164].

Ҷонишинҳои саволӣ дорои категорияи шумора мебошанд, дар онҳо шумораҳои танҳо ва ҷамъ ба ҳамдигар муқобил гузошта мешаванд. Аломатҳои фарқкунандаи категорияи шумора суффиксҳои ҷамъбандӣ мебошанд: ҷонишинҳо **кӣ, чӣ, кадом** исмҳои танҳо ва ҷонишинҳои **киҳо, чиҳо, кадомҳо** исмҳои ҷамъро далолат мекунанд [5, с.164].

Ҷонишинҳои саволии забони тоҷикӣ **кӣ?, чӣ?, киҳо?, чиҳо?** барои муайян кардани субъекти грамматикӣ истифода шуда, худ вазифаи мубтадои ҷумлаи саволиро адо мекунанд:

Мисол: Кӣ менавозад? Ба онҳо чӣ лозим будааст? Ба хонаат имрӯз киҳо омада буданд?

Ҷонишинҳои саволии **кист?, чист?, кӣ буд?, чӣ буд?, кӣ?, чӣ?** ва таркибҳои **чӣ шудааст?, чӣ кор мекунад?** барои муайян намудани амали субъект истифода шуда, дар ҷумла ба вазифаи хабар меоянд: Шумо кистед? Ба шумо чӣ шудааст? Худи ту кӣ? Он корҳо чӣ будаанд?

Калима ва таркибҳои саволии **киро?, чиро?, аз кӣ?, бо кӣ?, бо чӣ?, ба кӣ?, ба чӣ?** барои муайян намудани объекти амал истифода шуда, дар чумла вазифаи пуркунандаро адо мекунанд: Киро кофта гаштед, писар? Вай чиро дар назар дорад? Ман аз кӣ забонкӯтоҳ?

Калимаву таркибҳои саволии **кадом?, чӣ хел?, чӣ гуна?, чӣ?** барои муайян намудани аломати предмет истифода шуда, дар ҷумла вазифаи муайянкунандаро адо мекунанд: Кадом қувва Қувватовро кушт? Сардори ин хел хоҷагӣ бояд чӣ гуна одам бошад? Боз чӣ хел шарт?

Муҳаққиқон ҷонишинҳои саволии забони англисиро ба якчанд намуд тақсимбандӣ менамоянд: **Who -** кӣ, кадом **(whom ба кӣ), *whose* азони кӣ, *what* чӣ, чӣ хел, which кадом**.

Ҷонишинҳои саволӣ [Interrogative Pronouns] пердмету шахс ва ё аломату миқдори онро бе восита баён намекунанд, балки онҳоро ба воситаи пурсиш муайян месозанд. Ҷонишинҳои саволӣ аз ҳамдигар бо хусусиятхои хосса тафовут доранд.

Ҷонишинҳои саволӣ маънои мутаносиби категориявии саволро бо исмҳо ва ҷонишинҳои шахсию соҳибӣ ифода менамоянд. Онҳо дар ҷумлаҳои саволӣ истифода бурда мешаванд ва метавонанд саволро дар муносибат бо шахс, ашё, мафҳум, инчунин аломатҳои онҳо ифода намоянд [3, с.193].

Ҷонишинҳои саволӣ маънои мутаносиби категориявии саволро бо нисбати исмҳо, ҷонишинҳои шахсӣ ва соҳибӣ ифода менамоянд. Онҳо дар ҷумлаҳои саволӣ истифода бурда мешаванд ва метавонанд саволро дар муносибат бо шахс, ашё, мафҳум, инчунин аломатҳои онҳо ифода намоянд.

Ҷонишини саволии **who - кӣ** бо ҷонишинҳои шахсӣ алоқаманд буда, инчунин исмҳои ҷондори ифодакунандаи шахсро инъикос менамояд.

- **Who** introduced this innovation? [Ch.85] ~ **Кӣ** ин навигариро ҷорӣ намуд? [Ш. 60]
- **Who** blames me? [Ch. 143] ~ **Кӣ** маро маломат мекунад? [Ш. 106]

Who ҳамчун ҷонишини саволӣ, мустақилона, дар ҷумла якҷоя бо феъли хабарӣ дар шакли танҳо, истифода бурда мешавад. Ҷонишини ***who*** шакли падежи пуркунандаи **whom** - ба кӣ ва шакли падежи соҳибии **whose** - аз они кӣ- ро дорад .

- Ҷонишини саволии **who** - кӣ метавонад бо мубтадо, пуркунанда (аз он ҷумла дар шакли падежии пуркунандаи **whom**) ва хусусан бо хабарӣ номӣ муносибат дошта бошад. Агар ҷонишини **who** ҳамчун калимаи саволии мубтадо истифода шавад, феъли хабарии ҷумлаи саволӣ ҳамеша дар шакли танҳо меояд ва шакли замонӣ Indefinite/Simple (Present ва Past) бе феъли ёридиҳанда меояд:

- **Who** can we borrow that **from**? [Н. 18] ~ Аз **кӣ** қарз мекунем? [Ҳ. 19]
- **Who** gave this to you? [Н. 20] ~ **Кӣ** инҳоро ба ту дод? [Ҳ. 21]
- **Who** is the greatest manager, really, Luque or Mike Gonzalez? [Н. 24] ~ Дар ҳақиқат **кӣ** мураббии беҳтарин аст, Луко ё Майк Гонсалес? [Ҳ. 25]

- Агар ҷонишини ***who*** ҳамчун калимаи саволӣ бо пуркунанда алоқаманд бошад (бештар бо пешояндҳо ба маънои падежҳои бавосита бо иваз намудани ҷонишини ***whom***) феъли - хабари ҷумла бо феълҳои ёридиҳанда дар ҳамаи шаклҳои ҷамъ ва танҳои замонҳо истифода бурда мешавад ва пешоянд маъмулан дар охири ҷумла гузошта мешавад (пас аз феъл - хабар ё якҷоя бо феъл - хабар бо пуркунанда), масалан:

- But **who** knows? [Н. 38] ~ Аммо **кӣ** медонад? [Ҳ. 39].
- I do not care **who** kills **who?** [Н. 120] ~ Ба ман дигар фарқе надорад, **кӣ киро** мекушад [Ҳ. 121].
- Luck is a thing that comes in many forms and **who** can recognize her? [Н. 154] ~ Бахт чизест, ки ба ҳар шакл меояд, **кӣ** вайро мешиносад? [Ҳ. 155].

- Агар ҷонишини ***who*** дар ҷумла ба сифати калимаи саволӣ дар қисмати номии хабар истифода бурда шавад, феъл - бандак ҳамеша бо мубтадо аз рӯйи шумора ва шахс мувофиқат мекунад, масалан:

- I wonder **who** will put on your shoes and stockings for you now, dears [С. 46] ~ Акнун **кӣ** шуморо мепӯшонад? **Кӣ** ба шумо ҷӯроб мепӯшонад? [К. 10].
- But if I'm not the same, the next question is, **who** in the world am I? [С. 48] ~ Дар ин сурат пас ман **кистам?** [К. 11].
- **Who** am I, then? [С. 50] ~ «Аввал гӯед, ки ман **кистам**. [К. 12].

- Ҷонишини саволии ***whom*** - киро, ба кӣ, ба вазифаи калимаи саволӣ бо пуркунанда истифода бурда мешавад, вай инчунин метавонад ҷонишини ***who*** - ро дар падежи ғайримустақим ҳангоми истифода бурдан бо пешоянд, иваз намояд. Ҷонишини **whom** бештар дар нутқи хаттию шифоҳӣ, расмӣ истифода мешавад:

- **Whom** are you taking me for? [М. 202] ~ Ту маро **кӣ** хаёл кардаӣ? [М. 163].
- For **whom** else can I take you? [М. 203] ~ Ту ҳамон **кассе, ки** ҳастӣ? [М. 163].

- Ҷонишини саволии ***whose*** *– аз они кӣ*, *аз кӣ* дар савол соҳибиятро ифода мекунад ва ба вазифаи калимаи саволӣ ба сифати муайянкунанда меояд. Ҷонишини ***whose*** таркиберо бо исмҳои ҷондор ва бечон танҳо ва ҷамъ сохта, пеш аз онҳо гузошта мешавад. Феъл - хабари ҷумлаҳои саволӣ бо ҷонишини ***whose*** бо шумора ва шахси мубтадо муносибат дорад ва бо феъли ёридиҳанда дар ҳамаи шаклҳои замонӣ истифода бурда мешавад, масалан:

- **Whose** house is it?" [Ch. 149] ~ Он хонаи **кист?** [Ш. 111].

Дар усули ғайрирасмӣ, пешоянҳо дар якҷоягӣ бо ҷонишини ***whose,*** ҳам пеш ва ҳам пас аз ҷонишин гузошта мешаванд. Масалан:

- One figure **whose** movements you follow with at least curiosity?" [Ch. 254] ~ Наход дар байни онҳо шахсе нест, ки мавриди мушоҳидаҳоятон қарор гирад [Ш. 194].
- But **whose** business was it to provide me with employment? [Ch. 415] ~ Вале **кӣ** бояд дар ин бора ғамхорӣ мекард [Ш. 322].

Бо **кӣ**? [С. А , 20] ~ **Who** with? [S. A, 51].

- «Одамони девсор» **киҳоянд**, ки аз онҳо тарсидан даркор будааст? [С. А, 38] ~ But **who** are these 'devilish me' that I have to be afraid of? [S. A, 71].

Дар забони тоҷикӣ ҷонишини **кӣ**, бештар дар мусоҳиба, ба кор бурда мешавад:

- Шумо ин қадар ҳунарро ба **кӣ** шогирд шуда омӯхтед? [С. А, 42] ~ **Who** were you apprenticed **to**? [S. A, 77].
- Канӣ **кӣ** мегӯяд, об аз куҷо меояд? [Ш. А, 65] ~ **who** will tell me where the water comes from? [Sh. A, 82].
- There was no part of the hook that a great fish could feel ***which*** was not sweet smelling and good tasting [Н. 36]. ~ Ягон ҷойи чангак намонда буд, ***ки*** моҳии калоне ояду аз он бӯйи ширинаву лазизӣ ҳис накунад [Ҳ. 37].
- Sometimes those ***who*** love her say bad things of her but they are always said as though she were a woman [Н. 34]. ~ Гоҳ онҳое, ***ки*** баҳрро дӯст медоранд, онро дашном ҳам медиҳанд, аммо ҳамеша бо он чун бо занон муносибат мекунанд [Ҳ. 35].

Дар бисёр забонҳо, аз ҷумла дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ҷонишинҳои саволӣ бо ҷонишинҳои нисбӣ шакли омонимӣ доранд (*анг*. ***what***, ***что, какой***; ***who, кто, который***; *тоҷ*. ***кӣ***, ҷонишини саволӣ ва ***ки*** – пайвандак) ва ғ.

Ҷонишинҳои саволӣ маънои онро доранд, ки гӯянда мавҷуд будани объектеро бо баъзе хусусиятҳо имконпазир мешуморад, вале наметавонад онро муайян созад ва хонандаро барои он водор месозад, ки ӯро барои амалӣ намудани чунин муайянсозӣ қодир намояд (*кӣ? – who?, чӣ? – what?, кадом? – which?* ва ғ.).

- By *what* standards should advances in one be weighed against stagnation [S. 21] Аз рӯйи *кадом* меъёрҳо бояд пешравиҳо дар як соҳа дар муқобили рукуд дар соҳаи дигар арзёбӣ карда шаванд? [С. 61].

Зергурӯҳи ҷонишинҳои саволӣ ҷонишинҳои ба ном саволӣ-нисбӣ мебошанд, ки дар ҷумлаҳои пайрав бо саволи бавосита истифода мешаванд. Масалан:

- He always thought of the sea as la mar *which* is what people call her in Spanish when they love her [Н. 34]. ~ Пирамард ҳамеша аз баҳр ба унвони «la mar» ёд мекард ва ин номест дар забони испониёӣ, касоне, *ки* дӯсташ медоранд, ба баҳр медиҳанд [Ҳ. 35].
- But I have killed this fish *which* is my brother and now I must do the slave work [Н.124]. ~ Аммо ман ин моҳиро, *ки* бародари азизи ман аст, куштам ва акнун кори сиёҳро бояд ба анҷом расонам [Н.125].

Дар ҷумлаҳои боло **which** ва *кӣ* ҳамчун ҷонишини нисбӣ дар ҷумлаи пайрав баромад намуда, вазифаи муайянкунандаро иҷро намудааст. Яъне кӣ ва чӣ будани пуркунандаи сарҷумларо муайян намудааст, ки ин яке аз вазифаҳои грамматикии **which** ва кӣ мебошад.

What ва **which** ҷонишинҳои ивазнашаванда мебошанд ва ҳамчунин бо ҷонишинҳои шахсиву исмҳо истифода шуда, мустақилона низ баромад карда, танҳо исмҳои беҷонро ифода мекунанд:

- Which would you like – coffee or tea? - Шумо чӣ мехоҳед -қаҳва ё чой?
- What would you like to drink? - Шумо **чӣ** нӯшидан мехоҳед?

Дар ин холат *which* корбурди маҳдуд дошта, *what* бошад, мафҳуми васеъ дорад. **What** метавонад ба шахс далолат кунад, агар касбу шакли пешааш маълум карда шавад. Мисол:

What are they? - Онҳо ***чӣ*** кор мекунанд?

What's your friend? - Рафиқат ***чӣ*** кор мекунад?

Хабари феълӣ бо ҷонишини *what* дар шумораи танҳо карор мегирад:

What has happened to you? -Ба шумо ***чӣ*** рух дод?

Хабари феълӣ бо ҷонишини *what* дар вазифаи ҷузъи номии хабар ба шахсу шумораи мубтадо мувофиқат мекунад:

What is your opinion on this issue? - Ақидаи шумо доир ба ин масъала ***чӣ*** аст?

What are her sons like? - Писарони ӯ чӣ гунаанд?

(Саволи *what is/ are …like?* ба ҷонишинҳои саволии *чӣ гуна* ва *чӣ хел* рост меоянд).

Ҷонишини *what* дар вазифаи пуркунанда баромад намуда, шакли бавоситаи ҷонишини саволии чӣ- ро бо пешоянд ё бе пошоянд ифода мекунад. *What,* ки дар ҷумла ҳамчун ҷонишини саволӣ ва нисбӣ баромад мекунад, пешоянди ба он рабт дошта одатан пас аз хабари ҷумла меояд:

What is he going to show? - Ӯ чиро нишон доданӣ аст? (тарҷ.таҳтул. Ӯ нишон доданӣ аст, чиро?).

Фарқияти дигар дар ифода кардани сохтори ҷонишинҳои саволӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷонишинҳои саволии: кӣ? - who, чӣ?- what, кадом? - which, кадомин?- which, куҷо? - where, дар куҷо? - where категорияи танҳо ва ҷонишинҳои саволии: киҳо? - who, чиҳо?- what, кадомҳо? - which, куҷоҳо?- where, дар куҷоҳо? - where дар забони тоҷикӣ тавассути ба шакли танҳои ҷонишинҳои саволӣ ҳамроҳ кардани пасванди ҷамъбандии "- ҳо" категорияи ҷамъро ифода менамояд. Баръакс, дар забони англисӣ чунин ҷонишинҳои саволӣ нисбати ифода кардани категорияи шумора бетафовут шуда метавонад. Масалан:

- Шумо ба воситаи ин ба ман чиҳо гуфта фиристода будед? [Айнӣ,165]. - What was the message that you gave the boy to pass on to me? [Aini, 149].
- Ман ба хона расидам, падарам ҳанӯз ба кофтани сӯроххои чархи осиё машғул буд, ки ҳатто аз ман «**чиҳоро** тамошо кардӣ, то **куҷоҳо** рафтӣ» гуфта напурсид [Айнӣ, 22]. ~ When I reached home my father was still busy cutting the holes in his mill wheel – so busy that he never even asked where I had been and what I had done [Aini, 53].

Дар ҷумлаҳои боло категорияи шумораи ҷамъ дар забони тоҷикӣ тавассути ҷонишинҳои саволии шакли ҷамъ **чиҳо** ва **киҳо** нишон дода шудааст. Дар забони англисӣ бошад, ҷонишинҳои саволии where ва what нисбати шумора якранг мебошанд.

Ҷонишинҳои саволӣ баробари пурсишро ифода кардан ин ё он вазифаи наҳвиро адо мекунанд. Ҷонишинҳои саволии кӣ?, чӣ?, чиҳо? киҳо? барои муайян кардани субъекти грамматикӣ истифода шуда, худ вазифаи мубтадои ҷумлаи саволиро иҷро мекунад: Кӣ аст сарпарастӣ барнома? Доред ягон нафаре, ки сарфу харҷи онро ба дӯш дошта бошад? Меваи Тоҷикистонро кӣ ба хориҷа мебарад? Дар мисолҳои боло ҷонишини саволии кӣ ба вазифаи мубтадо омадааст. Ҷонишинҳои саволии *кист? чист?, кӣ буд?, чӣ буд?, кӣ?, чӣ? ва таркибҳои чӣ шудааст? чӣ кор мекунад?* барои муайян намудани амали субъект истифода шуда, дар ҷумла ба вазифаи хабар меоянд:

Таҳқиқ баррасии якчанд китобу мақолаҳои мутахассисону муҳаққиқони соҳаи филологияро оиди масъалаи **ҷо**нишинҳои саволӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз назар гузаронида, мо маълум намудем, ки дар байни ҳарду забон дар ифодаи ин ҷонишинҳо бисёр тафовут ва монандиҳо дида мешавад. Бо баррасии мавзӯи мавриди таҳқиқ тавонистем аз хусусиятҳои ҷонишинҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ шинохти дигаре пайдо намоем. Маводи таҳқиқ метавонад дар корбурди дурусти ҷонишинҳои саволӣ дар забони англисӣ ба забономӯзон мусоидат намояд. Ҳамзамон бо баррасии мавзӯи мазкур тавонистем, ки дар бораи чӣ гуна тарҷума шудани ҷонишинҳои саволӣ дар забони англисӣ бо забони тоҷикӣ маълумоти кофӣ ба даст орем.

Муқарриз: ***Мамадназаров А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Арзуманов С.Ҷ. Ҷонишин / С. Ҷ. Арзуманов // Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ. 1. - Душанбе, 1982. - С.215–230.
2. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш.Бобомуродов. - Душанбе, 2016. - 428 с.
3. Камянова Т. Грамматика английского языка: теория и практика / Т. Камянова. - М.: Дом славянской книги, 2015. – 1024 с.
4. Морфологические особенности личных местоимений в таджикском и английском языках / А. Мамадназаров // Вестник Российско-таджикского (Славянского) университета.– Душанбе, 2016. - №3 (55). – С.190-197.
5. Сиёев Б. Ҷонишин / Б. Сиёев // Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ. 1. – Душанбе, 1985. – С.156 – 171.
6. Ҳалимов С. Ҷонишин / С. Ҳалимов // Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 8. – Душанбе: Сарредакцияи илмии Энциклопедияи советии тоҷик, 1988. – С.498–499.
7. Бронте, Шарлота [Ш.]. Ҷен Эйр. - Душанбе: 2010.
8. Шукуҳи, Аминҷон [Ш, А.]. Об аз куҷо меояд? - Душанбе: 1969.
9. Aini Sadriddin [A, S.]. The Sands of Oxus. - Mazda publishers. 1998. – 275 p.
10. Bronte, Charlotte [Ch.]. Jane Eyre. – Москва, 1952. – 568 p.
11. Carroll, Lewis [C.]. Alice's Adventures in Wonderland. - 1979. – 176p.
12. Krylova I. P. Gordan E. M. A grammar of present – day English. – Moscow, 1979. - P.295-298.
13. Shookuhi, Aminjon [Sh. A.]. Where Does the Water Come From? – Dushanbe, 2005.

ТАҲЛИЛИ МАХСУСИЯТҲОИ СОХТОРИЮ ГРАММАТИКИИ ҶОНИШИНҲОИ САВОЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ин мақола ба проблемаи хусусиятҳои сохторию грамматикии ҷонишинҳои саволӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Ин масъала барои таҳлили илмии ҷонишинҳои саволии ду забони аз

ҷиҳати ирсӣ алоқаманд мебошад. Фарқияти дигар дар ифода кардани категорияи шумора дар забонҳои муқоисашаванда дар он зоҳир мешавад, ки ҷонишинҳои саволии: ***кӣ?*** – ***who, чӣ?*** – ***what, кадом?*** – ***which***, ***кадомин?*** – ***which , куҷо?*** – ***where, дар куҷо***? – ***where*** категорияи танҳо ва ҷонишинҳои саволии: ***киҳо?*** – ***who, чиҳо?*** – ***what, кадомҳо****?* – ***which***, ***куҷоҳо?*** – ***where, дар куҷоҳо****?* – ***where*** дар забони тоҷикӣ тавассути ба шакли танҳои ҷонишинҳои саволӣ илова кардани пасванди ҷамъбандии ***-ҳо*** категорияи ҷамъро ифода мекунад. Баръакс, дар забони англисӣ ин ҷонишинҳои саволӣ нисбати ифода кардани категорияи шумора бетафовут мебошанд. Бояд таъкид кард, ки дар дохили навъҳои ҷонишинҳо ҳам забоншиносон теъдоди гуногуни ин ё он навъи ҷонишинро зикр мекунанд. Шумораи зиёдтарини ҷонишинҳои саволиро дар асари Х. Ҳусейнов пайдо кардан мумкин аст, ки дар он 33 адад ҷонишинҳои саволӣ оварда шуда, ба ҳашт гӯрӯҳ тақсимбандӣ шудаанд. Масъалаи сохтори ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ ҳанӯз мавриди таҳлили амиқ ва ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Аз рӯйи ҷудо кардани хусусиятҳои грамматикии ҷонишинҳо ҳам дар забони тоҷикӣ фикру ақидаҳои забоншиносон якхела нест. Муҳаққиқон, аз ҷумла, С.Ҷ. Арзуманов ҷонишинҳоро аз рӯйи хусусиятҳои грамматикӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд: предметӣ, сифатӣ ва миқдорӣ (*чанд, чандин, чӣ қадар, ин қадар, ҳамон қадар* ва ғайра).

АНАЛИЗ СТРУКТУРНО-ГРАММАТИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ ВОПРОСИТЕЛЬНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В АНГЛИЙСКОИ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Настоящая статья посвящена проблеме структурных и грамматических особенностей вопросительных местоимений в английском и таджикском языках. Данная проблема является актуальной для научного анализа вопросительных местоимений двух генетически родственных языков. Выражение категории числа в сопоставляемых языках проявляется в том, что вопросительные местоимения: ***кӣ? - who, чӣ? - what, кадом?*** – ***which***, ***кадомин? - which , куҷо? - where, дар куҷо***? - ***where*** выражают категорию единственного числа, а вопросительные местоимения : ***киҳо?*** – ***who, чиҳо?*** – ***what, кадомҳо****?* – ***which***, ***куҷоҳо?*** – ***where, дар куҷоҳо****?* – ***where*** в таджикском языке посредством прибавления к форме единственного числа суффикса ***-ҳо выражают форму множественного числа***. Наоборот, в английском языке эти вопросительные местоимения относительно выражения категории числа являются безучастными. Необходимо подчеркнуть, что внутри разрядов местоимений языковеды упоминают разное число того или иного вида местоимения. Самое большое количество вопросительных местоимений можно обнаружить в работе Х. Хусейнова, в которой приведены 33 вопросительных местоимения и они разделены на 8 групп. С точки зрения морфологической структуры, местоимения таджикского языка классифицируются на четыре вида: простые, производные, сложные и составные. Вопрос структуры местоимений в таджикском языке пока не подвергнут глубокому и всестороннему анализу. Что касается местоимений английского языка, по морфологической структуре они делятся на три группы: простые, сложные и составные.

Ключевые слова: вопросительные местоимения, английский и таджикский языки, морфологическая структура местоимений, выражение категории числа, производные местоимения.

ANALYSIS OF THE STRUCTURAL-GRAMMATIC FEATURES OF QUESTIONAL NONNONS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article is devoted to the problem of structural and grammatical features of interrogative pronouns in English and Tajik languages. This problem is relevant for the scientific analysis of the rich fund of phrase logical units of two genetically related languages. The expression of the category of number in the compared languages is manifested in the fact that interrogative pronouns: кӣ? - who, who? - what, ***, кадом?*** - which, ***кадомин?***? - which, ***куҷо?*** - where, ***дар куҷо***?- where express the category of the singular, and interrogative pronouns: ***киҳо?*** - who, ***, чиҳо?*** - what, ***кадомҳо****?* - which, ***куҷоҳо****?* - where, ***дар куҷоҳо***? - where in the Tajik language by adding the suffix -ҳо to the singular form expresses the plural form. On the contrary, in English, these interrogative pronouns regarding the expression of the category of number are indifferent. It should be emphasized that within the categories of pronouns, linguists mention a different number of a particular type of pronoun. The largest number of interrogative pronouns can be found in the work of Kh. Khuseinov, in which 33 interrogative pronouns are given and divided into 8 groups. From the point of view of morphological structure, the pronouns of the Tajik language are classified into four types: simple, derivative, complex and compound. The question of the structure of pronouns in the Tajik language has not yet been subjected to a deep and comprehensive analysis. As for the pronouns of the English language, according to their morphological structure, they are divided into three groups: simple, complex and compound.

Key words: interrogative pronouns, English and Tajik languages, morphological structure of pronouns, expressions of the category of numbers, derived pronouns.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гиёев Фазлиддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **- fazliddin92.tj@mail.ru**. Тел.: **(+992) 902-05-00-40**

Сведения об авторе: ***Гиёев Фазлиддин*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **- fazliddin92.tj@mail.ru**. Тел.: **(+992) 902-05-00-40**

Information about the author: ***Giyoyev Fazliddin*** - Tajik National University, Doctor Ph.D, of the Department of English and Comparative Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **- fazliddin92.tj@mail.ru**. Tel.: **(+992) 902-05-00-40**

УДК: 491.550:491.71

ПЕШОЯНДҲО ВА МАВҚЕИ ОНҲО ДАР БАЙНИ ҲИССАҲОИ НУТҚ
(масъалаҳои назариявии пешояндҳо дар забоншиносии муосир)

Саидқадамова Ш.Х.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мусаллам аст, ки калимаҳо бо маънои луғавӣ, категорияҳои грамматикӣ ва тарзу қолабҳои калимасозии худ ба гурӯҳҳои луғавию грамматикӣ ҷудо мешаванд. Маҳз вобаста ба ҳамин таснифоти лексикӣ-грамматикӣ калимаҳо ба ҳиссаҳои нутқ ҷудо мешаванд. Ҳар як ҳиссаи нутқ дар забони адабии тоҷик маънои луғавии хос, категорияҳои муайяни морфологӣ ва қолабҳои калимасозӣ дошта, вазифаи мушаххаси синтаксисиро адо мекунад. Масалан, сифат аломат ашёро ифода намуда, дорои категорияҳои морфологии дараҷа мебошад ва дар ҷумла, пеш аз ҳама, ба вазифаи муайянкунанда ва ҷузъи номии хабар меояд. Ҳиссаҳои нутқ вобаста ба маъно ва вазифаашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1. ҳиссаҳои мустақили нутқ. 2. ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ. Исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф ҳиссаҳои мустақили нутқ буда, пешоянду пасояндҳо ва пайвандакҳо ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ маҳсуб мешаванд. **Ҳиссаҳои мустақили нутқ** маънои мустақили луғавӣ дошта, предмет, аломат, хосият, ҳолат ва амалро мефаҳмонанд: ҷаҳон, мард, шаҳр, хона, ҷавон, зебо, хом, ман, тез, вай (ӯ), даҳ, сад, панҷум, даҳум, омадан, дидан, фуромадан, имрӯз, фардо, оҳиста, қасдан. **Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ** маънои мустақили луғавӣ надоранд ва муносибати байни падидаю ҳодисаҳои воқеиятро мефаҳмонанд: аз хона омадам, ба ту гуфтам, бародар ва хоҳарамро пешвоз гирифтам. Пешоянду пасояндаҳо ва пайвандакҳо ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқанд. Ҳиссачаҳо аз рӯйи ифодаю вазифаашон ба калимаҳои модалӣ шабоҳат доранд ва аз ҷиҳати ифодаи маъною вазифаашон аз пешоянду пасояндҳо ва пайвандакҳо ба куллӣ фарқ мекунанд [1, с.272]

Пешояндҳо ҳамон муносибатҳоеро ифода мекунанд, ки тавассути анҷомаҳои падежҳо ба воситаи исмҳо ва ҷонишинҳо ифода меёбанд, вале онҳоро нисбатан возеҳтар ифода мекунанд. Аз асрҳои X-XIII раванди фаъолонаи иқтибоспазирии забони тоҷикӣ аз забони арабӣ сурат мегирад, ки дар ин марҳила миқдори зиёди пешояндҳои таркибӣ, хусусан аз ҳисоби гузариши исмҳо, зарфҳо, феъли ҳол ба пешоянд зиёдтар мегардад. Дар натиҷаи ин, дар забони муосири тоҷикӣ теъдоди зиёди пешояндҳои номӣ ба вуҷуд омаданд. Муаллифони “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” менависанд: «Пешояндҳои номӣ ҳамчун хели нисбатан нави пешояндҳо тадриҷан аз ҳиссаҳои номии нутқ ва зарф сурат ёфтаанд. Пешояндҳои номӣ дар баробари ба андозае маҳфуз доштани маънои луғавӣ вазифаи релятивӣ (ёридиҳандагӣ) мегиранд. Пешояндҳои номӣ вобаста ба вазифаҳои нави забон ба вуҷуд меоянд. Ба воситаи онҳо муносибатҳои гуногуни синтаксисии калимаҳо дар нутқ сареҳтар ва аниқтар ифода мешаванд. Пешояндҳои номӣ дар давраи классикӣ дар ду шакл кор фармуда шудаанд: изофии содда ва изофии таркибӣ. Дар забони асарҳои классикӣ пешояндҳои изофии таркибӣ ба таври васеъ дар истеъмол буданд». Пешояндҳо якҷо бо исмҳо метавонанд, муносибатҳои гуногуни синтаксисиро ифода кунанд: **муносибатҳои пуркунандагӣ**:....дар бораи касе нақл кардан; роҷеъ ба мақола фикр кардан; дар бораи муаммо пурсидан; масъалаи оид ба таътилро ҳаллу фасл кардан ва амсоли инҳо; **муносибатҳои муайянкунандагӣ**: варақаи катакдор, моҳӣ бо соус, пироҳани пашмин, китоби дарсии математика, рафҳо барои китоб ва ғайра; **муносибатҳои ҳолии масоҳатӣ**: дар ҷангал будан, аз кинотеатр баромадан, дар назди мағоза қарор доштан, аз болои тур партофтан, дар зери пештахта пинҳон кардан, дар ақиб воқеъ гардидан ва амсоли инҳо; **муносибатҳои замонӣ**: то рӯзи якшанбе мавқуф гузоштан, дар рӯзи шанбе вохӯрдан, наздики субҳ гарм шудан, пеш аз рӯзҳои истироҳат ҷамъ шудан, ба муддати як моҳ истироҳат кардан ва ғайра; **муносибатҳои сабабӣ**: аз ғалоғула монда шудан, аз сабаби дермонӣ мушавваш шудан, дар натиҷаи боронгарӣ сел омадан, ба шарофати истеъдод ғалаба кардан, ба сабаби номусоид будани ҳаво парвоз накардан ва ғайра; **муносибатҳои мақсадӣ**: барои шӯхӣ гуфтан, барои хотира туҳфа кардан, барои расмкашӣ харидан, барои об фиристодан ва ғайра; **муносибатҳои тарз ва усули амал**: бо камоли хурсандӣ гуфтан, аз паҳлу резондан, бе шавқ кор кардан ва амсоли инҳо.

Маънои пешояндҳо берун аз ибораю ҷумла маълум карда намешавад, ба истиснои

гурӯҳи начандон зиёди пешояндҳои номӣ, ки ҳанӯз аз шакли аввалияи худ дур нарафтаанд, ба мисли “ба сабаби”, “ба мақсади”. Ин далели муҳимтарин исботи мавҷуд набудани маънои луғавӣ дар пешояндҳо ба шумор меравад. Аз рӯйи таркиб пешояндҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

1) пешояндҳои сода (аз, ба, бар, бо, дар, то, бе, ҷуз, пеши, назди, рӯйи, болои, паси, ғайри);

2) пешояндҳои мураккаб (такрор) (лаб-лаби, пеш-пеши, рӯ-рӯйи);

3) таркибӣ (то ба, ҷуз аз, ба ҷуз, ба пеши, аз пеши, дар назди, аз рӯйи, дар бораи, аз ғайри, пеш аз, баъд аз, пас аз, ғайр аз, берун аз, назар ба, нисбат ба, доир ба, оид ба, роҷеъ ба, ба ғайр аз ва амсоли инҳо).

Тазаккур бояд дод, ки пешояндҳо дар афкори илмӣ доир ба забон дар тӯли таърих мавриди таваҷҷуҳ қарор доштаанд ва дар забоншиносии муосир низ ҳамин ҳолат идома дорад. Ҳанӯз дар даврони қадим дар асарҳои илмии забоншиносони Ҳинди Қадим ва намояндагони мактаби искандарии Юнони Қадим пешояндҳо ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ таҳқиқ мешуданд. Таҳти таъсири афкори забоншиносони қадим дар грамматикаҳои асрҳои миёнаи забони русӣ, аз он ҷумла грамматикаи Л.Зизания (1596) ва М.Смотритский (1619) низ пешояндҳо ҳамчун ҳиссаҳои алоҳидаи нутқ дар баробари исму ҷонишин ва дигар навъи калимаҳо шинохта шудаанд. Ҳамин тавр, пешояндҳо ҳамчун як мавзӯи асосии таҳқиқ дар асарҳои забоншиносони асри Х1Х А.Х. Востоков, Н.П. Некрасов, Ф.И. Буслаев, К.С. Аксаков, А.А. Потебния баррасӣ мешуданд ва назарияҳои гуногун доир ба пешояндҳо дар корҳои Д.Н. Овсянико-Куликовский, Л.В. Щерба, А.А. Шахматов, А.М. Пешковский падид меоянд. Дар забоншиносии тоҷик низ ин мавзӯъ аз назари муҳаққиқон дар канор наемонад. Аз он ҷумла, монографияи алоҳидаи Неменова Р.Л. [Неменова 1954, -177] доир ба пешояндҳо ва маълумоти муфассал дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” далели ҳамин гуфтаҳост.

Пешояндҳо дар забон ва нутқ нақши хеле муҳимро мебозанд. Пеш аз ҳама, онҳо ташкилкунандаи ҷумла маҳсуб мешаванд, зеро бе алоқаи синтаксисии байни калимаҳо сохтани ҷумла ё як матни мукаммал ғайриимкон аст. Дар қисми зиёди забонҳо хизмати ҳолат (падеж)-ро ба ҷо меоваранд. Байни маънои грамматикии пешояндҳо ва ҳолат мувофиқати синтаксисӣ мушоҳида мешавад. Яъне, ҳар як падеж пешояндҳоро бо маънои муайян таъмин менамояд. Назарияҳои мавҷуда доир ба пешояндҳо ҳарчанд умри тӯлонии таърихӣ доранд, аммо ҳанӯз ҳам ба коркарди нав эҳтиёҷ доранд. Қисми зиёди муҳаққиқон пешояндро ҳамчун ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ эътироф намуда, маънои лексикӣ доштани онро қатъиян рад мекунанд (М.В. Ломоносов, Ф.И. Буслаев, А.А. Потебня, Ф.Ф. Фортунатов, А.А. Шахматов, А.М. Пешковский, Л.В. Щерба ва дигарон). Бархе аз забоншиносон (А.Х. Востоков, К.С. Аксаков, Д.Н. Овсянико-Куликовский, В.В. Виноградов, Е.Т. Черкасова, В.Н. Ярцева, Ю.И. Леденев, Р.П. Рогожникова, Г.А. Шиганова ва дигарон) маънои лексикӣ доштани пешояндҳоро эътироф мекунанд.

Дар воқеъ, пешояндҳо ягона калимаҳое мебошанд, ки ҳам маънои лексикӣ ва ҳам грамматикӣ доранд. Масъалаи мувофиқати маънои лексикӣ ва грамматикии пешояндҳо ҳамчун як масъалаи баҳснок дар корҳои илмии як гурӯҳ забоншиносон боқӣ мондааст. Аз он ҷумла, В.В. Виноградов ба “кам таҳқиқ шудани хусусиятҳои мувофиқати маъноии пешояндҳо ва таъсири мутақобилаи байни маънои лексикӣ ва грамматикии навъҳои гуногуни пешояндҳо” [2, с.7] таъкид намуда, ақида дошт, ки пешояндҳо афзалияти маънои грамматикӣ доранд. Аз рӯйи ақидаи В. В. Виноградов хусусияти дохилии маънои лексикии пешояндҳо аз он иборат аст, ки онҳо, дар қиёс аз калимаҳое, ки маънои мустақил доранд, маънои “модӣ” надоранд. Яке аз аввалинҳо шуда В.В. Виноградов навъҳои ифодаи алоқаеро, ки пешояндҳо созмон медиҳанд, ҷудо намуда таҳлил мекунад. Ба ақидаи ӯ пешояндҳо дорои алоқаҳои ифодакунандаи маконӣ, замонӣ, сабаб, мақсад, қиёсӣ, аблативӣ (маҳрум кардан, дур кардан, барҳам додан, кашида гирифтан, ҷудо намудан ва ғ.), комитативӣ (мувофиқат намудан, мутобиқат кардан, шарик будан, ҳамроҳӣ кардан) ва ғ. мебошанд. Дар маҷмӯъ ӯ 21 намуди алоқаро пешниҳод намудааст. Ҳамчунин, Виноградов В.В. ба тариқи муфассал доир ба пешоянди *дар* (на-и забони русӣ) маълумот дода, низоми бисёрмаъноии онро таҳлил мекунад ва дар баробари он, дар бораи сохтори умумии пешояндҳо иттилоъ медиҳад. Хотиррасон бояд кард, ки ҳарчанд муҳаққиқ низоми алоқаи маъноии пешояндҳоро пешниҳод намудааст, аммо доир ба меъёрҳои гурӯҳбандии

онҳо чизе нагуфтааст. Мафҳуми алоқаи маъноиро низ тафсир накарда, танҳо як қисми алоқаи маъноиро бо мисолҳо шарҳ додааст. Аз ин рӯ, гурӯҳбандие, ки Виноградов В.В. анҷом додааст, таҳқиқоти ҷиддиро мехоҳад.

Барои анҷом додани тафсири алоқаи маъноии пешояндҳо, пеш аз ҳама, бояд маҷмӯи маъноҳои лексикии тамоми пешояндҳоро муайян кард, зеро ин ё он маънои лексикӣ ба алоқаи маъноӣ бетаъсир наметонад. Дар ҳолати ба назар нагирифтани ин ҳолат номувофиқатии зиёд ба миён меояд. Виноградов В.В. нақши пешояндҳоро дар низоми феълӣ таҳқиқ намуда, дар мисоли забони русӣ таъкид мекунад, ки дар забони мазкур дар асри XIX–XX сохтори пешояндӣ-таҳлилӣ бештар паҳн мегардад.

Дар баробари масъалаҳои болозикр Виноградов В.В., инчунин, доир ба маъсалаҳои ҳаммаъно ва гуногунмаъно будани пешояндҳо ақидаи худро баён намуда, пешниҳод менамояд, ки ин масъала низ бояд мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Черкасова Е.Т. бар он ақида аст, ки «фарқи пешояндҳо аз калимаҳои мустақилмаъно на дар мавҷудияти маънои лексикии онҳост, балки дар хусусиятҳои хосси дохилии онҳост, ки ифодаи худро, пеш аз ҳама, дар он маъноҳо ба сифати алоқаи дигар тавассути маъноҳои грамматикӣ нишон медиҳанд» [8, с. 11].

Забоншиносии муосир мутаносибии ин маъноҳоро ба нишондоди алоқаи маъноҳои лексикӣ ва грамматикӣ эътироф менамояд. Маънои грамматикии пешоянд нишондоди умумии хусусиятҳои синтаксии алоқаи байни калимаҳоро дар бар мегирад. Маъноҳои лексикӣ бошанд, хусусиятҳои алоқаи маъноии (замонӣ, маконӣ, сабаб, мақсад ва ғ.) байни калимаҳоеро, ки пешоянд онҳоро пайваст мекунад, муайян менамоянд. Дар ин ҳолат, аз рӯйи гуфти Шиганова Г.А. «маънои лексикии пешоянд муштақ аз маънои грамматикии он мебошад, зеро ба вазифаи сигнификативии он мувофиқат мекунад, яъне вазифаи ифодаи алоқаи маъноии пешоянд ва маънои аслии пешоянд бо ҳам дар таносубанд» [9].

Доир ба хусусиятҳои духӯрагӣ доштани маънои пешояндҳо муҳаққиқи дигари рус Селиверстова О.Н. таъкид мекунад, ки дар маънои пешоянд дар қиёс бо калимаҳои ивазшаванда печдарпечиҳои зиёди лексикӣ ва грамматикӣ мавҷуданд [7].

Масъалаи баҳсноки дигаре, ки доир ба пешоянд то имрӯз ҳалли худро наёфтааст, ин робитаҳои системавии пешоянд дар даврaҳои гуногуни ташаккул ҳамчун ҳиссаи нутқ, хусусан, замону ҷараёни инкишофи пешояндҳои таркибӣ ва дараҷаи фразеологияшавии онҳо мебошад. Инчунин, дар дараҷаи кам таҳқиқ шудани инкишофи пешояндҳо дар қабатҳои гуногуни услубии забон, хусусан, дар нутқи расмӣ яке аз масъалаҳои муҳимми омӯзиш маҳсуб мёбад. Азбаски пешояндҳои фразеологӣ ҳанӯз омӯхта нашудаанд, бинобар ин, он истилоҳоти ягона низ надорад. Масалан, Виноградов В.В. онҳоро навъҳои мураккаби ибораҳои пешояндӣ, Скиба Ю.С., Бондаренко В.С., Рогожникова Р.П., ва Чепасова А.М. фразеологияҳои грамматикӣ, М.А. Леоненко пешояндҳои дуюмдараҷа, Черкасова Е.Т. ва Шиганова Г.А. фразеологияҳои релятивӣ номидаанд.

Ҳарчанд таваҷҷуҳи забоншиносон ба пешоянд зиёд буд, вале дар адабиёти забоншиносӣ доир ба пешояндҳои ҷудогона корҳои илмӣ қариб ба чашм намерасанд. Дар забоншиносии тоҷик, ба истиснои чанд таҳқиқоти муқоисавӣ доир ба пешояндҳои ҷудогона ягон кори илмӣ анҷом наёфтааст. Вале дар забоншиносии рус корҳои илмии анҷомдода дар ин самт ба насар мерасанд, ки мо метавонем дар ин гурӯҳ корҳои Пантелеева Т. А. [Пантелеева, Т.А. Семантико-грамматическая структура предлога], Милованова Л.А. [Милованова, Л.А. Семантико-грамматические свойства] -ро зикр намоем. Дар корҳои муҳаққиқони закршуда раванди ташаккул ва таҳаввулёбии сохтори маъноии пешояндҳои мавриди пажӯҳиш қарордодашуда, таҳқиқ шудаанд. Кори таҳқиқотии Шестакова Е.В.-ро, ки ба таркиби забонии пешояндҳои фразеологӣ бахшида шудааст, бояд махсус қайд кард. Мавсуф ба семантикаи пешояндҳои фразеологии услуби расмӣ-коргузорӣ таваҷҷуҳ дода, онро ҳаматарафа ба риштаи таҳқиқ кашидааст [9].

Тазаккур бояд дод, ки дар забони тоҷикӣ низ гурӯҳи ибораҳои фразеологие мавҷуданд, ки аз рӯйи қолабҳои пешояндиву пасояндӣ ба вуҷуд омадаанд: «ба чашм намоён», «мӯру малах барин», «ба дил гирифтан» ва ғ. [1].

Е.Т. Черкасова гурӯҳбандии пешояндҳоро аз ҷиҳати таркиб анҷом додааст. Ӯ таснифоти зерини пешояндҳоро пешниҳод мекунад: “1. Аз рӯйи сохтор пешояндҳо ба сода (иборат аз ду калима) ва таркибӣ (иборат аз се калима) ҷудо карда шаванд” [8]. Нооқилона будани чунин таснифот равшан аст: дар он усули шаклӣ (танҳо миқдор ба

назар гирифта мешавад) ба кор бурда шудааст ва воситаҳои ифодаи ҷузъҳо бо назардошти хусусиятҳои луғавӣ- грамматикии ҳиссаҳои нутқи аввалия ва ғайра ба назар гирифта нашудаанд.

Дар ибораю ҷумла байни калимаҳо, пеша аз ҳама, пешоянд воситаи асосии грамматикии алоқа ба ҳисоб меравад. Пешоянд як калимаро ба калимаи дигар вобаста намуда, калимаи пешояндцор эзоҳдиҳанда ва калимаи дигарро шарҳу эзоҳ медиҳад.

Хулоса, пешояндҳо бо исмҳо, ҷонишинҳои предметӣ, масдар ва ҳиссаҳои дигари нутқ, ки хусусияти предметӣ гирифтаанд, меоянд. Бо ёрии пешоянд бештар ибораҳои феълӣ, исмӣ ва сифати феълӣ сохта мешаванд. Дар шаклгирии ибораҳои исмӣ низ пешояндҳо зиёд истифода мешаванд. Онҳо дар ташаккули ибораҳои сифатӣ низ иштирок мекунанд.

Муқарриз: ***Соҳибназарова Ҳ.Т.*** **–** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДЗТ ба номи С.Улуғзода.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш.Бобомуродов, З.Мухторов. – Душанбе, 2018. - 322 с.
2. Виноградов, В.В. Основные типы лексических значений слова / В.В. Виноградов // Лексикология и лексикография: избр. тр. – М., 1977. – С.162-169.
3. Милованова, Л.А. Семантико-грамматические свойства и отношения предлога за1, оформляющего винительный падеж, и предлога за2, оформляющего творительный падеж, в современном русском языке: автореф. дис. … канд. филол. наук / Л.А. Милованова. – Челябинск, 2009. – 22 с.
4. Очерки по исторической грамматике русского литературного языка XIX века / под ред. В.В. Виноградова, Н.Ю. Шведовой. – М., 1964. – 300 с.
5. Пантелеева, Т.А. Семантико-грамматическая структура предлога на1, оформляющего винительный падеж, и предлога на2, оформляющего предложный падеж, в современном русском языке: автореф. дис. … канд. филол. наук / Т.А. Пантелеева. – Челябинск, 2006. – 23 с.
6. Попова, З.Д. Система падежных и предложно-падежных форм в русском литературном языке XVII в. / З.Д. Попова. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1969. – 183 с.
7. Селиверстова О.Н. Имеет ли предлог только грамматическое значение? / О.Н. Селиверстова // Вопросы филологии. – 1990. – № 3. – С.26-33.
8. Черкасова, Е.Т. Переход полнозначных слов в предлоги / Е.Т. Черкасова. – М.: Наука, 1967. – 280 с.
9. Шестакова, Е.В. Фразеологические предлоги в текстах официально-делового стиля (на материале кодексов Российской Федерации): автореф. дис. … канд. филол. наук / Е.В. Шестакова. – Челябинск, 2010. – 23 с.
10. Шиганова, Г.А. Система лексических и фразеологических предлогов в современном русском языке: моногр. / Г.А. Шиганова. – Челябинск: Изд-во Челяб. гос. пед. ун-та, 2001. – 454 с.

ПЕШОЯНДҲО ВА МАВҚЕИ ОНҲО ДАР БАЙНИ ҲИССАҲОИ НУТҚ

(масъалаҳои назариявии пешояндҳо дар забоншиносии муосир)

Дар мақола доир ба масъалаҳои назариявии пешояндҳо дар забоншиносии муосир ва мавқеи онҳо дар байни ҳиссаҳои нутқ маълумот дода мешавад. Пешояндҳо ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, ҳамчун воситаи алоқаи синтаксисии тобеъкунандаи исмҳо ва ҷонишинҳо бо калимаҳои дигар, ибораю ҷумлаҳо ба кор бурда мешаванд: хонаи назди роҳ, аз роҳ гузаштан. Низоми пешояндии забони тоҷикӣ дар натиҷаи инкишофи тӯлонӣ ташаккул ёфта, ба тағйироти ҷиддӣ дучор шудааст. Аз он ҷумла, пешояндҳои аслӣ дар натиҷаи дигар шудани вазифа ва маъноҳои он дар давраи бостони инкишофи забони тоҷикӣ ташаккул ёфта, пешояндҳои номӣ дар давраи миёнаи ташаккули забони тоҷикӣ аз ҳисоби калимаҳои мустақилмаъно такомул ёфтаанд. Пешояндҳои забони тоҷикӣ, ки дар даврони қадим хусусияти фелективӣ дошт, бо шаклҳои ҳолат (падежӣ)-и ҳиссаҳои номии нутқ ифода мешуданд. Дар даврони миёна забони тоҷикӣ ҳамин хусусиятро аз даст медиҳад ва минбаъд вазифаи шаклҳои падежиро пешоянду пасояндҳо пурра иҷро мекарданд ва ин сабаб гардид, ки миқдори пешояндҳо дар забони тоҷикӣ ба тадриҷ зиёд гардида, моҳияти грамматикии онҳо беш аз пеш меафзуд ва маъноҳои нав касб менамуд. Дар давраи нав пешояндҳо дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати маъно ва шаклҳои морфологиашон такмил ёфта, мазмунан устувор ва миқдоран ғанӣ мегарданд ва як низоми мукаммали синтаксисию маъноиро ташкил медиҳанд. Пешояндҳо ҳамон муносибатҳоеро ифода мекунанд, ки тавассути анҷомаҳои падежҳо ба воситаи исмҳо ва ҷонишинҳо ифода меёбанд, вале онҳоро нисбатан возеҳтар ифода мекунанд. Ин ва дигар масъалаҳо дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Калидвожаҳо: пешоянд, пешояндҳои аслӣ, пешояндҳои номӣ, ҳиссаҳои нутқ, гурӯҳҳои луғавӣ, ҳолат (падеж), муносибатҳои грамматикӣ, категорияҳои грамматикӣ.

ПРЕДЛОГИ И ИХ ПОЛОЖЕНИЕ СРЕДИ ЧАСТЕЙ РЕЧИ

(теоретические проблемы предлогов в современной лингвистике)

В статье приводятся сведения о теоретических проблемах предлогов в современной лингвистике и их положении среди частей речи. Предлоги являются вспомогательной частью речи и используются как средство синтаксической связи подчиненных существительных и местоимений с другими словами, фразами и

предложениями: дом рядом с дорогой, переход через дорогу. Ведущая система таджикского языка сформировалась в результате многолетнего развития и претерпела значительные изменения. В частности, оригинальные предлоги были сформированы в результате изменений функции и их значений в древний период развития таджикского языка, а именные предлоги были сформированы в средний период формирования таджикского языка за счет независимых слов. Предлоги таджикского языка, которые в древности носили избирательный характер, выражались падежными формами именных частей речи. В средние века таджикский язык утратил эту особенность, а затем префиксы и суффиксы полностью выполняли функцию падежных форм, что привело к постепенному увеличению числа предлогов в таджикском языке, их грамматической значимости и новых значений. В новый период предлоги в таджикском языке улучшаются с точки зрения значения и морфологических форм, их содержание стабильно и количественно богато, и они формируют полную синтаксическую и семантическую систему. Предлоги представляют собой те же отношения, которые выражаются через окончание косвенных падежей существительных и местоимений, но они выражены более четко. Эти и другие вопросы обсуждаются в этой статье.

Ключевые слова: предлоги, исконные предлоги, существительные предлоги, части речи, лексические группы, падеж, грамматические значения, грамматические категории.

PREPOSITIONS AND THEIR POSITIONS AMONG THE PART OF SPEECH

(theoretical problems of prepositions in modern linguistics)

The article deals with the problems of prepositions in modern linguistics and their position among the parts of speech. Prepositions are an auxiliary part of speech and are used as a means of syntactic connection of subordinate nouns and pronouns with other words, phrases and sentences: a house near a road, a crossroads. The leading system of the Tajik language was formed as a result of long-term development and underwent significant changes. In particular, the original sentences were formed as a result of changes in functions and their meanings in the ancient period of development of the Tajik language, and the pronouns were formed in the middle period of the formation of the Tajik language without counting. Prepositions of the Tajik language, which in ancient times carried a selective character, were expressed in the proper forms of parts of speech. In the middle ages, the Tajik language lost this feature, and then the prefixes and suffixes fully performed the function of case forms, which led to a gradual increase in the number of prepositions in the Tajik language, their grammatical and new meaning. In the new period of prepositions in the Tajik language are improved from the point of view of meaning and morphological forms, their content is stable and quantitatively rich, and they form a complete syntactic and semantic system. Prepositions represent the same relations, which are expressed through the end of indirect cases of nouns and pronouns, but they are expressed more sharply. These and other issues are discussed in this article.

Keywords: prepositions, main prepositions, nounal prepositions, parts of speech, lexical groups, case (case), grammatical relations, grammatical categories.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидқадамова Шамсия Хайлобековна*** **-** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/б. Тел.: **(+992) 93-484-17-95**

Сведения об авторе: ***Саидкадамова Шамсия Хайлобековна*** **-** Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзоде, соискатель кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 93-484-17-95**

Information about the author: ***Saidkadamova Shamsiya Khailobekovna*** - Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, researcher in the Department of comparative linguistics and theory of translation. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev, Str. 17/6. Tel.: **(+992) 93-484-17-95**

УДК: 491.550:42:491.437.5

КОРБУРДИ НОМИ РУСТАНИҲОИ МЕВАДИҲАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, АНГЛИСӢ ВА ӮЗБЕКӢ

Абдуллоева Н.Р.
Донишгоҳи давлатии Термизи ҶӮ

Таҳқиқу омӯзиши вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва ӯзбекӣ ва қиёси сохтору маншаи онҳо хеле муфидовар буда, манзалату манзараи мавқеи ин вожагон ва тобишу ҷилоҳои маънии онҳоро дар таркиби луғавии забонҳои номбаршуда муайян намудан мумкин аст. Гуфтан ҷоиз аст, ки вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда ба қатори вожагони муҳимми таркиби луғавии забонҳои қиёсшаванда қарор дошта, ба гурӯҳи вожаҳои фаъоли таркиби луғавии забонҳои мавриди баррасӣ қароргирифта шомиланд. Таҳқиқ нишон дод, ки истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои рустаниҳои мевадиҳанда дар ташаккули фонди асосии луғавӣ ва дар ин замина таркиби луғавии забони адабии ҳар як забон нақши муҳим доранд. Ба ҳайати рустаниҳо тамоми анвои дарахтон, гулу буттаҳо, гиёҳҳо дохиланд. Халқ рустаниҳоро аз рӯйи аломату хусусият, монандию манфиатрасонӣ дар қолабҳои гуногуни калимасозии забон сохта, онҳоро барои масоили гуногуни рӯзгорашон: хӯрок, сохтмон, табобат, киштукор, сохтани асбобҳои рӯзгор, олоти меҳнат ва дар номгузориҳои деҳаю гузарҳо, чарогоҳу маконҳои хурди истироҳатӣ ва ғайра истифода мебаранд.

Истилоҳот ё вожагони умумии марбут ба анвои дарахтони мевадиҳанда дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва ӯзбекӣ мавқеи муҳим доранд. Вожагони ин гурӯҳ аз калимаҳои умумихалқӣ ва адабӣ-китобӣ маншаъ мегиранд. Онҳо на танҳо номи рустаниҳои мевадиҳанда, балки номи масоили гуногуни ба онҳо вобастаро низ ифода мекунанд. Ба унвони мисол калимаҳои зеринро овардан мумкин аст, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ корбурд доранд: ***зардолу, олу, себ ва навъҳои он, нок, шафтолу, чормағз, биҳӣ, ношпотӣ, анор, тут, шоҳтут, тути балхӣ, тути хасак, тути сиёҳ, токи ангур, олуча, гелос, бодом, писта, анҷир, хуч, дӯлона, ананас, хурмо, мандарин***, ***санҷид, киви, банан, чормағзи заминӣ, мурӯд, хубонӣ, себбиҳӣ ва ғ.***

Дар забони тоҷикӣ рустаниҳои ифодагари мевачот боз дар навбати худ ба навъу хелҳо ҷудо мешаванд. Барои мисол мо рустании мевадиҳандаи себро агар таҳлил карданӣ шавем, дар ҳудуди Осиёи Миёна чанд навъи мевачоти марбути себ аст, ки чанде аз онҳоро ин ҷо чун мисол меоварем: ***латасев, мулойимсев//мъулойимсев, ордаксев, қопасев, хубонӣ//хувони, кълчасев, чойниксев // чойнъксев, боғълмасев, шойисев // шоҳисев, севбиӣ//севбиҳӣ, ҷугорисев//ҷъгорисев, қосимсаркорӣ, кадусев, загорасев // зъгорасев, камолисев, ҳавлосев // hавлосев, ҷангалӣ, зардсев//зарсев, съфедсев, търъшак, талхаксев, ҷавпазак, сурхсеб, себча, пахтасеб, шакарсеб, сеюи сурх, себи тиллоӣ*** ва м. инҳо. Дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ доир ба навъи себ чунин вожагонро дучор мешавем: **қопасев**, **хубонӣ//хувони** дар лаҳҷаҳои гурӯҳи қаротегинӣ; **гърсев** ва **кълчасев** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб; **чойниксев // чойнъксев**, **боғълмасев** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ; **шойисев // шоҳисев, ҷавпазак** дар лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб ва **севбиӣ // севбиҳӣ** барои аксариати лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ маъмул мебошанд.

Ё доир ба нок ва навъҳои он чунин мисолҳоро овардан мумкин аст: **нашпотӣ // нашпутӣ // нашпоту, ношпутӣ, мурут // мъруд // мърут // амрут ва ғ.** Вожаи нок дар лаҳҷаи Бухоро дар шакли **ношпӯтӣ** [3, с.168], дар лаҳҷаҳои тоҷикони ноҳияи Китоб ба сурати «**нокмурӯд**» [3, с.184] истифода мешавад. Дар форсии миёна амрут шакли “**анбаруд**” доштааст [6, с.98]. Ғайр аз ин, анвои нок бо номҳои **анҷирак** «ноки хурди сурхчатоби анҷирмонанд» дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ; **кайвон//кайвун**, **каҳин**, **севнок** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб вомехӯранд. Калимаи **шъкинг** (навъи нок) аз рӯйи шарҳи Н.Гадоев ба лаҳҷаи Тагнов мансуб аст [1, с.83], ки мо ба ин мувофиқем. Калимаи **севнок** дар минтақаи Лахш ба маънои «навъи алаф» низ истифода мешавад. Навъҳои **мурут // мъруд // мъру** нисбатан зиёдтаранд. Номгузории ин навъи мева мутобиқи рангҳо (зард, сафед, сиёҳ), монандиашон бо ашёи атроф (кулух, кулча, анҷир), намуди зоҳирии худи онҳо ва ғайра вобаста аст. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ: **зардакмърут, търъшмърут**, **кълухмърут;** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб: **кълчамурут, шаҳингмърут**, **анҷирмурут**; дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ: **хирсакмърут//хърсакмърут, қоқмъруд** маъмул аст. Калимаҳои **съфедмъруд // съфедмърут** ва **сийамъруд // сийаҳмуруд** барои шеваи ҷанубӣ ва ҷануби

шарқӣ муштарак мебошанд. Вожаи **тарак** танҳо дар деҳаи Ғеш (гурӯҳи шимолии Кӯлоб) чун навъи амрӯд роиҷ аст. **Қоқмъруд** ва **хирсакмърут// хърсакмърут** ҳарчанд бо пайванд кардан ба навъи хуб табдил ёфта бошанд ҳам, номи қаблиашон иваз нашудааст. Барои ифодаи анвои ин гурӯҳ (муруди ёбоӣ) дар шакли ибораҳо истилоҳоти **мърути ҷангалӣ** ва **мърути хърсак** низ мавҷуд аст. Навъҳои **анҷирмурут** ва **шаҳингмърут бо** ибора-истилоҳ дар шакли **мърути анҷирак**, **мърути шоҳӣ** истифода мешаванд.

Бояд зикр кард, ки дар ҳамин шакл, **номи анвои зардолу:** қандак, рухак, хурмоӣ, сафедак, сафара, ширинduна ва ғ.; **номи анвои олу**: олу//оли, олича, гелос, олуболу//олболу, қаролу, зардолича, ғандолу//ғандолӣ, қаҳролу//қаролу, сияҳгелос, навгелос, зардгелос ва ғ.; **номи анвои шафтолу**: шафтолӣ, пашмак, лашмак, анҷиршафтолу, кулчашафтолу, сурхшафтолу, сафедшафтолу ва ғ.; **номи анвои ангур**: кишмиш, чиликӣ, таговӣ, бахтийорӣ, ҳусайнӣ, говангур, лалӣ, лаълангур, сияҳангур, сафедангур, ҷавз, ҷавпазак, сурхаи сиёҳ, кишмиши сиёҳ, гурдаи гов ва ғ.; **номи анвои тут**: гултут, шаҳтут, хастут, нартут, сафедтут; сияҳтут; бурпуштак, рахштут, сурхтут, калатут, тутмайиз, тути сиёҳ, тути духтарчин, тути лаълӣ, тути балхӣ, тути мазафарӣ, тути бедона, тути рованӣ, тути овғуч, тути шайхӣ ва ғ.; **номи анвои чормағз:** кӯрак, қоғотӣ, говкалла; **номи анвои дӯлона**, санҷид, анор, анҷир мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар таркиби луғавии забони англисӣ вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда чунин мавриди истифода қарор мегиранд: **apricot** (*зардолу*)**,** **plum** *(олу),* **apple and its varieties** *(себ ва хелхои он),* **pear** *(нок),* **peache** *(шафтолу),* **nut** *(чормағз),* **quince** *(биҳӣ, айва),* **pomegranate** *(анор),* **silk** *(тут),* chestnut *(фундук)***,** ***h*ay silk** *(тути хасак),* **black silk** *(тути сиёҳ),* **vine** *(токи ангур),* **cherry plum** *(олуча),* **cherry** *(гелос),* **almond** (*бодом)*, **pistachio** *(писта),* **fig** *(анҷир),* **hooch** (*хуч, нави шоли),* **larvino** *(личинка, дӯлона),* **pineapple** (*ананас),* **velvet persimmon** (кадифе хурмо), **mabola** *(хурмо),* **mandarin** *(мандарин)*, **well** (*санҷид),* **kiwi** *(киви),* **peanuts** *(чормағзи заминӣ)*, **banana** *(банан),* **other legumes** *(мурӯд, ловия)* ва м. инҳо.

Дар таркиби луғавии забони ӯзбекӣ вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда чунин мавриди истифода қарор мегиранд: ***зардоли*** (*зардолу), **олхӯри** (олу), **олма** (себ), **нок** (нок), **шафтоли** (шафтолу), **ёнғоқ** (чормағз), **бехи** (биҳӣ), **ношвоти** (ношпотӣ), **анор** (анор), **тут** (тут), **шоҳтут** (шоҳтут), **балх тути** (тути балхӣ), (тути хасак), **қоратут** (тути сиёҳ), **узум** (токи ангур), **олча** (олуча), **гилос** (гелос),* **бодом** (*бодом), **писта** (писта), **анжир** (анҷир), **итпинди** (хуч), **дӯлана** (дӯлона),* **ананас** (*ананас), **хурмо** (хурмо), **мандарин** (мандарин)*, ***жийда*** (*санҷид), **киви** (киви), **банан** (банан), **ер ёнғоқ** (чормағзи заминӣ), **муруд** (мурӯд), **хубони** (хубонӣ), **беҳиолма** (себбиҳӣ) **юмшоқ олма** (мулойимсеб), **кулча олма** (кулчасеб), **шоҳ олма** (шоҳисеб), **кади олма** (кадусеб), **сариқ олма** (зардсеб), **оқ олма** (сафедсеб), **олдин пишар олма** (ҷавпазак), **қизил олма** (сурхсеб), **олмача** (себча), **пахта олма** (пахтасеб), **шакар олма** (шакарсеб), **қизил олма** (себи сурх)* ва м. инҳо.

Аз мисолҳои оварда маълум мегардад, ки дар таркиби луғавии забони ӯзбекӣ бештари вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда мансуби забони тоҷикӣ буда, ин унсурҳои луғавӣ дар натиҷаи ҳамзистии осоиштаи тоҷикону ӯзбекон дар як сарзамин ба забони ӯзбекӣ аз забони тоҷикӣ гузаштааст. Ё баръакс, ки дар ифодаи вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳандаи забони тоҷикӣ вожагони мансуби забони ӯзбекӣ низ, чун: ***қаролу*** ва м. инҳо ба назар мерасад, ки ин натиҷаи ҳамсоягӣ ва баҳрабардории соҳибзабонон аз забонҳои ҳамдигар аст. Солҳои охир, махсусан, пас аз истиқлолият равобити кишварҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон бо мамолики Шарқ ва Ғарб хеле хуб гардид ва дар соҳаи савдо муносибат хуб гардида, навъи меваҳои субтропикӣ дар бозорҳои дохилии кишварҳои номбурда пайдо шудаанд ва бо ҳамон номашон дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ (банан, киви, мандарин ва ғ.) истифода мешаванд.

Вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда дар забонҳои қиёсшаванда аз нигоҳи сохт низ гуногун буда, онҳоро метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд: *сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ.*

а) Вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳандаи сода*:** Дар луғатҳои тафсирӣ ва истилоҳии забоншиносӣ, инчунин дар адабиёти таълимӣ вожаҳои содаро чунин шарҳ додаанд: «Калимаҳое, ки танҳо аз як реша таркиб ёфтаанд, вожаҳои сода мебошанд» [2, с.65]. Аз ин ҷост, ки ба гурӯҳи вожаҳои сода чунин вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда шомиланд: ***олу, себ, нок, анор, тут, ток, ангур, гелос, бодом, писта, анҷир, хуч, ананас, хурмо, мандарин*, *санҷид, киви, банан, мурӯд ва ғ.

б) Вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳандаи сохта. Дар ин гурӯҳ вожаҳо васлшавии сунъии решаву вандҳо набуда, дар он ҷузъҳо ба ҳам аз ҷиҳати маъно мувофиқат

мекунанд ва мувофиқати маъноии асосу ванд ба онҳо имконият медиҳад, ки ба ҳам васл шуда, маънои наве пайдо кунанд, ки ба маънои ҳам асос ва ҳам дар калимаҳои сохта равшан зоҳир мешавад. Дар шаклгирии вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳандаи ***сохта*** чунин пасвандҳо нақш доранд: *-а, -ӣ, -ак, -ча ва ғ.*

Пасванди -а аз исм исм месозад: аз исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва ихтисос исмҳое месозад, ки амал ва соҳаи фаъолиятро мефаҳмонанд: ***деҳқонӣ, косибӣ, шофёрӣ, инженерӣ, савдогарӣ, коргарӣ, кирмакпарварӣ, чорводорӣ, шоирӣ, олимӣ*** ва ғ.:

Пасванди -ӣ. Ин пасванд аз нигоҳи адои вазифа сермаҳсул буда, дар ташаккули вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳандаи забонҳои қиёсшаванда нақши муассир дорад: ***биҳӣ, ношпотӣ, балхӣ ва ғ.***

Пасванди -ак. Ин пасванд сермаҳсул буда, дар шаклгирӣ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ, яъне аз исмҳои конкрети номи ашё, ки асосаш аз ягон ҷиҳат монанд буданро мефаҳмонад, нақш дорад: ***хасак…***

Пасванди -ча. Ин пасванд дар шаклгирии чунин вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда мусоидат кардааст: ***олуча, себча...***

в) Вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳандаи мураккаб. Васлшавии калимаҳо яке аз роҳҳои асосии калимасозии навъи мураккаби забон ба шумор меравад. Дар қолабҳои гуногуни калимасозӣ вожаҳои мураккаби зиёди марбут ба вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда сохта шудааст, ки онҳоро метавон ба сурати зер оварад:

1) Калимаҳои мураккаби пайваст. Ин навъи калимаҳоро дар забоншиносӣ навъи копулятивии калимасозӣ меноманд. Онҳо аз ҷузъҳои баробарҳуқуқ иборат буда, яке ба дигаре вобаста нестанд. Ин навъи калимаҳо хеле каманд ва дар мисолҳои мо гирдоварда танҳо дар **қолаби исм+исм** ба назар расид**: ҷавбед** маҷнунбед; **макаҷаҳварӣ** ҷуворимакка; **анҷиршафтолу** навъи шафтолуи анҷирмонанд; **севнок** навъи нок ва ғ.

2) Калимаҳои мураккаби тобеъ. Дар забоншиносӣ ин гуна калимаҳоро бо истилоҳи детерминативӣ ном мебаранд. Аз баррасии маводи дар даст доштаамон бармеояд, ки дар забонҳои қиёсшаванда, хоссатан забони тоҷикӣ зимни сохтани калимаҳои мураккаби тобеи марбут ба вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда аз қолибҳои маъмули классикии исм+исм, исм+феъл, сифат+исм, шумора+исм ва ғ. истифода шудааст. Яке аз қолибҳои машҳури калимасозии навъи мураккаби тобеъ **факки изофат** мебошад, ки мутобиқи ин қолаб чунин вожаи ифодагари рустании мевадиҳанда ба вуҷуд омадааст: **севбиҳӣ**-як навъи биҳӣ ва ғ.

Дар байни калимаҳои марбут ба вожаҳои ифодакунандаи рустаниҳои мевадиҳанда вожаҳои мураккаби тобеъ, ки ҷузъи дуюм асосӣ буда, ҷузъи аввал ба он тобеъ мешавад, мавқеи муҳим доранд ва бо қолибҳои зерин сохта мешаванд:

Исм+исм. Ин қолиби сермаҳсул ба шумор меравад ва чунин вожаҳои ин соҳа шакл гирифтаанд: ***кулчасеб*** навъи себ, ***хастут*** тути ёбоӣ, **анҷирмурут** навъи мурут, **олуболу як навъи** олу ва ғ.

Исм+феъл. Ин қолаб каммаҳсул аст: **ғурукрез** меваи хоми ба офати табиӣ гирифторшуда ва ғ.

Сифат+исм. Дар ташаккули воҳидҳои луғавии марбут ба меваҷот қолиби сифат+исм яке аз қолибҳои сермаҳсул ба шумор меравад. Онҳо ифодакунандаи номи анвои меваҳо: *гелос, зардолу, себ, ангур, мурӯд, шафтолу, олуболу, тут* ва ғ. мебошанд, ки чанд мисол меорем: **сафедшафтолу** навъи шафтолу, **сиёҳгелос** гелоси сиёҳтоб, **сиёҳмуруд** мурӯди сиёҳчатоб, **зардолу** олуи зард, **зардгелос** гелоси зард, **сурхтут** тути сурх; шоҳтут, **савзинагул** навъи ангури пӯстнафиси ниҳоят ширин, **кабутсев** себи кабудчатоби туршмаза, **сиёҳолу** олуи сиёҳ (қаролу) ва ғ.

Шумора+исм. Ин қолиб каммаҳсул аст: **чормағз** номи мева ва ғ.

Ҳамин тавр, калимаҳои мураккаби тобеъ бо қолибҳои исм+исм, исм+ феъл, сифат+исм ва шумора+исм сохта шуда, дар шаклгирии номи меваҷот дар забонҳои қиёсшаванда нақш доранд.

г) Вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда дар қолаби ибора - истилоҳот. Ибораҳо як қабати асосии истилоҳоти мансуб ба наботот, аз ҷумла соҳаи меваҷотро фаро мегиранд. Маълум аст, ки ибора дар забони тоҷикӣ ба номию феълӣ тақсим мешавад ва маводи мо гирдоварда, асосан, ибораҳои номианд. Дар ташаккули ин гуна ибораҳо калимаҳои асосӣ ва калидӣ вожаҳои содаи ифодакунандаи анвои растаниҳо мебошанд. Дар ибора-истилоҳот калимаҳои калидӣ, ки ба ҳайси муайяншаванда меоянд, бо муайянкунандаҳои худ бо бандаки изофӣ алоқаи синтаксисӣ барқарор карда, навъҳои рустаниҳои мухталифро ифода мекунанд. Ин аст, ки ибора-истилоҳоти мавҷуда тибқи калимаҳои асосӣ оварда мешаванд: **ангур** (*ангури бедуна // анғӯри бедуна, ангури зулфи, ангури лал, ангури ҳусайнӣ, ангури мундон, ангури мили гов* ва ғ.), **тут**

(тути сафед, тути сиёҳ // сийяҳ, тути сурх, тути бур, тути лухӣ, тути рахшак, тути хасакӣ, тути музафарӣ, тути балхӣ ва ғ.), **себ//сев** *(севи хубонӣ//хувонӣ, севи богӣ, севи талхмаза, севи пуштагӣ, севи ҷинҷила, севи пешпазак, севи авҷалилӣ; себи биҳӣ// биҳӣ; севи чарсак ва г.),* **зардолу//зардолӣ** *(зардолийи бодумак, зардолийи къръмхурда, зардолийи пешпазак, зардолийи пучак, зардолийи сърхак, зардолийи съфедак* ва ғ.), **чормағз** *(чормагзи курак, чормагзи лула, чормагзи қоғотӣ, чомоқи қоғотӣ, чомоги пучак ва г.)*

Ҳамин тавр, барои ифодаи навъҳои гуногуни рустаниҳои ҳосилдеҳ ибора-истилоҳоти мухталифе истифода мешаванд, ки дар онҳо калимаи асосӣ худи рустаниҳо мебошанд. Дар сохтани ин гуна ибора-истилоҳот калимаҳои **ангур, тут, себ//сев, зардолу//зардоли** хеле сермаҳсул буда, воҳидҳои луғавии **шафтолу // шафтолӣ** нисбатан бомаҳсул ва вожаҳои **анор, ҷугорӣ, санҷит (ҷигида)**, **саморуғ, сано, дулона** каммаҳсул ва ғайрифаъоланд, ки барои қисме аз онҳо мисолҳо оварда шуд.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи ин мисолҳои оварда ва таҳлили қиёсии вожагони ифодакунандаи рустаниҳои мевадиҳанда дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва ӯзбекӣ ба чунин андеша омадан мумкин аст, ки ин вожагон чун ифодакунандаи номи рустаниҳои мевадиҳанда дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва ӯзбекӣ таърихи қадима дошта, дар шаклгирии онҳо дар забонҳои қиёсшаванда нақш доранд. Ин мафҳуми ифодагари номи рустаниҳои мевадиҳанда дар ҳаёти рӯзмарраи мардум барои ифодаи номи меваҷот ва фаровонии зиндагӣ нақш доштааст.

Муқарриз: ***Ҳомидов Д.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н.Гадоев. – Душанбе, 2017. – 156 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1985. - 320 с.
3. Маҳмудов М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев, Б.Бердиев. – Душанбе: Дониш, 2012. - 946 с.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ /Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 320 с.
5. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров / В.С. Расторгуева. – М.: Нука, 1964. - С.5-90.
6. Саймиддинов Д. Вожасозии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
7. Степанова М.Д. Словообразование современного немецкого языка / М.Д. Степанова. – М.: Наука, 1953. – 376 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ / аз асри Х то ибтидои асри ХХ/: Ҷ.1. – М.:СЭ, 1969. – 951 с.
9. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 143 с.
10. Ҳалимов С. Забони адабии ҳозираи тоҷик / С.Ҳалимов, К. Шукурова. – Душанбе: УДТ, 1988. – 100 с.
11. Ҳомидов Д. Шевашиносӣ / Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2016. – 260 с.
12. Ҷӯраев Ғ. Забони мо-ҷаҳони мо / Ғ.Ҷӯраев. – Душанбе: Маориф, 2014. – 156 с.
13. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.3. - Душанбе, Ирфон, 1982. – 267 с.
14. Юсупова С. Нақши калимаҳои сода дар ташаккули воҳидҳои луғавии марбут ба наботот / С. Юсупова // Паёми ДМТ 2017. – № 4/5. – С.135-141.
15. Эшниёзов М. Лаҳҷашиносии тоҷик / М. Эшниёзов. – Душанбе, 1996. – 210 с.

КОРБУРДИ НОМИ РУСТАНИҲОИ МЕВАДИҲАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, АНГЛИСӢ ВА ӮЗБЕКӢ

Дар мақолаи мазкур сухан аз бобати корбурди номи рустаниҳои мевадиҳанда дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва ӯзбекӣ меравад ва роҳҳои шаклгирии калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳоти вожагони ифодакунандаи рустаниҳои мевадиҳанда дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва ӯзбекӣ нишон дода мешавад. Муаллиф ба адабиёти назариявию амалии муқоисавии соҳаи калимасозӣ такя намуда, роҳҳои калимасозии вандӣ ва мураккаботро бо иштироки пасванду пешвандҳои забони тоҷикӣ, яъне вандҳо ва иштироки ҳиссаҳои нутқ нишон медиҳад. Муайян мегардад, ки таҳқиқу омӯзиши вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ, англисию ӯзбекӣ ва қиёси сохтору маншаи онҳо хеле муфидовар буда, манзалату манзараи мавқеи ин вожагон ва тобишу ҷилоҳои маънии онҳо дар таркиби луғавии забонҳои номбаршуда ошкор мегардад. Маълум аст, ки вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда ба қатори вожагони муҳимми таркиби луғавии забонҳои қиёсшаванда қарор дошта, ба гурӯҳи вожаҳои фаъоли таркиби луғавии забонҳои мавриди баррасӣ қароргирифта шомиланд. Дар натиҷаи баррасӣ маълум гардид, ки ба истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои рустаниҳои мевадиҳанда тамоми анвои дарахтон, гулу буттаҳо, гиёҳҳо дохиланд. Халқ рустаниҳоро аз рӯйи аломату хусусият, монандию манфиатрасонӣ дар қолабҳои гуногуни калимасозии забон сохта, онҳоро барои масоили гуногуни рӯзгорашон: хӯрок, сохтмон, табобат, киштукор, сохтани асбобҳои рӯзгор, олоти меҳнат ва дар номгузориҳои деҳаю гузарҳо, чарогоҳу маконҳои хурди истироҳатӣ ва ғайра истифода мебаранд. Ошкор мегардад, ки вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда ба қатори вожагони муҳимми таркиби луғавии забонҳои қиёсшаванда қарор дошта, ба гурӯҳи вожаҳои фаъоли таркиби луғавии забонҳои мавриди баррасӣ қарор гирифта шомиланд.Таҳқиқ нишон дод, ки истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои рустаниҳои мевадиҳанда дар ташаккули фонди асосии луғавӣ ва дар ин замина таркиби луғавии забони адабии ҳар як забон нақши муҳим доранд.

Калидвожаҳо: вожагон, забон, сохтор, калимаҳо, сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, қолаб, гурӯҳбандӣ, қиёс, муқоиса, луғатҳо, тафсирӣ, истилоҳ, забоншиносӣ, тоҷикӣ, ӯзбекӣ, англисӣ, вожаҳои умумиэронӣ, зергурӯҳҳо, ифодагари исмҳо, модӣ, маънавӣ, вомвожаҳо, арабӣ, таркиби луғавӣ, забони тоҷикӣ...

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ НАЗВАНИЙ ПЛОДОВЫХ РАСТЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ, АНГЛИЙСКОМ И УЗБЕКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается использование названий плодовых растений в таджикском, английском и узбекском языках, а также показаны способы словообразования простых, составных, сложных слов и словосочетаний плодовых растений в таджикском, английском и узбекском языках. Опираясь на сравнительную теоретическую и практическую литературу в области словообразования, автор демонстрирует способы словообразования и его трудности при помощи суффиксов и приставок таджикского языка. Следует отметить, что изучение названий плодовых растений таджикского, английского и узбекского языков, сравнение их лексической структуры, вопросы их происхождения представляют несомненный интерес, при этом определяются также нюансы их значений в лексическом составе названных языков. Оказывается, слова, выражающие названия плодовых растений, относятся к числу знаменательных слов в лексической структуре сопоставляемых языков и составляют активный запас рассматриваемых языков. К растениям относятся все виды деревьев, цветов, кустарников и растений. Люди используют названия растений в соответствии с их признаками, характеристиками, сходствами и интересами в различных словообразовательных моделях языка и для различных домашних дел: еда, строительство, медицина, выращивание, изготовление домашней утвари, инструментов и в названии деревень и проездов, пастбищ и небольших зон отдыха и т. д. Исследование показало, что термины, обозначающие типы плодовых растений, играют важную роль в формировании основного лексического фонда каждого литературного языка. В состав растений входят все виды деревьев, цветов, кустарников и растений. Люди используют растения в соответствии с их характеристиками в различных словообразовательных моделях языка, в частности, для обозначения быта: еда, строительство, медицина, земледелие, изготовление домашней утвари, инструментов и для обозначения названий деревень и сел, пастбищ, небольших мест отдыха и т.д.

Ключевые слова: лексика, язык, структура, слово, простой, составной, сложный, словосочетание, форма, классификация, сравнительный, словарь, толкование, термин, языкознание, таджикский, узбекский, английский, общие иранские слова, подгруппа, имя существительное, материальный, духовный, гласные звуки, арабский, словарный состав.

USAGE OF FRUIT PLANTS NAMES IN TAJIK, ENGLISH AND UZBEK LANGUAGES

This article discusses the use of the names of fruit plants in Tajik, English and Uzbek languages, and also shows the ways of word formation of simple, compound, complex words and phrases of fruit plants in Tajik, English and Uzbek languages. Based on the comparative theoretical and practical literature in the field of word formation, the author demonstrates the methods of word formation and its difficulties using suffixes and prefixes of the Tajik language. It should be noted that the study of the names of fruit plants in the Tajik, English and Uzbek languages, comparison of their lexical structure, questions of their origin are of undoubted interest, while also determining the nuances of their meanings in the lexical composition of these languages. It turns out that the words expressing the names of fruit plants are among the significant words in the lexical structure of comparable languages and constitute the active stock of the languages under consideration. The study showed that the terms denoting the types of fruit plants play an important role in the formation of the basic lexical fund of each literary language. Plants include all types of trees, flowers, shrubs and plants. People use plants according to their characteristics in various word-formation models of the language, in particular, to denote everyday life: food, construction, medicine, agriculture, making household utensils, tools and to denote the names of villages and villages, pastures, small resting places, etc. etc. The study showed that the terms denoting the species of fruit plants play an important role in the formation of the main lexical fund and, in this context, the lexical composition of the literary language of each of them. Plants include all types of trees, flowers, shrubs and plants. People use the names of plants according to their traits, characteristics, similarities and interests in various derivational models of the language and for various household issues: food, construction, medicine, cultivation, making household utensils, tools and in the names of villages and driveways, pastures and small areas of rest, etc.

Key words: vocabulary, language, structure, words, simple, derivative, complex, compound, model, classification, comparison, comparison, dictionaries, explanatory, terminology, linguistics, Tajik, Uzbek, English, common Iranian words, subgroups, expressing nouns, material, spiritual, loan words, Arabic, lexical fund, Tajik language, subgroup, noun, material, spiritual, vowel sounds, arabic, vocabulary.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллаева Нилуфар Рамазовна*** - Донишгоҳи давлатии Тирмизи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, унвонҷӯй. E-mail: **abdullaeva.nilufer777@gmail.com.** Тел.: **(+998) 907-38-93-98**

Сведения об авторе: ***Абдуллаева Нилуфар Рамазовна*** - Термезский государственный университет, Республика Узбекистан, соискатель. E-mail: **abdullaeva.nilufer777@gmail.com.** Тел.: **(+998) 907-38-93-98**

Information about the author: ***Abdullaeva Nilufar Ramazovna*** - Termiz State University, Republic of Uzbekistan, researcher. E-mail: **abdullaeva.nilufer777@gmail.com.** Тел.: **(+998) 907-38-93-98**

УДК: 4+42

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКӢ ВА ГРАММАТИКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ СИФАТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Абдулҳақов С.А., Наврӯзшоев Б.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳидҳои фразеологӣ калимаҳое мебошанд, ки дар раванди нутқ сохта намешаванд, онҳо дар забон ҳамчун воҳиди тайёр мавҷуданд. Онҳоро дар фарҳангҳои махсус гирд овардаанд. Ба монанди калимаҳо, воҳидҳои фразеологӣ низ танҳо як мафҳумро ифода мекунанд ва дар ҷумла ҳамчун як қисмати он истифода бурда мешавад.

Воҳидҳои фразеологии сифатӣ пас аз воҳидҳои фразеологии исмӣ гурӯҳи калони ибораҳои синтаксисиро ташкил мекунанд. Дар ибораҳои фразеологии сифатӣ калимаи асосӣ сифат буда, калимаи тобеъ ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ дорад.

Дар бораи ба гурӯҳҳо тақсимшавии маъноии ВФС, Ҳ. Маҷидов қайд мекунад, ки “Ба нисбати он ки чунин воҳидҳои забон танҳо дар заминаи санъати маҷоз ба вуҷуд меоянд, онҳо ба гурӯҳҳои маъноии идиомаҳо ва фраземаҳо ҷудо карда шудаанд. Гурӯҳи сеюми маъноӣ - ифодаҳои ғайриидиоматикӣ, ки дар ташаккулёбии он маҷоз иштирок намекунад, дар байни таъбироти ташбеҳӣ маълум нестанд” [6, с.14].

Ҷузъи якуми ибораи сифатӣ одатан ба маънои таҳтуллафзиаш истифода бурда мешавад. Функсияи ҷузъи дуюмӣ ҳамеша қувватгиранда мебошад, чӣ гунае ки он дараҷаи аломати ифодаи қисмати якумро мефаҳмонад. Ҷузъи якум муқоисаи асосӣ ва ҷузъи дуюм объект (предмет) - и муқоисашаванда ҳисобида мешавад. Пайвандаки ‘**as**’ пайвасткунак (бандак) мебошад.

Субъекти муқоиса - элемент (чиз)-и тағйирёбандаи дар матн мавҷудбуда мебошад.

Мисол: **as good as gold** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли тилло хуб; маъноҳояш:

- **гавҳар, қимматбаҳо, ноёб, аз тилло ҳам гаронарзиш, одами тилло, дили тиллогин:**

That sort of evidence was **as good as gold**, and passed current everywhere. ~ Чунин фикрронӣ **аз тилло ҳам гаронарзиш** аст, онро дар ҳама ҷо чун зари холис қабул мекунанд ва онро дар ҳама ҷо фурӯхта метавон.

Аз таҳлили хусусиятҳои сохтории ҷумлаи овардашуда бармеояд, ки **evidence** - субъекти муқоисавӣ, **good** - муқоисаи асосӣ, **gold** - объекти муқоисавӣ ва **as** бошад пайвасткунанда мебошад.

Knox. Of course she’s a bit independent but one has to put up with that in girls nowadays. And she’s **as good as gold**. ~ Нокс. Албатта, Силвая духтараки озод аст. Аммо бо ӯ дар ин замон бояд оштӣ шуд. Аз тарафи дигар, ӯ **одами тилло** аст.

Дар ин ҷо **She** (Силвая) - субъекти муқоисавӣ, **good** — муқоисаи асосӣ, **gold** — объекти муқоисавӣ ва **as** бошад пайвасткунанда мебошад.

‘And his heart was **as good as gold**,’ my aunt used to say. ~ Холаи ман мегӯяд, ки Том Маршал **дили тиллогин** дошт.

Дар инҷо **his heart** (дили Том Маршал) - субъекти муқоисавӣ, **good** -муқоисаи асосӣ, **gold** - объекти муқоисавӣ ва **as** бошад пайвасткунанда мебошад.

- **боахлоқ, боадаб, хушхӯ, бача не тилло:**

There was the baby too, who had never closed an eye all night, but had sat **as good as gold**, trying to force a large orange into his mouth… ~ Магар ба кӯдаке, ки дар чашмаш хоб ҳам надошт, назар афкандед, чунон **боадабона,** бо зону дар назди модараш менишаст ва кӯшиши афлесуни калонро ба даҳон тиққонданро мекард.

Дар ин ҷо бошад, **Baby** - субъекти муқоисавӣ, **good** - муқоисаи асосӣ, **gold** - объекти муқоисавӣ ва **as** - пайвасткунанда мебошад.

Бинобар ин, муқоисаи сифатӣ дар забон зарурати интиқоли маълумоти иловагӣ дар муқоиса бо маълумотро дорад, муқоисаи интиқоли қисмати якумӣ алоҳида гирифташуда ба вуҷуд меояд.

Ибораҳои муқоисашаванда танҳо бо сифати дараҷаи муқоисавӣ истифодашаванда вуҷуд доранд: **more dead than alive** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: нисбат ба зинда, зиёдтар мурда; **маънояш: ниммурда (аз мондашавӣ); мурда барин монда/шалпар; на мурдаю на зинда.**

The boat was small and the sea was rough. Mr. Satterthwaite was decanted at Ajaccio in the early hours of the morning **more dead than alive** ~ Заврақ хурд ва бахр бо талотум буд. Ҷаноб Саттертуайте субҳи барвақт дар Аяччо нишаста буд. Ӯ худро **мурда барин шалпар** ҳис мекард.

Воҳиди фразеологии **more honoured in the breach than (in) the observance** (ифодаи шекспиризм) яке аз ибораҳои кам ифодакунандаи ғайришахс ҳисобида мешавад. Таҷумаи ҳарф ба ҳарфи ин воҳиди фразеологӣ ~ риоянакунӣ, аз риоякунӣ сазовор аст; маънояш: **риоя кардан беҳ зи тез-тез вайрон кардан** (оид ба қонун, урфу одат ва ғ.) мебошад.

Horatio. Is it a custom?

Hamlet. Ay, marry, is it;

But to my mind, — though I am native here.

And to the manner born, — it is a custom.

More honoured in the breach than the observance. ~ Ҳоратио. Чунин урфу одат?

Ҳемлет. Ҳа, чунин аст.

Вале ба фикри ман - гарчанде ки ҳамин ҷо таваллуд шудаам.

Ва ба ин урф отад кардаам. - Ба ин урф одат кардан.

Риоя кардан беҳ зи тез-тез вайрон кардан аст.

Фасоҳати ибора бо шарофати муқоисаи нутқ, ки ба ин ё он синфи предмет, падида ё шахс тааллуқ дорад ва қисмати дуюми онро мефаҳмонад, вуҷуд дорад. Мисол: he is **as brave as a lion ~** тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли шер ҷасур; маънояш: **мисли шер ҷасур, далер.** Фасоҳат бо шарофати муқоисаи инсон бо шер сохта мешавад, аммо агар мо модашерро бо шери нар муқоиса кунем, пурсем он вақт фасоҳати муқоиса гум мешавад ва ба ҷойи шабеҳи муқоиса (simile) дигар хел будан (comparison) ба вуҷуд меояд.

'Let's get to this damned shelter. I'm scared stiff.' 'I don't believe a word of it. You're **as brave as a lion**.' ~ Зуд ба ин паногоҳи сабил равем. Ман тамоми умр метарсам.

- Ба ягон сухани ту бовар надорам. Чунки ту хеле **далер** ҳастӣ.

Муқоисаи воҳидҳои фразеологӣ одатан бо маънои сазовори ифодаи возеҳ, ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ ҳисобида мешаванд. Мисол: **(as) bold (ё brave) as a lion ~** тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш мисли шер ҷасур; маънояш: **мисли шер ҷасур, далер; (as) fierce as a tiger (ё as a bull in fits) ~** тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш мисли паланг хунхор (ё мисли барзагов дарғазаб); маънояш: **мисли паланг хунхор, мисли барзагов дарғазаб; (as) pretty as a picture ~** тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли сурат зебо; маънояш: **мисли расм хушрӯ, дилрабо, дилкаш, ҷозиб,** ва ғ.

John is in a terrible temper to-day. When he arrived at the office he was **fierce as a bull in fits.** ~ Имрӯз Ҷон сахт дарғазаб. Вақте, ки ӯ ба кор омад **мисли барзагови дарғазаб** буд.

… she's a young actress I know. She's **as pretty as a picture.** ~ ... ман як актрисаи ҷавонро мешиносам. Ӯ **мисли расм хушрӯ** аст.

Хусусияти фикрӣ аз семантикаи қисмати якум вобаста аст. Дар ҳолатҳои алоҳидагӣ нақши ҳалкунандаро семантикаи қисмати дуюм мебозад. Мисол: **(as) fat as pig ~ равғанӣ, мисли хук фарбеҳ, мисли хуки ахта ва (as) fat as butter ~ равғанӣ, мулоим, фарбеҳ.** Муқоиса махсуси гиперболизатсия, яъне аз ҳад зиёд нишон додани хусусият бо мақсади ҷудонамоии муассирии боз ҳам зиёди он.

Yesterday Auntie Esme let me help her give him his bath and he's **fat as butter.** ~ Дирӯз холаи Есме аз ман хост, ки барои оббозӣ доштани Ҷералда кӯмак кунам. Чунон **кӯдаки фарбеҳ!**

Муқоисаи сифатӣ дутаркиба ҳисобида мешавад. Ба сифати қисмати дуюм метавонад ба монанди фразеологизмҳои муқоисашавандаи феълӣ, лексема ё якҷоякунии лексема баромад кунад. Намунаҳои ВФС-ро бо қисмати дуюм - пайвасткунии лексемаро ин ҷо меорем: **(as) different as chalk from (ё and) cheese** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли бур ҳархела аз панир; маънояш: **тамоман дигар, монанд набуда; (as) plain as the nose on your face ~** тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: чун бини возеҳ дар рӯятон; маънояш: **мисли ду карат ду чор барин возеҳ, мисли рӯз барин возеҳ/равшан**; **(as) welcome as flowers in May ~** тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли гулҳои моҳи май дилхоҳ; маънояш: **дилхоҳ, муштоқона, чашм дошташуда**; **азиз, ҳамчун гулҳои моҳи май** ва ғ.

It is really very surprising that a man like you should fall so deeply in love with a girl like Margaret Dauncey… She has beauty and grace and sympathy. But your characters are more

different than chalk and cheese. ~ Бисёр тааҷҷубовар аст, ки марди чун шумо ба чунин духтар мисли Маргарита Донси чунон ошиқ шуда бошед... ӯ зебо, ҷозиб ва маҳбуб аст. Вале хислати шумо **тамоман дигар** аст.

Miss Ramsden. I do. It's **as plain as the nose on your face**, Roebuck, that she won't go because she doesn't want to be separated from this man… ~ Рамсден. Албатта, Виолетта чунон якрав аст. Ӯ нияти аз Лондон рафтанро надорад. Рафтори ӯ ба ман нофаҳмост.

Хонум Рамсден. Аммо ба ман фаҳмост. **Мисли рӯз равшан** аст, Роубек чӣ ӯ нияти рафтан надорад, гӯё ки аз ин одам ҷудо шуданро намехоҳед...

'Would the gentleman like this room?' said a voice as a little out ~ of ~ the ~ way door at the foot of the well staircase flew briskly open and a head popped out. 'He's quite welcome to it. He's **as welcome as flowers in May**…' ~ Шояд Ҷаноб хоҳиши ин ҳуҷраро банд карданро доранд?

Овозе аз кулбачаи хурди дараш боз ба гӯш расид ва аз худи зинапоя сари касе намудор шуд.

- Ба ин ҷо хуш омаданд. Ӯ ин ҷо меҳмони **азиз, ҳамчун гулҳои моҳи май** мешаванд...

Муқоисаи сифатӣ гуногунии сифат ва хусусияти одамон, ашёҳо ва падидаҳоро мефаҳмонад.

Мисолҳои муқоисаи сифатии ба одамон тааллуқдошта инҳоянд: **(as) cool as cucumber** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли бодаринг салқин; маънояш: **комилан ором, хомӯш,** (парво надоштан, ҳатто мижа назадан); **(as) merry as a grig** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли малах/чирчирак хурсанд; маънояш: **хурсанд, шод; (as) brown as a berry** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли дона (донаи растаниҳои буттагӣ) қаҳваранг; тарҷумааш: **захт офтобхӯрда/сӯхта, ранги шоколад** (калимаи **brown** дар ин муқоиса маънои қадимаи худ "торик"- ро нигоҳ доштааст); **(as) pretty as a picture ~** тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли сурат зебо; маънояш: **мисли расм хушрӯ, дилрабо, дилкаш, ҷозиб; (as) true as steel** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли пӯлод боваринок; маънояш: **бо ҷону дил содиқ, вафодор; (as) ugly as sin** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: *мисли гуноҳ бад*; маънояш: **мисли гуноҳи азим даҳшатнок; (as) vain as peacock** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: *мисли товус бефоида*; маънояш: **мағрур, мутакаббир, шуҳратпараст, мисли товус муҳим; (as) wise as Solomon** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли Соломон (номи мардона) доно; маънояш: **мисли Соломон доно/хирадманд; (as) yellow as guinea** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли гинея (тангаи тиллои қадимаи англисӣ) зард; маънояш: **мисли лемон зард** ва ғ.

'… I saw the Monster's head.' 'Weren't you terribly thrilled?' 'Not a bit. I was **as cool as cucumber.**' ~ -… ман сари махлукро дидам.

-Яқинан шуморо сахт дар тааҷҷуб овард?

- Не, заррае ҳам. **Парво надоштам, ҳатто мижа назадам.**

- Nobody near me here but rats and they are fine stealthy secret fellows. I shall be **as merry as grig** among these gentry ~ Аз чор тараф ягон зинда нест - ҳама каломушанд, ин мардум ҳама хапанд. Дар чунин ҷомеаи **хушбахт** ман зиқ наменомам.

- Well, well, you're **brown as a berry.** ~ Эҳа, вайро бенеда чӣ гуна **офтоб задааст**! **Ранги шоколад** шудааст.

- 'He was but a poor man himself,' said Piggott. 'But **as good as gold** and **as true as steel' —** those were her similes. ~ Петтоги гуфт: "Ӯ худаш камбағал аст, - аммо **дили тиллогин** дорад ва **бо ҷону дил содиқ** аст" - муқоисаи ӯ чунин буд.

- She never tired of praising his beauty… 'Darling, you'll make me **as vain as a peacock.**' ~ Ҷулия беоромона зоҳири Майклро таъриф кард... "Азизам, маро **мағрур** кардӣ!"

- It's a real pleasure to see your braw [= brave], handsome face again, although it has turned **as yellow as a guinea** ~ Аз ҷасуриат ва дидори чеҳраи зебоят хеле хушҳолам, гарчанде ки **мисли лимон зард** шуда бошад ҳам.

Одатан муқоиса бисёрсемантикӣ мешавад. Аммо муқоиса инчунин бо ду варианти фразеосемантикӣ низ во мехӯрад. Муқоисаи полисемантикӣ хеле кам ба назар мерасад. Дар муқоисаи ин намуд, қисмати дуюм на танҳо фуксияи қувватгирандаро иҷро мекунад, балки маънои дифференсиаторӣ (ба қадри дилхоҳ афзудани бузургии мустақили тағйирёбанда) ҳисобида мешавад.

Ба монанди ибораи **(as) weak as water** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли об камқувват; маъноҳояш:

• **заиф, суст, бемадор, камқувват;**

• Sir, I am only just getting well of a fever, and I am **as weak as water**. ~ Ҷаноб ман нав аз лихорадкаи гузаранда раҳо ёфта истодаам ва чунон **заифам**, ки ба по истода наметавонам.

• **сустирода, бечуръат;**

• You love Eva, and Eva loves you, Ernest; but remember this, she is **weak as water**… ~ Шумо Еваро дӯст медоред ва Ева шуморо дӯст медорад, Эрнест; вале дар хотир нигоҳ доред, ки ӯ **сустирода** аст...

Дар муқоисаи ибораи **(as) sober as a judge** инчунин варианти ду фразеосемантикии ифодакунандаи ҷиҳатҳои гуногуни инсон мебошад, ки тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш мисли судя ҳушёр/бошуур; маъноҳояш:

• **комилан ҳушёр, ҳушёр;**

• 'You're drunk, Hans,'said Willi. 'I'm **as sober as a judge.**' ~ Вилли гуфт: - Ту мастӣ, Ханск. Ман **ҳушёрам.**

• **хушфикр, соҳиби ақли солим (дар муҳокимаҳо дурандеш);**

Баъзе воҳидҳои фразеологии муқоисашаванда барои тасвир узвҳои бадани инсонро истифода мекунад. Мисол: **(as) heavy as lead** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли сурб вазнин; маънояш: **мисли сурб вазнин/пӯхта; (as) pale as death (ashes, ghost)** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли мурда (хокистар, рӯҳ) рангпарида; маънояш: **сахт рангпарида.**

➢ … yet I am ashamed to say that selfishness took me by the soul, and that my heart turned **as heavy as lead** within me. ~ ... аммо ман бояд аз шарми худ гӯям, ки эҳсосоти эгоистӣ хеле руҳи маро гирифтааст ва ба дили ман **сурби вазнинро** рехтааст.

➢ Her robe was torn, a bloody knife was in her hand and her face was **as pale as death**. ~ Куртаи ӯ дарида буд, аммо рӯйаш **сахт рангпарида** буд; дар дасташ ханҷари хунолуд дошт.

Воҳидҳои фразеологии муқосашаванда шояд хусусияти ашё ё хусусияти одамро фаҳмонад. Мисол: **(as) hard as a bone** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли устухон сахт; маъноҳояш:

• **мисли санг сахт;**

• Owing to the intense cold the ground was **as hard as a bone** (SPhI). ~ Аз сабаби хунуки сахт, замин **мисли санг сахт** шуда буд.

2) сагдил, бераҳм, бешавқат;

➢ It's not much use your expecting any generosity or kindliness from him. He's **as hard as a bone** in anything that concerns his own interests. ~ Аз ӯ олиҳиматӣ ва меҳрубонӣ интизор шудан имконнопазир аст. Ӯ дар ҳар чизе, ки ба шавқаш тааллуқ дорад **сангдил** аст.

(as) sharp as a needle ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли сӯзан тез; маъноҳояш:

• **мисли корд тез;**

➢ How the boys admired that knife, the vicious shape of it and its shininess, the point was **as sharp as a needle**. ~ Бачаҳо чӣ гуна он кордро дӯст доштанд, намуди нуқсдори он ва дурахшидани он, гап ҳамин ки хеле **тез** буд.

• **тезбин, фаҳмишаш тез, тезчашм, нуқтасанҷӣ, борикбин, бофаросат.**

➢ I know a solicitor here - he's a patient of mine - of the name of Gooch, a fat fellow but **sharp as a needle**. ~ Ман ин ҷо як тергавчиро мешиносам. Ӯ бемори ман аст. Насаби ӯ Гуч аст. Фарбеҳак аммо **тезбин (фаҳмишаш тез)** аст.

Баъзеи дигари муқоисаи сифатӣ сохтори аналогию семантикӣ дорад. Мисол: **(as) light as a feather ~ мисли қанот осон, осон, нафис, латиф** (оид ба ашёҳо ё инсонҳо); **as like as two peas** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли ду нахуд монанд; маънояш: **мисли ду қатра об монанд; (as) slippery as an eel** ~ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфаш: мисли гармича (рихинак) ҳаром; маънояш: **мисли гармича (рихинак) ҳаром**, **чирки даст** (оид ба ашёи ҳаром ё оид ба одами чобук, чаққон)**; (as) tough as old boots** ~ мисли ботинкаҳои куҳна бадошт; маъноҳояш: 1) **мисли тагчармпояфзол қаиш** (оид ба таом ва ғ.); 2) **хеле тобовар, тоқатовар, ҷонсахт** (оид ба одамон); **сахт, сангдил** (оид ба одамон).

Тартиби ҷойгирии ҷузъҳои ибораҳои фразеологии сифатӣ чунин аст: ҷузъи тобеъ + ҷузъи асосӣ: ҷузъи асосӣ + ҷузъи тобеъ. Дараҷаи истеъмоли хелҳои алоқаи синтаксисии ибораҳои фразеологии сифатӣ якхела нест. Дар забони имрӯзаи тоҷик сифатҳое ҳастанд, ки аз сифати феълии забони арабӣ ба вуҷуд омадаанд. Азбаски ин сифатҳо дорои маънои

амалу ҳаракатанд, бо роҳи алоқаи пешояндӣ, пасоянди, ҳамроҳӣ ва изофӣ ба осонӣ эзоҳдиҳанда гирифта, ибораҳои сифатиро ташкил мекунанд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои амсоли маъруф, машҳур, маъмул, масъул ва ғайра мансубанд: (олими) дар республика маъруф, (шахси) ба некноми машҳур. Ин ибораҳои сифатии пешояндӣ қолаби изофӣ низ доранд: (олими) маъруфи республика, (шахси) машҳури некномӣ.

Ташкили ибораҳои сифатӣ бо ин пешоянд бештар хосси асарҳои манзума буда, онҳо дар бисёр мавридҳо мазмунан ба ибораҳое, ки ба воситаи пешояндҳои ба ва дар сохта мешаванд, муродиф мебошад. Дар онҳо ба вазифаи ҷузъи асосӣ сифатҳои аслӣ ва ба вазифаи ҷузъи тобеъ исмҳои конкрет, абстракт ва ҷонишини нафсӣ истифода мегарданд.

Аз таҳлили сохтории ВФС бармеояд, ки дар забони англисӣ, фақат дар сохтори тобеъкунандагӣ шакли сохториашон мураккаб буда, одатан бисёраъзогӣ мешаванд ва дар забони тоҷикӣ бошад дуаъзогӣ ё сеаъзогӣ мешаванд. Аз таҳлили лексикӣ-маъноии ВФС бармеояд, ки бидуни семантика мавҷудияти ягон забон инконнопазир аст, аз ин рӯ, омӯзиши намудҳои маъно дар доираи фразеология натанҳо барои назарияи фразеология, балки дар умум барои пешрафти илми забон низ зарур аст.

Муқарриз: ***Абдулфайзов С.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аловиддинов Б.Д. Баёни категорияи намудҳо дар воҳидҳои фразеологии шифоҳии забони адабии муосири тоҷик / Б.Д. Аловиддинов. - Душанбе, 2019.
2. Гусева Г.В. Лексияҳо аз лексикологияи забони английского / Г.В. Гусева. – Тула, 2007. - 128 с.
3. Дӯстов Ҳ.Ҷ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Ҷ. Дӯстов. - Душанбе, 2014.
4. Кунин А.В. Мафҳумҳои асосии фразеология ҳамчун як фанни лингвистӣ ва ташкили луғати фразеологии англисӣ-русӣ: автореф. дис... док. илми фил. / А.В. Кунин. - М., 1964.
5. Кунин А.В. Фразеологияи забони англисӣ / А.В. Кунин. - М., 1970. - 343 с.
6. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе: ДДТ, 1982. - 104 с.
7. Наврузшоев Б.Х. Махсусиятҳои маъноиву услубии тарҷумаи тасвирии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба забони англисӣ / Б.Х. Наврузшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. - №3. - С.128-131.
8. Рексер Я.И. Назария ва амалияи тарҷума / Я.И. Рексер. – М.: Наука, 1974. – 451 с.
9. Смольянинова Е.Н. Ибораи атрибутивӣ дар ҷанбаи фаъолият. Вазифаи категорияҳои синтаксисӣ дар матн / Е.Н. Смольянинова. - Л.: Наука, 1981. - 208 с.
10. Солодуб Ю.Д. Тақрибан ду намуд бидуни таносуби муодили воҳидҳои фразеологии забонҳои гуногун / Ю.Д. Солодуб // Илмҳои филологӣ. - 1992. - № 2. - С.101.
11. Тоҷиев, Д.Т. Сифати феълӣ дар забони адабии муосири тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. - Сталинобод, 1954. - 128 с.
12. Телия В.Н. Фразеология: ҷанбаҳои маънӣ, прагматикӣ ва лингвомаданӣ / В.Н. Телия. - М, 1996.
13. Кунин А.В. Луғати фразеологии англисӣ-русӣ / А.В.Кунин. - М.: Советская энциклопедия. - Ч.1-2. - 1984. - 942 с.
14. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 1025 с.
15. Фарҳанги англисӣ- руссии Оксфорд. - 2000. – 1293 р.
16. Фозилов М. Фарҳангӣ ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М.Фозилов. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. - 1964. - Ҷ-1, Ҷ-2.

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКӢ ВА ГРАММАТИКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ СИФАТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ин мақола ба масъалаи хусусиятҳои семантикӣ ва грамматикии воҳидҳои фразеологии сифатӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Масъалаи мазкур барои таҳлили илмии сарватҳои луғавии ҳарду забонҳои генетикӣ хеле муҳим аст. Воҳидҳои фразеологии сифатӣ пас аз воҳидҳои фразеологии исмӣ гурӯҳи калони ибораҳои синтаксисиро ташкил мекунанд. Муаллиф хуб қайд мекунад, ки ҷузъи якуми ибораи сифатӣ одатан ба маънои таҳтуллафзиаш истифода бурда мешавад. Функсияи ҷузъи дуюмӣ ҳамеша қувватгиранда мебошад, чӣ гунае ки он дараҷаи аломати ифодаи қисмати якумро мефаҳмонад. Ҷузъи якум муқоисаи асосӣ ва ҷузъи дуюм объект (предмет) - и муқоисашаванда ҳисобида мешавад. Агар ибораҳои муқоисанашаванда дар сохтори тобеъкунандагӣ шаклашон мураккаб бошад, дар сохтори пайвасткунандагӣ онҳо дуаъзогӣ ҳисобида шуда, аксарияташон ба инсонҳо тааллуқ дошта, бисёрмаъноянд. Инчунин, муаллиф қайд мекунад, ки аз таҳлили лексикӣ-маъноии ВФС бармеояд, ки барои расидан ба маънои асосии воҳидҳои фразеологӣ, дар ҳар ду забон аналоги ин воҳидҳо вуҷуд дошта, дар натиҷаи таҳлили дурусти сохторӣ, грамматикӣ, муқоисавӣ ва лексикӣ-маъноӣ метавон ба натиҷаи дастрас ноил шуд, ки дар умум барои пешрафти илми забон низ зарур аст.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологии сифатӣ, хусусиятҳои семантикӣ ва грамматикӣ, таҳқиқоти муқоисавӣ, ибораҳои синтаксисӣ, забонҳои генетикӣ, сохтори фразеологии забонҳо.

СЕМАНТИКО-ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ АТРИБУТИВНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Настоящая статья посвящена проблеме семантико-грамматических особенностей атрибутивных фразеологических единиц английского и таджикского языков. Данная проблема является актуальной для научного анализа богатого фонда фразеологизмов двух генетически родственных языков. Атрибутивные фразеологизмы после именных фразеологизмов образуют большую группу синтаксических фраз. Автор отмечает, что первый компонент прилагательного обычно употребляется в буквальном смысле. Функция второго компонента всегда усиливающая, так как указывает на степень знаковой выраженности первого компонента. Первый компонент - это основное сравнение, а второй компонент - сравниваемый объект. Если несравнимые выражения в структуре подчинения сложны по форме, то в структуре связи они считаются двумерными, и большинство из них принадлежат людям и имеют много значений. Автор также отмечает, что лексико-семантический анализ АФЕ показывает, что для достижения базового значения фразеологизмов существуют аналоги этих единиц в обоих языках, и в результате правильного структурного, грамматического, сравнительного и лексико-семантического анализа можно достичь цели, необходимой для развития лингвистики. Структурный анализ ВФС показывает, что в английском языке только в подчиненной структуре они имеют сложную структурную форму, обычно имеют много членов, а в таджикском - два или три члена.

Ключевые слова: описательный перевод; фразеологические словосочетания, сопоставительно-типологическое исследование, фразеологическая единица, генетически родственные языки, фразеологическая система языков.

SEMANTIC-GRAMMATIC FEATURES OF ATTRIBUTIVE PHASEOLOGICAL UNITS OF ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article is devoted to the problem of semantic and grammatical features of attributive phraseological units of the English and Tajik languages. This problem is relevant for the scientific analysis of the rich fund of phraseological units of two genetically related languages. Attributive phraseological units after nominal phraseological units form a large group of syntactic phrases. The author notes that the first component of the adjective is usually used literally. The function of the second component is always amplifying, since it indicates the degree of the sign expression of the first component. The first component is the main comparison and the second component is the object being compared. If incomparable expressions in the structure of subordination are complex in form, then in the structure of communication they are considered two-dimensional, and most of them belong to people and have many meanings. The author also notes that the lexical-semantic analysis of APU shows that in order to achieve the basic meaning of phraseological units there are analogues of these units in both languages, and as a result of correct structural, grammatical, comparative and lexical-semantic analysis, it is possible to achieve the achieved, in general, is also necessary for development of linguistics. The structural analysis of the VFS shows that in English only in a subordinate structure they have a complex structural form, usually have many members, and in Tajik - two or three members.

Key words: descriptive translation; phraseological phrases, comparative typological research, phraseological unit, genetically related languages, phraseological system of languages.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Абдулхаков С.А.*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи англисӣ ва типологияи муқоисавии факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **-saidshoa@ inbox.ru.** Тел.: **(+992) 935-69-69-66**
Наврӯзшоев Бахридин Хушхолович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади филология, дотсенти кафедраи англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **-bakhakhush@ mail.ru. (+992) 933-98-80-45**

Сведения об авторах: ***Абдулхаков С.А.*** **-** Таджикский национальный университет, доктор Ph.D, кафедра английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе пр. Рудаки, 17. E-mail: **-saidshoa@ inbox.ru.** Тел.: **(+992) 935-69-69-66**
Наврузшоев Бахридин Хушхолович - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан г. Душанбе пр. Рудаки, 17. E-mail: **-bakhakhush@ mail.ru.** Тел.: **(+992) 933-98-80-45**

Information about the author: ***Abdulhakov S.A.*** - Tajik National University, doctor Ph.D, Department of English Language and comparative typology of the faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **-saidshoa@ inbox.ru.** Тел.: **(+992) 935-69-69-66**
Navruzshoev Bakhridin Khushkholovich - Tajik National University, candidate of philological sciences, associated professor of the department of English language and comparative typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **-bakhakhush@ mail.ru.** Тел.: **(+992) 933-98-80-45**

УДК: 491. 550

КАЛИМАБАНДӢ, ИБОРАОРОӢ ВА ТАРКИБСОЗӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Муъминов И.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Таркибсозиву лафзтарозӣ аз вижагиҳои сабки ҳиндӣ ба шумор рафта, шуарои сабки ҳиндӣ бо усулу равишҳои мухталиф калимасозиву таркиббандӣ ва таъбирофарӣ намудаанд ва ба ин восита имконоти пурнуфузи сухани бадеиро дар сохтмони вожаву иборот ва тарокибу таъбирот ба намоиш гузоштаанд. Аҳли сухан барои аз такрор канорачӯӣ намудан, баёни равшану таъсирбахши андеша, пурфасоҳату завқбахш гардидани сухан дар баробари корбасти воҳидҳои мавҷудаи таркиби луғавии забони ноби тоҷикӣ-форсӣ ва луғоту таркиботи мавҷудаи адабиёти бадеӣ ҳамвора дар сохтмони алфозу ибороти тоза ва таркиботу таъбироти бикр кӯшиш варзидаанд, ки ин иқдоми эшон, аз як сӯ, барои ба намоиш гузоштани ҳунари суханварӣ ва услуби хосси аҳли адаб хизмат ба ҷо оварда бошад, аз сӯйи дигар, боз ҳам дар таҳкими забон, ғановат бахшидани он ва имконоти густардаи адабиёти бадеӣ дар нашъунамои таркиби луғавии забони тоҷикӣ-форсӣ хидмат гузоштааст. Маъруфтарин намояндагони шеъри сабки ҳиндӣ, монанди Соиби Табрезӣ, Толиби Омулӣ, Шавкати Бухороӣ, Назирии Нишопурӣ, бахусус, Бедили Деҳлавӣ бо равишҳои хосси сабки ҳиндӣ дар сохтмони калимоту иборот ва таъбироту таркиботи шоирона иқдом варзида, муваффақ низ гардидаанд. “Таваҷҷуҳ ба манзараи куллии таъбирофаринӣ ва таркибсозиву ибораороӣ дар шеъри Бедил баёнгари он аст, ки Абулмаонӣ воқеан, дар раванди ин унсури муҳимми ҳунари шоирӣ ба як таҳаввулоти куллӣ мувоҷеҳ шудааст. Агарчи дар шеъри гузаштаи мо шеваҳои сохтмони таркибҳо ва ибораҳо хеле маъмуланд, аммо нуфузи ин падидаи марбут ба ҳунари сухангустарӣ дар девони Бедил боис омадааст, ки шоир усулҳои хос ва тозаеро дар ин росто ба зуҳур расонад” [5, с.231].

Сайидои Насафӣ низ ҳамчун як тан аз суханварони маъруф, ки дар ғазалсароӣ аз пайи шуарои сабки ҳиндӣ гом бардошта, воқеан ҳам, дастёб ҳам гардидааст, аз ин шеваи сабки ҳиндӣ баҳрабардорӣ намуда, дар ашъораш ба шеваи хосси адабии худ дар ба ҳам овардани калимоту иборот ва таркибҳову таъбироти шоирона иқдом варзидааст. Таваҷҷуҳ ба ғазалиёти суханвар шаҳодат аз он медиҳад, ки ӯ бо равишҳои роиҷу хосси калимабандиву таркибсозии суханварони моқабли худ ошноии комил дошта, дар радифи баҳрагирӣ аз ин шеваҳои мавҷуда ва идома бахшидани суннатҳои дерина худ низ дар сохтани вожаву таркибот ва таъбироти қашанги шоирона комёб гардидааст. Барои равшантар нишон додани маҳорати калимабандӣ, таркибсозӣ ва таъбирофариҳои Сайидои Насафӣ онҳоро ба таври ҷудогона метавон мавриди баррасиву таҳлил қарор дод.

Сайидои Насафӣ дар ғазалҳои худ як қатор калимаҳоеро тарҳрезӣ кардааст, ки ба сари худ тозаву бикр буда, бори нахуст ба майдони сухан ҷавлон задаанд, монанди “ситорасӯхтагон”, “хокистарнишинӣ”, “қаландармашраб”, “гиребонпораҳо”, “чаманпарвоз”, “раъноҷилва”, “пироҳангулистон”, “парвонамаҳтоб”, “мурассаътаркаш”, “хадангалмоспайкон”, “қиёматхез”, “ханҷарбадаст”, “Зулайхоҳашмат, “симингиребон”, “мурувватзода”, “мижгонзабондон”, “таҷаллиостин”, “дерсулҳ”, “зудҷанг”, “бепарвохиром”, “мурассаъостин”, “мунаққашҷома”, “зарринкамарбанд”, “нигаҳхомӯшгӯё”, “васлпайғом”, “гармошочашм”, “теғзандаст”, “насиҳатношунавгӯш”, “чашмдарроҳ”, “соидмусаффо”, “қоматҷомазеб”, “чидадомон”, “назарғоибшав”, “тамкинсабо”, “ҷилвабемисл”, “нигаҳдуздида”, “машрабошно”, “ангездашном”, “ҷомагулгун” ва ғайра. Ин вожаҳо дорои перояи бадеӣ буда, аз ду ё се калимоти мустаъқилмаъно тарҳрезӣ гардидаанд ва маънии тоза касб намудаанд. Ҳоло мазмунҳои тозакасбкардаи онҳоро дар абёти суханвар ҷустуҷӯ менамоем. Чунончи:

Ба пойи такяи мо сар фурӯ намеорад,
Кулоҳи гӯшаи маъшуқи ноқаландари мо.
Ситорасӯхтагон чун сипанд сер шуданд,

Куҷост гиряи абри баҳори ахтари мо? [7, с.11].

Дар ин порчаи ғазали хеш Сайидои Насафӣ ду калимаи нав – “ноқаландар” ва “ситорасӯхтагон”-ро истифода намуда, мазмунро таъсирбахш кардааст. Вожаи “ноқаландар” аз ду ҷузъ, яъне пешванду реша иборат буда, сифати маъшуқ аст, ки дар тасвири шоир орӣ аз ҷодаи қаландарист. Қаландар дар шеъри тоҷикӣ-форсӣ аз тимсолоти маъмул маҳсуб ёфта, ба дарвешон, бечорагон ва муфлисон далолат менамояд. Лафзи “ситорасӯхтагон” бошад аз се ҷузъ, яъне ду реша ва пасванд таркиб ёфта, истиораи мардуми бенаво аст. Матлаби суханвар аз ин порча нишон додани беэътиноии маъшуқ нисбати қаҳрамони лирикӣ – “ман”-и шоир ва бахтбаргаштагии вай аз ин амали маъшуқ ва ба тараҳҳум даъват намудани ӯст.

Агар дар байти аввали порчаи болоӣ суханвар дар тавсифи қаҳрамони марказии ғазал – маъшуқ лафзи “ноқаландар”-ро мавриди истифода қарор дода бошад, дар байти поёнӣ ӯро бо мураккабвожаи “қаландармашраб” васф карда, аз вай гила дорад, ки рӯзе ошиқро монанди гирдоб “биёбонмарг” (дар шеъри шуарои сабки ҳиндӣ зиёд ба назар мерасад – М.И.), яъне нобуд хоҳӣ сохт, гуфта, вайро “қаландармашраб”-у “каҷкулоҳ” хонда, нигоштааст:

Маро чун гирдоб охир биёбонмарг хоҳӣ кард,
Нигори ман, қаландармашраби ман, каҷкулоҳи ман [7, с.419].

Сайидои Насафӣ дар яке аз ғазалҳои ошиқонааш, ки комилан ба таърифу тавсифи қаҳрамони лирикӣ – маъшуқ бахшида шудааст, аз вожаҳои худсохти муштақ, мисли “ғунчадаҳан”, “нозукандомтар”, “шишашикан”, “мушкфурӯш” ва “мусофиршудаам”-ро бо коргирӣ аз тавсифу ташбеҳ ва истиораву маҷоз истифода карда, маъонии ҷаззобу латиферо тарҳрезӣ намудааст. Барои равшан нишон додани матлаби зикршуда ғазалро ба пуррагӣ сабт менамоем. Чунончи:

Гул ба сар барзада аз сайри чаман меоӣ,
Ханда бар лаб гирех, эй ғунчадаҳан, меоӣ.
Имшаб, эй моҳ, куҷо сохтаӣ бодакашӣ?
Меравӣ аз худу гоҳе ба сухан меоӣ.
Шавад озурда миёни ту зи оғӯши назар,
Нозукандомтар аз шохи суман меоӣ.
Бесабаб айши маро карда парешон рафтӣ,
Боз аз баҳри чӣ, эй шишашикан, меоӣ?
Шамъу парвонаи фонус ҳисорӣ шудаанд,
Чӣ балоӣ ту, ки дар хонаи ман меоӣ?
Шавад аз гарди раҳат боди сабо мушкфурӯш,
Оҳуи ман зи биёбони Хутан меоӣ?
Сайидо, рӯзу шаб аз ғайб нидо меояд:
Эй мусофиршудаам, кай ба ватан меоӣ? [7, с.511].

Ё худ дар байти зерин мураккабвожаи худсохти “шукуфтаҷабин”, ки маънии шоду масрурро дорад, дар ифодаи маънии ошиқона хидмат гузошта, гилаи қаҳрамони лирикии шоирро аз маъшуқ хеле муассир инъикос кардааст. Чунончи, суханвар гуфтааст:

Бирав, ба боғ назар кун ба рӯйи булбулу гул,
Чаро шукуфтаҷабин пеши ман намеоӣ? [7, с.518].

Ҳунари вожасозии Сайидои Насафиро боз метавон дар он низ ҷустуҷӯ кард, ки ӯ дар қофияи ғазалҳои хеш алфози худсохти сеҷузъаро мавриди истифода қарор дода, тасвирро шаҳомати хос бахшида тавонистааст. Чунончи, дар ғазали зерин, ки аз ҳафт байт иборат аст, мураккабвожаҳои “бӯстонгумкарда”, “ошёнгумкарда”, “хонумонгумкарда”, “устухонгумкарда”, “камонгумкарда”, “даҳонгумкарда”, “ҷавонгумкарда” ва “корвонгумкарда” қофияи ғазалро ташкил додаанд, ки ҳамагӣ аз се калима иборат буда, дар таркиби ин калимаҳои бисёрмахраҷа танҳо ҷузъи аввал мухталиф буда, дигар ду ҷузъи боқимондаи онҳо якгунаанд. Вале ҳар байтро аз матлаъ то мақтаъ тобишу ҷилои хосса бахшида, диққати хонандаро ба худ ҷалб кардаанд. Чунончи:

Дар барам дил андалеби бӯстонгумкарда аст,
Ҷон дар аъзоям чу мурғи ошёнгумкарда аст.

Лолаи саҳро диҳад аз хаймаи Лайлӣ нишон,
Гирдбодаш хоксори хонумонгумкарда аст.
Сояи иқбол меҷӯяд сари бемағзро,
Давлати дунё ҳумои устухонгумкарда аст.
Тифли дурафтода аз модар шавад паррехта,
Тири тобоварда оғӯши камонгумкарда аст.
Лаъл чун аз кон барояд қадри худро бишканад,
Бесадаф гавҳар чу дандони даҳонгумкарда аст.
Чашми гардун мешавад шабҳо сафед аз интизор,
Чархи бехуршед чун пири ҷавонгумкарда аст.
Нест дар олам қароре, Сайидо, хуршедро,
Ин ғариби бесарупо корвонгумкарда аст [7, с.116].

Баъзан, Сайидои Насафӣ дар ду ва зиёда байти як ғазал пайиҳам якчанд калимоти муштақи худсохтро ба василаи санъати тансиқуссифот корбаст намуда, тимсоли қаҳрамони лирикӣ – маъшуқро тариқи ташбеҳу истиора хеле оливу барҷаста тарҳрезӣ намудааст ва ҳунари волои сухангустарии хешро ба намоиш гузошта тавонисттааст. Чунончи:

Зи дастам мекашад доман баҳорафшон гиребоне,
Чаманпарвоз, раъноҷилва, пироҳангулистоне...
Мурассаътаркаше, чобуксаворе, қодирандозе,
Қавибозу камондоре, хадангалмоспайконе...
Қиёматхез қадде, оламошӯбе, дил аз санге,
Ҳарифи ҷангҷӯе, тундхӯе, бепушаймоне.
Маҳи танҳораве, шабгарди бераҳме, сияҳмасте.
Бути ошиққуше, ханҷарбадасте, номусулмоне.
Адофаҳму расоҳуше, ба ошиқ ошночашме,
Мурувватзодае, ширинлабе, мижгонзабондоне [7, с.463].

Чунонки ба назар мерасад, дар ин порча як қатор алфози муштақ арзи вуҷуд кардаанд, ки қисме дуҷузъа ва қисме аз онҳо сеҷузъа низ буда, бофтаи хаёлоти нозуки шоиранд, мисли “чаманпарвоз”, “раъноҷилва”, “пироҳангулистон”, “мурассаътаркаш”, “хадангалмоспайкон”, “бепушаймон”, “Зулайхоҳашмат”, “симингиребон”, “расоҳуш”, “мурувватзода” ва “мижгонзабондон”. Дар радифи ин наввожаҳо суханвар аз алфози шоиронаи мавҷуда, ки дар осори пешгузаштагон, мисли Мавлавиву Саъдӣ, Хоҷа Ҳофизу Шайх Камол, Толиби Омуливу Соиби Табрезӣ ва дигарон низ бо онҳо бархӯрд кардан мумкин аст, корбарӣ намудааст, мисли “баҳорафшон”, “чобуксавор”, “қодирандоз”, “қавибозу”, “камондор”, “ҷангҷӯ”, “тундхӯ”, “сияҳмаст”, “адофаҳм”, “ширинлаб”. Вале бояд эътироф кард, ки Сайидои Насафӣ ин масолеҳи тайёрро дар шафати калимоти тозабунёд чунон устокорона ба ҳам чидааст, ки мазомини бикр ба бар карда, дар адои маъонии латифи шоирона хидмат гузоштаанд.

Агар амиқтар назар андозем, суханвар на танҳо дар чанд байти як ғазал, балки тамоми абёти ғазалро ба василаи калимаҳои худсохти хуштарҳ, ки таркибашон ҳатто аз се ҷузъ таҷовуз доранд, мурассаъ намуда, бо нозукхаёливу назокати калом маҳорати баланди сухангустарии хешро ба намоиш гузошта, гуфтан мумкин аст гӯи сабқатро дар ин ришта аз шоирони дигар рабудааст. Барои исботи ин андеша ғазали зеринро аз назар гузаронидан мумкин аст:

Кабобам карда бепарвохироме, чашми майнӯше,
Қаландармашрабе, якшаҳрошиқ хонабардӯше.
Мурассаъостин, гулдаргиребон нозукандоме,
Мунаққашҷомае, зарринкамарбанде, кулаҳпӯше.
Бадан якпираҳанруҳе, миён з-обихизрмавҷе,
Қади наззорамуштоқе, пуразҳамёзаоғӯше.
Сияҳбесурмамижгоне, лаби бебодарангине,
Нигаҳҳомӯшгӯёӣ, забонгӯёи хомӯше.
Мусофирпарваре, оромиҷоне, соҳибидроке,
Сафарнокарда мардумдидае, савдогари хуше.

Нигоҳиваслпайғоме, балабимондашноме,
Гаҳе гармошочашме, гаҳе ошиқфаромӯше.
Бахудмағрурҷаллоде, назарбедомсайёде,
Баноҳақтеғзандасте, насиҳатношунавгӯше.
Чу фикри Сайидо шӯху чу тӯтӣ нармгуфторе,
Забон фаввораи шаҳде, даҳон сарчашмаи нӯше [7, с.495].

Чуноне ки ошкор мегардад, Сайидои Насафӣ бо камоли ҳунари сухантарозӣ дар ҳар мисраи ғазал калимабандӣ намуда, барои барҷаста ба намоиш гузоштани образи қаҳрамони марказии ғазал – маъшуқ хостааст ба воситаи тавсифоти мусбату манфӣ ҳар як фазилати ӯро дар риштаи тасвир мисоли донаи гавҳар бичинад. Агар гоҳе аз алфози мураккаби куҳани бадеӣ суд ҷуста бошад ҳам, шабеҳи “майнӯш”, “хонабардӯш”, “оромиҷон” ва “нармгуфтор”, вале онҳо ғарқи партави анвори мураккабвожаҳои навсохти суханвар гардидаанд. Воқеан, калимаҳои худсохти дар ғазали мазкур мавриди истеъмол қароргирифта, табиатан, шӯху назарраборанд, бинобар ин, худи Сайидои Насафӣ дар мақтаи ғазал ба ин хусусияти маъниофариниаш ишораи ҷолибе карда, онро “чу фикри Сайидо шӯх” унвон кардааст, ки безамина нест.

Ин суханвари чирадаст на танҳо дар сохтмони вожаҳои хуштарҳи бадеӣ, ҳамчунин дар ибораорой низ муваффақ гардидааст. Баррасиву ғазалиёти шоир имконият фароҳам меоварад, ки ин ҷиҳати мазмунсозиву маъниофарии Сайидои Насафӣ низ рӯнамо гардад. Чунончи, дар матлаи яке аз ғазалҳои ошиқона шоир ду ибораи қашанги бадеӣ – “баҳори маҳшар” ва “каманди гардани наззораҳо”-ро корбаст карда, маънии ҷаззоберо тарҳрезӣ намудааст. Чунончи, ӯ ба маъшуқ муроҷиат карда, аз чеҳраи зебову дилрабои вай дар азоб мондани ошиқро басо ҳунармандона қаламдод намудааст:

Эй хати сабзат баҳори маҳшари оворахо,
Сунбули зулфат каманди гардани наззораҳо [7, с.39].

Дар байти зерин, ки низ матлаи яке аз ғазалҳои ошиқонаи шоир аст, Сайидои Насафӣ дар радифи ибораи халқии “гули сари сабад” ибораи “матоъи қофилаи навбаҳор”-ро корбаст намудааст, ки бофтаи хаёли нозуки суханвар маҳсуб ёфта, барои таъмини ҳусни матлаъ хидмат гузоштааст. Чунончи:

Рӯят гули сари сабади лолазорҳо,
Хаттат матоъи қофилаи навбаҳорҳо [7, с.57].

Ё худ дар байти зерин суханвар бо корбурди ибораи “ҷомаи гули раъно”, ки бофтаи хаёли шоиронаи ӯст, мазмуни ҷолиберо тарҳрезӣ кардааст. Ба андешаи Сайидои Насафӣ “ҷомаи гули раъно”, яъне либосҳои фохира ба тани қаҳрамони лирикӣ – “ман”-и шоир танг аст, яъне вай ин гуна либосҳоро хоҳон нест, барои ӯ “эътиборҳо” – эътироф шудан аз ҷониби маъшуқу ба ӯ назар карданҳояш кифоя аст ва дар як маънӣ сазовори эҳтирому эътибори мардум гардидан боиси осудагии хотираш хоҳад буд.

Дар байти дигар Сайидои Насафӣ дар як байт якчанд ибораҳои худсохтро истифода намуда, маъниҳои зеҳнрасу ҷолиби диққатро тарҳандозӣ кардааст. Чунончи, ибораҳои “шамъи сабр”, “сари таслим рехтан” ва “дами теғи тағофул” байти зеринро соҳиби мазмуни баланди шоирона гардонидааст.Чунончи:

Кунад чун мум шамъи сабр истиғнои хубонро,
Сари таслим мерезад дами теғи тағофулро [7, с.61].

Қаҳрамони лирикии суханвар нисбат ба маъшуқ чунон эътибори хосса дорад, ки тамоми нозукиву карашмаҳояшро бо ифодаҳои ҷолиби бадеӣ инъикос кардааст. Масалан, дар байти зерин ӯ аз лаҳзаи ғунудани маъшуқа ҳадс зада гуфтааст:

Кунанд аз гули бодоми ноз болинаш,
Шабе, ки наргиси ӯ майли хоб кунад [7, с.267].

Ибораи шоиронаи “гули бодоми ноз” маҳсули тахайюлоти латифу нозуки суханвар буда, мазмуни байтро басо ҷаззоб гардонидааст.

Агар дар абёти болоӣ суханвар ибораҳои зебои шоиронаи худсохтро дар абёти мазмуни ишқӣ дошта мавриди истифода қарор дода, маъонии латиф ба ҳам оварда бошад, дар абёти зерин, ки баргирифта аз як ғазали мазмуни иҷтимоӣ касбкардаи шоир аст, дар

ҳар байт як ибораи бадеӣ, ки маҳсули тахайюлоти бадеии суханваранд, корбаст шуда, мазомини ҷолиб ба ҳам омадаанд. Чунончи:

Хонабардӯшам, калиди ризқ по бошад маро,
Гирдбодам, гардиши сар осиё бошад маро.
Кулфате гар ӯ диҳад, сар дар гиребон мекашам,
Чокҳо дар ҷайб меҳроби дуо бошад маро.
Хайма бар по кардаам бар рӯи дарё чун ҳубоб,
Рӯзии ҳаррӯза аз мавҷи ҳаво бошад маро [7, с.91].

Дар ин порча ибораҳои шоиронаи “калиди ризқ”, “меҳроби дуо” ва “мавҷи ҳаво” дар таъмини бадеъияти он хизмат намудаанд.

Дар яке аз абёти ғазали дигари суханвар, ки дар он низ оҳанги шиква равшан ба назар мерасад, ибораҳои шоиронаи “нолаи гарм” ва “мили оҳ”, ки бофтаи хаёлоти бикри шоиранд, тасвирро пуртаъсиру ҷаззоб гардонидаанд. Чунончи:

Нолаи гармам чароғи кушта равшан мекунад,
Мили оҳам сурмаи чашми ҷаҳонбини ман аст [7, с.142].

Дар байтҳои зерин, ки баргирифта аз як ғазали иҷтимоии Сайидои Насафӣ буда, дар он суханвар шиква аз хасисии аҳли сарват кардааст, ибораҳои бадеии “давлатхонаи аҳли карам” ва “оби гавҳари дарёдилон” афкору андешаҳои шоирро таъсирбахш сохтаанд. Чунончи:

Ба давлатхонаи аҳли карам раҳ нест соилро,
Аз ин дарҳо даҳони шеру коми аждаҳо беҳтар...
Зи оби гавҳари дарёдилон лаб тар намегардад,
Аз ин гулшансароён ташнаро мотамсаро беҳтар [7, с.291].

Ҷойи дигар суханвар бо корбурди ибораи худсохти “дуди ситорасӯхтаи гулхан” бахтбаргаштагии қаҳрамони лирикиашро басо равшану муассир ба қалам овардааст. Чунончи:

Боди сабо, ки аз нафасаш мушк медамад,
Дуди ситорасӯхтаи гулхан аст аз ӯ [7, с.448].

Ҳамин тавр, Сайидои Насафӣ дар ғазалҳояш барои иҷтиноб варзидан аз такрору ҷаззобу таъсирбахш сохтани мазмуну маонии ашъораш бисёр ибороти тозаву бикрро тарҳрезӣ намудааст. Дар коргоҳи эҷодии суханвар калимоти маъмулу муқаррарӣ ба ҳам имтизоҷ ёфта, сабабгори тавлиди ибороти бадеӣ гардидаанд ва ҳунари волои сухангустарии соҳибсуханро ба намоиш гузоштаанд.

Афзудан ҷоиз аст, ки Сайидои Насафӣ дар сохтмони таркибҳои хосси бадеӣ низ ҳунари баланди сухантирозии хешро ба намоиш гузошта тавонистааст. Баррасиву таҳлили ғазалиёти суханвар имконият фароҳам меоварад, ки чунин таркибҳои шоиронаро ҳам дар ғазалҳои ошиқона ва ҳам ғазалҳои иҷтимоиву ҳикамии ӯ дарёфт намоем.Чунончи, дар байти зерин Сайидо перомуни ташрифи қаҳрамони лирикӣ – маъшуқ сухан ба миён оварда, бо эҷоди таркиби шоиронаи “нақши по гул задан”- шодиву фараҳ оварданро дар мазмунсозӣ басо ҷаззоб корбаст намудааст:

Бар замини хоксорон то қадам овардаӣ,
Нақши поят мезанад гул бар сари афтодаҳо [7, с.70].

Дар байти дигар шоир васфи чашмони қаҳрамони лирикӣ – маъшуқро пеш гузошта, дар ҳасрати зебогии вай мондани хубони дигарро ба василаи сохтмони таркиби “сурмаро санги фалохун кардан” – аз баҳри санги сурма баромаданро хеле моҳирона тарҳрезӣ намудааст. Чунончи:

Моҳрӯён сурмаро санги фалохун кардаанд,
Гӯшаи чашми ту то бар тӯтиё афтодааст [7, с.144].

Ё худ дар байти матлаи зерин таркиби ғайримунтазираи “даҳ ангушт чароғ кардан” шеърияти байтро шукӯҳи тоза бахшидааст. Чунончи, шоир ҳолати рӯҳонии қаҳрамони лирикӣ - ошиқро инъикос намуда, аз ҳаво ҷустуҷӯ кардани бӯйи хуши ёр ва барои пайдо кардани ин бӯ даҳ ангушт чароғ намуданро басо ҳунармандона корбаст намудааст:

Шабе, ки бӯи гулат аз ҳаво суроғ кунам,
Равам ба боғ, даҳ ангушти худ чароғ кунам [7, с.352].

Дар байте аз ғазалҳои дигари ошиқона суханвар таркибҳои “аз чаман бо гули рӯ нома навиштан” ва “хомаи таҳрир аз минқори булбул кардан”-ро тарҳрезӣ кардааст, ки воқеан ҳам, ҷолибу назаррас аст. Чунончи:

Менависам аз чаман бо он гули рӯ номае,
Хомаи таҳрир аз минқори булбул мекунам [7, с.392].

Дар байте аз ғазалҳои ошиқона шоир таркибҳои хосси “забон дар даҳон чун мағзи бодом дар шакар будан” ва “холи лаб қанди сиёҳ будан”-ро тарҳандозӣ намуда, байти зебову андешапарварро ба ҳам овардааст. Чунончи:

Забонат дар даҳон чун мағзи бодом аст дар шаккар,
Бувад холи лабат, эй рашки гул, қанди сиёҳи ман [7, с.419].

Дар байти зерин тавсифи қаҳрамони лирикӣ – маъшуқ тавассути сохтмони таркибҳои бикр, мисли “булбул ба дӯши шох кабоби хунчакон будан” ва “гул дар канори боғ сари бетан будан” басо муассир ба тасвир омадааст. Чунончи:

Булбул ба дӯши шох кабоб аст хунчакон,
Гул дар канори боғ сари бетан аст аз ӯ [7, с.448].

Сайидои Насафӣ на танҳо дар ғазалҳои ошиқона, ки табиатан нафосату латифиро тақозо доранд, ба таркиббандӣ рӯ овардааст, балки дар аксари ғазалҳои дорои мазмуни иҷтимоиву ҳикамӣ низ ин ҳунари сухангустарии хешро ба намоиш гузошта, маонии марғубу нишонрас тарҳрезӣ намудааст. Чунончи, дар як ғазали ҳикамии худ пайиҳам чанд таркибҳои хосси шоирона ба кор гирифта, маъниҳои хуберо тарҳандозӣ кардааст. Барои исботи андеша ду байти ин ғазалро намуна меорем:

Ҷабин чун гул агар сайқал диҳӣ аз чини нокомӣ,
Ба ҳар манзил кунӣ ором, боғи дилкушо гардад.
Чароғам равғани гул мекунад селоби кулфатро,
Намак дар чашми доғам ҳар кӣ резад, тӯтиё гардад [7, с.212].

Дар порчаи болӣ таркибҳои “ҷабин чун гул сайқал додан” ва “чароғ селоби кулфатро равғани гул кардан” бофтаи хаёлоти шоиронаи Сайидо маҳсуб ёфта, барои таъмини муассирии сухани шоир хидмат намудаанд.

Ё худ дар байти зерин беэътибории аҳли сухану касодии бозори шеърро тасвир карданӣ шуда, Сайидо таркиби тозаи “оби сияҳ аз ҷӯйи қалам омадан”-ро истифода кардааст ва байтро пуртаъсир сохтааст. Чунончи:

Зи арбоби сухан кай тирабахтӣ дур мегардад,
Мудом оби сияҳ меояд аз ҷӯйи қалам берун [7, с.432].

Дар як ғазали иҷтимоӣ Сайидои Насафӣ пайиҳам чанд таркибҳои тозаи хосро корбаст намудааст, ки нишондиҳандаи хуби ҳунари сухангустарии ин суханвари шаҳиранд. Чунончи:

Соғари худ мебарам пеши ҳубоб аз содагӣ,
Тар намегардад зи дарёҳо лаби паймонае...
Хӯшачинон хирмани номусро оташ зананд,
Аз даҳони мӯр агар ногоҳ афтад донае.
Сайидо, по аз бинои халқ кӯтаҳ кардаам,
Менамояд пеши чашмам осмон вайронае [7, с.471].

Таркибҳои “лаби паймона тар нагардидан аз дарёҳо”, “оташ задани хирмани номус”, “осмон пеши чашм вайрона намудан” бофтаи хаёлоти бикри шоир буда, андешаву афкори шиквоии суханварро бисёр пуртасъир сохтаанд.

Дар яке аз байтҳои ғазали ҳакимонаи худ Сайидои Насафӣ фармудааст:

Шабнамсифат бикун ба чаман машқи шабравӣ,
Хоҳӣ, ки дар миёни зари гул фурӯ равӣ [7, с.505].

Таркибҳои “ба чаман шабнамсифат машқи шабравӣ кардан” – дар дили шабҳо ниёиш кардан ва “дар миёни зари гул фурӯ рафтан”- дар дилу дида ҷой гирифтан маҳсули коргоҳи эҷодии шоиранд, ки байтро перояи бадеӣ бахшидаанд.

Азбаски дар аксари ғазалҳои ошиқонаи Сайидои Насафӣ мазмунҳои ишқиву шиквоӣ ба ҳам гиреҳ хӯрда, дарду доғ ва яъсу навмедии қаҳрамони лирикӣ – “ошиқ” дар назари аввал аз тағофулзаданҳои маъшуқ сар мезанад, вале он имтизоҷ пайдо менамояд бо оҳанги

шиква аз нодориву бечораҳолии вай. Дар баёни ин гуна мазомин низ суханвар таркибҳои ҷаззобу зеҳнрасро тарҳрезӣ намудааст. Чунончи:

Ҷабини ман ба кафи пои ту ҳино мебаст,
Шикастарангтар аз нақши бӯрё кардӣ [7, с.503].

“Ҷабин ба кафи по ҳино бастан” – ранҷу риёзати ошиқ ва “аз нақши бӯрё шикастарангтар кардан” – ранги рӯ зард шудан воқеан тасвирро зеҳнрасу таъсирбахш гардонидааст.

Ғазали зеринро, ки саропо бо дарёфтҳои хуби шоирона музайян гардидааст, метавон ҳамчун олитарин бозёфти тахайюлоти бикри суханвар арзёбӣ кард. Чунончи:

Ба кӯи интизорӣ орамиданҳо чӣ медонӣ?
Гул аз шохи муроди сабр чиданҳо чӣ медонӣ?
Ҳанӯзат шир аз лабҳои ширин дар қадаҳ дорӣ,
Шароби талхи нокомӣ чашиданҳо чӣ медонӣ?
Нигаҳ аз гӯшаи чашми ту сар берун намеорад,
Мазоқи хор аз по кашиданҳо чӣ медонӣ?
Зи роҳат бистару аз ноз болин зери сар дорӣ,
Тасаввур кардану аз ҷо париданҳо чӣ медонӣ?
Ҳанӯзат дар чаман дорӣ зи булбул сад қафас бисмил,
Ба дом афтодаву дар хун тапиданҳо чӣ медонӣ?
Ҳанӯз, эй гул, надида ғунчаат рӯи табассумро,
Зи ҳайрат пушти дасти худ газиданҳо чӣ медонӣ?
Ниҳад дӯши ту паҳлу бар замин аз сояи кокул,
Ба зери бори меҳнат орамиданҳо чӣ медонӣ?
Бувад дар остин пинҳон чу бӯи ғунчаи ангушт,
Гул аз хори ҷафои ёр чиданҳо чӣ медонӣ?
Ҳанӯз, эй шӯх, бо мижгони ошиқ мекунӣ бозӣ,
Ту нури чашм аз мардум париданҳо чӣ медонӣ?
Саросар меравӣ ҳар рӯз бозори муҳаббатро,
Зулайхо нестӣ, Юсуф хариданҳо чӣ медонӣ?
Ба чоки ҷайби мову Сайидо дорӣ табассумҳо,
Ту тифлӣ, завқи пироҳандариданҳо чӣ медонӣ? [7, с.512].

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки Сайидои Насафӣ дар гуфтани ғазал чирадаст буда, аз кулли суннатҳои ҳунари ғазалсароӣ эҷодкорона истифода намудааст. Ӯ дар аксари ғазалҳояш падидаҳои ҳунарии сабки нави адабӣ, яъне сабки ҳиндиро пайгирӣ ва тадовум бахшида, бо калимасозӣ, ибораороӣ ва таркиббандиҳои хоссаш маониву мазмунҳои хосси шоирона тарҳрезӣ намуда, аз такрору тақлидкорӣ берун ҷастааст ва бо услуби хосси нигориш ва сабки хосси гуфтораш дар адабиёти тоҷик манзалати баландро ишғол кардааст.

Муқарриз: ***Урунова М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулғанӣ Мирзоев. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик / Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1947. - 285 с.
2. Абдулло Ансор. Шарҳи 42 ғазали Ҳофиз / Ансор, Абдулло. - Душанбе, 1994. - 124 с.
3. Афсаҳзод А. Ҷомӣ - шоири ғазалсаро / А.Афсаҳзод. - Душанбе, 1989. - 152 с.
4. Аҳмади Ҳотамӣ. Пажӯҳише дар сабки ҳиндӣ ва давраи бозгашти адабӣ / Ҳотамӣ, Аҳмади. – Теҳрон, 1342. - 367 с.
5. Нуралӣ Нуров. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил: диссер. Докт. / Нуров Нуралӣ. - Хуҷанд, 2020. Дар сайти www.tgpu.tj
6. Садрӣ Саъдиев. Сайидои Насафӣ ва муҳити адабии Моваруннаҳр дар нимаи дувуми асри ХУ11 / Саъдиев Садрӣ. - Душанбе, 2018. - 296 с.
7. Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб / Насафӣ, Сайидо. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 701 с.
8. Сируси Шамисо. Сабкшиносии шеър / Шамисо, Сирус. – Теҳрон, 1385. – 420 с.
9. Сайидои Насафӣ. Куллиёти осор. Душанбе-1990.
10. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик.Душанбе 2010. 419 саҳ.
11. Сайидои Насафӣ. Куллиёти осор. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Ҷобулқо Додалишоев . Душанбе: Дониш, 1991.

12. Сайидои Насафӣ. Девони мунтахаб. Бо эҳтимоми Абдулғанӣ Мирзоев. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1947.
13. Сайидои Насафӣ.Мунтахаби осор. Бо кӯшиши Ҷамшед Шанбезода, Душанбе, “Ирфон”,1977
14. Сайидои Насафӣ. Машъали нури таҷалло., Мураттиб Гурез Сафаров. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. -172с.
15. Сайидои Насафӣ. Девон. Аз силсилаи “Ахтарони адаб”. Бо кӯшиши Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. Душанбе: Адиб. 2017.

КАЛИМАБАНДӢ, ИБОРАОРОӢ ВА ТАРКИБСОЗӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МИРОБИД САЙИДОИ НАСАФӢ

Дар мақола перомуни ҳунари шоирии суханвари қарни XVII Миробид Сайидои Насафӣ маълумот фароҳам оварда шуда, дар хусуси корбасти калимаҳои худсохт, ибораҳои шоирона ва таркибҳои хосси бадеии ғазалиёти Миробид Сайидо Нафасӣ баҳс рафтааст. Муаллиф дар натиҷаи баррасиву таҳлили ғазалиёти шоир ба чунин натиҷа расидааст, ки Миробид Сайидои Насафӣ дар гуфтани ғазал чирадаст буда, аз кулли суннатҳои ҳунари ғазалсароӣ эҷодкорона истифода намудааст. Ӯ дар аксари ғазалҳояш падидаҳои ҳунарии сабки нави адабӣ, яъне сабки ҳиндиро пайгирӣ ва тадовум бахшида, бо калимасозӣ, ибораороӣ ва таркиббандиҳои хоссаш маониву мазмунҳои хосси шоирона тарҳрезӣ намуда, аз такрору тақлидкорӣ берун ҷастааст ва бо услуби хосси нигориш ва сабки хосси гуфтораш дар адабиёти тоҷик манзалати баландро ишғол кардааст. Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки Миробид Сайидои Насафӣ дар гуфтани ғазал чирадаст буда, аз кулли суннатҳои ҳунари ғазалсароӣ эҷодкорона истифода намудааст. Аз рӯи шаҳодати ҳамасрони шоир бармеояд, ки Миробид Сайидои Насафӣ байни мардум обурӯйи калон дошт. Ӯ ин маъруфиятро бо сухани росту волои худ, танқиди беамони худ нисбати ноадолатиҳои замонаш ва тараннуми волои халқи меҳнаткаши давронаш пайдо кард

Калидвожаҳо: Миробид Сайидои Насафӣ, ғазалиёт, калимасозӣ, ибораороӣ, таркибсозӣ, мазмунофарӣ, ҳунари шоирӣ.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ, КРАСНОРЕЧИЕ И СТРУКТУРА В ГАЗЕЛЯХ МИРОБИДА САЙИДО НАСАФИ

В статье приведены сведения о поэтическом мастерстве поэта XVII века Миробида Сайидо Насафи, а также подвергнуты дискуссии употребление слов, сочиненных поэтом, поэтических словосочетаний и свойственных художественных структур газелей Миробида Сайидо Насафи. Автор в результате рассмотрения и анализа газелей поэта пришел к выводу о том, что Миробид Сайидо Насафи был искусным сочинителем газелейи творчески использовал поэтические традиции написания газелей. Он во многих своих газелях следовал новому литературному, поэтическому стилю - индийскому стилю и продолжая данную традицию, искусным мастерством своего словообразования, красноречия и структурообразования придавал своим газелям новое значение и содержание, свойственное только его перу и всегда отдаляя себя от подражательства, и характерным его перу стилем занял достойную нишу в таджикской литературе. В общем, можно констатировать, что Миробид Сайидо Насафи был искусным мастером в сочинении газелей По свидетельству современников, популярность Миробид Сайидо Насафи была огромна. Он снискал ее своим смелым, правдивым словом, беспощадной критикой жестокостей века и восторженным воспеванием людей труда.

Ключевые слова: Сайидо Насафи, газели, словообразование, красноречие, структурообразование, содержательностьпоэтическое мастерство.

WORD FORMATION, SPEAKING AND STRUCTURE IN THE GAZELS OF MIROBID SAYIDO NASAFI

The article provides information about the poetry of the 17th century poet Mirobid Sayido Nasafi, as well as discusses the use of words composed by the poet, poetic phrases and typical artistic structures of gazelles Mirobid Sayido Nasafi. As a result of consideration and analysis of the poet's gazelles, the author came to the conclusion that Mirobid Sayido Nasafi was a skillful writer of gazelles and creatively used the poetic traditions of writing gazelles. In many of his gazelles he followed a new literary, poetic style - the Indian style and continuing this tradition, with the skill of his word formation, eloquence and structure formation, he gave his gazelles a new meaning and content, characteristic only of his pen and always alienating himself from imitation, and characteristic of his pen style has occupied a worthy niche in Tajik literature. In general, it can be stated that Mirobid Sayido Nasafi was a skilled master in composing gazelles. According to contemporaries, the popularity of Mirobid Sayido Nasafi was enormous. He won her over with his bold, truthful word, merciless criticism of the cruelties of the century and enthusiastic praise of the people of labor.

Key words: Sayido Nasafi, gazelles, word formation, eloquence, structure formation, meaningfulness, poetry.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муъминов Исмоил*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, докторанти P.hD-и кафедраи адабиёти классикии тоҷик. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. Мавлонбеков 1. E-mail: **i.muminov@ttl.tj.** Тел.: **(+992) 92-771-81-63**

Сведения об авторе: ***Муъминов Исмоил*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, докторант Ph.D кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail**: i.muminov@ttl.tj.** Тел.: **(+992) 92-771-81-63**

Information about the author: Muminov Ismoil - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Ph.D. candidate of the Department of Tajik Classical Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov 1. E-mail: **i.muminov@ttl.tj.** Tel .: **(+992) 92-771-81-63**

УДК: 491. 550 : 93

БАРРАСИИ ВИЖАГИҲОИ НАҲВИИ ИСМҲОИ ХОС ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Тағаймуродзода С.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Таърихи Систон» яке аз қадимтарин маъхазҳои таърих ва фарҳангу адаби тоҷику форс буда, барои муаррихон, адабиётшиносон, забоншиносон дар таҳқиқи масъалаҳои таърих ва забону адаби форсӣ-тоҷикии асрҳои IX-XI сарчашмаи муҳим маҳсуб меёбад. Ин асар аз зумраи куҳантарин осори таърихӣ, чун тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқ илал Мағриб»-и муаллифи номаълум, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ва амсоли онҳо ба шумор меравад, ки ба забони тоҷикӣ таълиф гардидааст. Асари мазкур барои пурғановат гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ нақши муассир дошта, дар байни унсурҳои луғавию сарфӣ нақши исм ҳамчун ҳиссаи нутқ бештар ба назар мерасад. Бинобар ин, тасмим гирифта шуд, ки дар доираи ин мақола баррасии исмҳои хос аз нигоҳи вижагиҳои наҳвӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Дар радифи вижагиҳои мубрами дастурии исмҳои хос муайян намудани вижагиҳои наҳвии ин гурӯҳи исмҳо аз мавзӯъҳои муҳимми синтаксис ба шумор мераванд.

Исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои сода. Ҷумлаҳо аз рӯйи сохт сода ва мураккаб мешаванд. Ҷумлаҳои сода аз рӯйи иштироки сараъзову аъзоҳои пайрав дутаркибаву яктаркиба ва инчунин хулласу тафсилӣ мешаванд. Дар ҷумлаҳои сода панҷ аъзои ҷумла иштирок мекунад ва дар байни онҳо мубтадо ва хабар нақши муҳим доранд.

Мубтадо бо исмҳо, ҷонишинҳои предметӣ, масдар ва дигар ҳиссаҳои нутқи исмгардида (субстантиватсияшуда) ифода меёбад. Дар асари «Таърихи Систон» чунин исмҳои хос ба вазифаи мубтадо омада, мавриди корбурд қарор гирифтаанд: **Малик Маҳмуд** вазирро гуфт [16, с.6]. **Ҷабраил (а)** хутба бихонд ва малоика гувоҳ буданд [16, с.54]. **Арфахшад** аз ӯ биёмад ва нур биёвард [16, с.45].

Мубтадо аз ҷиҳати сохт сода, тафсилӣ ва чида шуда метавонад. Мубтадо аксар дар аввали ҷумла ҷой мегирад. **Одам** аҳде **набишт** бар Шис ва Худойро ва фариштагонро **гувоҳ кард** ва **барнабишт** ва ба хотам Ҷабраил (а) **муҳр кард** ва ба Ҷабраил вадиат ниҳод он аҳд [16, с.18].

Хабар сараъзои ҷумла буда, амалу ҳолат ва аломатеро мефаҳмонад, ки аз рӯйи шахсу шумора ва замони муайян ба мубтадо равона шуда бо он мувофиқат кардааст. Дар асари «Таърихи Систон» исмҳои хос бештар ба вазифаи хабарҳои номӣ омадаанд. Исмҳои хоссе, ки ба вазифаи хабарҳои номӣ омадаанд, бо ҳиссаҳои номии нутқ ва феълҳои тасрифнашаванда ифода меёбанд: Ва рӯзгоре ин ҷо бибуд ва Ҳамза ***ба Нишобур*** шуд ва ин ҷо ҳарб кард бар Алӣ ибни Исо [16, с.89]. Ва ба рӯзгори Таҳмосб ***ҷаҳонпаҳлавон Сом*** буд [16, с.21]. ва писараш Дастон олам ба мардӣ обод дошт, то боз ***Афросиёб*** берун омад ва ***Эрон*** бигрифт [16, с.22]. Булқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома» ба шеър кард ва бар номи ***Султон Маҳмуд*** кард [16, с.23].

Аъзои пайрав – ***муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол*** – бар эзоҳи сараъзоҳо меоянд. Муайянкунанда мубтадоро, ҳолу пуркунанда бештар хабарро шарҳу эзоҳ медиҳанд. Дар асари «Таърихи Систон» исмҳои хос бо ҳамаи аъзои пайрав омада, барои созмону ифодаи воқеаҳо ва манзараҳо нақш доранд. Барои тақвияти андеша чанд мисол меоварем: Боз **ба Рай** хабар расид, ки **аз Рум** сипоҳ берун омад, з-он ҷо бозгашт ва **ба Бағдод** шуд [16, с.99]. Ҳузайн ибни Муҳаммад ал-Қавсӣ **ба Систон** фармон ёфт… [16, с.98]. ***Пас Рашид Алӣ ибни Исоро*** азл кард ***аз Хуросон…*** [16, с.101].

Дар ин мисолҳо дар таркиби ҷумлаҳои сода исмҳои хос ба вазифаи пуркунанда омадаанд. Пуркунанда чун аъзои пайрав ашёро ифода мекунад, вале ин ашёи амалу ҳолат аст. Пуркунанда ҳам ба мисли мубтадо бо исмҳо, ҷонишинҳои ашёшуда, масдар ва ҳиссаҳои нутқи дигари исмгардида ифода меёбад. Пуркунанда аз рӯйи маъно, вазифа, муносибати ба хабар доштааш ва аломатҳои грамматикию ҷой ба ду гурӯҳ – бевосита ва бавосита, ҷудо мешавад. Пуркунандаи бевосита ашёеро ифода мекунад, ки таъсиру ҳаракати хабари бо феълҳои гузаранда ифодаёфта ба он равона шудааст. Ин гурӯҳ пуркунандаҳо маънии хабарро пурра ва равшан мекунанд ва аз ин рӯ, дар ин гуна ҷумлаҳо

будани онҳо табиӣ дониста мешавад. Дар мисолҳои дар боло оварда исмҳои хос ба вазифаи пуркунанда омада, ҳамин ҷиҳатро ифода мекунанд.

Боз Ҳарсама ибни Аъян **ал-Ҳакам ибни Синонро** сӯйи Систон фиристод… [16, с.110]. Пас Муҳаммад ибни ал-Ҳусайн **Сайфро** гуфт [16, с.110]. Пас [Ҳакам] **Солеҳи Ҳаммодро** бар сипоҳ ба ҳарби хавориҷ берун фиристод [16, с.144]. Дар ин мисолҳо исмҳои хосси **Синон, Солеҳи Ҳаммод**, ки ифодакунандаи номи шахс ва антропониманд, ба вазифаи пуркунандаи бевоситаи суратёфта омада, маънии хабарро пурра ва равшан кардаанд.

Дар ташаккули пуркунанда ҳатман пешоянд ва ё пасоянд иштирок мекунад. Аз ин рӯ, вай ба калимаи эзоҳшаванда танҳо ба воситаи алоқаи вобастагӣ тобеъ мешавад. Пуркунандаи бавосита маъноҳои гуногунро: сарчашмаи амалу ҳолат, муносибатҳои муқоисавӣ, объектӣ, сӯй, ҳамроҳӣ, воситаи иҷрои амал ва ҳолатҳои гуногун, дар амалиёти мубтадо иштирок кардану накардан ва ғ.-ро ифода мекунад. Ин гуна маъноҳо ба туфайли пешояндҳои гуногун ифода мегардад. Як хусусияти пуркунандаи бавосита он аст, ки вай ба ҳама гуна хабар тобеъ шуда метавонад: Акнун **ба Систон** амирӣ кардан ҳарби хавориҷ аст [16, с.110]. Ва аз он ҷо ба Мағриб шуд [16, с.67]. Заҳҳокро ба рӯзгори ӯ **ба Систон** ҳеч ҳукм набуд [16, с.70]. То **ба рӯзгори Кайковус** боз ҳам Рустам ба Туркистон шуд ва кини Сиёвуш боз оварда [16, с.70]. Рустам ибни Озодхӯ ибни Бахтиёр ал-Исбаҳбад буд ва **аз Бахтиёр** боз гуфтем [16, с.67].

Дар ташаккули ҷумлаҳои сода инчунин дигар аъзои пайрав, яъне муайянкунанда нақши муҳим дорад. Муайянкунанда чун аъзои пайрав ашёро шарҳу эзоҳ дода, аломату хусусият ва соҳибияти онро муайян карда, аз рӯйи ифодаи маъно ба ду гурӯҳи калон – сифатӣ ва соҳибӣ ҷудо мешавад. Муайянкунандаҳои сифатӣ ва ё аломату хусусияти ашё дошта ба се гурӯҳ - тавсифӣ, нисбӣ ва сифати феълӣ ҷудо мешаванд. Муайянкунандаҳои тавсифӣ бо сифатҳои аслӣ (саҳрои васеъ, биёбони хушк, гули сурх, роҳи васеъ), муайянкунандаҳои нисбӣ бо сифати нисбӣ, исму ибораҳои исмӣ ва шумораи тартибӣ (либоси бачагона, кишти тирамоҳӣ, дари оҳанин, духтари шаҳрӣ, деги мис, куртаи атлас, гӯшвораи тилло, арафаи пеш аз интихобот, мӯйсафеди асо дар даст, шӯрбои гӯшти мурғ, синфи чорум, қабати якум) ифода шавад, муайянкунандаҳои сифати феълӣ бо шаклҳои гуногуни сифати феълӣ (одами раванда, китоби хондагӣ, сессияи омадаистода, шахси рафтанӣ) ифода мегардад. Ҳамчунин фарзандонашон насл бар насл ба рӯзгори ***мулуки Аҷам*** ҷаҳонпаҳлавон буданд [16, с.8]. …бар шимоли ***қалъаи Систон*** ва қалъаи дигар аст бар ҷануб… [16, с.45]. Яке ба ***«Ахбори Систон»*** ва дигар Абдуллоҳ ибни ал-Муқаффаъ андар ***китоби «Сияри мулуки Аҷам»***, боз гӯянд ва Абулфараҷи Қуддома ибни Ҷаъфар ибни Қуддома ал-Бағдодӣ андар ***«Китоби хироҷ»*** ба боби масолик ва мамолик боз гӯяд [16, с.46]. Ин хабарҳо дуруст мегардад андар ***ҳадиси Сиҷистон*** аз ҳадиси анбиё (а) ва биллоҳилисмату ваттавфиқ [16, с.17]. Дар ин мисолҳо муайянкунандаҳо бо ду навъи алоқа - изофӣ ва ҳамроҳӣ ба муайяншаванда тобеъ гардида, барои тақвияту мукаммалсозии ҳолатҳои исми хос омадаанд.

Ғайр аз ин, дар ташаккули ҷумлаҳои сода аъзои дигари пайрав, яъне ҳол низ нақши муҳим дошта, чун аъзои пайрав замону макон, сабабу мақсад, миқдору дараҷа, шарту хилоф ва монандиву тарзи иҷрои амали ҷумларо ифода карда, одатан бар эзоҳи хабари ҷумла ва баъзан бар эзоҳи аъзоҳои гуногуни он ҳам омада метавонад. Ҳол бо зарф, шаклҳои тасрифнашавандаи феъл, исм, исму пешоянду пасояндҳо, сифатҳову ҷонишинҳо ифода мегардад: Ҳам ***ба Фароҳ ба кӯҳи Ҳарун*** бар шимоли он яке сӯрох аст [16, с.17]. …рӯди Ҳирманд ва Рухадрӯд ва Хошрӯд ва Фароҳруд ва Хушкрӯд ва Харутрӯд ва даштҳо ва кӯҳҳо аз ҳамаи атрофи Систон ва аз ҳазор фарсанг ҳама ***ба Зириҳ*** ояд… [16, с.28]. …чашмае буд ***дар Ҳирманд*** баробари Буст ва об ҳаме баромадӣ ва регу зар баромехта… [16, с.34]. Пас Кайхусрав аз он ҷо бозгашт ва ***ба Туркистон*** шуд [16, с.34]. Афросиёб гурез гирифт ва ***ба сӯйи Чин*** шуд ва з-он ҷо ***ба Ҳиндустон*** омад ва з-он ҷо ***ба Систон*** омад [16, с.45]. То ба рӯзгори Кайковус боз ҳам Рустам ***ба Туркистон*** шуд [16, с.23].

Ҳамин тавр, сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла дар шаклгирии ҷумлаҳои сода нақши муассир дошта, дар асари мавриди тақриз теъдоди ин қабил ҷумлаҳо хеле зиёданд ва дар офаридани манзараву инъикоси ҳодисаву воқеаҳо муаллифи асар ин қабил ҷумлаҳоро фаровон корбурд намудааст. Пас маълум мешавад, ки ҷумлаҳои сода бо ҳамин вижагиҳои имрӯзааш таърихи қадима доштаанд.

-Исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои содаи яктаркиба. Исмҳои хос барои шаклгирии ҷумлаҳои яктаркибаи асари мавриди таҳқиқ низ нақш доранд. Ҷумлаи яктаркиба гуфта он ҷумларо меноманд, ки дар он яке аз сараъзоҳо иштирок дорад: Ва ба рӯзгори ***Таҳмосб*** ҷаҳонпаҳлавон Сом буд [16, с.18]. ***Қайқубодро*** биёвард [16, с.19]. То ба рӯзгори ***Кайковус*** боз ҳам ***Рустам*** ба ***Туркистон*** шуд [16, с.32]. Кини ***Сиёвуш*** боз овард [16, с.23]. Боз аз паси вай ***Фаромарз*** буд [16, с.23]. Худ бо нафси хеш ба ҳарби **Занбил** бояд рафт [16, с.108].

Ҷумлаи яктаркиба чанд хел мешавад: ***муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс, бешахс ва унвонӣ.*** Дар асари «Таърихи Систон» чунин ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс бештар ба назар расиданд: Пас чун ислом ба **Систон** оварданд [16, с.17]. Ва мардумони **Систонр**о маълум буд андар охирзамон берун омадани **Мустафо (а)** [16, с.17]. …ҳамчунин фарзандонашон насл бар насл ба рӯзгори мулуки **Аҷам ҷ**аҳонпаҳлавон буданд [16, с.19]. …бар рӯзгори Хусрави ***Парвиз ибни Ҳурмуз ибни Анӯшервон ал-Малик*** аз фарзандони ***Рустам*** ва ба ***«Бахтиёрнома»*** қиссаи ӯ бозхонанд [16, с.21].

Дар мисолҳои овардашуда исмҳои хос ба вазифаҳои аъзои ҷумлаи пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол омада, барои шаклгирии ҷумлаҳои содаи яктаркиба мусоидат кардаанд. Ин ҷумлаҳои яктаркибае, ки дар боло овардем, барои инъикоси воқеаҳои муҳимми таърихии бо шахсони таърихӣ марбут ва ба мавзеъҳо мансуб аз ҷониби муаллифи асар мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Инчунин, муаллиф дар овардани исми хосси мансуби шахс аз шаҷара ё нажоду пайвандони пешини онҳо низ ёдрас мекунад. Ҳоло мисоле барои тақвияти ин андеша оварда мешавад: *Бахтиёр ибни шоҳ Фирӯз ибни Барзфарӣ ибни Шеравжан ибни Ҳудойкон ибни Фаррух ибни Моҳхудой ибни Фирӯз ибни Гурдофарин ибни Паҳлавон ибни Испаҳбад ибни Рустам ибни Меҳрозод ибни Рустам, ибни Бӯлод ибни Конозодмард ибни Рустам ибни Ҷаҳрозод ибни Нерӯсанҷ ибни Фаррухбеҳ ибни Додофарин ибни Сом ибни Беҳофарид ибни Ҳушанг ибни Фаромарз ибни Рустам ал-Акбар ибни Дастон ибни Сом ибни Наримон ибни Куранг ибни Гаршосб [16, с.23].* Дар ин мисол чандин бор барои ҳам робитаи мантиқӣ ва барои нишон додани пайвандӣ вомвожаи арабии ифодакунандаи хешутаборӣ писарро дар шакли **ибн** муаллиф хеле фаровон мавриди корбурд қарор додааст.

Дар мавриди дигар муаллифи асар бо овардани исмҳои хосси мансуби мубтадои чида, яъне танҳо овардани ҷойномҳои ҷуғрофӣ ҷумлаҳои яктаркиба созмон додааст, ки ҷумлаи зер намунаи он аст: *Табасайн, Қаҳистон, Ҳирот, Толиқон, Гузконон Хафшон, Бодғис, Бушанҷ, Тахористон, Форёб, Балх, Халм, Марвурруд, Чағониён ва Ошҷар, Хатлон, Бадахшон, Бомиён, Абаршаҳр, Бухоро, Самарқанд, Шош, Фарғона, Сурушана, Сугд, Хуҷанд, Омӯя, Хоразм, Кеш, Исбиҷоб, Тирмиз, Насо, Абивард, Сарахс, Марвишоҳҷон, Тӯс, Борсуҳон, Балсам, Аҳрун, Насаф [16, с.67].* Дар ин ҷумла танҳо ҷойномҳои ҷуғрофӣ ба сифати исми хос оварда шудааст, ки зикри ин мавод ба хонанда роҷеъ ба ин ҷойномҳо маълумот медиҳад.

Ҳамин тавр, аз ин мисолҳои намунавор оварда мусаллам мегардад, ки исмҳои хосси асари «Таърихи Систон» дар шаклгирии ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс бештар ба назар мерасанд. Дар шаклгирӣ ва баёни андешаи муҳим роҷеъ ба ин ё он мавзӯъ исмҳои хосси асар дар таркиби ҷумлаҳои яктаркибаи бештар феълӣ ё хабарӣ нақши муассир доранд ва ҳадафи корбурди онҳо муъҷазбаёнӣ ва равону суфта кардани забони асари мавриди таҳқиқ аст.

-Исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои содаи дутаркиба. Исмҳои хос барои шаклгирии ҷумлаҳои дутаркибаи асари мавриди таҳқиқ низ нақш доранд. Он ҷумлаҳоро дутаркиба меноманд, ки дар он ҳар ду сараъзо – мубтадову хабар, иштирок дошта бошанд: ***Гаршосб*** бад-он шод шуд ва эшонро хилъатҳо дод ва ин шаҳр бино кард ва тамом кард [16, с.14]. ***Афредун*** пазираи[1] ӯ боз омад ва ӯро бар тахт нишонд ва Наримонро андар пеши тахт бар курсии заррин биншонд [16, с.15]. ***Кӯранг*** беш аз сӣ сол зиндагонӣ накард ва ба рӯзгори Гаршосб фармон ёфт [16, с.15]. ***Малик Маҳмуд*** вазирро гуфт [16, с.17]. ***Фирӯз*** бишнид андар лашкари хеш мунодӣ кард…[16, с.22]. ***Бухтуннаср*** набераи Рустами Дастон буд, аз сӯйи духтар, хоҳарзодаи Фаромарз ва ӯро ном Бухт Нерси ибни Гев ибни Ҷударз ибни Кашвод ибни Ашҷур ибни Фарҷир ибни Ҳир ибни Яшудон ибни Анбут ибни Нобҷан ибни Тафар ибни Тафук ибни Войзанҷ ибни Занҷ [ибни…] [16, с.87]. ***Баҳмани Исфандиёр***

[1] Пазира омадан – ба истиқбол, ба пешвоз омадан.

набераи ибни Ёмин буд, аз сӯйи модар [16, с.56]. ***Қайдор*** подшоҳ буд ва ӯро ҳафт хислат буд [16, с.60]. ***Ҳалима*** гӯяд [16, с.65]. ***Иброҳим ибни ал-Ҳузайн ал-Қавсӣ*** ба Систон андар омад ба амал рӯзи шанбе, ду шаб монда аз Рабеъуссонии санаи хамсун ва ишрина ва миатай (дусаду бисту панҷ) ва бародарро ба амал ҳамроҳ бигзошт [16, с.162]. ***Иброҳими Қавсӣ*** бозгашт ва ба Доруламора фуруд омад [16, с.174]. **Солеҳ** ба ҳазимат рафту ниҳон шуд [16, с.177]. ***Дирҳам*** сипоҳи хешро фармон дод [16, с.175]. ***Яъқуб*** чун нигоҳ кард ва он бидид ҳам он ҷо ҳамла оварданд ва бисёр мардум бикушт ва дигар гурезон гаштанд [16, с.179]. Бародари ӯ ***Муътазз*** ва ***Муайяд*** ҳарду байъат карданд ӯро ва хилофат Мунтасирро шуд [16, с.180]. **Қутайба ибни Муслим** ба **Систон** омад [16, с.108].

Дар ин мисолҳои оварда исмҳои хосси асар дар қолаби яккалимагӣ омадааст ва бештар барои ифодаи номи одамон омадааст: ***Гаршосб, Афредун, Кӯранг, Фирӯз***, ***Бухтуннаср, Қайдор, Ҳалима,*** **Солеҳ,** ***Дирҳам, Яъқуб, Муътазз, Муайяд*** ва ғ. Инчунин, дар ҳамин мисолҳо омадани исмҳои хосси асар ҳамчун ифодакунандаи номи одам дар қолаби таркибӣ ба назар мерасад: ***Малик Маҳмуд, Баҳмани Исфандиёр, Иброҳими Қавсӣ, Иброҳим ибни ал-Ҳузайн ал-Қавсӣ ва ғ.*** Дар ҳамин қолаб омадани исмҳои хос таърихи қадима дошта, дар ин қабил тарзи баён тарзи алоқаи изофӣ бо воситаи бандаки изофӣ (-и) нақши муҳимро молик аст. Ҳамин қолаб, яъне бо воситаи изофат ифода ёфтани номи одамон ва хонаводаи онҳо имрӯз низ нақши муҳим дорад: Баҳмани Исфандиёр, Иброҳими Қавсӣ, Иқболи Лоҳурӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва монанди инҳо. Қолаби дигари исми хоссозӣ, ки воситаи алоқааш тартиби калима ва тарзи алоқа алоқаи тобеи ҳамроҳӣ аст, имрӯз низ побарҷост: Малик Маҳмуд, Шоҳ Исмоил, Лоиқ Шералӣ, Мастон Шералӣ, Эмомалӣ Раҳмон, Мирзо Турсунзода ва монанди инҳо. Ҷолибияти ин қолаби исмҳои хос дар он аст, ки ҷойи ҷузъҳои онҳоро иваз намудан мумкин аст: *Маҳмуд Малик, Исмоил Шоҳ, Шералӣ Лоиқ, Шералӣ Мастон, Раҳмон Эмомалӣ, Турсунзода Мирзо* ва монанди инҳо. Гузашта аз ин, ифодаи исмҳои хосси мансуби номи одамон дар қолабҳои изофӣ ва ғайриизофӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар шароити феълӣ ҷиҳати ифодаи ному насаби миллӣ низ мавриди корбурд қарор мегиранд.

Шоҳи муаззам ***Рукнуддин Маҳмуд*** он ҷо буд, пеши падар кас фиристод [16, с.367]. ***Малики муаззам Насирулҳақ*** ваддин дарҳол як ҳазор савор бо тамомати шоҳону бузургони ***Систон*** ба масофи шоҳи муаззам ***Рукнуддин Маҳмуд*** равона фармуд [16, с.367]. ***Шоҳи Муаззам Рукнуддин Маҳмуд*** бар сухани эшон эътимод карда берун баромад [16, с.368]. ***Амир Наврӯз*** ӯро дар банд кард ва ба ***Ғурҷистон*** ба қалъаи ***Вижвиж*** фиристод ва муддати як сол дар банд бимонд [16, с.368]. Дар мисолҳои оварда исмҳои хос ҳамчун ифодакунандаи антропонимҳо дар таркиби ҷумлаҳои содаи дутаркиба ҳам ба вазифаи мубтадо (шоҳи ҷумла, яке аз сараъзоҳо) ва ҳам ба вазифаи дигар аъзои ҷумла, яъне пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол омада, ҷумлаи дутаркибаи муфассал сохтаанд.

Ҳамин тавр, дар асари «Таърихи Систон» исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои содаи дутаркибаи ҳам хуллас ва ҳам тафсилӣ ба назар мерасанд ва барои ифодаи мафҳумҳои гуногун хидмат кардаанд.

-Исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб. Ҷумлаи мураккаб яке аз мавзӯъҳои муҳимтарини баҳси синтаксис буда, ба мисли ҷумлаи сода дар ташаккул ва ифодаи фикр саҳми калон дорад. Вай аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода ташкил ёфта, дорои ягонагии маъно, сохт ва оҳанги гуфтор (интонатсия) мебошад. «Маълум аст, ки инсон ҳаёти беруна, ҳақиқати объективиро меомӯзад, дарк мекунад. Дарки воқеият ва реалияти ҳастӣ бо ёрии мафҳум ва муҳокима дар майна ҷой мегирад. Ин категорияҳои тафаккур бо ёрии воситаҳои забонӣ - калима, ибора ва ҷумла ҳам ба вуҷуд меоянд ва ҳам амалӣ мегарданд. Фикрҳои нисбатан мураккаб бо ёрии ҷумлаҳои мураккаб ифода мегарданд. Ин намуди фикр ва роҳу усули ифодаи он ба давраи нисбатан инкишофёфтаи забон хос аст» [Норматов 2001, 67].

Ҷумлае, ки аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содаи ягонагии маънодошта таркиб меёбад, ҷумлаи мураккаб номида мешавад. Ҷумлаҳои мураккаб мувофиқи муносибати ҷумлаҳои дохили он ду хел мешаванд: ***пайваст ва тобеъ.*** **«**Ҷумлае, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои содаи мустақилу баробарҳуқуқ таркиб ёфтааст, мураккаби пайваст номида мешавад» [Хоҷаев 2012, 41]. Ҷумлаи мураккаби пайваст аз ҷузъҳои баробарҳуқуқ иборат аст. Ҷумлаҳои содаи ҳайати ҷумлаи мураккаби пайваст бо оҳанги пайвасту пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд мешаванд. Дар байни ҷузъҳои (қисмҳои) ҷумлаи мураккаби

пайваст муносибатҳои ҳамзамонию пайиҳамзамонӣ, сабабу натиҷа, хилофию ҷудоӣ ва ҳамроҳӣ дида мешавад: **Гаршосб** бад-он шод шуд ва эшонро хилъатҳо дод ва ин шаҳр бино кард ва тамом кард [16, с.6]. Ва **Афредун** ҳамчунон кард ва з-он ҷо **Гаршосб** ба даргоҳи **Афредун** омад ва з-он ҷо ба **Систон** омад ва нӯҳсад сол подшоҳи **Систон** буд [16, с.8]. Ва **Заҳҳок**ро ба рӯзгори ӯ ба **Систон** ҳеч ҳукм набуд ва ҳама **Зобулу Кобулу Хуросонро, ки Заҳҳок** дошт, ба Гаршосб боздошта буд, Афредун бар вилояташ зиёд кард [16, с.9]. **Малик Маҳмуд** вазирро гуфт: Ин мардак маро ба таъриз дурӯғзан хонд. Вазираш гуфт: Бибояд кушт. Ҳарчанд талаб карданд, наёфтанд. Чун бигуфту ранҷи хеш зоеъ кард ва бирафт ҳеч ато ноёфта, то ба ғурбат фармон ёфт. Ва агар мо ба шарҳи ҳар як машғул гардем, ғараз ба ҷой оварда набошем ва ин ягон-ягон ҷаҳонро маъруф ва машҳур аст, ҳамчунин фарзандонашон насл бар насл ба рӯзгори **мулуки Аҷам** ҷаҳонпаҳлавон буданд [16, с.12].

Ҳамин тавр, бо воситаи маводи бадастомада маълум мегардад, ки дар асари мавриди таҳқиқ қароргирифта ҷумлаҳои мураккаби ҳам пайваст ва ҳам мураккаби тобеъ ширкат дошта, онҳоро муаллифи асар барои баёни адешаҳо, ҳодисаҳои таърихӣ, устуравӣ ва вазъи сиёсию адабии кишвар истифода кардааст. Дар қиёс ҷумлаҳои мураккаби тобеъ нисбат ба ҷумлаҳои мураккаби пайваст бештар дар асар мавриди корбурд қарор гирифтааст. Сабаби бештар будани ин навъи ҷумлаи мураккабро мавҷудияти баёни мураккаб нисбат ба ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, адабӣ ва динӣ донистан мумкин аст.

-Исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст. Ҷумлаи мураккаби пайваст аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои соддаи нисбатан мустақилмаъно бо ёрии воситаҳои грамматикии пайвасткунанда ташкил ёфта, муносибатҳои грамматикии замонӣ, хилофӣ, ҷудоӣ, шумур, сабабу натиҷа, қиёс ва эзоҳиро ифода мекунад. Маънои пайвасти ин ҷумлаҳо дар он зоҳир мегардад, ки ҷумлаҳои содаи таркиби он имконияти мустақилона баён намудани фикрро доранд, дар ҳолати зарурӣ мустақилона вуҷуд дошта, фикри ҷудогонаро баён карда метавонанд. Муносибати грамматикӣ ва маъноии ҷумлаи содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст характери нисбӣ дорад, зеро дар як ҳолат вобаста ба тарзу шакли ифода мустақилияти маъноии худро пурра нигоҳ доранд, дар ҳолати дигар аз ҷиҳати сохту маъно ба ҳамдигар вобаста мебошанд.

Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ ва луғавию фонетикӣ ба ҳамдигар муносибати синтаксисӣ доранд. Ба ин воситаҳо *пайвандакҳо, интонатсия, муносибати шаклҳои феълии хабарҳо, тартиби ҷумлаҳо, эллипсис, такрори калима, ҷонишинҳои энклитикӣ, воҳидҳои нисбӣ, аъзоҳои умумӣ ва воҳидҳои ёрирасон* мансубанд.

1. Пайвандакҳо воситаи асосии структурӣ ва ё алоқамандкунандаи ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст мебошанд. **Мисол:** Пас **Кайхусрав** аз он ҷо бозгашт **ва** ба **Туркистон** шуд, ба талаби хуни **Сиёвуш** падари хеш **ва** ҳар чӣ нарина ёфт андар Туркистон, ҳама кушт ва **Рустам** ва дигар паҳлавонони **Эрон** бо ӯ [16, с.56]. **Афросиёб** гурез гирифт **ва** ба сӯйи **Чин** шуд ва з-он ҷо ба **Ҳиндустон** омад ва з-он ҷо ба **Систон** омад ва гуфт: Ман ба зинҳори **Рустам** омадам ва ӯро **Бункӯҳ** фуруд оварданд [16, с.67]. Ва он қалъа бисӯхт ва аз он ҷо **Афросиёб** ба ҷодуӣ бигрехт ва дигар касон бисӯхтанд ва қалъа вайрон шуд [16, с.67]. Дар ин ҷумлаҳои мураккаби пайваст воситаи алоқаи пайваст пайвандаки пайвасти пайиҳами **«ва»** нақши муассир дошта, дар шаклгирии ҷумлаҳои мураккаби навъи пайваст мавриди корбурд қарор гирифтааст. Ба гурӯҳи пайвандакҳои пайиҳам **ва,** -у **(-ю, -ву), чи...** чи, ҳам... ҳ**ам, инчунин** дохил мешаванд. Аз ин гурӯҳ серистеъмолтарин ва сервазифатарин пайвандак пайвандаки **ва** мебошад. Пайвандаки **-у** дар бисёр мавридҳо бо **ва** синоним буда, низ серистеъмол аст. Дар нутқи гуфтугӯӣ доираи истеъмоли пайвандаки **-у** нисбат ба **ва** васеътар аст. Дар алоқаи аъзои чидаи ҷумла пайвандаки **ва** асосан такрор намеёбад, аммо **-у** такроран оварда мешавад. Дар мавридҳои муайян, аз ҷумла дар байни ҳар ҷуфти аъзоҳои чида пайвандаки **ва** меояд. Пайвандаки **ва** дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст басо серистеъмол аст. Вай ду ва зиёда ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккабро ба якдигар алоқаманд мекунад. Дар ин гуна ҷумлаҳо ҳам пайвандаки **ва** пеш аз ҷумлаи охирин ҷой гирифта, тамом шудани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккабро нишон медиҳад. Пайвандаки **ва** дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст басо серистеъмол аст. Вай ду ва зиёда ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккабро ба якдигар алоқаманд мекунад. Дар ин гуна ҷумлаҳо ҳам пайвандаки **ва** пеш аз ҷумлаи охирин ҷой

гирифта, тамом шудани ҷумлаҳои содаи **таркиби ҷ**умлаи мураккабро нишон медиҳад. М.: **Амир ибни ал-Аҳмар ал-Юшкариро** ба Систон халифат кард ва худ бирафту наздики **Абдуллоҳ ибни Омир** шуд [16, с.74]. **Муҳаллаб** бистсола буд **ва** андар сипоҳи **Абдурраҳмон** буд, **аммо** хештандору бихрад ва мардонаи корӣ буд ва ҳамеша аз сипоҳ бар як сӯ рондӣ, ба биёбони **Кирмон**, ки ҳамеомаданд гурӯҳе бозаргонон андар суҳбати сипоҳи **Абдурраҳмон** ҳаме ба **Систон** омаданд ва андар миёни он бозаргонон марде корӣ буд доно ва ахборӣ **Арабу Аҷам** ва шеъри ҷоҳилият бисёр хонда ва ёд дошта. Рабеъ биёмад ба **Систон** ва сиратҳои неку ниҳод ва мардумонро ҷабр карданд [16, с.85].

2. Интонатсия. Яке аз воситаҳои асосии алоқаи байни таркибҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак **оҳанги гуфтор** (интонатсия) мебошад: Охир **Бухалда** гирифта шуд, **Мусмеъ** сӯйи **Ҳаҷҷоҷ** нома кард, ӯро огоҳ кард. Ӯро сӯйи **Ҳаҷҷоҷ** фиристод, андар ин сол **Мусмеъ** ба **Систон** фармон ёфт ва писари бародари хешро **Муҳаммад ибни Синон ибни Молик[ро]** халифат кард [16, с.124]. …андар сол **Абдумалик Марвон** фармон ёфт ба Димишқ чаҳор рӯз гузашта аз шавволи санаи ситтин ва самонин (ҳаштоду шаш) ва **Абдулмалик** шастудусола буд [16, с.114]. Пас **Валиди Абдулмалик**ро ба **Димишқ** байъат карданд, ҳам он рӯз Абдулмалик фармон ёфт [16, с.115]. Дар ин мисолҳо воситаи алоқаи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб **оҳанги гуфтор** ва пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами **ва** маҳсуб меёбад, ки барои алоқаманд кардани ҷумлаҳои сода хидмат кардаанд.

3. Тартиби чумлаҳо. Азбаски хабари таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст муносибати шумур ва номбаркунӣ доранд, ҷойи ҷумлаҳоро бе тағйири маъно иваз кардан мумкин аст: **Қутайба** аввал ба **Сиҷистон** шуд ва бар муқаддимаи ӯ **Амр ибни Муслим** буд. Рафт то ба **Систон** андар шуд ва рӯзгоре он ҷо бибуд ва боз ба **Хуросон** шуд ва **Абди Раббиҳи ибни Абдуллоҳ** ин ҷо халифат кард ва ӯ **Абди Раббиҳӣ ибни Абдуллоҳ ибни Амр ал-Лайсӣ** буд [16, с.78]. **Ашъас** ба **Систон** якчанде бибуд, боз сӯйи **Буст** шуд ва **Занбил Ашъас** бо сулҳе маълум фурӯ ниҳод ва **Ашъас** ба **Систон** бозомад ва сӯйи **Ҳаҷҷоҷ**ро нома кард андар ин боб [16, с.107]. **Амр** сӯйи **Қутайба** нома кард ва огоҳ кард ва **Қутайба Ҳаҷҷоҷ**ро огоҳ кард [16, с.107]. **Гаршосб** бад-он шод шуд **ва** эшонро хилъатҳо дод **ва** ин шаҳр бино кард ва тамом кард [16, с.7]. Қиссаи **Гаршосб** зиёд аст ва ба китоби ӯ тамом гуфта ояд, **аммо** ин миқдор ин ҷо басанда кардем, то китоб дароз нагардад [16, с.7]. Аз он ҷо ба **Мағриб** шуд ва коркардҳо бисёр кард, то боз **Афредун** берун омад-писари амми вай ва **Заҳҳокро** бибаст ва боз касе фиристоду **Гаршосб**ро бихонд ва **Гаршосб** бирафт ва бо набераи хеш Наримон ибни Кӯранг ибни Гаршосб сӯйи **Афредун** шуд ва **Афредун** пазираи ӯ боз омад ва ӯро бар тахт нишонд ва **Наримонр**о андар пеши тахт бар курсии заррин биншонд [16, с.10].

4. Такрори калима. Такрори калима яке аз воситаҳои луғавию грамматикии ташаккули ҷумлаи мураккаби пайваст мебошад. Аксар мубтадо такрор шуда меояд: **Афредун** ҳамчунон кард ва з-он ҷо **Гаршосб** ба даргоҳи **Афредун** омад ва з-он ҷо ба **Систон** омад ва нӯҳсад сол подшоҳи **Систон** буд [16, с.11]. Ва Заҳҳокро ба рӯзгори ӯ ба Систон ҳеч ҳукм набуд ва ҳама Зобулу Кобулу Хуросонро, ки Заҳҳок дошт, ба Гаршосб боздошта буд, Афредун бар вилояташ зиёд кард [16, с.14].

5. Мухотаб ва калимаву ибораҳои туфайлӣ. Ин воҳидҳо ва инчунин ҳиссачаву нидо дар муносибатҳои маъноию грамматикии ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст саҳм доранд: **Маҳмуд** гуфт: Ҳама **Шоҳнома** худ ҳеч нест магар ҳадиси **Рустам** ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун **Рустам** ҳаст. Булқосим гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, надонам андар сипоҳи ӯ чанд мард чун Рустам бошад, аммо ин донам, ки ***Худой*** таъоло хештанро ҳеч банда чун Рустам дигар наёфарид [16, с.23]. Ва он ҷо ду ракъат намоз кард андар киштӣ ва кабӯтарро дуо кард, ки: **Ё Раб,** инро азиз гардон ва он буқъаро дуо кард ба баракат ва акнун то растохез ҳамеша он баракат бар он мардумон бошад ва бар он вилоят [16, с.27].

Дар ин мисолҳои оварда ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо иштироки исмҳои хос аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содаи нисбатан мустақилмаъно бо ёрии воситаҳои грамматикии пайвасткунанда шаклгирифта, муносибатҳои грамматикии замонӣ, хилофӣ, ҷудоӣ, шумур, сабабу натиҷа, қиёс ва эзоҳиро ифода кардаанд. Дар таркиби ин ҷумлаҳо исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои сода омада самт, сӯй, муносибати бевосита, бавосита ва ҳамроҳию

хитобро ифода мекунад. Ҷумлаҳои оварда боз шаҳодат медиҳанд, ки ин қолаб бо иштироки исмҳои хос дар забони адабии муосири тоҷикӣ фаровон корбурд доранд.

Охир **Касир** бигрехт аз **Систон** ва ба **Бағдод** шуд. Пас **Ҳорунаррашид** аҳди **Хуросону Систон** сӯйи **Фазл ибни Сулаймон** фиристод ва **Фазл ибни Сулаймон Асрам ибни Абдулҳамидро Систон** дод. Ва **Асрам Ҳамид ибни Абдулҳамидро** бародари хешро ба хилофати хеш ба **Систон** фиристод ва андар омад рӯзи одина, ҳафт рӯз монда аз **Ҷумодиюлаввали** санаи сабъина ва миа (яксаду ҳафтод). Боз **Асрам ибни Абдулҳамид** бар асари бародар биёмаду рӯзгоре ин ҷо ба **Систон** буд ва некуӣ кард, то боз **Рашид Абдуллоҳ** ибни **Ҳамидро** аз ҷиҳати хеш ба **Систон** фиристод [16, с.134].

Ин тарзи баён дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби пайваст хоси насри таърихии адабиёти классикӣ буда, фикри мураккаб дар ин қолаб ниҳоят муъҷаз, равон ва суфтаву ҷаззоб ва кӯтоҳ баён мегардад.

Ҳамин тавр, аз мисолҳои оварда маълум мегардад, ки дар асари «Таърихи Систон» ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо иштироки исмҳои хос аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содаи нисбатан мустақилмаъно бо ёрии воситаҳои грамматикии пайвасткунанда шакл гирифта, муносибатҳои грамматикии замонӣ, хилофӣ, ҷудоӣ, шумур, сабабу натиҷа, қиёс ва эзоҳиро ифода кардаанд. Дар таркиби ин ҷумлаҳо исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои сода омада самт, сӯй, муносибати бевосита, бавосита ва ҳамроҳию хитобро ифода мекунад. Дар асари мавриди таҳқиқ ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор ва ҳам бепайвандак ба миқдори муайян корбурд ёфтаанд, ки дар онҳо исмҳои хос ҳамчун аъзои ҷумла шуда мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Инчунин ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ки тавассути пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд гардидаанд ва дар онҳо исмҳои хос дида мешаванд, имконияти мустақилона баён намудани фикрро доранд, дар ҳолати зарурӣ мустақилона вуҷуд дошта, фикри ҷудогона дар онҳо таҷассум ёфтааст. Муносибати грамматикӣ ва маъноии ҷумлаи содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст характери нисбӣ дорад, зеро дар як ҳолат вобаста ба тарзу шакли ифода мустақилияти маъноии худро пурра нигоҳ доранд, дар ҳолати дигар аз ҷиҳати сохту маъно ба ҳамдигар вобастаанд.

-Исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Ҷумлаи мураккаби тобеъ яке аз мавзӯъҳои асосӣ ва нисбатан душвори синтаксис буда, бо ифодаи маъно, сохт ва воситаҳои грамматикии алоқаи байни ҷумлаҳои таркиби худ ҳам аз ҷумлаҳои сода ва ҳам аз ҷумлаҳои мураккаби пайваст фарқ мекунад, аз ин рӯ, чун як фасли мустақилу ҷудогонаи синтаксис омӯхта мешавад. «Масъалаи асосӣ дар омӯзиши ҷумлаи мураккаби тобеъ нишон додани тафовути сарҷумлаву ҷумлаи пайрав, принсипҳои таснифи ҷумлаҳои пайрав, аломатҳои онҳо, таҳлил ва муайян намудани навъҳои ҷумлаи пайрав ва аломатҳои структуриву грамматикии онҳо мебошад. Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷиҳати сохт аз ҷумлаҳои содаи муқаррарӣ фарқ намекунанд, зеро дутаркибаву яктаркиба, хулласу тафсилӣ, пурраву нопурра шуда метавонанд, аз ин ҷиҳат ба ҷумлаҳои сода умумият доранд» [Норматов 2011, 56]. Умумияти ҷумлаи мураккаби тобеъ ва пайваст аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода таркиб ёфтану фикри нисбатан пурра ва тамомшударо ифода намудан бошад, фарқи он дар ифодаи маънии ҷумлаҳои содаи таркиби онҳо, воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб ва инчунин тобеияти ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва баробарҳуқуқии ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст дониста мешавад [Грамматика 1987, Ҷ.3. 34].

Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ яке аз ҷумлаҳои таркиби ҷумлаи мураккаб нисбатан мустақил буда, ҷумлаи дигар ва ё ҷумлаҳои дигар ба он тобеъ мебошанд: Чун ***Гаршосб*** бо худойпарастӣ машғул гашт, ҷаҳонпаҳлавониро ба набераи худ ***Наримон,*** ки писари ***Куранг*** буд, супурд ва ***Афредун*** то ба рӯзгори ***Манучеҳр, Манучеҳр***ро ба ***Наримон*** супурд, то бирафту хуни падараш ***Эрач*** боз оварда ва ***Афредун Худой*** таолоро шукр кард, ки намурдам то бидидам, ки ***Эзад*** таъоло бад-ин ҷаҳон доди ман аз бедодон бидод [16, с.5].

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз се ва зиёда ҷумлаҳои сода таркиб ёфта метавонанд. Онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб ва омехта. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ҳампайрав ва дараҷагӣ мешаванд. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҳампайрав **чида** (Аввал омиле, ки аз хосси **Ҳорунаррашид** ба **Систон** омад, **Абдуллоҳ ибни Ҳамид** буд. Ва ин ҷо рӯзгоре бибуд. Боз **Рашид** ӯро азл кард ва **Усмон ибни Аммора ибни Ҳузайми ал-Музани**ро ба **Систон** фиристод ва **Усмон** аз пеш омадан сӯйи **Шабиб ибни**

Убайдуллоҳ нома кард ва ӯро халифат кард ва **Шабиб** мардумонро истимолат кард ва шаҳрро ором дод [16, с.136]. Ва **Убайдуллоҳи Ҳамид** бозгашт сӯйи **Ироқ** ва **Усмон ибни Аммора** ба нафси хеш ба **Систон** омад рӯзи одина, ҳафт рӯз монда аз **Ҷумодиюлаввали** санаи исно ва сабъина ва миа (яксаду ҳафтоду ду) ва ба дари **Порс** андар омад ва **Бушр ибни Фарқад**ро андар он рӯз бикушт [16, с.137]) ва **гуногунпайрав** (**Усмон** нома кард сӯйи Садақа писари хеш, то аз **Буст** ба ҳарби Ҳусайн омад ва ғозиёни ӯ биёмаданд ва худ аз ин сӯ бишуд, то Усмон сӯйи хаворич бирасид, **Садақа** бар хаворич зафар ёфта буд, ҳарду сипоҳ ба Систон бозгаштанд ва [Аммора] ба Систон дод кард ва бо мардумон некуӣ кард, то боз сухан Систон рафт ба ҳазрати Амиралмуъминин Ҳорунаррашид, ки Лайс ибни Турсил рӯзе Амиралмуъмининро, ки аз шикор бозгашта буд, хидмате карду ба мавқеъ уфтод [16, с.137]) шуда метавонанд. Хусусияти ин гурӯҳ он аст, ки ҷумлаҳои пайрав сарҷумларо ё аз ягон ҷиҳат ва ё аз ҷиҳатҳои гуногун шарҳу эзоҳ медиҳанд. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи дараҷагӣ бошад, ҷумлаи пайрави якум сарҷумларо, ҷумлаи пайрави дуюм ҷумлаи пайрави якумро, ҷумлаи пайрави сеюм ҷумлаи пайрави дуюмро ва ғайра эзоҳ медиҳанд, бинобар он, ин тип ҷумлаҳоро пай дар пай низ мегӯянд: Рӯзи панҷшанбе, дувоздаҳ рӯз монда аз **Ҷумодуюлохири** санаи самонин ва сабъина ва миа (яксаду ҳафтоду ҳашт) ба **Систон** андар омад ва дер гоҳ бибуд, ки Фазл ӯро сарф кард ва **Иброҳим ибни Ҷабраилр**о вилоят дод бар **Систон** ва **Иброҳим** Бассом ибни Зиёдро ин ҷо фиристод [16, с.138].

-Исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби омехта ё сертаркиб. Дар асари мавриди таҳқиқ қароргирифта бо ҷумлаҳое рӯбарӯ шудан мумкин аст, ки дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби омехта ё сертаркиб омадаанд. Ин қабил ҷумлаҳо миқдоран кам бошанд ҳам, вале дар асар барои баёни андеша мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Хусусияти ҷумлаҳои мураккаби омехта он аст, ки дар он ҳам хусусияти ҷумлаи мураккаби пайваст ва ҳам тобеъ дида мешавад, яъне дар ин тип ҷумлаҳо ду ҷумлаи соддаи мустақили баробарҳуқуқ ва як ё якчанд ҷумлаи пайрав, ки як ва ё ҳар ду ҷумлаи мустақилро шарҳу эзоҳ медиҳад, мушоҳида мешавад: **Искандари Румӣ**, чун **Доро ибни Дороб** кушта шуд ва **Равшанак** духтари ӯро ба занӣ кард ва қасди **Ҳинд** кард, **Систон** рафт ва ба он қалъа шуд, ки **Кайхусрав** бино карда буд бар шимоли қалъаи **Систон** ва қалъаи дигар аст бар ҷануб, ки пас аз он **Ардашери Бобакон** бино карда [16, с.9].

Дар ин мисолҳои оварда исмҳои хосси ифодагари номҳои ашхоси таърихӣ, аз қабили Искандари Румӣ, Доро ибни Дороб, Равшанак, Кайхусрав дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ омадаанд ва муаллифи асар бо зикри ин исмҳои хос воқеъаҳои таърихиро инъикос намудааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки ба вуқӯъ пайвастани ин ҳодисаҳои таърихӣ ба шахсият ва номи ин ашхос сахт марбут аст ва дар китобҳои таърихӣ доир ба ин ҳодисаҳо маълумоти зиёде дида мешаванд.

Ҳамин тавр, аз мисолҳои оварда маълум мегардад, ки дар асари мавриди таҳқиқ қарордода ҷумлаҳои мураккаби тобеи навъи сертаркиб ва омехта бо иштироки исмҳои хос аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содаи яке мустақилу дигаре бо воситаи пайвандакҳои тобеъкунандаи “ки”, “агар”, “чун” ва ғ. шаклгирифта, муносибатҳои грамматикии шарт, макон, сабаб, мақсад, тарзи иҷрои амал ва ғ.-ро ифода кардаанд. Дар таркиби ин ҷумлаҳо исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои сода омада вазифаҳои самт, сӯй, муносибати бевосита, бавосита ва ҳамроҳию хитобро ифода мекунанд.

Ҳамин тавр, аз нигоштаҳои боло роҷеъ ба ҷиҳатҳои наҳвии исмҳои хос ва корбурди онҳо натиҷагирӣ чунин аст: сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла дар шаклгирии ҷумлаҳои сода нақши муассир дошта, дар асари мавриди тақриз теъдоди ин қабил ҷумлаҳо хеле зиёданд ва дар офаридани манзараву инъикоси ҳодисаву воқеаҳо муаллифи асар ин қабил ҷумлаҳоро фаровон корбурд намудааст. Пас маълум мешавад, ки ҷумлаҳои сода бо ҳамин вижагиҳои имрӯзаашон таърихи қадима доштаанд; исмҳои хосси асар дар шаклгирии ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс бештар ба назар мерасанд. Дар шаклгирӣ ва баёни андешаи муҳим роҷеъ ба ин ё он мавзӯъ исмҳои хосси асар дар таркиби ҷумлаҳои яктаркибаи бештар феълӣ ё хабарӣ нақши муассир доранд ва ҳадафи корбурди онҳо муъҷазбаёнӣ ва равону суфта кардани забони асари мавриди таҳқиқ аст; дар асар исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои содаи дутаркибаи ҳам хуллас ва ҳамтафсилӣ ба назар мерасанд ва барои ифодаи мафҳумҳои гуногун хидмат кардаанд; дар асар ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо иштироки исмҳои хос аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содаи нисбатан мустақилмаъно

бо ёрии воситаҳои грамматикии пайвасткунанда шаклгирифта, муносибатҳои грамматикии замонӣ, хилофӣ, ҷудоӣ, шумур, сабабу натиҷа, қиёс ва эзоҳиро ифода кардаанд; дар таркиби ин ҷумлаҳо исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои сода омада самт, сӯй, муносибати бевосита, бавосита ва ҳамроҳию хитобро ифода мекунанд; ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор ва ҳам бепайвандак ба миқдори муайян корбурд ёфтаанд, ки дар онҳо исмҳои хос ҳамчун аъзои ҷумлашуда мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Инчунин, ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ки ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд гардидаанд ва дар онҳо исмҳои хос дида мешаванд, имконияти мустақилона баён намудани фикрро доранд, дар ҳолати зарурӣ мустақилона вуҷуд дошта, фикри ҷудогона дар онҳо таҷассум ёфтааст; муносибати грамматикӣ ва маъноии ҷумлаи содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст характери нисбӣ дорад, зеро дар як ҳолат вобаста ба тарзу шакли ифода мустақилияти маъноии худро пурра нигоҳ доранд, дар ҳолати дигар аз ҷиҳати сохту маъно ба ҳамдигар вобастаанд.

Муқарриз: ***Ҳомидов Д.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Атобуллоев С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик / С. Атобуллоев. - Душанбе, 1975. - 215 с.
2. Белошапкова В.А. Современный русский язык. Синтаксис. Учеб. пособие для. филол. специальностей ун-тов / В.А. Белошапкова. - М., 1977. - 247 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.3. Нашри академӣ. - Душанбе, 1989. - 225 с.
4. Зикриёев Ф. Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ф. Зикриёев. - Душанбе, 1977. – 121 с.
5. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. - Сталинобод, 1959. - 294 с.
6. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. - Душанбе, 1968. - 124 с.
7. Ғаффоров Р.З. Нависанда ва забон / Р.З. Ғаффоров. - Душанбе, 1977. - 208 с.
8. Камолиддинов Б. Наҳви забони адабии ҳозираи тоҷик / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2010. - 210 с.
9. Қосимова М.Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. - Сталинобод, 1961. - 88 с.
10. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик. Синтаксис / М. Норматов. – Душанбе, 2011. – 324 с.
11. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. - Душанбе, 1981. - 218 с.
12. Федоров А.К. Трудные вопросы синтаксиса / А.К. Федоров. - М., 1972. - 218 с.
13. 13.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе: Бухоро, 2015. - Ҷ.1. - 996 с.; - Ҷ.2. - 1096 с.
14. Ҳусейнов Х. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Х.Ҳусейнов, К.Шукурова. -Душанбе: Маориф, 1983.-256 с.
15. Ҳусейнов Х. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Х. Ҳусейнов. - Сталинобод, 1960. - 121 с.

БАРРАСИИ ВИЖАГИҲОИ НАҲВИИ ИСМҲОИ ХОС ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба вижагиҳои наҳвии исмҳои хосси асари мавриди баррасӣ қарор дода маълумот медиҳад ва иштироки исмҳои хосро дар ташаккули ҳам ҷумлаҳои сода ва ҷумлаҳои мураккаб нишон медиҳад. Аз назари муаллиф ҷиҳатҳои наҳвии исмҳои хос ва корбурди онҳоро дар асар метавон чунин натиҷагирӣ кард: сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла дар шаклгирии ҷумлаҳои сода нақши муассир дошта, дар асари мавриди тақриз теъдоди ин қабил ҷумлаҳо хеле зиёданд ва дар офаридани манзараву инъикоси ҳодисаву воқеаҳо муаллифи асар ин қабил ҷумлаҳоро фаровон корбурд намудааст. Пас маълум мешавад, ки ҷумлаҳои сода бо ҳамин вижагиҳои имрӯзаашон таърихи қадима доштаанд; дар шаклгирӣ ва баёни андешаи муҳим исмҳои хосси асар дар таркиби ҷумлаҳои яктаркибаи бештар феълӣ ё хабарӣ нақши муассир доранд ва ҳадафи корбурди онҳо муъҷазбаёнӣ ва равону суфта кардани забони асари мавриди таҳқиқ аст; дар асар исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои содаи дутаркибаи ҳам хуллас ва тафсилӣ ба назар мерасанд ва барои ифодаи мафҳумҳои гуногун хидмат кардаанд; дар асар ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо иштироки исмҳои хос аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содаи нисбатан мустақилмаъно бо ёрии воситаҳои грамматикии пайвасткунанда шакл гирифта, муносибатҳои грамматикии замонӣ, хилофӣ, ҷудоӣ, шумур, сабабу натиҷа, қиёс ва эзоҳиро ифода кардаанд; исмҳои хос дар таркиби ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб омада самт, сӯй, муносибати бевосита, бавосита ва ҳамроҳию хитобро ифода мекунанд; дар асар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор ва ҳам бепайвандак ба миқдори муайян корбурд ёфтаанд, ки дар онҳо исмҳои хос ҳамчун аъзои ҷумла шуда мавриди корбурд қарор гирифтаанд; муносибати грамматикӣ ва маъноии ҷумлаи содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст характери нисбӣ дорад, зеро дар як ҳолат вобаста ба тарзу шакли ифода мустақилияти маъноии худро пурра нигоҳ доранд, дар ҳолати дигар аз ҷиҳати сохту маъно ба ҳамдигар вобастаанд.

Калидвожаҳо: вожаҳо, ҷумла, ҷумлаи сода, ҷумлаи содаи яктаркиба, дутаркиба, нопурра, ҷумлаи мураккаб, мураккаби пайваст, тобеъ, омехта, тарзи алоқа, воситаи алоқа, қолаб, гурӯҳбандӣ, забоншиносӣ, исмҳои хос, забони тоҷикӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ГРАММАТИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ ИМЕН СОБСТВЕННЫХ В «ИСТОРИИ СИСТАНА»

В статье автор рассматривает грамматические особенности собственных имен существительных в данном произведении и показывает их использование в образовании как простых, так и сложных предложений. С точки зрения автора, грамматические аспекты имен собственных и их использование в произведении можно резюмировать следующим образом: главные и второстепенные члены предложения играют важную роль в формировании простых предложений, количество такого рода предложений в данном произведении очень велико, и автор произведения использовал их при описании пейзажей (природы) и событий. Отсюда можно сделать вывод, что простые предложения со своими современными чертами имеют древнюю историю; собственные имена существительные в произведении играют важную роль в формировании и выражении важных значений в составе односоставных предложений, которые выражены больше глаголами или сказуемыми и цель их использования – экспрессивное выражение и сделать понятным язык исследованного произведения; в произведении имена собственные появляются как в двусоставных простых нераспространенных предложениях, так и в двусоставных распространенных простых предложениях и служат для выражения различных понятий; в произведении сложные составные предложения с участием собственных имен существительных образуются из двух и более относительно простых односоставных самостоятельных предложений посредством соединения грамматических средств, выражающих грамматические отношения времени, отношения разделительного противопоставления, отношение перечисления, причины и следствия, сравнения и объяснения; в сложных предложениях собственные имена существительные появляются в простых предложениях и выражают направление, прямое, косвенное отношение и примыкание и восклицание; в произведении в определенной степени используются сложные составные предложения как с союзами, так и бессоюзные, в которых имена собственные используются как часть члена предложения; грамматические и семантические отношения простых предложений в сложносочиненных предложениях относительны, поскольку в одном случае в зависимости от формы выражения они полностью сохраняют свою семантическую независимость, в другом - структурно и семантически взаимозависимы.

Ключевые слова: слова, предложение, простое предложение, простое нераспространенное предложение, распространенное предложение, неполное, сложное предложение, составное предложение, сложноподчиненное предложение, смешанное, формы выражения, средства выражения, модель, классификация, лингвистика, имена собственные, таджикский язык.

ANALYSIS OF GRAMMATICAL FEATURES OF PROPER NAMES IN «HISTORY OF SISTON»

In the article, the author examines the grammatical features of proper nouns in the given work and shows their usage in the formation of both simple and complex sentences. From the author's point of view, the grammatical aspects of proper names and their usage in the work can be summarized as follows: the principal clause and subordinate clause play an important role in the formation of simple sentences, there are a lot of such kind of sentences in this work, and the author of the work used them in describing nature and events. It turns out that simple sentences with such modern features have an ancient history; proper nouns play an important role in the formation and expression of important meanings in the composition of simple sentences in the work, expressed more by verbs or predicates and their usage purpose is to make the language of the work expressive understandable; in the work, complex compound sentences with the participation of proper nouns are formed from two or more relatively expanded simple sentences by combining grammatical means expressing grammatical relations of time, relations of dividing opposition, number, cause and effect, comparison and explanation; in complex sentences, proper nouns appear in simple sentences and express direction, direct and indirect relationship and adjoining and exclamation; in the work, to a certain extent, complex compound sentences are used, both with the conjunction and without conjunction, in which proper names are used as part of the sentence; The grammatical and semantic relations of simple sentences in compound sentences are relative, since in one case, depending on the form of expression, they completely retain their semantic independence, in the other, they are structurally and semantically interdependent.

Key words: words, sentence, simple sentence, simple unextended sentence, extended sentence, incomplete, subordinate clause, compound sentence, complex sentence, mixed, communication method, means of communication, model, classification, linguistics, proper names, Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тағаймуродзода Санифа Тағаймурод*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯйи кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 909-09-02-99, 988-34-41-33**

Сведения об авторе: ***Тағаймуродзода Санифа Тағаймурод*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 909-09-02-99, 988-34-41-33**

Information about the author: ***Taghaimurodzoda Sanifa Taghaimurod*** - Tajik National University, Aspirant of the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Тел.: **(+992) 909-09-02-99, 988-34-41-33**

УДК: 809.155.0:008

МОҲИЯТ ВА ШАРҲИ «КОНСЕПТ» ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГӢ

Ахмедова А.А., Худжов И.И.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии технологии «МИСиС»

Консепти «лингвокултурология» аз ҷониби муҳаққиқон як хӯшаи аломати фарқкунандаи маданияти этникӣ баррасӣ мешавад, ки онҳо шифоҳӣ мебошанд ва ин ном бо номи доминантии лексикии моҳияти забонии он мувофиқат мекунад. Ҳангоми муайянкунии консептҳои лингвокултурологӣ маълум мегардад, ки ба онҳо предметҳои мушаххас тааллуқ доранд, мисли «матрёшка» [6, с.145] Миёни онҳо, тавре ки А. Вежбитская қайд мекунад, номҳои мафҳумҳои хосси миллӣ мавҷуданд, ки ҳангоми муқоисаи забонҳо танҳо номҳои арзишҳои маънавӣ, ки дунёи ҷаҳонбиниро ташкил медиҳанд, қисман мувофиқат мекунанд («зебоӣ», «озодӣ», «имон», «муҳаббат», «ҳақиқат», «адолат», «тақдир» ва ғ.). Хусусиятҳои забониву фарҳангии онҳо дар забонҳо нозуканд, зеро дар онҳо баъзе роҳҳои консептуалии ҷаҳонро рамзгузорӣ кардаанд [4, с.434]. Муқоисаи байнизабонӣ ҳангоми омӯзиши консепти лингвокултурологие, ки воқеан, дар забонҳо вербалӣ шудаанд, имконпазир аст. Зери мафҳуми омӯзиши муқоисавии консепти лингвокултурологӣ, тарбияи мураккаби равонӣ, ки дар муҳити фарҳангӣ ба даст омадааст, фаҳмида мешавад.

Имрӯз дар забоншиносӣ доир ба истилоҳи «консепт» якчанд таърифҳо мавҷуданд. Мувофиқи маълумоти фарҳангҳо истилоҳи «консепт» (лот. conceptus, conceptum - консепсия), воҳиди фаврии иттилоотии хотираи лексикии рӯҳии системаи консептулии забони майнаи тамоми тасвироти ҷаҳон, ки дар рӯҳияи инсон инъикос ёфтаанд, мебошад. Ҳол он ки лексикаи равонӣ ин «системае, ки қобилияти забон дар фаҳмиши калимаҳо ва воҳидҳои эквиваленти онҳо ва иҷрои вазифаҳои мураккаб ҳам бо калимаҳо ва ҳам сохторҳои донишҳои энсиклопедии дар паси онҳо истода, инъикос ёфтааст», мебошад.

Консепт ҷавҳари фарҳангро дар шуури инсон инъикос мекунад, дар ҳоле ки фарҳанг ба ҷаҳони равонии инсон дохил мешавад, аммо баробари ин, инсони қаторӣ ва ё муқаррарӣ созандаи чизҳои боарзиш нест, яъне худ ба фарҳанг дохил мешавад ва дар баъзан маврид ба он таъсир мегузорад. Бо такя ба андешаи Воркачева С.Г., «консепти муайяншуда ҳамчун маълумоти равонӣ, ки чун мушаххасоти лингвокултурология қайд шудааст», қадами табиӣ дар ташаккули парадигмаи антропосентрии башардӯстона, аз ҷумла дониши забоншиносӣ, мебошад.

Бешубҳа, метавон гуфт, ки консепт бо шуур алоқаманд аст ва муқобили шуур ба консепсияи на танҳо таснифшуда, балки инчунин, ҳассос-ҳавасмандӣ ва рамзӣ-эмпирикӣ ҳамчун раднашаванда эътироф карда мешавад. Консептҳо на танҳо қобилияти фикркунӣ, балки таҷриба низ доранд.

Усулҳое, ки дар забоншиносӣ дар фаҳмиши консепт татбиқ мешаванд, одатан, аз фаҳмиши забоншиносӣ-маърифатӣ ва забоншиносӣ-фарҳангии ин дониш иборатанд.

Масалан, як консепт ҳамчун мафҳуми забоншиносии маърифатӣ "як воҳиди захираҳои рӯҳӣ ё равонии тафаккури мо ва он сохтори иттилоотӣ, ки дониш ва таҷрибаи инсонро инъикос мекунад; як воҳиди пурқуввати иттилоотии хотира, лексикаи равонӣ, системаи консептуалии забон ва тамоми тасвири олами дар рӯҳияи инсон инъикосёфта"-ро мефаҳмонад. Равиши забонӣ ва фарҳангӣ фаҳмидани консепсияро дар шинохти он ҳамчун воҳиди бунёдии фарҳанг, тамаркузи он дар бар мегирад.

Ба андешаи Н.Н. Болдирёва ташаккули консепт дар асоси фонди ҳамаи маърифат: «таҷрибаҳои ҳассос, таҷрибаи ҳиссиётӣ, фаъолияти предметӣ-амалӣ, ақлӣ, таҷрибавӣ-маърифатӣ ва фаъолияти назариявӣ-маърифатӣ дар асоси муоширати шифоҳӣ» ба амал меояд.

Консепт ҳамчун падидаи равонӣ дар шуури инсон аз баромади фазои ҷамъиятии консептӣ, яъне фарҳанг иборат аст, аммо консепт ҳамчун як воҳиди фарҳанг таҷрибаи коллективиро инъикос мекунад, ки чун амволи шахсӣ мегардад. Мувофиқи андешаи В.И. Карасик, ин равишҳо бо векторҳои гуногунҷанба нисбати шахсони алоҳида тавсиф карда мешаванд: консепти забоншиносӣ, ин шуури фардӣ дар фарҳанге, ки аз ҷониби фарҳанг ба

шуури шахсӣ равона гардидааст, мебошад. Дар робита ба ин бояд қайд намуд, ки таснифи чунин соҳаҳо танҳо усули таҳқиқ мебошад; дар ҳақиқат, ин ҳаракат раванди бисёрҷанбаро инъикос мекунад [6, с.117].

В.И. Карасик консептро ҳамчун «маълумоти аввалини фарҳангӣ дар муҳити гуногуни мавҷудияти инсонӣ» муайян мекунад [6, с.103], ҳамчунин, онро чун «маълумоти семантикии бисёрҷанбае, ки дар он тарафҳои боарзиш, рамзӣ ва консептуалӣ ҷудо мешаванд, дида мебарояд» [6, с.129]. Тарафи консептуалӣ, тарафи устуворӣ, маъноӣ нишона ва таърифи он ба ҳисоб меравад. Ҷанбаи рамзии консепт аз узвҳои қабулкунандаи ҳиссиёти таркиби объектҳо ва падидаҳое, ки дар хотира инъикос ёфтаанд, иборат аст. Арзиши нақшаи консепт дар муайян кардани имкониятҳои интихоби он ва баҳсҳои арзиши консепт ҳамчун маълумоти психологӣ барои коллектив ва ё фард ифода меёбад.

Имрӯз дар забоншиносӣ якчанд роҳҳо дар муносибатҳои интегратсионӣ барои фаҳмидани консепт мавҷуданд. Дар яке аз чунин чаҳорчӯба муайян кардани консептро олимон С.Х. Ляпин, В.А. Маслова ва дигарон пешниҳод кардаанд. С.Х. Ляпин консептро маърифати бисёрҷанбаи фарҳангии иҷтимоиву психологӣ дар шуури коллектив объективона дар ин ё он шакли забон тавсиф мекунад [12, 11-35]. Дар вақте ки В.А. Маслова «консепт»-ро чун «квант, дониш, инъикосгари тамоми мавҷудияти фаъолияти инсонӣ» шарҳ мекунад, ҳамзамон, онро чун «маълумоти семантикии бо вижагии забоншиносӣ қайдшуда ва образҳое, ки тавсифкунандаи барандагони фарҳанги муайяни қавмӣ мебошанд», медонад [13, с.208].

Аммо ҳамаи он таърифҳое, ки барои «консепт» мавҷуданд, имкон медиҳанд, ки барои ҳамаи онҳо хусусияти умумӣ, чун далели ғояи омӯзиши ҳамаҷонибаи забон, шуур ва фарҳанг ҷудо кунанд. Истилоҳи «консепт» ҳамчун консепсияи байнисоҳавӣ амал мекунад ва сазоворона «Чатр» ном бурда мешавад: он соҳаҳои фаннии бисёр самтҳои илмӣ, проблемаҳои таҳқиқи тафаккур ва маълумоти бойгониву коркардшударо фаро мегирад [9, с.35].

Е.С. Кубрякова вожаи «консепт»-ро чунин шарҳ мекунад: «Он истилоҳест, ки барои фаҳмонидани ҷузъҳои захираҳои равонӣ, дониши равонии мо ва таҷрибаи инсону воҳиди итилоотии хотираи мо, луғати равонӣ, системаи консептуалӣ ва забони майнаи сар, ҳамаи расмҳои ҷаҳоне, ки дар рӯҳияи инсон инъикос ёфтаанд, хидмат мекунад» [9, с.92].

В.М. Пименова ба «консепт» таърифи монанд пешниҳод кардааст: «Консепт», ин фикри муайян дар хусуси ҷузъҳои дунё ва ё қисмҳои ҷузъҳое, ки сохти мураккаб доранду аломатҳои гурӯҳҳои гуногунро, ки бо роҳу воситаҳои гуногуни забонӣ баён карда мешавад, мебошад. Аломати консепт эътирофи худро дар шаклҳои таркибии озоду интихобшудаи мувофиқ ба воҳидҳои забонӣ - намояндагони консептуалӣ, ёфтааст. Консепт қобилияти инъикос кардани арзишҳои таркиби дониш дар бораи қисмҳои алоҳидаи ҷаҳонро дорад. Сохтори консептро аломатҳо ва вазифаҳои аввалиндараҷаи ин ё он фарҳанг мунъакис мекунанд. Хусусиятҳои умумии консепти муайяншудае, ки барои як фарҳанги муайян арзиш дорад, танҳо ҳангоми омӯзиши маҷмӯи пурраи роҳҳои ифода он имконпазир аст.

Мувофиқи ақидаи С.Г. Воркачева «консепт» воҳиди дониши коллективонае мебошад, ки тарҳи шифоҳӣ ва вижагиҳои фарҳанги қавмии қайдшуда дорад. Дониши равонӣ, чуноне ки олим қайд мекунад, танҳо бо консепт дар шароите, ки дорои хусусияти фарҳанги қавмии онҳо бошад, метавонад робита дошта бошад [5, с.65].

Н.Д. Арутюнова тахмин мекунад, ки консептҳо қабати фарҳангӣ ном бурда шудаанд ва миёнаравӣ миёни ҷаҳону одамро таъмин мекунанд. Консепт чун натиҷаи муносибати анъанаҳои миллӣ, фолклор, мазҳаб, идеология, таҷрибаи ҳаёт, образҳои санъат, ҳиссиёт ва системаи арзишҳо тавсиф шудааст [1, с.3].

М.В. Никитин моҳияти консептро дар робитаи зич бо маъно мебинад. «…фаҳмиш ва маъно гуфта истода, мо бо як ашё сарукор дорем - сатҳи консептуалии абстрактӣ, дониши воҳидҳои умумикунанда, зеро маъно ҳамон мафҳум аст, онҳо баъди худ ҳар чиро, ки ба мафҳум тааллуқ дорад, сабт мекунанд, мисли таркиби онҳо, сохтор, равобити системаҳо, хусусиятҳои инъикоскунандаи табиат ва ғайра» [15, с.89].

Р.М. Фрумкина таҳқиқоти А.Вежбитскаяро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки консепт объекти ҷаҳонро «Идеалӣ», ки қобилияти инъикос кардани фарҳангҳои мушаххаси

ассотсиатсияҳои инсонро дар бораи ҷаҳон «воқеӣ» дорад, мебошад. Дар давоми андешаи худ В.А. Маслова як қатор нишонаҳои консептро меорад, ки чунинанд:

1.Воҳиди минималии таҷрибаи инсон, ки тавассути калима ифода ёфта, сохти майдонӣ дорад;

2.Воҳиди асосии таҷриба дар коркард, бойгонӣ ва пешниҳоди дониш;

3.Консепт бо марзҳои ҳаракаткунанда ва вазифаҳои мушаххас тавсиф мешавад;

4. Консепт заминаи иҷтимоист, ки аз ҷониби соҳаи ассотсиавӣ дикта карда мешавад;

5.Пайвандии асосии фарҳанг [13, с.46-47].

Дар баробари ин, муаллиф, ҳамчунин муносибат миёни фарҳанги забоншиносӣ ва фарҳанги этникиро тавсиф мекунад. Саволи таносуб ва робитаи забонҳо, фарҳангҳо, гурӯҳи этникӣ яке аз проблемаҳои байнисоҳавӣ ба ҳисоб меравад, ки танҳо ба кӯшишу заҳмати чанд илм, аз ҷумла фалсафа, сотсиология, лингвокултурология ва этнолингвистика ҳалли худро меёбад [13, с.9].

Чуноне ки пештар қайд намудем, В.И. Карасик, В.В. Красних, Л.О. Чернейко ва диг. андеша доранд, ки консепт ташкилоти сесоларо ифода мекунад, ки дар он чунин ҷузъҳоро, мисли тасвири мавзӯӣ, консептуалӣ ва арзишро ҷудо мекунанд. Ҳамин тавр, тасвири мавзӯии консепт аз визуалӣ, шунавоӣ, таъм, хусусиятҳои умумии ашёҳо, падидаҳо, ҳодисаҳое, ки дар хотираи инсон акс ёфтаанд, яъне нишонаҳои дахлдори дониши амалианд, инкишоф меёбад. Ҷанбаи мафҳуми консепт собити консептро дар забон, маънои он, тарзи навишт, сохтори аломатӣ, таъриф, таркибҳои муқоисашавандаи консепти мазкур ва алоқаи он бо дигар забонҳоро дар назар дорад. Ҷанбаи арзишманди консепт аҳаммияти маълумоти зеринро ҳам барои шахс ва ҳам барои тамоми ҷомеа тавсиф мекунад [6, с.129]. Дар таҳлили мафҳуми «консепт» ҷанбаи муҳим дар он ифода меёбад, ки ҳеҷ як аз консепт дар нутқ пурра баён намешавад [18, с.28-29]. Дар робита ба ин, З.Д. Попова ва А.И. Стернин чунин баҳсҳоро меоранд:

1) консепт шуури фардиро, ки дар навбати худ, воситаҳои мураккаби экспрессиро талаб мекунад, ифода мекунад;

2) консепт сохти мураккаб надошта, калонҳаҷм аст, бинобар ин, онро пурра баён кардан ғайриимкон аст.

3) мафҳуми «консепт»-ро пурра ифода кардан, ғайриимкон аст.

Консепт ҳамчун категорияи муҳимтарин миёни илмҳои ҷомеашиносӣ маълумоти ғайритабиӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, консептро ба хусусиятҳои моддиву маънӣ, фардиву гурӯҳидошта ҷудо мекунанд.

Дар қатори дигар консептҳо, дар илми забоншиносӣ, ҳамчунин, дигар воҳидҳо, ки қобилияти таҳлили унсурҳои забону фарҳангро, мисли лингвокултурема (воҳиди мураккаби соҳавие, ки ифодакунандаи ягонагии шевагии забоншиносӣ ва экстралингвистӣ мебошад) логоэпистема (унсури ифодакунандаи калима, ки дар забони маҳаллӣ аст) доранд, мавҷуданд. Г.Г. Слишкин тафовути истилоҳоти мазкурро чунин мебинад: «фарқи асосии консептҳо дар он аст, ки он ба таҳлили забону фарҳанг хидмат карда истода, на ба забон (чун логоэпистема) ва на ба фарҳанг ва ҳамзамон на ба ҳар дуи онҳо (мисли лингвокултурема) дохил намешавад». Консепт-воҳид, ҳарчанд ба шуур тааллуқ дошта бошад ҳам, барои пайвастани таҳқиқоти илмӣ дар муҳити фарҳанг, шуур ва забон таҳия шуда, фарҳангро муайян мекунад.

В.Н. Телия дар навбати худ, дар таҳқиқоти хеш аз ягонагии пайвандии фарҳангӣ-миллие, ки алоқаи байни воҳидҳои маъноии забони табиӣ ва маънии фарҳангии аломатҳои «забони фарҳанг»-ро таъмин мекунад, истифода мекунад [20, с.24]. В.Н. Телия он ғояро ҷонибдор аст, ки моҳияти консепт дар чаҳорчӯбаи тавсифи фарҳангӣ - миллӣ дар асоси анъанаҳои фарҳангие, ки дар системаи забони ҷаҳонбинии халқ муайян шудаанд, ташаккул меёбад [20, с.231]. Пайвандаки (коннотатсия) фарҳангӣ-миллӣ, аз як тараф, аз «қолаби аломат, яъне воҳидҳои забонӣ ва аз тарафи дигар, аз консептҳо, стереотипҳо, аломатҳо, мифологҳо ва дигар аломатҳои милливу фарҳангии умумибашарӣ, ки барандаи забони халқанд, иборат аст [20, с.214]. Консепт қисми асосии коннотатсияи фарҳангӣ-миллиро таҷассум мекунад.

Д.С. Лихочев андешаи С.А. Асколдоваро такмил дода истода, вобаста ба проблемаи консепт ба вазифаи ивазкунандаи консепсия, ки барои бартараф кардани фарқи ночиз дар дарки калима, бартараф кардани ихтилофот ва осон кардани муошират мусоидат мекунад,

зикр мекунад [10, с.33-42]. Мувофиқи ақидаи Д.С. Лихачев, консептҳо дар шуури инсонӣ на танҳо дар фонди маънои лексикии калима (ҳарчанд ки консепт дар ҳар як фарҳанг чун як моддаи луғавии алоҳида ҷойгир шудааст), ҳамчунин, дар фонди амалии фарҳангиву таърихии фардиву ҷомеа ташаккул меёбанд. Таҷрибаи бой фазои маъноии консептро, имкониятҳои васеъ барои ташкили майдони ҳисси лексемае, ки дар он ҳамаи мафҳумҳои консепт ошкор карда мешаванд, муайян мекунад. Консепт ба туфайли "аура"-и мушаххаси иттиҳодияҳои гуногуни фарҳангӣ ва шахсӣ, аз маънои лексикии калима дида ғанитар аст.

Мафҳуми консептро аз нуқтаи назари олимони гуногуни забоншиносӣ пешниҳод намудем. Дарки консепти забонӣ дорои маънои васеъ буда, ишорат кардан танҳо ба як мафҳуми консепт кофӣ нест. В.И. Карасик консептро ҳамчун «маълумоти аввалини фарҳангӣ дар муҳити гуногуни мавҷудияти инсонӣ» муайян мекунад. Ҳамчунин, онро чун «маълумоти семантикии бисёрҷанбае, ки дар он тарафҳои боарзиш, рамзӣ ва консептуалӣ ҷудо мешаванд, дида мебарояд». Консепт дар забоншиносии фарҳангӣ хосси як фарҳангу халқият буда, ба омӯзиши шахсияти модӣ ва маънавии ҳар як халқият, расму оинҳо, урфу одат, анъана имкон медиҳад. Зери фаҳмиши консепти забоншиносии фарҳангӣ якчанд мафҳумҳои амиқеро, дарк кардан мумкин аст, ки хосси фарҳанги алоҳида аст. Дар илми забоншиносӣ забоншиносии фарҳангӣ усулест, ки алоқамандии забон ва фарҳангро дар раванди амалкарди онҳо меомӯзад. Ҳадафи забоншиносии фарҳангӣ омӯзиши усулҳоест, ки бо он забон таҷассум меёбад, ҳифз ва пешниҳод мегардад. Муҳити консепти миллӣ аз маҷмӯи консептҳои арзишманди умумибашарӣ, яъне аз консептҳои универсалӣ, миллӣ, синфӣ, фардӣ ва гурӯҳӣ ташкил меёбад.

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари забоншиносии маърифатӣ консепт воҳиди асосии шуур ба шумор меравад, ки таҷассумгари дониши инсонӣ ба муҳити атроф мебошад. Дар забоншиносии фарҳангӣ, консепт воҳиди аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳиммест, ки маълумоти амиқи миллиро таҷассум менамояд.

Муқарриз: ***Хуҷова М.У.*** – номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии Маркази мероси хаттии АМ ИТ

А Д А Б И Ё Т

1. Арутюнова, Н.Д. Введение [Текст] / Н.Д. Арутюнова // Логический анализ языка. Ментальные действия. - М.: Наука, 1993. - С.3-6.
2. Бабаева, Е.В. Культурно-языковые характеристики отношения к собственности (на материале немецкого и русского языков): автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.20 [Текст] / Е.В. Бабаева. – Волгоград: Волгоградский гос. пед. ун-т, 1997. - 24 с.
3. Болдырев, Н.Н. Когнитивная семантика: курс лекций по английской филологии [Текст] / Н.Н. Болдырев. - Тамбов: Изд-во Тамб. ун-та, 2001. – 123 с.
4. Вежбицкая А. Семантические универсалии и описание языков / А.Вежбицкая: пер. с англ. - М.: Школа "Яз. рус. культуры", 1999. - 780 с.
5. Воркачев, С.Г. Лингвокультурология, языковая личность, концепт: становление антропоцентрической парадигмы в языкознании [Текст] / С.Г. Воркачев // Филологические науки. - 2001. - № 1. - С.64-72.
6. Карасик, В.И. Лингвокультурный концепт как единица исследования [Текст] / В.И. Карасик, Г.Г. Слышкин // Методологические проблемы когнитивной лингвистики: сб. науч. тр.; под ред. И.А. Стернина. - Воронеж: изд-во ВГУ, 2001. - С.75-80.
7. Караулов, Ю.Н. Русский язык и языковая личность [Текст] / Ю.Н. Караулов. - М., 1987. - 261с.
8. Крючкова, Н.В. Методы изучения концептов [Электронный ресурс] / Н.В. Крючкова // Русская и сопоставительная филология: состояние и перспективы: Международная научная конференция, посвященная 200-летию Казанского университета (Казань, 4-6 октября 2004 г.): труды и материалы / под общ. ред. К.Р. Галлиулина. - Казань: Изд-во Казан, ун-та, 2004. - С.26-27.
9. Кубрякова Е.С. Концепт / Е.С. Кубрякова // Е.С. Кубрякова, В.З. Демьянков, Ю.Г. Панкрац, Л.Г. Лузина. Краткий словарь когнитивных терминов. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1996. – С.90-93.
10. Лихачев Д.С. Концептосфера русского языка / Д.С. Лихачев [Электронный курс] // https://www.gumer.info/bibliotek_Buks/Literat/lihach/koncept.php.
11. Лихачев, Д.С. Смех как мировоззрение [Текст] / Д.С. Лихачев Историческая поэтика русской литературы. - СПб.: Алетейя, 1997. - С.342-403.
12. Ляпин, С.Х. Концептология: к становлению подхода [Текст] / С.Х. Ляпин // Концепты: научные труды Центрконцепта. - Архангельск: Изд-во Помор, ун-та, 1997. - Вып. 1. - С.11-35.
13. Маслова, В.А. Лингвокультурология [Текст] / В.А. Маслова. - М.: Издательский центр «Академия», 2001. - 208 с.
14. Нерознак, В.П. От концепта к слову: к проблеме филологического концептуализма [Текст] / В.П. Нерознак // Вопросы филологии и методики преподавания иностранных языков. - Омск: Изд-во ОМГПУ, 1998. - С.80-85.

15. Никитин М.В. Лексическое значение слова (структура и комбинаторика) / М.В. Никитин. - М.: Высшая школа, 1983. - 127 с.
16. Палашевская, И.В. Концепт "закон" в английской и русской лингвокультурах: автореф. дис ... канд. филол. наук: 10.02.20 [Текст] / И.В. Палашевская. - Волгоград: Волгоградский гос. пед.ун-т, 2001. - 24 с.
17. Пименова М.В. Методология концептуальных исследова-ний / М.В. Пименова // Антология концептов: под ред. В.И. Карасика, И.А. Стернина. - Волгоград: Парадигма, 2005. - Т.I. - С.15-19.
18. Попова, З.Д. Очерки по когнитивной лингвистике [Текст] / З.Д. Попова, И.А. Стернин. - Воронеж: ИСТОКИ, 2001. - 191 с.
19. Слышкин, Г.Г. Лингвокультурные концепты и метаконцепты: автореф. дис. ... д-ра филол. наук: 10.02.19 [Текст] / Г.Г. Слышкин. - Волгоград: Волгоградский гос. пед. ун-т, 2004. - б. - 36 с.
20. Телия, В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты [Текст] / В.Н. Телия. - М.: Школа "Яз. рус. культуры", 1996. - 288 с.
21. Фрумкина, Р.М. Константы культуры / Р.М. Фрумкина // Язык и культура: Факты и ценности: К 70-летию Юрия Сергеевича Степанова. - М.: Языки славянской культуры, 2001. - С.167-177.

МОҲИЯТ ВА ШАРҲИ «КОНСЕПТ» ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба моҳият ва шарҳи “консепт” дар забоншиносии фарҳангӣ маълумот дода шудааст ва инчунин ақидаҳои мухталифи олимон низ дарҷ гардидааст. Дар қисмати аввали мақола маълумоти мухтасар доир ба яке аз воҳидҳои асосии забоншиносии фарҳангӣ - консепт дода шудааст. Консепт ҷавҳари фарҳангро дар шуури инсон инъикос мекунад дар ҳоле ки фарҳанг ба ҷаҳони равонии инсон дохил мешавад, аммо баробари ин, инсони қаторӣ ва ё муқаррарӣ созандаи чизҳои боарзиш нест, яъне худ ба фарҳанг дохил мешавад ва дар баъзан маврид ба он таъсир мегузорад. Консепт қобилияти инъикос кардани арзишҳои таркиби дониш дар бораи қисмҳои алоҳидаи ҷаҳонро дорад. Сохтори консептро аломатҳо ва вазифаҳои аввалиндараҷаи ин ё он фарҳанг мунъакис мекунанд. Хусусиятҳои умумии консепти муайяншудае, ки барои як фарҳанги муайян арзиш дорад, танҳо ҳангоми омӯзиши маҷмӯи пурраи роҳҳои ифода он имконпазир аст. Консептҳо дар шуури инсонӣ на танҳо дар фонди маънои лексикии калима (ҳарчанд ки консепт дар ҳар як фарҳанг чун як модаи луғавии алоҳида ҷойгир шудааст), ҳамчунин, дар фонди амалии фарҳангиву таърихии фардиву ҷомеа ташаккул меёбанд. Аз ҷониби олимони гуногуни забоншиносӣ мафҳумҳои ба мисли “лингвокултурема”, “мифологема”, “логоэпистема” пешниҳод шудаанд, вале воҳидҳои мазкур дар консептологияи забоншиносӣ асосӣ пазируфта нашуданд Заминаҳои пайдоиши истилоҳи консепти забоншиносии фарҳангӣ, моҳияти усулҳои забоншиносии когнитивӣ (маърифатӣ) ва забоншиносии фарҳангии фаҳмиши консепт мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Калидвожаҳо: консепт, истилоҳ, забоншиносии фарҳангӣ, консепсияи забоншиносӣ, забоншиносии маърифатӣ, консептология, лингвоконсепт, забон, шуур, фарҳанг.

СУЩНОСТЬ И ТОЛКОВАНИЕ КОНЦЕПТА В ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИИ

В данной статье, где приводятся сведения о сущности и толковании концепта в лингвокультурологии, уточняются различные взгляды ученых. В начале статьи даются краткие сведения об основной единице лингвокультурологии - культурном концепте. Концепт представляет собой «сгусток культуры в сознании человека: то, в виде чего культура входит в ментальный мир человека, и то, «посредством чего человек – рядовой, обычный человек», «не творец культурных ценностей» - сам входит в культуру, а в некоторых случаях и влияет на нее. Концепт имеет способность отображать категориальные и ценностные свойства знаний об отдельных фрагментах мира. Структура концепта отражает признаки, функционально первостепенные для той или иной культуры. Полная характеристика определенного концепта, имеющего значение для конкретной культуры, допустима только при изучении наиболее исчерпывающего набора способов его выражения. Концепты формируются в человеческом сознании не только на базе лексических значений слов (поскольку концепт представлен в каждом основном словарном значении слова отдельно), но и на базе индивидуального и социального культурно-исторического опыта. Учеными предлагались такие единицы, как «лингвокультурема», «мифологема», «логоэпистема» не ставшие, однако, ключевыми в лингвоконцептологии, а также рассматриваются предпосылки появления термина лингвокулътурный концепт, сущность культурологического подхода к пониманию концепта, а также то общее в данных подходах, что позволяет успешно применять их вместе для исследования такой многомерной единицы, как концепт.

Ключевые слова: концепт, термин, лингвокультурология, лингвоконцептология, лингвокогнитивный, концептология, лингвоконцепт, язык, сознание, культура.

ESSENCE AND INTERPRETATION OF THE CONCEPT IN LINGUOCULTUROLOGY

In this article, which contains information about essence and interpretation of the concept in linguoculturology, various views of scientists are also clarified. At the beginning of the article, brief information is given about the main unit of linguoculturology - the cultural concept. The concept is “a clot of culture in the human mind: that in which culture enters the mental world of a person, and that“ ordinary person ”,“ not a creator of cultural values”- enters into culture itself, and in some cases affects it. The concept has the ability to display categorical and value properties of knowledge about individual fragments of the world. The structure of the concept reflects features that are functionally paramount for a given culture. The full characterization of a particular concept that is relevant to a particular culture is permissible only when studying the most comprehensive set of ways to express it. Concepts are formed in human consciousness not only on the basis of the lexical meaning of words (since the concept is represented in each main dictionary meaning of the word separately), but also on the basis of

individual and social cultural and historical experience. Scientists have proposed such units as “linguocultural”, “mythologeme”, “logoepistem” which, however, did not become key in linguoconceptology. It also considers of the background for the term linguacultural concept, the essence and culturological approaches to understanding the concept, as well as the general information on these approaches, which makes it possible, use them together to study such multidimensional units as “concept”.

Key words: concept, term, linguoculturology, linguoconceptology, linguocognitive, conceptology, linguistic concept, language, consciousness, culture.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ахмедова Азиза Алиёровна*** **-** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, докторанти Ph.D, кафедраи грамматика ва назарияи тарҷума. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6. E-mail: **aziza061994@gmail.com.** Тел.: **(+992) 904-28-77-66**
Худжов Иқбол Илёсович **–** Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии технологии «МИСиС», ассистенти кафедраи “Технологияҳои иттилоотӣ ва автоматикунонӣ”. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Назаршоева, 7. E-mail: **sharrkan@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 908-44-66-77**

Сведения об авторах: ***Ахмедова Азиза Алиёровна*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, докторант Ph.D кафедры грамматики и теории перевода **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **aziza061994@gmail.com.** Тел.: **(+992) 904-28-77-66**
Худжов Икбол Илёсович - ДФНИТУ «МИСиС», ассистент кафедры «Информационные технологии и автоматизация». **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.. Назаршоева, 7. E-mail: **sharrkan@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 908-44-66-77**

Information about the authors: ***Akhmedova Aziza Aliyorovna*** - Tajik State Institute of languages named after S.Ulughzoda, Ph.D student of the Department of Grammar and Theory of translation. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev, Str. 17/6. E-mail: **aziza061994@gmail.com.** Tel.: **(+992) 904-28-77-66**
Khujov Iqbol Ilyosovich **–** DFNITU “MISiS”, assistant, Department of Information Technology and Automation. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nazarshoeva Str., 7. E-mail: **sharrkan@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 908-44-66-77**

УДК: 809.155.0

ОИД БА ИСТИЛОҲОТ ВА БАЪЗЕ ГУРӮҲҲОИ СЕМАНТИКИИ КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДИ ОВОЗ ДАР ЗАБОНИ ҶОПОНӢ

Каримова М.Р.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Забони ҷопониро забони агглютинативӣ ном мебаранд, зеро дар ин забон ҷумла бо ёрии пешванду пасвандҳо сохта мешавад. Чи гунае ки мо маълумот дорем, пайдоиши ин хат аз хатти забони чинӣ сарчашма мегирад. Пас аз оне ки хатро ба худ қабул карданд, тарзи навишти онро дигар намуда, аз қисмҳои алоҳида ва шаклҳои тағийрёфтаи иероглифҳо боз ду алифбо ひらがな(hiragana) ва カタカナ(katakana)- ро, ки ҳарду аз 46-тои ҳарф иборатанд, тартиб доданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки алифбои ひらがな(hiragana) сирф барои калимаҳои забони ҷопонӣ истифода шуда, алифбои カタカナ(katakana) бошад барои он калимаҳое, ки аз дигар забонҳо иқтибос шуда ба ин забон гузаштаанд, истифода мешаванд. Бо вуҷуди ин, баъзе аз калимаҳои тозаи ҷопонӣ низ бо алифбои カタカナ(katakana) навишта мешаванд. Масалан ホン(本– hon) китоб, カバン(鞄–kaban) ҷузвдон, ネコ(neko) гурба, マンガ(manga) карикатура ва

ひらがな (hiragana): わたし—ман, きょう— имрӯз, みず— об ва

漢字 (kanji) иероглиф 明日(あした-ashita)— фардо, 弟(おとうと-otouto)— додар, 映画(えいが-eiga)— филм ва ғ. [13, с.3].

Дар луғати калони иероглифҳои забони ҷопонӣ «Дайканва ҷитен» тақрибан 50000 иероглиф оварда шудааст. Аммо барои эҳтиёҷоти таҷрибавӣ дар забони муосири ҷопонӣ каме беш аз 3000 иероглиф истифода шуда ва барои истифодаи ҳаррӯзаи гуфтугӯ ҳамагӣ 1945 иероглиф ба қайд гирифта шудааст. Ногуфта намонад, ки ҳар як хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олӣ бояд 2000 иероглифро донад.

Дар ин пажӯҳиш сухан дар бораи ба баъзе гурӯҳҳо тақсим шудани калимаҳои тақлиди овоз дар забони ҷопонӣ меравад.

Забони ҷопонӣ ба масъалаи омӯзиши калимаҳои тақлиди овоз таваҷҷуҳи хос дорад. Забони мазкур дорои миқдори зиёди калимаҳои тақлиди овоз аст, ки чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чи дар нутқи хаттӣ васеъ истифода мешавад. Калимаҳои тақлиди овозро дар забони ҷопонӣ одатан дар асарҳои бадеӣ метавон вохӯрд, чунки ба хонанда имкон медиҳад, ки тасвири ҷаҳонро ба таври возеҳ тасаввур кунад.

Дар забони ҷопонӣ, ономатопеяро қариб дар ҳама соҳаҳо ва сабти услубии забон мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ҷараёни тадқиқот мушкилоти муайяне ба вуҷуд меорад. Дар забоншиносии Ҷопон, ономатопе мафҳумҳои «тақлиди овоз» ва «тасвири овоз»-ро дар бар мегирад, ки мо дар ин мақола риоя мекунем.

Ҳангоми омӯзиши калимаҳои тақлиди овоз барои исрор кардани хусусияти шартии тақлид дар раванди тақлиди овоз ҳеҷ асос нест. Далел он аст, ки ҳар як забони алоҳида садои муайянро мувофиқи системаи фонетикии худ мутобиқ мекунад. Аз ин рӯ, сарчашмаҳои пайдоиши калимаҳои тақлиди овоз метавонад бо ин ё он шакли фонетикӣ дар забонҳои мухталифи олам ифода ёбад.

Ин гурӯҳи калимаҳо қариб дар ҳама забонҳо ифода ёфтаанд ва чун қоида як гурӯҳи хурди воҳидҳои лексикӣ мебошанд. Дар ин бобат забони ҷопонӣ истисно аст [6, с.14].

Дар омӯзиши калимаҳои тақлиди овоз ба монанди рамзҳои садоӣ муддати тӯлонӣ ҳеҷ гуна сарҳади аниқ вуҷуд надошт. Тақрибан дар миёнаи асри XX таснифоти ҳаматарафаи калимаҳои тақлиди овоз таҳия карда шуд.

Барои муайян кардани садоҳои рамзӣ якчанд истилоҳ вуҷуд дорад: «овозҳои рамзӣ», «фонетикӣ - рамзӣ», «рамзӣ - овозӣ». Баъзе муҳаққиқон аломати садоиро ҳамчун алоқаи байни ишора ва аломатгузор муайян мекунанд, ки табиати беихтиёрӣ, мақсаднок дорад. Аз рӯйи анъана фарқияти зуҳуроти зерини дар забон бударо бо ёрии аломатҳои рамзии паҳншуда муқаррар менамоянд: нишон додани падидаҳои рӯшноӣ; амволи ашё, сатҳи онҳо, шакл, намуд; усул, тарзи ҳаракати шахс ё ин ки ҳайвон; чеҳра, қиёфаи рӯй; эҳсос, рӯҳия. Аломатҳои рамзӣ садоҳоро дар шакли ба ном "шартӣ" интиқол медиҳанд, ки мустақиман бо онҳо вобастагӣ надоранд, яъне инъикоси садо дар забон ба садои воқеии он монанд нест.

Калимаҳои тақлиди овоз дар забони ҷопонӣ як навъи категорияҳои калимаҳои қадимист, ки ҷузъи мустақили нутқ нестанд, ва аз лиҳози грамматикӣ онҳо як категорияи ягонаи грамматикиро муаррифӣ намекунанд, балки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ дохил мешаванд (исм, сифат, феъл, зарф).

Азбаски ин калимаҳо нишондиҳандаҳои морфологӣ надоранд, хосиятҳои грамматикии худро дар муносибатҳои синтаксисӣ амалӣ мекунанд. Калимаҳои тақлиди овоз дар як ҷумла метавонанд вазифаҳои гуногуни аъзои ҷумларо иҷро кунанд. Ин ҷанбаи грамматикии калимаҳои ономатопоэтикӣ мебошад [6, с.18].

Чунин мешуморанд, ки пайдоиши ономатопея бевосита бо ҷузъи динии фарҳанги Ҷопон вобаста аст. Тавре ки шумо медонед, ҷопониҳо пайрави дини синтоизм мебошанд, ки асоси он парастиш кардани қувваҳои табиӣ, зуҳуроти табиӣ ва ситоиши онҳо мебошад. Ҷопониҳо ҳамеша ба табиат ва воқеияти атрофи онҳо ҳассос буданд, ки ин боиси пайдоиши миқдори зиёди луғатҳои ономатопоэтикӣ дар забони ҷопонӣ гардид. Онҳо бар ин ақидаанд, ки бисёр чизҳо ва зуҳурот моҳияти маънавии худро доранд, ки бешубҳа хосиятҳои садоӣ доранд. Омӯзиши ономатопеяи ҷопонӣ дар доираи тадқиқоти васеъ дар соҳаи рамзҳои садоӣ, ки бевосита бо мушкилоти пайдоиши забон ва ангезаи аломати забон алоқаманд аст, диққати зиёдро ҷалб кард. Дар Ҷопон, ономатопея объекти ба таври амиқ омӯхташудаи забоншиносӣ мебошад. Забоншиносони Ҷопон дар таҳқиқоти худ, пеш аз ҳама, ба дастовардҳои забоншиносии аврупоӣ, бори аввал ба назарияи Ф. Де Соссюр такя карда буданд, зеро асари ӯ «Курси забоншиносии умумӣ» бори аввал ба забони ҷопонӣ тарҷума шудааст. Аз ҳама ҷолибтар ва самарабахштарин таҳқиқоти олимони ҷопонӣ, М.Танно, С. Ҳамано ва Ҳ. Коҷима мебошанд. М. Танно таснифи васеътари шаклҳои ономатопиро пешниҳод кард. С. Ҳамано дар асарҳои сершумори худ шакл ва сохтори ономатопеҳои ҷопонро шарҳ дода, инчунин ономатопеяро дар самти тарҷума баррасӣ намуда, мушкилот ва душвориҳои интиқоли чунин калимаҳоро ба забони хориҷӣ махсус қайд кардааст. Ҳ. Коҷима оид ба истифодаи ономатопея тадқиқоти васеъ гузаронд. Тадқиқотҳои назаррас дар соҳаи лексикаи ономатопоэтикии забони ҷопонӣ дар забоншиносии рус аз ҷониби Н.И. Конрад, О.В. Плетнер, Е.Д. Поливанов, В.М. Алпатов, С.В. Неверов ва дигарон гузаронида шуданд. Дар пешрафти таҳқиқот дар соҳаи ономатопеяи ҷопонӣ дар асри XXI саҳми назаррасро А.А. Подшибякина ва Н.Г. Румак гузоштанд. Дастовардҳои онҳо таҳияи китобҳои дарсӣ ва луғатҳо барои омӯзиши ономатопея барои русзабонҳо гардид.

Дар забоншиносии ҷопонӣ, дар баъзе мавридҳо якчанд номҳо мавҷуданд, ки як зуҳуротро ифода мекунанд. Дар забони ҷопонӣ ҳазорон ономатопея ҳастанд, ки сермаҳсултарини онҳо ба 5 гурӯҳ тақсим мешаванд ва мо дар мақолаи худ дар бораи ин 5 гурӯҳ маълумот хоҳем дод [9, с.33].

Масалан, калимаҳои ба мисли ごろごろ(gorogoro) гумбуррос, шақаррос, ғурриш ва しんなり(shinnari) чандкариш, нарм ва ғайра ба гурӯҳи калимаҳои 擬声語 giongo) — овоз табиӣ ва сунъӣ ё擬態語 gitaigo) — шарт ва ҳолат одатан дохил мешаванд ва ё ин ки 擬声語 giseigo) —садо ҳайвонҳо ва инсон, аммо фарқият дар чист? Бисёре аз муҳаққиқон номҳои мухталиф додаанд ва ин ҷо мо аз таснифоти Канеда Казуро пуштибонӣ мекунем. Канеда Казу калимаҳои тақлиди овозро аз рӯйи маъноашон ба панҷ гурӯҳ тақсим намуда, онҳоро чунин номгузорӣ кард: 1. 擬声語 (giseigo) овози одамон ҳайвонотро ифода мекунад.

2. 擬音語 (giongo) садоҳои табиатро ифода мекунад.

3. 擬態語 (gitaigo) ҳаракат ё намуди зоҳирии ягон чизро ифода мекунад.

4. 擬容語 (giyougo) ҳолати мавҷудотро ифода мекунад.

5. 擬情語 gijougo) ҳолати равонии шахсро ифода мекунад ё барои изҳори эҳсоси дард истифода мешавад [2, с.213].

Дар зер намунаҳои ҳар як калима оварда мешавад:

(擬声語—giseigo): わんわん(wanwan- аккоси саг), こけこっこー(kokekokko:- садои хурӯс), おぎゃー(ogya:- садои гиря), げらげら(geragera- бо овози баланд хандидан), ぺちゃくちゃ(pechakucha-бемасъулият шикастан)ва ғ [14, с.64].

擬音語—(giongo): ざあざあ(zaazaa-садои бо шиддат боридани борон), がちゃん(gachyan- бо садо), ごろごろ(gorogoro- гумбуррос, шақаррос, ғурриш), ばたーん(bata:n- дарангос), どんどん(dondon -данг-данг нағора задан ё ин ки дарро кӯфтан) ва ғ.擬態語—(gitaigo): きらきら(kirakira- дурахшон), つるつる(tsurutsuru-

ҳамвор), さらっと(saratto-ҳамвор), ぐちゃぐちゃ(guchyaguchya)- бетартиб (ҳангоме, ки ягон чизро бетартиб мегузоред ё ин ки дар халта гирифтани меваи зиёд, ки дар натиҷа ҳама якҷоя мешавад ва ғ.), どんより(donyori-вазнин (осмони пурабри сиёҳи вазнин）)ва ғ. [9, с.41]. 擬容語(giyougo): うろうろ (urouro - дар худ ҷой наёфтан, хавотир шудан), ふらり(furari - бемақсад, оҳиста), ぐんぐん(gunfun – устуворона, боғайрат), ばたばた(batabata -бо садо, бо суръат, бо навбат), のろのろ(noronoro - суст, оҳиста), ぼうっと(boutto - ҳеҷ кор накардан, ба ҳайрат афтидан, ҳайрат) ва ғ. 擬情語(gijyougo): いらいら(iraira - хашмгин шудан, асабӣ шудан), うっとり(uttori -парешон, бо шавқ, бо шавқу завқ), どきり(dokiri - эҳсоси зарбаӣ), ずきずき(zukizuki - дарди тезро ҳис кунед), しんみり(shinmiri - бо эҳсос, нарм, оқилона), わくわく(wakuwaku - асабонӣ шудан, ҳаяҷоновар будан) ва ғ.

Дар ин ҷо, як калима метавонад бештар аз панҷ категорияи семантикиро дар назар дошта бошад. Масалан, калимаи ”どんどん- dondon” данг-данг нағора задан ё ин ки дарро кӯфтан)" аст, ки дар ин ҷумла “太鼓をどんどん叩く-taiko o dondon tataku”маънои "нағораро задан "ро дорад, ки дар ин ҷо садоро擬音語（giongo）ифода мекунад, аммо дар ҷумлаи дигар “日本語がどんどん上手になる- nihongo ga jyouzu ni naru” маънои “дар аз худ кардани забони ҷопонӣ оҳиста-оҳиста дастболо мешавам”, 擬態語(gitaigo)ҳолати чизро шарҳ медиҳад. Илова бар ин, калимаи "ごろごろ- gorogoro" дорои маъноест, ки ба ҳамаи ин панҷ категорияи семантикӣ ишора мекунад. Масалан, “猫がごろごろのどをならす- neko ga gorogoro nodo o narasu- гурба ғуррос мекунад”, ки гурӯҳи калимаҳои擬声語(giseigo)садои ҳайвонро ифода мекунанд ва ”雷がごろごろ鳴る- yuki ga gorogoro naru” бошад, гурӯҳи擬音語(giongo) садои табиатро ифода мекунад Ва вақте ки мо мегӯем, “丸太がごろごろ転がる – maruta ga gorogoro korogaru- ғӯлачӯб гумбуррос ғелида меравад” ин калимаи擬態語(gitaigo) ифодагари ҳолат аст, аммо вақте ки "日曜日に家でごろごろしている-nichiyoubi ni uchi de gorogoro shiteiru – рӯзи якшанбе дар хона истироҳат мекунам” гӯем ин ҷумла ба маънои擬容語(giyougo) истифода мешавад. Ғайр аз он, истифодаи калимаҳои擬情語(gijyougo) дар чунин ҳолатҳо низ истифода мешавад: “目にゴミが入ってごろごろするme ni gomi ga haitte gorogoro suru - дар чашмонам хас даромад. Ҳамин тариқ, як калима метавонад чанд маъно ва истифодаҳои зиёде дошта бошад, ки онро ҳамчун хусусияти калимаҳои 擬音語(giongo) ва 擬態語(gitaigo) гуфтан мумкин аст [9, с.46].

Илова бар панҷ истилоҳи боло, боз чандин гурӯҳҳои дигар вуҷуд дорад, ки дар ин соҳа истифода мешаванд ва мо онҳоро гуфта мегузарем: オノマトペ（onomatope） – «ономатопея» ё ин ки «калимаҳои тақлиди овоз»; おんが（onga）«тасвири овоз»; おっもほう（ommohou）«калимаҳое, ки сурати дунёро инъикос мекунанд»; おんせいのしょうちょう（onseino shouchou）«аломатҳои садо»; おんしょうちょう（onshouchou）«рамзи садо»; しょうちょうご（shouchougo）«калимаҳои рамзӣ»; いみのしょうちょう（imino shouchou）«аломатҳои маъноӣ»; ぎぼうご（gibougo）«калимаҳое, ки намуди зоҳирӣ ё намуди шахсро тасвир мекунанд»; もようご（moyougo）«калимаҳое, ки вазъият ё ҳолатро тасвир мекунанд»; しゃようご（shayougo）«калимаҳое, ки шакл ва тасвирро ифода мекунанд» ва ғ.

Аз ҳама маъмултарин ономатопҳо, ки дар боло қайд намуда будем, инҳоянд:

- **擬音語**（giongo）- калимаҳое, ки садоҳои объекти аз ҷониби ашёҳои табиати ғайризинда эҷодшударо, аз ҷумла ҳангоми дучор шудан ба одамро ифода мекнанд;

- **擬声語**（giseigo）- калимаҳое, ки ба овозҳо ва ҳама намудҳои садо, ки ҳайвонот, парандагон ва одамон метавонанд ба онҳо тақлид кунанд, ишора мекунанд;

- **擬態語**（gitaigo）- калимаҳое, ки ҳолати ҷисмонӣ, эмотсионалӣ, тағийрот ва вазъиятро тақлид мекунанд;

- **擬容語**（giyougo）— ҳаракатҳо,

- **擬情語**（gijougo）— эҳсосотро ифода мекунанд [6, с.34].

Чунин калимаҳо дар сарчашмаҳои гуногун садоҳои рамзӣ, тақлидӣ обурангӣ, тасвири садоӣ номида мешаванд.

Дар ҳолати 擬音語（giongo）, одатан ҳеҷ мушкиле нест. Аввалан, ин гурӯҳ назар ба擬態語（gitaigo）шумораи камтар дорад. Дувум, ба монанди ономатопея дар ҳама гуна забонҳои дигар, 擬音語（giongo）дорои сохтори хеле шаффоф ва фаҳмо мебошанд.

Ба ақидаи мо, истилоҳи «тасвирҳои садоӣ» афзалтар аст. Ғайр аз он, хусусияти 擬態語（gitaigo） дар он аст, ки ин гуна калимаҳо ҳолатҳоро нишон медиҳанд, ки овозҳои монанд надоранд. Барои намояндагони фарҳанги ғарбӣ, фаҳмидани вожаҳои навъи 擬態語（gitaigo）аз сабаби набудани лексикаи шабеҳ дар забони модариашон, душвор аст.

Талаффузи калимаҳои 擬態語（gitaigo） ҳамчун воҳидҳои лексикӣ маънои таассуроти рамзиро эҷод мекунад. Онҳо намудҳои ҳаракат, аломатҳои ашё (шакл, андоза, масофа, хосиятҳои рӯйизаминӣ), инчунин рафтор, қиёфа, ҳолати физиологӣ ва эмотсионалии одамон ва ҳайвонотро нишон медиҳанд. Одатан, калимаҳои 擬音語（giongo） ва擬声語（giseigo） як гурӯҳи калимаҳои ономатопеяро ташкил медиҳанд ва擬態語（gitaigo） бошанд, калимаҳои тасвири садоӣ мебошанд (ҷад.1) [10, с.2].

Ҷадвали 1. Дар ин ҷадвал се синфи ономатопеяҳоро дида мебароем.

Синф	Мисол
擬音語（giongo）	ドンドン（dondon）- данг данг
擬声語（giseigo）	クスクス（kusukusu）- бо овози паст даҳонро накушода хандидан
擬態語（gitaigo）	そわそわ（sowasowa）- овора, сарсон, барои худ ҷой наёфтан

Дар забони ҷопонии муосир ономатопеяҳо бештар ҳамчун зарф ба кор мераванд, аммо дар баъзе ҳолатҳо онҳо дар ҷумла метавонанд вазифаҳои тамоман гуногунро иҷро кунанд.

Дар забони муосири ҷопонӣ зиёда аз 1200 адад луғатҳои ономатопеӣ ва тасвири садоӣ (звукоизобразительной) мавҷуданд. Аз ҷумла, Н.Г. Румак тақрибан 1300 воҳиди луғати ономатопоэтикиро ҷудо мекунад, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷопониҳо маъмулан истифода мешаванд [9, с.12].

Ономатопҳои Ҷопон сохтори кофии возеҳ ва пайдарпай доранд. Ҳамчунин дар бисёр забонҳо, чунин рамзҳоро аз рӯйи матн бо ҷузъҳои такрорӣ ва геминативӣ муайян кардан мумкин аст. Асосан ономатопҳо дар худ асос ё ядро, ки аз ду ҳиҷо ё ин ки як мора иборат ҳастанд, (мора – ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ) маънои асосиро ифода мекунанд, доранд. Ғайр аз он, формантҳо ва унсурҳои ёрирасон метавонанд ба ядро ҳамроҳ шаванд ва фарқиятҳои нозуки байни садоҳои шабеҳро ифода кунанд, ки динамикаи маънои онро нишон медиҳад. М. Танно дар омӯзиши худ 55 шакли ономатопҳоро муайян мекунад, аммо тибқи таҳқиқоти муосири олимони ҷопонӣ шумораи шаклҳои ономатопҳо, ки ҷопониҳо дар ҳаёти ҳаррӯза ба таври васеъ истифода мебаранд, ба 5 шакли маъмултарин ҷудо карда шудааст, ки дар ҷадвали 2 дида мебароем.

Ҷадвали 2. Шакли ономатопҳои ҷопонӣ

Шакл	**Тақлиди овоз**	**Тасвири садоӣ**
CVCVCVCV	カチカチ（kachikachi）	どきどき（dokidoki）
CVCVQ	カチッ （kachi）	どきっ （doki）
CVCVri	カチリ （kachiri）	どきり （dokiri）
CVCVN	カチン （kachin）	どきん （dokin）

CVQCVri	カッチリ （kacchiri）	―

Пеш аз тавсиф додани ин ҷадвал, ба он таваҷҷуҳ кардан зарур аст, ки забони ҷопонӣ забони ҳиҷоӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки воҳиди ҳадди ақалли маъноӣ дар забони ҷопонӣ фонема нест, балки ҳиҷо (ё мора – ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ) мебошад. Ба гуфтаи Е.Д. Поливанов, маҳз мора ҳадди ақалли воҳиди фонетикӣ-фонологӣ дар забони ҷопонӣ мебошад. Ҳамин тариқ, «С» овозҳои ҳамсадо ва «V» овозҳои садонокро ифода мекунад. Ғайр аз он, 3 мора ба мисли / N /, / R / ва / Q / ҳастанд, ки бо садонок тамом намешаванд, аммо ҳамавақт ҳамчун як қисми лексикаи тақлиди овоз ва тасвири садоӣ истифода мешаванд. / N / (ん) як садои аз бинӣ бароянда аст, ки аксар вақт нақши гемотамикиро иҷро мекунад, / R / （ー） барои дароз кардани садои қаблӣ истифода шуда, / Q / （っ） барои ҳамсадои навбатӣ ҳамчун дукарата баромад мекунад. Сарфи назар аз он ки / Q / лифофаи овозӣ надорад, он ҳанӯз ҳам ҳамчун як мора аст (ниг. ҷадвали 2). Дар ҷадвали 2 ин унсурҳои фонетикӣ бо ҳарфҳои / N /, / R / ва / Q / ишора карда шудаанд [14, с.20].

Дар ҷадвали 2 шаклҳои маъмултарини ономатопҳо оварда шудааст.

Инчунин бояд қайд кард, ки ономатопея бо истифодаи алифбои фонетикии ҳирагана ва катакана навишта мешавад. Ҳирагана барои навиштани калимаҳои пайдоиши ҷопонӣ (和 語 ー wago) истифода шуда, флексия ва лексикаи луғатҳои овозӣ-визуалӣ (擬 態 語 ー gitaigo) ва катакана дар навбати худ барои навиштани калимаҳои хориҷӣ (外来 語 ー gairaigo) корбурд шуда, инчунин калимаҳои ономатопеӣ (擬音語ーgiongo; 擬声語ーgiseigo) барои овози табиат ва садоҳои одамон, ҳайвоноту парандагон истифода мешаванд. Ин тарзи гурӯҳбандӣ имкон медиҳад, ки дар матн мувофиқи графика ономатопро интихоб кунед ва мансубияти гурӯҳҳои онҳоро муайян созед, ки ин барои шахсони хориҷие, ки забони ҷопониро меомӯзанд, афзалияти бебаҳо дорад.

Дар ҷадвали 2 мисоли як ономатопе カ チ カ チ ー kachikachi оварда шудааст, ки садои аз ашёи металлҳои сахт сохташуда ва ба ҳамдигар расонидани онҳоро нишон медиҳад. カ チ- kachi ядрои ономатоп аст, ки аз рӯйи формулаи CVCVCVCV маънои такрори тӯлонии ламсӣ бо ашёи металлиро дорад. カ チ カ チ ー kachikachi одатан барои чик-чики соат, тиқ-тиқ (тақ-тақ) кардан, қарс-қарс кардан ва ғайра истифода мешавад. Формулаи CVCVQ нишон медиҳад, ки садо як маротиба рух медиҳад. Бо ин роҳ, カチッ (kachi) садои расидан ба ягон ашёи оҳанинро мефаҳмонад. CVCVri дорои ҳамон хосиятҳое мебошад, ки CVCVQ дорад, аммо форманти «ri» маънои онро дорад, ки садои тавлидшуда назар ба ҳолати қаблӣ каме дарозтар тавсиф мешавад. Шакли CVCVN ғуввоси пурқуввати ашёи оҳанӣ нисбат ба ҳамдигарро ишора мекунад. CVQCVri нисбатан садои тӯлонӣ бо рангҳои иловагиро вобаста ба вазъ ифода мекунад.

Ҳолатҳое зиёданд, ки калимаи ономатопеӣ қобилияти хусусиятҳои тасвири садоӣ дошта метавонад. Масалан, カチカチ（kachikachi） маънои тасвири садоӣ ба таври мустақим тасвири шиддати асабро ба вуҷуд меорад ва инчунин қисми фразеологии カチカチ頭（kachikachi atama） мебошад, ки онро нисбати шахсе, ки ором аст, истифода бурдан мумкин аст [14, с.24].

Ҷараёни инкишофи маънои ономатопеӣ аз ҷониби форматҳо ва ҳиссачаҳои ёридиҳанда таъмин карда шудааст, ки онҳо инчунин ба ҳар яке аз шаклҳо хусусияти семантикии хос медиҳанд. Масалан, шакли CVCVCVCV такрори доимии овоз ё ҳаракатро ифода мекунад - ピ カピカ(pikapika)(дурахши пайваста). Шакли CVCVQ намуди лаҳзавии ногаҳонӣ - バ タッ(bata)（афтиши ногаҳонӣ) -ро ифода мекунад. Шакли CVCVri пурра ва ба марҳилаи ниҳоӣ овардани ашё ё ҳодиса - にたり（nitari)（шодии нақшаи бомуваффақият иҷрошаванда) -ро тавсиф мекунад. CVCVN аксар вақт нишон медиҳад, ки садои таҳияшаванда ба акси садо дода мешавад - ズ ドン(zudon)（садои тир). Шакли CVQCVri ҳамчун ташдид амал мекунад - ご っそりーgossori （гирифтан ё гум кардани шумораи зиёди хосиятҳо, сифатҳо ё ашёҳо).

Тавре ки дар боло қайд гардид, луғатҳои ономатопоэтикӣ дар забони ҷопонӣ дар соҳаҳои гуногуни забоншиносӣ, жанрҳо ва регистрҳои муошират нутқи шифоҳӣ, бадеӣ, ВАО, таблиғ ва ғайра истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, дар ҳама соҳаҳои забони ҷопонӣ, ономатопея аз сабаби функсияи васеи он татбиқи худро пайдо мекунад. Дар зер

намунаҳои истифодаи ономатопея дар баъзе соҳаҳои забон оварда шудаанд ва функсияҳои дар он ҷо иҷрошударо тавсиф мекунанд.

Масалан:

Духтур: どうしましたか。(doushimashitaka) Чӣ?

Бемор: 毎日頭痛くてよ。(mainichi, atama ga itaindesuyo) Ман ҳар рӯз дарди сар дорам.

Духтур: どのように痛くですか。(donoyouni itaindesuka) Чӣ тавр мекунад?

Бемор: 頭・・するんです。(atama ... surundesu) Сарам.. мекунад

ズキズキ(zukizuki) дарди дарози тапанда ズキンズキン(zukinzukin) дарди тирмонанд

ガンガン(gangan) дарди зуввосро ҳис кардан, аз дард садо ҳис кардан シクシク(shikushiku) дарди сусти озордиҳандаи давомдор キリキリ(kirikiri) дарди сахти давомдор [11, с.42].

Дар боло намунаҳое оварда шудаанд, ки баъзе воҳидҳои ономатопоэтикӣ табиати дардро, ки шахсе, ки ба назди духтур мурочиат мекунад, фарзан таҷриба мекунад, нишон медиҳанд. Дар ин ҳолат, ономатопея барои тавсифи ҳолати ҷисмонӣ беҳтарин аст, зеро онро ретсепторҳои шунаванда қабул мекунанд ва интермодалии ҳиссиётро фаъол мекунанд, ки ба воситаи гиранда (шахси маълумотгиранда) истифодакунандаи хотираи модӣ метавонад табиати дардро бо дақиқии мутлақ дарк кунад. Чунин таъсир тавассути механизме ба вуҷуд меояд, ки ҳангоми таҷдиди воҳидҳои ономатопоэтикӣ ба амал омада - интиқоли мустақими иттилооти ҳиссиётӣ ба воситаи забон бидуни тағйири он дар сатҳи консептуалӣ дида мешавад.

Соҳаи таблиғи ҷопон як мисоли аҷиб ва равшан дар истифодаи ономатопея аст. Таблиғи муосир бо ҳама гуна шиорҳо ва бастаҳои рангин бо истифодаи воҳидҳои сершумори калимаҳои тақлиди овоз ва тасвири садоӣ пур карда мешавад. Чунин калимаҳо дар таблиғот ҷойи хосро ишғол мекунанд, зеро онҳо як қатор вазифаҳоеро иҷро мекунанд, ки барои саноати таблиғот муҳимманд: бо истифода аз ҳуруфҳои дурахшон ва диққатҷалбкунанда, инчунин матнҳои фишурда барои интиқоли воситаҳои забон .

Ғизо:

1. わたぴち (watapachi) Бастаи тарканда;

わたぴち (watapachi) як ғизои маъмул дар Ҷопон аст, ки дар дохили он пахтақандҳои бо тамъи харбуза ва карамелҳои "тарканда" мебошанд. Дар он бастабандии маҳсулот ду ономатоп истифода шудааст ва ядрои он ономатопеи パチ (pachi) мебошад Ономатопея パチパチ(pachipachi) маънои шикастани такрорӣ, дурахшидан ва пора кардани объектҳои хурдро дорад. Дар ин ҳолат, パチパチ(pachipachi) садои карамелро дар даҳон қарс-қарс мазза додан аст. Боз як калимаи тақлиди овоз シュワシュワ(shuwashuwa, маъноаш боғувват садо додан ва дар муддати тӯлонӣ ба рӯйи газ баромадани моеъ мебошад [11, с.29].

2. 東京さくさくチーズケーキ(Tokyo sakusaku chi:zukeki) Кандани қирс-қирскунандаи Токиогӣ;

Таблиғ барои ширинихои Аврупо, ки ҳамеша дар Ҷопон талабот доранд, инчунин ономатопеяро дар бар мегирад. Ономатопеяи さくさく (sakusaku) садои сабуки дар зери дандон қирс-қирскунандаро мефаҳмонад.

Ҳамин тариқ, калимаи тасвири садоии さくさく (sakusaku) садои обшудани кулчақанд дар даҳонро мефаҳмонад.

Маҳсулоти косметикӣ:

1. つるつるの素肌 !(tsurutsuru no bihada) Дурахши пӯсти зебо!

Яке аз ономатопее, ки дар бастаҳои маҳсулоти нигоҳубини пӯст хуб истифода мешавад. Ин воҳиди лексикӣ ҳамвории сатҳи дурахшон ва дурахши солим дар пӯстро ифода мекунад.

2. ポロポロ角質落ち!クリア!!(poroporo kakushitsu ochi! kuria!!) Дар куштан! чашмони шумо ҳуҷайраҳои пӯсти мурда об мешаванд! Пӯст пок аст!!

Чунин навиштаҷотҳоро дар бастаҳои пӯсти рӯй дидан мумкин аст, ки барои аз байн бурдани қабати шахшӯлшудаи пӯст тарҳрезӣ шудааст, то пӯст ҷавон ва солим боқӣ монад. Маънии ポロポロ(poroporo) афтиши тӯмонии зарраҳо ё лахтаҳои хурд, ки одатан бо феъли 落ちる(ochiru) истифода мешавад

Гарчанде ки дар матнҳои таблиғотии ғарбӣ тамоюли истифодаи ономатопея танҳо маъруфият пайдо мекунад, дар Ҷопон ономатопея як зуҳуроти ҳамарӯза дар таблиғ аст. Чунин лексика бо сабаби фишурдагӣ, экспрессивӣ ва хусусиятҳои графикӣ, ки диққати истеъмолкунандагонро ба худ ҷалб мекунад, ба талабот беҳтар ҷавобгӯ мебошанд [14, с.22].

Тавре ки аз мисолҳо дида мешавад, омӯхтани луғати ономатопоэтикӣ на танҳо душвор аст, балки барои тарҷумонҳо як вазифаи хеле мушкил аст, зеро дар маҷмӯъ, он ба синфи луғати беэквивалентӣ тааллуқ дорад. Аммо, ба тарҷумон, ки бо дигаргуниҳои тарҷума моҳирона амал мекунад, бо кумаки забони тоҷикӣ расондани калимаҳое, ки ба назар ғайриодӣ менамояд, душвор аст. Омӯзандагони забони ҷопонӣ бояд ба ин ҷанбаи забоншиносӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кунанд, зеро ономатопея ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги ғанӣ ва тарзи тафаккури Ҷопон аст. Масалан:

Якчанд мисолҳо доир ба гурӯҳҳои дар боло зикршуда:

1. 彼は道をとぼとぼ歩いていました。(kare ha michi wo **tobotobo** aruiteimashita) - Вай дар кӯча калавида роҳ мерафт. 擬容語 (giyougo- ҳаракат ва ҳолати рӯҳии инсон) [15, с.1533].
2. ひそひそ話なで言ったことがあったら、言ってください。**Hisohiso** hanasanaide, iitai kotoga attara, ittekudasai) – Бо овози паст гап назада, агар ягон сухан гуфтан хоҳӣ, марҳамат гап зан. 擬音語(giseigo- овози одамон, парандагон ва ҳайвонот).
3. 雨がザーザ降ってきよ。(Ame ga **za-za-** futtekitayo.) - Борон сахт борида омад. 擬音語 (giongo – овози табиат).
4. 星がキラキラしてる。(Hoshi ga **kirakira** shiteiru.) – Ситора дурахшида истодааст. 擬態語 (gitaigo – ҳаракат, ҳолат ё намуди зоҳирии ягон чиз).
5. かれは一日中いらいらしていました。(Kare ha ichinichichuu **iraira** shiteimashita.) - Вай рӯзи дароз хашмгин буд. 擬情語 (gijougo - ҳолати равонии шахс ё изҳори эҳсоси дард).

Муқарриз: ***В.Саидзода*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДЗТ ба номи С.Улуғзода.

А Д А Б И Ё Т

1. Лаврентьев Б.П. Современный японско- русский словарь / Б.П. Лаврентьев, Л.А. Немзер, Н.А. Сыромятников. - Москва, 2004. – 242 с.
2. Японско-русский словарь. EJLookup. ginkage@yandex.ru., http://warodai.ru
3. Лаврентьев, Б.П. Практическая грамматика японского языка / Б.П. Лаврентьев. – Москва: Живой язык, 2005. – 401с.
4. Подшибякина А.А. Ономатопоэтическая лексика в японском языке: Учеб. пособие (МГУ им. М.В.Ломоносова) / А.А. Подшибякина. - М.: Муравей, 2003. – 143 с.
5. Румак Н.Г., Зотова О.П. Толковый японско-русский словарь ономатопоэтических слов / Н.Г. Румак, О.П. Зотова. - М.: МОНОГАТАРИ, 2012. – 632 с.
6. Чиноров С.В. Ономатопоэтические слова в современном японском языке: проблемы функционирования: дис. …канд. филол. наук / С.В. Чиноров. - М., 2004. -162 с.
7. 7.Веб- сайт– krakozyabr.ru 2010/10.
8. 8.M. Hayase Eigoyaku o tooshite mita nihongo no giseigo no tokucho: (Особенности звукоподражательных слов японского языка с точки зрения их перевода на английский язык) // Kansai gaikokugo daigaku kenkyu: ronshu:, 1978-9, №28, pp. - 117-127c.
9. R. Horii Giongo-gitaigo no gengogaku (Звукоподражательные и звукоизобразительные слова в лингвистике) // Nihongogaku, 1986, vol 5, №7, pp. - 4-12c.
10. 日本語の漢字 –Бишкек, 2002. - 615с.
11. 清ルミ日本人がよく使う日本語会話オノマトペ基本表現１８０. - Japan, 2018. – 401 с.
12. 擬音語、擬態語 さとる あくつ. - Japan, 1994. – 14 с.
13. いのせ H. 日本語のオノマトペ と 通訳. Universidad de Granada, Spain, 2008. – 322с.
14. 日本語のオノマトペ. Ochanomizu University, 2012. – 57с.
15. 新村 出 “広辞苑” . - Japan, 1967.
16. ながみち M. 擬音語・擬態語. - Tokyo, 1991. – 149 с.

ОИД БА БАЪЗЕ ГУРӮҲҲОИ СЕМАНТИКИИ КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДИ ОВОЗ ДАР ЗАБОНИ ҶОПОНӢ

Дар мақолаи мазкур калимаҳои тақлиди овоз ва истифодабарии он дар забони ҷопонӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф оид ба калимаҳои тақлиди овоз ва намудҳои он, хусусиятҳои ифодаёбӣ, тафовути байни гурӯҳҳо маълумот дода, мавқеъ ва ифодаёбии калимаҳои тақлиди овозро дар забони ҷопонӣ шарҳу тавзеҳ медиҳад. Инчунин, роҳҳои сохта шудани калимаҳои тақлиди овоз дар забони ҷопонӣ бо ёрии алифбои ҳирагана ва катакана мавриди таҳлил қарор гирифта, тафовути онҳо дар сохтори ҷумлабандӣ ва сохтори грамматикии онҳо таҳлил ва шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Қайд гардидани калимаҳои тақлиди овози забони ҷопонӣ, ба 5 гурӯҳ тақсим шудани онҳо, сохтори ҷудогона ва маънои хосси худро доро будан аз ҷониби муаллиф шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Ҳамчунин дар мақола таҳлил гардид, ки дар гурӯҳҳои дар боло зикршуда, аз ҷиҳати семантикӣ як калима метавонад ифодагари бештар аз панҷ категорияи семантикӣ бошанд, ки мо инро муаллиф дар рафти кори худ ба хубӣ тавонист анҷом бидиҳад. Ҳамзамон ҳангоми таҳлилу тавсиф намудани калимаҳои тақлиди овоз мо аз қабати фонетикии ин гурӯҳи

калимаҳо огаҳӣ пайдо намуда, тафовути байни онҳоро низ мавриди таҳлил қарор додем. Дар асоси маводҳои дардастдошта аниқ гардид, ки калимаҳои тақлиди овоз дар лексикаи забони ҷопонӣ аҳаммияти махсус дорад. Ва маълум гардид, ки ҷопониҳо бо обуранг додани нутқи худ аз ин гуна калимаҳо ба хубӣ истифода мебаранд. Қайд кардан ба маврид аст, ки калимаҳои тақлиди овозро дар Ҷопон дар нутқи хурду бузург вохӯрдан мумкин аст. Масъалаи гурӯҳбандӣ ва ба гурӯҳҳо тақсим шудани калимаҳои тақлиди овоз дар забони ҷопонӣ аз ҷониби муаллиф таҳлилу тавсиф гардида, ҷиҳати сермаҳсул будани се гурӯҳ, ки онҳо擬音語giongo), 擬声語giseigo) ва擬態語 gitaigo) мебошанд дар оянда азӯ талаб менамояд ки боз амиқтар ба таҳлилу тадқиқ машғул гардад.

Калидвожаҳо: гурӯҳ, калима, овоз, семантика, забони ҷопонӣ, ономатопоэтикӣ, садо, шакл, тасвири садоӣ, ҳиссиёт, садои табиӣ, категория, ҳолат, лексика.

О НЕКОТОРЫХ СЕМАНТИЧЕСКИХ ГРУППАХ СЛОВ, ИМИТИРУЮЩИХ ЗВУК В ЯПОНСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье изучаются и анализируются слова имитации звука и их использование в японском языке. Автор дает информацию о подражании и его типах, особенностях выражения, различиях между группами, объясняет положение и выражение слов подражания в японском языке. Также были проанализированы способы построения имитационных слов в японском языке с помощью алфавитов хирагана и катакана, а также проанализированы и объяснены их различия в структуре предложения и грамматической структуре. Автор поясняет, что слова, имитирующие звучание японского языка, делятся на 5 групп, имеют свою структуру и определенное значение. В статье также анализируется, что упомянутые выше группы, слов могут представлять более пяти семантических категорий, что мы смогли показать в ходе нашей работы. Вместе с тем, в процессе работы, анализируя и описывая слова, имитирующие звук, мы осознали фонетический строй этой группы слов и проанализировали различия между ними. На основании имеющихся материалов выяснилось, что слова, имитирующие звук, в лексике японского языка имеют особое значение. И оказалось, что японцы хорошо используют такие слова, раскрашивая свою речь. Стоит отметить, что слова, имитирующие звук, можно встретить в японском языке в большом и маленьком отрезли речи. Вопрос классификации и разделения имитационных слов в японском языке на группы был проанализирован и описан авторами, и для того, чтобы быть продуктивным, в будущем потребуются три группы ки 擬音語 giong擬 声語(giseigo) и擬態語(gitaigo) для дальнейшего анализа и исследования

Ключевые слова: группа, слово, голос, семантика, японский язык, звукоподражание, звук, форма, звуковой образ, эмоция, естественный звук, категория, падеж, лексика.

ON SOME SEMANTIC GROUPS OF WORDS IMITATING SOUND IN JAPANESE

In this article, the words of imitation of sound and its use in the Japanese language are studied and analyzed. The author gives information about the words of imitation and its types, features of expression, differences between groups, explains the position and expression of words of imitation in Japanese. Also, the ways of constructing imitation words in the Japanese language with the help of hiragana and katakana alphabets were analyzed, and their differences in sentence structure and grammatical structure were analyzed and explained. The author explains that the words imitating the sound of the Japanese language are divided into 5 groups, have their own structure, and have a specific meaning. The article also analyzes that the groups mentioned above, semantically, a word can represent more than five semantic categories, which we were able to do well in the course of our work. At the same time, in the course of our work while analyzing and describing the words imitating the sound, we became aware of the phonetic layer of this group of words and analyzed the differences between them. Based on the materials available, it became clear that the words imitate the sound in the lexicon of the Japanese language has a special significance. And it turned out that the Japanese make good use of such words by coloring their speech. It is worth noting that the words imitating the sound can be seen in Japanese in large and small speech. The issue of classification and division of imitation words in Japanese into groups has been analyzed and described by the authors, and in order to be productive, the three groups擬音語 giongo), 擬声語(giseigo) and 擬態語(gitaigo) in the future are required. , to be further analyzed and researched.

Key words: group, word, sound, semantics, Japanese language, onomatopoeic, sound, form, sound image, emotion, natural sound, category, case, vocabulary.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримова Маҳина Рустамовна*** **–** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. E-mail:**mahima8926@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-51-48-60**

Сведения об авторе: ***Каримова Махина Рустамовна*** - Таджикский государственный институт языков им.С.Улугзода, старший преподаватель кафедры восточно и южноазиатской филологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail:**mahima8926@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-51-48-60**

Information about the author: ***Karimova Mahina Rustamovna*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, senior Lecturer of the Department of East and South Asian Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str., Muhammadiev 17/6. E-mail:**mahima8926@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-51-48-60**

УДК: 42 : 491. 550

МАХСУСИЯТҲОИ ЗАБОНӢ ДАР ТАРҶУМАИ МАТНҲОИ ГУНОГУНСОХТИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Наҷмиддинов А.Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асри XX1 дар фазои иттилоотии инсоният мушкилоти навро пеш оварда. Тараққиёти васоитҳои ахбори омма нақши тарҷумаро дар ҳаёти инсоният бемайлон афзуд. Имрӯзҳо робитаҳои тарҷумонӣ тақрибан тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро фаро мегиранд. Гардиши иттилоот ҳудуд, вақт ва фазоро ба назар намегирад. Гуногунрангии бепоёни ҷаҳони муосир тавассути ВАО дар ҳангома ва тафсири хабарҳо бо иштироки сершумори раванди иттилооти байналмилалӣ - рӯзноманигорон, мухбирон, шореҳон, наворбардорон интиқол дода мешавад. Аз ин рӯ, аҳаммияти фаъолияти тарҷума пайваста афзуда, дар баробари он мушкилоти тарҷума низ ба миён меояд. Шиддат ёфтани мушкилоти забон, ҷустуҷӯи усулҳои нави ҳалкунандаро талаб менамояд. Агар фаъолияти тарҷумонии қаблӣ танҳо дар иртибот бо тарҷумаи бадеӣ маҳдуд мегардид, имрӯз ҷойгоҳи торафт муҳимтарро касб кардааст, ки аз ҷиҳати ҳаҷм тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсоният, аз қабили тарҷумаи матнҳои дорои хусусияти махсус, иттилоотӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Имрӯз тарҷума дар ҷомеаи муосир нақши боз ҳам муҳимтар дорад, зеро тавассути он инсоният метавонад доираи ҳамкориҳои байналмилалиро васеъ намуда, дар шароити ҷаҳонишавӣ арзишҳои фарҳангию маънавии миллии худро муаррифӣ ва ё ҳифз намояд. Бо шарофати тарҷума, аниқтараш тарҷумонҳо, мо имкон дорем тамоми дунёро бишносем, дар соҳаҳои гуногун ҳамкорӣ намоем ва дар фазои умумӣ зиндагӣ кунем. Нақши тарҷума дар ҷомеаи имрӯза бепоён аст, зеро дар ҷаҳони муосир тиҷорат кардан на танҳо бо ҳамватанони худ, балки бо намояндагон ва ширкатҳои хориҷӣ низ одат шудааст, ки ин ҳам дар аксари маврид бе тарҷумон ва ё бе тарҷума ғайри имкон аст.

Имрӯзҳо талабот на танҳо ба тарҷума ва сифати он, балки нисбати худи тарҷумонҳо низ зиёд шудааст. Тарҷумони муосир бояд дорои як қатор сифатҳо, аз қабили масъулият, дониши мукаммал, фарҳанги баланд ва дарки нозукиҳои забони асл ва забони тарҷума бошад.

Дар айни замон, вазифаи асосии тарҷума иттилоотӣ ё коммуникатсионӣ мебошад, бинобар ин, тарҷума воситаи фароҳам овардани имконият барои муошират байни одамоне мебошад, ки бо забонҳои гуногун гап мезананд. Аз ин рӯ, барои назарияи тарҷума, маълумоти забоншиносии коммуникатсионӣ дар бораи хусусиятҳои раванди муошират нутқӣ, вижагиҳои амалҳои нутқи мустақим ва ғайримустақим, робитаи байни маъноии ифодаёфта ва ифоданаёфта дар гуфтор ва матн, таъсири контекст, фаҳмиши матн ва дигар омилҳо ба назар гирифта шавад [3, с.98].

Дарки матни забони хориҷӣ маҳорати душворест, ки омодагии хубро талаб мекунад. Ҳатто донистани грамматика ва луғат ҳангоми тарҷума ба натиҷаи аъло кафолат дода наметавонад. Мушкилот дар тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бо сабабҳои гуногун аз қабили муайян намудани маънои калима то нодуруст дарк кардани сохтори синтаксисии ҷумла ба миён омада метавонанд.

Вазифаи асосии ҳар як тарҷумон аз он иборат аст, ки матни ба нусхаи асл мувофиқро ба қадри имкон аз ҷиҳати маъно ва услуб омода намояд. Аммо ҳар як забон хусусиятҳои хосси худро дорад, аз ин рӯ, дақиқ баён намудани нозукиҳои маъно душвор буда метавонад.

Як қатор номҳои англисӣ шакли кӯтоҳ доранд, ки ҳангоми тарҷума метавонад барои тарҷумон мушкилӣ эҷод намояд. Барои мисол Роберро дар доираи дӯстон метавон Bob, Rob ва ё Robbie ном бурд. Аммо ҳангоми муроҷиат агар Роберт дӯсти нави Шумо бошад, пеш аз истифодаи шакли кӯтоҳи ном бояд аз ӯ пурсид, ки кадом шакли кӯтоҳашро ӯ барои худ мақбул медонад. Ба ҷойи номи William метавон Bill ё Billie, ба ҷойи James - Jim, Jimmie, Jamie ё Jack-ро истифода намуд. Дар чунин ҳолат бояд дар хотир дошт, ки шахсро бо номи нодуруст садо намудан метавонад боиси хафагӣ ва озурдагии ӯ гардад. Баъзе исмҳои ҷинс дар забони англисӣ каме шакли навозишӣ доранд: dog - doggie, cat - kitty,

вале дар бисёр ҳолатҳо истифодаи онҳо эҳтиёти махсусро талаб менамояд. Барои мисол одамони калонсол нисбати ҳайвони дӯстоштаашон метавонанд horsie ба ҷойи horse истифода намоянд. Кӯшиши тарҷумаи калимаҳои навозишдори русӣ (чашечка, ложечка, ребеночек) метавонад англисзабонро ба ханда оварад, зеро дар забони англисӣ ифодаҳои a little spoon ва ё a little cup of coffee вуҷуд надорад. Тарҷумаи ҳарфоҳарфи вожаҳои русии "милая, дорогуля, ласточка, солнышко" ва ё "лапочка" дар забони англисӣ имкон надорад. Агар духтари англисро girlie ном барем ӯ метавонад инро ҳамчун таҳқир қабул намояд ё ибораҳои ба монанди the dear little one нисбат ба духтар метавонад хандаовар бошад, агарчи эквиваленти он дар забони русӣ қобили қабул аст. Дар забони англисӣ ба монанди забони тоҷикӣ азизам, асалак, ҷонак ва ҷигарак (dear, honey, sweetheart, darling) метавонад истифода гардад. Дар забони англисӣ барои ифода кардани навозиш дар баъзе ҳолатҳо метавон аз пасвандҳои: - y, ling, - let, - kin, - et, - ette, - icle истифода намуд: Солнышко, офтобак - sunny; кухонька, ошхонача – kitchenette [15, с.85].

Пӯшида нест, ки тарҷума яке аз равандҳои басо мураккаб ба шумор рафта, дар ҳайти имрӯза бештар мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегирад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми тарҷумаи маводҳои забон англисӣ ба тоҷикӣ ва ё баръакс, як қатор нофаҳмиҳои грамматикӣ пеш меояд, ки тарҷумони пуртаҷриба бояд аз уҳдаи он сарбаландона барояд.

Барои мисол метавон баъзе аз он номувофиқатҳои грамматикиро низ пешниҳод намуд:

Забони англисӣ аз ибораҳои идиоматикӣ, зарбулмасалу мақолҳо хело бой аст ва метавон истифодаи онро доимо дар адабиёт, рӯзномаҳо, филмҳо, барномаҳои радио ва телевизион, инчунин дар суҳбатҳои ҳамарӯзаи англисҳо, амрикоиҳо, канадагиҳо ва австралиягиҳо хуб мушоҳида намуд. Ибораҳои забони англисӣ хеле гуногун ва барои омӯзандагони забон аз ҳар ҷиҳат душвор мебошанд. Бояд қайд намуд, ки ягон забоне мавҷуд нест, ки дар он умуман ибораҳои фразеологӣ, зарбулмасал ва мақолҳо набошанд. Аммо дар забони англисӣ истифодаи ибораҳо фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо нисбат ба дигар забонҳо бештар ба назар мерасад [3, с.67].

Зарбулмасалу мақолҳо як ҳиссаи ҷудонашавандаи фолклор буда, фарҳанг, зиндагӣ, тарзи тафаккур ва хислати мардумро инъикос мекунанд.

Зарбулмасалу мақолҳо гуногунанд ва онҳо аз фазои вақт берун буда, новобаста аз он ки мо дар кадом замон зиндагӣ мекунем онҳо ҳамеша боқӣ мемонанд. Дар зарбулмасалу мақолҳо таҷрибаи бойи таърихии мардум, ғояҳои марбут ба кор, зиндагӣ ва фарҳанги одамон инъикос карда мешаванд. Истифодаи дуруст ва мувофиқи зарбулмасалу мақолҳо ба нутқ асолати беназир ва ифодаи вежагии махсус медиҳад. Ҳангоми тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳо тарҷумон бояд аз таъриху фарҳанги забонҳои А ва Б (яъне забони асл ва забони тарҷума) хуб бархӯрдор бошад.

There is no place like home.

East or West home is best.

У гостях хорошо, а дома лучше.

Хоки ватан аз тахти Сулаймон беҳтар.

Дар ду мисоле, ки дар боло бо забонҳои англисӣ пешниҳод намудем, дар ягон лаҳза номи «Сулаймон» қайд нашудааст, вале дар тарҷумаи тоҷикӣ зирк гардида мешавад. Агар мисоли дар боло қайдкардаро бо забони англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ муқоиса намоем, маълум мешавад, ҳама як маъно дошта, дар тарҷумаи таҳтулафзӣ хусусиятҳои қофиясозии худро гум менамояд. Аз ин лиҳоз, тарҷумон бояд дар чунин ҳолат аз тарҷумаи таҳтулафзӣ даст кашида, усули муодили тайёрро истифода намояд [4, с.52].

англ. When two Sundays come together.

Тоҷ. Вақте, ки осмон ба замин расад.

рус. Когда луна с солнцем встретится.

Тоҷ. Аз сар оби ҷӯш (хунук) рехтан.

рус. Мурашки по спине.

англ. send a (cold) shiver down smb’s back (spine).

тоҷ. Ғубори (дарди) дил.

рус. Камень с души.

англ. lift a load from smb’s mind.

Масъалаи дигаре, ки бештар дар раванди тарҷумаи забони англисӣ ба тоҷикӣ ва ё баръакс мушоҳида мешавад, ин пуркунандаи мураккаб дар забони англисӣ мебошад. Дар забони англисӣ пуркунандаи мураккаб хусусияти хос дошта, баъди феълҳои (to watch, to notice, to see, to hear) меояд. Барои мисол: *Ман дидам, ки вай чӣ хел суруд мехонд. I saw him singing.* Яъне, дар ин тарҷума агар мо муқоиса намоем калимаи «чӣ хел» тарҷума намешавад. Дар чунин мавридҳо донишҷӯён ва тарҷумонҳо хатогиҳои хеле зиёд менамоянд.

I noticed them going out.

Ман мушоҳида намудам, ки онҳо чӣ хел ба берун рафтанд.

We watched them playing football.

Мо дидем, ки онҳо чӣ хел футбол бозӣ мекарданд.

Дар тарҷумаи ҷумлаҳои саволӣ, хабарӣ ва дигар шакли ҷумла низ, барои шахсоне, ки забони англисӣ забони модарии онҳо нест, аксар вақт нофаҳмӣ ба миён меояд, зеро тартиби калима дар ҷумла дар забонҳои муқоисашаванда як хел ба назар намерасад [4, с.48].

Мисол: Онҳо дар бораи чӣ гап мезананд?

What are they talking about?

Соати чанд мо во мехӯрем?

What time will we meet at?

When were diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and Russian Federation established?

Кай муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия таъсис ёфт?

Аз рӯйи қоида дар забони тоҷикӣ аввал муайяншаванда ва баъд муайянкунанда меояд, вале дар забони англисӣ бошад баръакс:

Ман як **себи сурх** дорам.

I have **a red apple**.

Ба ман хонаи калон маъқул аст на хонаи хурд.

I like a big house not a small house.

Дар забони англисӣ бештари калимаҳо агар ба вазифаи исм оянд, дигар маъно ва дар вазифаи феъл оянд маънои тамоман дигар мегиранд, ки ин равандро ***конверсия*** меноманд. Гузариши калимаҳо аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ низ барои дарки матн дар бештари мавриди монеа мешавад [8, с.12].

Мисол: face - рӯй, to face – вохӯрдан,

Hand – даст, to hand – тақдим намудан,

Book – китоб, to book – банд кардан,

You have a beautiful **face /** I **faced** my friend in the street yesterday.

I have it in my **hand /** the teacher **handed** me the book.

The **book** is very interesting **/** I **booked** two tickets to Moscow.

Увилям Шекспир яке аз ихтироъкорон ва ё вожасозони забони англисӣ ба ҳисоб мерафт, ки усули мақбули ӯ истифодаи конверсия буд: вай вожаҳои дар забони англисӣ мавҷудбударо гирифта, ба вазифаи дигар ҳиссаҳои нутқ кор мефармуд.

Махсусан, қайд кардан лозим аст, ки аввалин шуда Шекспир исмҳои **cake, hinge, blanket, elbow, champion, humor, lapse** ва **petition** –ро ба вазифаи феъл истифода намуд. Ҳангоми ба забон овардани ибораҳои **elbow someone out of the way** (касеро аз роҳ тела додан) ё **champion someone's rights** (аз ҳуқуқи касе дифоъ кардан) барои донандагони забони англисӣ, Шекспир ба хотирашон меояд.

Даҳсолаҳо пеш мо мушоҳида менамудем, ки мардум ***"I've just sent you an email"(Ман, аллакай, ба Шумо мактуби электронӣ равон кардам)*** **мегуфтанд**, вале имрӯзҳо мардум бештар ***"I've just emailed you"*** **мегӯянд**. Яъне, исми **an email** дар натиҷаи конверсия дар замони муосир феъли **to email** – ро ба бор оварад.

Чи тавре ки ба мо маълум аст, ду лаҳҷаи хеле паҳнгаштаи забони англисӣ дар замони муосир амал карда истодааст, ин ҳам бошад лаҳҷаҳои амрикоӣ **AmE** ва британиёгии **BrE** забони англисӣ мебошад. Лаҳҷаҳо на танҳо бо талаффуз, балки дар имло, грамматика ва аз нигоҳи маъноӣ низ гоҳо фарқият дорад. Тарҷумонро лозим меояд, ки аз нозукиҳои ин ду лаҳҷа хуб бархӯрдор бошад, зеро ин метавонад дар тарҷумаи вай халали ҷиддӣ ворид намояд.

I am getting mad. (American)

I am getting angry. (English)

Дар лаҳҷаи амрикоӣ калимаи «mad» маънои ғазабнок шуданро дорад ва дар лаҳҷаи британиёгӣ маънои девонаро. Дар чунин ҳолат Амрикоиҳо девонаро «crazy» мегӯянд.

Дар талаффузи садонокҳо низ дар лаҳҷаҳои амрикоӣ **AmE** ва британиёгии **BrE** забони англисӣ бисёр тафовут дида мешавад:

Талаффузи овози «u» дар лаҳҷаи амрикоӣ [uː] ва дар лаҳҷаи британиёгӣ бошад каме муолимтар [juː] ба гӯш мерасад [15, с.45].

Мисол: duty — BrE [ˈdʒuːti] vs. AmE [ˈduːt̬i]

new — BrE [njuː] vs. AmE [nuː]

tune — BrE [tjuːn] vs. AmE [tuːn]

Агар баъди садоноки «a» дар лаҳҷаи британиёгӣ дилхоҳ ҳамсадо ояд [ɑː] талаффуз мешавад, чунин ҳолат дар лаҳҷаи амрикоӣ бошад бештар чун овози [æ]-ро медиҳад:

ask — BrE [ɑːsk] vs. AmE [æsk]

bath — BrE [bɑːθ] vs. AmE [bæθ]

last — BrE [lɑːst] vs. AmE [læst]

after — BrE [ˈɑːftə] vs. AmE [ˈæftɚ]

Дар қисмати имло низ бисёр калимаҳо дар лаҳҷаҳои муқоисашаванда фарқияти зиёд доранд, аз ин хотир, муҳаққиқон ва тарҷумонҳо бояд онҳоро хуб донанд:

BrE: - colour, humour, neighbour, behaviour, labour, favourite, honour, centre, litre, theatre, spectre, metre, pretence, defence, offence.

AmE: - color, humor, neighbor, behavior, labor, favorite, honor, center, liter, theater, specter, meter, pretense, defense, offense.

aluminium (BrE) — aluminum (AmE)

analyse (BrE) — analyze (AmE)

catalogue (BrE) — catalog (AmE)

cheque (BrE) — check (AmE)

jewellery (BrE) — jewelry (AmE)

pyjamas (BrE) — pajamas (AmE)

programme (BrE) — program (AmE)

tyre (BrE) — tire (AmE)

traveller (BrE) — traveler (AmE)

whisky (BrE) — whiskey (AmE)

Дар варианти британиёгии забони англисӣ вақте ки сухан атрофии амали гузаштаи ба ҳозира алоқаманд меравад замони Present Perfect (ҳозираи мутлақ) истифода мешавад, вале дар чунин маврид дар варианти амрикоӣ ҳам Present Perfect (ҳозираи мутлақ) ва ҳам Past Simple (гузаштаи номӯайян) истифода мешавад [4, с.75].

Мисол: I have lost my keys (BrE) vs. I lost my keys (AmE) — Ман калидамро гум кардам.

He has gone home (BrE) vs. He went home (AmE) — Вай ба хона рафт.

Дар лаҳҷаи амрикоии забони англисӣ бештар калимаи «like» ба ҷойи калимаҳои «as if» ва ё «as though» кор фармуда мешавад [5, с.36].

Мисол: She looks as if she won the prize (BrE) vs. She looks like she won the prize (AmE) — Вай чунин ба назар менамояд, ки ҷоизаро ғолиб шуда бошад (Она выглядит так, будто выиграла приз).

Тарҷумони муосирро лозим меояд, ки хуб аз табиати лаҳҷаҳои гуногуни забони англисӣ бархӯрдор буда, дарк намояд, ки ҳамсуҳбати ӯ бо кадом лаҳҷа ҳарф зада истодааст, зеро баъзе вожаҳо дар лаҳҷаҳои британиёгӣ ва амрикоӣ як ранг истифода намешавад.

Мисол: autumn (BrE) – fall (AmE) — тирамоҳ

barrister (BrE) — lawyer (AmE) — адвокат

bill (BrE) — check (AmE) — расид

block of flats (BrE) — apartment building (AmE) — хонаи истиқоматӣ

crossroads (BrE) — intersection (AmE) — чорроҳа

curtains (BrE) — drapes (AmE) — парда

engaged (BrE) — busy (AmE) — банд будан (хати телефон)

engine (BrE) — motor (AmE) — муҳаррик

film (BrE) — movie (AmE) — филм

flyover (BrE) — overpass (AmE) — эстакада

fortnight (BrE) — two weeks (AmE) — ду ҳафта
garden (BrE) — yard (AmE) — ҳавлӣ, боғча
handbag (BrE) — purse (AmE) — сумкаи занона
high street (BrE) — main street (AmE) — кӯчаи асосӣ
holiday (BrE) — vacation (AmE) — истироҳат, рухсатӣ
jug (BrE) — pitcher (AmE) — кӯза
lift (BrE) — elevator (AmE) — лифт
lorry (BrE) — truck (AmE) — мошини боркаш
mad (BrE) — crazy (AmE) — девона
motorway (BrE) — highway (AmE) — шоҳроҳ
pavement (BrE) — sidewalk (AmE) — пайроҳа
post (BrE) — mail (AmE) — почта
pub (BrE) — bar (AmE) — майкада
queue (BrE) — line (AmE) — навбат
railway (BrE) — railroad (AmE) — роҳи оҳан
return ticket (BrE) — round trip (AmE) — чипта «рафту омад»
rubbish (BrE) — garbage (AmE) — партов
shop (BrE) — store (AmE) — мағоза
timetable (BrE) — schedule (AmE) — ҷадвал (дарсӣ, корӣ)
tin (BrE) — can (AmE) — банкаи консерва
zed (BrE) — zee (AmE) — ҳарфи Z (дар алиффбо)

Пас аз таҳлилу омӯзиш метавон хулоса намуд, ки чунин тафовут ва номувофиқатҳо дар тарҷумаи забони англисӣ бо дигар забонҳо бисёр ба назар мерасад, зеро ҳама забонҳо хусусиятҳои хосси худро дошта, аз ҳар ҷиҳат аз якдигар фарқ мекунанд. Тарҷумони муосирро лозим меояд, ки тамоми паҳлуҳои забони англисиро омӯхта, инчунин аз таърихи пайдоиши ибораҳо, ҷумлаҳо ва зарбулмасалу мақолҳо низ хуб огаҳ бошанд. Бидуни дониши амиқи фонетикӣ, грамматикӣ, лексикологӣ ва услубшиносӣ тарҷумон наметавонад фаъолияти худро хуб пеш барад, зеро гузоштани нодурусти ҳатто як аломати китобатӣ ва ё талаффузи як овози нодуруст боиси дигар шудани мақсад мегардад.

Муқарриз: ***Исмоилзода Э.С.*** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С. Язык и перевод / Л.С. Бархурдаров. – М.: Высшая школа, 1975. – 350 с.
2. Влахов С. Непереводимое в переводе / С. Влахов, С. Флорин. – М.: Международные отношения, 2005. – С.117.
3. Гурычева М.С. Трудности перевода с французского языка на русский / М.С. Гурычева. – М.: Наука, 1986. – 346 с.
4. Bloch M.Y. A course in Theoretical English Grammar / M.Y. Bloch. – M.: Pravda, 2000. – 265 c.
5. Crystal D. English as a Global Language / D. Crystal. - Cambridge: University Press, 1997. – 540 p.
6. Ильиш Б.А. Строй современного английского языка / Б.А. Ильиш. – Л.: Просвещение, 1971. - 365 с.
7. Комиссаров В.Н. Современное переводоведение / В.Н. Комиссаров. - Москва, 2001. – 245 с.
8. Наджмиддинов А.Ф. Классификация новой лексики в таджикской и английской лексикологии / А.Ф. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2014. - № 4/2 (133). - С.91-95.
9. Наджмиддинов А.Ф. Типы неологизмов по виду языковых единиц / А.Ф. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2014. - № 4/6 (146). - С.145-147.
10. Наджмиддинов А.Ф. Терминология туризма в разноструктурных языках / А.Ф. Наджмиддинов, Т.Д. Шозимова // Вестник института языков. – Душанбе, 2019. - № 4(36). - С.18-23.
11. Najmiddinov A.F. English for diplomats / A.F. Najmiddinov. - Dushanbe: Ashurion, 2017. – 368 p.
12. Рустамов Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров. - Душанбе: Дониш, 1986. - 371 с.
13. Стрелковский Г.М. Научно-технический перевод / Г.М. Стрелковский, Л.К. Латышев. – М.: Просвещение, 1980. – 223 с.
14. Усмонов К.У. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К.У. Усманов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2006. - 131 с.
15. Швейцер А.Д. Теория перевода: статус, проблемы, аспекты / А.Д. Швейцер. – М.: Наука, 2003. – С.44.

МАХСУСИЯТҲОИ ЗАБОНӢ ДАР ТАРҶУМАИ МАТНҲОИ ГУНОГУНСОХТИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур роҷеъ ба махсусиятҳои забонӣ дар тарҷумаи матнҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ мураттаб гардидааст. Ба ақидаи муаллиф тарҷума дар ҷомеаи муосир нақши боз ҳам муҳимтар дорад, зеро тавассути он инсоният метавонад доираи ҳамкориҳои байналмилалиро васеъ намуда, дар шароити ҷаҳонишавӣ арзишҳои фарҳангию маънавии миллии худро муаррифӣ ва ё ҳифз намояд. Бо шарофати

тарҷума, аниқтараш тарҷумонҳо, мо имкон дорем тамоми дунёро бишносем, дар соҳаҳои гуногун ҳамкорӣ намоем ва дар фазои умумӣ зиндагӣ кунем. Нақши тарҷума дар ҷомеаи имрӯза бепоён аст, зеро дар ҷаҳони муосир тиҷорат кардан на танҳо бо ҳамватанони худ, балки бо намояндагон ва ширкатҳои хориҷӣ низ одат шудааст, ки ин ҳам дар аксари маврид бе тарҷумон ва ё бе тарҷума ғайриимкон аст. Дар мақола омадааст, ки айни замон, вазифаи асосии тарҷума иттилоотӣ ё коммуникатсионӣ мебошад, бинобар ин, тарҷума воситаи фароҳам овардани имконият барои муошират байни одамоне мебошад, ки бо забонҳои гуногун гап мезананд. Аз ин рӯ, барои назарияи тарҷума, маълумоти забоншиносии коммуникатсионӣ дар бораи хусусиятҳои раванди муошират нутқӣ, вижагиҳои амалҳои нутқи мустақим ва ғайримустақим, робитаи байни маъноии ифодаёфта ва ифоданаёфта дар гуфтор ва матн, таъсири контекст, фаҳмиши матн ва дигар омилҳо ба назар гирифта мешавад. Бояд қайд намуд, ки муаллиф бештар ба тарҷумаи мақолу зарбулмасал, тарҷумаи пуркунандаи мураккаб, нигоҳ доштани тартиби калима дар ҷумлаҳои гуногуни забони англисӣ, тарҷумаи калимаҳое, ки аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ гузаштаанд, мушкилиҳои лаҳҷа дар тарҷумаи забони англисӣ ва ифодаи навозиш дар забони англисӣ бештар диққат дода, мавзӯъро бо мисолҳо дар забонҳои муқоисашаванда (забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) шарҳ додааст.

Калидвожаҳо: тарҷума, зарбулмасал, грамматика, лаҳҷа, пуркунанда, ҷумла, забони англисӣ, тарҷумон, вазифа, нақш, эзоҳ, забони тоҷикӣ.

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ В ПЕРЕВОДЕ РАЗНОСТРУКТУРНЫХ ТЕКСТАХ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Эта статья основана на лингвистических особенностях в переводе английских и таджикских текстов. По мнению автора, перевод играет еще более важную роль в современном обществе, поскольку позволяет человечеству расширять сферу международного сотрудничества и представлять или сохранять свои национальные культурные и духовные ценности в условиях глобализации. Благодаря переводам, а точнее переводчикам, у нас есть возможность познавать весь мир, сотрудничать в разных сферах и жить в едином пространстве. Роль перевода в современном обществе безгранична, ведь в современном мире принято вести дела не только с нашими соотечественниками, но и с представителями и иностранными компаниями, что зачастую невозможно без перевода или без переводчика. Согласно статье, в настоящее время основная задача перевода - информационная или коммуникативная, поэтому перевод - это средство общения между людьми, говорящими на разных языках. Поэтому для теории перевода во внимание принимается коммуникативно-лингвистическая информация об особенностях процесса речевого общения, особенностях прямых и косвенных речевых действий, соотношении выраженного и невыраженного значения в речи и тексте, контекстном влиянии, понимании текста и других факторах. Следует отметить, что автор уделяет больше внимания переводу пословиц, сложных дополнений, порядку слов в разных английских предложениях, переходу слов из одной части речи в другую, проблемам диалекта в английском переводе и мелодии. Автор сосредоточился на разных материалов и проанализировал с примерами в сопоставляемых языках (английском и таджикском).

Ключевые слова: перевод, пословица, грамматика, диалект, дополнение, предложение, английский, переводчик, задание, роль, комментарий, таджикский.

LINGUISTIC FEATURES IN THE TRANSLATION OF VARIOUS ENGLISH AND TAJIK TEXTS

This article is based on linguistic peculiarities in the translation of English and Tajik texts. According to the author, translation plays even more important role in modern society, since it allows humanity to expand the scope of international cooperation and to represent or preserve its national cultural and spiritual values in the context of globalization. Thanks to translations, or rather translators, we have the opportunity to learn about the whole world, cooperate in different fields and live in a single space. The role of translation in modern society is limitless, because in the modern world it is customary to do business not only with our compatriots, but also with representatives and foreign companies, which is often impossible without translation or without a translator. According to the article, at present the main task of translation is informational or communicative, therefore translation is a means of communication between people speaking different languages. Therefore, for the theory of translation, communicative and linguistic information is taken into account about the features of the process of verbal communication, the features of direct and indirect speech actions, the ratio of expressed and unexpressed meaning in speech and text, contextual influence, understanding of the text and other factors. It should be noted that the author pays more attention to translating proverbs, complex placeholders, word order in different English sentences, translating words from one part of speech to another, dialect problems in English translation and melody. He focused on English and explained the topic with examples in comparable languages (English and Tajik).

Key words: translation, proverb, grammar, dialect, addition, sentence, English, translator, task, role, commentary, Tajik.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи пажӯҳишҳои аврупоӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **akbar.n@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-50-63-82**

Сведения об авторе: ***Наджмиддинов Акбаршох Файзуллоевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры европейских исследований. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **akbar.n@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-50-63-82**

Information about the author: ***Najmiddinov Akbarshoh Faizulloevich*** - Tajik National University, c.ph.s., docent of the department of European studies. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **akbar.n@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-50-63-82**

УДК: 301.153 (575.3 : 470)

ИЛМИ САРФ ВА ШАРҲИ МАСЪАЛАҲОИ ОН ДАР ФАРҲАНГИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ»

Додаров О.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Коллеҷи муҳандисию техникии ноҳияи Нуробод

Фарҳангҳои тафсирӣ яке аз манбаъҳои муътамади шаклгирӣ ва нигоҳдошти афкори забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбанд. Аз ин ҷиҳат фарҳангҳои тафсириро ба ду гурӯҳ метавон ҷудо кард: якум фарҳангҳое, ки шарҳи забоншиносӣ дар иртибот ба шарҳи маънии луғавии калимаҳо дар қисмати асосии фарҳанг оварда шудааст; дуюм фарҳангҳое, ки бевосита дар қисмати муқаддимаи онҳо шарҳи забоншиносӣ дар чанд банд оварда шудааст. Ба гурӯҳи дуюм як даста фарҳангҳои тафсирӣ, аз ҷумла, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ» дохил мешаванд. Дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» шарҳи дастури забони форсии тоҷикӣ оварда шудааст. Ҳамин анъанаи муаллифони ин фарҳангҳоро минбаъд дигар фарҳангнигорон бо тарзу равиши худашон ё дар муқаддима ё дар қисмати асосӣ ва ё дар хотимаи фарҳанг идома додаанд [13, с.51].

«Ҳафт қулзум» луғати тафсирӣ буда, дар асри XIX аз ҷониби донишманди улуми адабӣ Ғозиуддин Бодшоҳи Ғозӣ таълиф шудааст. Сохтор, номи бобу фаслҳо дар ин луғат тамоман аз фарҳангҳои пешин ва баъдинае, ки пас аз ин фарҳанг навишта шудаанд, фарқ дорад. Фарҳанг аз ҳафт қулзум таркиб ёфтааст, ки «қулзум» дар фарҳанг ба маънии ҷилд аст. Мураттиби фарҳанг дар аснои таснифи маводи фарҳанг ба бобу фаслҳо ва зерфаслҳо номи онҳоро маҷозан ***баҳр, наҳр, рӯд, ҷӯй, дарё, соҳилу маъбар, поёб, обгир, заврақ, ҷиҳоз, сафина*** ва ***мавҷа*** номидааст. Бояд таъкид кард, ки масоили марбут ба асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ, асосан, дар қулзуми ҳафтуми луғат матраҳ шудааст. Сохтори қулзуми ҳафтум, яъне ҷилди охири луғат ин тариқ аст: шаш баҳр, ҳафт соҳил, бисту ҳашт маъбар (ҷойи убур, гузаргоҳ), дусаду ҳафтоду шаш заврақ, сездаҳ поёб, ҳафт обгир, ёздаҳ рӯд, се ҷиҳоз (киштии бузург), сӣ мавҷа ва бисту чаҳор сафина (киштӣ).

Дар қулзуми ҳафтум мисли осори илмии ба улуми сегонаи адабӣ бахшидашуда оид ба лексика, грамматика, навъҳои адабӣ (назму наср), санъатҳои лафзию маънавӣ, арӯз ва қофия шарҳу тавзеҳоти муфиде оварда шудааст, ки аз диди илми филологияи муосир аҳамияти калони назарию амалӣ доранд [4, с.47].

Илми сарф, ки имрӯз ҳамчун як қисмати грамматика бо номи морфология маълум аст, дар ҳалқаи улуми адабии тоҷику форс мақоми хосса дошт. Аз ин ҷост, ки дар осори ба гурӯҳбандии улум бахшидашуда ва фарҳангҳои тафсирии гузашта оид ба илми сарф ва масъалаҳои баҳси он қайду эзоҳи муфиде дида мешавад. Ин қайду тавзеҳот аз нигоҳи бахши морфологияи имрӯз аҳамияти назарию амалии хеле пуразриш доранд.

Яке аз фарҳангҳое, ки ин анъанаи шарҳи масъалаҳои забоншиносиро идомаю густариш додааст, фарҳанги тафсирии «Ҳафт қулзум» мебошад. Фарҳанги «Ҳафт қулзум» ба гурӯҳи фарҳангҳое мансуб аст, ки дар қисмати муқаддима ва ё хулосаашон шарҳи дастури забони дарии тоҷикӣ махсус оварда шудааст. Дар фарҳанги «Ҳафт қулзум» шарҳи дастури забони тоҷикӣ дар қулзуми ҳафтум, ки қисмати хотимавии фарҳанг маҳсуб меёбад, оварда шудааст.

Дар ин мақола мо оид ба маърифати илмӣ ва шарҳи масъалаҳои марбути он дар фарҳанги «Ҳафт қулзум» ибрози андеша менамоем.

Илми сарф ва масъалаҳои баҳси ин илм дар обгири аввали баҳри дуюми қулзуми «Ҳафт қулзум» матраҳ шудааст. Нахуст муаллифи фарҳанг оид ба шинохту маърифати худи илми сарф ибрози назар карда, ин тавр гуфтааст:

«Бидон, ки илми сарф иборат аст аз қавонине, ки аз донистани он дониста шавад аҳкоми калима аз рӯйи тағир ва табдил ва ғояти ӯ он аст, ки аз хондани он масун (ҳифз гардад О.Д.) монад зеҳн дар фикр аз хатои лафзӣ ва мавзӯи вай калима аст, зеро ки аворизи (нишонаи О.Д.) зотияи вай, ки тағир ва табдил ва ҳазф ва зиёдатӣ бошад, баҳс мекунад, пас бидон, ки калима дар луғат маъхуз (гирифташуда О.Д.) аст аз килм (ҷароҳат О.Д.) ба сукуни «лом» ба маънии реш кардан ва дар истилоҳ иборат аст аз лафзе, ки вазъ карда шудааст барои маънии муфрад. Ва лафз дар луғат ба маънии андохтан аст, дар

истилоҳ иборат аст аз чизе, ки бигӯяд ӯро одамӣ. Ва вазъ дар луғат ба маънии ниҳодан аст ва дар истилоҳ иборат аст аз таъини чизе барои чизи дигар, ба тавре ки агар гуфта шавад ё ҳис карда шавад, чизи аввал фаҳмида шавад аз он чизи сонӣ. Ва маънӣ дар луғат ба маънии мақсуд аст ва дар истилоҳ он ки қасд карда шавад аз лафз. Ва муфрад дар луғат ба маънии танҳост ва маънии муфрад иборат аст аз маъние, ки далолат накунад ҷузви лафзе, ки мавзӯъ барои ҳамон маънӣ аст бар ҷузви ҳамон маънӣ» [7, с.37].

Тавре ки аз иқтибоси фавқ маълум аст, муаллифи фарҳанг моҳияти илми сарфро аз фарогирии маҷмӯи қоидаҳое донистааст, ки тавассути онҳо нақши калима дар низоми мухобирот дониста мешавад. Калима бо тағиротҳои гуногун дар шаклгирии воҳидҳои мухобирот иштирок мекунад. Илми сарф қонунҳоеро ба даст медиҳад, ки аз донистани онҳо зеҳн аз хатоҳо дар лафзу қавл ва калом эмин мемонад. Калима бошад,- мегӯяд муаллифи фарҳанг вазъ карда шудааст барои маънии муфрад. Ин фаҳмиши моҳияти калима дар осори дигар донишмандони пешин, аз ҷумла, дар низоми луғавии донишмандони асри XIII Насируддини Тусӣ низ дида мешавад, чунончи, ӯ мегӯяд: «Возеони луғат лафз барои маънӣ вазъ кардаанд, то уқало ба тавассути он бар маънӣ далолат созанд» [13, с.80].

Пас аз ин муаллифи фарҳанг моҳият ва тафовути лафзро мекушояд ва ин тавр қазоват менамояд: «Лафз дар луғат ба маънии андохтан аст, дар истилоҳ иборат аст аз чизе, ки бигӯяд ӯро одамӣ ва вазъ дар луғат ба маънии ниҳодан аст ва дар истилоҳ иборат аст аз таини чизе барои чизи дигар, ба тавре ки агар гуфта шавад ё ҳис карда шавад чизи аввал фаҳмида шавад аз он чизи сонӣ» [7, с.37].

Ин андешаи муаллифи луғат иртибот дорад ба масъалаи мафҳум ва калима, яъне ифодаи ин мафҳум ба воситаи калима, ки аз ҳамнишинии овозҳо ташкил шуда, чизеро ифода мекунад ва инсон тавассути талаффуз ё навиштан ҳамон мафҳум, яъне чизеро, дар назар дорад.

Шарҳу тавзеҳи муаллифи фарҳанг дар бораи калимаи сода ва мураккаб низ ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ӯ дар иртибот ба ин маънӣ мегӯяд: «… Муфрад дар луғат ба маънии танҳост. Ва маънои муфрад иборат аст аз маъние, ки далолат накунад ҷузви лафзе, ки мавзӯъ барои ҳамон маънӣ аст» [7, с.37].

Ҳамон тавре аз ин таърифи додаи муаллифи фарҳанг равшан аст, дар фаҳмиши калимаи сода назари ӯ аз шинохти калимаи сода аз назари забоншиносии имрӯз фарқ надорад. Аз диди илми забоншиносии муосир низ калимаи сода калимаест, ки ба ҷузъҳои маънодор ҷудо намешавад, балки як мафҳумро мефаҳмонад.

Бояд як нуктаро таъкид кард, ки дар низоми грамматикии муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» ҳар воҳиде, ки аз сатҳи калима болотар аст, яъне шурӯъ аз ибора то калом (матн) мураккаб дониста мешавад, чунончи, ӯ ин матлабро ин тавр тавзеҳ додааст: «Ва мураккаб он аст, ки далолат кунад ҷузви лафзе, ки мавзӯъ барои ҳамон маънист бар ҷузви ҳамон маънӣ ва он ду қисм аст: муфид ва ғайри муфид. Муфид он аст, ки сукути мутакаллим бар он саҳеҳ бошад ва интизори мухотаб мунқатеъ гардад ва онро калом ва ҷумла ва мураккаби том номанд, чун «Зайд истодааст». Ва ғайри муфид он аст, ки сукути мутакаллим бар ӯ саҳеҳ набошад ва мухотаб аз ӯ чизе дарёбад ва чизе дарнаёбад, чун аспи Зайд» [7, с.37].

Аз нигоҳи мантиқи сухан муҳокимаю хулосаи муаллифи фарҳанг дар шинохту маърифати мафҳуми мураккаб дуруст аст, чаро ки ҳар ифодае, ки аз сатҳи калима боло рафт, мураккаб аст. Масалан, ибора, ки воҳиди хурдтарини наҳв маҳсуб мешавад, аз ду калимаи мустақилмаъно бо ёрии воситаҳои грамматикӣ ташкил меёбад ва як мафҳуми мураккаби ба ҳиссаҳо ҷудошавандаро мефаҳмонад ва мисли калима воҳиди номинативӣ (номбаркунӣ) аст.

Дар ибораи (ба таъбири муаллифи фарҳанг мураккаби) аспи Зайд ғайр аз мафҳуме, ки вожаи «асп» ифода кардааст, муносибати соҳибият низ ифода шудааст тавассути калимаи «Зайд» ва бандаки изофии «и».

Чунон ки мебинем, дар ибора, ҳарчанд ки он мураккаб аз ду калима аст, муносибати мухобиротӣ нест, яъне на ахбор аст на тасдиқу инкори чизе. Аз ин ҷост, ки ин қолаби ифодаро муаллифи фарҳанг мураккаби ғари муфид гуфтааст, ки мухотаб аз ӯ чизе дарёбад, дар ибораи «аспи Зайд» мансубият, соҳибият ва чизе дарнаёбад, яъне матлабе баён ва ё муносибати гӯянда ба воқеият ифода нашудааст, аммо ифодаи «Зайд истодааст»

«мураккаби муфид» мебошад, - мегӯяд, муаллифи фарҳанг. Пас ӯ зимни истилоҳи «мураккаби муфид» ҷумларо дар назар дорад, ки комилан дуруст аст, зеро дар ифодаи фавқ муносибати гӯянда ба воқеият тасдиқӣ аст, яъне ҳолати воқеии Зайдро, ки истодани ӯ мебошад, тасдиқ кардааст.

Ба ҳамин тариқ, муаллифи фарҳанг иборaю ҷумларо чун ду воҳиди фарқкунандаи наҳв ҷудо намудааст, ки барои назарияи шинохти воҳидҳои наҳв хеле муҳим мебошад.

Калимаи содаро аз рӯйи низоми грамматикаи араб муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» ба се даста: исм, феъл ва ҳарф ҷудо кардааст. Феъл, аз назари муаллифи фарҳанг, маънии мустақил дошта, дорои замон аст, яъне замони гузашта (мозӣ), ҳозира (ҳол) ва оянда (мустақбал); исм маънии мустақил дошта, ба замон наздик нест ва се хел мешавад: ҷомид, муштақ ва масдар.

Исми ҷомид, бинобар андешаи муаллифи луғат, маънии воҳид, яъне як маънӣ дорад ё маънии мутааддид, яъне якчанд маънӣ. Маънии муайяян ё хоси исм ин маънии хосу муайяне, ки ба чизе ё шахсе дода шудааст, чунончи, номи мард ё зан: Зайд, Зуҳро. Аз назари ӯ исмҳои ғайримуайян исми ҷинсанд. Воқеан, ин андешаи донишманд аз нигоҳи мантиқи сухан дуруст аст, зеро исмҳои ҷинс ба гурӯҳи шайъ мансубанд ва он гурӯҳ аз рӯйи маъно ҳамҷинс мебошанд, мисли санг, хишт, дарахт ва ғ.

Исми муштақ гуфта муаллифи луғат чун донишмандони дигари гузашта калимотеро медонад, ки аз масдар ҳосил шуда ҳамчун исми фоъилу мафъул кунандаи амал ва кардашударо, мефаҳмонад, чунончи: аз масдари «кардан» - кунанда ва кардашуда ҳосил мешавад, яъне муштақ мешавад.

Масдар аз назари донишмандони гузашта, аз ҷумла, аз назари муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» шаш қисм аст:

1) масдари маъруф; 2) масдари маҷҳул; 3) ҳосил ба масдари маъруф; 4) ҳосил ба масдари маҷҳул; 5) масдари мабнӣ аз фоил; 6) масдари мабнӣ аз мафъул.

Шарҳи муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» дар бобати низоми феъл хеле ҷолибу густурда мебошад. «Ва он ки наздик аст ба замона, - мегӯяд муаллифи луғат, феъл аст» [7, с.67].

Тамоми феълҳо аз назари ӯ аз масдар бар меоянд ва онҳоро ба мозӣ, мустақбал, ҳол, музореъ, амр ва наҳӣ ҷудо кардааст.

Мозӣ (замони гузашта), бинобар андешаи ин донишманд, бар шаш навъ ҷудо мешавад: мутлақ, баъид, муҳмила, шарт, таманно ва истимрорӣ:

1. Мозии мутлақ (замони гузаштаи мутлақ) феълеро мегӯянд, ки далолат мекунад ба содиршавии феъл фақат дар замони гузашта ва он бино мешавад аз масдар дар натиҷаи ҳазфи ҳиссаи –ан аз охири масдар ба сурати кард ва гуфт аз масдари кардан ва гуфтан.
2. Мозии баъид ин аст, ки далолат кунад ба феъли замони гузаштае, ки нисбат ба замони такаллум ва он ҳосил мешавад аз иловаи «ҳо»-и ҳаваз, яъне пасванди «а» ва феъли ёвари «буд» ба замони (сиғаи) гузаштаи наздик (мозии мутлақ) монанди: кард – карда буд; гуфт – гуфта буд.
3. Мозии қариб он шакли феъле аст, ки ба амали содиршудаи гузашта далолат мекунад ва он амал наздик аст ба замони ҳикоят. Ин шакли замонии гузашта дар натиҷаи ба шакли замони гузаштаи наздик илова кардани «ҳо»-и ҳаваз (пасванди а) ва лафзи (бандаки хабарии) «аст» ҳосил мешавад: кард+а+аст= кардааст: гуфт+а+аст= гуфтааст. Гоҳе «алиф»-и бандаки хабарии «аст» дар назм ҳазф мегардад, мисли «кардастам», «шунидастам». Ин ҳодиса бештар дар назм мушоҳида мешавад. Масалан, Саъдии Шерозӣ гуфтааст:

***Шунидастам**, ки дар дарёи аъзам,*
*Ба гирдобе **дарафтоданд** бо ҳам.*

4. Муаллифи луғат як шакли феъли замони гузаштаро, ки мазмуни **эҳтимолу шак** дорад, муҳтамила гуфта, ҳосил шудани онро аз замони гузаштаи наздик бо иловаи «ҳо»-и ҳаваз (пасванди - а) ва феъли ёвари «бошад» донистааст, мисли **карда бошад, гуфта бошад, гуфта бошам.**

5. Шарт ва таманно. Ин шакли замони гузаштаи феъл маънии шарту таманно дошта, аз замони гузаштаи наздик бо илова кардани пешванди шаклсози –ме ба аввали он ё илова кардани «ё»-и ҳикоят ба охири он ҳосил мешавад, чунончи: **мекард** ва **кардаме**; **мегуфт** ва **гуфтаме**.

6. Истимрорӣ. Ин шакли замони гузашта ба судури феъл дар замони гузашта ба такрор ва аз рӯйи шакл ба шакли шарту таманно монанд аст, чунончи: **мекард, меомад.** Шоире гӯяд:

*Он ки бар шаб ҳаваси сӯхтани мо **мекард**,*

*Кош меомаду зи дурр тамошо **мекард**.*

Дар мисраи аввали байти фавқ феъли «мекард» маънии истимрории амалро дорад, яъне амали такроршаванда, «ҳавас мекард», аммо дар мисраи дуввум феълҳои «меомад» ва «мекард» маънии шарту таманно доранд, яъне «кош меомад», «кош тамошо мекард».

2. Мустақбал (оянда). «Ва мустақбал, - таъкид мекунад муаллифи луғат, он аст, ки ба замони оянда тааллуқ дорад ва аломати он лафзи «хоҳад» аст, ки бар сиғаи мозии мутлақ меояд, чун **хоҳад кард, хоҳанд кард; хоҳад гуфт, хоҳанд гуфт**».

Ин шарҳу тавзеҳи муаллифи луғат дар бобати шакли феълии замони оянда бо диди имрӯзи маърифати ин шакли замонии феъл комилан мувофиқ аст.

3. Ҳол. (замони ҳозираи феъл). Муаллифи луғат дуруст қазоват кардааст, ки ҳол он аст, ки ба замони мавҷуд тааллуқ дорад ва аломати он лафзи ме- аст, ки бар сиғаи музореъ меояд, чун «**мекунад**» ва «**меояд**».

4. Музореъ (замони ҳозира – оянда). Музореъ аз назари муаллифи луғат онро гӯянд, ки дар замони ҳол ва истиқбол ҳар ду ёфт шавад ва музореъ бино мешавад аз мозӣ, чун «**гӯяд**» ва «**кунад**».

5. Амр. Амр фармудан бошад касеро коре, чунончи: **гӯ, кун, хон, рав.**

6. Наҳй. Наҳй боздоштан бошад касеро аз коре, чунончи: **магӯ** ва **макун**.

Муаллифи луғат дуруст мегӯяд, ки мозӣ, мустақбал, ҳол ва музореъ шаклҳои замонии ахборӣ (хабарӣ) мебошанд ва ҳар кадоме дорои шаш сиға аст: се барои воҳид (танҳо), се барои ҷамъ. Пас аз ин муаллифи луғат тасрифи феълро аз рӯйи шахсу шумора меорад, ки чунин аст:

1) Баҳси исботи феъли мозии маъруфи мутлақ: кард – карданд; кардӣ – кардед; кардам – кардем.

2) Баҳси исботи феъли мозии баъид: карда буд – карда буданд; карда будӣ – карда будед; карда будам – карда будем.

3) Баҳси исботи феъли мозии маъруфи қариб: карда аст – кардаанд; кардаӣ – кардаед; кардаам – кардаем.

4) Баҳси исботи феъли мозии маъруфи муҳтамила: карда бошад – карда бошанд; карда бошад – карда бошанд; карда бошӣ – карда бошед; карда бошам – карда бошем.

Ба ҳамин тартиб муаллифи луғат дар бораи феъли замони гузаштаи шарту таманно ва шаклҳои замони гузаштаи маҷҳул (маҷҳули мутлақ, қариб, баъид, муҳтамила, шарту таманно) нафй; феъли ҳоли маъруф; феъли мустақбали маъруф, мустақбали маҷҳул ва музореъ шарҳу тавзеҳи муфиде додааст, ки, мутаассифона, ба ин сурати густурда дар дастурҳои забони тоҷикӣ дида намешавад.

Дар ҳамин фасли илми сарф дар обгири панҷум муаллифи луғат доир ба исми фоилу мафъул шарҳе овардааст, ки хеле муфид аст. Муаллифи луғат чун донишмандони гузашта исми фоилу мафъул гуфта он гурӯҳи калимаҳоеро дар назар дорад, ки дар китобҳои дарсию грамматикаҳои имрӯзи забони тоҷикӣ онҳо ба истилоҳи сифати феълии шакли якум (омада) ва шакли дуюм (омадагӣ) мустаъмал аст. Шакли ҷамъи ин вожаҳо омадагон, равандагон, хурандагонро дар дастуру китобҳои дарсӣ ва грамматикаи илмии муосири тоҷикӣ сифатҳои феълии исмгардида мегӯянд.

Муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» вожаҳои кунанда – кунандагон; раванда – равандагон; хӯранда – хӯрандагон ва амсоли инҳоро исми фоил гуфтааст, ки комилан мантиқист. Ҳамчунин ӯ таъкид кардааст, ки ҳар гоҳ сиғаи амр ба исм мураккаб шавад, ифодаи маънии фоил диҳад, чун ҷаҳонофарин, ҷаҳондор, тирандоз ва ин байтро аз Шайх Саъдӣ мисол овардааст:

Ба номи Ҷаҳондори Ҷаҳонофарин,

Ҳакими сухан сухан бар забон офарин.

Баъзан ин гуна исми фоил – таъкид кардааст муаллифи луғат, ифодаи исми мафъул кунад, чунончи: дилпазир, яъне пазируфташудаи дил ва ин байтро аз Низомии Ганҷавӣ чун шоҳид овардааст:

Пазиро сухан буд, шуд ҷойгузин,

*Сухан к-аз дил ояд, шавад **дилпазир**.*

Нигорандаи луғат аломату нишонаи исми мафъулро аз ду медонад: яке «ҳо»-е, ки ба охири феъли замони гузашта афзоянд, ҳамчу: рафт+а=рафта; гуфт+а=гуфта; омад+а=омада; шунид+а=шунида; дигаре феъли шуда, ки ба калимае ҳамроҳ кунанд, ҳамчу: хобшуда, бедоршуда, задашуда, гуфташуда. Феъли «шуд» низ ба замони гузашта далолат мекунад ва ба он пасванди «а» ҳамроҳ шуда ифодаи маънои мафъулчӣ пайдо менамояд.

Ба ҳамин равиш муаллифи луғат дар бораи ҷонишинҳо, категорияи ҷамъбандӣ ва маънии дастурии ҳиссаҳои «но», «бе» (нооқил, нохирадманд; беақл, бехирад) ва амсоли инҳо, ки, воқеан, маърифати инҳо ба илми сарф иртибот дорад, мухтасар шарҳу тавзеҳ оварда шудааст:

Хулоса, муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» илми сарфро ҳамчун бахши мустақили илми лисонӣ хеле хуб муаррифӣ карда, дар шинохти он ба донишмандони пешин пайравӣ ва такя кардааст. Албатта баъзе шарҳу тавзеҳи додаи ӯ аз мавқеи низоми грамматикаи арабӣ мебошад, аммо гоҳе тафовуту вижагии забони порсӣ (тоҷикӣ)-ро дар моҳияти ин ё масъалаи сарф таъкид кардааст, ки бисёр муҳим аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳадов, Ҳ. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун асари лексикографӣ / Ҳ.Аҳадов. - Душанбе: Дониш, 1981. - 122 с.
2. Ализода, С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С.Ализода. – Душанбе, 2006. – 79 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Нашри академӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 1989. – 220 с.
4. Додаров О. Шарҳи изофат дар луғати «Ҳафт қулзум» / О. Додаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. - №7. - С.47-51.
5. Залеман, К.Г. Краткая грамматика новоперсидского языка / К.Г. Залеман, В.А. Жуковский. – СПб., 1890. – 111 с.
6. Воҳидов А. Аз таърихи луғатнависии тоҷику форс / А.Воҳидов. - Самарқанд, 1980.
7. Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ. Ҳафт қулзум. - Лакҳнав, 1822. - Қулзуми ҳафтум. – С.28-35.
8. Насриддин, Абдуманнон. Фарҳанги тафсирии «Шамс-ул-луғот» (сарчашмаҳо, лексика, хусусиятҳои лексикографӣ) / Абдуманнони Насриддин // Куллиёти осор. - Хуҷанд, 2013. - 584 с.
9. Насриддинов А. Лексикаи «Шамс-ул-луғот» ва муносибати он ба забони ҳозираи тоҷик / А.Насриддинов // Забоншиносии тоҷик. - Душанбе; Дониш, 1984. - 296 с.
10. Сиёев Б. Аз таърихи ҷамъбандии исмҳо дар забони тоҷикӣ / Б.Сиёев // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 1967. - С.32-61.
11. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. - Душанбе, 2013. - 343 с.
12. Хоҷаев Д. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик / Д.Хоҷаев. - Душанбе, 2017. - 303 с.
13. Хоҷаев Д. Шарҳи ҳуруфи таҳаҷҷӣ (овозҳои ҳиҷосоз) дар фарҳанги «Ҳафт қулзум» ва арзиши забоншиносии он / Д.Хоҷаев О.Додаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши филология (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. - №4. - С.51-55.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби II. Забон ва замон. - Душанбе, 2020. - 431 с.

ИЛМИ САРФ ВА ШАРҲИ МАСЪАЛАҲОИ ОН ДАР ФАРҲАНГИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ»

Дар мақола муаллиф оид ба масоили марбути илми сарф дар фарҳанги «Ҳафт қулзум» маълумот дода, зикр мекунад, ки фарҳангҳои тафсирӣ яке аз манбаъҳои муътамади шаклгирӣ ва нигоҳдошти афкори забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбанд. Аз ин ҷиҳат фарҳангҳои тафсириро ба ду гурӯҳ метавон ҷудо кард: якум фарҳангҳое, ки шарҳи забоншиносӣ дар иртибот ба шарҳи маънии луғавии калимаҳо дар қисмати асосии фарҳанг оварда шудааст; дуюм фарҳангҳое, ки бевосита дар қисмати муқаддимаи онҳо шарҳи забоншиносӣ дар чанд банд оварда шудааст. Ба гурӯҳи дуюм як даста фарҳангҳои тафсирӣ, аз ҷумла, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ» дохил мешаванд. Дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» шарҳи дастури забони дарии тоҷикӣ оварда шудааст. Ҳамин анъанаи муаллифони ин фарҳангҳоро минбаъд дигар фарҳангнигорон бо тарзу равиши худашон ё дар муқаддима ё дар қисмати асосӣ ва ё дар хотимаи фарҳанг идома додаанд. Муаллиф қайд кардааст, ки «Ҳафт қулзум» луғати тафсирӣ буда, дар асри XIX аз ҷониби донишманди улуми адабӣ Ғозиуддин Бодшоҳи Ғозӣ таълиф шудааст. Сохтор, номи бобу фаслҳо дар ин луғат тамоман аз фарҳангҳои пешин ва баъдинае, ки пас аз ин фарҳанг навишта шудаанд, фарқ дорад. Фарҳанг аз ҳафт қулзум таркиб ёфтааст, ки «қулзум» дар фарҳанг ба маънии ҷилд аст. Дар мақола инчунин зикр шудааст, ки дар қулзуми ҳафтум мисли осори илмии ба улуми сегонаи адабӣ бахшидашуда оид ба лексика, грамматика, навъҳои адабӣ (назму наср), санъатҳои лафзию маънавӣ, арӯз ва қофия шарҳу тавзеҳоти муфиде оварда шудааст, ки аз диди илми филологияи муосир аҳамияти калони назарию амалӣ доранд.

Калидвожаҳо: шарҳ, сохтор, сарф, фарҳанг, тафсир, забоншиносӣ, улум, қулзум, дастур, пасванд, калима, воҳид, лафз, маънӣ.

НАУКА О МОРФОЛОГИИ И РАЗЪЯСНЕНИЕ ЕЕ ПРОБЛЕМ В СЛОВАРЕ «ХАФТ КУЛЗУМ»

В статье автор приводит сведения относительно науки морфологии и разъяснения ее проблем в словаре «Хафт кулзум» и отмечает, что толковые словари являются одним из достоверных источников формообрзования и сохранения таджикской лингвистической мысли. Поэтому толковые словари можно разделить на две группы: первая группа, это словари в которых лингвистическое разъяснение в связи со разъяснением словарного значения слов приведено в основной части словаря; вторая группа это словари в которых лингвистическое разъяснение приведено в предисловии словаря в нескольких пунктах. Во вторую группу входят ряд толковых словарей в том числе, «Словарь Джахонгири», «Бурхони котеъ», «Словарь Рашиди». В «Словаре Джахонгири» приведено толкование правил языка. Эту традицию авторов данных словарей в последующем стали продолжать другие составители словарей соответствующими им стилями и методами в основной или в заключительной части словарей. Автор отмечает, что «Хафт кулзум» является толковым словарем и составлен в XIX веке литератором Гозиуддином Бодшохи Гази. Структура, название глав и разделов в данном словаре отличаются от других словарей написанных прежде и в последующем. Словарь состоит из семи томов, а слово «кулзум» в словаре приводится в значении «том». В статье также отмечено, что в седьмом томе данного словаря как в научном наследии, посвященном литературной трилогии приведены сведения и разъяснения о лексике, грамматике , литературных жанрах (поэзия и проза), смысловом и устном искусстве красноречия, арузе и рифме, которые с точки зрения современной филологической науки имеют большое практическое и теоретическое значение.

Ключевые слова: разъяснение, структура, морфология, словарь, толковый, языкознание, наука, том, правила, префикс, слово, единица, язык, смысл.

THE SCIENCE OF MORPHOLOGY AND EXPLANATION OF ITS PROBLEMS IN THE DICTIONARY "HAFT KULZUM"

In the article, the author provides information on the science of morphology and clarification of its problems in the dictionary "Haft Kulzum" and notes that explanatory dictionaries are one of the reliable sources of shaping and preservation of Tajik linguistic thought. Therefore, explanatory dictionaries can be divided into two groups: the first group, these are dictionaries in which a linguistic explanation in connection with the explanation of the dictionary meaning of words is given in the main part of the dictionary; the second group is dictionaries in which a linguistic explanation is given in the preface of the dictionary in several paragraphs. The second group includes a number of explanatory dictionaries, including "Jakhongiri Dictionary", "Burkhoni Kote", "Rashidi Dictionary". The Jakhongiri Dictionary provides an interpretation of the rules of the language. This tradition of the authors of these dictionaries was subsequently continued by other compilers of dictionaries with the corresponding styles and methods in the main or in the final part of the dictionaries. The author notes that "Haft kulzum" is an explanatory dictionary and was compiled in the 19th century by the writer Goziuddin Bodshohi Gazi. The structure, titles of chapters and sections in this dictionary differ from other dictionaries written before and later. The dictionary consists of seven volumes, and the word "kulzum" in the dictionary is given in the meaning of "volume". The article also notes that in the seventh volume of this dictionary, as in a scientific heritage dedicated to the literary trilogy, information and explanations are provided about vocabulary, grammar, literary genres (poetry and prose), the semantic and oral art of eloquence, aruse and rhyme, which, from the point of view of modern philological sciences are of great practical and theoretical importance.

Key words: explanation, structure, morphology, dictionary, explanatory, linguistics, science, volume, rules, prefix, word, unit, language, meaning.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додаров Оятулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторант; Коллеҷи муҳандисӣ-техникии ноҳияи Нуробод, директор. **Суроға:** 737450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Нуробод.Тел.: (**+992) 918-67-94-41**

Сведения об авторе: ***Додаров Оятулло*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант; Инженерно-технический колледж района Нуробод, директор. **Адрес:** 737450, Республика Таджикистан, район Нурабад. Телефон: (**+992) 918-67-94-41**

Information about the author: ***Dodarov Oyatullo*** **-** Tajik National University, candidate of philological sciences, doctoral student; Engineering and technical college of Nurobod district, director. **Address:** 737450, Republic of Tajikistan, Nurabad district. Phone: **(+992) 918-67-94-41**

УДК: 491. 550

СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ФУНКЦИИ РЕАЛИИ «ДАСТАРХАН» В РОМАНЕ «ДОЧЬ ОГНЯ» ДЖАЛОЛА ИКРАМИ

Ашуров А.Дж.
Кулябский государственный университет им.А. Рудаки

Реалии в тексте перевода сохраняют главную информацию о культуре того народа, с языка которого осуществлен перевод. Благодаря словам – реалиям русскоговорящий читатель не только узнает историю культуры другого народа, но и обогащает свой родной язык, так как многие слова - реалии, обычно, со временем, из «чужих» реалий превращаются в «освоенные» (шариат, мечеть, бай, ислам и т.д.).

Кратко рассмотрим высказывания теоретиков перевода о реалиях:

«Реалии - это слова (и словосочетания), называющие объекты, характерные для жизни (быта, культуры, социального и исторического развития) одного народа и чуждые другому, будучи носителями национального и/или исторического колорита, они, как правило, не имеют точных соответствий (эквивалентов) в других языках, и, следовательно, не поддаются переводу на общем основании, требуя особого подхода» [1].

«Реалия-это 1) предмет; действительно существующий, конкретная вещь; 2) реалии - объективные факты как исторический фон литературного или иного описания; в методике преподавания иностранных языков - этнические или национальные особенности, получившие отражение в данном языке, но не - переводимые на другие (или переводимые только описательно)» [5].

По Г.Д. Томахину, «реалии - это названия предметов материальной культуры, исторических факторов, институтов государства, мифологических существ, которые присущи только определенным нациям и народам [7].

«В узком смысле лакуна понимается как отсутствие в одном языке какой-либо лексической единицы, имеющейся в другом языке» [14]. Реалии в тексте романа «Дочь огня» раскрывают русскоговорящему читателю национальные особенности быта населения Бухары начала XX века. Однако отображение национального колорита при переводе оригинального текста, более того, написанного в жанре исторического романа, дело весьма сложное, так как не всегда в языке принимающей культуры можно найти соответствие той или иной реалии. Перед переводчиком стоит дилемма: то ли дать описательный перевод реалии, то ли передать в неизменённом виде с комментарием. Как, например, это сделано при переводе свадебных песен жителей Бухары в романе «Дочь огня»:

Таджикский текст:

«Ёр – ёре, ҳамдам ёре, ман аз рӯи ту мегардам,
Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарканду Бухороро.
Ёр – ёре, ҳамдам ёре, ман аз рӯи ту мегардам…»

Перевод:

«***Ёр ёр,*** мой друг, всю жизнь отдам я за тебя, мой друг, ***ёр ёр.***
Я у тюрчанки молодой, у глаз ширазских я в плену.
И Самарканд и Бухару дарю за родинку одну.
Ёр ёр, мой друг, всю жизнь отдам я за тебя, мой друг, ***ёр ёр!»***

Такой перевод сохраняет не только национальный колорит, но и пытается успешно выполнить одну из основных сложностей осуществления поэтического перевода – это подбор рифмы и сохранение способов рифмовки, что придает переводу экзотичность, а это имеет немалое воздействие на русского читателя, которому интересно все, что связано с культурой другого народа. Однако законы перевода требуют адекватной передачи оригинала, а такой перевод в отрыве от его контекста понять сложно. Если следовать концепции И.Левого, то «в переводе имеет смысл сохранять лишь те элементы специфики, которые читатель перевода может ощутить как характерные для чужеземной среды. Все остальное представляет собой бессодержательную форму, поскольку не может быть конкретизировано» [6].

Если этот же текст дать с его контекстом, мы поймем, что речь идет о свадебном мероприятии:

Таджикский текст: «Мукаррамча таъзим карда аз ҷояш бархост. Дар тани вай куртаи фарангии зардори зеҳаш зардӯзӣ, ба сараш пешонабанди зардӯзӣ ва сарбанди фарангии чоргули заргаронӣ буд. Эзорпочаҳои махмал, ки зеҳдор ва пӯпакдор буданд, поҳои аз ҳино рангиги ӯро то ба буҷулаки пояш мепӯшиданд. Дастони сафеди ӯ низ аз ҳино рангин буда, бо ангуштаринҳо, дастпонаҳо оро ёфта буданд. Ду зани солхӯрда, ки доиразан буданд, доираҳоро ба даст гирифта, аввал мақоми вазнинеро навохта ба муборакбодии тӯй сурудеро хонданд. Мукаррамча ҳам вазнин-вазнин рақсида пешхонӣ мекард.

Ёр – ёре, ҳамдам ёре, ман аз рӯи ту мегардам,
Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарканду Бухороро.
Ёр – ёре, ҳамдам ёре, ман аз рӯи ту мегардам…

Пас аз ин якбора мақоми дойра тағйир ёфт, оҳанги шӯхона садо доду суруди «ёр, ёр, ёре, абрӯкат думи море…» сар шуда рафт. Ҳавлию хона якбора ҷон гирифтагӣ барин шуд. Аз ҳар тараф кайвониҳо, бикаҳо ва оимҳо ба шавқ омада, овози «бале, ҷон-ҷон!»-ро баланд карданд. Аз болои шабгаҳ духтарҳо – дугонаҳои келин тамошо мекарданд, ба болои бомҳои дигар ҳамсояҳо, духтарбача ва писарбачаҳо пайдо шуда буданд.

Дастаи созандагони Мукаррамча як пайт бозии худро тамом накарда, дастаи созандаи Тилло омада расид. Инчунин меҳмонҳо, аҳли гузар ва дуру наздик пайдо шудан гирифтанд. Дилором – кампир дар қарибии зинаи таҳхона курсӣ монда менишаст ва фармонҳо дода, омадагонро мувофиқи қурбу манзилаташон ба хонаҳо тақсим мекард. Ба кайвониҳо фармуда, ба назди онҳо дастурхон ва лаълию ширавор мекашид.

Оҳиста-оҳиста ҳавлию хонаҳо аз зану духтару бачамайда пур шуда рафт. Овози доиранавозӣ ва хониши созандаҳо, ки навбат ба навбат ба кор сар мекарданд, чало-чулии кайвонӣ ва ходимҳо, ғавғои бачаҳо ҳама ба ҳам омехта шуда, мусиқии умумии тӯи занонаи Бухороро ташкил медоданд» [3, с.139-140].

Перевод: «Мукаррамча встала, поклонилась. На ней было платье из золотистого шелка с золотой тесьмой, на лбу шитая золотом повязка, поверх которой накинут шелковый платок. ***Бархатные*** шаровары, обшитые тесьмой с помпонами, закрывали по щиколотки ее ноги с крашенными ***хной*** ногтями. Белые руки были украшены перстнями и браслетами. ***Дойристки,*** уже пожилые женщины, взяли ***дойры***, сыграли вступление, потом перешли к свадебным песням. Макаррамча, медленно двигаясь, запела:

Ёр ёр, мой друг, всю жизнь отдам я за тебя, мой друг, ***ёр ёр.***
Я у тюрчанки молодой, у глаз ширазских я в плену.
И Самарканд и Бухару дарю за родинку одну.
Ёр ёр, мой друг, всю жизнь отдам я за тебя, мой друг, ***ёр ёр***!

Вдруг мелодия ***дойры*** изменилась, стала веселой: «***Ер ёр ёре***, брови твои – хвост змеи…» Со всех сторон сбежались и служанки, и госпожи, все возбужденно кричали: ***«Бале, джон джон!»*** Сверху, с ***балаханы***, заглядывали подружки невесты, на соседние крыши вылезли мальчишки и девчонки.

Музыкантши Макаррамчи еще не кончили играть, как уже пришли другие, с танцовщицей Тилло во главе. Дилором-каниз сидела на стуле у входа в подвал, встречала гостей по их положению и званию, приглашала в комнаты, распоряжалась, чтобы служанки расстилали перед ними ***дастарханы*** и ставили подносы с угощением.

Постепенно двор и комнаты заполнились гостями – женщинами, девушками, малыми детьми. Звуки ***дойры,*** пение, пляска танцовщиц, по очереди выступавших перед гостями, общий говор, детские крики, галдеж служанок – все смешалось в праздничный шум, обычный для бухарских свадеб» [2, с.115-116].

Отличительной чертой реалий данного текста является характер их содержания, тесная связь реалий с культурой бухарского народа.

В то же время в тексте можно встретить реалии, связанные с определенным историческим отрезком времени:

Таджикский текст: «Миёнарав, ки аз ҳар гӯр боҳабар буд, гуфта дод, ки духтари Оллоёр-бӣ – Мағфиратхон, ки лақабаш Ойими Ғафабанд будааст, дар тамтамӣ мислу монанд надоштааст. Ба зан ҳолаш чилим мекашидааст, дутор менавохтааст, як канизакашро буғӣ карда, қариб кушта будааст, гӯши як кайвониро бо дандонаш канда гирифта будааст, ки ба бой тӯраписар зоида дода, ихтиёри ҳамаро ба дасти худаш мегирад» [3, с.108].

Перевод: «Сваха, знавшая все на свете, рассказала, что дочь Оллоёр-би Магфират, которую прозвали госпожа ***Гафабанд - Ожерелье***, очень чванливая девушка, что она курит ***чилим***, играет на ***дутаре***, одну невольницу почти задушила, другой откусила ухо-такая свирепая, просто людоедка… обещала родить баю сына-богатыря и все забрать в свои руки в доме» [2, с.91-92].

Таджикский текст: «Дар фазои хомӯши он фақат овози муаззинҳо, ки азони намози асрро мегуфтанд, парвоз мекард…» [3, с.7].

Перевод: «В тихий час над великим городом слышны только возгласы ***муэдзинов,*** призывающих людей на послеполуденную молитву» [2, с.15].

Реалии «***Гафабанд» (Ожерелье), «бай» (Богач), «чилим» (кальян), «дутар» (струнный музыкальный инструмент), «муэдзин»*** (араб.слово, произн., как ***«муаззин»***)-в Исламе мужчина-служитель мечети или один из прихожан, которого данный служитель мечети одобрил, совершил азан; призыв мусульман на молитву), фактически, имеют в русском языке эквивалент, к примеру, если перевести текст таким способом:

Подстрочник: «Сваха, знавшая все на свете, рассказала, что дочь Оллоёр-би Магфират, которую прозвали госпожа Гафабанд - Ожерелье, очень чванливая девушка, что она курит ***кальян***, играет на музыкальном инструменте, одну невольницу почти задушила, другой откусила ухо-такая свирепая, просто людоедка… обещала родить мужу-***богачу*** сына-богатыря и все забрать в свои руки в доме»;

«В тихий час над великим городом слышны только возгласы ***священника***, призывающего людей на послеполуденную молитву».

То текст теряет неповторимость, сочность, эмоциональность, экспрессивность, колоритность культуры таджикского народа. В передаче таких художественных ценностей роль перевода весьма велика. Язык каждого народа служит средством отражения особенностей жизни народа, описывает природу и характер обычаев и уклада жизни народа, раскрывает ход развития общества. Все перечисленное позволяет нам сделать вывод, что реалии обладают национальным колоритом.

С нашей точки зрения, при классификации реалий, необходимо обязательно учитывать содержание исследуемого материала, так как реалии являются этнокультурным фоном произведения. Роман «Дочь огня», вошедший в трилогию Джалола Икрами «Двенадцать ворот Бухары» отличается особой пространственно- временной структурой, в которой ярко воспроизведены быт и нравы бухарских таджиков начала XX века.

Сделанный нами методом сплошной выборки анализ реалий показал, что в реалиях текста перевода на русский язык отражены этнокультурные явления таджиков Бухары начала XX века, рассказывающего о горестной судьбе таджички в Бухарском эмирате и о начинающихся социальных переменах.

Название романа «Дочь огня» повествует о том, что речь пойдет о судьбе женщин в Бухарском эмирате начала XX века, соответственно, реалии в тексте перевода должны отражать их одежду, нравы, характер, образ и т.д. Джалол Икрами весьма подробно описывает традиции таджикского гостеприимства, к примеру, реалия ***«дастархан»*** в романе встречается 45 раз.

Реалия ***«дастархан»*** в русском языке имеет эквивалент – скатерть и означает то же самое, но во всех случаях. Как символ гостеприимства таджиков, который играет в культуре таджикского народа очень важную роль - дастархан может показать отношение к человеку. И не удивительно, что переводчик во всех моментах сохраняет в тексте слово ***«дастархан»,*** не заменяя его словом «скатерть». Таким образом, он легко решает многие переводческие трудности, которые можно увидеть на конкретных примерах. Посредством данной реалии переводчик передает различные чувства героев романа, к примеру:

–уважение:

«Дилором потихоньку ушла с Фирузой к младшей жене бая.

Когда они вошли в комнату, обе молодые женщины – и Оймулло Танбур, и младшая хозяйка – из уважения к старухе встали, предложили ей почетное место. Но Дилором села с краешка у ***дастархана***, усадила рядом с собой внучку и, подняв руки, произнесла слова молитвы» [2, с.11].

–**радости:**

«После танца и песен расстелили ***дастархан***, внесли подносы со сластями и фруктами – виноградом, персиками и абрикосами» [2, с.11].

–**начала важной части мероприятия:**

«Пока гостям подавали жаркое, а потом убирали ***дастархан,*** невесту нарядили» [2, с.13].

–**счастья, изобилия, радости**:

«Жених с невестой уселись за пологом, им расстелили ***дастархан с пирожками, конфетами, леденцами и каршинской халвой с фисташками***» [2, с.13].

–**власти:**

«Истад принес и расстелил перед баем на земле ***дастархан.*** Бай принялся переливать чай из чайника в пиалу и обратно» [2, с.19].

–**низкого положения:**

«Вечером им приносили что-нибудь горячее – остатки хозяйского ***дастархана»*** [2, с.22].

В романе есть эпизод, когда в дом Дилором-каниз пришли сватать Фирузу Бако-джану, который «еще не стар, сорок пять лет – самый хороший возраст для мужчины, почти молодость. У него, правда, уже есть жена, но она тихая и смирная, совсем бессловесное существо, и две дочки – они уже выросли, не нынче завтра выйдут замуж и покинут дом отца. А если Фируза родит сына, ну тогда уж она будет полной хозяйкой в доме, все будет в ее распоряжении» [2, с.42] // «… ҳанӯз чандон пир нашудааст, синни чилупанҷсолагӣ айни ҷавонии мард аст. Як зани мӯлуқ (фақиру мутеъ) ва беовоз дорад, ду духтар дорад, ки онҳо ҳам калон шудагӣ, имрӯз-пагох аз хонаи падар баромада мераванд. Агар Фирӯзаҷон ягонта писар зоида диҳад, дигар тамом, худаш соҳибихтиёр мешавад ва ғайра ва ҳоказо» [3, с.107-109].

Дилором - это сильно обидело, и она все думала, что сказать этим людям, у которых не было ни стыда, ни совести: «Они ведь считали, что если человек прожил почти всю жизнь свою – семьдесят два года из девяноста – среди рабов и бедняков, то он не разбирается в людях, поверит всему, что скажут, польстится на богатство и отдаст им свою единственную радость. Но они забыли, что Дилором-***каниз*** сама устраивала той по случаю рождения Бако-***джана,*** что она знает его с детских лет – что это за человек и что проделывал он в своей жизни. Старуха Дилором хорошо знает, почему так тиха и бессловесна его бедная жена: не один раз прикладывала она ей тряпки с целебной мазью на раны, нанесенные кулаками и нагайкой Бако-***джана***. А сколько пришлось старухе Дилором слышать жалоб на жестокость и жадность Бако-***джана*** от его работников! Ведь люди привыкли делиться с ней своим горем…» [2, с.43] // «Инҳо гумон мекунанд, ки кампир аз навад ҳафтоду ду сол умри худро дар ин ҷо, дар байни бою бечораҳои ин гузарҳо гузаронида бошад ҳам, одамонро намешиносад ва ҳар чӣ, ки ба ӯ гӯянд, бовар мекунад ва ба давлату пул фирефта шуда, ягона ороми ҷонашро бароварда додан мегирад. Инҳо намедонанд, ки худи ҳамин кампир тӯи гаҳворабандони Бақоҷонро гузаронида, аз рӯзи зоида шуданаш ин ҷониб ба чӣ касбу ба чӣ кор машғул будани ӯро нағз медонад. Инҳо фаромӯш карданд, ки сабаби мӯлуқ ва беовоз шуда мондани зани Бақоҷонро кампир нағз медонад ва на як бор ба чароҳатҳои сару бадани ӯ, ки аз зарби қамчин ва мушту лағади Бақоҷон пайдо мешуданд, марҳам ва пахтасӯхта мондааст. Инҳо бехабар аз он, ки халифашогирдони Бақоҷон борҳо аз ҷабру ҷафои вай ва сахтгириаш ба назди кампир омада, дарди дил кардаанд…» [3, с.107-109].

В данном эпизоде реалия ***«дастархан»*** выполняет роль не только номинативную или стилистическую функцию, а больше эмоциональную: «Старухе хотелось сразу ответить резко ***свернуть принесенный ими дастархан*** со сластями и лепешками, отрез шелка и швырнуть в них, выгнать их из своего дома. Но она сдержалась, чувство собственного достоинства взяло верх над возмущением» [2, с.43-44] // «Кампир хост, ки яке якбора сахт гӯяду лаълии овардагиашонро, ки дар он нону наботу қандалот ва як либосвор шоҳӣ буд, печонида ба

сарашон занад ва қадамашонро аз дари хона кӯтоҳ кунад, лекин боз андеша карду ҳисси одамият, вазнинӣ ва тамкин ӯ боло гирифт» [3, с.107-108].

В данном тексте реалия ***«дастархан»*** передаёт культурный колорит в тексте перевода романа «Дочь огня» Джалола Икрами. И каждый раз, сталкиваясь с этой реалией в тексте оригинала, переводчик выбирает один и тот же способ ее передачи. И тут напрашивается вопрос: волновал ли переводчика тот факт, что не каждому русскоговорящему читателю может быть понятно значение данной реалии.

Если быть более конкретными, то во многих случаях, по нашему мнению, данную реалию было бы целесообразней заменить словом ***«скатерть»,*** к примеру:

Таджикский текст: «Баъд аз оне, ки ин маросимҳо гузашту келину домод нишастанд, ба таи чимилиқ ҳам дастурхон партофта, санбӯсаю қанду қандалот, наботу рустаю халвоҳои қаршигӣ, чормағзу пистаю бодом даровардand» [3, с.39-40].

Перевод: «Жених с невестой уселись за пологом, перед ними расстелили ***скатерть*** с пирожками, конфетами, леденцами и каршинской халвой с фисташками» [2, с.13].

Таджикский текст: «Истад чою дастурхон оварда, дар назди бой ба замин гузошт» [3, с.48].

Перевод: «Истад принес и расстелил перед баем на земле **скатерть**. Бай принялся переливать чай из чайника в пиалу и обратно» [2, с.19].

Как показал сравнительный анализ двух текстов – перевода романа «Дочь огня» и оригинала «Духтари оташ» Джалола Икрами, многие реалии имеют эквивалент в русском языке, однако они переданы в транскрибированном виде с одной целью – сохранить национальный колорит оригинального текста. Также можно заключить, что многие реалии русского текста можно отнести к классу безэквивалентной лексики, и для них нет устоявшихся способов перевода и передачи - они варьируются от текста к тексту.

Рецензент: ***Мурувватиён Дж.Дж.*** – кандидат филологических наук, доцент.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Влахов, С. Непереводимое в переводе [Текст] / С. Влахов, С. Флорин. – М.: Международные отношения, 1986. – 343 с.
2. Икрами, Дж. Двенадцать ворот Бухары [Текст]: Трилогия: Роман: Поверженный: Роман. Кн.2 и 3. / Дж. Икрами; авториз. пер. с тадж. Л. Бать и В. Смирновой. – М.: Худож.лит., 1979. - 639 с.
3. Икрами, Дж. Двенадцать ворот Бухары: Трилогия. Кн.1. Дочь огня: Роман / / Дж. Икрами; авториз. пер. с тадж. Л. Бать, В. Смирновой и М. Явич; Вступит. статья В. Оскоцкого. - М.: Худож. лит., 1979. – 414 с.
4. Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ. Роман / Ҷ.Икромӣ. - Душанбе: Адиб, 2009. - 566 с.
5. Комлев, Н.Г. «Словарь иностранных слов». [Текст] / Н.Г. Комлев. - М.: Эксмо, 2006. - 669 с.
6. Левый И. Искусство перевода / И. Левый. - М., Прогресс, 1974. - 130 с.
7. Томахин, Г.Д. Реалии в языке и культуре [Текст] / Г.Д. Томахин // ИЯШ., 1981 - С.64-69.
Бархе аз чунин ибораҳо дар таърихномаҳои ин даврон бидуни тарҷумаи форсии тоҷикияшон оварда шудаанд. Вобаста ба масъалаи ишорагардида чунин нуктаро бояд афзуд, ки одатан ин гуна ифодаҳои рехтаи ба забони адабии дигар роҳёфта ба меъёри он дохил намешаванд. Ҳамчун унсури меъёрии забони адабии чунин воҳидҳои рехтаро қабулкарда ба шумор рафтани онҳо дар забон хеле кам дида мешавад. Доир ба ин паҳлуи масъала профессор Ҳ. Маҷидов таъкид намудааст, ки “хеле кам иттифоқ меафтад, ки воҳидҳои фразеологии бидуни тарҷума иқтибосшуда ба нормаҳои забони адабӣ дохил шаванд. Бештар фразеологизмҳои аз арабӣ гузашта ба ин имтиёз соҳиб шудаанд. Масалан, ҳоло дар забонамон ибораву ҷумлаҳои аз арабӣ дохилшудаи хайра мақдам..., Оллоҳ таоло..., биллоҳи азим..., нуран ало нур..., салом алайкум..., ва алайкум ассалом...ва чанде дигар хеле серистеъмоланд” [4, с.75-76].

Мавриди истифода қарор дода шудани чунин ибораҳо аз тарафи аҳли қалам танҳо ба мақсади услубӣ робита дошта, тавассути корбурди ин гуна таъбирот муаллифи асар кӯшиши офаридани лаҳзаҳои муайяни экзотикӣ ва симои фардии шахсро мекунад. Масалан, дар ҷумлаи зери тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” таъбири арабии *ка-л-мустағиси мина-р-рамзои би-но-нори* ба мушоҳида мерасад: Ва чун ба ҳам расиданд, ӯро ба қатл оварда ва ҳоли ӯ чунон буд, ки гуфтаанд: «*Ка-л-мустағиси мина-р-рамзои би-но-нори*» [15, с.289].

Таҳиягари матни кириллии асар дотсент Н. Ғиёсов дар ҳошия тарҷумаи таъбири арабии фавқро “монанди касе, ки аз гармои сахти офтоб ба оташ паноҳ бурд”, зикр намуда навиштааст, ки “дар бораи касе масал зананд, ки аз коре ба сахттар аз он бигурезад, яъне аз борон гурехта ба барф дучор шудан” [15, с.289].

Як ҳиссаи муҳимми таркиби луғавии забони тоҷикиро калимаҳои иқтибосии арабӣ дар бар мегиранд. Онҳо дар муддати беш аз ҳазор сол дар баробари вожаҳои аслии тоҷикӣ ҳамчун унсурҳои луғавии зарурӣ ба аҳли адаб дар баёни андеша мадади калон расонида, ба ҷуз дар алоҳидагӣ истифода гардиданашон дар бой шудани захираи фразеологии забони тоҷикӣ нақши сазовор доранд. Аммо бояд ба назар гирифт, ки шумори чунин калимаҳо дар муқоиса бо вожаҳои аслии тоҷикӣ кам мебошанд. Ба ин нукта ҳанӯз ибтидои солҳои 60-уми садаи XX муҳаққиқ ва фарҳангнигор М. Фозилов ишора карда навишта буд, ки “гарчанде забони арабӣ зиёда аз ҳазор сол чун забони ҳоким, забони дуюми олимон ва классикони тоҷик ва забони дину шариат омада бошад ҳам, калимаҳои асосии ибораҳои фразеологӣ, ҳамчун қоида, калимаҳои арабӣ ё туркӣ набуда, балки калимаҳои тоҷикӣ мебошанд. Онҳо ҳатто дар таркиби ибораҳои фразеологӣ ниҳоят кам истеъмол мегарданд” [7, ҷ.1, с.VII].

Маълум мешавад, ки чунин вожаҳо ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар гузаштаи басо дур ворид шуда, дар таркиби луғавии он ҳазм гардида, ба қонуну қоидаи забони ниёгонамон мувофиқ шудаанд.

Дар робита ба масъалаи мазкур ин нуктаро ёдовар шуданӣ ҳастем, ки як хусусияти муҳимми таърихномаҳои алоҳидаи қарнҳои X-XIII ин аст, ки дар доираи айни як ҷумла соҳибони чунин осор ду ё зиёда ибораҳои рехтаро ба кор бурдаанд, ки дар таркиби бархе аз онҳо фақат вожаҳои аслии тоҷикӣ ва дар дохили дигаре ду гурӯҳи унсурҳои луғавӣ: аслии тоҷикӣ ва иқтибосии арабӣ ба кор рафтаанд. Вобаста ба миқдори истифодаи чанд ибораи рехта дар айни як ҷумла ё порчаи шеър ин нуктаро ёдовар шуданӣ ҳастем, ки ин гуна ҳолат аз аҳли қалам маҳорати калони забондониро тақозо менамояд.

Таҳлили чунин воҳидҳои рехтаву устувори таърихномаҳои зикргардидаи қарнҳои X-XIII нишон медиҳад, ки дар қиёс бо воҳидҳои фразеологии аслии тоҷикӣ шумори таъбирҳои ба забонҳои бегона, бахусус арабӣ хос ва гунаи тарҷумагардидаи онҳо басо кам ба мушоҳида расида, чунин унсурҳои луғавиро муаллифони ин гуна осори хаттӣ бо тақозои баёни андеша ба кор бурдаанд.

Таҳлилу муқоиса нишон медиҳад, ки чунин ибораву ифодаҳо аз ҷиҳати замони имтидодашон ягона набуда, бархе танҳо як давраи муайян гардиш карда, сонӣ фаромӯш шудаанд, қисми дигарашон низ агарчи дар он шакли собиқашон аз хотирҳо хориҷ шуданд, вале дар шакли ба таври ҷузъӣ ё ҷиддии таҳаввулёфтаашон то ҳол дар забони гурӯҳе аз мардум истифода мешаванд.

Вобаста ба ин масъала бояд афзуд, ки дар ҳар кадом таърихномаҳои садаҳои X-XIII миқдори воҳидҳои фразеологӣ ба андозаи гуногун ба кор рафта, аз асри X ба баъд тадриҷан шумори корбурди онҳо афзудааст. Сабаби чунин ҳолат ба тадриҷан суръат гирифтани тақлид ба насри фаннии араб, ки оғозаш дар қарни X дар Бағдод шурӯъ гардид, робита дошта, он баъдан пас аз қарне дар Хуросон густариш пайдо намуд. Инро метавон дар мисоли қиёси забони ду таърихнома: “Таърихи Байҳақӣ” ва “Таърихи Систон” нишон дод, яъне асари аввал чаҳор сол қабл аз дуюм таълиф шудааст, аммо дида мешавад, ки дар таърихномаи Байҳақӣ теъдоди “ҳикоёту тамсилҳо ва ашъоре, ки муносиби таърих ва барои шоҳид ва муддао ва афзунии панду ибрат овардааст” бештар аст. Агарчи корбурди он мисли осори даврони минбаъда ба ҳадди ифрот нест, “аммо ифтитоҳе аст дар овардани амсол ва зикри шавоҳиди шеърӣ...” [5, ҷ. 2, с. 86-87].

Истифодаи ифодаҳои рехтаву устуворро дар қатори дигар сарвати луғавии мардумӣ на танҳо дар таърихномаҳои бо забони форсии тоҷикӣ таълифшуда дучор мегардем, балки ин гуна хусусият хосси осори тарҷумавӣ низ ҳаст, зеро ин навъи таълифот танҳо тарҷумаи ҳарф ба ҳарф аз забони бегона набуда, онҳоро мутарҷимон бо назардошти табиати забони модарии хеш аз як забон ба забони дигар баргардонидаанд. Дар бораи сифати тарҷумаи яке аз чунин осор - “Таърихи Табарӣ” донишманди эронӣ М. Баҳор навиштааст, ки “ин китоб *ба форсии ҳар чӣ некутар тарҷума шуда* (таъкиди мо-Ҷ. С.)” [5, ҷ. 2, с.29].

Худи Абӯалии Балъамӣ дар сурати ноқис будани ривояти Муҳаммад Ҷарири Табарӣ онҳоро аз маъхазҳои дигар пайдо намуда, ба матни китоб афзудааст ва дар чунин мавридҳо таъкидҳоеро, мисли “ҳарчанд Муҳаммад ибни Ҷарир ривоят накардааст”, “ҳарчанд, ки Муҳаммад ибни Ҷарир нагуфтааст бад-ин китоб андар”, “ин хато гуфтааст”, “ин на дуруст аст ва бо хабари Қуръон мувофиқ нест”, “Муҳаммад ибни Ҷарир ёд накардааст”, “Муҳаммад ибни Ҷарир се ривоят кунад андар ин китоб аз марги Мӯсо ва ҳар се гуна дуруст ва рост нест”, “Муҳаммад ибни Ҷарир андар китоб ин ҳадис ғалат гуфтааст”, “Муҳаммад ибни Ҷарир дар ин китоб даст боздоштааст ва ёд накардааст”, “Муҳаммад ибни Ҷарир нагӯяд”, “Муҳаммад ибни Ҷарир андар ин китоб тамом нагуфтааст”, “Муҳаммад ибни Ҷарир тамом нагуфта буд”, “Муҳаммад ибни Ҷарир аз ин ҳеҷ нагуфтааст ”, “Муҳаммад ибни Ҷарир дар ин китоб нагуфтааст”, “Муҳаммад ибни Ҷарир ду-се байт беш нагуфтааст”, “Муҳаммад ибни Ҷарир ҳадиси Баҳроми Чӯбин нагуфтааст ва ман ба китоби “Ахбори Аҷам” тамом ёфтам ва бигӯям”, “Муҳаммад ибни Ҷарир ин ёд накардааст”, “ва ин ки Муҳаммади Ҷарир гӯяд, муҳол аст”, “ин на дуруст аст”, “ин хабар на дуруст аст”, “на чунин аст”, “ин ҳадиси ковин Муҳаммад ибни Ҷарир ривоят накардааст”, “Муҳаммад ибни Ҷарир мухтасар кардааст” афзудааст [2, ҷ. 1, с. 121, 135, 194, 262, 278, 307, 352, 355, 358, 412, 414, 430, 505, 533, 570, 591, 701, 724, 727, 740, 769; ҷ. 2, с. 845, 848, 965, 1059, 1255, 1275, 1277, 1278, 1336].

Табиист, ки забони осори дар муддати беш аз се қарн таълифгардида баробари умумият боз аз ҳамдигар бо сабку услуби алоҳидаашон тафовут доранд, вале дар маҷмӯъ онҳо идомаи якдигар буда, муаллифон бисёр вижагии забони даврони куҳанро давом

додаанд. Дар байни ин гуна осор “Таърихи Байҳақӣ” мақоми хоссаеро дорост. Таърихномаҳои пас аз он таълифёфта, чун “Зайн-ул-ахбор”-и Гардезӣ “ба забони форсии бисёр пухтаву равон ба сабки қадим таҳрир шуда...” [5, ҷ. 2, с.67], дар муқоиса ба забони Байҳақӣ ба сабки Балъамӣ бештар шабоҳат дорад. Сабаби чунин ҳолатро М. Баҳор дар он дидааст, ки тақлиди шеваи Байҳақӣ ба воситаи “мухтассоте... душвор будааст, вале тақлиди шеваи қадим барои мутарассилон, хосса афсонанависон ва муаррихон осонтар менамудааст, бинобар ин, дар “Искандарнома” ва кутуби дигар аз шеваи Байҳақӣ чашм пӯшида ва ба сабки қадим таваҷҷуҳ шудааст” [5, ҷ. 2, с.101].

Аз муқоисаи чунин ибораҳои рехтаву устувор бармеояд, ки соҳибони таърихномаҳои ин даврон бо вуҷуди истифодаи таъбироти бегона кӯшиш ба харҷ додаанд, ки муодил ё муродифҳои тоҷикии онҳоро дарёфт намуда, ба ин восита вуҷуди имкони ифодаи матлабро бо забони модарии ниёгонамон нишон диҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ / Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн Байҳақӣ; таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо С. Муллоҷон. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 774 с.
2. Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ. Ҷ.1 / Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад Балъамӣ; бо муқаддима ва тавзеҳоти М. Умаров ва Ф. Бобоев. - Теҳрон, 1380/2001. -817 с.
3. Деҳхудо, А. Амсол-ул-ҳикам. Ҷ.1. / А.Деҳхудо. - Теҳрон: Амири Кабир. 1363. - 2064 с.
4. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: УДТ, 1982. - 103 с.
5. М., Баҳор Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ / Баҳор М. - Теҳрон: Интишороти «Заввор», 1386. – Ҷ.1. - 496 с.; - Ҷ.2. - 436 с.
6. Маҷидов Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. - 351 с.
7. Саолибии Нишопурӣ, Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммадӣ. Таърихи «Ғурар-ус-сияр» маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ / Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ; таҳиягар ва муаллифи сарсухан Н.Зоҳидӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 441 с.
8. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги фразеологӣ). Ҷилди 1 / М.Фозилов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - 952 с.
9. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷилди 3 / М.Фозилов. – Душанбе: Нашри Камол, 2014. - 638 с.
10. Фазылов М. Некоторые особенности таджикского литературного языка эпохи Саманидов (по одной старинной рукописи “Таърихи Табари”) / М. Фазылов // Труды АН Тадж. ССР, Ин-т ист. Археол. И этногр. - Том XXVII. - 1954. – С.173-183.
11. Фёдоров А.И. Развитие русской фразеологии в конце XVIII – начале XIX в.: автореферат дисс. канд. филол. наук / А.И. Фёдоров. – Новосибирск, 1973. - 19 с.
12. Филин Ф.П. О лексико-семантических группах слов / Ф.П. Филин. – София, 1957. – 340 с.
13. Хикматуллоев Н. Семантико- стилистические особенности лексических синонимов трилогии Д. Икроми "Двенадцать ворот Бухары: автореф. дисс…канд.филол. наук / Н.Хикматуллоев. – Душанбе. 1993. - 20с.
14. Хушенова С.В. Библиографический указатель литературы по таджикской фразеологии / С.В. Хушенова. – Душанбе: Дониш, 1977. - 63 с.
15. Черданцева Т.З. Идиоматика и культура (Постановка вопроса) / Т.З. Черданцева // Вопросы языкознания. - М.: Наука, 1996. - № 1. - С.58-70.
16. Ҷурфодиқонӣ, Абушшараф Носеҳ ибни Зафар. “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” / Абушшараф Носеҳ ибни Зафар Ҷурфодиқонӣ; муқаддима, таҳия, таҳшия, таълиқот, луғот ва феҳристи Н.И. Ғиёсов. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 416 с.

ХУСУСИЯТҲОИ КОРБУРДИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ АРАБӢ ДАР ТАЪРИХНОМАҲОИ САДАҲОИ X-XIII

Дар мақола сухан дар бораи хусусиятҳои корбурди воҳидҳои фразеологии иқтибосии арабӣ рафта, муаллиф кӯшиши мавридҳои истифодаи онҳоро дар осори хаттие, чун “Таърихи Табарӣ”-и Абӯалии Балъамӣ, “Таърихи Байҳақӣ”-и Абулфазли Байҳақӣ, тарҷумаи “Таърихи Яминӣ”-и Абушшарафи Ҷурфодиқонӣ кардааст. Муаллифи мақола бо овардани маводи фактологӣ аз ҳар ду таърихнома нишон додааст, ки дар чунин осори хаттӣ миқдори ибораҳои фразеологии арабӣ кам ба назар расида, дар аксар маврид муаллифон пас аз зикри гунаи арабии онҳо шакли флрсӣ - тоҷикияшонро нишон додаанд. Баъзеи ин гуна ибораҳо калкаҳо ба ҳисоб рафта, дар айни ҳол аз истифода хориҷ шудаанд ва ҷойи иддае аз онҳоро муодил ё муродифашон ишғол намуда, ҳамчун воҳидҳои фаъоли сермаънои забон ба кор мераванд. Аз муқоисаи чунин ибораҳои рехтаву устувор бармеояд, ки соҳибони таърихномаҳои ин даврон бо вуҷуди истифодаи таъбироти бегона кӯшиш ба харҷ додаанд, ки муодил ё муродифҳои тоҷикии онҳоро дарёфт намуда, ба ин восита вуҷуди имкони ифодаи матлабро бо забони модарии ниёгонамон нишон диҳанд.

Калидвожаҳо: таърихномаҳо, таркиби луғавӣ, захираи луғавии забон, иқтибос, воҳидҳои фразеологии арабӣ, тарҷума, тарҷумон, баёни матлаб, қолаб, конструксия, муродифи тоҷикӣ, навъҳои калка.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ АРАБСКИХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ИСТОРИЧЕСКИХ ТРАКТАТАХ X-XIII ВЕКОВ

В статье речь идет об особенностях использования арабских заимствованных фразелогических единиц и автор постарался показать способы их употребления в таких письменных источниках как “История Табари”Абуали Балъами, “История Байхаки” Абулфазла Байхаки, перевода “История Ямини” Абушшарафа Джурфодикони. Автор статьи с приведением фактологического материала из этих двух исторических трактатов показал, что в таких письменных наследиях очень мало встречаются арабские фразеологические словосочетания, и в большинстве случаев авторы после приведения их в арабском языке, указали их персидско-таджикскую форму.Некоторые из этих словосочетаний считаются кальками и в данное время не используются вообще и место некоторых из них заняли их эквиваленты или синонимы и используются как активные многозначные единицы языка. Из сравнения таких устойчивых фразеологических словосочетаний исходит, что авторы исторических трактатов того периода с использованием таких иноязычных толкований постарались найти эквиваленты или синонимы на таджикском языке и таким образом показали существование возможности выражения вопроса на нашем родном языке.

Ключевые слова: исторические трактаты, словарный состав, словарный запас языка, заимствования, арабские фразеологические единицы, перевод, переводчик, изложение мысли, форма, конструкция, таджикский синоним, виды кальки.

FEATURES OF USE OF ARABIC PHRASEOLOGICAL UNITS IN HISTORICAL TRACTS OF X-XIII CENTURIES

The article deals with the peculiarities of the use of Arabic borrowed phraseological units and the author tried to show the ways of their use in such written sources as “History of Tabari” by Abuali Balami, “History of Baykhaki” by Abulfazl Baykhaki, translation of “History of Yamini” by Abushsharaf Jurfodikoni. The author of the article, citing factual material from these two historical treatises, showed that in such written heritage there are very few Arabic phraseological phrases, and in most cases the authors, after bringing them into Arabic, indicated their Persian-Tajik form. Some of these phrases are considered tracing words and are not currently used at all and some of them have been replaced by their equivalents or synonyms and are used as active polysemantic units of the language. From a comparison of such stable phraseological phrases, it is assumed that the authors of historical treatises of that period, using such foreign language interpretations, tried to find equivalents or synonyms in the Tajik language and thus showed the existence of the possibility of expressing a question in our native language.

Key words: historical treatises, vocabulary, language vocabulary, borrowings, Arabic phraseological units, translation, translator, presentation of thought, form, construction, Tajik synonym, types of tracing paper.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч. Мавлонбеков, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Сведения об авторе: ***Джураева Сарвиноз Бобокуловна*** – Худжандский государственный университет им. академик Б.Гафуров, доцент, заведующая общеуниверситетской кафедры культурологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Information about the author: ***Dzhuraeva Sarvinoz Bobokulovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, associate professor, head of the university-wide department of cultural studies. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-774-05-01**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

УДК: 891.550

ТАСВИРИ СИМОИ АҲЛИ АДАБ, ИЛМ ВА ҲУНАР ДАР “БОБУРНОМА”-И ЗАҲИРУДДИН МУҲАММАД БОБУР

Маҳмадшоев М.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар таърихи адабиёти тоҷик давоми асрҳои XVI-XIX, баробари тазкираҳо инчунин чанд асари таърихӣ навишта шудааст, ки онҳо барои омӯхтани адабиёти ин даврaҳо маълумоти арзишманде дода метавонанд.

Сарчашмаҳои “таърихию адабӣ” асосан фарогири воқеа ва ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоӣ будаанд, амсоли: “Бобурнома”-и Заҳириддини Бобур, “Шарафномаи шоҳӣ”-и Ҳофизи Таниш, “Тазкират-ут-таворих”-и Абдуллоҳи Кобулӣ, “Баҳр-ул-асрор”-и Маҳмуд ибни Валӣ, “Таърихи касира”-и Саид Шарифи Самарқандӣ, “Убайдуллоҳнома”-и Муҳаммадамини Бухороӣ, “Таърихи Муқимхонӣ”-и Муҳаммад Юсуфи Муншӣ, “Мунтахаб-ут-таворих”-и Ҳоҷӣ Ҳакимхон ва ғайра.

Муаллифони ин асарҳои таърихӣ, дар баробари зикри воқеаву ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоӣ, ба ин ё он муносибат аз хусуси маҷлисҳои адабӣ ва адибони ҷудогона сухан рондаанд. Масалан, Маҳмуд ибни Валӣ дар “Баҳр-ул-асрор” дар бораи шоирон ва адибони нимаи аввали асри XVII-и доираи адабии Балх маълумоти хеле пурқимат додааст, ки мо онро аз ягон сарчашмаи дигар пайдо карда наметавонем [9].

Оид ба таърихи адабиёти нимаи аввали асри XVI аз “Ҳабиб-ус-сияр”-и Ғиёсиддин ибни Ҳумомиддини Хондамир, “Бобурнома”-и Заҳириддин Муҳаммади Бобур, “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ; доир ба адабиёти нимаи дуюми асри XVI аз “Тазкират-ут-таворих”-и Абдуллоҳи Кобулӣ, “Шарафномаи шоҳӣ”-и Ҳофизи Таниши Нахлӣ; доир ба адабиёти охирҳои асри XVI ва нимаи аввали асри XVII аз “Баҳр-ул-асрор-фӣ- маноқиб-ул-агёр”-и Маҳмуд ибни Валӣ ва амсоли инҳо як қатор ахбори ҷолиби диққате пайдо мешаванд [15, с.8].

Яке аз сарчашмаҳои арзишманди таърихии асри XVI «Бобурнома» -и Заҳириддин Муҳаммад Бобур (1483-1530), ки аз ҷиҳати ҳайсият, сабти маълумот, фарогирии матолиби адабӣ имтиёзи бештаре дошта, дар бораи авзои сиёсию иҷтимоии даврони салтанати Темуриёни Ҳинд маълумоти зиёде дар он гирдоварӣ шудааст, маҳсуб меёбад [4].

Ин асари муҳим дар қатори китобҳои пуразриш қарор дошта, бисёр воқеаҳои муҳимми адабӣ бо тафсилот ва диққати хосси муаллиф баён шуда, дар бораи таърихи «Муғулҳои бузург» ва ташкили ин салтанати абаркудрат, рӯйдодҳои солҳои 1494-1529 нақл мекунад. Бобур дар соли 1526 ба Ҳиндустон тасаллут ёфта, дар он ҷо империтории бузурге таъсис дод, ки дар таърих бо номҳои давлати Темуриёни Ҳинд, Бобуриёни Ҳинд ва Муғулҳои Бузург машҳур буда, беш аз се қарн дар ин сарзамин салтанат доштааст.

Асари таърихии Мирзо Бобур аз се қисмат иборат буда, қисми аввал фарогири воқеаҳои сиёсии охири асри XV дар Мовароуннаҳр, бахши дуюм ҳаводиси дар ҳудуди Афғонистон ба вуқӯъ омадаи даврони зиндагии муаллиф ва қисмати охирин, аз рухдодҳои солҳои 1526-1530, ки дар сарзамини Ҳинд ба вуқӯъ пайваста будаанд, фаро гирифтааст.

Муҳаққиқону олимони ватаниву хориҷӣ ин асарро, ки бо номҳои «Воқиати бобурӣ», «Корномаи Бобур», “Тузуки бобурӣ” миёни доираҳои гуногуни таърихиву адабӣ шинохта шудааст, яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои таърихии асри мазкур шуморида, ба забони туркии чағатоӣ навишта шудани онро таъкид намудаанд [18, с.163]. Дар бораи забони асар ва мундариҷаи ғоявии он низ андешаҳои олимон ҷолибу арзишманд арзёбӣ гардидааст. Асари мазкур воқеаҳои замони худро мушаххас ва воқеӣ нишон додааст. Бо забони содда ва оммафаҳм навишта шуда, барои ҳамагон дастрасу аз калимаву таъбирҳои душворфаҳм орӣ мебошад. Боиси афсӯс аст, ки то даврони мо баъзе қисматҳояш нокомил омада расидаанд [19, с.83].

Шояд муаллиф баъзе ҳодисаву воқеаҳо, ё аҳволи баъзе ашхосро аз диди хеш баҳо дода бошад, ки ин ба қубҳи асар таъсир намерасонад. Аммо тасвири географии шаҳрҳо ва манотиқи гуногуни Осиёи Миёнаро, ки Бобур анҷом додааст, то имрӯз аз шумори

беҳтаринҳо ҳисоб менамоянд. Дар ин хусус олими шинохтаи шӯравӣ В.В.Бартольд чунин андеша дорад: «...Бобур - поягузори давлати чағатоиҳои Ҳинд, бо забони туркии чағатоӣ (узбекии имрӯза - М.М.) ёдошти хешро навиштааст, ки то ҳанӯз аз қабили беҳтарин намунаҳои насри туркӣ ба ҳисоб меравад» [1, с.45].

Дар бораи Мирзо Бобур, салтанати вай, лашкаркашиҳояш инчунин пуштибониву муҳаббаташ ба аҳли сухан, огоҳӣ доштанаш аз каломи бадеъ, эҷод намудани ашъор, тазкиранигорону таърихнависони замони худаш ва асрҳои баъдина низ ахборот додаанд. Мисол, Маҳмуд ибни Валӣ дар як ҷойи асараш аз ашъори худ порчаеро намуна меорад, ки дар он воқеаи назди Кӯли Малик овони шикасти сахт хӯрдани Бобурмирзо (1483-1530) тасвир ёфтааст. Қайди пешакии Маҳмуд ибни Валӣ нишон медиҳад, ки Бобур пас аз шикаст хӯрданаш аз лашкариёни Муҳаммадхони Шайбонӣ дар назди Кӯли Малик, аз сарлашкари Сафавиён Наҷми Сонӣ кӯмаки ҳарбӣ мепурсад. Наҷми Сонӣ бе он ки аз Шоҳ Исмоили Сафавӣ иҷозат гирад, фавран ба Мовароҳуннаҳр дохил мешавад. Маҳмуд ибни Валӣ тафсили ин воқеаро аз дигар китобҳои таърихӣ нақл намуда, худаш онро ба риштаи назм кашидааст. «… Дар баъзе мухтасароти таворих мастур аст, ки - менависад муаллиф дар ин бора, - Бобурмирзо баъд аз муомилаи шикасти Кӯли Малик қосиде ба Хуросон фиристода, аз Наҷми Сонӣ истидъои имдод фармуд ва мушорилайҳ бе он ки аз Шоҳ Исмоил мураххас гардад, озими Мовароуннаҳр гардид. Ва ин ривоятро роқими ҳуруф ба воситаи баъзе асбоб бад-ин дастур ба силки назм кашида»[8].

Чӣ тавре ки тавассути сарчашмаҳои адабиву таърихӣ борҳо таъкид гардидааст, дар замони салтанати шоҳону амирони гуногун адибону шоирони зиёде буданд, ки ба мадҳу ситоиши эшон шуғл доштанд. Ва ин амал дар даврони салтанати Бобур низ роиҷ буда, бино ба ахбори адабиётшиноси варзида Расул Ҳодизода аксари ин адибон дар дарбори амирони Бухоро Убайдуллохон ва Абдулазизхон эҷод намуда, ба мисли шуарои маддоҳи гузашта ҳукмрони худро бо ташбеҳу истиораҳои муболиғавӣ ҳамчун таҷассуми олии ақлу заковат, фазлу дониш ва адлу адолат аз муқтадири беҳамтои даврон ситоиш мекарданд. Чунончи, **Маҷлисӣ**, ки то ин вақт **маддоҳи Бобур** будааст, акнун Убайдуллохонро ҳангоми пурзӯрӣ дар лашкаргоҳ ситоиш намуда, ба гуфти Нисорӣ аз ин хон инъоми зиёде мегирад. Нисорӣ аз хусуси маддоҳи дигари дарборӣ Қатлӣ маълумот оварда менависад, ки ӯ «дар гуфтани шеъри маснӯъ машҳур ва пурзӯр аст. Дар мадҳи ҳазрати Убайдуллохон қасидаи ғарро гуфта, ки мақтаи он машҳур аст:

Касе ба назми Қатлӣ назар намефиканад,
Ба даври адли ту гавҳар ба хок яксон аст» [15, с.30].

Муаллифи тазкираи «Музаккир-ул-аҳбоб» Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, ки асараш дар тадқиқи ҳаёти маданию адабӣ ва зиндагонии намояндагони алоҳидаи адабиёти Мовароуннаҳру Хуросони нимаи аввали асри XVI назар ба ҳамаи маъхазҳои адабию таърихии ин давр арзишмандтар мебошад, дар бораи зиндагии Бобур, муносибати неки вай бо аҳли сухан, махсусан бо Алишери Навоӣ, андешаҳои ҷолиби ин султони шеършинос бобати осори Навоӣ ба забонҳои форсиву туркӣ маълумоти муфид овардааст.

Алишери Навоӣ аз шумори шахсиятҳои маъруф ва шинохтаи замони хеш буда, барои рушду такомули адабиёт, бахусус забону адабиёти узбекӣ хидмати шоистаро анҷом додааст. Аз ин рӯ, дар бораи нақши калидии вай бобати пешрафти забони адабии узбекӣ дар навиштаҳои бештари муосиронаш дучор мешавем.

Масалан, муаллифи “Бобурнома” дар ин бобат чунин менависад: “Алишер бек инсони беназир буд. Аз замоне ки ки бо забони туркӣ шеър менависад, ягон нафар мисоли вай шеърро дар забони туркӣ ин қадар бисёр ва зебо нагуфтааст” [13, с.264].

Баъдан Бобур менависад, ки як қатор осори шоир ба андешаи вай хело муваффақона эҷод шудаанд, амсоли “Хамса”, чор девони ашъор, ҷавобия ба достони Аттор дар бораи парандагон. Ба ақидаи Бобур қисмати дигари ашъори Навоӣ нисбатан сусттар эҷод шудаанд, амсоли девони форсии вай, манзумаи “Мизон-ул-авзон”. Дар “Бобурнома” бобати норасоиҳои манзумаи мазкур якчанд ишораҳо оварда шудааст [13, с.265].

Андешаҳои муаллифи “Бобурнома”-ро оид ба осор ва сатҳу сифати ашъори ба забонҳои форсиву туркӣ эҷоднамудаи Навоӣ таърихнигорону муосирони Бобур ба тариқи гуногун баҳогузорӣ намудаанд. Қисми ағлаби ҳамасрони Бобур дар бобати бо ду забон муваффақона шеър гуфтани Навоӣ ишора намудаанд ва бархе аз онҳо шеърҳои забони форсиашро, дигаре ашъори туркиашро баҳои арзанда додаанд.

Масалан, таърихнигори мумтоз Хондамир дар навиштаи хеш таҳти унвони “Макорим-ал-ахлоқ”, ки ба Алишери Навоӣ бахшида будааст, эҷодиёти шоирро бо ҳар ду забон шоиста арзёбӣ намуда, изҳори қаноатмандӣ зоҳир кардааст [5, с.186].

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи хеш ба ашъори Навоӣ баҳои баланд дода, менависад, ки Бобур ҳамчун пуштибон ва дӯстдори аҳли шеъру сухан ва донандаи каломи ноб, ҳамавақт истеъдоди Навоиро тавсиф намуда, ҳангоми мутолиаи осори туркии вай ба услуби нигориш ва тасвирпардозиҳояш баҳои баланд додааст [7, с.97].

Фахрии Ҳиротӣ дар бораи шуҷоату корнамоиҳои Мирзо Бобур сухан ронда, дар баробари ин қайд менамояд, ки мавсуф аз илми суханварӣ ва мусиқӣ огоҳии комил дошта, дар ин росто комёб гаштааст. Ҳиротӣ чунин менигорад: “Подшоҳе буд дар баҳодурӣ ва диловарӣ ягонаи даврон ва бо касри фазоилу фунуну камолот ороста, балки нодираи замон аст ва хусусан дар мусиқӣ бебадал воқеъ шуда ва шеъри форсӣ ва туркии ӯ зебост. Аз ӯст ин абёт:

Ҳалок мекунадам фурқати ту донистам,
Вагарна рафтан аз ин шаҳр метавонам.

Ё ҷойи дигар:

Хароботӣ ва ринду майпарастам,
Ба олам ҳар чӣ мегӯянд, ҳастам” [9, с.121].

Муаллифи мазкур дар бобати эҷодиёти шоҳ Бобур ақидаҳояшро идома бахшида, воқеаеро нақл менамояд ва ишора менамояд, ки рӯзе ба Мавлоно Хоҷагӣ пораи тиллоро фиристода, қитъаи зеринро эҷод намудааст:

Дар ҳавои нафс гумраҳ, умр зоеъ кардаем,
Пеши аҳли Оллоҳ аз атвори худ шармандаем.
Як назар афкан ба сӯйи мо, ки аз роҳи вафо,
Хоҷагиро мондаему Хоҷагиро бандаем [9, с.111].

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ фаъолияти адабии Бобурро хуб арзёбӣ намуда, таъкид менамояд, ки Мирзо Бобур дар шинохти арӯз собитқадам будааст ва байти зеринро ба ҳайси намуна аз табъи равони вай овардааст:

То ба зулфи сияҳам дил бастам,
Аз парешонии олам растам [9, с.110].

Ва ба ҳамин васила нишон медиҳад, ки Бобур дар баробари салтанату давлатдорӣ намудан, нигоштани ёддошти таърихии худ, пуштибонии аҳли адаб, лашкаркашиҳову кишваркушоиҳо, дар фирору дур аз ватани аҷдодӣ буданаш, ба шеъру адабиёт дилбастагии зиёд дошта, дар жанрҳои гуногун ашъор сурудааст. Ва абёти ҷудогонае, ки аз ҷониби тазкиранигорону таърихнависони ҳамасраш дар боло ҳамчун шоҳид овардем, далели гуфтаҳои Нисорӣ бобати огоҳии комили Бобур аз каломи ноб ва нозукиҳои он мебошад.

Мувофиқи ахбори муҳаққиқону олимон ва адабиётшиносону таърихнигорони ватаниву хориҷӣ девони комили ашъори Бобур то имрӯз омада нарасидааст. Бино ба таъкиди онҳо махсусияти ин девон аз ҳамон иборат будааст, ки ашъори вай аз рӯйи алифбо сурат нагирифтааст. Он фарогири навъҳои гуногуни жанрҳои адабӣ будааст, амсоли 119 ғазал, 201 рубоӣ, 52 фард ва ғайра [9, с.110].

Инчунин маҳорати баланди адабии Бобурро дар таҳқиқоти хеш олими рус Стеблёв ишора намуда, чунин мегӯяд: “Маҳорати бадеии Бобур дар худ рушди адабиёти классикии осори ба забони туркӣ нашргардидаи Осиёи Миёнаро таҷассум намудааст” [13, с.121].

Муаллифи “Бобурнома” дар боби “Амирони Ҳусайн Мирзо” аз рӯзгор ва фаъолияти якчанд нафар ашхоси вазифадори ин дарбор нақл карда, ишора намудааст, ки онҳо дорои завқи баланди шинохти шеъру адабиёт, фарҳангу мусиқӣ ва дигар илмҳои замона буда, соҳиби девону ашъор будаанд. Инчунин, ҳангоми навиштани ёдошти хеш дар баробари таҳлилу барасӣ ва тавсифи баъзе қисматҳои осорашон, инчунин аз камбудиву норасоиҳояшон низ гуфта гузаштааст.

Чӣ тавре ки дар боло андешаҳои Нисориро бобати навиштаҳои Бобур дар бораи эҷодиёти Мир Алишери Навоӣ ҳамчун намуна овардем, ҳақиқатан ҳам, муаллифи “Бобурнома” ба шахсият ва эҷодиёти ин суханвари варзида баҳои баланд дода, вайро дар қатори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аз пуштибонон, раҳнамоён ва маслиҳатчиёни мумтози адабиёти асри мазкур ҳисобидааст.

Бобур дар боби зикршудаи асараш пас аз овардани исми Муҳаммад Бурундук Барлос ва фарзанди вай Музаффар Барлос дар бораи Алишери Навоӣ маълумот дода, чунин

навиштааст: “Алишербек Навоӣ низ буд. Вай бек набуд, рафиқи Мирзо буд. Дар кӯдакӣ онҳо дар як мактаб мехонданд, онҳо хеле бо ҳам наздик буданд. Ман намедонам, ки барои кадом гуноҳе Султон Абӯсаид Мирзо Алишери Бекро аз Ҳирот дур кард. Алишер-Бек ба Самарқанд рафт. Дар ин чанд сол, ки ӯ дар Самарқанд гузаронидааст, Аҳмад-Ҳоҷибек ӯро ғамхорӣ ва дастгирӣ намудааст. Алишер-Бек бо сахтгирии хеш маълум аст. Аксаран фикр мекарданд, ки ҳассосияти ӯ аз васвасаи қудрат сарчашма мегирад. Ин андеша дуруст нест” [3, с.198].

Бобур ба ашъори Навоӣ баҳои баланд дода, таъкид намудааст, ки мавсуф барои пешбурди забони туркии чағатоӣ бо офаридани чунин асарҳои гаронарзиш хидмати босазоро анҷом додааст. Дар бораи бо тахаллуси Фонӣ ашъори форсӣ сурудан, донандаи хуби илми мусиқӣ будани Мир Алишер ишора намудааст. Бобур таъкид намудааст, ки Навоӣ пуштибони асили илму санъат буда, устодони варзидаи ин самт амсоли Қулмуҳаммад, Шайхи Нойӣ, Ҳусейни Удӣ, Беҳзод ва Шоҳ Музафар маҳз тавассути дастгириву ёрмандии ҳамин амири фарҳангпарвар ба чунин комёбиҳову пешравиҳо ноил гаштаанд [3, с.199].

Дар баробари ин Бобур менависад, ки Навоӣ дар бораи авзони шеърӣ китобе иншо намудааст, таҳти унвони “Мизон-ул-авзон”, ки аз ҷониби муҳаққиқону донандагони арӯз хуш қабул нашудааст ва онҳо бобати норасоиҳои ин асар эрод гирифтаанд. Ба андешаи Бобур ин норасогиҳо дар шинохти авзони рубоӣ ба чашм мерасад, ки шеършиносон ва донандагони арӯз бештар ва тезтар огоҳӣ пайдо менамоянд, на хонандаи одӣ, ки завқи шеърдӯстӣ дорад.

Бобур менависад, ки дар баробари ҳамаи ин пуштибониҳо Навоӣ барои пешрафти зиндагии мардумон, ободии шаҳрҳо, созандагӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонида, дар сохтани бисёр биноҳои муфид саҳм гузоштааст. Вай бо Ҳусейн Мирзо мисли бародар буда, ҳангоме ки ба Астаробод ташриф меовард наздаш сари зону менишинад ва бархестан наметавонад. Ӯро бардошта мебаранд ва ба дардаш табибон даво намеёбанд. Субҳи дигар ба раҳмати Парвардигор мепайвандад. Ва байтеро ба ҳайси намуна аз ашъори Навоӣ овардааст, ки мазмунаш чунин аст: “Ман аз беморӣ хоҳам мурд, аммо он беморӣ муайян нест, пас чӣ гуна табибон метавонанд дар ин мушкилот ба ман кумак намоянд” [3, с.199].

Пас аз овардани маълумот дар бораи Навоӣ ва баҳодиҳӣ ба осори вай Бобур исми сездаҳ нафар шайхону беконро зикр намуда, дар бораи онҳо маълумоти мухтасар додааст. Баъдан дар бораи Шайхимбек ном ашхос сухан ронда, ишора намудааст, ки мавсуф бо тахаллуси Суҳайлӣ ашъор месурудааст. Бо назардошти он ки тахаллуси мазкурро истифода мекардааст, ӯро ҳамчун Шайхи Суҳайлӣ мешинохтаанд[3, с.202].

Бино ба ахбори Бобур Шайхи Суҳайлӣ ба тарзи хос ашъор суруда, дар он образҳо ва рамзҳои куҳнашудаву андешаҳои номувофиқтарро истифода менамудааст. Ва байтеро ба ҳайси намуна овардааст, ки маъноях чунин мебошад: “Аз ғаму ғусса дар шаби торик нидои оҳи ман **мисли камон осмонро бармеангезад** ва **аждаҳои ашки ман чоряки сокинони заминро** аз худ дур менамояд. ” Гӯё байти зеринро замоне пеши Мавлоно Ҷомӣ хондааст ва ӯ пас аз шунидани ин байт гуфтааст, ки: “Мирзо шумо шеър мехонед, ё мардумро метарсонед?” [3, с.202].

Бобур дар асараш таъкид намудааст, ки Суҳайлӣ соҳиби девон буда, якчанд маснавиҳо низ эҷод кардааст. Аммо дар бораи таркиби девони вай, номи маснавиҳояш, мазмуну мундариҷаи ашъори ин суханвари ношинохта маълумоти дигаре надодааст.

Инчунин, Бобур дар бораи боз якчанд шайхону бекони дигар маълумоти мухтасар дода, аз миёни эшон ба Маҳмудбеки Валӣ ва Камолиддин Ҳусейни Газургоҳӣ таваҷҷуҳ намудаааст. Маҳмудбеки Валиро аз нафарони огоҳу донандагони хуби адабиёту ҳунар муаррифӣ намуда, бобати Ҳусайни Газургоҳӣ гуфтааст, ки хешро аз шумори сӯфиён муаррифӣ менамуд ва манзумае бо номи “Ҷамъомади муҳиббон” тартиб дода, онро ба Султон Хусайн Мирзо бахшидааст.

Ба андешаи соҳиби “Бобурнома” манзумаи Ҳусайни Газургоҳӣ аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва мантиқ суст буда, андешаҳо ва рамзу тасвирҳои овардаи муаллиф ҷавобгӯи суннатҳои шеърсароии адабиёти ҳамон даврон набудааст [3, с.204].

Бо ҳамин маълумот ин фаслро анҷом дода, боби дигареро таҳти унвони “Вазирони Султон Ҳусайн Мирзо” оғоз намудааст. Нахуст дар бораи Маҷдуддин Муҳаммад писари Пир Аҳмади Хавофӣ сухан ронда, ӯро яке аз вазирони Султон Ҳусайн номидааст, ки муҳимтарин корҳои давлатдориро бар уҳда доштааст. Ва дар идомаи он чунин

навиштааст, ки: “Замони Султон Ҳусейни Мирзо даврони аҷибе буд. Хуросон, алалхусус дар шаҳри Ҳирот олимон ва одамони наҷиб бештар буданд. Ва ҳар нафаре ки ба касбе, ё коре шуғл меварзид, мақсад ва хоҳиши онро то ба охир расонидан дар дилаш пайдо мегашт” [3, с.205].

Бобур пас аз овардани гуфтаҳои болоӣ исми Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомиро оварда, мегӯяд, ки эшон намунаи беназири ҳамин гуна ашхоси рӯҳбаландкунандаи аҳли илму адабиёту ҳунару фарҳанги ҳамин минтақа мебошанд. Аз Ҷомӣ ҳамчун шахсияти беназир ва суханвари барҷастаи даврон ёд намудааст.

Ба осор ва ашъори Мавлоно Ҷомӣ баҳои арзишманд дода, мегӯяд, ки ягон нафар дар ин даврон мисли эшон аз илмҳои замона хабардор набуда, шеърҳояш миёни ҳама табақаҳои мардумон машҳуру шинохта будааст. Бобур мегӯяд, ки хизматҳои Мавлоно аз ҳамаи ин ситоишҳо боло истода, барои ҳамчун намуна нишон додан ба аҳли сухану илму ҳунар ва танҳо ба хотири ба некӣ ёд овардани ӯ ин амалро анҷом додаам [3, с.206].

Навиштаҳои Бобур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар баробари султону амир буданаш ба аҳли илм, суханварону адибон, ҳунармандону мусиқачиён таваҷҷуҳи хосса доштааст ва дар ёддоштҳояш аз онҳо ба некӣ ёдоварӣ намудааст.

Пас аз зикри “пири шоирони ҳиротӣ” дар бораи олимони шинохтаи илмҳои диниву дунявии аҳди Султон Мирзо аз қабили Шайхулислом Сайфиддини Аҳмад (аз авлоди Саъдуддини Тафтозонӣ-М.М.) ҳамчун донандаи хуби забони арабӣ, олими шинохтаи фиқҳ, Мавлоно Шайх Ҳусейн донандаи хуби улуми фалсафа ва илоҳиёт, Муллозодаи Мулло Усмон бо тахаллуси “Муллои модарзод” инсони донишманд ва дорандаи хотираи қавию мустаҳкам, Мир Муртазо, Масъуди Шервонӣ ва Абдулло Ғафури Лорӣ ҳамчун шогирдони бомаҳорати мактаби адабии Ҳирот, Мулло Ҷамолиддини муҳандис ҳамчун донандаи хуби илмҳои анъанавию дақиқ, Мир Атоуллоҳи Машҳадӣ донандаи хуби забони арабӣ ва каломи бадеъ, адабиёту шеъри форсӣ ва дигарон маълумотҳои судманд додааст.

Бобур дар бораи аз шеъри форсӣ огоҳии комил доштани Машҳадӣ сухан гуфта, нигоштааст, ки мавсуф бо номи “Рисола дар бораи қофия” асаре навиштааст. Аз нигоҳи Бобур норасогии ин асар дар ҳамон зоҳир мешавад, ки Машҳадӣ ба ҳайси шоҳид дар аксари вақт абёти хешро истифода намудааст. Инчунин, агар ягон порчаи манзумеро аз осори дигарон оварда бошад, пас аз он менависад, ки дар ин бобат банда низ чунин гуфта буд ва пас аз он боз намунае аз ашъори худро мисол мебиёрад [3, с.207].

Бобур дар идомаи навиштаҳояш бобати рӯзгору осори аҳли илм боз аз суханварони аҳди Султон Ҳусайн Мирзо ва даврони баъди ӯ ёдоварӣ намуда таъкид менамояд, ки дар сарҳалқаи ин мактаби адабӣ Абдурраҳмони Ҷомӣ қарор дорад. Баъдан асмои суханваронеро амсоли Шайхи Суҳайлӣ, Ҳусайн Алии Туфайлӣ, Осафиро зикр намудааст. Ишора намудааст, ки Осафӣ ҳангоми салтанати ман дар Хуросон ҳамроҳ хидмат намудааст.

Дар идомаи ёддоштҳояш аз Камолиддин Биноӣ ёдовар шуда, менависад, ки мавсуф зодаи Ҳирот аст. Бо сабаби он ки падари шоир Муҳаммади Сабз бинокор будааст, фарзандаш тахаллуси Биноиро касб намудааст [3, с.208].

Дар баробари нишон додани ватани аслии шоир, тахаллуси адабии вай ба осору ашъори Биноӣ баҳои арзишманд дода, қайд менамояд, ки ғазалҳои шоир мавзуну ҷаззоб ва бо тасвирҳои муъҷаз иншо гардида, соҳиби девони ашъор будааст. Инчунин дар бораи маснавиҳои Биноӣ ёдоварӣ намуда, гуфтааст, ки як маснавияш дар вазни мутақориб ва дутои дигари он, ки кӯтоҳтар мебошанд дар вазни хафиф эҷод шудаанд.

Бобур менависад, ки гӯё Биноӣ дар аввалҳо аз илми мусиқӣ огоҳии комил надоштааст ва ин сабаби таънаи Навоӣ гаштааст, сипас, ба худ аҳд баста, ин илмро замоне ки Султон бо аҳли рикобаш ба Марв рафту шоир дар Ҳирот монд, комилан аз бар намуда, дар ин самт аз шумори пешрафтагон гаштааст. Ва дар назди Султон Мирзо ҳунарашро нишон дода, аз Навоӣ таҳсин шунидааст.

Бобати муносибати на он қадар хуби Навоӣ ва Биноӣ дар асараш қайд намуда, сабаби аз Ҳирот ба Ироқу Озорбойҷон назди Яъқуббек сафар кардани Камолиддинро дар он мебинад, ки вай бештар ба навиштаҳо ва ё гуфтаҳои Мир Алишер эрод мегирифтааст ва ба шӯхиҳои ӯ бо ҳазлҳои тундтар ҷавобия мегуфтааст [3, с.208].

Дар хусуси ин ҳазлҳо ва ҷавобияҳои он дар навиштаҳои аксари тазкиранигорон ва таърихнависони баъдӣ ишораҳо рафта, тарзи баёни воқеаҳо бо тарзҳои гуногун сурат гирифтааст. Аксари ин муаллифон ба ҳаҷву истеҳзо ва сухандонии Биноӣ баҳои баланд дода, ҳикояи “туҳфаи алишерӣ”-ро ба ҳайси намуна овардаанд.

Адабиётшинос Н. Сайфиев ҳангоми шарҳи воқеаҳои даврони салтанати Бобур чунин навиштааст: “Дар ин задухӯрдҳо Бобурмирзо соли 1497 ба Самарқанд соҳиб шуда, баъд аз сад рӯз, соли 1498 он ҷоро тарк менамояд. Дар ин муддати салтанати худ Бобурмирзо бо Биноӣ ду маротиба мулоқот мекунад. Баъд аз Бобурмирзо Самарқанд ба ихтиёри Султон Алимирзо медарояд. Биноӣ пас аз ин то соли 1500 дар назди ӯ мемонад [14, с.33].

Мирзо Бобур пас аз овардани маълумот дар бораи Биноӣ ва таҳлилу баррасии баъзе аз паҳлуҳои осори вай исми Сайфии Бухороиро зикр намуда, вайро ҳамчун олим ва донандаи хуби илмҳои замона муаррифӣ менамояд ва соҳибдевон будани ӯро таъкид кардааст.

Ашъори асосии шоир ба ҳунармандон бахшида шуда, суханвар дар бораи ҳунари ҳар яки онҳо дар шакли шеърӣ маълумот додааст. Бобур ишора намудааст, ки Сайфӣ ғазал, қасида, рубоӣ навишта бошад ҳам, маснавӣ эҷод нанамудааст ва ин хулосаро аз маънии як шеъри шоир гирифтааст, ки дар он чунин омада: “агарчи навиштани маснавӣ дар ҳадиси пайғамбар ишора шуда бошад, ман навиштани ғазалро хости худованд мешуморам, панҷ шеъре ки ба дил мақбул аст, беҳтар аз панҷгона (хамса-М.М.) мешуморам”. Дар интиҳои ахборот аз Сайфӣ ҳамчун марди ба бода дилбаста ва шуҷоу далер ёдоварӣ намудааст [3, с.209].

Аз Абдуллои Ҳотифӣ писари хоҳари Мавлоно Ҷомӣ ба ҳайси сарояндаи маснавӣ ёдовар шуда, ишора менамояд, ки мавсуф дар ҷавобияи “Хамса”-и Низомӣ панҷ маснавӣ эҷод кардааст. Фарқияти маснавиҳоро дар он шарҳ додааст, ки агар Низомӣ дар бораи Искандар достон сароида бошад, пас Ҳотифӣ номи маснавии хешро “Темурнома” ниҳодааст. Аз миёни маснавиҳои Ҳотифӣ ба “Лайлӣ ва Маҷнун” баҳои баландтар дода, ҳунари шоирии вайро қобили шоистагӣ хондааст.

Суханварони дигаре, ки дар ин фасли “Бобурнома” зикрашон рафтааст, Мир Ҳусайни Муаммо, Мулло Муҳаммади Бадахшӣ, Юсуфи Бадеӣ, Оҳӣ, Муҳаммад Солеҳ, Шоҳ Ҳусайни Комӣ, Бадриддини Ҳилолӣ ва Аҳлӣ мебошанд, ки муаллифи асар дар бораи ҳунари шоирӣ ва завқи шеършиносияшон ба таври мушаххас баҳо додааст [3, с.209-210].

Тибқи маълумоти овардашуда Мир Ҳусайн дар иншои муаммо дасти дароз доштааст. Мулло Муҳаммади Бадахширо зодаи Ишкошим гуфта, менависад, ки ин мавзеъ тобеи Бадахшон набудааст, пас чаро ин суханвар ба худ тахаллуси “Бадахшӣ”-ро гирифта бошад. Бобати ашъораш менависад, ки шеърҳои ӯ ба мисли осори шоирони зикршуда хуб нестанд. Муаммо ҳам иншо менамояд, вале на ба сатҳи муваффақ. Ва ишора намудааст, ки Бадахшӣ ҳамнишини хуб буд, дар Самарқанд ба ман хидмат мекард.

Юсуф Бадеиро зодаи вилояти Фарғона гуфта, дар бораи қасиданависи хуб будани ин суханвар маълумоти кӯтоҳе овардааст.

Оҳиро ҳамчун ғазалсарои шинохтаи даврони худаш васф намуда, соҳибдевон будани вайро таъкид кардааст.

Дар бораи шоир Муҳаммад Солеҳ маълумоти бештаре оварда, мазомини ғазалҳои ӯро васф намудааст, вале дар тасвирсозӣ ва истифодаи рамзҳо онҳоро ноқистар шуморидааст. Ҳамчунин дар бобати ба забони туркӣ низ ашъор сурудани Муҳаммад Солеҳ хабар дода, ғазалҳои ба ин забон сурудаашро истиқбол намудааст. Дар дарбори Шайбонихон хидмат намудааст ва аз ӯ меҳрубониҳо дидааст. Ба ифтихори Шайбонихон як маснавии туркӣ дар вазни рамал эҷод намудааст, ки Бобур мантиқу бунёди онро сусту номуваффақ мешуморад. Яке аз байтҳои он чунин аст:

Фарғона зодгоҳи Танбал буд,
Вай Фарғонаро хонаи танбалон кард.

Муҳаммад Солеҳро марди бадкина, бераҳм ва бадқаҳр номидааст [3, с.210].

Дар бораи Шоҳ Ҳусайни Комӣ маълумоти мухтасар оварда, мегӯяд, ки шеъри вай он қадар бад нест ва шояд соҳиби девон бошад. Бобур дар бобати рӯзгор ва эҷодиёти ин суханвар ба таври мушаххас маълумот надодааст.

Дар бораи шоири ширинкаломи адабиёти давраи мазкур, ғазалсарои варзида Бадриддин Ҳилолӣ маълумоти муфассалтар додааст. Бобур менависад, ки Ҳилолӣ ҳоло зинда аст ва ғазалҳои ӯ суфтаву мазоминаш рангоранг ва аз нуқсонҳо холӣ мебошанд. Шоири соҳибдевон мебошад.

Бобур бобати осори дигари Ҳилолӣ сухан ронда, қайд менамояд, ки вай соҳиби маснавие бо унвони “Шоҳу дарвеш” мебошад. Ин маснавӣ дар баҳри хафиф эҷод шудааст. Дар ин маснавӣ агарчи абёти мавзун оварда шуда бошад ҳам, дар мундариҷа ва ғояи он

бесарусомонӣ ва ноустуворӣ мушоҳида мешавад. Образҳои истифоданамудаи шоирро низ мақбули табъ наҳисобидааст [3, с.210].

Дар бобати мустаҳкамии хотироти Ҳилолӣ сухан ронда, ишора намудааст, ки шоир зиёда аз сӣ ҳазор абётро аз бар доштааст. Дар соҳаи шинохти шеър, каломи бадеъ ва иншои осори гуногунжанр дар силки аввалинҳо қарор доштани шоирро таъкид намуда, ба ҳунари ғазалсароии Ҳилолӣ баҳои баланд додааст.

Бобати суханвари дигар бо як ҷумла иктифо намуда, навиштааст, ки "Исми ин нафар Аҳлӣ буда, аз шумори одамони одӣ мебошад ва шеърҳои хуб навишта, соҳиби девон аст".

Мирзо Бобур пас аз овардани маълумот дар бораи Аҳлӣ, бобати рушди ҳунармандиву хаттотӣ, фарҳангу мусиқӣ сухан ронда, исми якчанд нафарони дар ин соҳа пешгомро зикр кардааст, амсоли Алии Машҳадии хаттот, Беҳзоди наққоши чирадаст ва рассоми беназир, Шоҳмузаффари расоми соҳибқалам, Хоҷа Абдуллоҳи Марвориди мусиқачӣ, Қулмуҳаммади Удӣ, Шайхи Нойӣ, Шоҳқули Ғиҷҷакӣ, Ҳусайни Удӣ, Паҳлавон Муҳаммад Саиди офарандаи мусиқӣ ва нақшҳо ва Ғулом Шодии оҳангсоз [3, с.212].

Хизмати арзандаи Бобур дар он зоҳир мешавад, ки номбурда бо овардани асмои чанд тан суханварони аҳди хеш ва нақду баррасии осору ашъорашон тавонистааст мақому манзалати онҳоро дар ҳаёти адабии даврони хеш нишон диҳад. Инчунин, вай соҳибдевон будани аксари онҳоро таъкид сохта, нишон медиҳад, ки адабиёт ҳамавақт дар пешравӣ қарор дошта, шумораи суханварони бо забони тоҷикӣ-форсӣ ашъор суруда хело зиёд будаанд. Ҳарчанд ки на ҳамаи девони суханварони зикршуда, ё осори онҳо барои аҳли таҳқиқ, ё аҳли завқ бо омилҳои гуногуни таърихиву иҷтимоӣ омада нарасидаанд, лекин зикри асмои эшон дар саҳифаҳои таърихи адабиёт кори судманде хоҳад буд.

Муқарриз: ***Раҷабов Э.*** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент.

А Д А Б И Ё Т

1. Бартольд, В.В. Мир Али-Шир и политическая жизнь / В.В. Бартольд // Сочинения. - М., 1964. - Т. П. - Ч.2.- С.199-260.
2. Бартольд, В.В. Улугбек и его время / В.В. Бартольд // Сочинения. - М., 1964. - Т. II. - Ч.2. - С.25-178.
3. Бабур, Захираддин. Бабур-наме / Захираддин Бабур; перевод М. Салье. – Ташкент, 1958. - 530 с.
4. Болдырев, А.Н. Тазкира Хасана Нисори как новый источник для изучения культурной жизни Средней Азии XVI в. / А.Н. Болдырев // ТОВГЭ. - Т.III. - Л.: Госэрмитаж, 1940. – С.291-300.
5. Ғиёсиддин бинни Ҳумомиддин. Ҳабиб-ус-сияр. Чопи сангӣ. – Бомбей, 1273 / 1857. - 1513 с.
6. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: иборат аз ду китоб. Китоби 2: Охирҳои асри
7. миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1985. - 416 с.
8. Давлатшах Самарканди. Тазкират аш-шу'ара. Давлатшах Самарканди. - London - Leiden, 1901.
9. Маҳмуд ибни Валӣ. Баҳр-ул-асрор. Нусхаи захираи дастнависҳои шарқии АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, №1375, (вар. 268, 285, 290).
10. Ҷ, А. Адабиёт(ёрӣ барои дарси адабиёти асрҳои XVI, XVII, XVIII ва X1X-и тоҷик) / А.Ҷ. - Сталинобод: Нашр.дав.тоҷ. 1948. - 189 с.
11. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI- XIX ва ибтидои асри XX). Барои омӯзишгоҳҳои педагогӣ Х.Мирзозода. - Сталинобод: Нашр.дав.тоҷ., 1950. - 304 с.
12. Ҷ А. К вопросу об изучении таджикской литературы XVI—X1X вв. / А. Ҷ // Материалы Первой всесоюзной научной конференции востоковедов в Ташкенте. - Ташкент, 1957. - С.718-726.
13. Тазкират-уш-шуаро / Таълифи Султон Мухаммади Мутрибии Самаркандӣ; муқаддима ва тасҳеҳи Асғар Ҷонфидо. - Теҳрон: ойинаи мерос, 1377.
14. Норик Б.В. Антологии Хасана Нисари и Мутриби Самарканди как источники по истории письменной культуры Мавераннахра XVI - первой трети XVII вв. / Б.В. Норик. - Санкт Петербург. - 349 с.
15. Сайфиев, Н. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) / Н. Сайфиев. - Душанбе: Бухоро. - 660 с.
16. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI- XIX ва ибтидои асри XX / Р.Ҳодизода, У.Каримов, С.Саъдиев. - Душанбе: Маориф, 1988. – 171 с.
17. Чалисова Н.Ю. «Тазкират аш-шу'ара» Давлатшаха - источник и памятник литературы / Н.Ю. Чалисова // Памятники истории и литературы Востока. Период феодализма. Статьи и сообщения. - М., 1986. - С.221-236.
18. Hofinan H.F. Turkish Literature. A bio-bibliographical survey. Section III. Part I. - Vol. 1-6. Utrecht, 1969.
19. Storey C.A. Persian Literature. A bio-bibliographical survey. Biographes. - Vol. II. P. 2. - London, 1953.

ТАСВИРИ СИМОИ АҲЛИ АДАБ, ИЛМ ВА ҲУНАР ДАР "БОБУРНОМА"-И ЗАҲИРУДДИН МУҲАММАД БОБУР

Дар мақолаи мазкур бобати таърихи адабиёти нимаи аввали асри XVI сухан рафта, муаллиф таъкид менамояд. ки муҳимтарин сарчашмаҳои таърихии ин аср "Ҳабиб-ус-сияр"-и Хондамир, "Бобурнома"-и Бобур, "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Восифӣ, "Тазкират-ут-таворих"-и Абдуллоҳи Кобулӣ, "Шарафномаи шоҳӣ"-и Ҳофизи Таниш ва "Баҳр-ул-асрор"-и Маҳмуд ибни Валӣ ба шумор мераванд. Баъдан дар бораи яке аз сарчашмаҳои арзишманди таърихии асри XVI «Бобурнома» -и Заҳируддин Муҳаммад Бобур, маълумот дода, ишора менамояд, ки ин асар дар баробари арзиши баланди таърихӣ доштан, ҳамчун сарчашмаи муҳимми адабӣ низ ба ҳисоб меравад. Тибқи ахбороти овардаи муаллифи мақола ин асари муҳим дар қатори китобҳои пуарзиш қарор дошта, бисёр воқеаҳои муҳимми адабӣ бо тафсилот ва диққати хосси

муаллиф баён шуда, рӯйдодҳои солҳои 1494-1529 нақл карда мешавад. Бобур дар соли 1526 ба Ҳиндустон рафта, дар он ҷо империяи бузурге таъсис дод, ки дар таърих бо номҳои давлати Темуриёни Ҳинд, Бобуриёни Ҳинд машҳур буда, беш аз се қарн дар ин сарзамин салтанат доштааст. Муҳиммияти мақола дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф тавонистааст дар баробари овардани намунаи ашъори шоирони шинохта, инчунин аз эҷодиёти суханварони на он қадар машҳур, ки дар замони зиндагияшон соҳиби девон будаанд ва дар мавзӯъҳо ва жанрҳои гуногун эҷод намудаанд маълумоти муфид пешниҳод намояд, монанди Муҳаммади Бадахшӣ, Оҳӣ, Аҳлӣ, Муҳаммад Солеҳ, Шайхи Суҳайлӣ, Ҳусайн Алии Туфайлӣ, Осафӣ. Инчунин, муаллифи мақола дар баробари ёдкарди аҳли адаб, аз фаъолияти уламо, донандагони илмҳои замона ва хаттотону мусиқачиёни замони зиндагии Бобур, ки дар асари мавсуф ахборот дода шудааст, маълумот дода, нишон додааст, ки сабаби рушди ҳунару истеъдоди эшон пуштибониву имконият фароҳам овардани Султон Ҳусайн Мирзо ва атрофиёни ин шоҳи адабиётдӯсту фарҳангпарвар будааст.

Калидвожаҳо: адабиёт, “Бобурнома”, асари таърихӣ, амир, вазир, шуаро, Мирзобобур, маълумот, ёдошт, Ҳусайн Мирзо ....

ИЗОБРАЖЕНИЕ ОБРАЗОВ ЛИТЕРАТОРОВ, ДЕЯТЕЛЕЙ НАУКИ И ИСКУССТВА В "БОБУРНАМЕ” ЗАХИРУДДИНА МУХАММАДА БОБУРА

В данной статье, изучая историю литературы первой половины XVI века, автор указывает, что наиболее важными историческими источниками этого периода являются “Хабиб-ус-сияр” Хондамира, “Бобурнома” Бобура, “Бадоеъ-ул-вакоеъ” Восифи, “Тазкират-ут-таворих” Абдуллоха Кобули, “Шарафномаи шохи” Ҳофиза Таниша и “Бахр-ул-асрор” Маҳмуда ибн Вали. Затем, рассказывая об одном из важных исторических источников XVI века, «Бобурнома» Захируддина Муҳаммада Бобура, указывает на то, что данное произведение, наряду с высокой исторической ценностью, также является важным литературным источником. Автор статьи также отмечает, что эта книга является составной частью ценных книг, в которых подробно описываются много важных литературных событий, и с особым вниманием автора излагаются события 1494-1529 годов. Бобур в 1526 году отправился в Индию и основал большую империю, которая была известна в истории как государство Тимурийцы Индии, Бобурийцы Индии, царствовавшую более трех веков на этой земле. Важность статьи выражается в том, что автор сумел наряду с выдающимися поэтическими образцами показать творчество малоизвестных литераторов, которые в свою историческую эпоху были авторами сборников стихов, творивших в различных жанрах и охватывающих многообразные темы, такие как Муҳаммад Бадахши, Охи, Ахли, Мухаммад Солех, Шайх Сухайли, Хусайн Али Туфайли, Осафи. Кроме того, автор статьи наряду с упоминанием литературоведов периода царствования Бобура показал творчество ученых, каллиграфов и музыкантов того времени и отметил, что особые чувства любви и поддержка султана Хусейна Мирзо литературе и искусству позволили развиваться их творчеству и таланту.

Ключевые слова: литература, “Бобурнома”, историческое произведение, эмир, везирь, совет, Мирзобобур, образование, воспоминания, Хусайн Мирзо ....

IMAGE OF THE IMAGE OF THE WRITERS, FIGURES OF SCIENCE AND ART IN "BOBURNAM" ZAHIRUDDINA MUHAMMAD BOBUR

In this article, studying the history of the first half of the XVI century, the author indicates that the most important historical sources of this period are the "Habib-Us-Siyar" of Hondamir, Boburn, Bobur, "Badoy-Ul-Vakovo", "Tazkirat-ut -Tavorih "Abdulloch Kobuli," Sharafnoma of Shocks "ҳofiza Tanisha and" Bahr-Ul-Asron "Mumud Ibn Vali. Then, telling about one of the important historical sources of the XVI century, "Boburn" Zahiruddin Moammad Bobur, indicates that this work, along with high historical value, is also an important literary source. The author of the article also notes that this book is an integral part of valuable books in which many important literary events are described in detail, and with special attention of the author, events of 1494-1529 are set out. Bobur in 1526 went to India and founded a large empire, which was known in history as the state of the Timuri India, the Boburinians of India, who reigning for more than three centuries on this earth. The importance of the article is expressed in the fact that the author managed to show the work of little-known writers, who in their historical era were the authors of the poems collections that were creating in various genres and covering diverse themes, such as Moommad Badakhshi, Ohhi, Akhley, Muhammad Solhekh, Shayih Sukhaili, Husine Ali Tufaili, Osafi. In addition, the author of the article, along with the mention of literary croup of the reign of Bobur, showed the work of scientists, calligraphs and musicians of that time and noted that the special senses of love and the support of Sultan Hussein Mirzo to literature and art allowed them to develop their creativity and talent.

Key words: literature, "Boburn", historic production, Emir, Vesir, Council, Mirzobobur, Education, Memories, Husine Mirzo ....

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. Мавлонбеков 1. E-mail: **komron74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-874-80-00**

Сведения об авторе: ***Махмадшоев Махмадшо Мирзошоевич*** - Худжандский государственный университет имени академика Бабаджана Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **komron74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-874-80-00**

Information about the author: ***Mahmadshoev Mahmadsho Mirzoshoevich*** - Khujand State University named after academician Babadjan Gafurov, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at Department of Tajik Classical Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov 1 pas. E-mail: **komron74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-874-80-00**

УДК: 891.550

МАВҚЕИ ТАЛМЕҲ, НАВЪҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР АШЪОРИ МЕҲРИНИСО

Усмониён Нозила Усмон
Донишгоҳи давлатии Данғара

Истифодаи талмеҳ ҳамчун василаи маҷозӣ кардани вожаҳову ибораҳо дар шеъру адаби форсӣ-тоҷикӣ собиқаи бас куҳан дошта, таърихи зиёда ҳазор солро паси сар мекунад. Чун дар ашъори соҳибқирони шоирон устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ корбурди мукаррари ин воситаи тасвири бадеӣ ба чашм мерасад, ин нишон медиҳад, ки санъати мазкур бе шубҳа ҳанӯз пеш аз вуруди устоди бузург ба саҳнаи адаби форсӣ-тоҷикӣ дар осори суханварон мавриди истифода қарор доштааст. Вожаи *талмеҳ* аслан арабӣ буда, дар фарҳангномаҳо ва ҳамчунин дар қомуси арабӣ ба русии мураттабсохтаи Х.К. Баранов муштақ аз феъли “алмаҳа” зикр гардида, дар маънои киноят омадааст [2, с.730]. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” бошад, талмеҳ дар ду маънӣ: “1) ишорат, нигоҳи сабук ба сӯйи чизе; 2) ишора кардани шоир дар шеъри худ ба қисса ё масали маъруфе” зикр гардидааст [12, с.312]. Зимнан қайд кардан бамаврид аст, ки дар шарҳи вожаи талмеҳ нишондоди ҳар ду луғатнома бо ҳам мувофиқат менамояд, чун вожаи “киноят” дар қомуси муҳаққиқи русро метавон дар маънои ишорат қабул кард, зеро шоир ҳар вақт ба қиссаву рухдод ва ё ашхоси таърихиву бостонӣ ишора менамояд, сухани вай, аллакай, бо маҷозу киноят омезиш пайдо менамояд ва бадал бар рамз ё маънои ғайриҳақиқӣ мегардад.

Адабиётшиноси давраи шӯравии тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ талмеҳро дар шакли тамлеҳ низ қайд намудааст, ки ба мантиқ мувофиқат менамояд. Тибқи нишондоди вай, агар вожаи “талмеҳро қалбан “тамлеҳ” қарор диҳем, ба маънии милҳ кардан, намакин кардан меояд, ки ин ҳам дуруст аст” [3, с.108].

Чун ҳадафи аслии шоир аз корбурди номҳои таърихӣ на худи онҳо, балки матлаби асосии худи вай ва исботи андешаву хаёлпардозиҳои шоиронааш аст, бинобар ҳамин, ишорати ӯ бар мадорики таърихиву бостонӣ тобиши ғайриҳақиқиву маҷозӣ пайдо менамояд. Дар нигоҳ бар ҳамин ҷиҳати санъати талмеҳ Муаззама Иқболӣ онро ҳамчун василаи исботи сухани шоир қайд намудааст, ки қобили дастгирӣ аст [4, с.201].

Миёни кулли таърифоти талмеҳ ба ҳайси яке аз воситаҳои муҳимми тасвири бадеӣ, таърифи донишманди классик Шамси Қайси Розӣ муъҷазтар мебошад. Мазкур қайд кардааст, ки талмеҳ “он аст, ки лафзи андак бар маънии бисёр далолат кунад” [10, с.301]. Дар ҳақиқат, талмеҳ санъати бадеиест, ки аксаран аз як ва баъзан аз ду вожа иборат буда, ишорат бар воқеа, рухдод, матлабҳои фарҳангиву таърихӣ ва монанди онҳо карда, зимни он таваҷҷуҳи хонандаро бар маъниҳову мафҳумҳои зиёд ҷалб менамояд. Талмеҳ миёни кулли васоити тасвири бадеӣ яке аз асоситарин унсурҳои бадеист, ки бар зеҳни хонандагон, аз як тараф, ғизои маънавӣ мебахшад, аз ҷониби дигар, донишу ҷаҳонбинии таърихиву фарҳангии онҳоро васеътару ғанитар мегардонад.

Дар ашъори шоираи ширингуфтору нозукадо Меҳринисо Бобобекова санъати бадеии талмеҳ ба ҳайси калидитарин воситаи тасвирҳои шоиронаи вай ба ҳисоб меравад. Дар ҳама маҷмӯаҳои ашъори шоира мавқеи марказии ин воситаи тасвири бадеӣ ба таври назаррас эҳсос мешавад. Дар шиносоӣ бо ашъори Меҳринисо хонанда агар аз сӯе бо суханони шефтакунандаву марғуб ва дилнишину завқбахши ӯ рӯбарӯ шавад, аз сӯйи дигар, бо як маҷмӯае иборат аз зикри номҳои таърихиву бостонӣ ва фарҳангӣ бархӯрд мекунад ва бо ин роҳ дониши таърихиву фарҳангии худро то ҷое инкишоф медиҳад. Ба дигар маънӣ, вожаҳои талмеҳӣ дар маҷмӯаҳои ашъори шоира бо тобиши аҷибе ҷилванамоӣ мекунанд ва мисраоту байтҳои ӯро ба ҳайси шерозаи заррин зеб медиҳанд.

Бояд зикр намуд, ки дар талмеҳ агарчи ишорат бар ҳаводису рухдодҳо, амсолу андарзҳо ва номҳои таърихиву фарҳангӣ мешавад, аммо ҳадафи аслии шоир, чунонки дар фавқ ишорат гардид, на худнамоиву фузулангории шахси худ аст, балки муассиртар баён намудан ва завқбахштар вонамудани матолиб ва ормонҳои шахси шоир аст, ки тавассути он хонанда аз роҳи маҷоз ҳам бошад, метавонад ба манзараи тахайюлоти шоир ворид гардида, ҳамроҳи вай дар саҳнаҳои ангоравияш сайр намояд. Бинобар ҳамин, вожаҳое, ки ҷиҳати матраҳ кардани талмеҳ чидаву интихоб мешаванд, на дар маънои нахустину аслии хеш, балки дар маънои киноиву маҷозӣ корбаст мешаванд ва аз ин тариқ, бори маъноии матни шеър ва ҳар навиштаи дигарро вазнинтар намуда, бар он зеб ва асари дигаре мебахшад. Шоир ва мунаққиди тоҷик устод Аскар Ҳаким дар ишорат бар тағйири маъно

дар вожаҳо, ки онро метавон дар мавриди санъати талмеҳ ҳам қабул намуд, қайд намудааст: “Вақте ки калима барои ифодаи мафҳуми батамом дигаре меояд, вай ягона ва нотакрор аст ва ин мафҳуми тозаро танҳо дар ҳамон матн ифода мекунаду бас. Ин ҳолат дар асари бадеӣ маҳсули тафаккур ва тахайюли фардии адиб буда, кашфиёти шоиронаи ӯ ҳисобида мешавад” [13, с.133].

Он чӣ устод Аскар Ҳаким дар мавриди тағйири маъноии вожа ва таъсири он дар матни шеъри шоир қайд намуда, онро метавон дар мавриди талмеҳоти бакоргирифтаи шоира Меҳринисо низ тасдиқ намуд, зеро гуногунрангии санъати мазкур дар ҳақиқат, бар рангингунагии тарзи ифода ва офариниши образҳои нави шоира мӯҷиб гардида, бар онҳо асари завқбахше ато намудааст. Як нуктаи назаррас дар ашъори Меҳринисо ин истифодаи мукаррар аз васоити гуногуни тасвири бадеӣ ва ба хосса талмеҳ мебошад. Санъати талмеҳ ва анвои гуногуни он дар шеъри Меҳринисо ба наҳве мечӯшад ва хонанда бар ин хулоса меояд, ки шоира ба дигар анвои тасвир он қадар ҳам таваҷҷуҳ надорад. Аммо, чун ба умқи ашъори шоира фурӯ меравад, мебинад, ки ҷуз аз талмеҳ қариб аксари навъҳои дигари санъатҳои маъруф дар ашъори Меҳринисо иштироки фаъол доранд. Муҳаммадалии Аҷамӣ дар иртибот бар шеър ва ҳунари шоир қайд намудааст, ки агар “ҷараёни андеша, фикр ва тафаккури шоир бар калимот, тасвир, ранг, маъно, иҳом, маҷоз... мусаллат бошад, ин ҷараён метавонад дар вуҷуди шеър, дар тамоми шеър худнамоӣ кунад” [1, с.105]. Ин ҷиҳатро метавон дар мавриди ашъори Меҳринисо ва иртиботи ҳунари шоирии вай бо анвои васоити тасвир мушоҳида намуд, зеро дар ашъори вай, чунонки зикр гардид, анвои тасвири бадеӣ ва махсусан талмеҳ бо навъҳои гуногунаш худнамоии қобили мулоҳизае мекунад.

Дар ашъори Меҳринисо анвои гуногуни талмеҳро метавон ташхис дод, ки дар муассиртар намудани афкору андешаҳои шоиронаи вай нақши муҳиммеро бар ҷой мегузоранд. Ин навъҳо алоқамандӣ бо мавзӯоти талмеҳоти шоира доранд, ки дар маҷмӯъ иборат аз инҳоянд:

1. **Талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат бар номҳои паямбарон мекунанд**. Атоуллоҳ Ҳусайнӣ талмеҳро аслан иборат аз “ишорат кардан дар мазмуни калом ба қиссаи машҳур” зикр намудааст [14, с.84]. Ин қиссае, ки донишманди мазкур бар он ишорат кардааст, албатта, пеш аз ҳама, мансуб бар ашхоси таърихӣ мебошад, ки дар садри онҳо пайғамбарон ва дигар шахсиятҳои мансуб бар дин қарор доранд. Дар ашъори Меҳринисо низ номи паямбароне амсоли: Яъқуб [4, с.277], Масеҳ (-о), Мустафо, Мӯсо / Мусӣ / Калим [4, с.86, 189], Одам, Сулаймон, Хизр, Юсуф [4, с.277] мукаррар мушоҳида мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар ашъори шоира ҳамчунин номи шахсон, ашё ва рухдодҳое низ зикр гаштаанд, ки иртибот бо чанде аз паймбарони фавқуззикр доранд. Ин номҳо дар ашъори Меҳринисо дар шакли вожаҳову ибораҳо омадаанд: ҳудҳуду Сулаймон [6, с.111], Сабо ва Сулаймон [6, с.144], эҷози Сулаймон [4, с.173], тахти Сулаймон [4, с.92], Одаму Ҳаво [6, с.187], гурги Юсуф [4, с.125], дами Исо [6, с.244], Ҳобил [6, с.227], қавми Фиръавн [6, с.205], Тӯри Мӯсо [6, с.220, 472], Марям [4, с.285; 6, 223], ашки Марям [4, с.289].

Меҳринисо вожаҳову ибораҳои мазкурро ҷиҳати муассиртар гаштани мафҳумҳо ва афкори хеш истифода намудааст. Аз ҷумла, тавассути ибораи тӯри Мӯсо, ки дар он ишорат бар қиссаи Мӯсо мешавад, шоира афкори ҳикматомези худро оро медиҳад:

Аз румузу сози абру сояи мижгон мапурс,
Ин ҳикоят ҷовидона Тури Мӯсо мекунад [7, с.472].

Ҳамчунин, дар шеъри “Баҳорам мерафт” Меҳринисо зудгузарии баҳорони зиндагониро ба василаи ишорат бар қиссаи Сабо ва Сулаймон тасвир намудааст:

Чаманзори шукуфтанро
Сабо буду Сулаймонӣ.
Тавон бо муждаборонаш
Чӣ боле дошт, медонӣ? [7, с.144]

2. **Талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат бар номи шоҳони бостон ва мафҳумҳову ашёи алоқаманди онҳо ва номи сулолаҳои таърихӣ мешавад**. Дар ин навъи талмеҳот дар ашъори Меҳринисо бештар номҳои Афредун [7, с.357], Доро [7, с.58], Ҳушанг ва оташи ӯ [8, с.274], Ҷамшед [7, с.58], Ҷоми Ҷам [7, с.274, 300, 387], Пешдодиён [8, с.416], Сикандар [7, с.62], Сомон [7, с.23, 126, 416], Оли Сомон [7, с.29, 61], Ғӯр [7, с.416] ба чашм мерасанд. Ба воситаи коргирӣ аз номи шоҳони бостон шоира агар аз як тараф, сафҳаҳои таърихи обоиро бар рӯйи хонандагони худ кушода, ҷаҳонбинии онҳоро каме ҳам бошад, васеъ гардонад, аз сӯйи дигар, суханони худро рамзиву киноӣ гардонида таъсири бадеӣ-эстетикии онҳоро бештар менамояд. Масалан, дар байти зерини яке аз ғазалиёти худ

Меҳринисо якбора ду талмеҳро, ки тавассути номи шоҳони бостон матраҳ гашта, истифода намудааст:

Ранг ба рангу шӯху шанг, тавъами оташи Ҳушанг,
Бар шаби ориёни ман нури кибор мерасад.
Меҳр нисоби Ҷоми Ҷам металабу шароби нур,
Хоҷаи Хизри ошиқон тозабаҳор мерасад [7, с.274].

Чунонки дида мешавад, Меҳринисо ба василаи корбурди истиораҳои маъруфи оташи Ҳушанг ва Ҷоми Ҷам ва ишорат бар онҳо ҳолати пурфараҳ ва хурсандиоварро, ки бар асари истиқлолият ва ҳоким гаштани ваҳдати миллӣ бар сари мардуми тоҷик омада, тасвир намудааст. Асарбахшии шеъри боло боз дар он ҷилвагар мегардад, ки дар мисраи якуми он тавассути ибораи оташи Ҳушанг ҷуз аз талмеҳ ҳамчунин ташбеҳ низ корбаст шуда. Шоира вожаи "тавъам"- ро дар маънои мушобиҳат истифода карда, онро ҳамчун адоти ташбеҳ ба кор гирифтааст ва рангорангии аҳвол ва шӯхушангии мардумро шабеҳи оташи Ҳушанг номидааст. Дар мисраи сеюми шеъри фавқ шоира матлабро бо истифода аз исми худ матраҳ намудааст. Дар мисраи чаҳорум бошад, ҷуз аз ибораи Ҷоми Ҷам, ки ишорат бар ҷоми ҷаҳоннамои шоҳ Ҷамшед мекунад, ҳамчунин исми Хоҷаи Хизр талмеҳ шудааст ва он ишорат бар шахсияти маъруфи динӣ мебошад.

Яке аз хусусиятҳои бакоргирии талмеҳ дар ашъори Меҳринисо дар мавзӯи Ватан ва меҳанпарастӣ истифода кардани он инъикос мегардад. Дар ин маврид шоира бештар талмеҳотеро, ки ишорат бар сулолаҳои таърихии эронӣ мекунанд, корбаст кардааст. Истифода аз талмеҳоти навъи мазкур афкори ватандӯстонаи Меҳринисоро боз ҳам рангинтар намуда, ҷанбаи худшиносии онҳоро қавитар гардонидааст. Дар ашъори шоира мукаррар бар сулолаҳои Пешдодиён, Сомониён ва Ғӯриён ишорат мешавад. Ҳатто дар як шеъри вай метавон чандин мисолеро дар ин мавзӯъ пайдо намуд. Масалан, дар шеъре, ки ба мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ бахшида шудааст, ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад:

Зи қаъри қарнҳои дур ту пора-пора бо сурур,
Нишоне зи *Сому Ғӯр*, зи Ориёни ғарқи хун...
Ту *Пешдодиёни* ман, ту маҳди хусравони ман,
Ту сарзамини орзу ба насли Ховарони ман [6, с.416].

3. **Талмеҳоте, ки ишорат бар номи ҳакимону донишмандон, шоирону орифон ва дигар ашхоси таърихӣ мекунанд**. Дар ашъори Меҳринисо дар офаридани образҳову мазомини бадеъ нақши муассир доранд. Дар эҷодиёти шоира аз номҳои Мансури Ҳаллоҷ [6, с.96, 243; 7, 189, 208, 239, 521], Робеаи Адавия [7, с.203], Рӯдакӣ [6, с.299; 6, 39], пири Тӯс (ишорат бар Фирдавсӣ) [7, с.39], Ибни Сино [7, с.23, 187], Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ [5, с.117; 6, 254; 7, 55], Шамси Табрезӣ [7, с.248], Саъдии Шерозӣ [6, с.299], Ҳофизи Шерозӣ [7, с.55] ёд мешавад, ки шоира тавассути онҳо образҳову мазомини гуногун офаридааст. Аз ҷумла, дар шеъри "Танҳо туӣ", ки дар мавзӯи ишқӣ навишта шудааст, бо истифода аз ду номи шоири классик образи ғиноиро тасвир намудааст:

Танҳо туӣ, танҳои ман,
Яктои беҳамтои ман.
Эй *Ҳофизу Мавлои* ман,
Танҳо туӣ, танҳо туӣ [7, с.55].

Дар ашъори Меҳринисо Ҳофизу Мавлавӣ агар рамзи ишқу муҳаббати содиқона бошанд, Рӯдакӣ ва Саъдии Шерозӣ ҳамчун тимсоли панду ҳикмат мебошанд. Масалан:

Бояд ки аз Деваштиҷ фазлу адолат омӯхт,
Аз Рустаму Сиёвуш дарси ҷасорат омӯхт.
Аз Зардуҳишти доно дарси вафо қабул аст,
Аз *Рӯдакиву Саъдӣ* пандеву ҳикмат омӯхт [6, с.299].

Чунонки дида мешавад, дар шеъри боло ҷуз аз номи шоирон ҳамчунин номи қаҳрамонони бостониву ривоятӣ зикр гардидааст, ки тимсоли ҷасорату адолат ба ҳисоб хоҳанд рафт.

4. **Номи китобҳои муқаддас ва осори олимону шоирон**. Дар талмеҳоти Меҳринисо ишорат бар китобҳо низ дучор мешавад. Аз ҷумлаи инҳо метавон номҳои "Авасто" [7, с.57], "Занд" [5, с.82], "Қуръон" [7, с.32, 57, 169], "Шифо" (ишорат бар "Китоб-уш-шифо") [6, с.261], "Яшт" [7, с.57]-ро ном гирифт. Номҳои мазкур дар ашъори Меҳринисо рамзи илму дониш, хираду ҳикмат ва дараҷаи олии маърифат мебошанд. Аз ҷумла дар ғазале шоира "Шифо"- и Абӯалӣ ибни Синоро дар ҳамин маврид истифода намудааст:

Бо "Шифо"-и Пури Сино, пандҳои Рӯдакӣ,
Як ҷаҳоне аз хирад бунёд мебояд намуд [6, с.261].

5. **Номи қаҳрамонони ишқномаҳо**. Дар ашъори Меҳринисо қаҳрамонони ривоятиву афсонавии ишқномаҳо амсоли: Вомиқ ва Узро [7, с.517], Маҷнун [6, с.161, 234], Лайло / Лайлӣ [7, с.284, 517], Фарҳод [7, с.381, 448], Юсуф [7, с.207], Зулайхо [7, с.517] ба ҳайси талмеҳ корбурд шудаанд. Бояд зикр намуд, ки номҳои мазкур бештар дар ашъори ишқии шоира истифода гардидаанд ва бо тасвири ҳолоти қалбии ботинии вай алоқамандӣ доранд. Чун мавзӯи асосӣ дар жанри ғазал иборат аз тасвири ишқу муҳаббат ва аҳволи ботинии инсон мебошад, бинобар ин, талмеҳоти мазкур дар ғазалҳои шоира бештар мушоҳида мешаванд. Аз ҷумла дар ғазали зери матлаи:

Афсонаи безаволи олам ишқ аст,
Ганҷинаи бебаҳои одам ишқ аст [7, с.517],

ки дар пайравии шоирони классик амсоли Мавлавӣ, Саъдӣ ва Бадриддини Ҳилолӣ суруда шудааст, шоира якбора ишорат бар се қаҳрамони ишқӣ: Вомиқ, Узро ва Зулайхо намудааст:

Вомиқ ба узри маҳваше чун Узро
Дарёфт, ки ҳар нафас исодам ишқ аст.
Мерафт Зулайхо ба ҳарам лобакунон,
Сар то қадаму ҳама ниҳодам ишқ аст [7, с.517].

Бояд зикр намуд, ки дар мисраи якум ҷуз ин ки талмеҳи *Узро* ба назар мерасад, ҳамчунин вожаи *узр* низ бо исми *Узро* санъати таҷнисро ба вуҷуд овардааст. Бар илова, дар мисраи дувум вожаи *исодам* талмеҳи дигаре мебошад, чун он ишорат бар *дами Исо* мекунад.

6. **Ишорат бар нукоти фарҳангиву таърихӣ**. Яке аз хусусиятҳои талмеҳоти бакоргирифтаи Меҳринисо ин ишорат кардан бар нукоти гуногуну мутафовити таърихиву фарҳангӣ мебошад. Дар ин маврид ишораҳое амсоли: ҳумо [7, с.357], тубо [7, с.357, 477], кӯҳи Қоф [7, с.273, 547], оташи Суғд [7, с.62], Сабо [7, с.283], боди Сабо [7, с.165, 283], Меҳргони Сада [7, с.557], нӯшдору [7, с.126], оби ҳайвон [7, с.224] ва монанди инҳоро метавон зикр намуд, ки дар офаридани образҳову мазомини шоиронаи Меҳринисо нақши босазо доранд. Тавассути ин навъи вожаҳову ибораҳо ашъори Меҳринисо агар, аз як тараф, ҷанбаи фарҳангии бештар қабул намояд, аз тарафи дигар, аз ҳайси захираи луғавӣ ғанитар мегардад. Устод Худоӣ Шарифов дар иртибот бар ҳамин мавзӯъ қайд менамояд, ки “шоирӣ дар як маънӣ зуҳури фаровони фазилат ва ғинои забони миллист” [15, с.104].

Нукоти фарҳангиву таърихӣ дар ашъори ба мавзӯъҳои гуногун бахшидаи шоира ба назар мерасанд. Аз ҷумла дар шеъри “Таронаи Ватан” Меҳринисо бо истифода аз вожаи *нӯшдору* ишорат бар *нӯшдоруи шоҳномаӣ* (нӯшдоруе, ки барои Сӯҳроб омода шуда буд) карда, онро дар мавзӯи ватандӯстӣ басо ҷолиб корбаст намудааст:

Эй Ватан, ман шукргӯи номи ту,
Бо ҳама буду набудам роми ту.
Ту Масеҳои шууру шеъри ман,
Нӯшдоруи ман андар ҷоми ту [7, с.126].

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Абдунабӣ Сатторов шеъри аз зиндагӣ дурро ба “гули коғазӣ” монанд кардааст, ки бо вуҷуди зебо будан ҳам, бӯву таровате надорад [11, с.116]. Дар ҳамин маврид метавон гуфт, ки воситае, ки шеъри Меҳринисоро каме аз зиндагӣ ва воқеият дур мегардонад, корбурди зиёд аз аркони маҷоз, ба хосса талмеҳоти вай мебошад. Яъне, талмеҳоти истифоданамудаи Меҳринисоро метавон гулҳои коғазии ашъори ӯ ҳисоб намуд, зеро ҳамагӣ маъниян маҷозӣ буда, ишорот бар воқеаҳову рухдодҳои ривоятиву афсонавӣ ва нукоти рамзӣ менамоянд. Аммо тавассути ҳамин гулҳои коғазӣ аст, ки шеъри Меҳринисо, баръакс, таровату зебоии махсус пайдо менамояд ва таваҷҷуҳи ҳар хонандаро бар худ ҷалб менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ашъори шоира Меҳринисо Бобобекова ҷуз аз анвои талмеҳоти мазкур боз метавон навъҳои дигареро пайдо намуд, ки шоира дар муассиртару завқбахштар кардани афкори хеш аз онҳо истифода намудааст. Аммо навъҳое, ки дар боло зикр шудаанд, аз асоситарин анвои талмеҳоти ашъори Меҳринисо ба ҳисоб мераванд, зеро онҳо дар қиёс бо навъҳои дигар дар эҷодиёти шоира ҷилваи бештар доранд ва ӯ ҷиҳати тасвир ва офаридани образҳои шоиронаи хеш бисёртар аз онҳо истифода намудааст. Вале бояд қайд намуд, ки ҷуз аз анвои мазкур як навъи талмеҳи дигар дар ашъори Меҳринисо корбаст шуда, ки дарбаргиранда ё фарогири ҷамеи анвои дар боло зикршудаи талмеҳ мебошад. Ин навъи талмеҳ дар ашъори Меҳринисо махсус аст ва ҷилваи ҷудогунае дорад, зеро он дар қиёс бо талмеҳоти зикршуда, ки навъи холиси ин воситаи тасвири бадеӣ ба ҳисоб мераванд, танҳо талмеҳ маҳсуб намешавад, он омезиш бо

дигар санъатҳои бадеӣ монанди истиора, тамсил, ташбеҳ ва махсусан бо истиора дорад. Омезиши талмеҳ бо санъати истиора дар ашъори Меҳринисо бештар ба назар мерасад. Ин навъи талмеҳро метавон талмеҳи истиорӣ ва ё худ истиораи талмеҳӣ ном гузошт. Масалан, ибораҳои изофии навъи: Албурзи ҷаҳони модар [7, с.262], Билқиси сабои ишқ [7, с.223], Бухорои муҳаббат [7, с.243], Даҷлаи инсоф [7, с.206], Исои тараб [6, с.118], Каъбаи меҳрубонӣ [7, с.152], Каъбаи меҳр [7, с.155], Каъбаи лутф [7, с.155], Лайлои дил [7, с.254; 6, 284], Мавлои дил [7, с.254], Марями навои ишқ [7, с.223], Масеҳои шуур [7, с.126], Масеҳои шууру шеър [6, с.119], Мӯсии меҳр [6, с.189; 6, 169], Сулаймони садоқат [6, с.253; 7, с.283], Хоҷаи Хизри ошиқон [7, с.274], Хуросони сухан [6, с.141], ҳумои Қофи қурби ноз [7, с.255], Юсуфи дил [7, с.194, 198], Юсуфи ҷон [7, с.278] ба ҳамин навъи талмеҳ марбут мебошанд. Талмеҳоти мазкур, чи хеле ки дида мешавад, шаклан ба истиора тааллуқ доранд, аммо василаи тарҳрезии мавзӯъ дар ҷамеи онҳо талмеҳ мебошад, чун дар он ишорат бар номҳои таърихӣ ба назар мерасад.

Бояд қайд намуд, ки нақши санъати талмеҳ ҳамчун василаи бадеътар намудани афкору андешаҳои шоирона дар эҷодиёти шоира басо назаррас мебошад ва он дар қиёс бо аксари дигар анвои васоити тасвири бадеӣ мақоми болотарро ишғол менамояд. Талмеҳоти истифоданамудаи Меҳринисо маҳдуд ба жанрҳои наву суннатӣ нест, онҳо дар ҳама анвои шеърии ӯ яксон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аммо дар ин байн талмеҳоте, ки марбут бар ишқномаҳо мебошанд, бештар дар ғазалҳои шоира корбаст шудаанд, зеро чунонки дар боло низ зикр гардид, ғазал ба ҳайси жанри лирикӣ бештар бо номҳои қаҳрамонони ишқӣ иртибот дорад. Дар ғазалиёти Меҳринисо талмеҳ дар баробари дигар васоити тасвири бадеӣ ҷанбаи бадеӣ-эстетикии афкори ӯро бештар тақвият мебахшад. Ин ки Камол Насрулло зикр намудааст, ки дар эҷодиёти Меҳринисо тасвирҳои тозаву зебои шоирона бештар дар анвои суннатӣ ва махсусан дар ғазалҳои ӯ чашмрасанд [9, с.10], ба андешаи мо, ба туфайли талмеҳоти тозаву обнашустаи шоира низ мебошанд. Талмеҳоти нави Меҳринисо, хусусан талмеҳоти истиории вай бештар дар жанри ғазали ӯ ҷилвагар мебошанд. Ин навъи талмеҳоти ӯ бештар иртибот бо қаҳрамонони ишқномаҳо доранд. Аз ин рӯ, номҳои қаҳрамонони ишқӣ дар қиёс бо дигар анвои шеърии эҷодиёти Меҳринисо бештар дар ғазалҳои вай ҷилвагар мебошанд. Аммо дар умум, чи дар жанрҳои суннатӣ ва чи ғайрисуннатии Меҳринисо санъати талмеҳ иштироки басо фаъол дорад ва ин иштироки мукаррар мӯҷиби танаввуи он гардидааст, ки чанде аз онро дар ин мақола зикр намудаем.

Муқарриз: ***Саидҷаъфаров О.Ш.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҷамӣ, Муҳаммадалӣ. Тафаккур ва ҳис / Муҳаммадалии Аҷамӣ. - Душанбе, 2008. - 250 с.
2. Баранов, Х.К. Арабско-русский словарь. Издание шестое / Х.К. Баранов. - М.: Русский язык, 1984. - 942 с.
3. Зехни, Т. Красноречие. Поэтика и краткие сведения об арузе / Т. Зехни. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 301 с.
4. Иқболӣ, Муаззама Аъзам. Шеър ва шоирон дар Эрони исломӣ / Муаззама Аъзами Иқболӣ. - Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1363. - 253 с.
5. Меҳринисо. Меҳроби розам – модарам. - Душанбе: Адиб, 2019. - 133 с.
6. Меҳринисо. Оини Хуршед. - Душанбе: Адиб, 2011. – 319 с.
7. Меҳринисо. Оҳанги зиндагӣ. - Душанбе, 2019. - 579 с.
8. Мехринисо. Вино света. - Душанбе: Адиб, 1996. - 158 с.
9. Насрулло, Камол. Покиза будан суннат аст / Камол Насрулло // Меҳринисо. Оҳанги зиндагӣ. - Душанбе, 2019. - С.3-14.
10. Рози, Шамс Кайс. Ал-му’джам / Шамс Кайси Рози. - Душанбе: Адиб, 1991. - 463 с.
11. Сатторов, Абдунаби. Поэзия и жизнь / Абдунаби Сатторов // Голос Востока. - № 10. - 1975. - С.116-136.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). – М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.2. – С.948 с.
13. Ҳаким, А. Сухан ва образ / А. Ҳаким // Садои Шарқ. - №11. - 1973. - С.132-142.
14. Хусайни, Атоулло Махмуд. Художественные приёмы / Атоулло Махмуд Хусайни. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 221 с.
15. Шарифов, Худои. Развитие стиля и совершенствование / Худои Шарифов // Голос Востока. - № 8. - 1982. - С.122-130.

МАВҚЕИ ТАЛМЕҲ, НАВЪҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР АШЪОРИ МЕҲРИНИСО

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки талмеҳ ба ҳайси воситаи тасвири бадеӣ дар эҷодиёти шоира Меҳринисо мақоми сазовореро доро мебошад. Санъати мазкур дар офариниши образҳои бадеӣ ва мазомини гуногун дар радифи истиора ва ташбеҳ, ки ду санъати калидӣ дар ашъори шоира ба ҳисоб мераванд, нақши муҳим мебозад. Истифодаи мукаррар аз санъати талмеҳ агар аз як ҷониб, аз ҷаҳонбиниву дониши зиёди таърихӣ ва фарҳангии Меҳринисо шаҳодат диҳад, аз ҷониби дигар, ҳамчун асоситарин воситаи завқи эстетикӣ бахшидан ба хонандагони ашъори вай ба ҳисоб меравад. Тибқи нишондоди муаллиф, дар эҷодиёти Меҳринисо анвои гуногуни талмеҳ истифода гардидаанд. Асоситарин навъҳои

талмеҳ дар ашъори шоира аз инҳо иборатанд: 1) талмеҳоте, ки ишорат бар паямбарон ва нукоти зиндагонии онон мекунанд; 2) талмеҳоте, ки ишорат бар шоҳони бостонӣ менамоянд; 3) талмеҳоте, ки ба ҳакимону файласуфони қадим бахшида шудаанд; 4) талмеҳоте, ки ба олимону орифон ихтисос ёфтаанд; 5) талмеҳоте, ки ишорат бар қаҳрамонони достонҳои ишқӣ менамоянд; 6) талмеҳоте, ки ба нукоти гуногуни таърих ва фарҳанги Эрони бостон бахшида шудаанд. Тибқи нишондоди муаллиф дар талмеҳоти ашъори Меҳринисо хусусиятҳои гуногун мушоҳида мешаванд, ки иртибот бо ҷиҳатҳои сохтории онҳо доранд. Назаррастарини ин хусусиятҳо иборат аз омезиши талмеҳ бо дигар васоити тасвири бадеӣ, махсусан бо истиора ва тамсил мебошад. Дар ин навъи талмеҳоти шоира таъсирбахшии сухан бештар ба назар мерасад, зеро якбора тавассути бакоргирии ду навъи тасвири бадеӣ вай образҳои тасвиркарда ва мазомини эҷоднамудаи хешро манзури хонандагон қарор дода, бо ин роҳ бар онон завқи хоссаи эстетикӣ мебахшад.

Калидвожаҳо: Меҳринисо, талмеҳ, талмеҳи истиорӣ, талмеҳи тамсилӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, паямбарон, ҳакимон, файласуфон, олимону орифон, қаҳрамонони достонҳои ишқӣ, сайёраҳо ва ҷирмҳои осмонӣ, аносир ва ашёи табиӣ, нукоти таърихию фарҳангӣ.

МЕСТО «ТАЛМЕХ», ЕГО РАЗНОВИДНОСТИ И ОСОБЕННОСТИ В СТИХАХ МЕХРИНИСО

Автор статьи отмечает, что “талмех” (указание) как средство художественного изображения имеет особое место в стихах Мехринисо. Вышеупомянутое искусство играет важную роль наряду с метафорой и сравнением, являющимися двумя ключевыми поэтическими фигурами в стихах поэтессы. Неоднократное использование искусства указания, если, с одной стороны, свидетельствует о мировоззрении и большом знании истории поэтессой, с другой стороны, является основным средством доставления эстетического наслаждения читателям ее стихов. Как указывает автор, в творчестве Мехринисо использованы разные виды фигуры указания, основными из которых являются: 1) “талмех”, который указывает на пророков и святых; 2) “талмех”, который указывает на древних царей; 3) “талмех”, посвященный древним учёным и философам; 4) “талмех”, посвящённый учёным и мистикам; 5) “талмех”, указывающий на героев и героинь лирических поэм; 6) “талмех”, который указывает на исторические и культурные моменты и приметы, относящиеся к древнему Ирану. По словам автора, в указаниях к стихом Мехринисо наблюдаются разные особенности, являющиеся их форменной чертой. Наиболее видные из этих особенностей скрываются в их слиянии с другими средствами художественного изображения, особенно с метафорой и аллегорией-притчей. В этом виде “талмех”-а эффективность слова поэтессы ощущается больше, так как посредством использования сразу двух разновидностей поэтических приёмов поэтесса передавая картины с помощью своего художественного воображения и смысла и дарит читателям особое эстетическое наслаждение.

Ключевые слова: Мехринисо, “талмех”, метанимическое указание, аллегорическое указание, средства художественного изображения, пророки, философы, учёные и мистики, герои лирических поэм, планеты и небесные тела, природные элементы и вещи, исторические и культурные моменты.

THE PLACE OF "TALMEH", ITS VARIETIES AND FEATURES IN THE POEMS OF MEHRINISO

The author of the article notes that “talmeh” (indication) as a means of artistic representation has a special place in Mehriniso's poems. The above art plays an important role along with metaphor and comparison, which are two key poetic figures in the poetess's poems. Repeated use of art indicates, if on the one hand it talks about the worldview and great knowledge of the history of the poetess, on the other hand it is as the main means of providing aesthetic pleasure to readers of her poems. As the author points out, in the work of Mehriniso, different types of indicating figures are used, the main ones of which are: 1) “talmeh”, which indicates the prophets and saints; 2) “talmeh”, which refers to the ancient kings; 3) "talmeh", dedicated to ancient scientists and philosophers; 4) "talmeh", dedicated to scientists and mystics; 5) “talmeh”, indicating the heroes and heroin of lyric poems; 6) “talmeh”, which indicates historical and cultural moments and signs related to ancient Iran. According to the author, in the directions of Mehriniso's poems, there are different features related to their form feature. The most prominent of these features are hidden in their merging with other means of artistic representation, and especially with metaphor and allegory-parable. In this type of "talmeh", the poetess's word is more effective, since through the use of two varieties of poetic techniques at once, the poetess, presenting a picture of her artistic imaginations and thoughts in front of the eyes of her readers, gives them a special aesthetic pleasure.

Key words: Mehriniso, “talmeh”, metanomic indication, allegorical indication, means of artistic representation, prophets, philosophers, scientists and mystics, heroes of lyric poems, planets and celestial bodies, natural elements and things, historical and cultural moments.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Усмониён Нозила Усмон*** - Донишгоҳи давлатии Данғара, аспиранти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети лингвистика ва шабакаҳои телекоммуниктсионӣ. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Данғара, кӯч. Марказӣ, 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-50-92-62**

Сведения об авторе: ***Усмониён Нозила Усмон*** – Дангаринский государственный университет, аспирант кафедры таджикского языка и литературы факультета лингвистики и телекоммуникационных сетей. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-50-92-62**

Information about the author: ***Usmoniyon Nozila Usmon*** - Dangara State University, graduate student of the Tajik language and literature department of the faculty of linguistics and telecommunication networks. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Markazi 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Tel.: **(+992) 907-50-92-62**

УДК: 892.7.09

МУЛОҲИЗАЕ ЧАНД ОИД БА АНТРОПОНИМИЯИ АРАБИАСЛИ “ТАЗКИРАТУ-Ш-ШУАРО”-И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ

Файзуллоев А.А.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Тазкира аз ҷумлаи муҳимтарин сарчашмаҳои маърифати адабиёти тоҷик маҳсуб шуда, ба тавассути он садҳо санади нодири илмӣ-адабӣ то ба рӯзгори мо омада расидааст. Дар таърихи адабиёти асри XV классикии форсу тоҷик Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳамчун тазкиранавис дар миёни шуаро ва удабо бо «Тазкират-уш-шуаро» маълуму машҳур буда, назар ба қавле аз ҳамасронаш ӯ табъу салиқаи шоирӣ низ доштааст. Намунаи ашъори ӯ аз рубоӣ, қасида ва қитъа иборат буда, дар тазкираи мазкур зикр шудаанд. Аз рубоии зер ба пуррагӣ маълум мешавад, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар шоирӣ истеъдоди хуб доштааст:

Ай ҳамнафасон, аҷаб сароест ҷаҳон,
Бошед аз ин сарои бадмеҳр ҷаҳон.
Ин аст дар ин ҷаҳони дун кори меҳан,
Чун кори меҳан чунин бувад, вои меҳан.

Ҳамзамон бояд ёдовар шуда, ки «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ сарчашмаи илҳоми тазкиранигорони мутааххир қарор гирифта, дар миёни бештар аз шашсад соири тазкираҳо эътибори бас арҷманд ва мақоми махсусеро ба худ ихтисос додааст. Аммо бо ин ҳама ҷалолат, дар мавриди шахсият ва рӯзгори муаллифи он маълумоти муфассал дар даст нест. Аз гузориши мухтасари сарчашмаҳо ва асноди дар матни тазкира ҷой дошта, чунин равшан мегардад, ки ӯ аз хонадони бонуфузи аҳди темурӣ ба дунё омадааст. Кунияву лақаб ва ному насаби ӯ Амир Давлатшоҳ ибни Амир Алоуддавла Бахтишоҳи Ғозии Самарқандӣ мебошад. *...пешаи деҳқониро интихоб менамояд ва зиндагии осудаҳолонае доштааст.* Дар рубоии зер мегӯяд:

Дар даҳр маро на ҷоҳу моле ҳосил,
Не илму камолу ваҷду ҳоле ҳосил.
Мардон дари мардона задаанд, аз чи марост
Чун номардон хобу хаёле ҳосил [12, с.149].

Истилоҳи ономастика аз калимаи юнонии «onomastixh» санъати номгузорӣ гирифта шуда, бахши забоншиносӣ (лингвистика)-ро ифода мекунад, ки ба таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаи анвоъ ва шаклҳои исми хос машғул аст. Дар ташреҳи истилоҳи антропонимия дар “Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ” чунин омадааст: *«Антропонимия (аз юн. anthropos – номҳои одамон ва опута – ном) як бахши ономастика буда, насаб, ном, номи хонаводагӣ, тахаллусу лақаб, номҳои мустаор ва дигар масъалаҳои марбут ба ному номгузории одамонро меомӯзад. Инчунин, номҳои асарҳои адабӣ, номҳои қаҳрамононро дар эҷодиёти шифоҳии халқ– фолклор, асотиру афсонаҳо меомӯзад»* [3, с.30].

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар “Тазкират-уш-шуаро” *чун анъана аз ҳамду наът, муқаддима, ҳафт табақа ва хотима иборат буда, баъди ҳамду наът дар се фасл “Дар баёни фазилати фасоҳату балоғат ва тафсили асҳоби ин синоот”, “Баёни тахсиси шуаро аз фирқаи фусаҳо ва булаго”, “Ҳасби ҳоли муаллиф ва сабаби таҳрири ин таълиф” дар хусуси пайдоиши нутқ, хусусиятҳои шеъру шоирӣ ва мақоми шоирӣ дар зиндагӣ баҳс мекунад* [12, с.150]. Дар “Тазкират-уш-шуаро” роҷеъ ба рӯзгор ва осори 151 тан шуарои аҷаму араб бо зикри лақабу кунияҳои эшон баҳси муфассал анҷом додааст. Дар муқаддимаи китоб сухан аз эҷодиёт ва осори 10 тан аз шоири қадимаи араб, дар табақаҳои ҳафтгонаи тазкира дар хусуси 135 суханвари асрҳои VIII-XV- и форс-тоҷик зикр ёфта, аз Рӯдакӣ то Маҳмуди Бурса муаррифӣ шудаанд. Қисмати хотима шомили зикри ҳолати шуарои ҳамасри муаллифи тазкира буда, дар он аз шаш суханвар ёд шудааст, ки аз ашъори онҳо намунаҳо меорад, ҷойи оромгоҳи онҳо, гоҳе воқеаҳои муҳимми замон, номи асарҳои онҳо, баъзан сабку услуби шоиронро ба таври мухтасар қайд менамояд. Муаллиф танҳо шоиронеро интихоб намудааст, ки дар илми шеър табъу завқи салим доштаанд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи хеш ҳамон шоирону адибонеро ҷой додааст, ки дар шеър мақоми хосса дошта ё аз ҷиҳати шоирӣ дар дарборе мавқеи худро устувор

намуда ва ё ҳокиму донишманд будаанд. Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи худ оиди 151 тан шуаро ба пуррагӣ маълумот додааст. Илова бар ин, дар мавриди баёни тарҷумаи ҳоли шорони бузург оид ба шарҳи ҳоли боз 120 суханварони дигар маълумот медиҳад [12, с.150]. Дар тазкира на фақат доир ба ҳолу аҳволи шоирон ва овардани осори онҳо сухан меравад, балки доир ба пайдоиши шеъри форсӣ-тоҷикӣ низ дар баъзе саҳифаҳо маълумот дода мешавад. Барои ҳамин ҳам, “Тазкират-уш-шуаро” –и Давлатшоҳи Самарқандӣ аҳаммияти зиёди таърихӣ низ дорад. Барои омӯхтани таърихи адабиёти садаи XV “Тазкират-уш-шуаро” аз сарчашмаҳои пуразриш ба шумор меравад.

Дар ин мақола мо тасмим гирифтем, ки баъзе аз мулоҳизаҳои худро оид ба антропонимияи арабиасли ин тазкира дар мисоли даҳ тан аз шуарои оғози ислом, ки номашон ба некӣ ёд шудааст, дар партави осори ба номшиносӣ бахшидаи забоншиносон иброз намоем.

Қисмати муқаддима дар асл тазкираи мухтасарест, ки дар он аз шоирони барҷастаи араб, бахусус, аз шуарои оғози ислом баҳс ба миён омадааст. *Иштибоҳ нест, дар он ки фасоҳату балоғат ҳаққи аъроб аст ва аҳли аҷам дар ин қисм мутобеи арабанд. Бешубҳа дар илми бадеи шеър арабро маҳорати комил аст. Ва шуарои араб, ки пештар аз ислом ва баъд аз ислом будаанд онҳо дар мобайни фузало машҳур мебошанд. Ва пештар аз рӯзгори ислом ҳукамову уламо шеър гуфтаанд, аммо он чи ҳоло машҳур аст, суханҳои шуарои ислом аст. Ва чун ин тазкира хосси шуарои аҷам аст аз зикри араб чандон хуб гуфта нашудааст, аммо ба зикри даҳ фозил ва шуарои араб қаноат намудем [6, с.37].* Чунончи: Лабид ибни Асвад ал-Боҳилӣ, Фараздақ ан-Наҷдӣ, Диъбил ибни Алӣ ал-Хузоӣ, малику-ш-шуарои ва-л-фузало Ибн ар-Румӣ, устозу-ш-шуаро Мутанаббӣ-нуввира марқадуҳу, Абулъало ибни Сулаймон ал-Маарриӣ, малику-л-фузало ва зубдату-ш-шуаро Ҳарирӣ, аш-шайху-л-ҷалил Абулфатҳ ал-Бустӣ, малику-л-калом мавлоно Муинуддин Абӯнаср Аҳмад ибни Абдурраззоқ ат-Тантаронӣ, Каъб ибни Зуҳайр ибни Абисалмо оварда шудааст:

1) Лабид ибни Асвад ал-Боҳилӣ*: Чун Лабидро хабаре шуд, омад ва он оёт-ро қироат намуда, муқир(р) ва муътариф шуд, ки ин каломи махлуқ нест, балки сухани холиқ аст ва филҳол аз ҷоҳилият табарро намуд ва ба дини ислом мушарраф шуд ва дар ҳалқаи асҳоби расул мунтазам шуд ва мундариҷ гашт ва ҳазрати Расул (с) ӯро таҳсин фармуд ва гоҳе ӯро бар ҷавоби ҳаҷви шуарои куффор рухсат медод ва Имруулқайсро ҳаҷв мекард, ки пешвои шуарои куффор ва мушрикон аст.*...[6, с.39]. Шоири мазкур яке аз нахустшоирони араб ба шумор рафта, ба гирифтани унвони “имомушшуаро” даст ёфтааст. Дар луғатномаҳо исми Лабид لبيد бар вазни тапид ба маънии сухан ва гуфтугӯйи лофу гизоф омадааст. Инчунин, номвожа ишора ба шоир, қиссахон ва сухангузор низ кунад [9, с.55].

2) Фараздақ ан-Наҷдӣ: *Муъминон бар Фараздақ офарин карданд ва Ҳишом бар ӯ мутағаййир шуд ва ӯро маҳбус сохт ва то он малъун зинда буд, Фараздақ дар зиндон монд ва баъд аз вафоти Ҳишом Валид ибни Абдулмалик ба итлоқи ӯ ишорат фармуд* [6, с.40]. Шоир соҳиби унвони “маликулфусаҳо” буда, дар сарзамини араб ба бадеҳасароӣ машҳур гардидааст. Фарзадақ аз шоирони оғози ислом буда, (соли 38ҳ. 658 м.) дар шаҳри Басра зода шуда ва дар ҳамон шаҳр (соли 110ҳ. 728м.) аз дунё чашм пӯшидааст. Номи комили ӯ Абуфарос Ҳуммомӣ ибни Ғолиб ибни Саъсаъати Диромии Тамимӣ бо лақаби Фарзадақ маъруфу машҳур гаштааст. Фарзадақ арабишудаи вожаи форсии пароздаҳ буда, калимаи мазкур дар фарҳанги “Деҳхудо”ба маънои “кулӯлае аз хамир, ки ба ҷиҳати пухтани нон омода карда бошанд” [16, захоири электронӣ]. Ин лақабро ба хотири надоштани чеҳраи зебо ба ӯ дода буданд.

3) Диъбил ибни Алӣ ал-Хузоӣ: *Диъбил гуфт*: «*Ё имом, ин байт ваҳшатангез аст ва ин қабри кӣ хоҳад буд?» Имом фармуд, ки: «Ин қабри ман аст ва дер набошад, ки дар Тӯс қабри ман мақсиди шиаи аҳдоди ман шавад». Диъбил бигирист ва имом низ дар гиря шуд* [6, с.40]. Шоир, мутафаккир ва олими барҷастаи аҳли араб буда, дар марсиясароӣ мақоми хоссаеро касб намудааст. Ному насаби шоир дар манбаъҳои адабӣ ба тариқи мутафовит оварда шудааст. Аз ҷумла, дар “Донишномаи ҷаҳони ислом” дар мавриди ному насаби ин шоир мехонем: *Диъбил ибни Алӣ ибни Заррин ибни Усмон ибни Абдуллоҳ ибни Будил ибни Вароқа” омадааст. Хузоа дар таркиби номи шоир, ки соҳиби “Тазкират-уш-шуаро” зикр карда, ба қабилаи вай нисбат дорад. Тазкиранигорон соли вилодати ӯро (148 ҳ.қ.) дар шаҳри Кӯфа медонанд. Шоир овони кӯдакӣ ва ҷавониашро дар ин шаҳр гузаронида, сафарҳои тӯлоние ба*

шаҳрҳои Шому Миср Бағдод ва ғайраҳо дошт. Диъбил дар даврони хилофати Аббосиён зиста ва онҳоро ҳаҷв намудааст, ки ин ҳаҷвиёт боис шуд, то ӯро дар соли (246 ҳ.қ.) дар синни 98 солагӣ ба қатл расонанд [7, с.27].

4) Дар асар зикри малику-ш-шуарои ва-л-фузало Ибн ар-Румӣ бо номи "Адиби турк" омадааст: *Ӯро «Адиби турк» низ мегӯянд. Марде фозил ва фасеҳ ва доништманд буд. Ва мавтини ӯ Шом аст ва дар Ҳимс будӣ ва девони ашъори ӯ дар араб машҳур аст ва шайхурраис Абӯалии Сино, аълаллоҳу таъоло дараҷатаҳу, ӯро муътақид буда ва бар баъзе ашъори мушкилаи ӯ шарҳ навишта. Қола Адибу-т-турки* [6, с.41]. Ибни Румӣ (моҳи раҷаби соли 221 ҳ.қ.) дар шаҳри Бағдод маҳалли маъруф ба Ақиқа ба дунё омада буд. Баъзе аз муҳаққиқон ӯро эрониасл медонанд. Номи ҷадаш дар девонаш Ҷариҷ ё Ҷарҷис аст, ки ба румиасл будани шоир далолат мекунад. Бархе аз тазкиранигорон ӯро ба хотири чеҳраи зебо доштанаш Ибни Румӣ муаррифӣ кардаанд. Вожаи *ибн* дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ба маънои писар ва вожаи *Рум* ойконим мебошад.

5) Устозу-ш-шуаро Мутанаббӣ: *...Ва девони ӯ дар арабу аҷам машҳур гашта ва акобири фузало девони ӯро азиз медоранд ва ӯро дар мадоеҳи Оли Ҳамдон, ки султонони Диёрбакр будаанд, қасоиди бисёр аст ва аз эшон силоти гаронмоя бисёр ёфта ва азимулқадр будааст. Гӯянд, ки Абулмузаффар ибни Ёқут пештар аз хуруҷи Даёлама ҳокими Исфаҳону форс буд ва ӯ марде разилу дун буда ва асли карим надошта. Мутанаббӣ дар мадҳи ӯ қасидае гуфт ва аз ӯ силае чунонки мехост, наёфт* [6, с.41]. Ӯро устоди шуарои араб мегӯянд ва кунияти ӯ Абӯҳасан машҳур аст. Абӯҳасан яке аз фузалои қасидасарои араб буда ва девони қасоиди ӯ дар арабу аҷам мақоми шоистаеро доро мебошад. Мавсуф дар Кӯфа мутаваллид шуда (соли 333 қ 915 м.), дар шаҳри Софаи наздики Наоманаи Бағдод ҳамроҳи писар ва ғуломаш кушта шуд (соли 354қ. 954 м.).

6) Абулъало ибни Сулаймон ал-Маарриӣ: *Ва дар ниҳояти ҳол Абулъало нобино шуд ва ӯро «Абулъалои зарир» бад-он сабаб гӯянд. Ҳар гоҳ Абулъало мадҳе ҷиҳати халифа иншо кардӣ, Абӯсаид Рустамӣ қоиди ӯ шуда, ӯро ба маҷлиси халифа овардӣ* [6, с.42].

Маарриӣ дар қитъае аз нобиноии худ ва накӯҳиши аҳли рӯзгори хеш шиква менамояд:

Абулъало ибна Сулаймоно
Амока қад авлока эҳсоно.
Иннака лав абсарта ҳоза-л-варо
Лам йара инсонука инсоно [6, с.43].

Номи комили ӯ Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Сулаймон ал-Қазоии Танвахии Маръӣ буда, дар шаҳри Маарраи Ниъмон дар наздики шаҳри Ҳалаб ба дунё омада (соли 363 ҳ. 973 м.) ва дар ҳамин шаҳр дар соли 449ҳ мутобиқ ба 1057м. даргузашт. Вай бо кунияти "Раҳинулмабасайн" ба маънои "гаравгони ду зиндон" дар шеъри араб маъруфу машҳур аст. Ҳарчанд шоир дар нуҳсолагии Умари Хайём вафот кардааст, вале ӯ дар байни адибони араб ба Хайёми араб шуҳрат дорад [4, с.5].

7) Малик-ул-фузало ва зубдат-уш-шуаро Ҳарирӣ: *Ҳикоят кунанд, ки Ҳарирӣ китоби «Мақомот»-ро тасниф кард ва пеши Муқтадири халифа бурд* [6, с.43]. Қосим ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Усмони Ҳарирӣ яке аз адибони машҳури Эронӣ мебошад, ки дар (соли (446 ҳ.қ.) деҳаи ал-Манони Машони Басра чашм ба олами ҳастӣ кушода ва (соли 515-516 ҳ.қ.) дар ҳамин шаҳр дунёи фониро падруд гуфт. Калимаи "ҳарир" ба маъноҳои "абрешим, порчаи абрешимӣ ва парниён" дар "Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ" омадааст. Бо навиштани мақома маъруфу забонзад дар байни аҳли адаб гаштааст. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи хеш доир ба ин шуарои арабиасл маълумоти пурра надодааст.

8) Аш-шайху-л-ҷалил Абулфатҳ ал-Бустӣ: *Ва шайх Абулфатҳро ашъори мухтор бисёр аст ва дар миёни мардум шуҳратеву эҳтироме дорад...* [6, с.44]. Шоир ва котиби машҳури девон рисолати Султон Маҳмуди Ғазнавӣ буд. Ин шоири бузург ҳамеша мавриди ситоиши фозилони асри хеш, ба монанди Саълобӣ, Манучеҳри Домғонӣ ва ғайраҳо қарор гирифтааст. Номи асли ӯ Абулфатҳ Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Юсуф ибни Муҳаммад ибни Абдулазизи Бустӣ мебошад. Буст номи шаҳре миёни Систону Ғазна буда, дар Афғонистони имрӯза ҷойгир аст. Роҷеъ ба валодати шоир дар таърихи адабиёти форсу араб андешаҳои гуногун ва баҳсбарангез мавҷуданд. Дар "Таърихи адабиёти араб" ном асари Карл Броккелман дар бораи Бустӣ омадааст: *"Тибқи гуфтаи тамоми*

тазкиранигороне, ки аз Бустӣ ном бурдаанд, вафоти ӯро дар соли 400-401 ҳ.қ.донистаанд" [5, с.52].

9) Малик-ул-калом мавлоно Муинуддин Абӯнаср Аҳмад ибни Абдурраззоқ ат-Тантаронӣ: Дар «Тазкират-уш-шуаро» Давлатшоҳи Самарқандӣ дар хусуси рӯзгори ин шоир сухан ронда, зикр мекунад, ки *"аз акобири уламо буд ва дар рӯзгори шамсу-л-куффот Хоҷа Низомулмулк дар мадрасаи Низомияи Бағдод мударрис буда, лошак(к), фанни шеър аз адно маротиби ӯст"* [6, с.44]. Тибқи ишороти муаррихон, ҷунгҳо ва тазкираҳои арабию форсӣ соли таваллуд ва марги ӯ мушаххас нест. Мавсуф дар сурудани шеър чирадаст буда, бештар ашъори арабӣ гуфтааст. Шоир дар халқи маъни бикр ва корбасти саноеи балоғи мумтоз буда, ҳатто шоирони баъдӣ аз сурудаҳои ӯ пайравӣ намудаанд.

10) Каъб ибни Зуҳайр ибни Абусалмо: *Чун Каъб аз ин маънӣ хабар ёфт, донист, ки аз осеби қаҳри он ҳазрат ҷуз ба зилоли раҳмати бедареғи ӯ, ки ба ҳукми «ва мо арсалнока илло раҳматан ли-л-ъоламин» зоти вуҷуди оламро шомил аст, паноҳ натавон овард* [6, с.45]. Номи аслиаш Заҳир ибни Абисалмои Рабиа ибни Риёҳ ибни Қура ибни Ҳорис ибни Илёс ибни Наззор, ал-Манзӣ буда, дар асри ҷоҳилият зистааст. Таърихнигорон аз шеъре, ки дар мавриди сабаби оғози ҷанги "Доҳис ва л-ғуброа" сурудааст, тахмин кардаанд, ки Заҳир дар соли 530 м. дар шаҳри Мазина наздики шаҳри Мадина зода шудааст. Аммо соли марги ӯро муҳаққиқин байни солҳои 611 ва 627м. тахмин кардаанд.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои фавқ чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкиранависии хеш аз хушзавқии баланд ва дарки табъи латиф гувоҳӣ медиҳад. Аз таҳқиқу пажӯҳиши ойконимияҳои шуарои арабиасли "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин натиҷа бар мо даст медиҳад, ки тазкиратнигор тавониста, дар бораи зиндагӣ ва осори шуарои саршиноси араби пешазисломӣ маълумоти мухтасар ироа намояд, ки ин аз вусъати густардаи огоҳии муаллиф роҷеъ ба таърихи адабиёт ва адабиёти гузаштаи араб мебошад. Ҳарчанд Давлатшоҳ дар тазкираи худ оиди шуарои мазкур маълумоти кофӣ надодааст, вале барои омӯзиш ва пажӯҳиши муҳаққиқони баъди сари нахе ба дасти онҳо додааст. Бо қотеият метавон иброз дошт, ки "Тазкират уш-шуаро" манбаи муътамади илмӣ буда, на танҳо дар бораи баррасии антропонимияи шоирони арабиасл, балки барои омӯзиши антропоними шуарои форсу тоҷик ҳам муассир мебошад.

Муқарриз: ***Қодиров Д.С.*** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент.

А Д А Б И Ё Т

1. Абодуллоева С.Ю. Ономастикаи «Форснома»-и Ибн Албалхӣ / С.Ю. Абодуллоева. – Хоруғ, 2008.
2. Алими Дж. Топонимика / Дж.Алими. – Душанбе, 1995.
3. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш.Бобомуродов, З.Мухторов. – Душанбе, 2016.
4. Боқирӣ М. Абулалои Мааррӣ гирдори рӯзгор / М.Боқирӣ // Кайҳони фарҳангӣ. - №21, сентябри 1383
5. Броккелман К. Таърихи адабиёти араб (ба кӯшиш Фаҳими Ҳиҷозӣ) / К. Броккелман. – Теҳрон, 1993.
6. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро (Таҳияи Мухлиса Нуруллоева) / Самарқандӣ, Давлатшоҳ. – Хуҷанд: Ношир, 2015.
7. Донишномаи ҷаҳони ислом. – Ҷ. 17. – Теҳрон, 1993.
8. Қаландаров А. Мавқеи услубии ному лақаб / А.Қаландаров // Садои Шарқ. – Душанбе, 1974. - №4.
9. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.3. / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб, 2014.
10. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.2. / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб, 2004.
11. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1. / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб, 1993.
12. Тоиров У. Китоби таълимии адабӣ / У.Тоиров, М. Солеҳов. - Душанбе: ЭР-граф, 2016.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: Советская энциклопедия, 1969.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – М.: Советская энциклопедия, 1969.
15. Ҳайдаров Ш. Оид ба лақабҳои сокинони деҳаҳои шимоли Тоҷикистон / Ш.Ҳайдаров // Маводи конфронси илмию назариявии ҷумҳуриявии олимон ва мутахассисони ҷавони Тоҷикистон. – Душанбе, 1979.
16. www.efoossa.com Деххудо, Алиакбар. [Луғатнома (захоири электронии адабиёти форсӣ)] / Алиакбари Деххудо. – Теҳрон, 1361.

МУЛОҲИЗАЕ ЧАНД ОИД БА АНТРОПОНИМИЯИ АРАБИАСЛИ "ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО"-И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ

Дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳамчун тазкиранигор маълуму машҳур гардидааст. Инчунин, ӯ дар баробари нигориши осори илмӣ аз табъу қариҳаи шоирӣ низ бархӯрдор будааст. Намунаи ашъори вай аз рубоӣ, қасида ва қитъа иборат буда, дар тазкираи мазкур зикр шудаанд. Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ сарчашмаи илҳоми тазкиранигорони баъдӣ қарор гирифта, дар миёни соири тазкираҳо мақому мартабаи волоеро ба худ ихтисос додааст. Дар мақола муҳаққиқ кӯшидааст, ки антропонимияи арабиасли «Тазкират-уш-шуаро»-и

Давлатшоҳи Самарқандиро бо далоили илмӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад. Ҳамчунин муаллиф роҷеъ ба дах тан шоири араби давраи ҷоҳилия ва аҳди ислом, ки дар қисмати мадҳали тазкира омадаанд, ба монанди, Лабид ибни Асвад ал-Боҳилӣ, Фараздақ ан-Наҷдӣ, Диъбил ибни Алӣ ал-Хузоӣ, малику-ш-шуарои ва-л-фузало Ибн ар-Румӣ, устоз-уш-шуаро Мутанаббӣ-нуввира марқадуҳу, Абулъало ибни Сулаймон ал-Маарриӣ, малику-л-фузало ва зубдату-ш-шуаро Ҳарирӣ, аш-шайху-л-ҷалил Абулфатҳ ал-Бустӣ, малику-л-калом мавлоно Муинуддин Абӯнаср Аҳмад ибни Абдурраззоқ ат-Тантаронӣ, Каъб ибни Зуҳайр ибни Абисалмо маълумоти боварибахш медиҳад. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкиранависии хеш аз завқии баланд ва дарки табъи латиф буданаш гувоҳӣ медиҳад. Аз таҳқиқу пажӯҳиши ойконимияҳои шуарои арабиасли “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин натиҷа бар мо даст медиҳад, ки тазкиранигор тавониста, дар бораи зиндагӣ ва осори шуарои саршиноси араби пешазисломӣ маълумоти мухтасар ироа намояд, ки ин аз вусъати густардаи огоҳии муалиф роҷеъ ба таърихи адабиёт ва адабиёти гузаштаи араб мебошад.

Калидвожаҳо: тазкира, дини ислом, шоир, антропонимия, номҳои хос, назм, ашъор.

НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ ОБ АРАБСКОЙ АНТРОПОНИМИИ "ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО" ДАВЛАТШОХ САМАРКАНДИ

В истории таджикско-персидской классической литературы Давлатшох Самарканди был известен как знаменитый антолог (летописец). Помимо научных трудов, он имел хорошие поэтические способности. Примеры его стихов – рубои, касида и китъа, упомянутые в тазкире. Следует также отметить, что тазкира (антология) Давлатшоха Самарканди послужила источником вдохновения для последующих антологов. В статье автор пытается исследовать арабскую антропонимию тазкиры Давлатшох Самарканди на основе научных аргументов. Автор также упоминает имена десятков арабских поэтов доисламского и исламского периодов, такие как Лабид ибн Асвад аль-Бахили, Фараздак аль-Наджди, Дибил ибн Али аль-Хузаи, Ибн аль-Руми, учитель поэтов Мутанабби, Абу аль-Ала ибн Сулейман аль-Марри, Малик аль-Фузала и аль-Зубдат аль-Шуари Харири, аль-Шейх аль-Джалиль Абу аль-Фатих аль-Бусти, Малик аль-Калам Мауляна Му'инуддин Абу Наср Ахмад ибн Абдур Раззак аль-Тантарани, Кааб ибн Зухайр ибн Абисалмаро. Таким образом, из вышесказанного можно сделать вывод, что Давлатшо Самарканди обладал хорошими знаниями и с очень тонким чувством создавал свои летописи. В результате проведённого исследования арабской антропонимии «Тазкират-уш-шуаро» мы получаем информацию о жизни известных арабских историков предисламского периода, что свидетельствует об расширенной осведомлённости автора об истории литературы и истории арабской литературы.

Ключевые слова: антология, исламская религия, поэт, антропонимия, имена собственные, стихи, поэзия.

SOME REFLECTIONS ON THE ARABIC ANALOPHONY "TAZKIRATU-SH-SHUARO" OF THE DAVLATSHOH SAMARKANDI

In the history of classical Persian and Tajik literature, the Davlatshoh Samarkandi is known as a commentator. In addition to preserving scientific works, he also had a poetic style. Examples of his poems are rubai, qasida, and qita, which are mentioned in this commentary. At the same time, it should be noted that the “Tazkiratu-sh-shuaro” of the Davlatshoh Samarkandi State was a source of inspiration for later commentators and gained a high status among other commentaries. In the article, the researcher tries to study the Arabic anthroponymy "Tazkiratu-sh-shuaro" of the Davlatshoh Samarkandi State with scientific evidence. The author also mentions ten Arabic poets of the pre-Islamic period, such as Labid ibn Aswad al-Bakhili, Farazdaq al-Najdi, Dibil ibn Ali al-Khuza'i, Maliku-sh-shu'aroi wa-l fuzalo Ibn ar-Rumi, teacher of poetry Mutanabbi-nuwwira marqadhu, Abu al-'Ala ibn Sulayman al-Marri, Malik al-Fuzala and Zubdat al-Shu'ara Hariri, al-Shaykh al-Jalil Abulfat al-Busti, Malik al-Kalam Mawlana Mu'inuddin Abu Nasir Tantarani, Ka'b ibn Zuhayr ibn Abisalmaro. Thus, it can be concluded from the above statements that the Samarkand State in his memoirs testifies to the high taste and understanding of the delicate mood. From the study of the oikonymy of the original Arabic council "Tazkiratu-sh-shuaro" of the Samarkand State, we can conclude that the commentator was able to provide a brief account of the life and legacy of the great pre-Islamic Arab council, which is widely known. to the history of Arabic literature and literature of the past.

Key words: anthology, Islamic religion, poet, anthroponomy, proper nouns, poetry, conclusion poems .

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Файзуллоев А.А.*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯч. Марказӣ, 25

Сведения об авторе: ***Файзуллоев А.А.*** – Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази, 25

Information about the author: ***Faizulloev A.A.*** – Dangara State University, assistant of the Department of Tajik language and literature. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Markazi, Str., 25

УДК: 891.550 (03)

ШАРҲИ ЛУҒАВӢ ВА ИСТИЛОҲИИ РАДИФ

Сатторов Б.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маъмулан дар адабиёти илмиву-пажӯҳишӣ ва адабӣ зимни бархӯрд бо калимаи «радиф», пеш аз ҳама, дар андешаи мо абзоре аз абзорҳои шеърсоз ё ба дигар сухан истилоҳи адабӣ тасаввур мешавад. Дар адабиёти омӯзишӣ ва махсусан дар марҳилаҳои нахустини таълими адабиёт дар мактабҳои миёна асосан шарҳу тафсири кӯтоҳе дар атрофи маънои истилоҳии он дар адабиёт ва вазифаи «радиф» дар шеър дода мешавад. Бо ин сабаб тасаввури аксари мардум аз «радиф» танҳо абзори шеърсоз аст, дар ҳоле ки худи калима дар фарҳангу луғатҳои дузабона, тафсирӣ, фарҳангҳои соҳавӣ, дорои маъниҳои зиёде мебошад. Дар ин мақола қарор аст, шарҳу тафсири луғавӣ ва истилоҳии он мавриди баррасӣ қарор гирад. Пеш аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки шарҳу баёни аксари фарҳангҳо дар атрофи ин вожаи маъмули арабӣ бо ҳам шабоҳати зиёде дорад.

Албатта, бо гузашти замони тӯлонӣ ва сайр дар қаламрави забони форсӣ «радиф»-и арабӣ маъниҳои дигаре пайдо намудааст. Масалан, дар «Фарҳанги бузурги сухан»-и Ҳасан Анварӣ дар баёни маънии луғавии он чунин зикр шудааст: «radif-пушти сари ҳам ё дар канори ҳам қарор гирифтааст, маъмулан ба таври муназзам» [13].

Дар фарҳанги мазкур зиёда аз 15 маънии луғавӣ ва истилоҳии «радиф» оварда шуда, ки мо аз нақли ҳамаи онҳо сарфи назар мекунем ва бештар ба маънои истилоҳии он такя менамоем. Маънии ҳаштуми радиф ба таври мустақим ба мавзӯи мавриди назари мо дахл дорад. Дар он нақл шуда, ки «калима ё гурӯҳе аз калимаҳо, ки баъд аз қофия айнан дар абёт такрор мешаванд» [13].

Радиф ҳамчун истилоҳи мусиқӣ низ маъруф аст ва дар илми мусиқӣ манзур аз радиф маҷмӯаи нағамоти як дастгоҳ ва муталлиқоти он дар як тасалсули муназзам ва тартиби вижаи суннатии он бо метри озод мебошад. Тибқи баёни луғатҳо радиф маънои дигареро ҳам доро мебошад. Дар сарчашмаҳои қадим радиф расонандаи маънии зер аст: «он ки пушти сари дигаре бар маркаб савор мешавад ва ба маҷоз вобаста, пайрав» [13].

Тавре ки қайд шуд, дар забони муосири форсӣ радиф густариши маъноӣ пайдо намуда ва дар таркиби ибороти мухталиф мавриди истифода қарор мегирад ва дар маҷмӯъ ифодагари маънои муназзамсозӣ, низомбахшӣ, мураттабгардонӣ мебошад.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои луғавии радиф чунин ишорат шудааст: «ду ё якчанд чиз, ки дар паҳлуи ҳам ё паси ҳам воқеъ шудаанд: ҳамсаф, ҳамсафар». Касе, ки бо як асп ё хар аз паси ҷилавдор савор бошад» [9, с115].

Дар шарҳи радиф ҳамчун истилоҳи адабиётшиносӣ чунин омадааст: «калима ё иборае, ки дар шеър дар охири мисраъҳо, баъд аз қофия такрор мешавад ва қисми дигари ҷудонашавандаи он мебошад» [9, с.258].

Ҳусейн Воизи Кошифӣ дар асари худ ба ҷанбаҳои истилоҳии радиф дахл намуда, чунин нигоштааст: «дар санъати шеър радиф он аст, ки ҳарфе аз ҳуруфи замир ва ё як калима, ё беш аз он баъд аз итмоми қофия оварда шавад ва ин радиф аз он гӯянд, ки баъд аз қофия ояд» [12, с.75].

Шамс Қайси Розӣ бошад ин матлабро каме васеътар намуда, дар шарҳи радиф ҳамчун ҷузъе аз шеър чунин изҳор доштааст: «Радиф калимае бошад мустақил, мунфасил аз қофият, ки баъд аз итмоми он дар лафз ояд, бар ваҷҳе, ки шеърро дар вазн ва маъно бад-он ҳоҷат бошад ва ба ҳамон маъно дар охири абёт мутакаррир шавад, чунончи Анварӣ гуфтааст:

Эй зи Яздон то абад мулки Сулаймон ёфта,
Ҳарчи ҷуста ҷуз назир аз фазли яздон ёфта» [8, с.258].

«Канз ул-фавоид» сарчашмаи дигарест, ки дар атрофи радиф ва ҷузъиёти он иттилоотро дар ихтиёри мо мегузорад. Аммо дар он маънои луғавии радиф ба гунаи печидатар омадааст: «радиф чизеро гӯянд, ки варои форис ва рокиб нишинад ва нишасти он бар калима ё калимоте бо маънии воҳид баъд аз қофия дар охири ҳарду мисраъ ё байт ё байтҳои як қитъаи шеър такрор шавад» [11, с.22].

Радиф дар фарҳангҳои арабӣ низ шарҳу тафсири худро ёфтааст. «Радиф» тавре ки маълум аст, калимаи арабӣ аст. Дар фарҳанги «Лисон ул-араб»-и Ибни Манзур нақл шуда, ки радиф, яъне аз ӯ пайравӣ кард, пушти сари ӯ савор шуд. «Радиф ал амрул-қавма», яъне он кор ба он қавм паёпай фуруд омад ва эҷоди музоҳамат кард» [2].

Дар сарчашмаи дигаре нақл шуда, ки «радифа лаҳу», яъне пушти сари ӯ дутарка савор шуд. Дар ҷоҳилият «арридфу» ҳамнишини подшоҳ буд, ки пас аз ӯ меошомид ва ҳангоми ҷанг ба ҷои ӯ менишаст ва чун лашкариёни подшоҳ аз ҷанг бармегаштанд, як чаҳоруми ғаниматро аз онон мегирифт» [2].

Ҷолиб ин аст, ки бо вуҷуди ҳамсониву шабоҳатҳои мазмунӣ дар ҳар як манбау марҷаъ як матлаби тозае ба шарҳи ҷомеа радиф изофа мешавад.

Дар «Фарҳанги Лорус» мо ба тафсири дигаре аз вожаи радиф бармехӯрем. Дар ин сарчашма омада, ки радиф касест, ки дар паси савор нишинад; ҷамъи он «ридоф» ва «рудафо» омадааст. Дар истилоҳи низомӣ, радиф сарбози захиравӣ ва эҳтиётӣ аст. [14].

Дар шарҳу тасвири радиф маъноҳои пуршуморе зикр шуда, ки намунааш дар фарҳанги «Арроид» ба шарҳи зер омадааст:

1. Савор бар пушти касе, дутарка савор.
2. Кӯлабор, кӯлапуштӣ.
3. Дунболаи чизе, он чи пушти сари чизе меояд.
4. Саранҷоми бадкор.
5. Ҷонишини султон, ки дар дасти рости ӯ нишинад ва пас аз ӯ чизе нависад.
6. Ситорае...
7. Дар қофия... [15, с.22].

Бо вуҷуди таърифу тафсирҳои мавҷуд дар атрофи радиф метавон иддао намуд, ки радиф ба гунаи лозим шарҳу баёни худро пайдо нанамудааст. Таърифҳои мавҷуд ҷавобгӯи низому андозаҳои шинохти радиф нест. Масалан ба ақидаи Рашиддудини Ватвот радиф калимаест, ки пас аз харфи ровӣ меояд, ҳоло он ки баъзе аз радифхои камтар аз як калимаанд ва гурӯҳи дигар низ мустақим пас аз ҳарфи ровӣ намеояд. Ба дигар сухан ҳуруфи васл ё хуруҷ миёни онҳо фосила эҷод мекунад.

Бархе аз олимону ноқидони шеъри қадим аз ҷумла Шамс Қайси Розӣ таъкид мекунад, ки ҳама абёти як шеър бояд радиф дошта бошанд. Мутаассифона, ин таъкиди ӯ ҳаргиз амалӣ нашудааст. Шоирон аз гуфтаи ӯ пайравӣ накардаанд ва гузашта аз ин, андешаҳои ӯро бархе аз мухаққиқон интиқод намудаанд.

Бар хилофи ӯ афкору орои Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар бораи радиф ҷолиби диққатанд. Шинохти андешаҳои ӯ нишон медиҳад, ки қофияи форсӣ бо доштани радиф бояд ба таври мустақил ҷудо аз шеъри арабӣ баррасӣ гардад. Вай бо мисолҳо гуногунии маънои радифро дар як шеър мумкин мешуморад ва бар ин назар аст, ки гоҳо имкон дорад радиф дар пайкари шеър маъно надошта бошад. Имкон дорад бо хондани чанд байте аз як қитъа ё шеър муайян сохт, ки қофия ва радифи он чӣ гуна аст ва кадоме қофия ва кадоме дар маснади радиф нишастааст.

Масалан, агар дар матлаи шеъре, «бозор» бо «озор»қофия шуда бошад, шояд дар байтҳои баъдӣ, вожаҳое чун «гуфтор» ва «бедор» биёяд ва шеър берадиф бошад, ё шояд «боз ор» ва «соз ор» биёяд ва маълум шавад, ки шоир «оз»-ро қофия ва «ор»-ро радиф қарор додааст, ё шояд «чарозор» ё «гиёзор» биёяд ва маълум шавад, ки «о» қофия аст ва «зор» радиф.

Бад-ин тариқ, дар шеърҳое, ки қофияву радиф бо ҳам омезиш ёфтаанд онро одатан қофияҳои маъмул меноманд. Намунаи қофияҳои маъмулро дар саросари шеъри форсӣ ва махсусан дар девони Фаррухии Сиистонӣ, Носири Хисрав, Хоқонии Шервонӣ ва дигарон метавон ҷустуҷӯ намуд.

Ба гуфтаи Шамси Қайси Розӣ қофияи маъмул назди аҳли адаб нописанд аст, аммо мавқеияти он дар ашъори шоире чун Амир Муиззӣ қобили қабул аст. Радиф ҳамчунон имкон дорад дар як шеър маъноҳои гуногун дошта бошад ва ба шаклҳои гуногуни дастурӣ истифода шавад. Яъне, дар байте аз як шеър сифат бошад ё исм ё бахше аз як феъл ва дар байте дигар, мубтадо бошад ё порае аз хабар. Бештар дигаргуниҳои маъноии радиф марбут ба сермаъноии калимаҳо, махсусан феълҳост. Дигаргунии дастурии радиф низ намунаҳои бисёре дорад.

Бисёр иттифоқ афтода аст, ки зимни таҳқиқи радиф ва хоссатан омӯзиши дигаргунии дастурии он дар шеър бархе дар муайянсозии қофия ва радиф ба иштибоҳ роҳ додаанд ва дар шинохти радиф мушкилу печидагӣ эҷод кардаанд. Радиф мумкин аст боиси он гардад, ки номавзуниву ноҳамоҳангии овозии калимаҳои қофия камтар эҳсос шавад ё агар хилофи қоидае дар қофияпардозӣ рух дода бошад, андактар ба гӯш биёяд.

Аз дидгоҳи Насируддини Тӯсӣ агар шеъре радифдор бошад, зиштии ҳаракати мақрои қофия дар он камтар аст. Радиф бояд бар пояи қоида ва он гуна ки қолаби шеър талаб мекунад, бе дигаргунӣ дар лафз, пас аз қофия такрор шавад. Бо ин ҳама, ба гуфтаи мавсуф мумкин аст шоире аз рӯйи навоварӣ қоидаро барҳам занад ва радифи шеърро тағйир диҳад ва чунин тасарруферо барои худ раво шуморад. Аксари муҳаққиқон барои нишон додани тасарруф дар радиф, намунаҳои ҷолиберо, аз ҷумла тағйири радиф ба қофия ё баръакс дар қасидаҳои Носири Хусрав, ғазалҳои Мавлавӣ ва дигарон, бозгӯ намудаанд.

Радифро метавон дар ҳадди як мисраъ дароз намуд. Бархе аз шоирон аз рӯйи тафаннун ва нишон додани санъату маҳорати хеш шеърҳое сурудаанд, ки қофия ва радифҳои онҳо як мисраъро дар бар мегиранд. Ҳарчанд донишмандони адабиёт бар ин назаранд, ки дарозиву кӯтоҳии радиф барои шеър муҳим нест.

Бо такя ба дидгоҳҳои муҳаққиқони адабиёт радифро метавон яке аз неъматҳои бузурги шеъри форсӣ шуморид. Радиф бо имконоту зарфияте, ки дорад дар бистари шеър таровату зебоӣ эҷод мекунад: Ин назарро метавон нахуст дар қисмати мусиқавии шеър мавриди таҳлил қарор дод.

Равшан аст, ки радиф, пеш аз ҳама, барои камолу пухта кардани қофия ба кор меравад ва ба таври қатъӣ 80 фисади ғазалҳои форсӣ дорои радифанд. Як таҳқиқи иҷмолӣ нишон медиҳад, ки ғазалҳое, ки радиф надоранд, ба мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Албатта, ғазалҳое, ки аз доштани радиф бенасибанд, дар онҳо зебоиву кашандагӣ камтар ба чашм мерасад. Барои тасдиқи ин андеша метавон ду ғазалро ба сифати шоҳид нақл кард, ки аввалӣ бидуни радиф ва дуюмӣ бо радиф аст:

Пеши сабо нисор кунам ҷон шукуфавор
К-ӯ ақди анбарин, ки шукуфа кунад нисор.
Эй, марди бо шукуфа чӣ созам тариқи унс
Ин бас маро ки дидаи ман шуд шукуфадор
Ҷонам шукуфавор шикофон шуд аз ҳавас
Чун ҳиҷлаи шукуфа барандохт навбаҳор
Шохи шукуфадори умедам шикаста шуд
Чун аз шукуфа қуббаи нав баст шохсор
Ҳар шаб, ки пуршукуфа шавад рӯи осмон
Дар чашми ман шукуфаваш ояд хаёли ёр
Ҳаст аз шукуфа нағзтару шӯхдидатар,
Хоқонӣ аз шукуфа умеди тамаъ мадор.

ё, ки:

Эй, бод бӯи Юсуфи дилҳо ба мо расон
Як навбар аз баҳори дили мо ба мо расон
Аз зулфи ӯ чу бар сари зулфаш гузар кунӣ
Пинҳон бидузд мӯеву пайдо ба мо расон
Гар офтобзардӣ аз он ҷо гузаштаӣ
Пайғоми он ситораи раъно ба мо расон
Эй, нозанин кабӯтар аз ин ҷост бурҷи ту
Гар ҳеҷ нома орӣ аз он ҷо ба мо расон
Эй ҳудҳуди саҳар гаҳе аз дӯст номае
Бистон, бубанд бар сару амдан ба мо расон
Хоқонием сӯхтаи ишқи Вомиқе
Узронасиме аз бари Узро ба мо расон [1, с.651].

Муқоиса нишон медиҳад, ки бе таваҷҷуҳи хос ба ҷанбаи маънавии ин ду шеър тафовути мусиқии онҳо ба хубӣ эҳсос мешавад ва мебинем, ки ғазали дуюм ба сабаби доштани радиф аз назари мусиқӣ бисёр ҷаззобу дилчасп ва бою ғанӣ аст, агарчи дар ғазали пешин мусиқии дохилӣ бахше аз салобати берадифии шеърро аз миён бурдааст ва

риояти калимаи “шукуфа”, ки дар ҳар мисраъ омадааст, бо дигар қисматҳои байтҳо таркиб шудааст, дар оҳанги шеър таъсири зиёде гузоштааст. Радиф дар маъниофаринӣ низ нақши корсозе дорад. Ҳарчанд радиф аз як ҷиҳат, шоирро маҳдуд карда, озодии маъно ва тахайюлотро аз ӯ мегирад, аммо аз ҷиҳати дигар, майдони васеътар ва каронаи бозтареро пеши чашми шоир эҳзор менамояд. Ба унвони мисол: вақте шоир дар қофияи шеъри худ: баҳор, ёр ва нигорро - бе ягон қайди лафзӣ - дар зеҳн мегирад, аксаран мафҳумҳои содда ва маъноҳои аввалии онҳо ҷойгузин мешаванд, аммо ҳангоме ки калимаҳои мазкурро бо як радиф ихтиёр мекунад, агарчи радиф озодии маъно ва тахайюлоти ӯро мегирад, аммо имкони тааммулу андешаи бештаре ба ӯ медиҳад, ки қофияро бо он радиф дар назар бигирад ва мафҳумеро ба зеҳн биёрад. Ҳоло ҷиҳати намуна ба ин ғазали Соиби Табрезӣ назар мекунем:

Дар кашокаш аз забони оташин будам чу шамъ,
То напайвастам ба хомӯшӣ наёсудам чу шамъ.
Диданам нодиданӣ, мадди нигоҳам оҳ буд,
Дар шабистони ҷаҳон, то чашм бикшудам чу шамъ.
Сӯхтам то гарм шуд, ҳангомаи дилҳо зи ман,
Бар ҷаҳон бахшудаму бар худ набахшудам чу шамъ.
Сӯхтам сад бору аз беихтиёриҳо нагашт.
Қатраи обе ба чашми равзан аз дудам чу шамъ,
Поси суҳбат доштан осоиш аз ман бурда буд.
Зери домони хамӯшӣ рафтам, осудам чу шамъ,
Ин ки гоҳе мезадам бар обу оташ хешро.
Равшанӣ дар кори мардум буд мақсудам чу шамъ,
Чун садаф дар пардаҳои дил нуҳуфтам ашкро.
Гавҳари худро ба ҳар бедард нанмудам чу шамъ,
Мояи ашки надомат гашту оҳи оташин
Ҳарчи аз танпарварӣ бар ҷисм афзудам чу шамъ
Ин замон афсурдаам Соиб вагарна пеш аз ин
Мечакид оташ зи чашми гиряолудам чу шамъ [3, с.636].

Дар ғазалиёти Мавлавӣ дар баъзе мавридҳо радиф ба шеваи суннатӣ ороиш наёфтааст. Ин ашъор ғазалгунаҳоеанд, ки қофияи ҳар байташон аз дигаре фарқ мекунад ва ҳар байташон муташаккил аст, аз се қофияи миёнии яксон, аммо мутафовит бо қофияи байтҳои баъд, бо як радифи собит дар поёни байтҳо.

Бар асоси чигунагии корбурди радиф вобаста ба вазн ва қолаби шеър, метавон гунае дигар аз радифро низ таъриф кард. Дар насрҳои фаннӣ низ гоҳ ба гунае аз радиф бармехӯрем, ки пас аз саҷъҳо ба кор мераванд ва бо таърифи радиф дар чанд ҳолат мутобиқат доранд, аввал ин ки такрорашон воҷиб нест ва дигар он ки дар поёни мисраъ ё байт намеоянд. Дарвоқеъ, агар саҷъро гунае аз қофия бидонем, ки дар наср корбурд дорад, ин гуна қофия низ метавон радиф дошта бошад.

Радиф душвор аст, ки шеърро ба маҳдудияти маъноӣ, ё маҳдудияти сохторӣ рӯ ба рӯ кунад. Ошкор аст, ки ин маҳдудият рабте ба кӯтоҳӣ ва баландӣ надорад, вале дар маҷмӯъ нақши он дар ғанисозии мусиқии шеър, офаридаҳои шоир ва эҷоди таъбирҳои маҷозӣ ва тасвирпардозӣ бисёр бузург аст.

Радиф бар ҳамоҳангиҳои овозии шеър меафзояд, мусиқии қофияро такмил мекунад ва майдони бозеро пеши шоир намудор мекунад ва бисёре аз мазмунҳо ва мавзӯотро ба ёди ӯ меоварад, ки дар сурати набуди радиф, имкони ин ки он мазмунҳо ва мавзӯот ба зеҳни ӯ бирасанд бисёр дур ба назар мерасад.

Радиф аз куҳантарин рӯзгорон ҳам дар шеъри расмӣ ва ҳам дар шеърҳои халқӣ форсӣ-тоҷикӣ мавҷуд буда, вале ин унсури шеърӣ дар суннати шеъри арабӣ ҷое надорад ва намунаҳои нодири онро дар ин забон, эрониён ба кор бурдаанд. Радифгунаҳое, ки ба нудрат ва он ҳам бо қофияҳои нодир аст ё беқофия гоҳ дар шеъри арабӣ дида шудааст. Намунаҳои андаки шеъри радифдори арабӣ, ки эрониён ононро сурудаанд, собит мекунад имкони вуҷуди радиф дар шеъри арабӣ ҳам ҳаст, аммо корбурди радиф барои арабисароён хушоянд набудааст ва ба он майл надоштаанд.

Корбурди радиф дар нахустин даврaҳои шеъри форсӣ, яъне дар асри IX-X чашмгир нест ва шеъри берадиф бештар аз шеъри радифдор дида мешавад. Аксари радифҳои шеъри

он давра аз калимаҳои содда сохта шуда, ки дар ба коргирии онҳо такаллуфе рух надодааст.

Бархе шоирон тахаллуси худро радиф қарор додаанд. Дар садаи V, шоирон шеърҳои радифдор бештар сурудаанд ва ба интихоби радифҳои исмӣ ва феълии душвортар рӯ овардаанд.

Ҳарчанд басомади радифҳои дароз ва душвор, дасткам то оғози асри XIII ҷараёни физоянда доштааст, дар миёни шоирон бештар маъмул буда, ки ба радифҳои осон рӯ овардаанд ё камтар аз бархе ҳамрӯзгорони худ, шеъри радифдор сароидаанд. Дар шеъри асри XII аз уҳдаи радифҳои душвор баромадан, нишонаи тавоноии шоирон будааст.

Пас аз асри XII ғолибан корҳои сарояндагони садаҳои XI-XII такрор мешавад ва аз назари таҳаввул, радиф камтар аҳаммият дорад. Дар ин миён, метавон ба ғазалҳои Мавлавӣ ишора кард, ки ҳарчанд радифҳои бисёр дароз доранд, вале камтар маҳдудияти забонӣ ва маъноӣ дар шеър эҷод мекунад.

Дар ин мақола танҳо ба чанде аз марҷаъҳои муътабар ишорат шуд. Дар сурате, ки манобее, ки шомили иттилооти лозим перомуни радиф бошад, зиёданд ва таҳқиқу омӯзиши онҳо дар шинохти маънои радиф пураҳаммиятанд.

Муқарриз: ***Шодиев М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араби ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Девони Хоқонӣ (бо кӯшиши Зиёуддин Саҷҷодӣ). – Теҳрон, 1338. – 1085 с. [бо забони форсӣ]
2. Ибни Манзур. Лисон ул-араб. - Теҳрон, 1323. [бо забони форсӣ]
3. Куллиёти Соиб. Чопи китобхонаи “Хайём” (бо муқаддимаи устод Амирии Фирӯзкӯҳӣ). – Теҳрон, 1333. – 970 с. [бо забони форсӣ]
4. Муртазо Ҳасан Заибидӣ. Тоҷул-арус мин ҷавоҳири қомус; таҳқиқи доктор Абдулфаттоҳ. - Теҳрон, 1406 ҳ.қ. [бо забони форсӣ]
5. Сирус, Б. Арӯзи тоҷикӣ / Б.Сирус. - Душанбе: Нашр.дав.тоҷик, 1963. – 286 с.
6. Сирус, Б. Қофия дар назми тоҷик / Б.Сирус. - Сталинобод: Нашр.дав.тоҷик, 1955. – 181 с.
7. Стеблева И.В. Семантика газелей Бабура / И.В. Стеблева. – М.: Наука, 1982. – 326 с.
8. Табатабаи А. Заметки о рифме в «Шахнаме». Проблемы восточного стихосложения / А.Табатабаи. – М., 1973. – С.77-79.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. (зери назари академик М.Осимӣ). – М., 1969.
10. Шамс Қайси Розӣ. Ал-муъҷаму фи маъойири ашъор ул-аҷам. (Ба тасҳеҳи доктор Ҷалили Таҷлил) / Розӣ, Шамс Қайс. – Теҳрон: Нашри Ҷомӣ ва Ноҳид, 1369. – 384 с. [бо забони форсӣ]
11. Шиҳобуддини Ансорӣ. Канз ул-фавоид / Ансорӣ, Шиҳобуддин. - Теҳрон, 1365. - 287 с. [бо забони форсӣ]
12. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бадоеъ ул-афкори фи саноеъ ул-ашъор / Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. – Теҳрон, 1369. – 396 с. [бо забони форсӣ]
13. Фарҳанги бузурги сухан; ба сарпарастии Ҳасан Анварӣ. – Теҳрон, 1387. – 699 с. [бо забони форсӣ]
14. Фарҳанги Лорус (арабӣ ба форсӣ). – 1388. – 1194 с. [бо забони форсӣ]
15. Масъуд Ҷуброн. Фарҳанги роид / Ҷуброн, Масъуд; тарҷумаи Ризо Анзобинажод. – Машҳад, 1382. [бо забони форсӣ]

ШАРҲИ ЛУҒАВӢ ВА ИСТИЛОҲИИ РАДИФ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи яке аз муҳимтарин аҷзои шеъри форсӣ «радиф» бахшида шудааст. Новобаста аз он ки дар забони тоҷикӣ радиф яке аз вожагони сермаъно маҳсуб мешавад, дар урфи илмӣ ҳамчун абзори шеърӣ шинохта мешавад. Бо назардошти аҳаммияту арҷи радиф дар шеъри форсӣ муҳаққиқи муосири Эрон Кадканӣ онро «неъмати бузург»-и шеъри форсӣ меномад. Шоирон дар тӯли таърихи адабиёти форсӣ радифро дар жанрҳои мухталифи шеърӣ аз қабили қасида рубоӣ, ғазал ва маснавӣ истифода кардаанд. Дар мақола ҳамзамон бо маънии луғавии калима шарҳи истилоҳии он низ баррасӣ шудааст. Масалан, дар «Фарҳанги бузурги сухан»-и Ҳасан Анварӣ ба 15 маънии он ишорат шуда, ки маънии 8-уми он ба мавзӯи мо дахл дорад: «калима ё гурӯҳе аз калимаҳо, ки баъд аз қофия айнан дар абёт такрор мешаванд». Тибқи ин сарчашма «радиф иборат аст, ба таври муназзам пайи ҳам омадани калимот». Маъмулан маънои истилоҳии радиф дар ҳама луғатҳо ва сарчашмаҳои адабӣ такрор мешавад. Танҳо дар китоби Шамс Қайси Розӣ шарҳи мабсути радиф дода шудааст. Ба ақидаи ӯ радиф калимаи мустақил ва ҷудогонаест, ки пас аз қофия меояд. Намунаҳои нахустини радифро метавон дар шеъри расмии форсӣ дар мероси шоирони асри X пайдо намуд. Сайру такомули қобили мулоҳизаи радиф ба асри XIII-XIV рост меояд. Давроне, ки радифро соҳиби анвои зиёд мегардонад.

Калидвожаҳо: радиф, шеър, шоир, адабиётшиносӣ, истилоҳ, сарчашма, қофия, шарҳ, аҳаммият.

СЛОВАРНО-ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ РЕДИФА

В статье рассматриваются особенности одного из важных компонентов персидской поэзии «редифа». Несмотря на то, что в современном таджикском языке слово «редиф» является полисемичным, в научном обиходе оно известно, как один из поэтических инструментов. Учитывая важность редифа в поэзии,

известный современный иранский ученый М.Кадкани его называет «великим достижением» персидской поэзии. Поэты на протяжении истории персидской литературы используют редиф в разных поэтических жанрах, таких, как касыда, рубаи, газель и месневи. В статье наряду со словарным значением рассмотрено его терминологическое значение. К примеру, в словаре «Фарҳанги бузурги сухан» Хасана Анвари указано более 15 его значений. Из намеченных значений только восьмое касается нашей темы: «под редифом понимается группа, которая следует после рифмы». Согласно этому источнику, «редиф-это последовательное следование слов». Обычно терминологическое значение редифа во всех словарях и литературных источниках повторяется. Однако только в книге Шамса Кайс Рази дано подробное толкование редифа. По его мнению, редиф является самостоятельным и отдельным словом, которое следует после рифмы. Первые образцы редифа в официальной поэзии можно встретить в поэтическом наследии поэтов X века. Редиф получает бурное развитие в творчестве поэтов XIII-XIV веков и одновременно образует разные виды.

Ключевые слова: редиф, поэзия, поэт, литературоведение, термин, источник, рифма, толкование, значение.

VOCABULARY-TERMINOLOGICAL VALUE OF REDIF

The article considers features of one of the important components of Persian poetry "redif". In spite of the fact that in modern Tajik the word "redif" is polysemy, in scientific everyday life it is known as one of the poetic instruments. Given the importance of rediff in poetry, the famous modern Iranian scientist M. Kadkani calls it the "great achievement" of Persian poetry. Poets throughout the history of Persian literature use rediff in various poetic genres, such as Kassida, Rubai, Gazall and Mesnevi. In the article, along with the dictionary value, its terminological value is considered. For example, the dictionary "فرهنگیزرگسخن" by Hassan Anvari indicates more than 15 of its meanings. Of the intended meanings, only the eighth concerns our topic: "redif means groups of words that follow after rhyme". According to this source, "Redif is a consistent following of words." Usually, the terminological meaning of the redif in all dictionaries and literary sources is repeated, only in the book of Shams Qays Razi a detailed interpretation of the redif is given. In his opinion, the redif is an independent and separate word that follows after the rhyme. The first examples of redif in official poetry can be found in the poetic heritage of poets of the 10th century. Redif receives a particularly rapid development in the work of poets of the XIII-XIV centuries and at the same time different types of redif are formed.

Key words: redif, poetry, poet, literarycriticism, term, source, rhyme, interpretation, meaning.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сатторов Бехрӯз Муслимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи филологияи Эрон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 985-98-43-61**

Сведения об авторе: ***Сатторов Бехруз Муслимович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 985-98-43-61**

Information about the author: ***Sattorov Behruz Muslim*** - Tajik National University, applicant for the Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 985-98-43-61**

УДК: 891.550.82

ТАСВИРИ ТАБИАТ ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР

Мирзоев И.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Табиат сарманшаи ҳаёти инсоният буда, ҳанӯз аз замонҳои қадим диққати аҳли эҷодро ба худ ҷалб намудааст. Махсусан, дар эҷодиёти адибони тоҷик аз аҳди қадим то имрӯз мавқеи хос дорад. Ҳанӯз аз устод Рӯдакӣ оғоз намуда, шоироне мисли Манучеҳрии Домғонӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Сайидои Насафӣ, Соиби Табрезӣ ва амсоли инҳо зебоиҳои табиатро дар қолаби шеър басо дилкашу дилчасп мунъакис кардаанд.

Дар ҳақиқат, дар ҳама давру замон табиат бо эътозкориҳои хеш, бо рангрезиҳояш, рӯду кӯҳу чашмасоронаш диққати шоиронро ба худ ҷалб намуда, дар ботинашон эҳсосоти латифу гувороро бармеангезад. Ва ҳамаи ин ба эҷоди ашъори нобу рангине дар бораи табиат ва афсункориҳои он сабаб мешавад. Табиат, ки сарчашмаи ҳаёти инсоният аст ва мо дар оғӯши он зиндагӣ дорем, ҳамеша манбаи илҳоми шоирон буд ва мемонад. Ҳар қадар шоирон васфи онро карданд, боз шоири нозукбин аз он барои худ чизе кашф мекунаду онро ба риштаи назм мекашад. Муҳаққиқ Лаълҷубаи Мирзоҳасан дар ин бора барҳақ зикр намудааст: «Ҳамин тавр, чун шоир маҳсули табиат, ё ки як ҷузви он аст, ба тасвири зебоиҳои табиат бепарво нахоҳад буд. Ӯ муваззаф аст, ки аз вуҷудияти ин зебоиҳо ва нигоришоти табиат ба аҳли замонааш дар қолаби шеър хабар расонад. Агар ин кор аз ҷониби ӯ сомон дода нашавад, пас ӯ бо ҳамасронаш ҳамқадам нест ва ё аз замонаш қафо мондааст» [6, с.26].

Ба гумони ғолиб ягон шоир мавзӯи табиатро дар эҷодиёташ сарфи назар накардааст. Ва чун шоир бо воситаи каломи мавзун дар дили мардум завқу ҳаяҷон меангезад, аз чунин манбаи илҳом ҳаргиз сарфи назар карда наметавонад. Ва, дарвоқеъ, табиат, ки барои мо маскану маъво, сарчашмаи ризқу рӯзӣ, ҳаловатбахши рӯҳу ҷони мост, ҳаргиз наметавонад аз мадди назари як эҷодкори асил дар канор бимонад.

Вақте ки шоир бо тамоми ҳастияш ҳар як рӯйдоду муъҷизаи табиатро дарку эҳсос мекунад, пасон метавонад онро муъҷазу зебо ба риштаи тасвир кашад. Дар адабиёти муосири тоҷик ҳам тасвири табиат дар ашъори аксари шоирони мо ба назар мерасад. Аммо тасвири табиат ва афсункориҳои ӯ дар эҷодиёти Бозор Собир аз як вижагии хоссе бархӯрдор аст.

Аз мутолиаи ашъори Бозор Собир баръало пайдост, ки шоир мӯшикофона ба манзараи атроф менигарад ва аз он ба худ чизе кашф мекунад. Масалан, вақте ӯ «чашми сафедор», «то баногӯш сурхидани лолазорҳо», «ҷӯшидани чашма», «зангӯлазанон гузаштани борон» ва монанди инҳоро мебинаду ба мушоҳида мегирад, баръало маълум мешавад, ки шоир аз рангрезиҳои манзараи атроф ба ваҷд омада илҳом мегирад. Ҳамаи ин бардошту мушоҳидаҳои шоир бо як тозагиву назокат дар шеъраш ба ҷилва меоянд:

Ман ҳасад мебарам бар рӯи замин,
Бар талу пуштаҳои гандумзор,
Бар дарахтони боғу оби равон,
Бар баландии қуллаи кӯҳсор.

Мезанам ғел рӯи майсаи сабз,
Мекашам хоку сабзаро дар бар.
Шир-шири баргҳои ларзонро
Мекунам гӯш ман бо дидаи тар [12, с.103].

Нозуконаву шоирона ба қалам додани мушоҳидаҳои шоир аз табиат хонандаи закиро ба андеша водор месозад ва ӯ мекӯшад, то он чизҳоеро, ки шоир тасвир кардааст, дарку фаҳм намояд. Табиист, ки бисёр ҳодисаву рӯйдодҳои табиат, манзараҳои дилфиребу муъҷизаҳои онро танҳо чашми нозукбин дарку эҳсос карда метавонад. Ин ҳолот дар эҷодиёти Бозор Собир бо як ҳиссиёти баланд ба қалам омадаанд:

Ҳар пагоҳӣ селаи парандагон гӯё
Мепаранд аз лонаи чашмони ман.
Ҳар пагоҳӣ ман хаёлан дар миёни кафтаронам,

Ҳар пагоҳӣ мекунам худрову мурғонро тамошо.
Ҳамчу кӯдакҳои кафтарбоз
Ман хаёлан мекунам бо кафтарон парвоз.

Сӯзани тиллоии хуршед
Мехазад бар ҷумла аъсобам,
Мекунад дарди асабҳои маро дармон
Сӯзани тиллоии хуршеди тобон [12, с.60].

Қаҳрамони лирикии шоир бо табиат пайванди қавиву ногусастание дорад. Гоҳе ӯ ҳамболи кафтарҳо мешаваду гоҳе селаи парандагон аз лонаи чашмони ӯ ба парвоз меоянд. Ва офтоб ба рӯйи шонаҳои ӯ нур мерезаду сӯзани тиллоии хуршед дарди асабҳои ӯро дармон мебахшад. Шоир ҳақиқати воқеиро (сӯзандармонӣ)-ро тавассути тасвири манзараҳои табиат (сӯзани тиллоии хуршед…) ба ҳақиқати бадеӣ табдил дода, ба сухани бадеӣ қувваи баланди ифоданокӣ ато мекунад.

Ин ҳама бозгӯкунандаи он аст, ки шоир вақте ба табиат ручӯъ мекунад, аз он барои худ чизе кашф мекунад. Яъне онро бо панҷ ҳисси зотиаш ҳис мекунад, зеро эҳсосоти воқеии зебопарастӣ дар ботинаш маскан дорад.

Шоир ва адабиётшиноси шинохта Аскар Ҳаким қайд кардааст, ки: «Дар нимаи дуюми қарни XX дар натиҷаи бозтар шудани фазои сиёсии мамлакат ва боло рафтани шуури иҷтимоии мардум, шеър ҳам сифатҳои тоза пайдо мекард, ки яке аз онҳо ҳамин барои ифодаи кайфиятҳои гуногуни худ ба ҷаҳони табиат ва ашё бештар рӯй овардани шоирон аст. Дар эҷодиёти шоирони солманд ин хусусият кам-кам барои худ ҷой боз мекарда бошад, баъзе шоирони ҷавоне, ки дар ин давра ба адабиёт ворид мешуданд, аз аввал ин хусусиятро доштанд. Бозор Собир аз ҷумлаи ҳамин шоирон буд, ҳарчанд ҳангоми нашри маҷмӯаи нахустинаш «Пайванд» (с.1971) ӯ бештар аз сӣ сол дошт, аммо дар олами шеър чеҳраи ҷавону тоза ба шумор меомад ва боризтарин сифати шеъраш ҳамин пайванди решагии он бо табиат маҳсуб мешуд» [14, с.243].

Рангорангиҳои табиат воқеан ба шоир таъсири амиқ бахшида, барои эҷоди аксари шеърҳои ӯ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Таассуроти шоир аз рангрезиҳои табиат, амсоли пайкаратарошест, ки пайкараи сохтаашро моҳирона ҳаккокӣ мекунад.

Агар рассоми чирадасту мониқалам манзараҳои марғубу дилфиреби табиатро бо мӯқалам наққошӣ кунад, шоири тасвиргар онҳоро бо вожаҳои зебову ҳиссиётбарангез тавре тасвир месозад, ки хонанда онро батамом дар пеши назари хеш тасаввур намояд. Чунин ҳолат дар ашъори устод Бозор Собир зиёд вомехӯрад ва ӯ ҳамаи инро тавре ба риштаи тасвир мекашад, ки он манзараро дар шакли расми кашидае пеши назарамон ҷилвагар месозад:

Сайр дорад абри озар
Гоҳ ҷамъу гоҳ парешон,
Чун хаёли мӯсафедон…
Селаи гунҷишкҳоро
Мезанад бо тири борон.

Лонаҳо чун чашми гирён,–
Чашми гирёни дарахтон.
Аз алафҳо мечакад об,
Мисли ашк аз нӯги мижгон [12, с.43].

Дар аксари шеърҳои ба фасли тирамоҳ бахшидаи шоирон он ҳамчун фасли пухта расидани сабзавоту меваҳо, айёми ҷамъоварии марди деҳқон, кӯч бастани парандагон ба ҷойҳои дигар ва монанди инҳо тасвир шудааст. Дар шеърҳои ба ин фасл бахшидаи Бозор Собир тафовуту вижагиҳое ба чашм мерасад. Ин фасли хазонрез шоирро ба риққат меорад ва ӯро бештар ба гузашти умри инсон мушобеҳ медонад:

На дигар хирмани гандум, на дигар хирмани моҳам.
Ба ҳаво тӯдаи абрам, ба замин тӯдаи коҳам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам [6, с.136].

Дар шеъри мазкур ҳолати рӯҳиву ботинии қаҳрамони лирикӣ мунъакис гардида, дар он як андоза оҳанги ҳузну андуҳ ба гӯш мерасад. Яъне, бадалшавии фаслҳои сол ва фаро расидани хазонрез гузашти умри инсонро ба хотир меорад.

Шоир аз равзанае ба табиат менигарад, ки онро бо тамоми ҳастияш бинаду дарку эҳсос кунад. Яъне, онро бо чашми дил бинаду бо гӯши ҷон шунавад ва бо сухани зебову дилнишин васфу ситоиш намояд.

Шоири шинохтаи тоҷик Камол Насрулло дар ин хусус навиштааст: «Бозор Собир шоирест бо эҳсосоти ҳамаҷонибаи табиат ва қариб шеъре надорад, ки дар он ҳузури табиат мушоҳида нашавад ва банда боз ҳам ба ёд меорам, ки устод Бозор як замон бо омӯзиши фанҳои биология, география, зоология, умуман табиатшиносӣ шуғл дошт, зеро донистани ҷузъиёти ин соҳаҳо барои шоир хеле муҳим аст, албатта, дар баробари донистани ҳама соҳаҳои дигари илму зиндагӣ, то шеъри шоир ҳавоӣ ва тахминӣ намонад, балки заминаи мустаҳками воқеӣ дошта бошад.

Истифодаи ҷузъиёти табиат, хусусиятҳои он шеъри Бозорро тасвир ва мазмуни шоирона мебахшад» [7, с.7].

Хонанда аз шеърҳои шоир бӯйи гулу сабзаро мешамаду дар гулзору бӯстони суханаш сайр намуда, аз он ҳаловат мебарад. Ва шеър низ бояд ҳамин гуна ҷозибаву қудрате дошта бошад, ки хонандаро батамом ба хеш ҷалб созад.

Дар эҷодиёти аксари шоирони гузаштаву муосир фасли баҳор, ҳангоми эҳёи табиату айёми гулшукуфт, сабзу хуррам гардидани дашту даман ва монанди инҳо ба тасвир омадааст. Аммо Бозор Собир дар шеъри «Навбаҳор - устои марҳамбанд» ин фасли солро ба таври дигаре ба риштаи назм кашидааст:

Навбаҳор - устои марҳамбанд
Бастааст аз махмалак, аз ушна марҳам
Бар тароши тешаву захми табарҳо,
Пои маҷрӯҳи дарахтонро
Баста бо печак,
Ҳамчу як доругари ҳозиқ.
Ҳамчу як доругари бобоии тоҷик [8, с.47].

Шоир навбаҳорро ба устои марҳамбанде ташбеҳ додааст, ки ӯ ҳамаи захми тешаву табарҳоро, пойи маҷрӯҳи дарахтонро аз махмалаку аз ушнаву аз печак ба мисли як доругари ҳозиқ бастааст, ки чунин тасвирҳои нобу зебо дар адабиёти мо ками дар кам вомехӯранд.

Дар шеъри «Гиреҳи санг» низ шоир як манзараи марғуби табиатро басо рангину дилчасп ва хотирмону муаассир ба риштаи тасвир кашидааст:

Ҳайфи таронаҳои пур аз ашки обшор–
Боре нашуд таронаи ӯ нӯши гӯши санг,
Сад ҳайфи таронаҳои булӯрии мавҷҳош–
Беҳуда мехазад ба тани хаззапӯши санг.

Нохун ба санг мезанаду мезанад абас,
Резад сафед шаршараи хуни обшор,
Ҳамчун мушти гиреҳи хасис во намешавад
Мушти гиреҳи санг бо нохуни обшор [13, с.96].

Дар ин ҷо таркибҳои «ашки обшор», «панҷаҳои булурини мавҷ», «хуни обшор», «мушти гиреҳи санг», «нохуни обшор» ба шеър як таровату тозагии дигаре зам намуда, онро хушоҳангу гушнавоз намудаанд, ки дили хонандаро тасхир месозад.

Дар шароити кунунӣ, ки вазъи экологии сайёра ва муҳити зисту табиати моро як ҳолати бухронӣ ва нигаронкунанда фаро гирифтааст, ашъори ба ин мавзӯъҳо бахшидаи шоир як навъ ҳушдоре ҳам ҳаст, ба ҳар як инсони соҳибақл, ки бояд нисбати табиати биҳиштосои хеш бетаваҷҷуҳ набошем ва ҳар гулу гиёҳи табиат, ҳар қатраи оби нобу зулолашро муқаддас донад. Шоир, аз ҷумла, дар шеъри «Фасли занона» инро хеле хуб мунъакис мекунад:

Як лаҳза тарки раҳ кун,
Ин чашмаро нигаҳ кун.
Ин чашма мезанад чашм,

Чашми занона дорад,
Аз ташнагии чашме
Як чашмаро бинӯшӣ,
Узру баҳона дорад.

Ин лолазори гулчӯш,
Сурхида то баногӯш,
Инро накун фаромӯш,
Хунаш, ки мезанад ҷӯш,
Шарми занона дорад [11, с.84].

Як нуктаро қайд кардан бамаврид аст, ки шоир ин ҷо фасли баҳорро ба зан ва ҳолати рӯҳии ӯ ташбеҳ додааст. Шоир зан – ин олиҳаи ҳусну зебоӣ ва баҳорро ба ҳам тавъам медонад. Чунин тарзи тасвири шоир хеле табиию ҷаззоб баромадааст. Баъдан ҳушдори шоир аз он аст, ки набояд ба ҳар муъҷизаи табиат нигоҳи сарсарӣ дошт, балки онро бо ҳама ҳастӣ дарк кардан лозим аст ва он гоҳ мо ба қадри табиату неъматҳои он мерасем.

Шоир дар як шеъри худ ишора ба он дорад, ки ӯро маҳз табиат шоир кардааст. Шоир ҳама эҳсоси ботинӣ ва отифии худро маҳз бо табиат пайванд медонад ва ҳамаи ин дар эҷоди шеър ба ӯ илҳоми тоза мебахшад:

Маро ин осмон шоир накардаст,
Гирифтам аз алафҳо бӯи ашъор.
Чу барге сабз шуд ман ҳам шудам сабз,
Чу барге сӯхт, ман ҳам сӯхтам зор.

Маро аз пои кӯҳистон бипурсед,
Ки поям сангкӯбашро кашида.
Сару рӯям харошидаст гулхор,
Ба дӯшам ҷомаҳоямро дарида [12, с.5].

Қариб дар аксари шеърҳои шоир меҳру муҳаббати беандозаи ӯ ба табиат, махсусан ба табиати биҳиштосои Тоҷикистон эҳсос мешавад. Ӯ бо як самимияту муҳаббати хос дар ин самт қаламфарсоӣ мекунад. Андешаҳои бикру маъниҳои тоза ва тасвирҳои ҷаззобу дилчасп, ки дар васфи табиати афсункору афсонавии ин диёри зархез ироа шудаанд, дар дили кас як эҳсоси гувороро бедор месозад.

Дар шеъри Бозор Собир қариб ҳама унсурҳои табиат, ҷисмҳои он, ҳар гулу гиёҳу дарахт ва ,пеш аз ҳама, муъҷизаҳои табиат як бозтоби тоза ёфтаанд. Доманаи ин мавзӯъ дар эҷодиёти шоир воқеан васъатнок аст.

Вижагии дигари шеъри шоир дар он аст, ки дар шеъри ӯ ташбеҳу истиорот ва дигар анвои санъатҳои шеърӣ аз табиат гирифта шудаанд. Тасвирҳои зебое монанди «тӯри боронҳо», «обзахми санг», «подаи бодҳо», «мижгони шаб», «ғози хасрав», «лонаҳо чун чашми гирён», «дар дара дум задани галаҳои обшорон», «занҷири борони баҳор», «чашми сафедор», «сӯзани тиллоии хуршед», «чун шир рехтани борон аз гулӯи новадон», «шишаи субҳ», «безабонии забондонии бод», «гиряи шаршараҳои гирён», «шир-шири баргҳои ларзон», «чодари арӯсӣ гардидани абрҳои кӯҳистон», «ҷонамози барфҳо», «сӯзани нур», «тешаи санг», «гӯши ҳубоб», «зангӯлазанон гузаштани борон» ва амсоли инҳо ҳама аз мушоҳидаву бардоштҳои шоир аз табиат аст, ки дар шеърҳои ӯ хеле зебову муҷалло ҷилва менамоянд. Адабиётшинос Карокатулло Шукруллоев хеле хуб дар ин бора зикр мекунад: «Бозор Собир ба адабиёт бо диди хосси шоирона омад. Сарманшаи андеша ва образҳои шеъри ӯ эҷодҳо ва зиндагии мардум аст. Шеъри ӯ ифшои ҳоли табиату инсон буда, асолати ӯ низ аз ҳамин ҷо ибтидо мегирад. Маҳз ба ҳамин васила ӯ ҳолати тасвирҳо ва чеҳраҳоро дармеёбад ва шеъраш забони гӯёи он тасвироту он ҳолатҳо мегардад» [8, с.120].

Адабиётшиноси варзида Абдурраҳмон Абдуманнон, ки ба ашъори Бозор Собир мароқи баланд дорад, баъди вафоти шоир симои эҷодии ӯро чунин муайян кардааст: «Дарахти шеъраш аз дарёи зиндагӣ об мехӯрд, аз насими шаббодаҳо нафас мегирифт, дар пуштаҳову кӯҳсорон месабзид – дарахти кӯҳӣ буд, гул ҳам дошту хор ҳам» [1, с.50].

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми шеъри Бозор Собир сода, муъҷаз, мушаххас ифода ёфтани фикр дар ҷомаи образҳои бадеӣ мебошад. Гоҳе шоир аз як ашё ё ҳодисаи назарногир тасвирҳои нобу зебое меофарад, ки ба рӯҳу равони хонанда таъсир мебахшанд ва ин

бешак аз вижагиҳои хосси шеъри шоир мебошад. Дар бозёфти образу тасвирҳои шоирона, шоир маҳорати баланд зоҳир месозад. Ҷанбаи қавии шеъри ӯ низ аз ҳамин зовия сарчашма мегирад. Вақте шоир манзараи субҳро дар деҳот ба тасвир мегирад, дар нигоҳи аввал он содаву одӣ менамояд, аммо онро тавре ба тасвир мекашад, ки он бисёр ҳаловатбахшу хотирмон ба ҷилва меояд ва балоғату салосати сухан ба гунаест, ки вуҷуди моро ба таҳрик оварда, ҳиссиёти ҳаяҷонбахшро ато менамояд:

Вақте ки сапеда деги гардунро
Чун модари ман ба рег мешӯяд,
Вақте ки сапеда гови гардунро,
Чун модари ман пагоҳӣ медӯшад,
Бо шир-шири шир мешавам бедор,
Бо шир-шири ширдӯшии модар [11, с.71].

Дарвоқеъ, бо “шир-шири шир ва шир-шири ширдӯшии модар бедор гаштан» манзараи субҳро, махсусан манзараи субҳи деҳотро латифу зебо ба тасвир овардааст. Барҳақ, мунаққид Юсуф Акбаров дар ин бора зикр мекунад: “Ва Бозор Собир ҳам шоири лирик, шоири андешаҳои ширину ҳазин, амиқу дақиқ ва рангину хаёлангез аст ва табиист, ки ҷамеи афкору андешаҳои аз олами ҳодиса пайдокардаашро аз мағзи дили ҳассосу нарм ва тафаккури хаёлангезаш гузаронида бо хуноби дилаш рангин карда, ба хонанда пешниҳод кардааст ва, албатта, дар чунин шеърҳо шахсияти шоир - “ман”-и лирикӣ мақоми асосӣ дорад” [4, с.149].

Ва дар интиҳои сухан бо навиштаҳои адабиётшинос Ҷамолиддин Саидзода оид ба эҷодиёти Бозор Собир иктифо мекунем: «Устод ба маънии том суварнигори сухан аст. Ӯ аз роҳи сухан зиндагиро наққошӣ мекунад ва ҳақиқатро дар пироҳани образҳо ва аносири хаёл ба ҷилва меорад ва бад ин восита зеҳнро тез месозад, орзую ормонҳоро болу пар мебахшад ва ба чашми дил дидан ва ҳушмандона зистанро ба мардум меомӯзонад. Лиҳозо, ӯ аз каломи қолабию каммоя ҳароина дурӣ меҷӯяд ва ҳамеша аз пайи дарёфти маънӣ ва тасвири нову тоза гом мениҳад. Аз ин ҷиҳат аст, ки ҳар шеъраш як тозагӣ, як вижагӣ дар худ дорад ва ин, албатта, табъан сифати шеъри асил аст» [9, с.48].

Умуман, тасвири табиат дар эҷодиёти Бозор Собир як ҷойгоҳи хосса дошта, муҳаббати самимии шоир нисбат ба табиат қариб аз аксари шеърҳои ӯ ба назар мерасад.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманнон, А. Пиндорҳо ва ингорҳо / А.Абдуманнон. - Душанбе: Адиб, 2006. – 216 с.
2. Акбарзод, Мубашшир. Сухан з-осмонҳо фуруд омадааст / Мубашшир Акбарзод. - Душанбе: Адиб, 2008. - 272 с.
3. Акбаров Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър / Ю.Акбаров. - Душанбе: Дониш, 1980. - 197 с.
4. Акбаров Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур / Ю.Акбаров. - Душанбе: Ирфон, 1985. - 240 с.
5. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Огаҳ, 1386 ҳ.
6. Мирзоҳасанов С. Ҳусни табиат дар шеъри сабки хуросонӣ / С.Мирзоҳасанов. – Душанбе, 2010. – 164 с.
7. Насрулло, К. Бозор Собир ва шеъри нави тоҷик / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат.-2018, 22 ноябр.-№ 47.
8. Саидзода, Ҷ. Бозор Собир-бонии тарзи хаёл / Ҷ.Саидзода. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 150 с.
9. Саидзода Ҷ. Бозор Собир-тасвиргари моҳир / Ҷ.Саидзода. – Душанбе, 2009. – 130 с.
10. Сайфуллоев А. Дунёи шеър / А. Сайфуллоев // Садои Шарқ. – 1980. - №9.
11. Собир, Б. Аз «Гули хор» то «Симхор» / Б.Собир. – Москва: Интрансдорнаука, 2003. – 256 с.
12. Собир, Б. Бо чамидан, бо чашидан… / Б.Собир. - Душанбе: Адиб, 1987. – 208 с.
13. Собир, Б. Шоиру шеъре агар ҳаст / Б.Собир. - Душанбе: Адиб, 2006. – 328 с.
14. Ҳаким, А. Маҷмӯаи осор. - Ҷ. 3 / А. Ҳаким. - Хуҷанд: Ношир, 2017. – 512 с.
15. Ҳаким, А. Маҷмӯаи осор. - Ҷ. 5 / А. Ҳаким. - Хуҷанд: Ношир, 2017. – 512 с.
16. Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик / Алиасғари Шеърдӯст. - Душанбе: Адиб, 1997. - 272 с.

ТАСВИРИ ТАБИАТ ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР

Бозор Собир аз зумраи он суханваронест, ки дар адабиёти муосири тоҷик сабку услуби хосси худро дорад ва бо ашъори нотакрораш дили ҳаводорони назмро тасхир кардааст. Эҷодиёти шоир фарогири мавзӯъҳои муҳимми имрӯза мебошад. Бахусус, мавзӯи табиат дар осори шоир мавқеи хеле муҳим дорад. Дар мақола доир ба табиат ва мавқеи он дар шеъри тоҷик ба таври иҷмолӣ маълумот дода, сипас тасвири табиат ва муъҷизаҳои он дар ашъори Бозор Собир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар ҳақиқат, дар ҳама давру замон табиат бо эъҷозкориву афсунгариҳои хеш, рӯду кӯҳу чашмасоронаш диққати шоиронро ба худ ҷалб

намуда, дар ботинашон эҳсосоти латифу гувороро бармеангезад. Ва ҳамаи ин ба эҷоди ашъори нобу рангине дар бораи табиат ва афсункориҳои он сабаб мешавад. Муаллиф кӯшидааст, ки то андозае ҳунару маҳорати шоир ва тасвирҳои зебову дилчаспи ӯро оид ба табиат ва, махсусан, табиати биҳиштосои Тоҷикистон бо мисолҳои мушаххас нишон диҳад. Ҷанбаҳои қавии ашъори ба васфи табиат бахшидаи устод Бозор Собир дар мақолаи мазкур то як андоза мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифта ва паҳлуҳои мушаххаси мавзӯи мазкур нишон дода шудааст. Ҳамчунин хусусиятҳои фарқкунанда ва вижагиҳои хосси ин мавзӯъ дар эҷодиёти шоир мавриди пайгирӣ қарор гирифтааст. Дар мақола аз эҷодиёти шоир доир ба ин мавзӯъ шеъру порчаҳои алоҳида оварда, онҳо ҳамаҷониба мавриди шарҳу тафсир қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни нақду баррасии мавзӯъ муаллиф андеша ва мулоҳизаҳояшро бо иқтибосҳо аз адабиётшиносон ва суханварон тақвият медиҳад.

Калидвожаҳо: тасвир, табиат, ашъор, мушоҳидаҳои шоир, қаламфарсоӣ, санъатҳои бадеӣ, эҷод, дарку эҳсос, муъҷизаҳои табиат, таассурот, қаҳрамони лирикӣ, табиати Тоҷикистон, манзара.

ОБРАЗ ПРИРОДЫ В ПОЭЗИИ БОЗОРА СОБИРА

Бозор Собир - один из ораторов, который владеет собственным стилем в современной таджикской литературе и покорил сердца поклонников поэзии своей неповторимой поэзией. Творчество поэта сегодня охватывает широкий круг актуальных тем. В частности, тема природы занимает важное место в творчестве поэта. В статье представлен образ природы и ее место в таджикской поэзии, а также описание природы и ее чудес в стихах Бозора Собира. На самом деле, во все времена природа с ее волшебством и очарованием, реками, горами и источниками привлекала внимание поэтов и вызывала у них нежные чувства. И все это приводит к созданию бесценных стихов о природе и ее волшебстве. Автор пытается в какой-то мере показать на конкретных примерах мастерство поэта, его красивое изображение природы и, в частности, райской природы Таджикистана. В этой статье подробно рассматриваются сильные стороны стихотворений Устада Бозора Собира, посвященных природе, и показаны конкретные аспекты этой темы. Отличительные черты и особенности этой темы прослеживаются и в творчестве поэта. Статья содержит отдельные стихотворения и отрывки из произведений поэта на эту тему, которые подробно комментируются. В процессе рассмотрения темы автор подкрепляет свои мысли и идеи цитатами литературных критиков и ораторов.

Ключевые слова: образ, природа, поэзия, наблюдения поэта, искусство, творчество, восприятие, чудеса природы, впечатления, лирический герой, природа Таджикистана, пейзаж.

THE OVERVIEW OF NATURE IN THE POEMS OF BOZOR SOBIR

Bozor Sobir is one of the orators who has his own style in modern Tajik literature and won the hearts of poetry fans with his unique poetry. The poet's work today covers a wide range of relevant topics. In particular, the theme of nature occupies a very important place in the poet's work. The article provides an overview of nature and its place in Tajik poetry, and then a description of nature and its wonders in the poems of Bozor Sobir. In fact, at all times, nature with its magic and charm, rivers, mountains and springs attracted the attention of poets and aroused tender feelings in them. And all this leads to the creation of priceless poems about nature and its magic. The author tries, to some extent, to show, using specific examples of the poet's skill, his beautiful and interesting images of nature and, in particular, the paradise nature of Tajikistan. This article explores in detail the strengths of Ustad Bozor Sobir's nature poems and shows specific aspects of the topic. Distinctive features and characteristics of this theme can be traced in the poet's work. The article contains individual poems and excerpts from the poet's works on this topic, which are commented in detail. In the process of considering the topic, the author reinforces his thoughts and ideas with quotes from literary critics and orators.

Key words: image, nature, poetry, poet's observations, art, creativity, perception, natural wonders, impressions, lyrical hero, nature of Tajikistan, landscape.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоев Илҳомуддин Неъматович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назария ва адабиёти навини форсӣ-тоҷикии факултети филология, ассистенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 981-02-16-83**

Сведения об авторе: ***Мирзоев Илхомуддин Неъматович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и современной персидско-таджикской литературы факультета филологии, ассистент кафедры таджикского языка Таджикского государственного финансово- экономического университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 981-02-16-83**

Information about the author: ***Mirzoev Ilhomuddin Nematovich*** - Tajik National University, Applicant for the Department of Theory and Contemporary Persian-Tajik Literature, Faculty of Philology, assistant of the Department of Tajik Language, Tajik State Financial and Economic University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 981-02-16-83**

УДК: 07:891.550

ПАМФЛЕТ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ӮРУН КӮҲЗОД

Каримова Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ӯрун Кӯҳзод дар қолаби жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ асарҳои зиёд таълиф намудааст. Албатта, бештари асарҳояшро худи нависанда ҳикояву достон гуфтааст, вале ба андешаи муҳаққиқони соҳаи публитсистика инҳо дар доираи жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ ба монанди памфлет, фелетон, ҳаҷв ва ғайра офарида шудаанд.

Памфлет дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик таърихи бисёрасра дорад. Дар тӯли таърих нависанда ва публитсистони форсу тоҷик памфлетҳое навиштаанд, ки дар адабиёт мавқеи намоёнро ишғол намуда, имрӯз ҳам арзиши ғоявию бадеӣ ва аҳаммияти публитсистии худро аз даст надодаанд. Дар беҳтарин памфлетҳои адибони гузашта, ки дорои мазмуни амиқи ҳаётӣ ва воқеӣ мебошанд, гиряи адибон аз ахлоқи акобирони замонашон ва хандаи талх бар ҳоли онҳо тасвир ёфтаанд.

Хусусиятҳои жанрии памфлетро ҳанӯз дар адабиёти асри Х ва минбаъд мушоҳида кардан мумкин аст, ки “Гуфтор дар ҳаҷви Султон Маҳмуд” – и Ҳаким Фирдавсӣ, “Ахлоқ-ул-ашроф” ва “Муш ва гурба” – и Убайди Зоконӣ, “Рисолаи таърихӣ” – и Аҳмади Дониш, “Чингизи асри ХХ”, “Деви ҳафтсар”, “Хари бедум” – и Садриддин Айнӣ, “Косадум” – и Фазлиддин Муҳаммадиев намунаи онҳост.

Памфлетро профессор Усмонов И.К. аз жанрҳои муҳим дар публитсистикаи ҳаҷвӣ арзёбӣ намуда, онро чунин шарҳ додааст: “Дар силсилаи жанрҳои публитсистика жанрҳое мавҷуданд, ки ҳадафи сиёсӣ ё ҳеҷ набошад, маънавиашон дар ҷойи аввал қарор мегирад ва мактуб, мақола ва памфлет аз ҷумлаи онҳо мебошанд ва шояд памфлет асоситарини онҳо бошад” [12, с.120].

Мутахассисон бар онанд, ки баромади памфлет аз калимаи юнонӣ “Pamm flego” буда, маънои “ҳама чизро месӯзонам” дорад. Яъне, мақсадаш шармсор ва маҳкум кардани рақиб аст. Инчунин, дар памфлет зимни маҳкум кардан андешаҳои ҳикматомези худро гуфтан, ақида ва муносибати хешро дар хусуси зуҳуроти номатлуб баён кардан ҳам мебошад. Аввалин шарти навиштани памфлет мавҷуд будани соҳае, воқеае аст, ки он дар мухолифи ҷомеа қарор дорад ё аз нигоҳи диди муаллиф тамоман ноҷоиз аст.

Дар шинохти памфлет муҳаққиқ М. Муродов бошад, чунин андеша дорад: “Дар памфлет духӯрагии фикр ё мақсад раво нест. Мақсад бояд ҳаматарафа равшан бошад. Чаро ки муносибат ба воқеаи памфлетшаванда ҳамеша оштинопазирона аст” [8, с.231].

Ҳарчанд памфлет хусусияти жанрии худро соҳиб аст, аммо он дар қолаби жанрҳои дигар низ сохта мешавад. Ин хусусият, пеш аз ҳама, услуби эҷод аст, ки ба характери асар тавъам мебошад. Памфлет метавонад дар се шакли таҳрир – наср, назм ва драматургия навишта шавад. Новобаста ба шакли нигориш дар эҷоди памфлет ду услуб – ривоятӣ ва ривоятсозӣ хос мебошад. Услуби ривоятӣ як навъ нақли оддие мебошад, ки барои тамоми жанрҳои публитсистӣ хос аст. Услуби ривоятсозӣ ҳарчанд дар жанрҳои публитсистиву бадеӣ дида мешавад, аммо бештар хосси памфлет мебошад. Дар памфлет ду шеваи ривоятсозӣ истифода мешавад:

а) бо андаке тағйирот пурра овардани асотир, афсона, латифа ё қиссаҳо ва мувофиқ кунонидани онҳо бо мавзӯи памфлетшаванда. Дар ин ҳолат матлаби асосӣ на бозгӯи афсона ё ривоят, балки ҳақиқати ҳол аст, ки муаллиф гуфтан мехоҳад. Чунончи, дар “Деви ҳафтсар” – и устод Айнӣ матлаб на бознақли афсонаи дар наврасӣ аз кампири ҳамсоя шунидаи муаллиф, балки танқиду мазаммати Гитлер ва ҳамаслакони ӯ аст.

б) афсонасозӣ ва ё қиссабофӣ. Дар ин шакл памфлетнавис фикрашро дар қолаби тамсил, қисса, ки қаблан маъмул набудааст, баён мекунад. Ба ибораи дигар, аз ҳолати воқеӣ афсона месозад. Дар ин хусус Ф. Муҳаммадиев дар фарҷоми памфлети “Сари сахти мурғи бахт” ба маврид менависад: “мо афсонаро, яке аз беҳтарин афсонаҳои халқи тоҷик гуфта даъво намекунем. Лекин вай ба ҳар ҳол аз афсона як фарқ дорад. Ҳар он чӣ ки нақл шуд, дар ҳаёт рух додааст” [8, с.232].

Дар памфлет тахайюл заминаи воқеӣ дошта, муаллифон ҳодисаву рӯйдод, рафтору кирдори номатлуби иҷтимоиро вобаста ба рӯҳияи ҷомеа ба риштаи тасвир мекашанд. Ба андешаи муҳаққиқ М. Муродов “Хусусияти чунин тасвирот танҳо ба мақсади дарки ҷаҳон

ва маърифати зиндагӣ набуда, балки кӯшиш ва муборизаест барои ошкор ва дарёфти роҳи беҳбуд” [6, с.140].

Аз ин бар меояд, ки памфлет дар баробари хандаи талх намудан, усули хубест барои беҳбудии зиндагии мардум, василаест барои аз байн бурдани бадахлоқиву бадкирдорӣ ва хислатҳои манфӣ. Ин ҷиҳат хусусан дар публитсистикаи солҳои 60-80-и садаи ХХ дар эҷодиёти бисёре аз нависандагон ривоҷ ёфт, ки дар байни онҳо Ӯрун Кӯҳзод мақоми махсус дошта, асарҳои ӯ қобили диққат аст.

Осори Кӯҳзод аз навиштаҳо дар қолаби жанрҳои гуногуни публитсистию бадеӣ иборат мебошад. Махсусан, асарҳои публитсистии “Тоҷикони имрӯза” (2000), “Ҷамъи парешон” (2003), “Ахлоқи воло дафъи бало” (2000) ва ду асари тозаэҷодаш “Ғайр аз хӯрдан ва пӯшидан” (2019) ва “Гардани ғам бишканед” (2019) дар публитсистикаи муосири тоҷик ҷойгоҳи махсусеро ишғол менамоянд. Дар китобҳои номбурда ҳаҷвия, мақолаҳои публитсистӣ, фелетонҳо, памфлет ва ҳикояҳои ҷанбаи публитсистӣ доштаи нависанда гирд оварда шудааст.

Мақсади асосии нависанда аз таълифи чунин асарҳо беҳбуд бахшидан ба ҳаёти иҷтимоӣ аст. Мазаммати камбудиҳои иҷтимоӣ, амалу кирдори ашхоси алоҳида аз мадди назари Кӯҳзод ҳеҷ гоҳ дур намондааст. Ин аст, ки муҳаққиқ М.Муродов чунин қайд мекунад: “Публитсистикаи ӯ (Ӯрун Кӯҳзод – К.Ҳ.) саршори юмори нозук, нешханду шакарханд ва кинояву истеҳзои нишонрас мебошад” [6, с.160].

Қобили қайд аст, ки Ӯрун Кӯҳзод аз аввали фаъолияташ ба навиштани ҳаҷв рӯ овардааст. Ӯро дар адабиёти муосир ҳамчун нависандаи ҳаҷвнигор хуб мешиносанд. Памфлету фелетонҳои адиб низ ҷанбаи амиқӣ ҳаҷвӣ доранд. Навиштаҳои нависандаро дар жанри фелетон хеле зиёд дарёфт намудан мумкин аст, аммо дар жанри памфлет нависанда бозёфтҳои кам дорад. Аслан ин ду жанр ба ҳам хеле наздикӣ доранд, аммо байни онҳо фарқият низ дида мешавад. Агар дар фелетон воқеаву амалҳо тезу тунд сурат гиранд ҳам, вале созанда аст. Памфлет бошад, баръакси фелетон тезу тунду сӯзанда мебошад. Яъне, ҳама чизи бадро несту нобуд месозад.

Памфлету фелетонҳои Ӯрун Кӯҳзод аз памфлету фелетонҳои ҳамзамононаш ба куллӣ фарқ мекунанд. Ришхандҳои обдори ӯ хусусияти шахсӣ надошта, барои хандаву дилхушии яклаҳзагӣ ба вуқӯъ напайвастаанд. Мавзӯъ ва мазмунҳои памфлету фелетонҳои адиб танқидӣ ва воқеӣ буда, хусусияти иҷтимоӣ доранд, ки ҷароҳат ва дардҳои иҷтимоии замонашро фош ва нобуд месозанд. Чунонки, муҳаққиқ Абдухолиқ Набавӣ менависад: “Асарҳои публитсистии Кӯҳзод дар қатори сифати фошкунандагӣ, инчунин аз ҷонсӯзии нависанда нисбат ба беҳ сохтани инсон ва зиндагӣ сар задаанд” [10, с.121].

Дар ҳақиқат, Ӯрун Кӯҳзод аз аҳволи иҷтимоии замон пурра воқиф буда, нобасомониву бедодиҳоро мушоҳида карда, пас онро дар жанри памфлет мавриди танқиди шадид қарор медиҳад. Ин ҳолатро дар памфлети “Тахти равон ва тахтбардорон” метавон мушоҳида кард. Қисса аз он оғоз мешавад, ки тахтбардорон ба хидмати навбатӣ омодабош гирифта, тахти хӯҷаинро ба ҷойи таъйиншуда бурданианд.

Дар ақидаи нависанда сатира (сарзаниш) чун “адабиёти даъват” ангошта мешавад. Мувофиқи назария дар чунин ҳолат адиб бояд ҷаҳонро танҳо тасаввур накунад, балки роҳи комилан тағйир додани онро низ биҷӯяд. Ба ақидаи Саъдуллоев, муаллиф дар ин асар гӯё тавлиди инсони навро бо таъсири таърих дар дохили таърихи равон мечӯяд, барои ҳар рӯйдод новобаста аз неку бад будан худро масъул медонад. Дар асар симои ду нафар - Ҷавони паҳлавон ва Ходими калон акс ёфтаанд, ки ин ду симо хислати ба ҳам зид доранд.

Ходими калон шахсест, ки ҳама чиз: тарзи нави ғуломӣ, ба тахтнишин содиқона хизмат кардан, ба ҳар гуна супориш тайёр будан ва монанди инро бо тамоми неру қабул мекунад. Ӯ андешаи мустақили худро надорад, барояш кӣ будану чӣ қобилият доштани тахтнишин фарқ надорад. Аммо Ҷавони паҳлавон гарчанде нотарс аст, вале бо дидани Ходими калон аз ғайраташ нишоне намемонад ва ҳамеша дар мушоҳида аст.

Дар тасвири нависанда ӯ мисли нафаронест, ки бо ҳазорон орзу пайи таҳсилу тамрин шуда, ҳатто гоҳо ба пояҳои мансаб ҳам мерасанд, вале чун раъяшон ғуломвор лаҷомзадааст, кореро уҳда карда наметавонанд ва аз тарси Ходими калон фақат дар хилватгоҳҳо андеша меронад. “... мо ҳама аз як обу гилем, пас чаро яке хоҷаву дигарон хизматгор бошанд?” [4, с.20]. Ин саволи худ ба худ, ки фикреро ниҳон медошт, боиси бадбахтии Ҷавони паҳлавон шуд. Фикрашро хонданд ва ба маҳкама кашиданд.

Дар ин памфлет ҳунари нависандагии муаллиф имкон дода, ки матлаб на ошкору мушаххас, балки образнок бо тасвироти гуногун баррасӣ шавад. Зимнан, табиати жанри памфлет низ чунин аст. Дар он матлаби асосӣ на ошкоро ё бо факту далелҳои мушаххас нишон додан ва танқиди камбудиҳо сурат мегирад, балки мазаммат ва мазоҳи ғоя, ақида, низом, умуман масоили кулл мебошад. Бо чунин назардошт муаллифи памфлети мавриди назар низоми давлатдории Шӯравиро мавриди танқиду мазаммат ва масхара қарор медиҳад.

Нависанда дар памфлет усули рамзӣ – маҷозии нақлро интихоб намуда, чун мушоҳид ҳодисаву воқеаҳоро бо суханони истиораомез тасвир ва андешаҳояшро мулоҳизакорона, аммо тезу тунд баён мекунад. Ин усули навиштро муҳаққиқ А. Саъдуллоев чунин шарҳ додааст: “Асари “Тахти равон ва тахтбардорон” памфлети олиҷанобест, ки аз рӯйи тамоми қоидаҳои ҳаҷви публитсистӣ таълиф шуда, паси амали қаҳрамонон нафрати беандоза ба сохти тасвиршуда бо рамз баён мегардад” [11, с.80].

Ӯрун Кӯҳзод дар памфлети мавриди назар ду тимсоли одамонро ба ҳам зид гузошта, амал ва муносибати онҳоро на танҳо маҳкум мекунад, балки барои несту нобуд карданашон ҳукм мебарорад. “На фақат худи ӯро, балки наздикони вай, думравони вай ва одамонеро, ки ёрӣ дода вайро ба ин дараҷаҳо то ба дараҷаи тахтбардорӣ расонидаанд, нест бояд кард. Тухми онҳоро нест кардан даркор, ки занҳояшон дигар ин хел писар назоянд” [4, с.21].

Хусусияти жанрии асари дар боло зикршударо аз чанд ҷиҳат муайян кардан мумкин аст. Аввал, дар он мавқеи асосиро на фактҳои муайяну мушаххас, балки андеша, фикр ишғол мекунад. Дуюм, андешаҳои муаллиф пурра маҳсули хаёл набуда, як навъ натиҷаи омӯзишу маърифат ва муносибати нависанда нисбати масъалаи мазамматшаванда мебошад. Сеюм, услуби нигориш хосси жанри публитсистикаи ҳаҷвӣ яъне, памфлет аст, зеро дар он унсурҳои типии танзӣ истифода шуда, матн дар шакли афсонасозӣ бунёд ёфтааст. Муҳимтар аз ҳамаи ин муаллиф бо бадӣ оштипазир нест, мехоҳад онро несту нобуд кунад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми жанри памфлет дар он аст, ки нигорандаи памфлет бо бадӣ оштинопазир аст. Ӯ мехоҳад ҳамаи рафтори ношоистаро ба хокистар табдил диҳад. Ин ҷиҳат дар мисоли боло дар памфлети “Тахти равон ва тахтбардорон” баръало дида мешавад. Дар ин маврид профессор Мурод Муродов менависад: “... муаллиф дар асари “Тахти равон ва тахтбардорон” боқимондаҳои фаҳмиш ва муносибати гурӯҳи одамонеро, ки дар зиндагӣ бефарқ ҳастанд ва имрӯз низ ин одат дар мағзи онҳо боқӣ мондааст, мавриди танқид ва маҳкум қарор медиҳад ва мехоҳад бо хандаи сӯзанда онҳоро ба хокистар бадал гардонад” [6, с.162].

Дар ин памфлет системае мазоҳ ва масхара карда мешавад, ки бунёдаш ба тамаллуқ, худситоии маҳз, дурӯғ, назорати беҳаёнаи ҳаёти шахсии одамон, фитна ва козибии аҳли рикоби сарварон асос ёфтааст. Аз ин бармеояд, ки ба публитсистикаи ҳаҷвӣ хосса ба иншои памфлет рӯ овардани Ӯрун Кӯҳзод қаноат нашудан аз кирдору рафтори инсонҳо будааст ва ба ин восита мехоҳад бадиҳоро несту нобуд созад. Нависанда ба мушкилоти ҷомеа аҳаммияти ҷиддӣ дода, ба онҳо бо чашми танқидӣ нигаристааст. Ӯ инсонҳоеро, ки фасодкоранд, яъне ба ҷомеа зарарашонро мерасонанд, зери тозиёнаи танқид қарор додааст.

Майли танқидии памфлети “Тахти равон ва тахтбардорон”, пеш аз ҳама, аз инъикоси қимати худро гум кардани арзишҳои маънавию рӯҳи дар ҷамъияти Шӯравӣ ва ҷойи онҳоро гирифтани сохтакорӣ, риёкорӣ, дурӯягӣ ва чоплусӣ мебошад. Дар байни одамон шояд ба истиснои маданияти меҳнат муносибати маданӣ намондааст.

Гарчанде ки фалсафаи нависанда ба шикастнопазирии пояи одобу ахлоқ дар байни оммаи меҳнаткашон равона шудааст, бурҳони ҳақиқати иҷтимоӣ бо костани пояҳои ахлоқию маънавии ҷамъият дар ҳамаи табақаҳои мардум таъсире дошт ва ҳамин чиз ҳаракати бозсозиро дар замони Шӯравӣ ба вуҷуд оварду қувват бахшид.

Дар памфлетҳояш Ӯрун Кӯҳзод ба воқеаҳои иҷтимоиву сиёсӣ сару кор гирифта, онро тезу тунд, ва сӯзанда, ки хосси жанри памфлет аст, инъикос намудааст. Ба ин мисол шуда метавонад памфлети “Ғукҳои беадаб”, ки 4 июли соли 1965 дар ҳафтаномаи “Комсомоли Тоҷикистон” ва дар маҷмӯаи “Сареву савдое” чоп шудааст. Дар ин памфлет нависанда ба хушомадгӯии зердастони як раис хандида онҳоро маҳкум намудааст.

Таҷрибаи зиндагӣ нишон медиҳад, ки ба тарзи холисона ба хандаи мақсаднок, тамасхӯри барҷоӣ ҳаҷв намудани камбудиву нуқсонҳои иҷтимоӣ ва ошкору фош кардани

хислату характери номатлуби шахсони алоҳида, аз як тараф, ба афкори умум таъсири муфид мерасонад, аз сӯйи дигар, дар пешрафту инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ бетаъсир наемонад. Зеро ошкор ва танқиду мазаммати ҳар гуна камбудиву норасоии иҷтимоъ ё ашхоси алоҳида дар асар танҳо ба манфиати ҳимояи мардум ва беҳбуди зиндагии онҳо равона мешавад.

Ба ҳамин монанд памфлети дигари нависанда, ки дар китоби “Гардани ғам бишканед” (2018) дар қисмати сеюм, ки “Ҳаҷв” ном гирифтааст, ҷой дода шудааст. Ба ин памфлет Ӯрун Кӯҳзод “Фикри бедор” номгузорӣ кардааст, ки мазмунаш бо ин ном мувофиқат мекунад. Нависанда ба ҳоли нафароне, ки бо ҳар роҳу восита соҳиби мансабу унвон ва ҳатто Грантҳо мешаванд хандида, фаъолияти онҳоро дар ҷомеа зери танқид қарор додааст.

Памфлети “Фикри бедор” бо он оғоз меёбад, ки дар ватани Орзуқули Шоҳназар ном шахс одати ҳолу аҳволи сокинонро пурсидан ва таҳлил кардану хулоса баровардан одат набуд. Ҳамин тавр, СММ ба ватани Орзуқул пул дод, ки ГРАНТ ном дошт ва ҳадафаш як назархоҳӣ буд сари як масъала, яъне фикри мардум аз бобати “Фикри бедор” чигуна аст.

Дар памфлети мавриди назар муаллиф дар баробари хандаи талх намудан, усули хуберо барои беҳбудии зиндагии мардум ба кор бурдааст. Нависанда мехоҳад, ки дар ҷомеаи демократӣ воситабозиҳо аз байн раванд ва нафароне дар озмунҳо соҳиби ҷоиза ва ё грантҳо шаванд, ки арзишашро дошта бошанд.

Ӯ. Кӯҳзод дар назди ҷомеа ва масъулони зинаҳои гуногун масъалаҳои ҷиддии ҳалталабро пеш гузошта, ки баҳри рушди минбаъда монеа буданду ҳастанд. Як иддаи бузурги роҳбарон бо роҳҳои гуногун, аз тариқи хешовандгарой, ришвахорӣ сари вазифа омадаанд, аммо намедонанд, ки бо ҷомеа чӣ гуна муносибат намоянд, ҳатто то он дараҷае ки саводи кофӣ надоранд, ки мақсаду ҳадафашонро ба мардуми одӣ дуруст фаҳмонанд, дар ҷомеа зиёд ба назар мерасанд. Аз ин рафтори онҳо нависанда хандаи талх намуда, мехоҳад онҳоро ба хокистар мубаддал намояд.

Танқиду мазаммати камбудиҳои иҷтимоӣ, рафтору амали ашхоси алоҳида ҳамеша дар мадди назари Ӯрун Кӯҳзод будааст. Ин аст, ки публитсистикаи ӯ саршори юмори нозук, нешханду шакарханд ва кинояву истеҳзои нишонрас буда, дар он ҳаҷву танз мавқеи муайян дорад. Ӯ дар танқиди норасоиҳои иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳои эҷодӣ ва махсусияти жанрӣ васеъ истифода мебарад.

Умуман, дар асарҳои ҳаҷвӣ ва танқидӣ, бахусус дар памфлети Кӯҳзод, тангназарӣ, бесуботии ахлоқӣ, худхоҳӣ, кӯр - кӯрона қабул кардани одатҳои манфӣ ва беандешагӣ дар муҳокимаронӣ, хулоса ҳар он чи, ки ба камбисотии маънавии шахс сабаб мешавад, мавриди мулоҳиза қарор гирифтааст. Ин хислатҳои манфиро нависанда як - як ошкор карда, бо услуби тезу тунд, сӯзонанда ва нишонрас фош ва маҳкум месозад.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллаев М.А. Идеи национального самосознания в таджикской публицистике XX века / М.А. Абдуллаев. - Душанбе: РТСУ, 2011. – 111 с.
2. Гулмуродзода П. Публицистика и время / П. Гулмуродзода. - Душанбе: Сино, 2002. -128 с.
3. Журбина Е. Теория и практика художественно – публицистических жанров / Е.Журбина. – М., 1990.
4. Кӯҳзод Ӯ. Ҷамъи парешон / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Сурушан, 2004. – 136 с.
5. Ким М.Н. Жанры современной журналистики / М.Н. Ким. – Спб, 2004. – 265 с.
6. Муродов М. Аз замон то замон / М. Муродов. - Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 248 с.
7. Муродов М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с.
8. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.
9. Муродов С. Ҳаҷви публитсистӣ / С. Муродов. – Душанбе, 2003. – 64 с.
10. Набавӣ А. Зиндагони сар ба сар / А.Набавӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.114-122.
11. Саъдуллоев А. Дирӯз ҳам имрӯз аст / А.Саъдуллоев. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.80-96.
12. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика / И.Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
13. Усмонов И. Назарияи публитсистика / И.Усмонов. - Душанбе: Шарқи озод, 1999. - 100 с.
14. Черепахов М.С. Проблемы теории публицистики / М.С. Черепахов. - М.: Мысль, 1973. - 272 с.
15. Шакурӣ, М. Мактаби одамият / М.Шакурӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. - 268 с.

ПАМФЛЕТ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ӮРУН КӮҲЗОД

Дар силсилаи жанрҳои публитсистика жанрҳое мавҷуданд, ки ҳадафи сиёсӣ ё ҳеҷ набошад, маънавиашон дар ҷойи аввал қарор мегирад ва мактуб, мақола ва памфлет аз ҷумлаи онҳо мебошанд ва шояд памфлет асоситарини онҳо бошад. Баромади памфлет аз калимаи юнонии “pamm flego” буда, маънои “ҳама чизро месӯзонам” дорад. Яъне, мақсадаш шармсор ва маҳкум кардани рақиб аст. Инчунин, дар памфлет зимни маҳкум кардан андешаҳои ҳикматомези худро гуфтан, ақида ва муносибати хешро дар

хусуси зуҳуроти номатлуб баён кардан ҳам мебошад. Памфлет аз жанрҳои қадимтарини публитсистикаи бадеӣ ба ҳисоб меравад. Нависандагони тоҷик аз қадимулайём дар жанри памфлет асарҳо эҷод намудаанд ва анъанаи классиконро нависандагони муосир низ идома дода истодаанд, ки Нависандаи халқии Тоҷикистон Ӯрун Кӯҳзод аз зумраи онҳост. Асарҳои ҳаҷвӣ - публитсистии адиб ба монанди: “Тоҷикони имрӯза” (2000), “Ҷамъи парешон” (2003), “Ахлоқи воло дафъи бало” (2000), “Гардани ғам бишканед” (2019) дар дигаргун сохтани ҳаёти иҷтимоии мардум саҳми босазое гузоштаанд. Дар памфлети нависанда - “Тахти равон ва тахтбардорон” хислатҳои худхоҳона, бадкирдорӣ, бадахлоқӣ ва амсоли ин амалҳои номатлуби ашхоси алоҳида тасвир ёфтааст. Истифодаи образу санъатҳои бадеӣ дар ин памфлет имкон додааст, ки асар боз ҳам ҷолибу нишонрастар баён гардад. Дар ин мақола муаллиф ба публитсистикаи ҳаҷвии Ӯрун Кӯҳзод такя намуда, мавқеи памфлетро дар публитсистикаи адиб муайян ва баррасӣ намудааст.

Калидвожаҳо: памфлет, публитсистикаи ҳаҷвӣ, ришханд, арзиши ғоявӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, зуҳуроти номатлуб, маҳкум намудан, усули рамзӣ, ашхоси алоҳида.

ПАМФЛЕТ В ПУБЛИЦИСТИКЕ УРУНА КУХЗОДА

Памфлет (англ. pamphlet) - публицистическое произведение, непосредственная цель и пафос которого - конкретное, гражданское, преимущественно социально-политическое обличение; обычно небольшое по объёму. Памфлетом называется литературное произведение, которое в острой, подчас сатирической форме критикует какие-либо политические порядки или институты, деятельность тех или иных лиц, играющих видную роль в жизни общества, а иногда и определенный общественный строй в целом. Это исторически древнейшая форма публицистики, которая была хорошо известна уже в античных обществах. В памфлете активно используются средства эмоционального воздействия на читателя. Желаемый эффект здесь обеспечивается прежде всего стилистическими особенностями произведений этого жанра. Памфлет обычно бывает насыщен образными характеристиками, яркими метафорами, его чеканные формулировки врезаются в память; в нем широко используются средства сатиры — ирония, сарказм, гипербола, гротеск. Памфлетность выступает характерной чертой тех остросатирических, разоблачительных художественных произведений, которые обнажают и выдвигают на первый план идейно-политические установки автора, непосредственно подчиняющие пародийно-обличительному заданию всю образную структуру произведения. Народный писатель Таджикистана Урун Кухзод является одним из лучших творцов памфлета. Его публицистическо-сатирические произведения «Таджики сегодня» (2000), «Хорошее поведение ради искоренения зла» (2000), «Сломайте шею беде» (2019) внесли большой вклад в социальную жизнь общества. Памфлет писателя «Тахти равон ва тахтабардорон» описывает отдельные качества в человеке, такие как тщеславие, плохое поведение. Автор использует образы и литературное искусство, которые позволили более четко адресовать послание. Данная статья выявляет и анализирует место памфлета в публицистике литератора на основе его сатирических произведений.

Ключевые слова: памфлет, публицистика сатиры, идеологическая ценность, социальная жизнь, плохие деяния, резонанс, символ, личность.

PAMPHLET IN URUN KUHZOD PUBLICISM

Pamphlet journalistic work, the immediate purpose and pathos of which is a concrete, civil, mainly socio-political denunciation; usually small in volume. A pamphlet is a literary work that in a sharp, sometimes satirical form criticizes any political order or institutions, the activities of certain persons who play a prominent role in the life of society , and sometimes a certain social system as a whole. This is historically the oldest form of journalism, which was already well known in ancient societies. The pamphlet actively uses means of emotional influence on the reader. The desired effect is provided primarily by the stylistic features of works of this genre. The pamphlet is usually full of imaginative characteristics, vivid metaphors, its chiseled wording is etched into the memory; it is widely used means of satire-irony, sarcasm, hyperbole, grotesque. Pamphletry is a characteristic feature of those acutely satirical, revealing works of art that expose and bring to the fore the author's ideological and political attitudes, which directly subordinate the entire figurative structure of the work to the parody-accusatory task. People's writer of Tajikistan Urun Kuhzod is one of the best creators of the pamphlet. His journalistic and satirical works "Tajiks today" (2000)," Good behavior for the eradication of evil "(2000)," Break the neck of trouble" (2019) made a great contribution to the social life of society. The pamphlet writer "Takhti ravon va takhtabardoron" describes the individual qualities in man, such as vanity, bad behavior. The author uses images and literary arts that allowed the message to be addressed more clearly. This article identifies and analyzes the place of the pamphlet in the writer's journalism on the basis of his satirical works.

Key words: pamphlet, satire journalism, ideological value, social life, bad deeds, resonance, symbol, personality.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Каримова Ҳилола* - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 906-55-56-63**

Сведения об авторе: ***Каримова Хилола*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры теории новейшей и персидско-таджикской литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 906-55-56-63**

Information about the author: ***Karimova Hilola*** - Tajik National University, doctorai Ph.D of department of the theory of the latest Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 906-55-56-63**

УДК: 891.550

ҶОЙГОҲИ ОСОРИ АДИБОНИ КЛАССИКИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР АНГЛИЯ

(дар мисоли осори Ҳаким Фирдавсӣ)

Шозиёева Г.П., Салохитдинова М.А.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Ба бузургии Ҳаким Фирдавсӣ ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёту фарҳанги форсизабонон муаллифони сарчашмаҳову муҳаққиқони Ғарб изҳори назар намудаанд. Ҳарчанд роҷеъ ба Ҳакими бузурги Шарқ дар тамоми манотиқи дунё ҳазорҳо китобу рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ таълиф шудаанд, вале то ҳол дурри маънии осори шоир ва рози ниҳони ӯ ба таври мушаххас кушода нашудааст.

Тавре ки маълум аст, Фирдавсии бузург пас аз Устод Рӯдакӣ ба забони сирф форсии тоҷикӣ шеър гуфта, дар рафти иншои асар аз калимаву вожаҳои бегона ҳазар намудааст.

Маҳз дар ҳамон замон Фирдавсии бузург пойдевори кохи бузурги адабиёт ва фарҳанги моро гузоштааст, ки то ҳол идома дорад.

Муҳаққиқони бузурги рус Носовский Г.Б. ва Фоменко А.Т. «Шоҳнома»-ро аз бузургтарин ва арзишмандтарин асари ҷаҳон шуморида, чунин қайд кардаанд: «Ба қатори чунин асарҳои ҷаҳонӣ «Махабхарата» ва «Рамаяна», «Илиада» ва «Одесея», «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте ва асарҳои трагедии Вилям Шекспир дохил мешаванд, «Шоҳнома» азимтарин асари ҷаҳонии Фирдавсии бузург ба ҳисоб меравад» [7, с.48].

Боиси қайд аст, ки муҳаққиқони рус бештари умри худро ба омӯхтани адабиёти ҷаҳон сарф намудаанд. «Шоҳнома» на танҳо азимтарин, балки арзишмандтарин асари дунё буда, дар радифи бузургтарин китобҳо чун «Махабхарата», «Рамаяна», «Илиада», «Одесея» ва ғайра шинохта шудааст. Нодир будани «Шоҳнома» аз шахсияти бузурги Фирдавсӣ дарак медиҳад.

Роҷеъ ба шахсияти ҳакими бузурги Шарқ Абулқосим Фирдавсӣ адабиётшиносон, мунаққидон ва муаррихони варзидаи ҷаҳон баҳои сазовор доданд. Яке аз чунин донишмандон Шокир Мухтор мебошад, ки мақоми Фирдавсӣ ва асари безаволашро чунин арзёбӣ намудааст: «Шоҳнома» барои суханварони Шарқу Ғарб манбаи омӯзишу илҳом, макони сухани шеъри воло, сарчашмаи нотакрори каломи бадеъ гашт ва созандааш сазовори садҳо васфномаҳои шуарои Ховару Бохтар шуд. Фирдавсӣ дар қатори нобиғони башари Ҳомеру Валмики, Дантею Шекспир, Волтеру Гӯте, Пушкину Балзаку Гюго ҷойгир бошад, ӯ ҳам мисли онон дар пешрафти адабиёти ҷаҳонӣ саҳми созандаю мақоми арҷманде дорад» [9, с.23].

Ҳаким Фирдавсӣ на танҳо шоири забардаст, балки файласуф, муаррих ва донишманди асил мебошад. Мероси пуарзиши он шоири бузург пурмаъно аст, ки олимон ба он таваҷҷуҳ ва ниёз доранд.

Муҳаққиқон ва ховаршиносони Ғарб Фирдавсии бузургро “шоири гуманисти ҷаҳонӣ” ном гузоштанд. Ҳатто дар минбарҳои баландтарини ҷаҳонӣ аз ҷониби донишмандон, олимон ва сиёсатмадорон роҷеъ ба бузургии нобиғаи Шарқ Фирдавсӣ баҳои арзишманд дода шудааст. Ҳангоми ҷашни 1000-солагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мудири кулли созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО Федерико Майор Зарагоза (Federico Mayor Zaragoza (1934 -)[2] дар Симпозиуми ҷаҳонӣ чунин гуфтааст: «Ҳазор сол қабл аз Ренессанси Ғарб, пеш аз асри XVIII давраи равшангарӣ, яъне пеш аз таваллуди Рене Декарт (René Descartes 1596-1650)[3], Волтер (1694-1778)[4] шоири Шарқ Фирдавсӣ андешаҳо роҷеъ ба хирад гуфтааст. Шоири бузурги Шарқ суханро чунон баён намудааст, ки хонандаро беихтиёр шефтаи хирад месозад. Ман аз он лаҳзае, ки «Шоҳнома»-ро хондам, эҳсос кардам, ки бо як асари комилан пур аз маънӣ, асрори ниҳон ва воқеӣ рӯ ба рӯ ҳастам» [8, с.2].

---

[2]Федерико Майор Зарагоза (Federico Mayor Zaragoza (1934 -)– олим, кимиёшинос, сиёсатшинос, шоир ва нависандаи машҳури испанӣ. Ҳаштумин мудири кулли созмони љањонии ЮНЕСКО (1987-1999)

[3]Рене Декарт (René Descartes 1596-1650) – файласуф, риёзидон ва физики фаронсавї

[4]Волтер (1694-1778) номи аслиаш Франсуа Марри Аруэ – файласуф, муаррих, шоир ва нависандаи бузурги фаронсавї

Федерико Майор Зарагоза суханҳои худашро бо байтҳои Ҳаким Фирдавсӣ ҷамъбаст намудааст:

Сухан чун баробар шавад бо хирад,
Равони сароянда ромиш барад [1, с.6].

Албатта, қобили зикр аст, ки Фирдавсӣ тавонист ба оламиён пас аз худ ҳамосаи бузургро ба ёдгор бимонад. Омӯзиши осори Фирдавсӣ дар Ғарб таърихи садсолаҳо дорад. Ба осори Фирдавсӣ донишмандон ва муҳаққиқони зиёди соҳаҳои гуногун рӯ овардаанд. Ҳаёт ва осори Ҳаким Фирдавсӣ на танҳо аз ҷониби шарқшиносон ва мутарҷимон таҳқиқ ва тарҷума шудааст, балки аз тарафи забоншиносон, таърихнигорон ва ҳатто ҳукуматдорони Ғарб мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Барои дақиқ ва амиқ таҳлил намудани мақом ва мартабаи Ҳаким Фирдавсӣ дар Ғарб, бавижа дар Англия мо масъалаҳои зеринро аз назар мегузаронем:

- таҳқиқи ҳаёти Ҳаким Фирдавсӣ дар Англия;
- тарҷума ва таҳқиқи осори Ҳаким Фирдавсӣ дар Англия.

А. Таҳқиқи ҳаёти Фирдавсӣ дар Англия

Пеш аз ҳама муҳаққиқони Ғарб, ба хусус муҳаққиқони англис ба номи аслӣ, ҳаёт ва фаъолияти Ҳаким Фирдавсӣ тавоҷуҳ намуданд. Номи Ҳаким Фирдавсӣ дар Англия, дар маҷмӯъ дар Аврупо аз лиҳози талаффуз ба чанд навъ навишта мешавад. Махсусан, Firdawsi, Firdusi, Firdousi, Firdowsi ва Firdausi (маъноияш шахси биҳиштӣ) мебошад. Нахустин бор «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар Англия ба воситаи сайёҳон ва баъдтар аз ҷониби муҳаққиқ ва шарқшиноси англис Вилям Ҷонс солҳои 1788 тарҷума ва нашр гардид. Гуфтан лозим аст, ки ӯ 17 соли умри хешро ба тарҷумаи шоҳасари Шарқ «Шоҳнома» бахшидааст. Пас аз ба итмом расонидани тарҷумаи достонҳо аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Вилям Ҷонс «Шоҳнома”-и безаволро бо асари пурмуҳтавои дигари ҷаҳонӣ «Ҳомер» муқоиса намудааст.

Муаррих, мутарҷим, ховаршинос ва шоири эронӣ Саид Нафисӣ (1896-1966), ки Ҳаким Фирдавсиро нобиғаи Шарқ номида, аз ӯ таъсироти зиёд низ бардоштааст, мақоми Фирдавсиро ба Ҳомер, Вергилий, Шекспир, Данте, Сервантес, Шиллер, Пушкин, Лермонтов ва дигарон баробар донистааст. Саид Нафисӣ соли 1934 вақте ки Иттифоқи Шӯравӣ ҳазораи Абулқосим Фирдавсиро, маҳз бо супориши И.О. Сталин ҷашн мегирифт, рочеъ ба нобиғаи Шарқ гуфтааст: «Абулқосим Фирдавсӣ бо ашъори пурмазмуни худ ба адабиёти ҷаҳон таъсири беандоза калонро расонд» [10, с.105].

Муҳаққиқи сербӣ Лҷилҷана Седлар (Ljiljana Sedlar), ки бештар ба таҳқиқи Вилям Шекспир машғул аст, корҳои зиёдро анҷом дода, дар баробари ин, таъсири адабиёти хориҷӣ, бавижа адабиёти форсу тоҷикро ба осори Вилям Шекспир дақиқ ва амиқ нишон додааст. Ӯ ҳамосаи Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро, ки таърихи бонуфузи Эронро то асри XI дар бар мегирад, таҳлил намудааст. Чи тавре ки медонем, ин таърих аз оғози пайдоиши худ зиддиятҳои зиёдро аз сар гузаронидааст. Фирдавсӣ низ тавонист тавассути асари баландмазмуни худ мақоми ҷаҳониро гирад. Ҳаким Фирдавсӣ пешдодиёни худро аз зардуштиён сар карда, то давраи худ ба риштаи назм даровардааст. Аммо ин ҷанбаи ҳамосӣ то ҳол пурра таҳқиқ нашудааст, зеро он мавҷудияти амалияҳои иҷтимоиро, ки аксар вақт бо зардуштия робита ва ҳамбастагӣ доранд, бо адолат ва ҳақиқат асос ёфтаанд ва аз қадимулайём ҷомеаи инсонӣ ва таърихи инсониятро ба самти мавҷудияти инсондӯстона талқин месозад.

Ӯ дар яке аз асарҳояш чунин андешаронӣ намудааст: «Достони Фирдавсӣ рочеъ ба Кова, ки оҳангари хушсалиқа ва қаҳрамони мусбати «Шоҳнома» мебошад, давраи асотирии Форсро инъикос менамояд, хеле пеш аз Мартин Лютер Кинг (Martin Luther King (1929-1968) иншо шудааст” [12, с.34].

Бояд тазаккур дод, ки осори гаронарзиши Абулқосим Фирдавсӣ на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб шуҳрати зиёд дорад. Файласуф, риёзидон ва олими маъруфи англис Бертран Рассел дар асари худ зери унвони «Таърихи фалсафаи Ғарб» ба мақоми баланди Абулқосим Фирдавсӣ ишора намудааст: «Мақому мартабаи ин шоири бузургро дар баробари нобиғагони бузурги ҷаҳонии асримиёнагӣ бояд донист. Аз ҷумла, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар қатори асарҳои маъруфи ҷаҳонӣ чун «Илиада» ва «Одиссей»-и Гомер меистад» [11, с.229].

Масъалаҳои ҳақиқӣ ва воқеъбинонаи Шекспир дар «*таърихнигории хурд*» («*даврабандии хурд*»), ки «*microhistory*» ё «*microperiod*» унвон дорад, аз ҷониби Ҷ. Шапиро (James S. Shapiro)

таҳлил шудааст. Зимни омӯхтани чунин нуктаҳои амиқ ва дақиқ ҳам соли таваллуд, фаъолият ва вафоти мушаххаси Вилям Шекспир ва ҳам қаҳрамонҳои эҷоднамудаи ӯ, ки самтҳои таърихиро нишон медиҳанд, таҳқиқ шудааст [15, с.464].

Дарвоқеъ, Абулқосим Фирдавсӣ низ чун Вилям Шекспир дар натиҷаи ҳаводиси гуногуни таърихӣ аз байн нарафта, дар самтҳои мухталифи гуманитарӣ мавриди баҳси мунаққидон, муҳаққиқон ва донишмандон қарор дода шудааст.

Б. Тарҷума ва таҳқиқи «Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар Англия

Дар айни замон на танҳо форсизабонон ва форстаборон, бавижа тоҷикон, ки меросдори воқеии фарҳанг, маданият ва ашъори ниёгони худ чун осори Ҳаким Фирдавсӣ ҳастанд, балки тамоми мардуми ҷаҳон ба суханони ҳакимонаи Фирдавсии бузург ниёз доранд. Бо тақозои замон халқи тоҷик бо осори тамаддунофари Фирдавсӣ ифтихор мекунад. Огоҳӣ пайдо намудани афроди хориҷӣ аз осори гаронбаҳои Ҳаким Фирдавсӣ маҳз тавассути омӯхтани забонҳои мухталиф муяссар мегардад, ки ин робитаи бузурги адабӣ-фарҳангиро ба бор меоварад.

Лозим ба ёдоварист, ки осори ниёгони мо замоне ба вуҷуд омад, ки ҳатто бештари халқиятҳо арзи ҳастӣ надоштанд. Дар ин радиф муҳаққиқи рус Генадий Доронин дар мақолаи худ таҳти унвони «Умри парасту кӯтоҳ аст», ки бештар ба ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ бахшидааст, чунин иброз намудааст: «Замоне, ки Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва дигарон шеър меофариданд, ҳоло Москва бунёд нагардида буд, то арзи вуҷуд кардани Берлин боз як садсолаи дигар зарур буд ва дар Лондон ҳоло ягон пули сангӣ бунёд нашуда буд, Рим даврони начандон хуберо аз сар мегузаронд ва Аврупо ҳоло ба назм коре ҳам надошт» [5, с.125-129].

Вобаста ба суханони дар боло зикршуда бояд ёдовар шавем, ки «замони зиндагии бузургони классикии Шарқ, бахусус Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ба давраи гул-гулшукуфоии таърихи тамаддуни халқи тоҷик рост меояд, ки ин замонро замони Эҳё низ меноманд» - дар ҷойи дигар зикр мекунад муҳаққиқ Г. Доронин.

Дар ин радиф муҳаққиқ ва адабиётшиноси тоҷик Шокир Мухтор чунин ибрози андеша намудааст: «Қисматҳои ҷудогонаи ашъори ниёгонамон ба забонҳои гуногун тарҷума ва нашр шуда, дастраси доираи васеи хонандагон гардидааст. Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» дар ҳама гӯшаву канори олам ватан, хешу пайвандон, ошноён ва ҳаводорони зиёде дорад, ки миёни онҳо ниҳоят азиз ва муҳтарам мебошанд» [3, с.6].

Чи тавре ки гуфтем, таваҷҷуҳи ҷомеа дар ҳар давру замон ба омӯзиши ниёгон, бахусус ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хеле зиёд аст. Соли 1993 дар саҳифаи рӯзномаи «Сомон» маълумот зери унвони «Қадимтарин нусхаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чоп шудааст. Дар он оид ба нусхаи қадимтарини ин асари оламшумул маълумот оварда шудааст. Дар баробари дар сарзамини Шарқ маҳфуз доштани «Шоҳнома» дар Ғарб низ қадимтарин нусхаи ин асар маҳфуз аст ва он ба асри XV тааллуқ дорад. Ин асари нотакрори Шарқ то ҳол дар осорхонаи Флоренсияи Италия нигоҳ дошта шуда, «он нусха аз ҷилди аввали «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дорои 22000 байт иборат мебошад [6, с.5].

Дар ин бора муҳаққиқи тоҷик П. Гулмуродзода менависад: «Шоҳнома» аввал тавассути забони лотинӣ ва баъдтар ба забони англисӣ пешкаши хонандагони Ғарб гардидааст» [4, с.98].

Адабиётшиноси тоҷик Амонова Ш.Ш. дар рисолаи илмиаш бештар ба таҳқиқотҳои илмии олимон ва ховаршиносони асри XVIII, бавижа В. Ҷонс, Б. Д'Эрбело, А. Аткинсон, Э. Браун ва дигарон такя намудааст. Ҳарчанд роҷеъ ба омӯзиши «Шоҳнома» дар Аврупо, бавижа Англия маълумоти зиёд вуҷуд дорад, бо надоштани сарчашмаҳо ва маълумотҳои пурра муҳаққиқи мазкур фикрҳои ошкор баён намудааст: «То асри XVIII дар адабиёти илмиву адабии мамолики Аврупо, бахусус адабиёти англисзабонон, мо оид ба тарҷумаи асари Фирдавсӣ маълумоти аниқ ва мушаххасе дар даст надорем» [2, с.11].

Аз ин рӯ, ки таҳқиқоти мо ба оғози шинохт ва омӯзиши давраи ҳаёт ва фаъолияти Вилям Шекспир «Шоҳнома» дар Англия аст, мо бештар ба сарчашмаҳо ва маълумотҳои нахустин (асри XVI) такя намудем.

Дар ҳақиқат, «Шоҳнома» нахустин бор ба хонандаи англисзабон бо тарҷума ва таҳқиқоти Вилям Ҷонс, ки адабиёти Шаркро дар баробари қадимтарин сарчашмаи таърихии Мисру Юнон донистааст, дастрас шудааст. Ба фикру андешаҳои ӯ «Шоҳнома» нахустин асари ҳамосии ҷаҳон мебошад. Новобаста аз баъзе маълумотҳо, ин асари

оламшумули Шарқ ба забони лотинӣ, баъдтар ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ ва ғ., тарҷума ва нашр шудааст.

Асари мазкур дар шакли кӯтоҳ бори аввал соли 1804 дар маълумотҳои шахсӣ, навиштаҳо ва мукотибаҳои Сэр Вилям Ҷонс нашр шуда буд. Нусхаҳои гуногуни Вилям Ҷонс аз тарҷумаҳои азими осори Фирдавсӣ ба қалами Ҷозеф Чемпион (Joseph Champion) омода шудааст. Баъдтар миқдори хеле гаронтарини тарҷумаи пурраи «Шоҳнома» дар Калкутта соли 1785 ба назар мерасад.

Тарҷумаи Ҷозеф Чемпион дар Аврупо маъруфияти хосса пайдо намуд. Ӯ зимни даст задан ба «Шоҳнома»-и безавол аз достони шоҳи аввалини афсонавии эронӣ Каюмарс оғоз карда то охири асар тарҷума намудааст, ки он фаҳмиши амиқи адабии форсӣ ва зиндагии қадимаи форситаборонро ба оламиён нишон додааст. Баъдтар тарҷумаи манзуми ин шоҳасари Шарқ аз ҷониби Ҷеймс Аткинсон (1780-1852) ба даст расидааст.

Масъалаҳои ҳақиқӣ ва воқеъбинонаи Шекспир дар «*таърихнигории хурд*» («*даврабандии хурд*»), ки «*microhistory*» ё «*microperiod*» унвон дорад, аз ҷониби Ҷ. Шапиро (James S. Shapiro) таҳлил шудааст. Зимни омӯхтани чунин нуктаҳои амиқ ва дақиқ ҳам соли таваллуд, фаъолият ва вафоти мушаххаси Вилям Шекспир ва ҳам қаҳрамонҳои эҷоднамудаи ӯ, ки самтҳои таърихиро нишон медиҳанд, таҳқиқ шудааст.

Дарвоқеъ, Абулқосим Фирдавсӣ низ чун Вилям Шекспир дар натиҷаи ҳаводиси гуногуни таърихӣ аз байн нарафта, дар самтҳои мухталифи гуманитарӣ мавриди баҳси мунаққидон, муҳаққиқон ва донишмандон қарор гирифтааст.

Муқарриз: ***М.Муллоаҳмад*** - доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди III. - Москва, 1965. - 259 с.
2. Амонова Ш.Ш. Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» дар Англия ва Амрико: диссертатсия барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ / Ш.Ш. Амонова. - Душанбе, 2004. - 140 с.
3. Андарзномаи Фирдавсӣ // Таҳия ва тадвин аз Зоҳир Аҳрорӣ ва Камол Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1992. - 272 с.
4. Гулмуродзода П. Знакомсво с Востоком / П. Гулмуродзода // Тезисы докладов и сообщений. - Душанбе, 1994. - 224 с.
5. Доронин Г. Жизнь ласточки коротка. Сборник статей конференции / Г.Доронин. - Москва, 1998. - С.125-129.
6. Қадимтарин нусхаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (дар шаҳри Флоренсияи Италия маҳфуз аст // Сомон. 1993, 6 ноябр. - С.5.
7. Носовский Г.Б., Фоменко А.Т., Шахнаме: иранская летопись Великой Империи XII-XVII вв. / Г.Б.Носовский, А.Т. Фоменко. - М., 1954. - 111 с.
8. Салмон Албудур. Ҷанбаҳое аз ҳикмату фалсафа дар «Шоҳнома»и Фирдавсӣ // Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Теҳрон. – 1371. - №2.
9. Фирдавсӣ дар шеъри дунё (таҳияи Шокир Мухтор). - Душанбе: Адиб, 1991. - С.128.
10. Шозиёева Г.П. Становление фирдоусиведения в Таджикистане (30-40 гг. XX века: диссертация на соис. уч степ.канд. филологических наук, Институт языка и литературы им. Рудаки АН РТ / Г.П. Шозиёева. - Душанбе, 2017. - 168 с.
11. Russel B. Wisdom of the West / B. Russel; edited by P. Foulkes. – 1959. - 341 p.
12. Ljiljana Sedlar. On the book of kings: Firdowsi, Voltaire, Peter Brook, Serbian Scientific Journal. –2017. - № 63. - 34 p.
13. Romantic Orientalism: Overview". The Norton Anthology of English Literature. Retrieved 3. – May, 2015.
14. Roger B. The religious of the Mithras Cedt in the Roman Empire: Mysteries of the unconquered Sun. - London: Oxford University Press, 2006. - 243 p.
15. Shapiro J. A year in the Life of William Shakespeare, 1st edn. - London: Faber@Faber, 2015. - 464 p.
16. Zachary Lockman. *Contending Visions of the Middle East*. - Cambridge: Cambridge University Press, 2004. -44 p.

ҶОЙГОҲИ ОСОРИ АДИБОНИ КЛАССИКИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР АНГЛИЯ

(дар мисоли осори Абулқосим Фирдавсӣ)

Дар мақолаи мазкур муаллифон нуфузи осори классикони форсии тоҷикиро дар Англия таҳлил кардаанд, ки ин самараи равобити адаб маҳсуб меёбад. Дар раванди рушди ҳамкориҳои гуногунҷабҳа забон ва адабиёти форсӣ на танҳо ба наслҳои оянда мероси калон гузошта, балки дар рушди илм ва фарҳанги халқҳои тамоми ҷаҳон нақши муҳим бозид. Метавон гуфт, ки маҳз ба шарофати ғояҳои гуногун, бавижа гуманистӣ дар асарҳои санъати классикони мо аз замонҳои қадим дар кишварҳои Аврупо бодиққат омӯхта шуда буданд. Ғояҳои шарқиёна, ҷаҳони рангини адабиёти тоҷику форс ба ғояи нависандагон ва шоирони англис таъсире нарасонид. Бо мурури замон, ин падида байни шоирону нависандагони миллатҳои гуногун вусъат пайдо намуда, ба ҳамин васила ба ҳамкориву наздикшавии фарҳанг ва тамаддуни миллатҳо мусоидат намуд. Дар қатори дигар бузургони мо ба осори Ҳаким Фирдавсӣ ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёту

фарҳанги форсизабонон муаллифони сарчашмаҳову муҳаққиқони Ғарб изҳори назар намудаанд. Ҳарчанд роҷеъ ба Ҳакими бузурги Шарқ дар тамоми манотиқи дунё ҳазорҳо китобу рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ таълиф шудаанд, вале то ҳол дурри маънии осори шоир ва рози ниҳони ӯ ба таври мушаххас кушода нашудааст. Ҳамин тавр боиси қайд аст, ки Абулқосим Фирдавсӣ низ чун Вилям Шекспир дар натиҷаи ҳаводиси гуногуни таърихӣ на дар сарзамини Шарқ ва на Ғарб аз байн нарафта, дар таҳқиқоти илмӣ мавриди баҳси мунаққидон, муҳаққиқон ва донишмандон қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: равобити адабӣ, шарқшиносӣ, англисӣ, Форс, муҳаққиқ, сарчашмаҳои таърихӣ, мухаққиқ, илмӣ, сайёҳони англис.

МЕСТО ПРОИЗВЕДЕНИЙ КЛАССИКОВ ТАДЖИКСКИХ ПЕРСИДСКИХ ПИСАТЕЛЕЙ В АНГЛИИ

(на примере произведений Абулькасима Фирдоуси)

В данной статье авторы анализируют влияние таджикских персидских классиков в Англии, которое является результатом литературных отношений. В процессе развития многопланового сотрудничества персидский язык и литература не только оставили великое наследие для будущих поколений, но и сыграли важную роль в развитии науки и культуры народов всего мира. Можно сказать, что именно благодаря различным идеям, особенно гуманизму, произведения искусства наших классиков с древних времен тщательно изучались в европейских странах. Восточные идеи, колоритный мир таджикской и персидской литературы не повлияли на идеи английских писателей и поэтов, это невозможно. Со временем это явление можно наблюдать у поэтов и писателей разных национальностей, что способствует сотрудничеству и сближению культур и цивилизаций наций. Наряду с другими великими людьми, работы Хакима Фирдоуси и его место в истории персидской литературы и культуры комментировались западными источниками и исследователями. Хотя о великом мудреце Востока во всех частях света написаны тысячи книг, брошюр и научных статей, значение произведений поэта и его секреты до сих пор не раскрыты. Таким образом, следует отметить, что Абулькасим Фирдоуси, как и Уильям Шекспир, вечно остался в результате различных исторических событий ни в стране Востока, ни на Западе, и был предметом споров среди критиков, исследователей и исследователей. ученые.

Ключевые слова: литературные отношения, востоковедение, английский язык, персидский язык, исследователь, исторические источники, исследователь, ученый, английский путешественник.

THE PLACE OF PERSIAN AND TAJIK LITERARY IN ENGLAND

(bases on Firdousi's legacy)

In this article, the authors analyze the influence of the Tajik Persian classics on England, which is the result of literary relations. In the process of developing multifaceted cooperation, the Persian language and literature not only left a great heritage for future generations, but also played an important role in the development of science and culture of the peoples of the whole world. We can say that it is thanks to various ideas, especially humanism, that the works of art of our classics have been carefully studied in European countries since ancient times. Eastern ideas, the colorful world of Tajik and Persian literature did not influence the ideas of English writers and poets, this is impossible. Over time, this phenomenon can be observed in poets and writers of different nationalities, which contributes to cooperation and rapprochement of cultures and civilizations of nations. Along with other great people, the works of Hakim Ferdowsi and his place in the history of Persian literature and culture have been commented on by Western sources and researchers. Although thousands of books, brochures and scientific articles have been written about the great sage of the East in all parts of the world, the meaning of the poet's works and his secrets have not yet been revealed. Thus, it should be noted that Abulqasim Ferdowsi, like William Shakespeare, eternally remained as a result of various historical events either in the country of the East or in the West, and was the subject of controversy among critics, researchers and scientists.

Key words: literary relations, oriental studies, English, Persian, researcher, historical sources, researcher, scientist, English traveler.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шозиёева Гулмо Парвонашоевна*** – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 33. E-mail: **dr.shoziyoevag@gmail.com.** Тел.: **(+992) 93-547-78-93**

Салохитдинова Моҳира Амриддиновна – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, докторант Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 33

Сведения об авторах: ***Шозиёева Гулмо Парвонашоевна*** – Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, кандидат филологических наук, ведуший научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33. E-mail: **dr.shoziyoevag@gmail.com.** Тел.: **(+992) 93-547-78-93**

Салохитдинова Мохира Амриддиновна – Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33

Information about the authors: ***Shoziyoeva Gulmo Parvonashoevna*** – Institute of studying of the issues of the Asian and European countries, Candidate of Philology Sciences, Leading Specialist. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. E-mail: **dr.shoziyoevag@gmail.com.** Тел.: **(+992) 93-547-78-93**

Salokhitdinova Mohira Amriddinovna – Institute of studying of the issues of the Asian and European countries.Doctoral Degree Ph.D Student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 33

УДК: 891.550

ВЛИЯНИЕ ТВОРЧЕСТВА МАНУЧЕХРА ДАМГОНИ НА СТРУКТУРУ И ТЕМАТИКУ КАСЫД МАС'УДА СА'ДА

Сайдализода Шодмон Абдувохид
Таджикский национальный университет

В эпоху жизни и творчества Мас'уда Са'да Салмана касыда как форма арабской и персидской поэзии преодолела все периоды своего формирования и развития и по композиции, содержанию и системе художественных образов достигла своего совершенства. В касыдах Мас'уда Са'да видим, что им соблюдены все традиции создания касыд прошлого, в частности поэтов Аравии и Персии и он предстает как маститый поэт в жанре касыды.

В диване Мас'уда Са'да можно найти касыды, по структуре и стилю изложения напоминающие арабские касыды. В них изображаются кони, верблюды и степь, излагается путешествие поэта по страшной степи верхом на лошаде, восхваляются кони, подвиги самого поэта и другие темы, широко известные в касыдах Имрулькайса, А'шо, Абушимса, Джарира, Фараздака, Мутанабби, Абунуваса и других арабских поэтов. В частности, в таких касыдах, как «В восхваление Султана Махмуда», «Восхваление Абунасра Парси», «Восхваление Имодаддавлы Рашида Хоса» мы наблюдаем композицию и стиль изложения арабской касыды. С целью доказательства приводим сравнительный анализ касыды « Восхваление Имададдавлы Рашида Хоса» с касыдой «В восхваление Султана Мас'уда Газневи» Манучехри, сочинённой в подражании к А'шо ибн Кайсу.

Касыда Мас'уда Са'да начинается бейтами, в которых поэт рассказывает о своём путешествии в Газну на встречу со своим восхваляемым, об опасностей пути, восхвалении своего коня и т. п.:

چو کردم از هند آهنگ خزرت غزنین،
بر آن مهچل تازی نهاد بستم زین.
شبی شده به من آبستن و من اندر وی،
ز صعف سمع و بصر سست مانده خمچ و چنین.
هوا سیاهتر از موی زنگیان و شخاب،
چو باد یافته از دست دیلمان زوبین.
چنین رخی و چپ و راستش قزا و کدر،
چو ببر داده نخیز و چو شیر کرده کمین... [4, с.342]

Покинул Индию, в Газну отправился я,
Оседлав быстроногого арабского коня.
Погрузился я будто в ночь и стало внутри темно,
От слабости слуха и зрения ослабло нутро.
Темнее стало небо волос негров и метеор,
Как ветреный дротик, скользнувший из рук рабов.
С левой и с правой стороны его пупон-судьба,
В засаде таится как лев, в движении-леопард.

После этого вступления Мас'уд Са'д упоминает о своей встрече с восхваляемым и завершает касыду его прославлением.

Такой способ начала касыды мы наблюдаем в следующих бейтах Манучехри, где поэт рассказывает о своём путешествии верхом на породистом коне, о трудностях в пути и т. д.:

نجیب خویش را دیدم به یک سو،
چو دیوی دست و پا اندر سلاسیل.
گشادم هر دو زانوبندش از دست،
چو مرغی، ک-اش گشایند از حبائل.
برآوردم زمامش تا بناگوش،
فرو هیشتم هویدش تا به کاهل.
نشستم از برش چون عرش بلقیس،

بجست او چون یکی عفریت حایل.
همی‌راندم نجیب خویش چون باد،
همی‌گفتم، که «آللهومّه سهیل»....[3, c.55-56]

Коня своего в стороне я увидел,
Как див взбешенный, его руки и ноги в цепи.
От наколенников я цепи сорвал,
Как будто птицу из клетки освобождал.
Вынул узду из мочки ушей,
Опустил до мякины ушей.
Сел на него, как на Билкиса трон,
Вскочил он как демон, ужасный и злой.
Гнал я коня и он как ветер летел,
И сказал «Аллоњумма сањњил» (О боже, облегчи мою дорогу)

Известно, что Манучехри в своей касыде упоминает арабских поэтов А'шо ибн Кайса и Ди'била аль-Хузаи, которым он подражал. В касыде Мас'уда Са'да нет указания на факт его подражания определённому арабскому поэту, но по структуре и стилю изложения можно догадаться, что в ней существует схожесть с арабскими касыдами в структуре и композиции.

В арабских касыдах также встречается изображения птиц и диких зверей во введении, обращение к ним, выражение своего состояния и т. д. В арабских касыдах часто встречается образ чёрной вороны, который считается символом горя и печали, злого рока и несчастья. В качестве примера приводим касыду Манучехри, начинающуюся с изображением чёрной вороны:


Дар нимсолаи дуюми соли 2020 маълум гардид, ки фаъолияти самараноки USAGM ва кормандонаш зери хатар буда, он ба амнияти миллии ИМА хатар эҷод мекунад. Ин нуктаро ба назар гирифта, 23 июли соли 2020 директори генералии Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) Майкл Пэк изҳор кард, ки «Мақомоти дигари федералии ИМА якчанд арзёбии амиқи оҷонсиро анҷом доданд. Ин арзёбиҳо нокомиҳои системавӣ ва бунёдии ҷиддии амнияти фаъолиятро ошкор карданд, ки аксари онҳо солҳо боз боқӣ мондаанд. Мо бо шарикони федералии худ ҳамкории зич дорем, то ин проблемаҳо ба зудӣ ҳалли худро ёбанд», - гуфт М. Пэк [16].

OTF тавассути Фонди озодии Интернет мекӯшад, қобилияти шахсони алоҳида, ташкилотҳо ва ширкатҳоеро дастгирӣ кунад ва афзоиш диҳад, ки талошҳои марказонидашудаи технологиро дастгирӣ мекунанд ва ҳадафи онҳо мустаҳкам намудани озодии Интернет, пешбурди ҳуқуқи инсон бо роҳи канорагирӣ аз сонсур ва назорати репрессивӣ, беҳтар намудани имкониятҳои амнияти рақамӣ ва мусоидат ба солимии умумии Интернет мебошад [7].

Барои ноил шудан ба озодии Интернет Бунёди фановариҳои кушода ҳамасола барои ширкатҳо ва шахсони алоҳида бурсияҳо ҷудо мекунад. Ҳаҷми маблағҳои мазкур аз 10 ҳазор то 900 ҳазор доллари ИМА муайян шудааст. Вале аслан маблағҳои ҷудошуда ба ҳисоби миёна аз 50 ҳазор то 200 ҳазор долларро ташкил медиҳанд. Масалан, аз соли 2012 то соли 2016 тавассути Фондии озодии Интернет ба маблағи умумии 1 миллиону 286 ҳазору 70 доллар бурсия ҷудо шудааст [8].

Дар тӯли даҳ соли охир бошад, лоиҳаи дигари Бунёди фановариҳои кушода - «Tor» дар ҷаҳон технология ва таҳқиқоти муҳимро барои ҳифзи дахолатнопазирӣ ва озодии сухан дар Интернет таъмин менамояд. Аз соли 2012 то соли 2017 ба ин мақсад 3 миллиону 107 ҳазору 300 доллар ҷудо шудааст [14].

А Д А Б И Ё Т

1. Муқим, Ҷовид. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. Монография / Ҷовид Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2006. - 71 с.
2. Муқимов М.А. Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ /М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020. - №5. - С. 315-320.
3. Муқимов М.А. Радиои «Осиёи озод» дастгоҳи тарғиботии ИМА / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2019. -№2. - С. 320 – 325.
4. Муқимов М.А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. - №4/2. - С. 266.-271.
5. About/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.opentech.fund/about/ (Санаи истифодабарӣ: 18.12.2020).
6. Bay Fang named Radio Free Asia's new president/ rfa.org. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.rfa.org/about/releases/bayfang_president-11202019123259.html (Санаи истифодабарӣ: 20.12.2020).
7. Internet Freedom Fund// usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.opentech.fund/funds/internet-freedom-fund/ (Санаи истифодабарӣ: 22.12.2020).
8. ONI open observatory of network interference/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.opentech.fund/results/supported-projects/ooni-open-observatory-of-network-interference/ (Санаи истифодабарӣ: 22.12.2020).
9. Open_Technology_Fund/ wikipedia. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Open_Technology_Fund (Санаи истифодабарӣ: 20.12.2020).
10. OTF/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/networks/otf/ (Санаи истифодабарӣ: 21.12.2020).
11. Our history/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.opentech.fund/about/our-history/ (Санаи истифодабарӣ: 21.12.2020).
12. People behind OTF/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] https://www.opentech.fund/about/people/?page=4 (Санаи истифодабарӣ: 22.12.2020).
13. Structure/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/who-we-are/organizational-chart/ (Санаи истифодабарӣ: 21.12.2020).
14. Tor Project/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.opentech.fund/results/supported-projects/tor-project/(Санаи истифодабарӣ: 20.12.2020).
15. USAGM CEO Michael Pack names James M. Miles, former SC Secretary of State, Acting CEO of Open Technology Fund/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/2020/07/07/usagm-ceo-michael-pack-names-james-m-miles-former-sc-secretary-of-state-acting-ceo-of-open-technology-fund/ (Санаи истифодабарӣ: 15.12.2020).
16. USAGM CEO Pack announces investigation into long-term security failures/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/2020/07/23/usagm-ceo-pack-announces-investigation-into-long-term-security-failure/(Санаи истифодабарӣ: 16.12.2020).

БУНЁДИ ФАНОВАРИҲОИ КУШОДА

Дар мақолаи мазкур таърихи ташаккули Бунёди фановариҳои кушода ва фаъолияти он мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Бунёди фановариҳои кушода (OTF) соли 2012 бо мақсади ҳалли мушкилоте, ки дар натиҷаи баланд бардоштани сатҳи сонсури онлайн ва назорат дар саросари ҷаҳон ба вуҷуд омадаанд, таъсис дода шудааст. Аз он вақт инҷониб, OTF афзоиши ҷомеаи озодии Интернетро ба як шабакаи гуногун ва устувор табдил дода, технологияҳоеро эҷод мекунанд, ки ба миллиардҳо корбарон дар саросари ҷаҳон хизмат мерасонанд. Бунёди фановариҳои кушода як ташкилоти ғайритиҷоратии амрикоӣ буда, бо мақсади дастгирии технологияҳои ҷаҳонии озодии Интернет таъсис ёфтааст. Ҳадафи он дастгирии технологияҳо ва ҷамоаҳои кушода, ҳамчун усули пешбурди ҳуқуқи инсон ва ҷомеаҳои кушод мебошад, ки изҳори озодиро доранд, сензураро канор мегузоранд ва ба назорати репрессивӣ монеа эҷод мекунанд. Бунёди фановариҳои кушода соли 2012 ҳамчун як барномаи озмоишӣ дар доираи Радиои "Осиёи озод" таъсис дода шудааст. Аз моҳи ноябри соли 2019 Бунёди фановариҳои кушода ба як корпоратсияи мустақили ғайритиҷоратӣ ва грантии Оҷонсии ИМА оид ба васоити ахбори оммаи глобалӣ табдил ёфт. Фонди озодии Интернет роҳи асосии дастгирии лоиҳаҳо ва одамоне мебошад, ки дар лоиҳаҳои марказонидашудаи дастрас ва технология кор мекунанд, ҳуқуқҳои инсон, озодии Интернет, ҷомеаҳои кушодро тарғиб менамоянд ва барои пешрафти

фарогир ва бехатар ба шабакаҳои коммуникатсионии ҷаҳонӣ барои корбарони зери хатар аз ҷумла, рӯзноманигорон, муҳофизони ҳуқуқи инсон, фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва одамоне, ки дар муҳити репрессивӣ зиндагӣ мекунанд ва мехоҳанд дар интернет озодона ҳарф зананд, мусоидат менамояд.

Калимаҳои калидӣ: Бунёди фановариҳои кушода, ВАО, Вашингтон, Интернет, Радиои “Осёи озод,” США, тарғибот, сонсур, USAGM.

ФОНД ОТКРЫТЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

В данной статье анализируется история и развитие Фонда открытых технологий. Фонд открытых технологий (OTF) был создан в 2012 году для решения проблем, вызванных повышением уровня онлайн-цензуры и наблюдения в Интернете во всем мире. С тех пор OTF поддерживает рост сообщества свободы Интернета, чтобы стать разнообразной и надежной сетью, создающей технологии, которые обслуживают миллиарды пользователей по всему миру. Фонд открытых технологий - американская некоммерческая корпорация, цель которой - поддерживать глобальные технологии свободы Интернета. Его миссия состоит в том, чтобы «поддерживать открытые технологии и сообщества, которые расширяют свободу выражения, обходят цензуру и препятствуют репрессивному надзору как способу продвижения прав человека и открытого общества. С ноября 2019 года Фонд открытых технологий стал независимой некоммерческой корпорацией и получателем гранта Агентства США по глобальным СМИ. Фонд открытых технологий был создан в 2012 году в качестве пилотной программы в рамках Радио «Свободная Азия». Фонд свободы Интернета - это основной способ OTF поддерживать проекты и людей, работающих над открытыми и доступными технологическими проектами, которые продвигают права человека, свободу Интернета, открытое общество и помогают продвигать инклюзивный и безопасный доступ к глобальным коммуникационным сетям для пользователей из групп риска, в том числе журналистов, правозащитников, активистов гражданского общества и обычных людей, живущих в репрессивной среде, которые хотят свободно общаться в Интернете.

Ключевые слова: Интернет, пропаганда, СМИ, цензура, Фонд открытых технологий, Радио «Свободная Азия», Вашингтон, USAGM, США.

OPEN TECHNOLOGY FUND

This article analyzes the history and development of the Open Technology Fund. The Open Technology Fund (OTF) was created in 2012 to address the problems created by increasing levels of online Internet censorship and surveillance globally. Since then, OTF has supported the growth of the Internet freedom community to become a diverse, robust network creating technologies that serve billions of users worldwide. The Open Technology Fund is an American non-profit corporation with the aim to support global Internet freedom technologies. Its mission is to "support open technologies and communities that increase free expression, circumvent censorship, and obstruct repressive surveillance as a way to promote human rights and open societies. As of November 2019, the Open Technology Fund became an independent nonprofit corporation and a grantee of the U.S. Agency for Global Media. Until its formation as an independent entity, it had operated as a program of Radio Free Asia. The Open Technology Fund was created in 2012 as a pilot program within Radio Free Asia. The Internet Freedom Fund is OTF's primary way to support projects and people working on open and accessible technology-centric projects that promote human rights, Internet freedom, open societies, and help advance inclusive and safe access to global communications networks for at-risk users including journalists, human rights defenders, civil society activists, and every-day people living within repressive environments who wish to speak freely online.

Key words: Internet, propaganda, media, censorship, Open Technologies Foundation, Radio Free Asia, Washington, USAGM, USA.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муқимов Муҳамади Аминович (Ҷовид Муқим)*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail**: jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich (Jovid Muqim)*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. **E-mail: jovidm@mail.ru**

УДК: 07+659(575.3)

НАҚШИ МАТБУОТИ ИБТИДОИ СОЛҲОИ 90-УМ ДАР ҲАЁТИ ҶОМЕА

Мавлонов Х.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳама китобҳои таърихӣ пеши таърихе, ки рӯзнома онро бозгӯӣ мекунад, ноқис ба назар мерасанд. Агар аз он китобҳо чанд санади муҳимро пайдо намоем, аз рӯзнома ҳама чизро дарёфт кардан мумкин аст. Дар саҳифаҳои он на танҳо муаррих, балки сардори давлат, арбоби сиёсиву ходими ҷамъиятӣ, адибу омӯзгор, муҳандису пизишк, ҳунарпешаву варзишгар, коргари одиву деҳқони хокпош ва, албатта, беш аз ҳама рӯзноманигор баромад карда, муҳимтарин ва қиматтарин маълумотро ба хонанда пешкаш менамоянд. Матбуоти тоҷик низ дар худ ҳамин ҷавҳарро ҷо додааст. Тӯли солҳои дароз матбуоти тоҷик бо фаъолияти пургановати худ дар босаводкунони ҷомеа, огоҳонидани онҳо аз масъалаҳои муҳимми давр, васеъ намудани диди аудитория ва амсоли ин саҳми бориз гузоштааст.

Агарчи бунёди матбуоти тоҷик маҳз дар давраи шӯравӣ решаи мустаҳкам давонду дар ин давра чи дар сатҳи музофот ва чи дар сатҳи ҷумҳурӣ нашрияҳои зиёд, махсусан дар пояи ҳизби ҳоким – коммунистӣ арзи ҳастӣ карданд, вале дар асл давраи асосии рушду нумуи матбуоти тоҷик ба давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд. Шурӯъ аз аввали рӯзҳои истиқлолият нашрияҳои мустақил таъсис дода шуд. Нашрияҳои ҳукуматие, ки аз замони шӯравӣ боқӣ монда буданд, фаъолияти худро дучанд намуданд. Дар солҳои аввали 90-уми асри гузашта нашрияҳое ба мисли “Чароғи рӯз”, “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Адабиёт ва санъат”, “Маориф ва маданият”, “Адолат”, “Растохез”, “Сухан”, “Садои шарқ”, “Фарҳанг”, “Илм ва ҳаёт”, “Тоҷикистони советӣ” ва ғайра фаъолият мекарданд: “Бояд иқрор шуд, ки дар ҳеҷ давру замон барои фаъолияти матбуот мисли даврони истиқлол шароиту имконоти иҷтимоиву замонӣ ва ҳуқуқиву қонунӣ набуд. Басо хуш аст, ки дар шароити кунунии Тоҷикистон низоми гуногуни матбуот ташаккул ёфта, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти нашрияҳои мухталиф ба вуҷуд омадааст. Имрӯз дар кишвари мо системаи нави матбуот ҳукмфармост. Баробари нашрияҳои расмию давлатӣ, фаъолият доштани нашрияҳои ҳизбию шахсӣ, тиҷоратӣ, фарҳангию маънавӣ далели гуногунрангу хосси демократия будани матуботи тоҷик аст” [6, с.36].

Дар давраи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма, хусусан матбуоти даврӣ ба таҳаввулоти куллӣ дучор шуд. Нашрияҳое, ки бо теъдоди на камтар аз 100 то 200 ҳазор ба нашр мерасиданд, ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуданд. Фаъолияти нашрияҳо дар маҷмӯъ ба тадриҷ коҳиш ёфт. Аз нигоҳи дигар, агар бо чанд калима хулоса намоем, дар марҳилаи нав матбуоти тоҷик самти фаъолияти худро дигар намуд. Агар аз як ҷониб, талабот ва сохти демократӣ бошад, аз ҷониби дигар, зарурате пеш омад, ки пешниҳоди матолиб ба шакли дигар дароварда шавад.

Дар низоми матбуоти тоҷик нашрияҳои зиёде аз рӯйи тип ва таъйинот гуногун шомил гардиданд. Шаклу мундариҷаи нашрияҳое, ки қаблан фаъолият мекарданд, дигар шуд. Зарурат ба тақозои замон имконоти пахш дигар кардани таъйиноти рӯзномаҳоро ба вуҷуд овард. Акнун барои нашрияҳои даврӣ чопи воқеаҳо ва фаврият дуюмдараҷа шуд, шарҳу тавзеҳ ва таҳлилу баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ муҳимтар гардид.

Матбуоти давраи истиқлолият бо вижагиҳои хосса фарқ мекунад. Бахусус рангорангӣ, ки дар заминаи он матбуоти ҳукуматӣ, соҳавӣ, ҷамъиятӣ, саҳҳомӣ, ғайриҳукуматӣ ва ғайра амал мекунанд. Хусусиятҳои мазкур бошанд, заминае барои ошкорбаёнӣ ва гуногунфикрӣ гардиданд. Талаботи аслии ин ҳама бошад, аз як шакли давлатдорӣ ба дигар шакли давлатдорӣ гузашт кардани Тоҷикистон мебошад. Бояд дар раванди демократикунонии давлат матбуот саҳм мегузошт ва чунин ҳам шуд.

Аз он ки дар ҷомеа барои истиқлоли комил талош мекарданд, баъзе нозукиҳое буд, ки маҳз матбуот метавонист бо таъсир расонидан ба афкори омма, равона кардани фикру андешаҳои ҷомеа ба мавзӯъҳои хос онро дақиқу равшан намояд. Ба таъкиди муҳаққиқ М. Муродов: “Демократия ва озодии матбуот чизи нав нестанд. Аммо ҷомеаи имрӯзаи мо, ки барои истиқлоли комил талош доранд, ба раванди дигаргуниҳои куллии иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳамчун эъмори органҳои наву демократибунёд ба вуҷуд пайвастааст, демократия ва озодии матбуот маънии дигарро касб менамоянд. Гузашта аз ин, инкишофи

ҷамъияти башардӯстонаи демократӣ аз ҳар ҷиҳат ба журналистика, минҷумла матбуот вобаста аст” [6, с.37].

Истиқлолият ба матбуоти тоҷик, пеш аз ҳама, озодӣ дод. Албатта, қабл аз истиқлолият низ озодӣ буд. Озодии фаъолият буд, озодии баррасии мушкилӣ буд. Аммо озодии баррасии масъала аз дидгоҳ ва паҳлуҳои мухталиф вуҷуд надошт. “Тибқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ матбуоти кишвари мо имрӯз дар қиёс бо бисёр кишварҳо аз дидгоҳи озодии баён пешрафта мебошад. Ба таъбири дигар, матбуот ба мақсаду мароми халқ ва арзишу манфиатҳои миллӣ наздиктар шуд. Имрӯз дар фаъолияти матбуоти мустақили Тоҷикистон, яъне дар фаъолияти онҳое, ки худашон рӯзномаву маҷалла, агентии иттилоотӣ, шабакаи телевизион ё радио таъсис дода, кори онро мустақилона пеш мебаранд, унсурҳоеро мебинем, ки сазовори пайравӣ кардану омӯхтан ҳастанд. Муҳим нест, ки рӯзноманигорон дар кадом самт – матбуоти давлатӣ ё матбуоти мустақил фаъолият доранд” [15].

Мафҳумҳое мисли “матбуоти хусусӣ”, “матбуоти соҳавӣ”, “озодии баён” маҳз зодаи истиқлолият мебошанд. Дар ин давра нақши матбуот дар фаъолияти ҳаррӯзаи одамон ва таъсири он ба афкори ҷомеа маънии тоза пайдо кард. Зеро дар ин давра гуногунандешӣ, ки хосси демократия аст, ба вуҷуд омад.

Дигар паҳлу, ин назари мардум мебошад. Хоҳу нохоҳ дар дилхоҳ ҷомеа фикру ақидаҳо нисбати проблемаҳо гуногун мебошад. Яъне, баҳои яктарафа боиси норозигии тарафи дигар мегардад. Хусусияти вижаи матбуоти замони истиқлолӣ ин аз байн рафтани баҳодиҳии яктарафа буд.

“Агар ба сайри таърихии матбуоти тоҷик назар андозем, онро метавон ба се марҳала - давраи пеш аз инқилоб, даврони шӯравӣ ва замони истиқлол ҷудо намуд. Бояд гуфт, ки матбуот дар ҷумҳурии мо дар ин давраҳои таърихӣ, аз ҷумла дар замони шӯравӣ ба таври назаррас рушд кардааст. Воситаҳои ахбори омма махсусан дар самти инъикоси масъалаҳои вобаста ба бунёди иншооту сохтмонҳои азим, ташкили ҳаёти нав ва масоили адабиву фарҳангӣ нақши созанда ва пешоҳанг доштанд. Давраи комилан нав ва аз лиҳози сохтор ва услуби кор ба таври ҷиддӣ фарқкунандаи фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи мо маҳз дар замони истиқлоли давлатии Тоҷикистон оғоз гардид ва матбуот вобаста ба воқеияти замон такомулу ташаккул ёфт” [9].

“Бо поён ёфтани ҳокимияти ҳизбӣ рӯзномаҳои марказӣ, аз ҷумла “Тоҷикистони Шӯравӣ” (“Ҷумҳурият”) ва “Коммунист Таджикистана” (“Народная газета”) тағйири ном карданд ва аз тобеияти ҳизби коммунист озод шуданд” [11]. Аммо ин нашрияҳо ҳамоно давлатӣ боқӣ монданду фаъолияти худро дар чаҳорчӯбаи муайян пеш бурданд.

Замони аввали эълони истиқлолияти давлатӣ то миёнаҳои соли 1992 дар таърихи журналистикаи тоҷик мавқеи муҳим ва чашмрас дорад. Дар ин давра системаи матбуоти Тоҷикистон комилан тағйир ёфт. Бо вуҷуди он ки як давраи кӯтоҳро дар бар мегирад, аммо дар ин вақт низому равиши матбуот дигаргун гардид. Ин давра идомаи равандҳои оғози солҳои 90-ум ва авҷи ташаккули матбуоти ғайридавлатӣ буд. Нашрияҳои нави “Бизнес и политика”, “Тоҷикистон”, “Пайванд”, “Тоҷик-пресс”, “Ориён”, “Навиди бозаргон” ва ғайра ба гурӯҳи ҳафтаномаҳои мустақил пайвастанд ва шумори умумии нашрияҳои озод ба зиёда аз 30 номгӯй расид. Авҷи матботи хусусии кишвар маҳз ба ин давра рост омадааст. Агар аз рӯйи нишондоди дар боло овардашуда нигарем, дар ин давра Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз лиҳози чопи матбуоти мустақил дар ҷойи аввал буд.

“Дар соли аввали истиқлолият барои матбуоти тоҷик як фазои комили озодандешӣ фароҳам шуд ва дар баррасии масоили кишвар дигар ҳаросе ва мавзӯи мамнӯе барои рӯзноманигорон вуҷуд надошт. Нуфузи расонаҳои чопӣ дар ҷомеа ба таври бесобиқа боло рафт ва ин давраро бисёре аз рӯзноманигорон ҳамчун “соли тиллоӣ”-и матбуоти тоҷик ном мебаранд. Тағйироти дигари ин давра эҳёи нашрияҳои маъруфи оғози солҳои 90-ум буд” 11]. “Ибтидои солҳои 90-уми садаи XX давраи шукуфоии матбуоти озоди Тоҷикистон шуморида мешавад, ки ба нашрияҳое монанди “Чароғи рӯз”, “Растохез”, “Сухан”, “Адолат” ва монанди инҳо нисбат дода мешавад” [4]. Тибқи омори расмии соли 1992, теъдоди интишори солонаи тамоми нашрияҳо ҳудуди 112 миллион нусхаро ташкил дода, барои 6 миллион аҳолии Тоҷикистон бахубӣ дастрас буд.

Чизе дигаре, ки ба пайдо шудани матуботи озод дар аввали солҳои 90-ум сабаб гардид, ин аз байн рафтани сензура буд. Фаъолияти сензуравии матбуоти замони шӯравӣ

намегузошт, ки ҷуз газетаҳои ҳизбӣ дигар намуди нашрияҳо фаъолият намоянд. Бо ба даст овардани истиқлоли давлатӣ сензура аз болои матбуот дур гардид ва ин раванд ба пайдо шудани ҳама шакли нашрияҳо сабаб шуд: “Бо шурӯи фаъолияти расонаҳои мустақил дар Тоҷикистон, ба мисли нашрияҳои хусусии “Чароғи рӯз”, “Дунё”, нашрияҳои “Растохез” ва "Сухан" дар ибтидои солҳои навади асри гузашта қолаби оҳанини сензури идеологии матбуоти шӯравӣ дар ин кишвар шикаста гардид” [3].

Вале нуқтаи меҳварие, ки бояд қайд кунем, ин аст, ки дар ин давра сӯистифода аз вазъ хеле зиёд гардида буд. Ба таври дигар, давраи беқонунӣ боис ба он шуда буд, ки нашрияҳо ҳар кадом ба хости худ аз озодии бадастомада истифода мекарданд. Аз мазмуну мундариҷа ва муҳтавои матолиби чопии нашрияҳои солҳои аввали истиқлолият бармеояд, ки ҳар нашрияе, ки рӯйи чоп меомад, ҳадаф ё мақсадҳои муайяну якҷониба ва манифатҳои махсусро ифода менамуданд. Махсусан, дар солҳои пуртаззоди ҷанги шарҳрвандӣ ин раванд ба таври барҷаста мушоҳида мешавад. Ҳатто нашрияҳои ҳизбие, ки дар давраи шӯравӣ қолаби шахшуда доштанд, дар ин давра бо матолиби пурнақши худ сару садои зиёдро ба бор оварданд.

Мо барои мисол худ ду нашрия – “Ҷумҳурият” ва “Адолат”-ро ин ҷо меорем. Албатта, “Ҷумҳурият” бо таърихи бою ғании худ як мактаби бузургро мемонад, ки то ҳол рисолати худро аз даст надодааст.

“Иди тоҷик” ва ҳоло “Ҷумҳурият” зодаи даврони шӯравист, ки то замони мо омада расидааст. Нахустшумораи “Ҷумҳурият” 15-уми марти соли 1925 бо номи хушсадову умедбахши “Иди тоҷик” дар шаҳри Душанбе ба табъ расида, воқеан ҳам, барои ҷумҳурии тозатаъсиси Тоҷикистон ва миллати мутамаддини тоҷик рӯйдоди муҳимми таърихӣ буд. Зеро замонаи бераҳм рӯшанфикронамонро нишони тир мекард, китобҳои ниёконамонро дар оташи ҷаҳолат месӯхт ва доираи амали забони тоҷикиро маҳдуд месохт. Мақсаду мароми рӯзнома аз шумораи дувум, ки ба худ номи “Бедории тоҷик”-ро гирифт, мушаххасу равшантар гаштанд. Тоҷик, воқеан ҳам, беш аз ҳама ба бедории сиёсӣ ва худшиносии миллӣ ниёз дошт. Рӯзномаи “Бедории тоҷик” бо дарки масъулият ин рисолати бузургро бар дӯш гирифт.

Фарзандони барӯманди тоҷик дар равнақи рӯзномаи “Ҷумҳурият” фаъолона саҳм мегирифтанд. Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ яке аз муаллифони нахустини рӯзнома буд. Устод ин рӯзномаро “модари матбуоти Тоҷикистони советӣ” номида, бо истифода аз фурсатҳои фароҳамомада адибонро ба ҳамкорӣ ва мардумро ба рӯзномахонӣ ташвиқ менамуд.

Қаҳрамони Тоҷикистон академик Бобоҷон Ғафуров низ солҳои сиюм аз муаллифони фаъоли рӯзнома буд ва бисёр мақолаҳои ҷолиби худро, ки ба таъриху фарҳанги миллати тоҷик бахшида шудаанд, маҳз дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” ба табъ расондааст.

Қаҳрамони дигари Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода ҳам дар мақолаи худ “Аввалин газета, аввалин муъҷиза”, ки ба ифтихори 50-солагии “Ҷумҳурият” навишта буд, аз эътиқоди самимии хеш ба ин рӯзнома ва нақши он дар муборизаҳо бо муҳаббати гарм ҳарф задааст.

Дар солҳои гуногун чеҳраҳои шинохта, ба монанди Абулқосим Лоҳутӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ашӯр Ҳалимов, Шодӣ Саидов, Ғоиб Қаландаров, Ибод Файзулло, Нур Табаров, Мазҳабшо Муҳаббатшоев ва Шоҳмузаффар Ёдгорӣ сармуҳаррири рӯзнома будаанд. Аксари журналистони номдори кишварамон дар “Ҷумҳурият” кор кардаанд. Бисёр адибон, аз қабили Фазлиддин Муҳаммадиев, Мутеъулло Наҷмиддинов ва Абдулҳамид Самадов дар ҳамин даргоҳ ба қаламу сухан меҳр баставу дил бохта, пешаи сухангӯиро ихтиёр намудаанд.

Рӯзномаи “Ҷумҳурият” дар муборизаҳо барои манофеи миллӣ пешгому парчамбардор буд. Маҳз бо часпу талошҳои рӯзномаи “Ҷумҳурият” забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт. Саҳми рӯзнома дар боло бурдани дараҷаи худшиносии миллӣ ҳам шоистаи таҳсин аст [1].

Нашрия дар тамоми фаъолияти худ дар муборизаҳо барои манофеи миллӣ пешгому парчамбардор буд. Саҳми ин нашрия дар боло бурдани дараҷаи худшиносии миллӣ баланд арзёбӣ мегардад. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба рӯзномаи “Ҷумҳурият” ва кормандони он болу пар бахшид. Марҳилаи нави муҳимтаре барои кору эҷод дар нашрия оғоз ёфт. Вале низоъи шаҳрвандӣ, ки кишварро гирифтори буҳронҳои шадиди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ намуд, ба фаъолияти рӯзномаи “Ҷумҳурият” ҳам

таъсири манфӣ расонд. Рӯзнома агарчи ба ормонҳои давлату миллат ҳамчунон содиқ ва дар дифои манофеи онҳо устувор боқӣ монд, вале акнун дар тарғибу пешбурди сиёсати давлат торафт нотавон мешуд. Вазъи моддиву маънавии он бадтар мегашт. Кор ба дараҷае расид, ки "Ҷумҳурият" дар миёнаҳои солҳои 90-ум ҳафтаҳо, моҳҳо рӯйи чопро надид. Аксари рӯзноманигорони соҳибқаламу моҳир ба хотири таъмини рӯзгор ноилоҷ "Ҷумҳурият"-ро тарк гуфтанд. Соли 1995 бошад, "Ҷумҳурият" мақоми нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифт ва чопи мунтазами он ба роҳ монда шуд. Дар аввалҳо ҳафтае як шумора, баъдтар – ду шумора аз чоп мебаромад. Вале ҳатто бо ҳамин миқдор шумора ва адади нашри хеле кам ҳам "Ҷумҳурият" зарурати хешро дар таблиғу татбиқу пешбурди сиёсати дохиливу хориҷии давлат собит сохт ва ҳамзамон маҳбубияти қаблиашро дар ҷомеаи кишвар пойбарҷо намуд [1].

Саҳми рӯзномаи "Ҷумҳурият" дар самти таблиғу ташвиқ ва рӯҳбаланд намудани мардум дар солҳои аввали истиқлолият хеле назаррас аст. Аз саҳифаҳои "Ҷумҳурият" дар ин солҳо бармеояд, ки он дар инъикоси ҳаёти рӯзмарра, пешравиҳо, дастовардҳо ва дигар корҳо хеле пешгом аст. Хусусан, мо дар шумораҳои солҳои аввали 90-уми нашрия меҳнати мардуми тоҷикро дар ҳар саҳифаи он метавонем мутолиа созем.

Масалан, дар шумораи №10-и 14-15 сентябри соли 1993 дар саҳифаи аввал мо ба матолибе ошно мешавем, ки аксарият аз ҳаёти меҳнаткашон, муттаҳидии халқ, якдилӣ, вахдату ягонагӣ, тавсиф мекунанд. Дар саҳифаи аввали ин шумора чунин омадааст: "Муттаҳидӣ ва якдилии халқамонро, ки маъракаи таҷлили ҷашни истиқлол ба вуҷуд оварда, боз ҳам мустаҳкамтар намуда, иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии ватанамонро бо меҳнати диловарона таъмин мекунем"[11]. Ҳамин тавр, дар ҳар як шумораи ин нашрия мо ба таблиғи бозсозию меҳнатқаринӣ ва заҳмату талоши мардум ошно мешавем. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки рӯзномаи мазкур дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ҳам, ки аз ҷониби Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати эҷодии нашрия чоп мешуд, рисолати қаблии худро аз даст надода буд. Балки бештар ба афкори ҷомеа ба воситаи ҳодиса ва воқеаҳои рӯҳбахшу хурсандкунанда таъсир расонидан мехост.

"Адолат" нашрияи Ҳизби демократии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри гузашта, чун дигар нашрияҳои азҳоби сиёсӣ тарғибгари ғояҳои ҳизб ба шумор мерафт: "Нашрияи "Адолат" аз моҳи октябри соли 1990 то оғози ҷанги дохилӣ дар сафҳаҳояш матолибе чун "Дом", "Озодӣ - ҳадиси азизтарин", "Дар Қурғонтеппа боз бетартибӣ", "Рӯзҳои сиёҳи Хатлон" (дар бораи ҳамоиш ва ҳуҷуми баталёни Раҳмон Набиев, раиси ҷумҳури вақт, ба ин шаҳр), "Вақте мардон мегирянд" (дар бораи ҳуҷуми дастаҳои Сангак Сафаров ба Қурғонтеппа, таъсиси ситоди "Наҷоти Ватан" ва "Фронти халқӣ", ҷангҳо дар вилояти Хатлон, қатлу куштор, дахолати артиши Русия дар ҷанги дохилӣ, суҳбатҳои телефонии Набиев бо раҳбарони артиши Русия) ва даҳҳо маводи дигар аз тақаллубу беаҳаммиятӣ ва гурӯҳбозии мақомоти ҳукуматӣ ба нашр расонда буд [5].

Шумораи №26-и нашрияи "Адолат", ки мо мавриди омӯзиш қарор додем, аз нооромиҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ бештар маълумот медиҳад.

Дар саҳифаи аввали нашрия, бе сарлавҳа матни зер ҷой дода шудааст: "Дар Тоҷикистон имрӯз беҳокимиятии том ҳукмфармост. Президент ба ҷойи кафили якпорчагии ҷумҳурӣ, ваҳдати мардуми он шудан, баръакс, яке аз оташдиҳандагони ҷанги бародаркушӣ гаштааст. Гвардияи "миллӣ"-и ӯ бо сарварии Сангак акнун ба "шикор"-и мардуми Вахшонзамин пардохтааст. Ай парвардигор! Тоҷик чӣ гуноҳ, дошт, ки ба ӯ як раҳбари сазовор надодӣ?!" [2]. Ин навишта ҳамчун муроҷиатнома ба президенти вақти кишвар Раҳмон Набиев нигаронида шудааст.

Ин матни кӯтоҳ характери таъсиррасонӣ дорад. Мавқеи "Адолат" мавқеи ҳизби демократ аст. Пас, нашрия ҷониби дигарро танқид карда ба ин восита мехоҳад, андешаи аудиторияашро дар ин самт дигар кунад ва ба ин восита ба хонанда таъсир гузоштан мехоҳад.

Ҳамчунин ҳама он сарлавҳаҳое, ки дар саҳифаи аввали нашрия оварда шудаанд, баёнгари онанд, ки рӯзнома бо истифода аз ибораҳое мисли "фирори президент", "ҷиноятҳои ҳизб", "аз саҳифаи ҳастӣ хат зад" ва ғайраҳо ҳассос буданро дар инсон таҳрик медиҳанд ва як навъ барангехтани шӯру дасиса бар зидди дигар ҳизбҳои сиёсист.

Дар саҳифаи аввали нашрия сарлавҳаҳои мазкур аз мавзӯъҳои муҳим оварда шудаанд: "Президент ба кучо фирор кардааст?", "Вахшонзамин дар муқовамат аст","Эй ҳамватан, дар ин ватани бевафои мо, Ҷуз инқилоб роҳи дигар нест, нест, нест!", "Ақли

солим бар он аст, ки ҳизби коммунистро танҳо барои ҷиноятҳои дар Афғонистон содиркардааш метавон аз саҳифаи ҳастӣ хат зад”, “Пас аз воқиаҳои хунуни урдибиҳишт иддаи зиёди русзабонон аз ҷумҳурӣ ҳичрат доранд. Сардори сохтмони ГЭС (ИБО) - Роғун Савченков ва чанде муқаррабонаш ният доранд, ки амволи зарурии сохтмонро ба фурӯш гузошта, пасон фирор намоянд”. Аён аст, ки ҳар сарлавҳа бо вижагии хос диққати хонандаро ба худ ҷалб месозад. Агар ҳар сарлавҳаро дар алоҳидагӣ ба таҳқиқ кашем, мебинем, ки дар ҳар кадоми он усулҳои махсуси таъсиррасонӣ истифода шудааст. Бо истифода аз шеъру ибораҳои ҷаззоб ва ҷумлаҳои муҳимми матолиби нашршуда нашрия ба хонандаи худ таъсир расонидан хостааст.

Дар мақмӯъ дар нашрия 16 мавод дар жанру сабки гуногун ба чоп расидааст, ки ҳамагӣ дар худ ҷанбаи фаъолияти Ҳизби демократи Тоҷикистонро дар ҳамон давра ифода мекунанд. Мо таҳқиқи васеи матолиби нашрияро муҳим нашуморида, танҳо суҳбатеро, ки дар саҳифаи аввал ба ҷойи сармақолаи нашрия истифода шудааст, сабку шакли пешниҳоди инро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Мебинем, ки дар он кадом усулҳои таъсиррасонӣ ба афкори омма истифода шудааст.

Суҳбат бо сарлавҳаи “Тоҷикистон дар хатар аст!” ҷумлае аз Шодмони Юсуф роҳбари вақтии Ҳизби демократи Тоҷикстон шурӯъ мешавад. Дар он рӯзноманигори нашрияи “Адолат” Шодмони Юсуфро на роҳбари ҳизб балки “сарвари Ситоди Наҷоти Ватан” муаррифӣ намуда, чунин менигорад: “21 июн дар ҷумҳурӣ Ситоди Наҷоти Ватан созмон ёфт. Роҳбарони аҳзобу созмонҳои мардумӣ ба сарварии он раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон Шодмони Юсуфро лоиқ донистанд. Баъди ҷаласаи ташкилӣ хабарнигори "Адолат" бо Шодмони Юсуф суҳбат орост ва аз ӯ хоҳиш намуд ҳадафҳои Ситодро барои хонандагон рӯшан созад” [10].

Дақиқан, дар замони нооромӣ барои ҷомеа қиматтар аз сулҳу салоҳ ва осоиштагӣ чизе нест. Ваъдаи ин ки “оромӣ мешавад”, ё “оромӣ меорем” оммаро ба ҳар кас бовар мекунонад. Ба ҳар навъ ташкилоте, ки набошад, такя мекунад ва умеди расидан ба оромиро мекунад. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ низ дар кишвар як зумра созмону ҳаракатҳо арзи ҳастӣ намуданд ва аксарашон дар назди ҳизбҳои сиёсӣ ба мардум ваъдаи оромиро медоданд. Дигар ин ки роҳбарони ин гурӯҳҳо роҳи хуби таъсиррасониро ба афкори омма маҳз дар истифодаи ибораҳои “таъмини амнияти аҳолӣ”, “таҳкими сулҳу оштӣ”, “барҳам додани ҷанги бародаркуш”, “ба ҳам овардани мардум” ва монанди инро ҳарчи бештар истифода мекарданд. Дар суҳбати зикршуда низ ба ҳамин монанд ибораю калимаҳо истифода шудаанд.

Масалан, ҳадаф аз таъсиси ситодро чунин шарҳ додааст: “Ҳадафи асосии Ситод таъмини осоиштагӣ ва осудагии мардуми Тоҷикистон, аз ҷанги бародаркушӣ берун кашидани ҷумҳурист”. Барои боз ҳам ҳадафнок шудани мақсад мисолеро ба шакли зайл истифода бурдаанд: “Тайи чанд ҳафтаи охир вазъи ҷумҳурӣ куллан мутаашанниҷ гардид, акнун на фақат дар вилояти Кӯлоб, балки дар Вахшонзамин ҳам дастаҳои мусаллаҳи собиқ баталёни президент Набиев ба бедодгариву ғорат ва куштори афроди рӯшанфикр пардохтаанд. Мутаассифона, барои таъмини осоиштагии ҷумҳурӣ одамони масъул, бахусус, раиси ҷумҳур ҷаве кӯшиш намекунанд ва ҳатто чунин ба назар мерасад, ки ишон аз ин вазъи ноором манфиатдоранд. Раҳмон Набиев ба ҷойи кафолати якпорчагии Тоҷикистон шудан ва ба эътидол овардани вазъ, баръакс боиси хунрезиҳои нав ба нав гашта истодааст. Маҳз бефаъолиятии раиси ҷумҳур ва беҳокимиятӣ дар ду вилоят - Кӯлобу Қурғонтеппа ба он оварда расонданд, ки тайи чанд рӯзи охир дар Кӯлобу Вахшонзамин даҳҳо одамони бегуноҳ ба шаҳодат расиданд. Ба андешаи аъзои Ситод, ба таври оҷил бояд роҳбари аввали кумиҷроияи вилояти Кӯлоб иваз ва раиси кумиҷроияи вилояти Қурғонтеппа таъйин шаванд, то дар ин мавзеъҳо беҳокимиятӣ катъ шавад, органҳои маъмурӣ ба фаъолияти муътадил шурӯъ намоянд, бехатарии мардум таъмин гардад” [10].

Умуман нашрияи “Адолат” корбурди тарзу усул ва роҳҳои таъсиррасонӣ ба афкори умумро ба хубӣ истифода кардааст. Ғайр аз ин, ҳаминро бояд таъкид намуд, ки дар замони низоъ ва нооромӣ сухани ВАО, хоссатан матбуот қурбу қимати тоза пайдо мекунад ва ҳар навишта, ки аз набзи замон бошад, ба пуррагӣ ба афкори омма таъсир мерасонад ва шуури ҷомеаро ба самти дигар равона карда метавонад. Аз матолиби нашрияи “Адолат” бармеояд, ки он дар ҳамин равand муваффақ низ гаштааст. Аммо ин муваффақиятро метавон танҳо барои гурӯҳе хулоса намуд. Зеро дар майдони матуботи

соли 92-юм рақобати озоду шадиде ҳукмфармо буд, ки дар солҳои минбаъдаи соҳибистиқлолӣ ин рақобат дигар ба вуҷуд наомадааст.

Ҳамин тавр дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар баробари матбуоти мустақил саҳми матбуоти давлатӣ дар таъсиррасонӣ ба афкори омма низ калон аст.

Агарчи дар аввали солҳои 90-ум матбуоти хусусию давлатӣ бо суръат рушд карда бошад ҳам, вале каме баъдтар, аниқтараш дар миёнаи солҳои 1992 матбуот рӯ ба таназзул овард.

Дар баробари нашрияҳои давлатӣ даврае, ки дар маҷмӯъ ба матбуоти тоҷик латма зад, замони ҷанги шаҳрвандист. Оғози нооромиҳо дар саҳнаи сиёсии кишвар дар миёнаҳои соли 1992, қисме аз нашрияҳои навтаъсисро ба нестӣ бурд. Дар ин давра рисолати аслии журналистикаи тоҷик ба андозае аз байн рафт, зеро ихтилоф ва бухрон шурӯъ шуд. Сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, аз соли 1992 то 1997 даҳҳо ҳазор мардуми Тоҷикистонро қурбон ва садҳо ҳазори дигарро муҳоҷир карда, иқтисоди кишварро фалаҷ сохт. Табиист, ки он ба соҳаи журналистика низ бетаъсир намонд. Ба андешаи коршиносон дар ин даргириҳо ҳудуди 60 рӯзноманигори тоҷик ҷони худро аз даст дод. Нооромиҳо расонаҳои кишварро ба бухрон рӯбарӯ кард. Бисёре аз нашрияҳои мустақил фаъолияти худро қатъ намуданд. Номгӯи рӯзномаву маҷаллаҳо аз 145 якбора ба 114 адад фаромад ва теъдоди умумии нашри онҳо ба маротиб коҳиш ёфт.

Омилҳову сабабҳои нестшавии рӯзномаҳо бо сар задани ҷанги шаҳрванди таҳқиқи алоҳида мехоҳад, вале ин нукта равшан аст, ки воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуот ба талаботи ҷомеа ниёз дорад. Вақте ки талабот бошад, ҷомеа ба навиштаҳои матбуот таваҷҷуҳ зоҳир намояд, дар он сурат таъсири он ҳам зиёд мешавад ва номгӯи нашрияҳо низ зиёд мегарданд. Аммо дар ин солҳо дар бархе аз ноҳияҳо набудани хонанда, беталабот мондани нашрияҳо, мушкилоти иқтисодӣ ва камбудии коғаз садди роҳи нашри ҳафтаномаҳо шуд. Дар фазои иттилоотии минтақаҳои дурдасти мамлакат ин вазъ холигиро ба вуҷуд овард ва аз солҳои аввали ҷанги дохилӣ аксари ноҳияҳои кӯҳистон аз нашри ҳафтаномаҳои маҳаллӣ маҳрум гардиданд. “Масалан, он солҳо дар Бадахшон танҳо як ҳафтаномаи вилоятӣ ҳамагӣ бо теъдоди ҳазор нусха чоп мешуд” [11].

Бо вуҷуди ин, бояд таъкид намуд, ки нақши матбуоти аввали солҳои 90-ум дар таҳрик додани афкори ҷомеаи ҳамонвақта хеле бориз арзёбӣ мешавад. Таъкиди муҳаққиқон ва саҳифаҳои худи нашрия нишон медиҳанд, ки матбуот дар ин давра рисолати хешро ба таври бояд ичро намуда, дар шаклгирии афкори созандаи ҷомеа ҷиддӣ мусоидат намудааст.

Муқарриз: ***Қутбиддинов А.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аввалин муъҷиза [манбаи электронӣ]. URL: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=95 (санаи мурочиат 25.11.2020)
2. Адолат. - 1992. - №26
3. Власть, зеркало или служанка: Энциклопедия жизни современной российской журналистики. - М., 1998. - Т.2.
4. Заррабин: Дебочаи матбуоти мустақили Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: https://www.ozodi.org/a/604244.html (санаи мурочита 20.10.2020)
5. Мавод аз Википедиа — донишномаи озод [манбаи электронӣ]. URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%A2%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD (санаи мурочиат 15.10.2020)
6. Матбуоти даҳаи 1990 [манбаи электронӣ]. URL: https://www.bbc.com/tajik/institutional/2012/03/120307 (санаи мурочиат 25.10.2020)
7. Муродов М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ / М.Муродов. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 122 с.
8. Муродов М. Дар роҳи дарёфти эътимод / М.Муродов // Ҷумҳурият – 2018, 13 апрел.
9. Оинаи миллат. - Душанбе: Эҷод, 2005. - 205 с.
10. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик [манбаи электронӣ]. URL:http://president.tj/node/222 (санаи мурочиат 10.11.2020)
11. Тоҷикистон дар хатар аст! // Адолат.-1992. - №26.
12. Тоҷикистон: журналистикаи 19 соли истиқлолият [манбаи электронӣ]. URL:http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=4089 (санаи мурочиат 10.11.2020)
13. Ҷумҳурият // 14-15 сентябри 1993. - № 110 (18849).
14. Ҷумҳурият: Рӯзноманигорӣ ватандорист. - Душанбе: Шарқи озод, 2010. - 296 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон: «Ман аз бисёр навиштаҳои рӯзноманигорон огоҳ ҳастам ва онҳоро дар мавридҳои зарурӣ мавриди истифода қарор медиҳам» [манбаи электронӣ]. URL: http://orien.info/president/2840-

emomal-ramon-man-az-biser-navishtaoi-rznomanigoron-ogo-astam-va-onoro-dar-mavridoi-zarur-mavridi-istifoda-aror-mediam.html

НАҚШИ МАТБУОТИ ИБТИДОИ СОЛҲОИ 90-УМ ДАР ҲАЁТИ ҶОМЕА

Тӯли солҳост, ки матбуоти тоҷик бо фаъолияти пурғановати худ дар босаводкунонии ҷомеа, огоҳонидани онҳо бо масъалаҳои муҳимми давр, васеъ намудани диди аудитория ва амсоли ин саҳми бориз гузоштааст. Агарчи матбуоти тоҷик дар давраи шӯравӣ решаи мустаҳкам давонда бошаду маҳз дар ин давра чи дар сатҳи музофот ва чи дар сатҳи ҷумҳурӣ нашрияҳо арзи ҳастӣ карда бошанд ҳам, вале дар асл давраи асосии рушду нумуи матбуоти тоҷик ба давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд. Шурӯъ аз аввали рӯзҳои истиқлол нашрияҳои мустақил таъсис дода шуд. Нашрияҳои ҳизбие, ки аз замони шӯравӣ боқӣ монда буданд, фаъолияти худро дигар намуданд. Дар аввали солҳои 90-ум дар низоми матбуоти тоҷик нашрияҳои зиёде шомил гардиданд. Шаклу мундариҷаи нашрияҳое, ки қаблан фаъолият мекарданд, дигар шуд. Зарурати ба тақозои замон ва имконоти пахш дигар кардани рӯзномаҳоро ба вуҷуд овард. Акнун барои нашрияҳои даврӣ чопи воқеаҳо ва фаврият дуюмдараҷа шуд, шарҳу тавзеҳ ва таҳлилу баррасии масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ муҳимтар гардид. Баррасии авзои матбуоти тоҷик дар авҷи ҳодисаҳои сиёсии солҳои 90-ум ҳамеша мубрам боқӣ мемонад. Зеро дар ин давра нашрияҳои навпайдо ва мутааллиқ ба ҳар ҳизбу гурӯҳ ҳарчӣ бештар мехостанд афкори ҷомеаро ҷониби фаъолияти худ савқ бахшанд. Ба таври мисол дақиқ гардид, ки матбуоти солҳои аввали 90-ум бештар ба кадом мавзӯъҳо таваҷҷуҳ мекарданд ва барҳӯрди ҷомеа ба онҳо чӣ гуна буд.

Калидвожаҳо: матбуот, солҳои навадум, ҳодисаҳои сиёсӣ, нақш, таъсиррасонӣ, нашрия, ҷомеа.

РОЛЬ ПРЕССЫ НАЧАЛА 90-Х В ЖИЗНИ ОБЩЕСТВА

За прошедшие годы таджикская пресса внесла значительный вклад в просвещение общества, информируя его о самых важных проблемах времени, расширяя свою аудиторию. Хотя таджикская пресса имела прочные корни в советское время, и именно в этот период появлялись публикации как на провинциальном, так и на национальном уровне, на самом деле основной период развития и роста таджикской прессы приходится на период независимости. Независимые издания были созданы с первых дней независимости. Партийные издания советской эпохи изменили свою деятельность. В начале 1990-х годов в таджикской прессе появилось много газет в различной форме. Изменились формат и содержание существующих публикаций. Возникла необходимость в замене газет, чтобы соответствовать требованиям времени. Теперь для периодических изданий публикация событий и срочность стали второстепенными, а интерпретация и анализ социально-политических проблем стали более важными. Рассмотрение состояния таджикской прессы в разгар политических событий 1990-х годов всегда было актуальным. В этот период новые и аффилированные публикации каждой партии и группы хотели привлечь общественное мнение к своей деятельности. В данной статье определены темы СМИ в начале 1990-х годов и реакция общества.

Ключевые слова: пресса, девяностые, политические события, роль, влияние, издание, общество.

THE ROLE OF THE PRESS IN THE EARLY 90S IN THE LIFE OF SOCIETY

Over the years, the Tajik press has made a significant contribution to educating the public, informing them about the most important issues of the time, expanding its audience. Although the Tajik press had strong roots in the Soviet era, and it was during this period that publications appeared at both the provincial and national levels, in fact, the main period of development and growth of the Tajik press falls on the period of independence. Independent publications were created from the first days of independence. Party publications of the Soviet era have changed their activities. In the early 1990s, many newspapers in various forms appeared in the Tajik press. The format and content of existing publications have changed. There was a need to replace the newspapers to meet the requirements of the time. Now, for periodicals, the publication of events and urgency have become secondary, and the interpretation and analysis of socio-political issues have become more important. Consideration of the state of the Tajik press at the height of the political events of the 1990s has always been relevant. During this period, new and affiliated publications of each party and group wanted to attract public opinion to their activities. This article identifies the topics of the media in the early 1990s and how society reacted.

Key words: press, nineties, political events, role, influence, publication, society.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мавлонов Хуршед Давлаталиевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **hurshed.0001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-68-76-08**

Сведения об авторе: ***Мавлонов Хуршед Давлаталиевич*** **-** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **hurshed.0001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-68-76-08**

Information about the author: ***Mavlonov Khurshed Davlatalievich*** **-** Tajik National University, Doctoral Ph.D. of Chair of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **hurshed.0001@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-68-76-08**

УДК: 070.3

К ВОПРОСУ О ФУНКЦИЯХ И СРАВНИТЕЛЬНЫХ ХАРАКТЕРИСТИК КОРПОРАТИВНЫХ СМИ

Хамидиён И.И.
Таджикский национальный университет

Рассматривая сравнительные характеристики корпоративных СМИ, следует отметить суждение А.Р. Тухватовой о том, что любая информация представляет собой чистую или скрытую рекламу и данный вид СМИ служит для позиционирования компании [19, с.120].

Согласно С. Еременко, корпоративные СМИ можно называть и ньюслеттерами [10, с.31], которые стимулируют корпоративных дух, формируют имидж, способствуют чувству причастности сотрудников к принятию стратегических решений, являются визитной карточной для заказчиков.

Мы пытаемся поставить под сомнение это явление и подчеркнуть, являются ли корпоративные СМИ журналистикой или отраслью связей с общественностью, функции которой радикально отличаются от журналистики.

На первый взгляд, существуют очень разные классификации функций журналистики. И отечественные, и зарубежные исследователи в области журналистики дают совершенно разные определения функций СМИ в зависимости от их характеристик.

Однако многие ученые утверждают, что в общем понимании журналистики есть три основные функции: информационная, аналитическая и развлекательная.

Известный ученый, Е.П. Прохоров делит эти функции на 6 частей [18, с.25]. В.С. Комаровский считает, что контакт аудитории со СМИ происходит тогда, когда они признают их «своими», а социальные институты ощущают авторитет и силу влияния данных СМИ, которая обеспечена аудиторской поддержкой [11, с.32]. Функция формирования массового сознания, по мнению Е.П. Прохорова, очень важна и представляет собой особую значимость. Профессор И.К. Усмонов утверждает, что любая информация представляет определенный интерес для какой-то аудитории или аппарата власти, даже если новость в одно предложение и функции журналистики охватывают три основы – пропаганда (агитация), распространение и организация [20, с.7]. В.В. Ворошилов считает «формирование и развитие общественного сознания с целью образования в людях социально-психологических качеств, взглядов и убеждений, отвечающих требованиям гражданского общества, основанного на демократизации и рыночных отношениях и превращения убеждений в практические результаты в области материальной и духовной жизни» генеральной функцией СМИ.

Таким образом, мы приходим к выводу, что большинство СМИ в нынешних реалиях Таджикистана отчасти являются институтом власти, но их основная задача - быть институтом гражданского общества - становится все более важной. Для общественности важно своевременно получать точную информацию, прислушиваться к экспертным оценкам текущей ситуации, слушать «напрямую» и видеть, что происходит на самом деле.

А задачи СМИ, в целом, должны основываться на реалиях времени, потребностях аудитории, отвечать их информационным, моральным и психологическим интересам. Однако не следует забывать, что социальные институты общества могут осуществлять пропагандистскую, и организационную деятельность СМИ в рамках своих интересов.

Анализируя корпоративные средства массовой информации, мы можем сказать, что организационная задача имеет значительное место - повысить лояльность сотрудников, их приверженность к своей работе, трудолюбие, формирование положительной и позитивной команды, особый климат, укрепление отношений и взаимопонимания. Интегрированная коммуникация - это концепция, охватывающая все корпоративные СМИ [23, с.15]. Они «могут быть ключевым фактором в успехе на рынке, их действие распространяется как на внутренние, так и внешние аудитории, и все группы, важные для компании» [12, с.45]. Согласно классификации Ю. В. Чемякина, корпоративные СМИ можно условно разделить на три группы - для внутренней аудитории (внутрикорпоративные СМИ, B2P (business-to-personnel); для внешней аудитории и смешанный тип (так называемые «универсальные» издания») [23, с.19].

Исследователи [2, с.50-54] выделяют идеологическую, информационную, коммуникативную, интеграционную, ценностно-ориентированную имиджевую, образовательную и развлекательную функции среди внутрикорпоративных СМИ.

Согласно классификации Ю. В. Чемякина [23, с.37], основными функциями изданий для внешней общественности являются: коммерческая, имиджевая, интеграционная, информационно-коммуникативная, образовательная (просветительская) и развлекательная. По мнению ученого, эти функции граничат между собой.

Коммерческая функция. Эффективность издания для внешней общественности может определяться именно на основании того, насколько успешно ему удается привлекать новых и удерживать имеющихся клиентов и бизнес-партнеров компании. Иными словами, насколько успешно корпоративное издание помогает компании зарабатывать деньги. К примеру, в журналах «Ориёно» ОАО «Ориёнбанка» в промежутках 2005-2008 гг. активно публиковалась реклама чая «Алокозай», который также был клиентом банка.

Имиджевая. В изданиях для внешней общественности эта функция приобретает еще более большое значение. Ведь от того, какой имидж компании сформируется в глазах читателей, во многом зависит, обратятся они к ее услугам или нет. Поэтому в изданиях должны соблюдаться особо жесткие стандарты качества (как в содержании, так и в оформлении), должен присутствовать особо высокий уровень профессионализма. Еще в 2013 году единственным банком в Таджикистане, который выдавал автокредит, был ОАО «Таджиксодиротбанк». И в партнерстве с «KIA Motors Tajikistan» в каждом номере одноименной корпоративной газеты, на 5-й странице, была публикация об автокредитовании на 3 года с 24% ставкой годовых.

